Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Яке аз раисони комиссияҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси доимӣ кор карда метавонад. Ваколатҳои вакилони халқро эътироф менамояд ва пеш аз муҳлат онҳоро қатъ мегардонад, барои ба ҷавобгарӣ кашидани вакилон мувофиқи ҳолат ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ розигӣ медиҳад.

Ҳамин тавр ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аҳаммияти махсус дорад. Раванди ташаккулёбии он марҳилаҳои омодагӣ, пешниҳод ва баррасӣ-тасдиқро фаро мегирад. Муҳофизати ҳуқуқи субъектҳои ташаббус ва самаранокии татбиқи он ба таҳкими конститутсионӣ ва рушди демократӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

[16] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 65.

[17] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

Раванди қонунгузорӣ танҳо як амали техникӣ-ҳуқуқӣ нест, балки раванди сиёсию ҳуқуқии табдил додани манфиатҳои гуногуни ҷомеа ба меъёрҳои ҳатмии давлатӣ мебошад. Сифати қонунҳои қабулшаванда бевосита аз риояи принсипҳои демократӣ ва илмӣ дар ин раванд вобастагӣ дорад. Раванди қонунгузорӣ ҳамчун механизми ташаккули иродаи умумии давлатӣ дар Тоҷикистон ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсӣ аст. Мафҳумҳо ва принсипҳо онро устувор мегардонанд, тартиби қабул ва самаранокиро таъмин мекунад.

Бояд иброз намуд, ки марҳилаҳои қабули қонунҳо аз чаҳор марҳила иборат аст:

Марҳилаи аввал, пешниҳоди лоиҳаи қонун. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи тағйир додан ё бекор кардани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дохил намудани тағйирот ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон (таклифҳои қонунгузорӣ) ба амал мебарорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, таҳия ва тасдиқ мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи қонунҳо хулосаи хаттӣ медиҳад, ки онҳо ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд (боби 5, моддаи 30)[18].

Марҳилаи дувум, қабули қонун. Қабули қонун тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ равона шудааст. Дар асоси Конститутсия лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд. Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад. Лоиҳаи Қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад (моддаи 59)[19].

Вобаста ба ин масъала олими тоҷик А. Имомов чунин иброз медорад, ки «ҳокимияти қонунгузорӣ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дорад. Ин мавқеъ ба нақши ҳокимияти қонунгузор дар амалӣ сохтани намояндагии халқ, ифодаи иродаи халқ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои давлат вобаста аст. Ҳокимияти қонунгузор тибқи вазъи конститутсионии худ аз ҳама бештар ба халқ иртибот дошта, дар фаъолияти он иродаи халқ ба худ шакли расмӣ ва ҳуқуқӣ мегирад. Мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ шакли намояндагии халқ мебошад, ки соҳибихтиёри халқ мебошад. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти қонунгузорӣ иродаи халқро ба забони давлатӣ ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳанд. Ҳарчанд қонунҳо аз номи давлат ба тасвиб мерасанд, вале дар онҳо пеш аз ҳама бояд манфиати халқ ифода ёбад. Давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бояд ба манфиати иродаи халқ мувофиқ гардонад. Мақомоти қонунгузоре, ки бо тартиби интихоботи озодона ташкил меёбад, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро ва аз ҳама аз рӯи ба инобат гирифтани манфиати халқ муайян мекунад.

Мувофиқи Конститутсия дар Тоҷикистон халқ соҳибихтиёрии худро тавассути вакилони халқ амалӣ мегардонад. Ҳокимияти қонунгузорӣ маҷмуи салоҳият ба тасвиби

[18] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

[19] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 66.

қонунҳо буда, хоссатан ба воситаи парлумон – мақомоти олии умумимиллии намояндагӣ, ки аз роҳи демократӣ интихоб гардидааст, амалӣ карда мешавад. Парлумон вобаста ба шакли идораи давлат вазъи ҳуқуқии гуногун дорад, вале сарфи назар аз ин вазифаи қонунгузорӣ аксаран ба он тааллуқ дорад. Фақат ба таври истисно ба Президент ва Ҳукумат як қисман вазифаи қонунгузорӣ тааллуқ дошта метавонад»[20].

Марҳилаи сеюм, ҷонибдорӣ намудани қонун. Ҷонибдори намудани қонунҳо аз ҷониби палатаи болоии Маҷлиси Олӣ аъзои Маҷлиси Миллӣ ба амал бароварда мешавад. Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул гардида, ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд, ба истиснои қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф. Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад (моддаи 60).

Марҳилаи чаҳорум, имзо ва интишори расмии қонун. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо Президент ҳуқуқи имзо ва интишори расмии қонунҳоро доро мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст. Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад (моддаи 64)[21].

Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлати тозабунёди Тоҷикистон мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамеша таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Аз ҷумла, дар Паёми зикршуда Сарвари давлат бо мақсади такмили фаъолияти қонунгузорӣ оид ба зарурати таҳия ва қабули қонуни нав дар соҳаи фаъолияти қонунгузорӣ пешниҳод медиҳанд. Дар робита бо қонуни мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла зикр мекунанд: «Қабул шудани чунин қонун субъектҳои ташаббуси қонунгузориро вазифадор месозад, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо бояд зарурат, аҳаммият ва дурнамои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, асосҳои иқтисодиву молиявӣ, тартиби татбиқи қонунҳо, аз нигоҳи ҳуқуқӣ дуруст ба низом даровардани меъёрҳои қонун ва тартибу усули ҳуқуқии амалигардонии қонунҳоро дар мадди назар дошта бошанд».

Тавре, ки аз суханронихои Сарвари давлат бар меояд, вазифаҳои зерини субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пеш аз ҳама, субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ муайян мешаванд:

1) ба инобат гирифтани зарурати танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар заминаи таҳлили ҳаматарафаи талаботи воқеъии ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама, бо дарназардошти манфиатҳои давлат ва ҷомеа;

2) бо назар гирифтани аҳаммияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани талаботи рӯзафзуни аъзои ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа, ва давлати Тоҷикистон;

3) муайян намудани дурнамои инкишофи ҷомеа ҳангоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар иртибот бо ҳадафҳои олӣ ва вазифаҳои стратегии давлат, таъмини рушди ҷомеа ва давлат, таъмини шароити зиндагии арзанда ба ҳар аъзои ҷомеа;

[20] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Нашри сеюм бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 354.

[21] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 56.

4) ба назар гирифтани асосҳои иқтисодиву молиявӣ ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо бо мақсади таъмини амалишавии саривақтии қонунҳо, гузаронидани экспертизаи иқтисодиву молиявии лоиҳаи қонунҳо, ҷалби захираҳои кофии иқтисодиву молиявӣ дар ҷараёни татбиқи қонунҳои нав;

5) ба инобат гирифтани тарзу усулҳо ва қоидаҳои маъмули татбиқи қонунҳо дар асоси дастовардҳои назария ва амалияи ҳуқуқӣ, ҷустуҷӯи шаклҳои самараноки татбиқи қонунҳо бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи ҳаёт, наздик намудани талаботи қонун ба масъалаҳои мушаххаси ҳаёт, таъмини сифати баланди санадҳои татбиқи ҳуқуқ;

6) таъмини низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи волоияти қонун бо мақсади аз байн бурдани ихтилофоти байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунҳо, таъмини қонунияти конститутсионӣ;

7) ба назар гирифтани тарзу воситаҳо ва усулҳои маъмули танзими ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва қабулу амалигардонии онҳо, аз ҷумла бо дарназардошти танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави хусусӣ дар соҳаи моликиятдории хусусӣ, соҳибкории хусусӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ[22].

Ҳамин тавр ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳимми конститутсионии шаҳрвандон ва субъектҳое, ки ҳуқуқӣ ташабуси қонунгузориро ба амал мебароранд, имконият медиҳад, ки барои пешниҳоди қонунҳо ва тағйиротҳо ба қонунгузорӣ ба мақомотҳои дахлдор муроҷиат кунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар асоси Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда шакл гирифтааст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Конституция Российской Федерации. Официальное издание. – М.: Юрид. лит., 2009. – 64 с.

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 14.02.2026).

6. Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2020, №103 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[22] Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 3-юм бо иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 25-26.

«Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 17.02.2026).

7. Нематов, А.Р. Законодательная инициатива и формы ее реализации по Конституции Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовой анализ) [Текст] / А.Р. Нематов // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения / Journal of foreighn legislation and comparative law. – 2014. – № 1. – С. 34-43.

8. Абрамова, А.И. Внесение законопроекта в парламент как форма реализации права законодательной инициативы [Текст] / А.И. Абрамов // Законотворчество в Российской Федерации / под ред. А.С. Пиголкина. – М., 2000. – 350 с.

9. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 389 с.

10. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ [Матн] / А.И. Имомов. – Нашри сеюм бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 496 с.

11. Имомов, А.И. Органы государственной власти Таджикистана [Текст] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2007. – 259 с.

12. Конституции зарубежных государств: Великобритания, Франция, Германия, Италия, Соединенные Штаты Америки, Япония, Бразилия: учеб. пособие / [сост. сб., пер., авт. введ. и вступ. ст. В. В. Маклаков]. – 7-е изд., перераб. и доп. – М., 2010. – С. 79-132.

13. Кучерявцев, Д.А. Осуществление права законодательной инициативы в Российской Федерации: конституционно-правовое исследование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / Кучерявцев Денис Александрович. – Санкт-Петербург, 2017. – 208 с.

14. Маҳмудзода, М., Шарофзода, Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳаммияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол [Матн] / М. Маҳмудзода, Р. Шарофзода: нашри 3-юм. бо иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 244 с.

15. Олимзода, Д.А. Намояндагӣ ҳамчун шакли ифодаи сохибихтиёрии халқ [Матн] / Д.А. Олимзода. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 3 (31). – С. 113-122.

16. Конституция Республики Узбекистан [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.lex.uz/Pages/ GetAct.aspx?lact_id=35869 (дата обращения: 20.11.2025).

ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ ИНИЦИАТИВА КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО ГОСУДАРСТВА

Ключевые слова: основы; процесс; право; вид; этапы; Республика Таджикистан; законодательство; государство; полномочия; закон; Конституция.

Аннотация. В данной статье исследуются вопросы конституционно-правовых основ законодательного процесса в Республике Таджикистан. На основе изучения и анализа источников и научной литературы рассмотрены конституционно-правовые основы законодательного процесса в Республике Таджикистан. Законодательный процесс – это совокупность последовательных этапов разработки, рассмотрения, принятия и опубликования законов, осуществляемых уполномоченными органами (членами Маджлиси милли, депутатами Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли, Правительством, Президентом и депутатами Горно-Бадахшанской автономной области). Данное понятие вытекает из теории права и рассматривается как часть законодательной власти.

Абубакри Ахмад – соискатель кафедры административного и финансового права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 938-53-83-96. E-mail: ahmad.A@mail.ru

LEGISLATIVE INITIATIVE AS A CRITICAL ELEMENT OF A DEMOCRATIC STATE

Keywords: foundations; process; law; type; stages; Republic of Tajikistan; legislation; state; authority; law; Constitution.

Annotation. This article examines the constitutional and legal foundations of the legislative process in the Republic of Tajikistan. Based on the study and analysis of sources and scientific literature, the constitutional and legal bases of the legislative process in the Republic of Tajikistan are reviewed. The legislative process is a series of sequential stages of drafting, considering, adopting, and promulgating laws, carried out by authorized bodies (members of the Majlisi Milli, deputies of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli, the Government, the President, and deputies of the GBAO). This concept is derived from legal science and is viewed as an integral part of the legislative power.

Abubakri Ahmad – competitor of the Department of Administrative and Financial Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 938-53-83-96. E-mail: ahmad.A@mail.ru

РАЗОҚОВ НАВРУЗШО НИМАТУЛЛОЕВИЧ,
ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Тел.: (+992) 905-01-24-24. E-mail: razoqov20@mali.ru

ТДУ: 342.1

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ ҶАВОНОН ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсия; қонунгузории ҷавонон; сиёсати давлатии ҷавонон; ҷавонон; мафҳум; хусусият; барномаҳои давлатӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои мафҳум ва хусусиятҳои қонунгузории соҳаи ҷавонон ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти нуктаҳои назари илмӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Зикр карда шудааст, ки қонунгузории соҳаи ҷавонон маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷавононро дар соҳаҳои гуногун муайян ва муқаррар менамояд. Қонуни асосии ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қонун «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки сиёсати давлатро дар самти рушди ҷавонон муайян мекунад.

Ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири иттиллоотию коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, инчунин барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд, ки дар маҷмуъ татбиқ гардидани сиёсати бомуваффақонаи ҷавононро бозгӯ менамояд.

Дар асри XXI рушди устувори давлат бевосита ба иқтидори инсонӣ ва махсусан ба нақши ҷавонон ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеа вобаста мебошад. Ҷавонон на танҳо ворисони арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, балки офарандагони навовариҳо ва иштирокчиёни фаъоли рушди иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки қонуният ва муҳити ҳуқуқии мусоид барои фаъолияти онҳо муҳайё карда шавад.

Дар самти дастгирии ҷавонон санадҳои муҳими давлатӣ қабул гардидаанд, ки тибқи онҳо самтҳои фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда шуданд. Махсусан қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» собит сохт, ки Ҳукумати мамлакат дар сиёсати худ ба ҷавонон такя карда, тарбия намудан ва ба камол расонидани насли ҷавону созандаро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор барномаҳои давлатии дигар доир ба дастгирии ҷавонон, баланд бардоштани мавқеи

онҳо дар ҷомеа ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии ҷавонон қабул карда шуданд, ки ҳар кадоме аз ин санадҳо дар ҳаёти ҷавонони кишвар нақши муҳим бозиданд[23].

Ҳамчунин, масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон, нақш ва иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа, яке аз масъалаҳои асосӣ дар паёми ҳарсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ буда, ба ин мавзуъ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии давлатдорӣ ва манбаи муҳимтарини ташаккули захираҳои инсонии кишвар таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир мегардад. Дар асоси паёмҳои Роҳбари давлат, дигар суханрониҳо ва дастуру супоришҳое, ки дар иртибот ба тарбияи насли наврас ва ҷавонони кишвар мунтазам дода мешаванд, рушди пайгиронаи соҳаи маориф таъмин гардида, мактаб ва илму маориф, инчунин рушди инсонӣ дар сиёсати кунунии давлату Ҳукумат ба сатҳи масъалаи аввалиндараҷа бардошта шуд[24].

Дар давраи нави таърихӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон диққати хосса дода, дар самти таҳияву татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳаёти ҷавонон тадбирҳои судманд меандешад. Дар ин росто, бахусус, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» моҳи марти соли 1992 дар роҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аз зумраи таъсиси мақомоти ваколадор дар соҳаи кор бо ҷавонон, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили стипендияи Президентӣ ва идрорпулии раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, таъсиси марказҳои ҷавонон, ҷоизаҳои мухталиф барои олимони ҷавон ва варзишгарон ва амсоли онҳо рӯйи кор омаданд.

Бо таҳлили ҳамаҷонибаи якчанд санадҳое, ки ба сиёсати давлатии ҷавонон бахшида шудаанд аз ҷумлаи қонунҳо ва барномаву дигар санадҳои муҳим, сиёсати давлати ҷавононро дар кишвар ба чунин марҳилаҳо тақсим намудан мумкин аст:

1) қадами аввалин дар ташаккулдиҳии сиёсати давлатии ҷавонон ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» оғоз мегардад, ки аз 13 марти соли 1992 ба тасвиб расидааст;

2) бори аввал 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини расмии Сарвари мамлакат (он вақт Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар мебошад, ки умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва равонасозии онҳо ба бунёди давлати аҷдодӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ бо ҷавонон аст;

3) ташаккулёбии низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон солҳои 1996-2000. Ин давраи ташаккулёбии муносибатҳо барои ҷавонон давраи қадамҳои устувор дар роҳи бунёди таҳкурсии асосии сиёсати давлатии ҷавонон, яъне низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон ба ҳисоб меравад, ки пешгузорандаи он маҳз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад;

4) ба тасвиб расидани санадҳои зарурӣ ва таъсиси мақоми ваколатдори кор бо ҷавонон. Дар ин ҷода фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997, № 727 «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 майи соли 1997, №240 нақши арзишманд доранд;

5) барномасозии муносибатҳо – маҷмуи хизматрасониҳои самтноки иҷтимоӣ барои ҷавонон (оғоз аз соли 2001 то соли 2018 нақшабандӣ гардидаст). Барномаи миллии

[23] Раҳмонзода А.Ш. Сиёсати давлатии ҷавонон дар меҳвари паём // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://amit.tj/tj/ciyosati-davlatii-chavonon-dar-mekhvari-payom (санаи мурочиат: 13.10.2025).
[24] Миралиев К.А. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар тақвияти иқтидори ҳаракатҳои ҷавонон дар Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир. – Душанбе: Рафиграф, 2006. – С. 12.

«Ҷавонони Тоҷикистон», ки механизми амалии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад, дар ин давраи фаъолият барои солҳои 2001-2003 қабул гардид. Барнома дар марҳалаи сеюм низ – барои солҳои 2004-2006, барои солҳои 2007-2009 ва солҳои 2010-2012 қабул гардидааст. Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 қабул гардид. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2016-2018 низ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2016, №4 қабул гардидааст.

Ба ғайр аз барномаиҳо инчунин консепсияву стратегияҳои кор бо ҷавонон вуҷуд дорад, ки инҳо мебошанд, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, инчунин Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 ва то соли 2030, ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, нақшгузор мебошанд;

6) ташкили Шурои миллии кор бо ҷавонон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015, № 526 дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои миллии кор бо ҷавонон ҳамчун мақоми доимоамалкунандаи машваратӣ таъсис дода шуд. Мақсади Шуро ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[25].

Қобили зикр аст, ки қонунгузории соҳаи ҷавонон воситаи ҳуқуқии ба роҳ мондани сиёсати давлатии ҷавонон буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои таҳсил, шуғл, дастгирии иҷтимоӣ, худидоракунӣ ва иштироки сиёсӣ ба танзим медарорад. Ин самти ҳуқуқ тадриҷан ташаккул ёфта, имрӯз талаботи наву замонавиро дар бар мегирад.

Қонунгузории соҳаи ҷавонон маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷавононро дар соҳаҳои гуногун муайян ва муқаррар менамояд. Қонуни асосии ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Қонун «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки сиёсати давлатро дар самти рушди ҷавонон муайян мекунад.

Зарурати ин қонунгузорӣ дар он аст, ки ҷавонон гурӯҳи иҷтимоии нозук ва стратегӣ маҳсуб ёфта, ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлат ниёз доранд. Ҷавонон на ҳамеша имконияти баробар барои таҳсил, шуғл, фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ доранд. Қонунгузорӣ ин нобаробариро тавассути таъсиси кафолатҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии дастгирӣ паст мекунад[26].

Ғайр аз ин, қонунгузории соҳаи ҷавонон ҳамчун воситаи тарбияи ҳуқуқӣ, ташаккули худшиносии миллӣ ва фаъолияти бунёдкорона хизмат мекунад. Он принсипҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро муайян намуда, механизми татбиқи амалии онҳоро дар ҳаёти воқеӣ таъмин мекунад[27].

Қонунгузории соҳаи ҷавонон як зергурӯҳи махсуси ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шумор рафта, дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

а) хусусияти байнисоҳавӣ. Ин қонунгузорӣ ҳамзамон ба соҳаҳои гуногун - маориф, меҳнат, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва сиёсат таъсир мерасонад. Масалан, барномаҳои

[25] Акбарзода М.М. Марҳилаҳои ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: воқеият ва мушкилот // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://philosophical.tnu.tj/tj/mar-ila-oi-tashakkuli-sijosati-davlatii-avonon-dar-to-ikiston-vo-eijat-va-mushkilot/ (санаи мурочиат: 13.10.2025).

[26] Раҷабов С. Тоҷикистон: Давлати дунявӣ. (Назария, таҷриба ва мушкилот). – Хуҷанд, 2000. – С. 14.

[27] Аҳмадзода Д.Д. Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2024. – С. 44.

давлатӣ метавонанд ҳамзамон ҷавононро барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, гирифтани грант, такмили ихтисос ва ё таҳкими малакаҳои сиёсӣ дастгирӣ намоянд;

б) таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо. Қонунгузорӣ ҳуқуқи ҷавононро ба таҳсил, шуғл, дастрасӣ ба иттилоот, табобат ва тарбияи ахлоқӣ дар бар мегирад. Масалан, дар моддаи 12-и Қонуни мазкур ҳуқуқи ҷавонон ба таълимоти ройгон ва машваратҳои касбӣ муқаррар гардидааст;

в) ҳадафмандии рушдгароёна ва пешгирикунанда. Қонунгузорӣ на танҳо ба танзими вазъиятҳои мавҷуда равона шудааст, балки ба ташаккули муҳити мусоиди оянда барои ҷавонон низ нигаронида шудааст. Аз ҷумла, ташкили инфрасохтори ҷавонон, дастгирии стартапҳо ва бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

г) ҳамгироӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ. Қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҷавонон бояд ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад, аз ҷумла ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989), Эъломияи ҳуқуқи башар ва дигар санадҳо;

д) иштироки мустақими ҷавонон. Хусусияти инноватсионии дигар - ҷалби бевоситаи ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатӣ ва қонунгузорӣ мебошад. Иттиҳодияҳои ҷавонон ва созмонҳои ғайридавлатӣ метавонанд дар таҳияи стратегия ва барномаҳо саҳм гузоранд.

Аз нигоҳи мо, ташаккули қонунгузории соҳаи ҷавонон дар Тоҷикистон ба чанд марҳилаи асосӣ ҷудо мешавад, ки ба рушд ва таҳаввулоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқиву сиёсӣ дар кишвар зич алоқаманд аст:

а) марҳилаи шуравӣ (то соли 1991). Дар ин давра, сиёсати давлатии ҷавонон ба воситаи иттиҳодияҳои сиёсӣ, аз қабили Комсомоли Ленинӣ амалӣ мешуд. Ҳарчанд қонунгузории мустақили соҳаи ҷавонон вуҷуд надошт, вале тавассути қонунҳои умумии сотсиалистӣ ва қарорҳои ҳизбӣ, ҷавонон зери тарбияи идеологӣ қарор мегирифтанд. Хусусияти вазъи сиёсати давлатии ҷавонон дар ин давра ин сохтори марказонидашудаи сиёсати ҷавонон, дастгирии давлатии шуғл ва таълим, иштироки маҷбурии ҷавонон дар чорабиниҳои сиёсӣ маънидод карда мешавад;

б) марҳилаи даврони соҳибистиқлолӣ ва ташаккули заминаҳои ибтидоии қонунгузорӣ (солҳои 1991-2003). Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурати ташкили сиёсат ва қонунгузории миллӣ оид ба ҷавонон ба миён омад. Дар соли 1992 нахустин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»[28] қабул гардид. Ин қонун нуқтаи ибтидоии рушди қонунгузории миллии соҳа шуда, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқии нави муносибати давлат бо ҷавонон мусоидат намуд. Хусусиятҳои қонуни мазкур дар самти муайян ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон инҳо ба шумор мераванд: эътирофи мақоми ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии муҳим, таъсиси мақомоти ваколатдори соҳа - Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, дастгирии таҳсилу тарбия ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва амсоли ин;

в) марҳилаи сеюм ба такмили ҳуқуқӣ ва мутобиқсозӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ марбут мебошад (солҳои 2004-2021). Дар соли 2004[29], қонуни нав бо таҳрири пурра қабул гардид, ки дар он доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷавонон равшантар муайян шуд. Хусусиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар партави муқаррароти қонуни мазкур чунин

[28] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон« аз 13 марти соли 1992 ва боби VI Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил кардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ» аз 1 феврали соли 1996 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

[29] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004, №52 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

мебошанд: мафҳуми ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон бо таври равшан муайян гардид, ҳамкории давлат бо ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ба таври возеҳ пешбинӣ шуд, барномаҳои давлатӣ ҳамчун воситаи амалишавии қонун муқаррар шудаанд;

г) марҳилаи ниҳоӣ аз соли 2021 то ин ҷониб, ки ба рушди стратегӣ ва дурнамосозии сиёсати давлатии ҷавонон барбут мебошад. Дар ин марҳила, таваҷҷуҳ бештар ба таҳияи барномаҳои давлатӣ**,** усулҳои идоракунии стратегӣ ва интегратсияи ҷавонон ба рушди миллӣ равона шудааст. Барои мисол, Барномаи давлатии рушди ҷавонон барои солҳои 2022-2026, ки ҷанбаҳои шуғл, худидоракунии ҷавонон, рушди малакаҳои касбӣ ва ташаббусҳои инноватсиониро дар бар мегирад. Дар ин марҳила Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 17 декабри соли 2021, № 203[30] қабул шуд, ки сиёсати ҷавононро аз рӯи самтҳои афзалиятнок муайян намудааст. Соли 2021 қонуни ҷорӣ бо номи нав – «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид. Ин қонун ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, имкониятҳои бештар барои дастгирии ҷавонон фароҳам овард.

Дар масири рушди низоми қонунгузорӣ оид ба сиёсати давлатии ҷавонон таҷрибаи қонунгузории давлатҳои алоҳида низ ҳамчун воситаи такмили қонунгузорӣ бо дарнзардошти сиёсати ҳуқуқиву иҷтимоии кишвар муҳим ба шумор меравад. Баррасии таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дигар метавонад барои таҳкими қонунгузории соҳаи ҷавонон дар Тоҷикистон муҳим бошад, зеро кишварҳое, ки таҷрибаи онҳо ба низоми қонунгузории кишвари мо алоқаманд аст, таҳлил мегарданд ва ҷанбаҳои мусбии онҳо ҷиҳати ворид намудан ба қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд.

Соли 2020 дар Федератсияи Русия Қонуни федералӣ «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон дар Федератсияи Русия» қабул гардидааст, ки мафҳуми васеъи сиёсати давлатии ҷавонон, ки рушди шахсият, дастгирии иҷтимоӣ ва иштироки сиёсиро фаро мегирад муқаррар шудааст, инчунин платформаҳои рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаҳои сиёсати ҷавонон истифода дар пасманзари муқаррароти он кафолат дода шудааст ва ташкили Ассотсиатсияи ҷавонон барои намояндагии манфиатҳои онҳо дар сатҳи федералӣ масоили рушди муайян гардидааст[31].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2015 Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба тасвиб расидааст, ки он яке аз мукаммалтарин санадҳо дар фазои қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дониста мешавад. Қонуни мазкур дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон, стартапҳо ва соҳибкории ҷавонон, муқаррар кардани стандартҳои ҳадди ақали иҷтимоии кафолатнок, фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо тавассути барномаҳои давлатиро ҳамчун василаҳои калидӣ муқаррар ва каофлат додааст[32].

Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 2016 Агентии кор бо ҷавононро таъсис дод ва соли 2019 Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро қабул намуд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» таваҷҷуҳи махсус ба тарбияи маънавӣ

[30] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 23 декабри соли 2021, №1830 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.03.2026).

[31] Қонуни федералӣ аз 30 декабри соли 2020, N 489-ФЗ «Дар бораи сиёсати ҷавонон дар Федератсияи Россия» (бо тағйиру иловаҳо) // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/400156192/ (санаи мурочиат: 13.10.2025).

[32] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (бо тағйирот ва иловаҳо аз 16.09.2025) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31661446&show_di=1 (санаи мурочиат: 13.10.2025).

ва арзишҳои миллӣ, ҷалби ҷавонон ба хизмати давлатӣ ва қабулу татбиқи барномаҳои махсуси манзил барои ҷавонони мутахассис равона карда шудааст[33].

Дар фазои қонунгузории кишварҳои Аврупо метавон таҷрибаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Олмонро таҳлил намуд. Ҷумҳурии Олмон сиёсати ҷавононро тавассути Қонуни ҳимояи ҷавонон (Jugendschutzgesetz) ва Қонуни таъмини иштироки ҷавонон ба роҳ мондааст. Хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии мазкур чунин мебошад: мавҷудияти Шурои миллии ҷавонон, ки ба сиёсатгузорони давлатӣ тавсия медиҳад, кафолат оид ба ҳуқуқи иштирок, фарогирии иҷтимоӣ ва мубориза бо таҳқир ва табъиз ва кафолати амалӣ гардидани барномаҳои захираи кумак ба ҷавонони муҳоҷир ва камбизоат[34].

Дар пасманзари чунин таҳлилҳо ва таҷрибаи амалии мақоомоти ваколатдори давлатӣ дар самти ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон чунин мушкилот ва дурнамои танзими ҳуқуқии соҳаи ҷавононро муайян намудан мумкин аст. Ба сифати мушкилоти мавҷуда а) тафовути назариявӣ ва амалӣ, яъне дар амал татбиқи кофӣ нагирифтани бисёре аз муқаррароти санадҳои ҳуқуқии пешбинишуда, аз қабили суст ба роҳ монда шудани дастгирии давлатии ҷавонон дар маҳалҳо; б) мушкилоти ҳамоҳангӣ миёни ниҳодҳо, яъне самаранок ва ҳадафмандона ба роҳ монда нашудани ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ дар ин самт; в) норасоии маълумоти ҳуқуқӣ миёни ҷавонон, яъне бештари ҷавонон аз ҳуқуқу имкониятҳои худ дар доираи сандаҳои қонунгузорӣ огоҳии пурра надоранд ва ғайра.

Ба сифати дурнамои рушди қонунгузорӣ ва сиёсати давлатии ҷавонон чунин равандҳоро пешниҳод намудан имконпазир аст: татбиқи рақамисозии хизматрасониҳо барои ҷавонон (e-youth) - фароҳам овардани дастрасӣ ба маълумоти ҳуқуқӣ, барномаҳо ва дастгирии давлатӣ тариқи платформаҳои рақамӣ; рушди инфрасохтори иҷтимоии ҷавонон – ташкил ва сохтани марказҳои таълимӣ, инноватсионӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ дар шаҳрҳо ва деҳот; такмили қонунгузории амалкунанда бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ - таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ бо иштироки васеи ҷавонон ва созмонҳои онҳо; фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои рушди соҳибкории ҷавонон – таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус барои дастгирии стартапҳо ва ташаббусҳои навоваронаи ҷавонон.

Дар маҷмуъ, қонунгузории соҳаи ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан шакл гирифта, имрӯз дорои заминаҳои муҳими ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Қонуни амалкунанда, барномаҳои давлатӣ ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ нишондиҳандаи аҳаммияти стратегӣ доштани ин соҳа мебошанд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С.

АДАБИЁТ:

1. Раҳмонзода, А.Ш. Сиёсати давлатии ҷавонон дар меҳвари паём // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://amit.tj/tj/ciyosati-davlatii-chavonon-dar-mekhvari-payom (санаи мурочиат: 13.10.2025).

2. Миралиев, К.А. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар тақвияти иқтидори ҳаракатҳои ҷавонон дар Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир [Матн] / К.А.

[33] Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» / Қабул аз ҷониби Палатаи қонунгузорӣ 12 августи соли 2016. Тасдиқ аз ҷониби Сенат 24 августи соли 2016 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://lex.uz/docs/3026250?ONDATE2=26.01.2022&action=compare (дастрасӣ: 13.10.2025).

[34] Қонун дар бораи ҳифзи ҷавонони Олмон (Jugendschutzgesetz - JuSchG) // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.bmbfsfj.bund.de/resource/blob/90282/0d0e6f87c97e7d22188890443a8d27e9/juschg-russisch -2016-data.pdf (санаи мурочиат: 13.10.2025).

Миралиев. – Душанбе: Рафиграф, 2006. – 186 с.

3. Акбарзода, М.М. Марҳилаҳои ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: воқеият ва мушкилот // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://philosophical.tnu.tj/tj/mar-ila-oi-tashakkuli-sijosati-davlatii-avonon-dar-to-ikiston -vo-eijat-va-mushkilot/ (санаи мурочиат: 13.10.2025).

4. Раҷабов, С. Тоҷикистон: Давлати дунявӣ/ (Назария, таҷриба ва мушкилот) [Матн] / С. Раҷабов. – Хуҷанд, 2000. – 235 с.

5. Аҳмадзода, Д.Д. Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. сиёсӣ / Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ. – Душанбе, 2024. – 210 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон« аз 13 марти соли 1992 ва боби VI Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил кардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ» аз 1 феврали соли 1996 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004, №52 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 23 декабри соли 2021, № 1830 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.05.2026).

9. Қонуни федералӣ аз 30 декабри соли 2020, N 489-ФЗ «Дар бораи сиёсати ҷавонон дар Федератсияи Россия» (бо тағйиру иловаҳо) // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/400156192/ (санаи мурочиат: 13.10.2025).

10. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (бо тағйирот ва иловаҳо аз 16.09.2025) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://online. zakon.kz/Document/?doc_id=31661446&show_di=1 (санаи мурочиат: 13.10.2025).

11. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» / Қабул аз ҷониби Палатаи қонунгузорӣ 12 августи соли 2016. Тасдиқ аз ҷониби Сенат 24 августи соли 2016 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://lex.uz/docs/3026250?ONDATE2 =26.01.2022&action=compare (санаи мурочиат: 13.10.2025).

12. Қонун дар бораи ҳифзи ҷавонони Олмон (Jugendschutzgesetz - JuSchG) // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.bmbfsfj.bund.de/resource/blob/90282/0d0e6f87 c97e7d22188890443a8d27e9/juschg-russisch-2016-data.pdf (санаи мурочиат: 13.10.2025).

ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ МОЛОДЕЖНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция; молодежное законодательство; государственная молодежная политика; молодежь; понятие; характеристика; государственные программы.

Аннотация. В данной статье автор анализирует и рассматривает вопросы понятия и особенностей молодежного законодательства, механизмов реализации государственной молодежной политики в Республике Таджикистан с учетом научных точек зрения и положений нормативных правовых актов. Отмечается, что молодежное законодательство представляет собой совокупность нормативных правовых актов, определяющих и

устанавливающих права и обязанности молодежи в различных сферах. Основным законом в этой сфере в Республике Таджикистан является Закон «О молодежи и государственной молодежной политике», который определяет государственную политику в направлении развития молодежи.

Разоков Наврузшо Ниматуллоевич – ассистент кафедры права факультета истории, права и международных отношений Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Тел.: (+992) 905-01-24-24. E-mail: razoqov20@mali.ru

CONCEPT AND FEATURES OF YOUTH LEGISLATION AND MECHANISMS FOR IMPLEMENTING STATE YOUTH POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: Constitution; youth legislation; state youth policy; youth; concept; characteristics; state programs.

Annotation. In this article, the author analyzes and considers the issues of the concept and characteristics of youth legislation and mechanisms for implementing state youth policy in the Republic of Tajikistan, taking into account scientific points of view and provisions of regulatory legal acts. It is noted that youth legislation is a set of regulatory legal acts that define and establish the rights and obligations of youth in various areas. The main law in this area in the Republic of Tajikistan is the Law «On Youth and State Youth Policy», which determines the state policy in the direction of youth development.

Razokov Navruzsho Nimatulloevich – Assistant Professor at the Department of Law, Faculty of History, Law and International Relations, Abuabdulloh Rudaki Kulyab State University. Phone: (+992) 905-01-24-24. E-mail: razoqov20@mali.ru

РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: (+992) 918-67-52-82.

НАЗАРОВ БАХТИЁР ҲАСАНОВИЧ,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
Тел.: (+992) 918-85-35-46. E-mail: b.nazarov.1988@mail.ru

ТДУ: 342.4

АҲАММИЯТИ ҲУҚУҚИИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ

Калидвожаҳо: Паёми Президент; ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ; Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои ҳуқуқӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; конститутсия; қонун; ҳуҷҷат.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаи аҳаммияти ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Муаллиф мақоми паёмро ҳамчун санади сиёсӣ-барномавӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, нақши онро дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нишон медиҳад. Ҳамчунин масъалаи таъсири Паём ба таҳия ва қабули барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад. Дар натиҷа хулоса бароварда мешавад, ки Паёми президент, гарчанде санади меъёрии ҳуқуқӣ набошад ҳам, дар раванди банақшагирии стратегӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавӣ, низоми механизми коркарди ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар ҳар як давлат нақши муассир ва ҳалкунанда мебозад. Зеро ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳои миллии рушд, барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ, нақшаи чорабиниҳо, нақшаи амал, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, инчунин барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот ба таъмини рушди устувор ва амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ равона шудаанд. Дар чунин низоми муташаккилона, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати заминавӣ ва ибтидоӣ ҷиҳати таҳия, тасдиқ ва амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд.

Паёмҳои Президент дар амалияи ҳуқуқӣ ва сиёсии кишвар ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, муайян ва таъминкунандаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ баромад мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000, №1 танзим

мекунад[35], аз ҷумла мувофиқи қисми сеюми моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ эълон шудааст ва бо такя ба ин меъёр дар боби чоруми Конститутсия мақоми ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳо ва ҷойгоҳи ин ниҳод дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва нақши он дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муқаррар ва мушаххас карда шудааст.

Институти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия тавассути раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999 ҷорӣ гардид. Аз ҷумла, ба моддаҳои 55 ва 69 Конститутсия тағйироти дахлдор ворид карда шуд, ки ба Паём хусусияти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бахшид. Бори аввал бо чунин Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 апрели соли 2000 дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд. Ин рӯйдод оғози ташаккули анъанаи устувори конститутсионии муроҷиати солонаи Сарвари давлат ба парлумон гардида, ба яке аз механизмҳои муҳими роҳнамоии стратегӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии кишвар табдил ёфт.

Ҷойгоҳ ва нақши Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таҳия, қабул ва амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ назаррас мебошанд.

Танзими ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ дар меъёри ҳуқуқии дар боло зикргардида боз моддаи 10-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамонанд ба меъёри Конститутсия муқаррар кардааст. Меъёри мазкур низ, Паёмро ба сифати санади ҳуқуқӣ эътироф намекунад. Ҳол он ки дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонунҳои соҳавӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» (қаблан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон») қабул гардидаанд.

Бешак дар таҳия, қабул ва амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ мавқеи Паёми солонаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ, ҳамчун ҳуҷҷати расмии оммавӣ ва роҳнамои ислоҳоти ҳуқуқӣ, нақши муҳимро иҷро менамояд. Аммо ҳамоно масъалаи танзими ҳуқуқии Паём дар низоми қонунгузорӣ ва эътирофи он ҷиҳати коркарди механизми ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар низоми ҳуқуқӣ ба як масъалаи калидии ҳалношуда боқӣ мондааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва сиёсии ватаниву хориҷӣ институти Паём ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва санади ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилҳои мухталифи олимони соҳа қарор гирифтааст. Дар таҳқиқи баъзе коршиносон фаҳмиши илмии Паёми Сарвари давлат нишон медиҳад, ки он ҳамчун воситаи мураккаби ташаккули иртиботи сиёсӣ унсурҳои эъломияи сиёсӣ, ҳуҷҷати стратегӣ ва воситаҳои сафарбаркунии сиёсиро дар худ фаро мегирад[36].

[35] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2019, №1 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.02.2026).

[36] Шипилов Н.В. Политическая коммуникация и публичные выступления руководителей. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2019. – С. 20.

Ба андешаи муҳаққиқ И.И. Камолзода паёми Президент санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад. Ӯ мавқеи худро бо он асоснок менамояд, ки дар паём меъёрҳои ҳуқуқӣ дарҷ нашудаанд ва хусусияти меъёрӣ надоранд, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ ва ифода нагардидааст[37].

Академик Тоҳиров Ф.Т. қайд менамояд, ки паёми Президент бояд ҳамчун усули иттилорасонӣ ба парламент оид ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳукумат баррасӣ гардад. Ба андешаи мавсуф, чунин шакли муроҷиат бештар дар ҷумҳуриҳои ба истилоҳ президентӣ паҳн гардидааст, ки дар онҳо Президент ҳамзамон ҳам Сарвари давлат ва ҳам роҳбари Ҳукумат мебошад[38].

Муҳаққиқ А.М. Диноршоев муътақид бар он аст, ки «Паёми Президент- ин санади конститутсиониест, ки мавқеи Президентро оид ба масъалаҳои асосии сиёсати давлатӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии кишвар дар дурнамои кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат ифода мекунад ва барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ хусусияти ҳатмӣ дорад»[39].

Ҳамзамон, коршинос ва муҳаққиқ Т.С. Лятифова таъкид мекунад, ки Паёми Президент ба парламент, гарчанде уҳдадории конститутсионии Президент мебошад ва хусусияти мунтазаму пайваста дорад, аммо меъёри ҳатмии ҳуқуқӣ (ё дастури ҳатмӣ) нест. Амалӣ гардидани нуқтаҳои Паём бо роҳи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯй самтҳое, ки Президент муайян мекунад, сурат мегирад. Ин санадҳо одатан дар шакли санадҳои зерқонунӣ қабул шуда, барои иҷрои супоришҳои роҳбари давлат равона карда мешаванд[40].

Як қатор муҳаққиқон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баромад карда маҳз Паёмро ҳамчун ҳуҷҷати дорои мазмуну моҳияти ҳуқуқӣ , аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нишон медиҳанд[41]. Бархе муҳаққиқони дигар Паёмро ҳамчун барномаи ҳамкории ҳамаи шохаҳои ҳокимият, барномаи таҳкими сохти конститутсионӣ, барномаи ташаббусҳои қонунгузории Президент дар самти таҳкими волоияти қонун муайян кардаанд[42].

Муҳаққиқи соҳа Сайнозимзода Ф.С. дар хулосаи мақолаи худ Паёмро ба сифати санади ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзебӣ мекунад, аммо ба низоми кадом санади ҳуқуқӣ дохил шудани онро мушаххас нишон надодааст[43]. Аз нуқтаи назари сиёсӣ Паёмҳои Сарвари давлат на танҳо ҳисоботи солона дар бораи корҳои анҷомдодашуда, балки ҳуҷҷати стратегие мебошанд, ки самти рушди кишварро барои солҳои оянда ва даҳсолаҳо муайян мекунанд. Онҳо ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои асосии сиёсати давлатиро таҳия мекунанд ва механизмҳо ва воситаҳои мушаххасро барои ноил шудан ба онҳо пешниҳод менамоянд[44].

Аз андешаву ақидаҳои болозикр маълум мегардад, ки дар байни олимон ва муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари ягона оид ба вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии Паёми Президенти Ҷумҳурии

[37] Камолов И.И. Юридическая природа нормативных актов Президента Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Режим доступа: /Users/User/Downloads/yuridicheskaya-priroda-normativnyh-aktov-prezidenta-respubliki-tadzhikistan.pdf (дата обращения:19.02.2026).

[38] Тахиров Ф.Т. Политико-правовое значение послания Президента // Народная газета. – 2005. – 30 июля. – № 6. – С. 2.

[39] Диноршоев А.М. Правовая природа Послания Президента Республики Таджикистан // Государствоведение и права человека. – № 1. – 2016. – С. 55.

[40] Лятифова Т.С. Повышение эффективности исполнения государственных функций путем реализации посланий Президента России // Пробелы в российском законодательстве. – 2013. – № 3. – С. 163.

[41] Мазуренко А. Правотворческая политика и правотворчество. – Германия, 2011. – С. 161.

[42] Радченко В.И. Президент Российской Федерации в системе разделения властей: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – С. 19.

[43] Сайнозимзода Ф.С. Паём ба Маҷлиси Олӣ – ҳамчун санади ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Ҳаёт, ҷамъият ва давлат. – 2018. – № 3 (23). – С. 31.

[44] Усмонзода С.С. Инъикоси самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва имкониятҳои нав: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2025. – С. 66.

Тоҷикистон вуҷуд надорад, чунки яке онро ҳамчун санади хусусияти ҳатмӣ-ҳуқуқидошта, барнома, санади стратегӣ ва дигаре бошад ҳуҷҷати барномавии сиёсӣ-ҳуқуқӣ, санади конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, сарчашмаи ташаккулёбии ҳуқуқ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, санади мазмуну моҳияти ҳуқуқидошта ва ҳуҷҷати стратегӣ меҳисобанд.

Дар воқеъ амалия нишон медиҳад, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон замина ва бунёди ҳуқуқии қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии субъектҳои дахлдори муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дар асоси он як қатор санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таҳия ва қабул мегарданд. Аз ҷумла 25 маротибае, ки дар даврони Истиқлол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми олии қонунгузор бо паёмҳои худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баромад намуданд, якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самтҳои мухталиф, аз қабили дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз, Стратегияи миёнамуҳлат барои солҳои 2013-2015, Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бар зидди маводи мухаддир барои солҳои 2013-2020[45], Стратегияи рушди низоми адлияро барои солҳои 2015-2020[46] ва дигар санадҳои ҳуқуқии ба он монанд таҳияву қабул гардиданд.

Аз нуқтаи назари қонунгузорӣ бошад, расман Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ мавқеи ноустуворро ишғол менамояд. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки дар таҳия, қабул ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ Паёми Президент нақши калидиро мебозад. Барои мисол мувофиқи қисми 3 моддаи 11 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи банақшагирии стратегӣ дар Федератсияи Россия» аз 28 июни соли 2014, № 172-ФЗ Паёми Президенти Федератсияи Россияро ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, ки дар сатҳи федералӣ таҳия мешаванд, дохил намудааст[47].

Паёмҳои солонаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, ки бо номи State of the Union Address (Паёми солона дар бораи вазъи давлат) маъруфанд, яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ҳаёти сиёсии ин кишвар маҳсуб меёбанд. Дар ин паёмҳо вазъи кунунии миллат ва натиҷаҳои сиёсати давлатӣ таҳлил гардида, инчунин самтҳо ва афзалиятҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат барои давраи минбаъда муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, ин муроҷиат барои пешниҳод намудани ташаббусҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ хизмат мекунад. Дар ин замина, паём на танҳо ҳамчун ҳисобот дар бораи вазъи корҳо, балки ҳамчун инъикоси майли ҷамъиятӣ, ки самтҳои афзалиятноки фаъолияти сиёсии ояндаро нишон медиҳад, пешниҳод карда мешавад[48].

Дар кишвари Фаронса паёмҳои солонаи Президент на танҳо чорабинии анъанавӣ ва расмӣ, балки воситаи муҳими сиёсӣ низ ба ҳисоб мераванд. Дар чунин паёмҳо президент одатан аз арзёбии вазъи кунунии кишвар ва равандҳои ҷаҳонӣ оғоз намуда, мушкилот ва имкониятҳои асосии рушди давлатро муайян мекунад. Сипас ӯ биниши худро оид ба

[45] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 20.04.2012 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www. president.tj/event/missives/854 (санаи мурочиат: 09.03.2026).

[46] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.04.2014 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www. president.tj/event/missives/6146 (санаи мурочиат: 09.03.2026).

[47] Федеральный закон «О стратегическом планировании в Российской Федерации» 28 июня 2014 года N 172-ФЗ [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_164841/ (дата обращения: 09.03.2026).

[48] Усмонзода С.С. Инъикоси самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва имкониятҳои нав: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2025. – С. 42-43.

ояндаи Фаронса пешниҳод намуда, роҳҳо ва стратегияҳои мушаххаси расидан ба ҳадафҳои муайяншуда, инчунин самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро шарҳ медиҳад. Чунин меъёрҳо дар кишварҳои шакли идоракунии монархӣ дар шаклҳои мухталиф низ вуҷуд доранд.

Аз меъёрҳо ва андешаҳои болозикр метавон хулоса бароварда, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ нисбат ба дигар кишварҳо аз назари ҳуқуқӣ мавқеи муаллақро ишғол мекунад. Агар нуқтаи назар ва пешниҳодҳои муҳаққиқони соҳаро ба назар гирем, пас маълум мешавад, ки яке онро ташаббуси қонунгузорӣ[49], дигаре ҷиҳати танзими ҳуқуқии Паём ҷой додани онро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» расман[50] пешбинӣ менамояд, сеюмин бошад, мавқеи миёнаро ишғол менамояд[51].

Аз ин рӯ, ворид намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ-ҳуқуқӣ ва дар ин замина андешидани чораҳои зарурӣ вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқии он аз нуқтаи назари қонунгузорӣ имконпазир мебошад. Бо назардошти хусусияти сиёсӣ ва барномавии паём, онро ба гурӯҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мансуб донистан ва чунин санад қабул кардан мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин, бо мақсади бартараф намудани хусусиятҳои духурагӣ ва танзими ягонаи ҳуқуқӣ дар ин самт метавон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ ба қатори ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, ки дар сатҳи миллӣ таҳия мешаванд, ворид намуд.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2019, № 1 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.02.2026).

2. Шипилов, Н.В. Политическая коммуникация и публичные выступления руководителей [Текст] / Н.В. Шипилов. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2019. – 248 с.

3. Камолов, И.И. Юридическая природа нормативных актов Президента Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Режим доступа: file:///C:/Users/User/Downloads/yuridicheskaya-priroda-normativnyh-aktov-prezidenta-respubliki-tadzhikistan.pdf (дата обращения: 19.02.2026).

4. Тахиров, Ф.Т. Политико-правовое значение послания Президента [Текст] / Ф.Т. Тахиров // Народная газета от 30 июля 2005 г. – № 29.

5. Диноршоев, А.М. Правовая природа Послания Президента Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 1. – С. 55-65.

6. Лятифова, Т.С. Повышение эффективности исполнения государственных функций путем реализации посланий Президента России [Текст] / Т.С. Лятифова / Пробелы в российском законодательстве. – 2013. – № 3. – С. 163-170.

[49] Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Ҳаёт, ҷамъият ва давлат. – 2021. – № 2 (22), – С. 32.

[50] Сайнозимзода Ф.С. Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: автореф. диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – С. 14-15.

[51] Диноршоев А.М. Правовая природа послания Президента Республики Таджикистан // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – №1 (01). – С. 58-59.

7. Мазуренко, А. Правотворческая политика и правотворчество [Текст] / А. Мазуренко. – Германия, 2011. – 196 с.

8. Радченко, В.И. Президент Российской Федерации в системе разделения властей [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Радченко Василий Иванович. – Саратов, 1995. – 24 с.

9. Сайнозимзода, Ф.С. Паём ба Маҷлиси Олӣ – ҳамчун санади ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Сайнозимзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Ҳаёт, ҷамъият ва давлат. – 2018. – № 3 (23). – С. 31-40.

10. Усмонзода, С.С. Инъикоси самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва имкониятҳои нав: дис. ... ном. илм. сиёсӣ / Усмонзода Сорбон Субҳон. – Д., 2025. – 175 с.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 20.04.2012 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/missives/854 (санаи мурочиат: 09.03.2026).

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.04.2014 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/missives/6146 (санаи мурочиат: 09.03.2026).

13. Федеральный закон «О стратегическом планировании в Российской Федерации» 28 июня 2014 года N 172-ФЗ, [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_164841/ (дата обращения: 09.03.2026).

14. Раҳмон, Д.С., Шерзода, Б.С. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ [Матн] / Д.С. Раҳмон, Б.С. Шерзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Ҳаёт, ҷамъият ва давлат. – 2021. – № 2 (22). – С. 32.

15. Сайнозимзода, Ф.С. Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн]: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ / Сайнозимзода Фирӯз Сайнозим. – Д., 2022. – 67 с.

16. Диноршоев, А.М. Правовая природа послания Президента Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – № 1 (01). – С. 59-68.

ПРАВОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ ДОКУМЕНТОВ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ

Ключевые слова: Послание Президента; документы стратегического планирования; Республика Таджикистан; правовые акты; нормативные правовые акты; конституция; закон; документ.

Аннотация. В данной статье автор рассматривает правовое значение Послания Президента Республики Таджикистан в системе документов стратегического планирования. Автор анализирует статус Послания как политико-программного документа и показывает его роль в определении основных направлений государственной политики и социально-экономического развития страны. Также ра ссматривается влияние Послания на разработку и принятие государственных программ, стратегий и других нормативных правовых актов. В результате делается вывод, что Послание Президента, хотя и не является нормативным правовым актом, имеет важное значение в процессе стратегического планирования и формирования государственной политики.

Рахмон Дилшод Сафарбек – Руководитель аппарата Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, д.ю.н., профессор. Тел.: (+992) 918-67-52-82.

Назаров Бахтиёр Хасанович – старший преподователь кафедры права факультета истории, права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел.: (+992) 918-85-35-46; E-mail: b.nazarov.1988@mail.ru

LEGAL SIGNIFICANCE OF THE ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF STRATEGIC PLANNING DOCUMENTS

Keywords: President's Address; strategic planning documents; Republic of Tajikistan; legal acts; normative legal acts; constitution; law; document.

Annotation. This article examines the legal significance of the Address of the President of the Republic of Tajikistan within the system of strategic planning documents. The author analyzes the status of the Address as a political and programmatic document and highlights its role in defining the main directions of state policy and the country's socio-economic development. The influence of the Address on the development and adoption of state programs, strategies, and other normative legal acts is also considered. It is concluded that, although the President's Address is not a normative legal act, it plays an important role in the process of strategic planning and the formation of state policy.

Rahmon Dilshod Safarbek – Head of the Staff of the Majlisi Milli Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor. Phone: (+992) 918-67-52-82.

Nazarov Bakhtiyor Hasanovich – Assistant Professor, Department of Law, Faculty of History, Law and International Relations, Kulob State University named after A. Rudaki. Phone: (+992) 918-85-35-46; E-mail: b.nazarov.1988@mail.ru

САЪДУЛЛОЗОДА ШАМСИДДИН,
унвонҷӯйи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 93-904-04-03; E-mail: sadullozoda@mail.ru

ТДУ: 347.254(575.3)

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАНЗИЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ШУРАВӢ

Калидвожаҳо: қонунгузории манзил; моликити хусусӣ; ҳуқуқ ба манзил; сохтмон; кооператсияи манзил; давраи шуравӣ; манзил; даврабандии қонунгузории манзил.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Аз ҷониби муаллиф давраҳои рушди қонунгузории манзил, марҳила ба марҳила рушд кардани қонунгузории шуравӣ ва ақидаи олимони соҳа таҳқиқ карда шудааст. Бо дарназардошти таҳлилҳои гузаронидашуда, давраҳои ташаккули қонунгузории манзили Тоҷикистон дар даврони шуравӣ пешниҳод карда шудааст.

Манзил аз давраҳои қадим зери ҳифзи ҳуқуқии давлат ва қонунгузорӣ қарор дошт. Манзил ҳамчун молу мулки ғайриманқул дар назар гирифта мешуд, ҳамроҳ бо замини наздиҳавлигӣ ва дигар объектҳои муҳим, ки дар доираи ҳифзи ҳуқуқи моликияти хусусӣ муҳофизат мешуданд. Ҳар инсон ба сарпаноҳ ва гармӣ ниёз дорад ва ин эҳтиёҷот тавассути манзилҳои шахсӣ ё дигар шаклҳои манзил таъмин мегарданд бе манзил дар ягон шакл зиндагӣ кардан барои ҳеҷ кас имконнопазир аст.

Вақте ки соли 1948 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро қабул кард, ки дар он ҳуқуқи ҳар як шахс ба зиндагии шоиста, аз ҷумла манзил, муқаррар карда шудааст, дар Иттиҳоди Шуравӣ аллакай беш аз бист сол сохтмони давлатии манзил рушд намуда буд, ки мақсади он таъмини эҳтиёҷоти мардум ба манзил буд.

Ҳуқуқ ба манзил аз эҳтиёҷи табиии инсон ба ҷойи зист маншаъ мегирад ва бинобар ин, он яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии инсон ба ҳисоб меравад. Тибқи моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад[52]. Мақсади асосӣ ин ҳавасмандгардонии сохтмони манзил бо ҳар гуна шаклҳои моликият, фароҳам овардани шароит барои амалисозии ҳуқуқ ба манзил ва додани шаҳрвандон манзилҳо тибқи тартиби муқарраршуда равона шудааст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва шахс ҳангоми ҳалли мушкили манзил ихтилоф ба миён меояд. Аз як тараф, давлат уҳдадор мешавад, ки шаҳрвандони худро бо шароити муносиб барои зиндагӣ, аз ҷумла бо манзил, таъмин намояд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки танҳо бо захираҳои давлатӣ ҳалли пурраи масъалаи манзил имконнопазир аст.

[52] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 32.

Илова бар ин, гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандон вуҷуд доранд, ки қодиран талаботи худ ба манзилро мустақилона қонеъ карда наметавонанд. Дар чунин шароит масоили кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин намудани ҳуқуқҳои манзилии шаҳрвандон муҳим гаштааст.

Ҳамаи ин зарурати таҳияи равишҳои навро дар ҳалли масъалаи таъмини ҳуқуқии шаҳрвандон ба манзил бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ ва ҳамбастагии низоми таъминоти давлатии манзил бо ташаббуси хусусӣ тақозо мекунад[53].

Тавре маълум аст, масъалаи манзил дар ҳама давру замон яке аз афзалиятноктарин масъалаҳо дар зиндагии ҳар як инсон ба шумор меравад. Дар замони ҳозира, ҳамчунон ки қаблан, ислоҳоти қонунгузории манзил маҷбур месозад, ки ба он, ки чӣ гуна мушкилоти ҳуқуқии манзил дар кишвари мо ҳал мегардид, бодиққаттар назар афканем. Барои ин, омӯзиши таҷрибаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои манзилӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдории кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, мисли дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, қонунгузории манзилӣ низ марҳила ба марҳила рушд намудааст.

Ба андешаи Ю.А. Петрова метавон марҳилаҳои зеринро дар рушди қонунгузории манзил ҷудо намуд:

1) давраи тоинқилобӣ - қонунгузории манзил ҳамчун соҳаи мукаммали қонунгузорӣ дар ҳалли мушкили манзил вуҷуд надошт. Муносибатҳо вобаста ба манзил ҳамчун муносибатҳои маданӣ тавасути ҳуқуқи хусусӣ танзим мешуданд, давлат новобаста аз шиддати иҷтимоии масъалаи манзил аз ҳалли масъалаи манзилӣ канор рафта буд;

2) давраи шуравӣ – қонунгузории комплексии манзили шуравӣ ба вуҷуд омада, ки муносибатҳои гуногунро, ки шартан ҳамчун соҳаи манзил муттаҳид гардидаро бо меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ва маданӣ танзим мекард. Давлат дар низоми таъмини эҳтиёҷоти манзили шаҳрвандон мавқеи ҳукмронро ишғол намуд ва бозори манзил амалан аз байн бурда шуд;

3) давраи пасошуравӣ - қонунгузории манзил ҳамчун соҳаи бисёрсоҳа вазифаҳои худро дар сохтори қонунгузории пасошуравӣ нигоҳ дошт, дар ҳоле ки давлати пасошуравӣ вазифаи функсионалии монополист будан дар сохтмони манзил ва фонди манзилиро ҳамчун воситаи асосӣ дар ҳалли мушкили манзил аз даст дода ва мавқеъро ба бозори манзил гузошт;

4) давраи муосир – гузариш ба сохтори комилан нави иҷтимоӣ, сиёсӣ ва сохтори ҳуқуқии дигар мушоҳида мешавад. Масъалаи такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории манзил, ки акнун ба ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзил вобаста аст, дар рӯйхати масъалаҳои рӯз қарор дорад.

Дар даврони шуравӣ баъд аз чанд соли танзими ҳуқуқии муносибатҳои манзил тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии сершумор оид ба масъалаҳои ҷудогона аз ҷониби мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ, аз соли 1924 кӯшишҳо барои кодификатсияи онҳо оғоз гардиданд, зеро то он вақт таҷрибаи зарурии кодификатсия аллакай вуҷуд дошт.

Аммо дар ин давра натиҷаи интизоршуда ба даст наомад. Тавре ки Т.Ф. Яшук иброз менамояд, «сарнавишти Кодекси маъмурӣ, ки танҳо ҳамчун лоиҳа боқӣ монд, ба лоиҳаҳои Кодекси манзилӣ ва Кодекси сохтмонӣ низ дахл дорад[54].

[53] Петрова Ю.А. Генезис развития жилищного законодательства в России (вопросы теории и практики) // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/ (дата обращения: 19.11.2025).

[54] Ящук Т.Ф. О работе по кодификации советского законодательства о местном управлении в 1920-е годы / Т.Ф. Ящук // История государства и права. – 2006. – № 7. – С. 31.

Лоиҳаи Кодекси манзил то миёнаи соли 1924 аз ҷониби комиссияе таҳия гардид, ки дар назди Идораи хоҷагии коммуналӣ таъсис ёфта буд. Санади мазкур консепсияи умумии Кодекси манзилиро дар бар мегирифт ва худи лоиҳаи санади ҳуқуқӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирифт: муқаррароти умумӣ, меъёрҳои манзилию санитарӣ, фонди давлатии манзил, ҳуқуқи сохтмон, кооператсияи манзил, сохтмони моликияти хусусӣ.

Хусусан, дар фасли «Фонди давлатии манзил» муқаррар гардида буд, ки фонди давлатии манзил аз манзили миллигардонидашуда ва коммуналӣ иборат аст: миллигардонидашуда дар ихтиёри мақомоти марказӣ қарор доштанд, ва коммуналӣ гардонидашуда - дар ихтиёри Шуроҳои маҳаллӣ. Лозим ба ёдоварист, ки дар замони Шуравӣ қисми зиёди аҳолӣ бо роҳҳои муқарраркардаи қонугузории манзил, аз ҷумла бо бастани шартномаи кирояи манзил ё иҷора дар манзилҳои давлатӣ истиқомат мекарданд[55].

Лоиҳаи Кодекс рӯйхати истисноии манзилҳоеро дар бар мегирифт, ки қонунгузорӣ онҳоро ҳамчун коммуналӣ гардонидашуда эътироф мекард ё метавонист дар оянда чунин эътироф кунад. Ба танзими ҳуқуқи иҷора манзили истиқоматӣ, муайян кардани андозаи иҷора ва шартҳои муҳими шартномаи иҷора диққати махсус бахшида мешуд[56].

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ҳолатҳое, ки зикр гардиданд, дар соҳаи ҳуқуқи манзил, гарчанде кодекс қабул нагардид, аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаҷман калон ба нашр расидан гирифтанд, ки дар онҳо танзими муносибатҳои манзил аллакай дар сатҳи як низоми муайян амалӣ мегардид. Дар ин замина, пеш аз ҳама, бояд Қарори якҷояи Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва Шурои Комиссарҳои Халқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ «Дар бораи кооператсияи манзилӣ» аз 19 августи соли 1924 зикр намуд[57].

Дар муқаддимаи қонун, аз ҷумла, чунин муқаррар гардида буд: «Бо мақсади мубориза бурдан бо буҳрони манзил тавассути рушди сохтмони манзил ва мусоидат ба истифодаи хоҷагидории самараноки манзили мавҷуда дар асоси худфаъолияти оммаи васеи аҳолӣ, Комитети Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарҳои Халқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ қарор менамояд: 1) Ба шаҳрвандони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ барои таъмини сохтмони манзили этиёҷманд иҷозат дода мешавад, ки ихтиёрӣ дар кооперативҳои манзилии истиқоматӣ муттаҳид шаванд, дар асосҳое, ки дар моддаҳои минбаъдаи ҳамин Қарор баён шудаанд. 2) Ширкатҳои кооперативии манзилӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: а) ширкатҳои кооперативии манзилӣ-иҷоравӣ; б) ширкатҳои кооперативии сохтмонии манзилии коргарон; в) ширкатҳои кооперативии умумишаҳрвандии сохтмони манзил».

Дар асосҳои қонунгузории мадании Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттиҳодӣ муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар соҳаи манзил, ки бо иҷораи манзил алоқаманданд, мустаҳкам карда шудаанд[58]. Ин моддаҳо, аслан, асоси ҳамаи кодексҳои мадании ҷумҳуриҳо гардиданд.

Дар маҷмуъ, то миёнаи солҳои 1930-юм дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ қонунгузории манзил нисбатан устувор ташаккул ёфта буд. Аз ҳамон давра,

[55] Қурбонализода Н.Ш. Такмили қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://elibrary.ru/ (санаи мурочиат: 24.11.2025).
[56] Проект Жилищного кодекса // Коммунальное дело. – 1924. – № 1/2. – С. 83-91.
[57] Постановление ЦИК СССР, СНК СССР от 19.08.1924 г. «О жилищной кооперации» // Известия ЦИК СССР. – 1924. – 21 августа.
[58] Закон СССР от 08.12.1961 (ред. от 12.06.1990) «Об утверждении Основ гражданского законодательства Союза ССР и союзных республик» (вместе с Основами законодательства)» // Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 50. – Ст. 525.

дар асоси ин қонунгузорӣ, дар доираи сиёсати саноатикунонӣ корҳои сохтмонии манзил фаъолона ҷоннок гардиданд[59].

Аммо ҳар қадаре ки манзилҳои нав ба истифода дода мешуданд, ҳамон қадар масъалаи ҳифзи фонди манзилӣ аз истифодаи нодуруст ва аз сӯиистифода ҳангоми тақсимоти майдони манзилӣ шадидтар ба миён меомад. Бо назардошти ин, Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарҳои Халқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ соли 1937 қарори аз ҷиҳати ҳаҷм калон қабул намуданд.

Ҳангоми татбиқи Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарҳои Халқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ аз 17 октябри соли 1937 «Дар бораи ҳифзи фонди манзилӣ ва беҳтар намудани хоҷагии манзилӣ дар шаҳрҳо»[60] қисми манзили кооперативӣ ба фонди давлатии манзил гузаронида шуд, ва кооперативҳои манзилӣ ба таври иҷборӣ ба кооперативҳои сохтмонии манзилӣ бозсозӣ гардиданд. Шакли ягонаи фаъолияти кооперативҳои сохтмонии манзилӣ 31 октябри соли 1939 бо Низомномаи намунавии кооперативи сохтмонии манзилӣ таҳким ёфт.

Ба шаклгирит сохтмони манзили Шуравӣ метавон муносибатҳои гуногун дошт, аммо инро инкор кардан мумкин нест, ки дар давраи рушди фаъоли соҳаи манзил (дар нимаи дуюми асри XX) ҳар сол ба ҳисоби миёна 10 миллион нафар танҳо за ҳисоби давлат шароити манзилии худро беҳтар мекарданд.

Ба андешаи А.Е. Харитонова марҳилаҳои зерини рушди қонунгузории соҳаи манзилро ҷудо менамояд:

1) марҳилаи аввал – аз соли 1918 то соли 1928;

2) марҳилаи дуюм – солҳои панҷсолаи аввал то миёнаи солҳои 1950;

3) марҳилаи сеюм – аз миёнаи солҳои 1950 ва бидуни нишон додани соли анҷомёбӣ[61].

М.М. Ефимкин марҳилаҳои рушди қонунгузории манзилиро ба се марҳила ҷудо намудааст: «марҳилаи аввал – аз вақти муқаррар гардидани он то Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангии хоҷагии халқ; дуюм – аз соли 1957 то анҷумани XXVII-уми ҲКИШ; марҳилаи сеюм аз солҳои бозсозӣ оғоз ёфта, бояд соли 2000 ба поён мерасид»[62].

Н.М. Лутсенко масъалаи сохтмони манзилиро дар доираи ҳалли мушкилоти манзил баррасӣ намуда, марҳилаҳои зеринро дар сиёсати манзил ҷудо кардааст: аз соли 1921 то 1937, аз 1937 то 1957 ва аз соли 1957[63]. Оғоз ва анҷоми давраҳоро муаллиф бо «санадҳои муҳими қонунгузорӣ, ки минбаъд асоси тамоми давраи сохтмони манзил мегардиданд» асоснок менамояд, яъне: бо Декрети Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1921[64] ва қонуни «Дар бораи ҳифзи фонди манзил ва беҳтар намудани хоҷагии манзил дар шаҳрҳо» аз соли 1937[65].

---

[59] Тяжельникова В.С. Заводское жилье в 1935 – первой половине 1960-х гг. (По материалам завода «Серп и молот») // Вестник РУДН. Серия «История России». – 2003. – №2. – С. 98-102.

[60] Постановление ЦИК СССР № 112, СНК СССР № 1843 «О сохранении жилищного фонда и улучшении жилищного хозяйства в городах» от 17 окт. 1937 г. // Собрание постановлений Совета министров (Правительства) РСФСР. – 1939. – № 12. – Ст. 314.

[61] Харитонова А.Е. Основные этапы жилищного строительства в СССР // Вопросы истории, – 1965. – № 5. – С. 50-64.

[62] Ефимкин М.М. Жилищный фактор в процессе индустриальной адаптации Сибири в XX - XXI вв. // Опыт решения жилищной проблемы в городах Сибири в XX – начале XXI вв.: Сборник научных трудов / Российская академия наук, Сибирское отделение, Институт истории. – Новосибирск: Параллель, 2008. – С. 6.

[63] Луценко Н.М. Жилищная проблема и жилищная политика в СССР. – М., 1972. – С. 6.

[64] О предоставлении кооперативным объединениям и отдельным гражданам права застройки городских участков: декрет СНК РСФСР от 08.08.1921 // СУ РСФСР. – 1921. – № 60. – Ст. 408.

[65] О сохранении жилищного фонда и улучшении жилищного хозяйства в городах: постановление ЦИК и СНК СССР от 17.10.1937 г. // СЗ СССР. – 1937. – № 69. – Ст. 314.

Н. Г. Красавтсева чунин иброз менамояд, ки давраи ташаккули механизми танзими ҳуқуқии сохтмони давлатии манзил дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, яъне марҳилаи ибтидоии рушд, солҳои 1922-1932-ум ба ҳисоб меравад. Ҳадди оғози ва анҷоми ин марҳила бо таъсиси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва қабул шудани Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия муайян мегардад, ки он асоси меъёриро барои гирифтани замин зери сохтмон муқаррар намуда, инчунин тартиби расмии муносибатҳои заминии сохтмончиёни давлатиро аз ҳуқуқи сохтмон ба истифодаи бемуҳлат тағйир намуд[66].

Дар марҳилаи дуюм солҳои 1932-1954 танзими ҳуқуқии сохтмони давлатии манзил рушд меёфт, ба истиснои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки дар он чораҳои фаврӣ ва мутобиқ ба вазъият қабул карда мешуданд.

Бо Қарори Шурои Комиссарони Халқи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ «Дар бораи беҳтар намудани сохтмони манзил»[67] талаботе тасдиқ гардиданд, ки мувофиқи онҳо дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо сохтмони хонаҳои истиқоматии асосӣ бо таъмини шабакаҳои муҳандисӣ бояд дар 4-5 ошёна ва болотар анҷом дода шавад, дар ҳоле ки сохтмони манзили сабук, камошёна, каркасӣ, сипарӣ танҳо ҳамчун барои истиқомати муваққатӣ иҷозат дода мешуд.

Баъдан, аз ҷиҳати қонунгузорӣ сохтмони манзил тибқи тарҳҳои намунавии қисмҳои хонаҳои истиқоматӣ муқаррар карда шуд. Ин қоида барои татбиқ аз ҷониби комитети халқ ва идораҳо (яъне сохтмончиёни давлатӣ) ҳангоми таҳияи тарҳҳои нав барои сохтмони васеи манзил ҳатмӣ буд.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохтмони манзил қатъ нагардида буд. Дар солҳои аввал дар ақибгоҳ барои аҳолии аз ҷанг раҳошуда манзил бунёд мегардид, баъдан бошад барқарорсозии фаъоли хоҷагии шаҳрдории вайроншуда оғоз ёфт. Дар маҷмуъ, дар солҳои ҷанг тақрибан 50 млн метри мураббаъ манзил сохта шуд. Аммо дар ақибгоҳ манзили соддакардашуда (хобгоҳҳо) бо суръат бунёд мегардид ва минбаъд масъалаи кӯчонидани аҳолӣ аз харобаҳо хеле шадид буд. Аз ин рӯ, солҳои ҷанг дастовардҳои солҳои 30-юмро дар қисми талаботи қонунгузорӣ ба сифати манзил ба қафо партофтанд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ рушди хоҷагии манзилро дар маҷмуъ ва бахши манзилию коммуналиро бахусус суст гардонд, зеро ҷудо кардани маблағҳои калон аз буҷет барои сохтмон ва нигоҳдории фонди манзил имконнопазир буд. Тағйироти куллӣ дар ҳалли мушкилоти манзил дар солҳои 1960-ум ба амал омад. Бо Қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ аз 31 июли соли 1957 «Дар бораи рушди сохтмони манзил дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ» вазифа гузошта шуд, ки дар муддати кӯтоҳ афзоиши назарраси фонди манзил таъмин карда шавад. Бо вуҷуди ин, мушкилоти манзилӣ ҳамоно шадид боқӣ монд[68].

Дар солҳои пас аз ҷанг, бо мақсади ҳарчи зудтар барқарор намудани фонди манзили Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, махзани саноатӣ ба шакли корхонаҳо ва фабрикаҳои сершумори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ташкил карда шуд ва кор оид ба рушди сохтмони хонаҳои калонпанел оғоз гардид. Ин иқдомҳо, дар якҷоягӣ бо рушди тарҳрезии намунавӣ барои бахши сохтмони ҷамиятӣ ва пайдоиши ғояи ҷойгиркунии

[66] Красавцева Н.Г. Становление механизма правового регулирования государственного жилищного строительства в СССР // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 7 (199). – С. 25-28.

[67] Об улучшении жилищного строительства: постановление СНК СССР № 945 от 23.04.1934 г. // СЗ СССР. – 1934. – № 23. – Ст. 180.

[68] Долгошеев М.А. Обеспечение права на жилище и реализация жилищной политики в Российской Федерации: конституционно-правовые проблемы и пути их решения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2010. – С. 17.

оилавии истиқоматкунандагон, заминаи ислоҳоти манзилии солҳои 1950-умро фароҳам оварданд.

Ба анҷоми марҳилаи дуюм соли 1954 вақте ки дар саросари Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ сохтмони корхонаҳои истеҳсоли конструксияҳо ва ҷузъҳои оҳану бетони васлшаванда барои сохтмон оғоз гардид ва Анҷумани умумииттиҳодии сохтмончиён, меъморон, кормандони соҳаи мошинасозии сохтмонӣ ва роҳсозӣ, инчунин ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва таҳқиқотии илмӣ баргузор шуд. Дар ин анҷуман Н.С. Хрушёв бо суханронӣ дар бораи камбудиҳои меъморӣ баромад намуда, пас аз он ғояи сохтмони иқтисодии намунавии оммавӣ ба принсипи асосӣ дар сиёсати манзил ва қонунгузорӣ табдил ёфт[69].

Дар марҳилаи сеюми рушди танзими ҳуқуқии сохтмони давлатии манзил солҳои 1954-1977 ислоҳоти манзилӣ ва ислоҳоти идоракунии саноат ва сохтмон гузаронида шуданд, ки имкон доданд харочоти сохтмон ба таври назаррас коҳиш ёбад. Тағйироти қонунгузорӣ дар соҳаи сохтмони манзил, ки сохтмони зудсохти калонпанелӣ ва талаботи ҳадди ақали меъёриро ба лоиҳакашии хонаҳои бисёрошёна мустаҳкам карданд, имкон доданд, ки дар саросари Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ба истилоҳ «хрушёвкаҳо хонаҳои истиқоматии иқтисодӣ ва беҳбудёфта барои сокини як оила бунёд шаванд.

Ислоҳоти гузаронидаи низоми идоракунии сохтмон ба шуроҳои хоҷагидорӣ ваколат дод, то захираҳои моддию техникӣ дар ихтиёри онҳо қарор гиранд, ки ин ба истифодаи оқилонаи ташкилотҳои пудратӣ ва лоиҳакашӣ, анборҳо ва воситаҳои истеҳсолии онҳо мусоидат намуд. Дар тӯли 20 соли баъдӣ саноати сохтмон бо қадамҳои хеле зуд рушд меёфт, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти комбинатҳои хонасозӣ афзуда, аммо муҳлати бунёди хонаҳои истиқоматӣ баръакс коҳиш меёфт.

Дар натиҷа, фонди манзил дар шаҳрҳо ва шаҳракҳои то соли 1965 нисбат ба сатҳи пеш аз ҷанг 3 баробар ва то соли 1975 – 4,43 баробар афзуд. Яъне ин марҳила бо натиҷаи махсусе тавсиф мешавад, ки ҳокимият қаблан ба он даст наёфта буд. Ҳачми назарраси сохтмони давлатии манзил (тақрибан 80 млн м² дар як сол) имкон дод, ки дар Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ соли 1977 ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил мустаҳкам карда шавад, ки пеш аз ҳама тавассути рушди фонди манзилии давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин мегардид. Ҳамин тавр, марҳилаҳои рушди танзими ҳуқуқии сохтмони давлатии манзил дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ чунин муайян карда мешаванд: марҳилаи аввал аз соли 1922 то 1932, марҳилаи дуюм аз соли 1932 то 1954, ва марҳилаи сеюм аз соли 1954 то 1977[70].

Маҳз ҷудо гардидани муносибати иҷораи манзил ҳамчун навъи мустақили шартнома дар Асосҳоиҳои қонунгузории мадании Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки соли 1961 қабул шудаанд, инчунин дар Кодекси мадании Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ соли 1964 дорои аҳаммияти калон буд. Ислоҳоти ҳуқуқи манзил барои рушди ҳуқуқи манзил, институтҳои ҳуқуқии моликияти хусусӣ ва кооперативӣ нақши муҳим бозид, аммо он мавқеи асосии ҳуқуқи манзилии Шуравиро, ки таъмини шаҳрвандон бо манзил асосан тавассути пешниҳод кардани он аз ҷониби давлат буд, тағйир надод. Рушди шаклҳои хусусӣ ва кооперативии моликият

[69] Красавцева Н.Г. Этапы развития правового регулирования государственного жилищного строительства в СССР // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 8 (200). – С. 70.

[70] Красавцева Н.Г. Этапы развития правового регулирования государственного жилищного строительства в СССР // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 8 (200). – С. 71.

ҳамчун самти нави сиёсатӣ не, балки ҳамчун воситаи иловагии таҳкими институти таъмини давлатии манзил амалӣ мегардид[71].

Ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҳуқуқи таъмин бо манзили шахсӣ дар ҳаҷми минималии муайян аввалин бор танҳо дар Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ соли 1977 пайдо шудааст[72], ки он ҳамзамон бо эълони уҳдадории давлатӣ барои таъмини сохтмони манзил ва таъмин намудани шаҳрвандони Шуравӣ бо манзил эълон мегардид.

Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ соли 1977 дар моддаи 44 ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзилро муқаррар кардааст. Мавриди зикр аст, ки қаблан шакли нисбатан муваффақи ҳалли мушкили манзил пайдо гардида буд, тавассути ҷалби сармояҳои озоди шаҳрвандон барои ин мақсад, ки дар натиҷа ба таври васеъ кооперативҳои сохтмони манзил таъсис меёфтанд.

Конститутсия, бо муқаррар кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил, рушди ва ҳифзи фонди манзилии давлатӣ ва ҷамъиятиро пешбинӣ менамуд, инчунин сохтмони манзил бо усули кооперативӣ ва инфиродӣ, тақсимоти одилонаи манзил зери назорати ҷамъиятӣ, ки дар асоси барномаи сохтмони манзилҳои бо шароити хуб таъминшуда дода мешуд, ва инчунин пардохти на зиёд барои квартира ва хизматрасониҳои коммуналиро таъмин мекард.

Таҷрибаи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра ҳуқуқ ба манзил воқеан ҳуқуқи амалкунанда буд, қариб ҳамаи шаҳрвандони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ бо манзил, ҳарчанд баъзан на шахсӣ, балки бо истифодаи бемуҳлат таъмин буданд, гарчанде ки ҳаҷми манзил баъзан қонеъкунанда набуд.

Дар солҳои 1960-1970-ум дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ борҳо кӯшишҳо барои такмили низоми хоҷагии манзилию коммуналӣ дар шароити ҳифзи идоракунии марказонидашуда анҷом дода мешуданд. Санади асосии меъёрии он давра Кодекси манзилии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1983 гардид, ки ба таври меъёрӣ ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои манзилию коммуналиро муқаррар мекард. Бо вуҷуди ин, характери маъмурию фармондеҳии идоракунӣ ҳанӯз ҳам бартарӣ дошт, ки барои ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки назорат ва ҳавасмандгардонии сифати хизматрасониҳо монеа эҷод менамуд. Яке аз мушкилоти асосӣ дар ин марҳила сатҳи пасти манбаи моддию техникӣ ва набудани имконияти банақшагирии дарозмуддати муосирсозии инфрасохтор ба шумор мерафт[73].

Рушди минбаъдаи ҳуқуқи манзил дар соли 1981 аз ҷониби Шурои Олии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ қабул гардидани «Асосҳои қонунгузории манзил» аз 24 июни 1981 ба амал омад, ки ин бори аввал дар таърихи ҳуқуқи Шуравӣ қонунгузории манзил кодификатсия гардид. Бунёди Асосҳои қонунгузории мазкур имкон дод, ки ҷумҳуриҳои иттиҳодӣ соли 1983 кодексҳои манзилии мувофиқро қабул намоянд (масалан, 24 июни соли 1983 Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия Кодекси манзилии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россияро қабул кард).

[71] Верещак С.Б. Становление и развитие жилищного права в Советской России (1917-1991 гг.): историко-правовой аспект: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2006. – С. 16.
[72] Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик (принята ВС СССР 07.10.1977) (ред. от 14.03.1990) // Ведомости ВС СССР. – 1977. – № 41. – Ст. 617.
[73] Суслова С.И. Жилищные права: понятие и система: монография. – Москва: Юриспруденция, 2023. – С. 222.

Тибқи назарияи ҳамзамонон, «дар давоми зиёда аз 60 соли мавҷудияти давлати Шуравӣ қонунгузории манзил кодификатсия гардид. Ҳамзамон, бо санадҳои қонунгузории сатҳи олӣ дар соҳаи ҳуқуқи манзил, санадҳои меъёрии дохилиидорвӣ низ амал мекарданд, ки дар бисёр мавридҳо татбиқи онҳоро мушкил мегардонд. Қабули Асосҳои қонунгузории манзил ва кодексҳои манзил бо мақсади танзим ва мураттабсозии қонунгузорӣ ва мутобиқ сохтани он ба талаботи Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ амалӣ карда шуд»[74].

Бо дарназардоштии санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур замина барои ташаккул ва рушди қонунгузории манзил гузошта шуд ва дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия бори аввал сатҳи қонунҳо муносибатҳоеро, ки ба амалигардонии яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои конститутсионӣ ҳуқуқ ба манзил марбут буданд, ба таври муфассал танзим намуд».

Кодекси манзили Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1983 ҳуқуқи шаҳрвандонро ба гирифтани манзил аз давлат таҳким бахшид, ки ин принсипи баробарҳуқуқонаи тақсимоти манзилро дар ҷомеаи Шуравӣ инъикос мекард. Ин равиш то ҷое ба анъанаҳои давраи тоинқилобии танзими давлатӣ такя мекард, вақте ки муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсати хоҷагии манзилию коммуналӣ, аз қабили таъмин намудани манзил ба шаҳрвандони камбизоат ё назорат бар ҳуқуқи иҷора, аллакай дар доираи таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ қарор доштанд. Бо вуҷуди ин, модели Шуравии идоракунии соҳаи манзил аз ин ҳам пештар рафт: унсурҳои бозорӣ, ки дар қонунгузории тоинқилобӣ ҳанӯз ҳифз мешуданд, пурра бардошта шуданд ва идоракунӣ комилан дар дасти давлат мутамарказ шуд.

Дар натиҷа, Кодекси манзили соли 1983 имконияти мутобиқ шудан ба шароити навро надошт, ки ин махсусан дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ эҳсос гардид. То охири асри XX ин модел ниҳоят имкониятҳои худро сарф кард, он дигар наметавонист ниёзҳои шаҳрвандонро дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ таъмин намояд[75].

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба манзил дар моддаи 1 Кодекси манзили Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1983 дар идомаи Асосҳои қонунгузории шуравӣ танзим шудааст[76]. Дар ин давра, танзими мазкур аввалин санад дар соҳаи қонунгузории манзил ба ҳисоб мерафт[77].

Қонунгузорӣ тартиби додани манзил ба шаҳрвандон аз фонди давлатӣ ва ҷамъиятии манзилро муайян мекард. Ба таври мушаххас, Кодекси манзили Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия тартиби нисбатан демократии гирифтани манзилро барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия бо ройгон аз ҳисоби фондҳои умумии истеъмолӣ мустаҳкам мекард ва инчунин устувории муносибатҳоро, ки бо истифодаи манзили додашуда алоқаманд буданд, таъмин менамуд.

Ҳамин тавр, ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия, ки ба беҳтар намудани шароити манзил ниёз доштанд, метавонистанд бидуни монеа дар ҷои зист дар кумитаи иҷроияи Шурои маҳаллӣ ё дар ҷои кор дар корхона, муассиса ё ташкилот ба қайд гирифта шаванд. Дар Кодекси мазкур махсус муқаррар

[74] Грибанов В.П. Основы советского жилищного законодательства. (Пособие для слушателей народных университетов). – М.: Знание, 1983. – С. 12.

[75] Жаркова Е.В. Становление российского законодательства о жилищно-коммунальном хозяйстве: от советского периода к современности. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/ (дата обращения: 24.11.2025).

[76] Жилищный кодекс РСФСР (утв. ВС РСФСР 24.06.1983) (ред. от 20.07.2004) // Ведомости ВС СССР. – 1983. – № 26. – Ст. 833.

[77] Бондаренко О.А. Права и свободы ребенка в конституционном законодательстве советского государства // LegalConcept. – 2016. – № 2. – С. 88.

гардида буд, ки манзилҳо аз фонди давлатӣ ё ҷамъиятӣ, одатан, ба шакли квартираи алоҳида барои як оила дода мешаванд.

Бо мақсади таъсиси кафолатҳои устувори ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзиле, ки истиқомат мекунанд, Кодекс ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иҷорагир ва аъзои оилаи ӯро муфассал муайян менамуд, инчунин шароитҳои нигоҳ доштани манзил барои шаҳрвандоне, ки муваққатан дар хона нестанд, шартҳои мубодила ва иҷораи манзилро ба тариқи фаръӣ муайян мекард. Ба таври мушаххас, қонунгузории манзил уҳдадории шаҳрвандонро барои эҳтиёткорӣ нисбат ба манзил, истифодаи он тибқи мақсад, риояи қоидаҳои истифодабарии манзил, сарфаи оқилонаи об, газ, барқ ва гармиро муқаррар менамуд.

Кодекс номгӯйи асосҳои баровардани шаҳрвандон аз хонаҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятии манзилро муайян мекард, ки дар ин замина тибқи муқаррароти Кодекс баровардани шаҳрвандон танҳо бо тартиби судӣ амалӣ мешуд[78].

Яке аз дастовардҳои муҳим баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар самти қонунгузории манзил, ин қабули Кодекси манзил мебошад, ки он 12 декабри соли 1997, №505 қабул гардида, аз 7 фасл, 9 боб ва 156 модда иборат мебошад. Кодекси мазкур муносибатҳои муҳими ҷамиятиро дар соҳаи истифодабарӣ ва нигаҳдории манзил, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои манзилӣ, муносибатҳои вобаста ба таъмини шахсони эҳтиёҷманд ба манзил ва ғайраро ба танзим медарорад[79].

Яке аз тафовуте, ки дар Кодекси қаблӣ ба назар мерасад, ин муайян кардани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идоракунӣ ва муҳофизати фонди манзил мебошад. Мутобиқи м. 17 Кодекси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба манзил аз соли 1984 мақоми давлатии махсус ваколатдоре, ки идоракунии давлатиро дар соҳаи истифодабарӣ ва муҳофизати фонди манзили Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба амал мебарорад, Вазорати хоҷагии коммуналии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон мебошад[80].

Дар Кодекси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба манзил аз соли 1984 танҳо як навъи шартномаи иҷора муқаррар шуда бошад, пас дар Кодекси амалкунанда ҳам шартномаи кирояи иҷтимоӣ, ҳам шартномаи кирояи тиҷоратӣ ва ҳамзамон шартномаи иҷора муқаррар карда шудааст, ки баҳри дуруст танзим намудани муносибатҳо вобаста ба истифодабарии манзили истиқоматӣ ва дар маҷмуъ барои таъмини дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ хеле мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, қонунгузории манзили Тоҷикистон дар даврони шуравӣ дар марҳилаҳои гуногун ташаккул ва рушд намудааст. Дар асоси таҳлилҳо ва омӯзиши адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ марҳилаҳои зерини рушди қонунгузории манзили Тоҷикистонро ҷудо намуд:

1) аз қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия дар соли 1922 то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

2) аз давраи баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ то қабул гардидани Кодекси манзили Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1983 ва Кодексҳои манзили ҷумҳуриҳои иттифоқӣ; 3) аз қабул гардидани Кодекси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба манзил аз соли 1984 то қабул гардидани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997, № 505.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Каримҷонзода М.К.

[78] Формирование и развитие отраслей права в исторической и современной правовой реальности России: коллективная монография в 12 томах / А.А. Демичев, Р.Л. Хачатуров, Т.А. Батрова [и др.]. – Москва: Юрлитинформ, 2021. – С. 39-40.

[79] Қурбонализода Н.Ш. Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе, 2016.– С. 19.

[80] Кодекси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба манзил. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 15.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Петрова, Ю.А. Генезис развития жилищного законодательства в России (вопросы теории и практики). [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/ (дата обращения: 19.11.2025).

3. Ящук, Т.Ф. О работе по кодификации советского законодательства о местном управлении в 1920-е годы [Текст] / Т.Ф. Ящук // История государства и права. – 2006. – № 7. – С. 36.

4. Қурбонализода, Н.Ш. Такмили қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://elibrary.ru/ (санаи мурочиат: 24.11.2025).

5. Проект Жилищного кодекса // Коммунальное дело. – 1924. – № 1-2. – С. 83-91.

6. Постановление ЦИК СССР, СНК СССР от 19.08.1924 г. «О жилищной кооперации» // Известия ЦИК СССР. – 1924. – 21 августа.

7. Закон СССР от 08.12.1961 (ред. от 12.06.1990) «Об утверждении Основ гражданского законодательства Союза ССР и союзных республик» (вместе с Основами законодательства)» // Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 50. – Ст. 525.

8. Тяжельникова, В.С. Заводское жилье в 1935 – первой половины 1960-х гг. (По материалам завода «Серп и молот») [Текст] / В.С. Тяжельникова // Вестник РУДН. Серия «История России». – 2003. – № 2. – С. 98-102.

9. Постановление ЦИК СССР № 112, СНК СССР № 1843 «О сохранении жилищного фонда и улучшении жилищного хозяйства в городах» от 17 окт. 1937 г. // Собрание постановлений Совета министров (Правительства) РСФСР. – 1939. – № 12. – Ст. 314.

10. Харитонова, А.Е. Основные этапы жилищного строительства в СССР [Текст] / А.Е. Харитонова // Вопросы истории. – 1965. – № 5. – С. 50-64.

11. Ефимкин, М.М. Жилищный фактор в процессе индустриальной адаптации Сибири в XX – XXI вв. [Текст] / М.М. Ефимкин // Опыт решения жилищной проблемы в городах Сибири в XX – начале XXI вв.: сборник научных трудов / Российская академия наук, Сибирское отделение, Институт истории. – Новосибирск: Параллель, 2008. – С. 45-55.

12. Луценко, Н.М. Жилищная проблема и жилищная политика в СССР [Текст] / Н.М. Луценко. – М., 1972. – 486 с.

13. О предоставлении кооперативным объединениям и отдельным гражданам права застройки городских участков: декрет СНК РСФСР от 08.08.1921 // СУ РСФСР. – 1921. – № 60. – Ст. 408.

14. О сохранении жилищного фонда и улучшении жилищного хозяйства в городах: постановление ЦИК и СНК СССР от 17.10.1937 г. // СЗ СССР. – 1937. – № 69. – Ст. 314.

15. Красавцева, Н.Г. Становление механизма правового регулирования государственного жилищного строительства в СССР [Текст] / Н.Г. Красавцева // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 7 (199). – С. 25-28.

16. Об улучшении жилищного строительства: постановление СНК СССР № 945 от 23.04.1934 г. // СЗ СССР. – 1934. – № 23. – Ст. 180.

17. Долгошеев, М.А. Обеспечение права на жилище и реализация жилищной политики в РФ: конституционно-правовые проблемы и пути их решения [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Долгошеев Максим Андреевич. – Москва, 2010. – 26 с.

18. Красавцева, Н.Г. Этапы развития правового регулирования государственного жилищного строительства в СССР [Текст] / Н.Г. Красавцева // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 8 (200). – С. 71-80.

19. Верещак, С.Б. Становление и развитие жилищного права в Советской России (1917-1991 гг.): историко-правовой аспект [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук / С.Б. Верещак. – Нижний Новгород, 2006. – С. 30.

20. Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик (принята ВС СССР 07.10.1977) (ред. от 14.03.1990) // Ведомости ВС СССР. – 1977. – № 41. – Ст. 617.

21. Суслова, С.И. Жилищные права [Текст]: понятие и система: монография / С.И. Суслова. – Москва: Юриспруденция, 2023. – 222 с.

22. Грибанов, В.П. Основы советского жилищного законодательства. (Пособие для слушателей народных университетов) [Текст] / В.П. Грибанов. – М.: Знание, 1983. – 64 с.

23. Жаркова, Е.В. Становление российского законодательства о жилищно-коммунальном хозяйстве: от советского периода к современности // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/ (дата обращения: 24.11.2025).

24. Жилищный кодекс РСФСР (утв. ВС РСФСР 24.06.1983) (ред. от 20.07.2004) // Ведомости ВС СССР. – 1983. – № 26. – Ст. 833.

25. Бондаренко, О.А. Права и свободы ребенка в конституционном законодательстве советского государства [Текст] / О.А. Бондаренко // LegalConcept. – 2016. – № 2. – С. 88-96.

26. Формирование и развитие отраслей права в исторической и современной правовой реальности России: коллективная монография в 12 томах / А.А. Демичев, Р.Л. Хачатуров, Т.А. Батрова [и др.]. – Москва: Юрлитинформ, 2021. – С. 39-46.

27. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе, 2016.– 216 с.

28. Кодекси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба манзил. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 120 с.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЖИЛИЩНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА В СОВЕТСКУЮ ЭПОХУ

Ключевые слова: жилищное законодательство; частная собственность; право на жилье; строительство; жилищная кооперация; советский период; жилье; периодизация жилищного законодательства.

Аннотация. В данной статье были проанализированы вопросы формирования и развития жилищного законодательства Республики Таджикистан в советское время. Автор исследовал циклы развития жилищного законодательства, поэтапное развитие советского законодательства и мнения ученых в этой области. С учетом проведенного анализа были предложены периоды формирования жилищного законодательства Таджикистана в советское время.

Садуллозода Шамсиддин – соискатель юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 93-904-04-03. E-mail: sadullozoda@mail.ru

FORMATION AND DEVELOPMENT OF HOUSING LEGISLATION IN TAJIKISTAN DURING THE SOVIET ERA

Keywords: housing legislation; private property; right to housing; construction; housing cooperation; Soviet period; housing; periodization of housing legislation.

Annotation. This article analyzes the issues of the formation and development of housing legislation of the Republic of Tajikistan during the Soviet period. The author has studied the cycles of development of housing legislation, the gradual development of Soviet legislation and the opinions of scientists in this field. Based on the analysis, the periods of formation of Tajikistan's housing legislation during the Soviet era were proposed.

Sadullozoda Shamsiddin – competitor of the Faculty of Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 93-904-04-03. E-mail: sadullozoda@mail.ru

5.5.2. ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

АСКАРАЛИЗОДА САМАНДАР АСКАРАЛИ,
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
Тел.: (+992) 933-33-39-53; E-mail: samandar1295@mail.ru.

ТДУ: 342.7

ҶОЙГОҲИ ҲУҚУҚ БА ГИРИФТАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚИИ ТАХАССУСӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Калидвожаҳо: ҷойгоҳи ҳуқуқ; ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ; ёрии ҳуқуқии тахассусӣ; ҳуқуқу озодӣ; давлати ҳуқуқбунёд; давлати иҷтимоӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур таҳлили мубрами ҳуқуқи муосири Тоҷикистон, амалӣ гардидани бевоситаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Қобили зикраст, ки дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба муайян кардани ҷойгоҳи ҳуқуқ ба ёрии тахассусӣ дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Демократикунонии низоми сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, инчунин дар сатҳи конститутсионӣ эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд, зарурати азнавсозии амиқи шаклу усулҳои фаъолияти институтҳои ҳуқуқиро, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон вобаста мебошанд, ба миён овардааст. Дар чунин шароит масъалаи таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Чунончи, дар м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Аз муҳтавои ин муқаррароти конститутсионӣ бармеояд, ки эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳими ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсие мебошанд, ки дар кишвар амалӣ мегарданд. Мазмуни чунин ислоҳот, пеш аз ҳама, бояд ба беҳтар гардидани вазъи ҳуқуқии шахс, таъмини озодии инфиродӣ, дахлнопазирӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ, имконияти амалисозии ҳуқуқҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ, инчунин иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ равона карда шавад. Дар ин замина Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қ. 1 м. 92 ба ҳар шахс ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқиро дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат медиҳад, ки таъмини он ба зиммаи давлат вогузор шудааст[81].

[81] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 2.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ маъмулан ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд: ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ[82]. Аммо дар мавриди муайян намудани мансубияти ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба яке аз гурӯҳҳои мазкур дар адабиёти илмӣ мавқеъҳои гуногун ба назар мерасанд.

Мувофиқи яке аз назарияҳои мавҷуда, ҳуқуқҳои шахсӣ худ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешаванд. Ба зергурӯҳи аввал ҳуқуқҳои бунёдӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодии шахсӣ ва ҳуқуқ ба тамомияти ҷисмонӣ дохил мешаванд. Ба зергурӯҳи дуюм бошад, он ҳуқуқҳое мансуб дониста мешаванд, ки ҳуқуқҳои зергурӯҳи аввалро мушаххас ва такмил медиҳанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии сухан, ҳуқуқ ба озодии виҷдон, озодии ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба мукотиба ва суҳбатҳои телефонӣ, инчунин кафолатҳои мурофиавӣ-ҳуқуқии марбут ба таъмини озодии шахсӣ[83].

Тибқи назарияи дигар, ҳуқуқ ба гирифтани ёрии тахассусии ҳуқуқӣ на ҳамчун ҳуқуқи мустақили шахсӣ, балки ҳамчун яке аз кафолатҳои мурофиавии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ арзёбӣ мегардад[84]. Чунин равиш нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ нисбат ба табиати ҳуқуқии ин ҳуқуқ ҳанӯз ҳам ягонагии назар вуҷуд надорад ва масъалаи мазкур таҳқиқи минбаъдаи назариявиро тақозо менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки таснифоти зикршуда дар масъалаи мансуб донистани ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои шахсӣ, ба назари муаллиф, хусусияти баҳсбарангез дорад. Сабаб дар он аст, ки дар доираи чунин равиш ин ҳуқуқ танҳо яке аз ҷанбаҳои худро инъикос менамояд, яъне ҳифзи амнияти шахсро дар шакли таъмин намудани озодӣ аз айбдоркунии беасос ва муҳокимаи ғайриодилона. Ҳол он ки дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ба таври нисбатан мукаммал таҳким ёфтааст (м. 92). Аз ин рӯ, мазмуни он танҳо бо ҷанбаи ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ маҳдуд намегардад, балки метавонад ба ҳифзи ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ иртибот дошта бошад.

Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ баъзе муаллифон ҳуқуқи гумонбаршаванда, айбдоршаванда ё судшавандаро ба ҳимоя дар суд ба гурӯҳи ҳуқуқҳои сиёсӣ мансуб донистаанд. Онҳо мавқеи худро чунин асоснок менамоянд: «Ҳуқуқи гумонбаршаванда ба ҳимоя яке аз ҳуқуқҳое мебошад, ки дахлнопазирии шахсӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандро дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунад, яъне дар раванди иҷрои вазифаҳои тафтишоти ҷиноятҳо ва амалӣ намудани адолати судӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ»[85]. Воқеан, ҳар як ҳуқуқи конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, ба ин ё он андоза бо сиёсат алоқаманд буда, дорои мазмуни сиёсӣ низ мебошад. Бо вуҷуди ин, маҳдуд намудани моҳияти он танҳо дар доираи ҳуқуқҳои сиёсӣ, ба назари мо, дуруст нахоҳад буд.

Дар ин замина ҷолиб аст, ки И.В. Ростовшиков гурӯҳи алоҳидаи шашуми ҳуқуқҳои конститутсиониро ҷудо менамояд[86]. Аксари муаллифон ин гурӯҳро ҳамчун кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо арзёбӣ мекунанд[87]. Дар доираи ин гурӯҳ кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо, одатан, ба ду зергурӯҳ тақсим мешаванд: кафолатҳои

[82] Баглай М.В. Конституционное право Российкой Федерации. – М., 2006. – С. 164.
[83] Енгибарян Р.В. Сравнительное конституционное право. – М., 2005. – С. 282.
[84] Бондарь Н.С. Власть и свобода на весах конституционного правосудия: защита прав человека Конституционным Судом Российской Федерации. – М., 2005. – С. 554.
[85] Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М., 1970. – С. 52.
[86] Ростовщиков И.В. Обеспечение прав и свобод личности в СССР // Вопросы теории. – Саратов, 1988. – С. 40-41.
[87] Так, М.В. Баглай пишет: «Конституция содержит специальные статьи (ст. 45-54), устанавливающие гарантии реализации прав и свобод граждан» (Баглай М.В. Указ. соч. – С. 247).

умумии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолатҳои ҳуқуқӣ. Ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ маҳз ба зергурӯҳи дуюм мансуб дониста мешавад. Ба таври возеҳ дида мешавад, ки заминаи назариявии ҷудо кардани чунин гурӯҳи шашум ба таҳияи институти кафолатҳои ҳуқуқии шахс асос меёбад. Чунонки Л.Д. Воеводин таъкид менамояд: «Ҳуқуқ ва озодиҳо бештар аз ҳама ба кафолатҳо ниёз доранд, зеро маҳз онҳо унсури ҳаракатнок ва динамикии асосҳои вазъи ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд»[88].

Бояд зикр кард, ки дар осори илмии М.В. Баглай, Л.Д. Воеводин ва И.Е. Фарбер ин гурӯҳи ҳуқуқҳо ба кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ мансуб дониста шудаанд[89]. Дар ҳақиқат, қисми зиёди чунин ҳуқуқҳо бештар дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ аз ҷониби суд таҷассум меёбанд. Аммо доираи амали онҳо танҳо бо марҳилаи баррасии парванда аз ҷониби суд маҳдуд намешавад. Ин ҳуқуқҳо метавонанд дар дигар ҳолатҳо низ татбиқ гарданд, аз ҷумла ҳангоми ба ҷавобгарии маъмурӣ ё интизомӣ кашидани шахс аз ҷониби шахсони мансабдор. Ҳуқуқи шахс ба надодани шаҳодат бар зидди ҳамсар ё хешовандони наздикаш, инчунин принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ низ танҳо ба соҳаи адолати судӣ маҳдуд карда намешаванд.

Дар ҳамин асно З.Х. Искандаров қайд менамояд, ки ҳар гуна ҳуқуқи субъективӣ ба таъмини неъмати муайяни иҷтимоии муҳим равона гардидааст. Дар мавриди мазкур чунин неъмат гирифтани ёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамзамон ҳамчун воситаи таъминкунандаи татбиқ ва ҳифзи дигар ҳуқуқу озодиҳои шахсият низ хизмат мекунад. Бо вуҷуди ин, таносуби ин вазифаҳо баробар нест. Ба андешаи муҳаққиқ, барои ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ маҳз вазифаи кафолатӣ аҳаммияти афзалиятнок дорад, зеро таъиноти асосии он дар фароҳам овардани шароит барои татбиқи самаранок ва ҳифзи дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифода меёбад[90].

Гузашта аз ин, баъзе аз ҳуқуқҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба соҳаи адолати судӣ нисбат медиҳад, дар амалия танҳо дар доираи фаъолияти суд татбиқ намегарданд. Масалан, принсипи конститутсионии «Ҳеҷ кас барои як ҷиноят такроран ҷазо дода намешавад» на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, балки дар раванди баррасии баъзе парвандаҳои маъмурӣ низ аҳаммияти амалӣ дорад. Ҳамчунин, меъёрҳои конститутсионие, ки ба танзими мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд ва маҳз бо ҳамин сабаб баъзе муаллифон онҳоро ба адолати судӣ нисбат медиҳанд, на танҳо ба ҳуқуқҳои шахсе, ки парвандаи ӯ дар суд баррасӣ мешавад, балки ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ ба вуҷуд меоянд, низ тааллуқ доранд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқи мавриди таҳқиқ, яъне ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусиро танҳо ба доираи адолати судӣ мансуб донистан асоснок ба назар намерасад.

Дар ҳамаи таснифотҳои мавҷуда, мутаассифона, на ҳамеша имкони ба таври дақиқ муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ фароҳам меояд. Гарчанде ки баъзе муаллифон таснифоти ба истилоҳ «универсалӣ»-ро пешниҳод менамоянд, ки метавонанд ҳамчун заминаи ибтидоӣ барои низомсозии минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳо хидмат кунанд, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ на ҳамеша ба осонӣ дар чорчӯби чунин гурӯҳбандӣ ҷой дода мешавад. Масалан, Л.Д. Воеводин ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро ба се самти асосӣ гурӯҳбандӣ менамояд: дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва ҳаёти хусусӣ; дар соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ-сиёсӣ; дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.

[88] Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России. – М., 1997. – С. 222.
[89] Советское государственное право / под ред. И.Г. Фарбера. – Саратов, 1979. – С. 321.
[90] Искандаров З.Х. Право человека на оказание ему квалифицированной юридической помощи при производстве по уголовному делу // Труды Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан. – 2008. – № 11. – С. 42-51.

Бо дарназардошти чунин таснифот, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ метавонад, ҳамзамон ба ҳамаи се гурӯҳи зикршуда, яъне ба гурӯҳҳои якум, дуюм ва сеюм мансуб дониста шавад. Ин ҳолат бори дигар табиати мураккаб ва бисёрҷанбаи ҳуқуқи мазкурро тасдиқ менамояд.

В.М. Чхиквадзе низ бар он назар аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳо вобаста ба он ки кадом навъи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд ва дорои кадом хусусиятҳо мебошанд, ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд, аз ҷумла: ҳуқуқу озодиҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа, дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин дар муносибатҳои байни одамон, миёни шахс ва ҷомеа, шаҳрванд ва давлат[91].

Н.В. Витрук бошад, ҳуқуқҳои шахсиро мутобиқ ба мазмун ва вазифаи иҷтимоии онҳо, инчунин вобаста ба навъи неъматҳое, ки дар заминаи онҳо қарор доранд, ва навъи эҳтиёҷоту манфиатҳои шахсӣ, ки тавассути онҳо қонеъ гардонида мешаванд, тасниф менамояд[92]. Дар доираи чунин равиш, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ аз нуқтаи назари неъматҳои ҳифзшавандаи шахсӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои шахсии инсон дохил мешавад.

Азбаски ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои фард равона гардида, татбиқи он ба таъмини манфиатҳои муҳими иҷтимоии шахс вобаста мебошад, метавон онро дорои баъзе хусусиятҳои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ низ арзёбӣ кард. Дар айни замон, ин ҳуқуқ хусусияти молумулкӣ надорад ва, аз ин лиҳоз, аз ҳуқуқҳое чун ҳуқуқи моликият фарқ мекунад.

Ҳамзамон, дар илми ҳуқуқшиносӣ таснифоти ҳуқуқҳои субъективӣ ба ҳуқуқҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ низ мавҷуд аст[93]. Бо вуҷуди ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси кофии ҳуқуқӣ барои мансуб донистани ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ танҳо ба гурӯҳи ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ вуҷуд надорад. Дар асл, ҳуқуқи мазкур махсусан дар он ҳолатҳое аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки шахс ба доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳокимиятӣ ворид мегардад, масалан ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, мавриди бозпурсии маъмурӣ қарор гирифтан ва ғайра. Ҳамзамон, муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ низ бе истифодаи ёрии ҳуқуқӣ наметавонанд ба таври пурра ва самаранок амалӣ гарданд. Аз ҷумла, муносибатҳои вобаста ба моликияти хусусӣ низ дорои мазмуни ҳуқуқӣ буда, дар бисёр ҳолатҳо татбиқи онҳо бидуни ёрии ҳуқуқӣ душвор ё ҳатто ғайриимкон мегардад.

Олимони ватанӣ А.М. Диноршоев (А.М. Диноршоҳ) таъкид менамояд, ки ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ метавонад тавассути як қатор қоидаҳои умумикунанда шарҳ дода шавад. Ба андешаи мавсуф, пеш аз ҳама, ин ҳуқуқ падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ буда, на танҳо дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам гардидааст, балки дар доираи соҳаҳои гуногуни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инкишоф меёбад. Он дар чорчӯбаи мурофиаи маданӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, конститутсионӣ ва иқтисодӣ татбиқ гардида, имкон медиҳад ҳамчун институти маҷмуии ҳуқуқӣ арзёбӣ гардад, ки маҷмуи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Илова бар ин, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар якчанд ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд зоҳир мегардад: ҳамчун ҳуқуқи субъективии шахс, ҳамчун принсипи бунёдии амалисозии адолати судӣ ва ҳамчун кафолати конститутсионии татбиқ ва ҳифзи дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Ҳамзамон, ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ он

[91] Чхиквадзе В.М. Международные аспекты проблемы прав человека // Права человека: проблемы и перспективы. – М., 1990. – С. 35.
[92] Кабалкин А.Ю. Социально-экономические права советских граждан (в отраслях права цивилистического профиля) / отв. ред. В.М. Яхиквадзе. – М., 1986. – С. 20.
[93] Тихомиров Ю.А. Публичное право. – М., 1995. – С. 126-134.

маҷмуи ваколатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавиро дар бар гирифта, имконияти мурочиат ба суд ва барқарорсозии самараноки ҳуқуқҳои вайроншударо таъмин менамояд[94].

Аз рӯйи шакли амалисозӣ, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусиро метавон ҳам ба гурӯҳи ҳуқуқҳои инфиродӣ ва ҳам ба гурӯҳи ҳуқуқҳои коллективии конститутсионӣ мансуб донист. Ин ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқи инфиродӣ дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки шахс онро барои ҳифзи манфиатҳои шахсии худ истифода мебарад, масалан ҳангоми гирифтани машварати нотариалӣ оид ба масъалаҳои мерос. Дар баробари ин, ёрии ҳуқуқӣ метавонад дар шакли дастаҷамъӣ низ пешниҳод шавад, аз ҷумла тавассути баргузории маърузаҳо, машваратҳои умумӣ ва дигар шаклҳои иттилоърасонии ҳуқуқӣ.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин, ба се насл ҷудо карда мешаванд: ҳуқуқҳои насли аввал – ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (шахсӣ) ва сиёсӣ; ҳуқуқҳои насли дуюм – ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ; ҳуқуқҳои насли сеюм – ҳуқуқ ба сулҳ, ҳуқуқ ба муҳити зисти солим, ҳуқуқ ба сатҳи муносиб ва шоистаи зиндагӣ, ҳуқуқ ба рушд, ҳуқуқ ба таъминот, ҳуқуқ ба истифодаи захираҳои табиии кишвари худ, ҳуқуқ ба мероси умумии инсоният ва ғ.[95]

Ба назари мо, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, пеш аз ҳама, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои насли аввали инсон тааллуқ дорад, зеро ҳуқуқ ба ҳимоятгар (адвокат) дар суд ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои қадимтарин ва бунёдии субъективӣ маҳз дар доираи ҳуқуқҳои шахсӣ ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди ин, ҳуқуқи мазкур, дар баробари доштани унсурҳои нисбатан устувор ва тағйирнопазир, дар раванди рушди ҷомеа хусусиятҳои нав низ касб мекунад. Аз ҷумла, он метавонад аломатҳои хоси ҳуқуқҳои иҷтимоиро низ дар бар гирад, масалан дар шакли ҳуқуқ ба ёрии ройгони ҳуқуқӣ. Аз ин ҷиҳат, дар баъзе паҳлуҳо ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусиро метавон ба ҳуқуқҳои насли дуюм низ наздик донист.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи мавриди таҳқиқ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои субъективии конститутсионӣ ҷойгоҳи махсус дошта, он на ба таври ҷудогона, балки дар иртибот ва ҳамбастагӣ бо дигар ҳуқуқҳои субъективии конститутсионӣ амал менамояд. Маҳз ҳамин хусусияти мураккаб ва бисёрсамтаи он муайян намудани ҷойгоҳи дақиқи ин ҳуқуқро дар доираи таснифоти анъанавии ҳуқуқу озодиҳои инсон душвор мегардонад.

Робитаи зичи ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ бо ҳуқуқҳои шахсии конститутсионӣ ба таври возеҳ мушоҳида мегардад. Яке аз унсурҳои таркибии ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, яъне ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқӣ, дар ибтидо маҳз ба гурӯҳи ҳуқуқҳои шахсӣ мансуб дониста мешуд. Дар бисёр мавридҳо амалӣ гардонидан ва ҳифзи чунин ҳуқуқҳои шахсӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, шаъну шараф, ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва ғайра, бидуни дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ амалан номумкин мегардад. Зеро маҳз ҳамин ҳуқуқ ба шахс имконият фароҳам меорад, ки мазмун ва ҳудуди ваколатҳои аз ҳуқуқҳои мазкур бармеомадаро дарк намуда, тарзу воситаҳои ҳифзи онҳоро муайян созад.

Миёни ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ низ алоқамандии муайян вуҷуд дорад. Моҳияти ин робита дар он ифода меёбад, ки дар баъзе ҳолатҳо амалишавии яке аз онҳо метавонад ба сатҳи таъмин гардидани ҳуқуқи дигар вобаста бошад. Албатта, чунин вобастагӣ на ҳамеша хусусияти мустақим дорад. Вайрон шудани ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ худ аз худ ҳуқуқ ба ҳаётро бевосита маҳдуд намекунад. Бо вуҷуди ин, маҳрум сохтан аз ёрии ҳуқуқии тахассусӣ метавонад ба чунин вазъият оварда расонад, ки ҳаёт ва амнияти шахс зери таҳдид қарор гиранд.

[94] Диноршоев А.М. Защита прав человека в уголовном и гражданском судопроизводстве в Республике Таджикистан // Вестник Педагогического университета. – 2015. – №1/1 (62). – С. 84-88.

[95] Топорнин Б.Н. Конституционный статус личности: Уроки истории и современные проблемы // Современный конституционализм (по материалам советско-британского симпозиума). – М., 1990. – С. 18.

Масалан, набудани ёрии ҳуқуқии зарурӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ё шаҳрвандӣ метавонад барои шахсе, ки баҳсро мағлуб мешавад, оқибатҳои ниҳоят вазнин ба бор оварад ва дар шароити камбизоатӣ, гуруснагӣ ё дигар омилҳои иҷтимоӣ ҳатто боиси таҳдид ба ҳаёти ӯ гардад.

Дар баробари ин, ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, бар хилофи ҳуқуқ ба ҳаёт, мушкилоти ҳаёти инсонро пеш аз ҳама дар иртибот бо муносибати ӯ бо соҳаи ҳуқуқ ва сатҳи таъсири эҳтимолии манфии ин соҳа ба вазъи шахс баррасӣ менамояд, сарфи назар аз он омилҳое, ки одатан дар таҳқиқоти вобаста ба ҳуқуқ ба ҳаёт мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ бо ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ низ робитаи бевосита дорад. Ҳар шахс аз ҳуқуқ ба ҳифзи шахсӣ бархӯрдор буда, маҳз тавассути он ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсии худро амалӣ менамояд. Дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ маҳдуд мегардад, аҳаммияти ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ махсусан афзоиш меёбад. Маҳз дар лаҳзаи маҳдуд шудани озодӣ шахс бештар аз ҳар вақти дигар ба дастгирии ҳуқуқии тахассусӣ эҳтиёҷ пайдо мекунад. Бесабаб нест, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замони таъмин гардидани чунин ёриро ҳангоми маҳдуд сохтани озодӣ мустақиман муайян намудааст. Чунончи, мутобиқи м. 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс кардан мумкин нест ва ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода намояд. Яъне барои шахси боздоштшуда – аз лаҳзаи боздошт, барои шахси дар ҳабс қарордошта – аз лаҳзаи ба ҳабс гирифтан ва барои айбдоршаванда – аз лаҳзаи эълон гардидани айб чунин ҳуқуқ ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, мутобиқи сархати аввали м. 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.

Байни ҳуқуқ ба ҳифзи шахсӣ ва ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими таъмини ҳифзи шахсият умумиятҳои зиёде мавҷуданд. Аз як ҷониб, ҳар ду ҳуқуқ ба ҳар шахсе тааллуқ доранд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Маҳз ҳамин хусусият онҳоро аз як қатор ҳуқуқҳои дигар, масалан ҳуқуқҳои интихоботӣ, ки танҳо ба шаҳрвандон тааллуқ доранд, ё ҳуқуқҳое, ки танҳо ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, синнусолӣ ва ё дигар гурӯҳҳо мансуб мебошанд, фарқ менамояд. Аз ҷониби дигар, ҳар ду ҳуқуқ аз нигоҳи моҳият арзиши мустақими моддию иқтисодӣ надоранд, бар хилофи ҳуқуқ ба моликият. Ин гуна ҳуқуқҳо аз лаҳзаи таваллуд ба шахс мансуб шуда, ба дигарон вогузор карда намешаванд. Ҳамзамон миёни онҳо фарқият низ вуҷуд дорад: агар ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ бидуни вобастагӣ ба марҳилаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ доимӣ амал кунанд, пас ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, одатан, танҳо дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои муайяни ҳуқуқӣ фаъол мегардад.

Пайванди муайян миёни ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ва ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳангоми таҳлили ҳамбастагии ин ду ҳуқуқ зарур аст ҳам нуқтаҳои умумӣ ва ҳам фарқиятҳои онҳо дар танзими ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шаванд. Мавзуи танзими ҳуқуқӣ дар доираи ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ он муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, ки ба таъмини чунин ҳолат равона шудаанд, ки дар он барои инсон сатҳи ҳарчи баланди озодӣ аз бемориҳо ва дигар таъсирҳои зараровари дорои маншаъҳои гуногун муҳайё гардад. Маълум аст, ки сатҳи саломатии инсон ва ҷомеа аз маҷмуи омилҳои гуногун вобаста мебошад, аз ҷумла аз сатҳи зиндагии аҳолӣ, сифати маҳсулоти истеъмолшаванда, тарзи ҳаёти шахс, вазъи низоми тандурустӣ, муҳити зист ва дигар омилҳо. Қисми зиёди ин неъматҳо маҳз тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ танзим ва тақсим карда мешаванд. Аз ҷумла, худи низоми суғуртаи тиббӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ

муқаррар гардидааст. Бинобар ин, барои истифодаи пурра ва самараноки чунин неъматҳо, ки мазмуни ҳуқуқ ба ҳифзи саломатиро ташкил медиҳанд, шахс ба ёрии ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин ҷо метавон ба хулоса омад, ки таъмини воқеии саломатии инсон бидуни дастрасии муносиб ба воситаҳои ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқии тахассусӣ душвор, ва дар баъзе мавридҳо, номумкин мебошад.

Ҳамин тариқ, дар доираи ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ объекти танзими ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки на ба таъмини мустақими ҳолати хуби саломатии инсон ҳамчун арзиши мустақил, балки ба фароҳам овардани имкониятҳои зарурии ҳуқуқӣ барои ноил гардидани субъект ба чунин ҳолати мусоид равона шудаанд. Аз ин лиҳоз, фарқияти принсипиалии байни ин ду ҳуқуқ, пеш аз ҳама, дар гуногун будани объекти танзими ҳуқуқии онҳо ифода меёбад. Дар айни замон, субъектҳои ҳар ду ҳуқуқ, чун қоида, ҳамаи шахсон мебошанд, сарфи назар аз миллат, нажод, синну сол, ҷойи истиқомат ва дигар аломатҳо.

Ҳуқуқи мавриди таҳқиқ бо ҳуқуқи субъективии конститутсионии шахс ба ҳаёти хусусӣ низ робитаи зич дорад. Мазмуни ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ он паҳлуҳои зиндагии шахсро дар бар мегирад, ки ӯ намехоҳад онҳоро барои дигарон ошкор намояд. Шахс тавассути амалисозии ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ метавонад доираи он ҷанбаҳои ҳаёти шахсии худро, ки бояд аз ҷониби қонун ҳифз карда шаванд, муайян ва ҳимоя намояд. Ҳамзамон, ҳамоҳангии ин ду ҳуқуқ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ шахсе, ки чунин ёриро пешниҳод мекунад, метавонад, ҳатто новобаста аз иродаи худ, ба баъзе ҷанбаҳои ҳаёти хусусии шахси муроҷиаткунанда дастрасӣ пайдо намояд. Аз ин рӯ, таъмини тавозун миёни ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ аҳаммияти махсус дорад.

Ба назар мерасад, ки яке аз шартҳои муҳими амалисозии ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ин таъмин гардидани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба иттилоот мебошад, ки бояд пурра ва боэътимод бошад. Ҳуқуқ ба иттилоот, одатан, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои сиёсӣ мансуб дониста шуда, амалисозии он дар доираи озодии сиёсӣ сурат мегирад. Ҳуқуқ ба иттилооти пурра ва боэътимоди ҳуқуқӣ бошад, ҷузъи таркибии ҳуқуқи васеътар ба иттилоот маҳсуб меёбад. Дар доираи ин ҳуқуқ ҳар шахс бояд имконияти гирифтани маълумоти дақиқ ва боэътимодро аз шахсони дигар ва мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба масъалаҳои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои худ, инчунин ҷустуҷӯ, дарёфт ва паҳн намудани иттилоот дошта бошад.

Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари субъектӣ миёни ин ҳуқуқҳо умумиятҳои зиёд мавҷуданд. Агар ҳуқуқ ба иттилоот ҳамчун ҳуқуқи мустақили конститутсионӣ баромад намояд, пас ҳуқуқ ба гирифтани иттилооти боэътимоди ҳуқуқӣ танҳо яке аз унсурҳои таркибии он ба ҳисоб меравад. Субъектҳои ҳар ду ҳуқуқ ҳамаи шахсоне мебошанд, ки ба маълумот дар бораи мазмун, ҳаҷм ва тартиби амалисозии ҳуқуқу озодиҳои худ дастрасӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи мавриди баррасӣ дар баъзе ҷанбаҳо ба ҳуқуқҳои сиёсӣ шабоҳат дорад, зеро ҳуқуқҳои сиёсӣ низ, чун қоида, хусусияти ғайримолумулкӣ доранд. Аммо ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ аз онҳо бо он фарқ мекунад, ки дорои мазмуни барҷастаи ҳимоявӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ҷанбаи дигари робитаи зичи ин ҳуқуқҳо дар он ифода меёбад, ки маҳз ба шарофати амалисозии ҳуқуқҳои сиёсӣ, таҳкими низоми демократӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ заминаи зарурӣ барои татбиқи самараноки ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ фароҳам оварда мешавад.

Ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, инчунин, бо гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон низ робитаи зич дорад. Ҳаёти иқтисодии кишвар ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мегардад. Аз ин сабаб, донистан ва дуруст дарк намудани ин

меъёрҳо барои шахсоне, ки дар муносибатҳои граждани, соҳибкорӣ ва дигар равандҳои иқтисодӣ иштирок мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Дар чунин шароит ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ баромад менамояд. Аз ҷумла, он барои татбиқи чунин ҳуқуқҳо, мисли ҳуқуқ ба фаъолияти иқтисодӣ ва ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, аҳаммияти махсус дорад, зеро бе дастгирии ҳуқуқии тахассусӣ ҳифз ва амалисозии самараноки онҳо дар бисёр ҳолатҳо душвор мегардад.

Робитаи ёрии ҳуқуқӣ бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки дар баъзе ҷанбаҳо худи ёрии ҳуқуқӣ хусусияти иҷтимоӣ касб менамояд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусии ройгон ҳамчун як навъи ҳуқуқи иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад, зеро он ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ имконият фароҳам меорад, ки аз ин неъмати иҷтимоӣ, яъне ёрии ҳуқуқӣ, баҳравар гарданд. Бидуни дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ татбиқ ва ҳифзи чунин ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, мисли ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқ ба манзил, на танҳо мушкил, балки дар баъзе ҳолатҳо ҳатто ғайриимкон мегардад.

Алоқамандии муайян миёни ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ва ҳуқуқҳои фарҳангии инсон низ мушоҳида мешавад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи ҳуқуқ ба машғул шудан ба фаъолияти илмӣ ва эҷодӣ, инчунин иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ меравад, ки густариши оммавии онҳо шарти муҳимми рушди фарҳангӣ ва илмии кишвар ба ҳисоб меравад ва танҳо дар заминаи сатҳи баланди маърифати умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ метавонад ба таври комил амалӣ гардад. Аз ин рӯ, ҳифзи чунин ҳуқуқҳо аз ҷониби субъект дарки моҳияти ҳуқуқии онҳо, донистани механизм ва марҳилаҳои ҳимоя, инчунин шиносоӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳое, ки барои гирифтани иттилооти зарурӣ ба онҳо муроҷиат кардан мумкин аст, тақозо менамояд.

Ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ бо як қатор дигар ҳуқуқҳои субъективии конститутсионӣ низ робитаи зич дорад, аз ҷумла бо ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ҳуқуқи ҷабрдидагони ҷиноят ба талаб кардани ҷуброни зарари расонидашуда, ҳуқуқ ба фарзияи бегуноҳӣ ва ҳуқуқе, ки шахсро аз уҳдадории исбот кардани бегуноҳии худ озод менамояд.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ бо он тавсиф мешавад, ки ҳангоми амалисозии он на танҳо замина барои истифодаи ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба вуҷуд меояд, балки дар бисёр мавридҳо татбиқи ҳатмии ин ҳуқуқ низ таъмин мегардад. Шахсе, ки барои ҳимояи судӣ муроҷиат кардааст, метавонад аз хизмати вакил ё намоянда истифода накунад, аммо дар ҳар сурат дар ҷараёни муҳокимаи судӣ аз ҷониби судя ба ӯ ёрии ҳуқуқӣ расонида мешавад. Аз тарафи дигар, маҳз ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи самаранок имкон медиҳад, ки муносибатҳои вобаста ба вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳо ба роҳи ҳимояи судӣ равона карда шаванд.

Фарзияи бегуноҳӣ низ яке аз унсурҳои муҳимми кафолати ҳуқуқии шахс мебошад. Мувофиқи он, шахсе, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, то замони ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд ва ё то исбот гардидани гуноҳи ӯ гунаҳкор дониста намешавад. Аз ин рӯ, барои амалисозии воқеии ҳуқуқ ба ҳимоя, чунин шахс бояд имконияти истифода аз ёрии ҳуқуқии тахассусиро дошта бошад. Нодида гирифтан ё рад намудани фарзияи бегуноҳӣ ногузир ба маҳдуд ё инкор гардидани ҳуқуқ ба ҳимоя меоварад.

Ҳуқуқе, ки шахсро аз уҳдадории исбот кардани бегуноҳии худ озод мекунад, низ бо ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар чанд ҷанба робита дорад. Аввалан, шахс метавонад ёрии ҳуқуқиро дар шакли гирифтани иттилоот дар бораи он, ки ӯ барои исботи бегуноҳии худ уҳдадор нест, дарёфт намояд. Сониян, дар адабиёти илмӣ то ҳол масъалаи паҳн гардидани чунин маънъ ба ҳимоятгар мавриди баҳс қарор дорад, яъне агар ба зиммаи

айбдоршаванда уҳдадории исботкунӣ гузошта нашавад, оё ин қоида нисбат ба ҳимоятгар низ татбиқ мегардад ё не.

Баъзе муҳаққиқон чунин назар доранд, ки «иштироки ҳимоятгар дар пешниҳод намудани далелҳо ба манфиати айбдоршаванда ё барои сабуктар кардани гунаҳкории ӯ хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ дорад»[96]. Гурӯҳи дигари муаллифон, баръакс, ақидаи мухолифро ҷонибдорӣ менамоянд[97]. Ба назари мо, воқеияти ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки ҳимоятгар дар назди айбдоршаванда уҳдадории расонидани ёрии ҳуқуқиро дорад. Аммо шакли расонидани чунин ёрӣ, яъне фаъол ё ғайрифаъол будани он, ба мушаххасоти ҳолати ҳуқуқӣ ва ба тарзи пешбурди ҳимоя вобаста мебошад, ки онро худи шахси расонандаи ёрии ҳуқуқӣ муайян менамояд. Дар ҳар сурат, шарти асосӣ ва ҳатмӣ дар ин раванд самаранокии ёрии ҳуқуқӣ мебошад[98].

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло зикршуда, метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод намуд:

1. Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи конститутсионии шахс ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ бояд ҳамчун ягонагии ду унсур баррасӣ гардад: аз як тараф, ҳамчун ҳуқуқи фитрии ҷудонашавандаи шахс, яъне ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар маънои субъективӣ, ва аз тарафи дигар, ҳамчун меъёр ё маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки моҳият ва мазмуни ин ҳуқуқро муқаррар менамоянд, яъне ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар маънои объективӣ.

2. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар маънои субъективӣ имконияти бо қонун муқарраршуда, ҷудонашаванда ва дахлнопазирест, ки ба шахс иҷозат медиҳад мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонун ёрии касбӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқиро дарёфт намояд.

3. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар маънои объективӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки роҳҳо, шартҳо ва тартиби амалисозии ҳуқуқи субъективӣ ба ёрии ҳуқуқии тахассусиро муайян мекунанд. Меъёрҳои қонунгузорие, ки тартиби гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусиро танзим менамоянд, ба соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ тааллуқ доранд.

4. Ҳуқуқи конститутсионии шахс ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ мафҳуми нисбатан мураккаб мебошад, зеро он на танҳо ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ зоҳир мегардад, балки ҳамчун воситаи амалигардонӣ ва ҳифзи дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ баромад мекунад. Маҳз ба ҳамин сабаб ҳуқуқи конститутсионӣ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ҳамчун унсури муҳими низоми таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Чунин фаҳмиши дугонаи ҳуқуқи мавриди таҳқиқ аҳаммияти махсуси таъмини онро аз ҷониби давлат пешбинӣ менамояд, зеро маҳз чунин таъмини давлатӣ асоси низоми ҳифзи маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

5. Табиати ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ аз «насли дуюм»-и ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маншаъ мегирад, ки дар рӯҳияи таълимоти позитивии ҳуқуқу озодиҳо ташаккул ёфтааст. Ин ҳуқуқ на ҳамчун ҳуқуқи фитрии инсон, балки ҳамчун ҳуқуқи позитивӣ баромад мекунад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мисли дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф

[96] Элькинд П.С. Право обвиняемого на защиту в советском уголовном процессе (общие вопросы) // Вопросы защиты по уголовным делам. – Л., 1967. – С. 23.
[97] Теория доказательств в советском уголовном процессе. Часть Общая. – М., 1966. – С. 547.
[98] Стремовский В.Л. Участники предварительного следствия. – Ростов на Дону, 1968. – С. 174.

менамояд. Мувофиқи таснифи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои кафолатӣ-ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дохил мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Абдураҳимзода С.Қ.

АДАБИЁТ:

1. Баглай, М.В. Конституционное право Российкой Федерации [Текст] / М.В. Баглай. – М., 2006. – 784 с.

2. Бондарь, Н.С. Власть и свобода на весах конституционного правосудия: защита прав человека Конституционным Судом Российской Федерации [Текст] / Н.С. Бондарь. – М., 2005. – 592 с.

3. Воеводин, Л.Д. Юридический статус личности в России [Текст] / Л.Д. Воеводин. – М., 1997. – 384 с.

4. Диноршоев, А.М. Защита прав человека в уголовном и гражданском судопроизводстве в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 1/1 (62). – С. 84-88.

5. Енгибарян, Р.В. Сравнительное конституционное право [Текст] / Р.В. Енгибарян. – М., 2005. – 560 с.

6. Искандаров, З.Х. Право человека на оказание ему квалифицированной юридической помощи при производстве по уголовному делу [Текст] / З.Х. Искандаров // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2008. – № 11. – С. 42-51.

7. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

8. Кабалкин, А.Ю. Социально-экономические права советских граждан (в отраслях права цивилистического профиля) / отв. ред. В.М. Яхиквадзе. – М., 1986. – 224 с.

9. Мицкевич, А.В. Субъекты советского права [Текст] / А.В. Мицкевич. – М., 1970. – 168 с.

10. Ростовщиков, И.В. Обеспечение прав и свобод личности в СССР [Текст] / И.В. Ростовщиков // Вопросы теории. – Саратов, 1988. – С. 40-41.

11. Советское государственное право / под ред. И.Г. Фарбера. – Саратов, 1979. – 350 с.

12. Стремовский, В.Л. Участники предварительного следствия [Текст] / В.Л. Стремовский. – Ростов н/Д., 1968. – 260 с.

13. Тихомиров, Ю.А. Публичное право [Текст] / Ю.А. Тихомиров. – М., 1995. – 496 с.

14. Топорнин, Б.Н. Конституционный статус личности: Уроки истории и современные проблемы [Текст] / Б.Н. Топорнин // Современный конституционализм (по материалам советско-британского симпозиума). – М., 1990. – С. 18-29.

15. Теория доказательств в советском уголовном процессе. Часть Общая. – М., 1966. – 288 с.

16. Чхиквадзе, В.М. Международные аспекты проблемы прав человека [Текст] / В.М. Чхиквадзе // Права человека: проблемы и перспективы. – М., 1990. – С. 35-39.

17. Элькинд, П.С. Право обвиняемого на защиту в советском уголовном процессе (общие вопросы) [Текст] / П.С. Элькинд // Вопросы защиты по уголовным делам. – Л., 1967. – С. 23-29.

МЕСТО ПРАВА НА ПОЛУЧЕНИЕ КВАЛИФИЦИРОВАННОЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ В СИСТЕМЕ КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

Ключевые слова: место права; право на юридическую помощь; квалифицированная юридическая помощь; права и свободы; правовое государство; социальное государство.

Аннотация. В данной статье рассматриваются актуальные вопросы современного права Таджикистана, а также прямое осуществление прав и свобод человека и гражданина. Следует отметить, что в статье особое внимание уделяется определению места права на квалифицированную помощь в системе прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан.

Аскарализода Самандар Аскарали – ассистент кафедры права и государственного управления факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Тел.: (+992) 933-33-39-53. E-mail: samandar1295@mail.ru

THE PLACE OF RIGHT TO RECEIVE QUALIFIED LEGAL ASSISTANCE IN THE SYSTEM OF CONSTITUTIONAL RIGHTS AND FREEDOMS OF MAN AND CITIZEN

Keywords: Place of the right; right to legal assistance; qualified legal assistance; rights and freedoms; rule-of-law state; social state.

Annotation. This article examines актуальные вопросы современного права Таджикистана, as well as the direct exercise of the rights and freedoms of individuals and citizens. It should be noted that particular attention is paid to determining the place of the right to qualified assistance within the system of rights and freedoms of individuals and citizens in the Republic of Tajikistan.

Askaralizoda Samandar Askarali – assistant of the Department of Law and Public Administration, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Phone: (+992) 933-33-39-53. E-mail: samandar1295@mail.ru

КАРИМЗОДА МАНУЧЕҲР ФАТҲУЛЛО,
сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907-00-02-26; E-mail: kmf1995@mail.ru

ТДУ: 342.7

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ПРИНСИПИ АМАЛИ БЕВОСИТАИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД: АСОСҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқ; озодӣ; инсон; шаҳрванд; принсип; принсипҳои ҳуқуқ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; волоият; амали бевосита; бемамониат.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо назардошти андешаҳои олимону муҳақиқони ватанию хориҷӣ рӯи кор омадааст. Қайд мегардад, ки принсипи мазкур дар татбиқ ва амалинамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидиро бозида дар сурати риоя гардидани он давлат моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии худро устувор нигоҳ медорад.

Омӯзишу таҳлили ин ё он падида, ки аз сарчашма ва решаҳои пайдоишаш оғоз меёбад натиҷабахш буда, ба муаллиф имконият додааст, ки дар бисёр маврид ба мақсаду ҳадафҳои гузошташуда ноил гардад. Дар робита ба ин, зарур донистем, ки пеш аз шурӯи омӯзишу таҳқиқи мафҳум ва моҳияти принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сараввал ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ва принсипҳои ҳуқуқӣ, ки бо мавзуи баррасишаванда пайванди зичиравӣ доранд амал намоем.

Ҳуқуқ чузъи чудоношавандаи ҳаёти чомеа буда, аз даврахои қадим то имрӯз дар маркази таваччухи олимон, файласуфон, мутафаккирон ва муҳақиқон қарор дошта, он объекти муҳими таҳлилҳои назариявию илмӣ ба шумор рафтааст. Ҳуқуқ нишонаҳои хоси худро дорад, ки онро аз ахлоқ, одатҳо, дин ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ фарқ мекунанд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки бевосита ба омӯзиши масоили давлат ва ҳуқуқ равона гардидааст, қайд мегардад, ки нишонаҳои ҳуқуқ ин хусусиятҳои хоси ҳуқуқ мебошад, ки мафҳум ва моҳияти онро ифода мекунанд.

Олимону муҳақиқони илми ҳуқуқшиносӣ тӯли асрҳо мафҳумҳои мухталифи ҳуқуқро пешниҳод намудаанд, ки он то ҳол дар илми муосир идома дорад. Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми ҳуқуқ - низоми муқаррароти меъёрии умумиҳатмие, фаҳмида мешавад, ки адолат, озодӣ, ҳуқуқҳои инсон ва арзишҳои дигари ҳуқуқиро инъикос намуда, шаклҳои расмии ифода доранд ва муносибатҳои ҷамъиятиро бо мақсади таъмини муташаккилӣ, тартибот ва рушди ҷомеа танзим мекунанд[99].

Дар баробари муайян намудани мафҳуми ҳуқуқ, моҳияти онро, ки дар принсипҳо ва функсияҳои ҳуқуқ ифода мегардад дарк намудан хело муҳим мебошад. Вобаста ба оне, ки мавзуи таҳқиқшаванда ба яке аз принсипҳои ҳуқуқ – принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу

[99] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – С. 346.

озодиҳои инсон ва шаҳрванд рабт дорад, унсури дигари ифодакунандаи моҳияти ҳуқуқ – функсияҳои ҳуқуқ аз ҷониби муаллиф зери коркарди илмӣ қарор намегирад.

Ба маънои умумиилмӣ принсип (аз лотинии principle – асос, ибтидо) одатан ҳамчун мавқеи асосӣ, ибтидоии хар як назария, таълим, қоидаи асосии фаъолият фаҳмида мешавад. Принсипро дар фалсафа ҳамчун «ғояи ибтидоӣ, роҳнамо, қоидаи асосии рафтор» муайян мекунанд. Тибқи таърифи В.Т. Кабишев «Принсип ин ибтидо, идеяи роҳнамоест, ки дар он қонунҳои объективӣ, тамоюлҳо ва эҳтиёҷоти тараққиёти ҷамъият зоҳир мешаванд»[100].

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илми бунёдии ҳуқуқ принсипҳои ҳуқуқ мавзуи таваҷҷуҳи доимии олимон қарор дошта, вобаста ба он коркардҳои зиёди илмӣ рӯи кор омадаанд. Доир ба мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ чӣ олимони ватанӣ ва чӣ хориҷӣ мафҳумҳои мухталифро пешниҳод намудаанд. Масалан, М.Н. Марченко иброз медорад, ки принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои асосӣ, нуктаҳои ибтидоӣ ё пешбарандаи раванди ташаккул, инкишоф ва фаъолияти ҳуқуқро ифода мекунанд[101].

Принсипҳои ҳуқуқ, ба ақидаи В.Н. Хропанюк, хамчун як навъ сохтори ёрирасон амал мекунад, ки дар он на танҳо меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ, институтҳо ё шохаҳои ҳуқуқ, балки тамоми низоми ҳуқуқ низ такя менамояд[102]. Олими варзидаи тоҷик профессор Сотиволдиев Р.Ш., дар китоби худ бо номи назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми принсипҳои ҳуқуқро хеле моҳирона баён намудааст. Ба андешаи ӯ принсипҳои ҳуқуқ – асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳо мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъиноти ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунад[103].

Принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун як сохтори ёрирасон амал мекунанд, ки дар он на танҳо меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ, институтҳо ё соҳаҳои ҳуқуқ, балки тамоми низоми ҳуқуқ низ такя намуда, амалӣ мегарданд. Дараҷаи ҳамоҳангӣ, устуворӣ ва самаранокии низоми ҳуқуқӣ бевосита аз дараҷаи мувофиқати принсипҳои ҳуқуқ вобаста аст. Принсипҳои ҳуқуқ характери умумиҳатмӣ дошта, ба мустаҳкам намудани ягонагии дохилӣ ва ҳамкории шохаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи субъективӣ ва объективӣ мусоидат мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун асос, як навъ чаҳорчӯбаи тамоми низоми ҳуқуқ баромад карда, на танҳо барои илми ҳуқуқшиносӣ, балки барои ташаккули низоми ҳуқуқ ва рушди қонунгузорӣ аҳаммияти ниҳоят калон доранд.

Принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки поя, сохтори ёрирасони тамоми низоми ҳуқуқӣ мебошанд, робитаҳои зиёди системавӣ доранд. Омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бидуни муайян ва ба назар гирифтани ин робитаҳо ғайриимкон аст. Муносибати мантиқии принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро метавон бо принсипҳои умумии ҳуқуқӣ, амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ки ҷанбаи сирф татбиқшавандаи ғояҳои асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташкил ва фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро дар бар мегиранд, муайян кард.

Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назарияи ҳуқуқ падидаи нисбатан нав аст. Сарфи назар аз коркардҳои зиёди илмӣ оид ба принсипҳои ҳуқуқ ва принсипҳои вазъи ҳуқуқии шахс, принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

[100] Кабышев В.Т. Народовластие развитого социализма. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1979. – С. 71.
[101] Теория государства и права: учебник / под ред. М.Н. Марченко. – М.: Зерцало, 2004. – С. 519.
[102] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. – М.: Изд-во ДТД, 1996. – С. 215.
[103] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – С. 331.

шаҳрванд ба таври дахлдор мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Дар айни замон, хусусиятҳои маҷмуии принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда нашудаанд ва дар сарчашмаҳои меъёрӣ дар адабиёти илмии ватанву хориҷӣ муносибати ягонаи консептуалии маҷмуи оид ба омӯзиши ин принсип, муайян намудани хусусиятҳои татбиқи он ва меъёрҳои баланд бардоштани самаранокии чунин татбиқ мавҷуд нест. Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва баррасии андешаҳои илмии муҳаққиқони муосир оид ба ин масъала нишон медиҳад, ки принсипи мазкур дар доираи омӯзиши меъёрҳои конститутсионию ҳуқуқӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шахс ва ҳангоми таҳлилу омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни масоили вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баррасӣ шудааст.

Аз ҷумла, олимони ватанӣ А. Имомов[104], А.М. Диноршоҳ[105], Э.С. Насриддинзода[106], Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев)[107], З. Ализода[108], А.Ғ. Холиқов[109], Д.С. Раҳмон[110], Б.А. Сафарзода[111], И.Қ. Миралиев[112], Ҷ. Саъдизода[113] ва дигарон вобаста ба масоили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд корҳои илми тадқиқотиро анҷом додаанд. Ҳарчанд дар асарҳои илмии олимони болозикр мустақиман ба принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сухан наравад ҳам, аммо дар рафти таҳлилу омӯзиши принсипи мазкур онҳо ба сифати роҳнамо, аҳаммияти калидиро мебозанд.

Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба таҳлили масъалаҳои муайян ва таъмини вазъи ҳуқуқии шахс, низоми принсипҳои вазъи ҳуқуқии шахс дар асарҳои олимони рус К.В. Ведяхин, Н.В. Витрук, Л. Воеводин, В.Г. Усачев, Г. Гаджиев, Л. Глухарев, А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудсина, Д.Б. Каткова, Г.Н. Комкова, Е.В. Корчиго, Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин, С.Б. Лаврентев, Н.И. Матузов ва дигарон таҳлил гардидааст. Олимони зикргардида бо натиҷагирӣ аз корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон мафҳуми принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро шарҳ додаанд.

Аз ҷумла, В.Г. Усачев дар кори диссертатсионии худ мафҳуми принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро чунин баён намудааст: «Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – принсипи асосӣ, талаботи устувор мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода гардида, хусусияти таркибӣ дошта, қонунҳои асосии ташаккул, таъмин ва бемамониат амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба таври умум сарфи назар аз мавҷуд будани шарту тартиби махсус ифода мекунад.».[114]

---

[104] Имомов А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои асосӣ. – Душанбе, 2013. – 224 с.
[105] Диноршоев А., Сафаров Д. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – 296 с.
[106] Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – 204 с.
[107] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 719 с.
[108] Ализода З. Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2019. – С. 13-16.
[109] Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.
[110] Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – 479 с.
[111] Диноршоев А.М. Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ / зери таҳрири профессор Диноршоев А.М. – Душанбе, 2014. – 193 с.
[112] Миралиев И.К. Правовой статус человека и гражданина // Права человека: история, теория и практика / под ред. д. ю. н. Диноршоева А.М. и д. ю. н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 451-470.
[113] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 241 с.
[114] Усачев В.Г. Принцип непосредственного действия прав человека и его реализация при осуществлении правосудия (вопросы теории и практики): дис. … канд. юрид. наук. – Тамбов, 2009. – С. 45.

Моҳияти принсипи таҳқиқшаванда аз амали ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бидуни мавҷудияти ягон шарт ё талаботи махсус ҳангоми татбиқи онҳо иборат аст.

Бо нишон додани формулаи асосии принсип, мо ба таҳқиқи мундариҷаи он мегузарем ва табиати ҳуқуқии онро муайян мекунем. Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маънои волоияти ҳуқуқ ва озодиҳоро дар низоми ҳуқуқӣ дорад, новобаста аз он ки ҳуқуқ ё озодии мушаххас дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин ё он давлат муқаррар шудааст ё аз принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд.

Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инчунин маънои волоияти онҳоро дар низоми ҳуқуқии давлат дорад. Санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии давлат хеле гуногун буда, соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд. Ва дар ин гуногунрангӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалият дорад, ки бояд дастури асосии амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ бошад. Мафҳум ва мазмуни қонунҳо ва татбиқи онҳо аз рӯи дараҷаи мутобиқати онҳо ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тасдиқ карда мешавад.

Дар амалия ягон қонуне вуҷуд надорад, ки нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бетараф бошад, ҳатто дар ҳолатҳое, ки онҳо муносибатҳоеро танзим мекунанд, ки дар назари аввал аз ин ҳуқуқҳо дуранд (масалан, салоҳияти ягон мақомоти давлатӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ё молиявии корхонаҳо ва ғайра). Агар ягон муқаррароти чунин санади ҳуқуқӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол кунад, онҳо бояд бекор карда шаванд ва аз лаҳзаи қабули онҳо татбиқ карда намешаванд. Инчунин, ҳама гуна санадҳои ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, санадҳои алоҳидаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва амали шахсони дигар, ки ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон монеъ мешаванд ё ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол мекунанд, бояд бекор карда шаванд. Ҳуқуқу озодиҳои бевоситаи самарабахши инсон ва шаҳрванд сарфи назар аз он ки давлат онҳоро эътироф мекунад ё на, амалӣ карда мешавад. Тибқи ин принсип, «ҳуқуқ ва озодиҳо асоси меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар ҳама сатҳ мебошанд».

Яке аз зуҳуроти принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳо принсипи огоҳӣ мебошад, ки мувофиқи он шахсе, ки ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандиашро амалӣ менамояд, танҳо бояд мақомоти дахлдори давлатиро дар бораи нияти иҷрои ин амал огоҳ намояд. Иҷозати иловагӣ аз мақомоти дахлдори давлатӣ талаб карда намешавад. Дар як қатор мавридҳо огоҳиномаи махсус талаб карда намешавад, дар ҳоле ки мақомоти дахлдор вазифадоранд, ки дар фаъолияти худ чӣ дар сурати мавҷуд будани меъёрҳои мушаххас ва чӣ дар сурати набудани онҳо аз волоияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бароянд. Масалан, принсипи огоҳӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо ва намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва пикетҳо татбиқ мешавад.

Дар фаҳмиши пешниҳодшудаи принсипи амали бевоситаи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на бояд воситаи назорати давлатӣ аз болои шаҳрвандон, балки роҳи таъмини мустақилияти фардии шахс ва мавқеи ӯ дар ҷомеа ва давлат бошад. Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои иснон ва шаҳрванд аслан дар давлатҳои демокративу ҳуқуқбунёд пайдо ва рушд намудааст.

Падидаи принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба маънои кунуни дар илми ҳуқуқшиносии кишвар истилоҳи нав буда, бо ин мафҳум ва мазмун он бори нахуст дар Конститутсияи замони соҳибистиқлолӣ пайдо шудааст.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ унсури муҳими давлати демократию ҳуқуқбунёд ва падидаи аввалиндараҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Бо қабул гардидани Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди ҷомеаи демократӣ ва давлати иҷтимоӣ

пойдевори устувор тарҳрезӣ гардида, инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш ҳамчун бузургтарин арзишҳо шинохта шуданд.

Тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[115].

Арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инчунин кафолати ҳифзи онҳо нишонаи асосии давлати ҳуқуқбунёд аст, ки Тоҷикистон онро дар сатҳи қонуни асосии худ муқаррар намудааст. Назария ва амалияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таърихи бисёрасра дошта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар ҳуҷҷатҳову санадҳои гуногун инъикос ёфтааст. Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои шинохти мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ аз диди тоза назар андохта, онҳоро болотар аз ҳар арзиши дигар эътироф намуд. Бояд қайд кард, ки шинохти инсон ҳамчун арзиши олӣ дар анъанаҳои афкори ҳуқуқии ниёгони мо низ ҷойгоҳи сазовор касб намуда, дар низоми ҳуқуқии имрӯза ба таври арзанда ва сазовор инъикос ёфтааст.

Аз ин муқаррароти Конститутсия бармеояд, ки ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи инсон равона шуда, ҳеҷ як манфиат, неъмат ва дороӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад.

Ҳамин аст, ки дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи авамали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам карда шуд, ки тибқи он «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.».

Бояд қайд кард, ки агар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия ва қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода наёфта бошанд, онҳо самти татбиқи худро гум мекунанд. Ғайр аз ин, ҳолатҳое, ки дар Конститутсия оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд, инкишофи худро дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мақомоти давлатӣ қабул мекунанд, пайдо намуда, тартиби иҷрои онҳо муайян карда мешавад.

Масалан, тартиби иҷрои ҳуқуқи инсон ба меҳнат, таҳсил ва ҳифзи саломатӣ дар қонунгузории соҳаи меҳнат, тандурустӣ ва маориф нишон дода шудаанд. Дар сурати аз ҷониби шахсони алоҳида монеагӣ эҷод намудан ба иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсон қонунгузорӣ ҷавобгарӣ ва татбиқи ҷазоро муайян мекунанд, ки ин кафолати ҳифз гардидани онҳо мебошад.

Ҳамин аст ки, низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ самтҳои муҳимтарини алоқаи байни инсону шаҳрвандро бо ҷомеаю давлат дарбар гирифта, манфиатҳои кулли онҳоро ифода мекунанд.[116]

Бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки онҳо дар Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд ва иҷрои онҳо кафолат дода мешавад. Дар Конститутсия пешбинӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуни онро дорад, ки онҳо уҳдадории ҳуқуқии

[115] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 45.

[116] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – С. 343 с.

шахсони мансабдор ва ҳамаи кормандони мақомоти давлатиро муқаррар мекунанд ва ин субъектон уҳдадоранд риояи ин ҳуқуқу озодиҳоро таъмин намоянд.

Инчунин, принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон меъёрҳои Конституцсия эътибори олии ҳуқуқӣ доранд ва онҳо бевосита, мустақиман амал мекунанд. Инсон ва шаҳрванд Конституцсияро ба роҳбарӣ гирифта, метавонад ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ намояд ё дар ҳолати вайрон кардани онҳо ба меъёрҳои Конституцсия такя намуда, онҳоро ҳифз кунад.

Бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намудан, мазмуни онро дорад, ки ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд онҳоро эҳтиром, риоя ва ҳифз кунанд. Онҳо бояд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян созанд. Яъне қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқ набошанд ё онҳоро халалдор созанд.

Бо натиҷагирӣ аз таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бо назардошти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар шакли зерин пешниҳод менамоем:

«Принсипи амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳо мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъиноти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки аз санадҳои меъёри ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ бармеоянд, таъмин ва бемамоният амалишавии онҳоро ба таври умум сарфи назар аз мавҷуд будани шарту тартиби махсус ифода менамояд.».

Ҳамин тариқ, инсон ва шаҳрванд бо роҳи амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои худ барои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳисса мегузорад. Бо ташаббус ва имкониятҳои худ онҳо дар ҳар гуна ниҳодҳои ҷамъиятӣ муттаҳид гашта, мувофиқи майлу рағбати худ дар ҳалли масоилҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ширкат менамоянд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С.

АДАБИЁТ:

1. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 719 с.

3. Кабышев, В.Т. Народовластие развитого социализма [Текст] / В.Т. Кабышев. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1979. – 224 с.

4. Марченко, М.Н. Теория государства и права [Текст]: учебник / под ред. М.Н. Марченко. – М.: Зерцало, 2004. – 640 с.

5. Хропанюк, В.Н. Теория государства и права [Текст] / В.Н. Хропанюк. – М.: Изд-во ДТД, 1996. – 384 с.

6. Усачев, В.Г. Принцип непосредственного действия прав человека и его реализация при осуществлении правосудия (вопросы теории и практики) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / В.Г. Усачев. – Тамбов., 2009. – 182 с.

7. Имомов, А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои асосӣ [Матн] / А. Имомов. – Душанбе, 2013. – 224 с.

8. Холиқов, А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон [Матн] / А.Ғ. Холиқов – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.

9. Диноршоев, А.М., Сафаров, Д.Р. Ҳуқуқи инсон [Матн] / А.М. Диноршоев, Д.Р. Сафаров. – Душанбе, 2010. – 296 с.

10. Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн]: воситаи таълимӣ / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 204 с.

11. Раҳмон, Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Дилшод Раҳмон Сафарбек. – Душанбе, 2019. – 479 с.

12. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / И.К. Миралиев. – Душанбе, 2014. – 205 с.

13. Саъдизода, Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон [Матн]: дис. … ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Ҷаҳонгир Саъдизода. – Душанбе, 2018. – 241 с.

14. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ / А. Имомов. – Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – 766 с.

15. Диноршоев, А.М. Сафаров, Б.А., Сафаров, Д.С. Ҳуқуқи инсон [Матн]: воситаи таълимӣ / А.М Диноршоев, Б.А. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 193 с.

16. Миралиев, И.К. Правовой статус человека и гражданина [Текст] / И.К. Миралиев // Права человека: история, теория и практика / под ред. д. ю. н. Диноршоева А.М. и д. ю. н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – С. 451-470.

17. Ализода, З. Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. Ализода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 13-16.

ПРИНЦИП НЕПОСРЕДСТВЕННОГО ДЕЙСТВИЯ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

Ключевые слова: право; свобода; человек; гражданин; принцип; принципы права; нормативные правовые акты; верховенство; непосредственное действие; беспрепятственное.

Аннотация. В данной статье рассматриваются понятие и сущность принципа непосредственного действия прав и свобод человека и гражданина с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых и исследователей. Отмечается, что этот принцип играет ключевую роль в реализации прав и свобод человека и гражданина, и при его соблюдении государство сохраняет свою демократическую и правовую сущность.

Каримзода Манучехр Фатхулло – главный специалист отдела по обеспечению конституционных основ, прав и свобод человека, гражданина и законности Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 907-00-02-26. E-mail: kmf1995@mail.ru

THE PRINCIPLE OF THE DIRECT OPERATION OF HUMAN AND CIVIL RIGHTS AND FREEDOMS

Keywords: law; freedom; person; citizen; principle; principles of law; normative legal acts; supremacy; direct action; unhindered.

Annotation. This article examines the concept and essence of the principle of direct action of human and civil rights and freedoms, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists and researchers. It is noted that this principle plays a key role in the realization of human and civil rights and freedoms, and with its observance, the state will preserve its democratic and legal essence.

Karimzoda Manuchehr Fathullo – Chief Specialist of the Department of the Office of the Majlisi milli of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on ensuring constitutional foundations, rights and freedoms of man, citizen and rule of law, competitor of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: (+992) 907-00-02-26. E-mail: kmf1995@mail.ru

МУХТОРЗОДА КИРОМИДДИН ТОҶИДДИН,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел.: (+992) 92-990-40-55. E-mail: mkt-1977-20@mail.ru.

ТДУ: 342.2

ТАНЗИМИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: рамзҳои давлатӣ; парчами давлатӣ; эҳтироми парчам; тартиби истифодаи парчам; ҷавобгарӣ барои таҳқири парчам; талаффузи парчам; тартиби нобудсозии парчам.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – танзими вазъи ҳуқуқии парчами давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва таҳлили қиёсии ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муосир талаботи муҳими танзими меъёрии вазъи ҳуқуқии парчами давлатиро дар шакли муқаррарот оид ба тартиби қабули парчам; оид ба тартиби истифодаи парчам; оид ба эҳтироми парчам; оид ба тартиби нобудсозии парчам ва оид ба тартиби талаффузи номи парчам мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Ворид кардани вазъи ҳуқуқии парчами давлатӣ ба конститутсияи кишвар ҳамчун ифодаи ҳастии миллати соҳибтамаддун асоснок карда шудааст.

Танзими ҳуқуқии парчами давлатӣ ҳамчун рамзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат ифодакунандаи ҳастии миллати тоҷик, ҳуввияту ифтихори миллӣ, эътимоду ваҳдат, устувориву ягонагӣ, ояндаи дурахшон ва тағйирнопазирии тамомияти арзии Тоҷикистон буда, риоя ва иҷрои талаботи истифодаи дурусти он масъулияти ҳуқуқиву иҷтимоиро тақозо мекунад. Ба сифати талаботи муҳими танзими меъёрии вазъи ҳуқуқии парчами давлатӣ метавон муқаррарот оид ба тартиби қабули парчам; оид ба тартиби истифодаи парчам; оид ба эҳтироми парчам; оид ба тартиби нобудсозии парчам; оид ба тартиби талаффузи номи парчам ва ба ин монанд муносибатҳоро ба ҳисоб гирифт.

Рамзҳои давлатии Тоҷикистонро тибқи м. 3-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ташкил медиҳанд, ки дар ин муқаррарот истилоҳи «рамзи давлатӣ» ифодакунандаи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Қабули парчами давлатӣ дар асоси қонунгузории конститутсионӣ ба роҳ монда шуда, дар кадом ҳолат, аз ҷониби кадом субъект, бо кадом тартиб, бо риояи кадом талаботҳо (рамзӣ, фарҳангӣ, техникӣ) муқаррар карда мешавад. Ҳаҷм, ранг, рамзҳо ва дигар унсурҳои парчами давлатӣ бояд бо асосҳои сохтори конститутсионии давлат мувофиқ буда, ба принсипҳои умумибашарӣ низ (бе истифодаи рамзҳои ифодакунандаи хусумати миллативу маҳаллӣ ва диниву мазҳабӣ, тарғиби таҷовузкорӣ ва амалҳои ифротиву террористӣ ва ба ин монанд) мухолифат накунанд[117].

[117] Масалан, дар парчами вилояти Пензаи Федератсияи Руссия рамзи Исои Масеҳ оварда шуда, қонун бошад «Дар бораи парчами Спас Нерукотворный» ном гирифтааст, ки ин тартиб бо муқаррароти моддаҳои 14 ва банди 2, моддаи 19 Конститутсияи Федератсияи Руссия оид ба давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, гуногунмиллат ва гуногундэътиқод будани давлат мувофиқ намеояд.

Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми ноябри соли 1992 қабул гардида, ҳамчун рамз ё нишонаи истиқлолият, даъват, муттаҳидӣ ва мубориза истифода мешавад. Вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозӣ, андоза ва корбурди расмии Парчамро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми майи 2007, №254 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 11-уми декабри соли 1999 бо Қарори №892 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, танзим мекунанд.

Барои таҳияи Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол моҳи ноябри соли 1992 бо қарори Шурои Олӣ озмун дар шакли пӯшида эълон карда шуда буд, ки ҳайати комиссияи онро вакилони Шурои Олӣ, олимону муаррихон ва рассомону фарҳангиён ташкил медоданд. Дар озмун зиёда аз 200 лоиҳа пешкаш карда шуд, ки ҳар як лоиҳаро комиссияи махсус таҳти роҳбарии академик Муҳаммад Осимӣ мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор медод. Ҳамаи барандагони озмун беҳтарин парчами миллӣ матои серангаро (матоъ бо се тасмаи рангаро) пешниход намуданд, ки ҳар як ранг ифодакунандаи муҳтавои таърихи гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷик буд.

Ҳамин тавр, комиссия ба кори худ бо интихоби лоиҳаи парчам ва нишони давлатие, ки аз ҷониби Ҳабибуллаев З., Заневский А., Додхудоева Л., Игнатушина Н. ва Сайдалиев М. пешниҳод шуда буд, нуқта гузошт. Авҷ гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ ба таҳия ва қабули рамзҳои нави давлатӣ монеа эҷод кард ва танҳо санаи 24-уми ноябри соли 1992 дар Қасри арбоб дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нишон ва Парчами нави давлатӣ қабул гардид. Дар ҳамон Иҷлосия «Қарор оид ба Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Қарор оид ба Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки дар асоси он ба моддаҳои 169 ва 170 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот зерин ворид карда шуд: «Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатӣ, иттифоқи вайроннашавандаи коргарон, деҳқонон ва зиёиён, дӯстӣ ва бародарии ҳамаи халқҳои маскуни ҷумҳурӣ мебошад».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми телевизионии худ ба муносибати Рӯзи Парчам аз 23-юми ноябри соли 2010 рангҳои парчами миллиро «Ифодагари роҳи таърихии халқи Тоҷикистон ва баёнгари арзишҳои фарҳанги миллӣ ва сиёсӣ» дониста, гуфтанд:

«Ранги сурх – рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз – нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад»[118].

Набояд фаромӯш сохт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатии худро эълон намуд ва баъди панҷ моҳ ҳамчун ҷумҳурии мустақил узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардид.

Узвият ба Созмони Милали Муттаҳид дар ҳоле сурат гирифт, ки парчами нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқи худро наёфта буд. Вақте маросими ботантанаи узвият ба Созмони Милали Муттаҳид 2-юми марти соли 1992 бо бардоштани парчами кишварҳои Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдавия, Сан-Марино, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар бинои Созмон оғоз шуд, барои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон бо далели қабул нашудани парчами нав,

[118] Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи парчам [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

парчами Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Қазоқистон, Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Қирғизистон, Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Туркманистон бардошта шуд.

Бинобар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2016, №1362 «Дар бораи рӯзҳои ид» муқаррар кардани ҷашн ва бузургдошти парчами миллӣ на танҳо ба парчами кунунии Тоҷикистон, балки маънӣ ва ифодаи эътироф ва бузургдошти тамоми парчамҳои таърихиву имрӯзаи миллати тоҷик, аввалин парчами аҷдодӣ-миллии тоҷикон Дирафши Ковиёни (Ахтари Ковиён) сулолаи Каёниён ва дигар парчамҳои ниёгони ориёӣ, парчамҳои Тоҷикистони Шуравӣ: солҳои 1929-1931 (парчами ҳуррияти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон), 1931-1935, 1935-1936, 1936-1938, 19381940, 1940-1953, 1953-1991 (Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон) ва ҳамчунин парчами истиқлолият аз соли 1992-ро, ки асосгузор, эҳёгар, умедгустар ва тарроҳи Тоҷикистон аз масири таърихи пайдоиш то истиқлоли комили он буданд, бояд дошта бошад.

Парчами давлатӣ – ин рамзи ҳокимияти давлатӣ буда, мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлат ифода мекунад.

Дар банди 3 моддаи 5 (Тартиби афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) Қонуни № 254 муқаррар карда шудааст, ки дар вақти афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парчами ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё дигар шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияташон, паҳно ва баландии ин парчамҳо набояд аз паҳно ва баландии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон калон бошад. Ҳангоми дар як вақт афрохтани шумораи тоқи парчамҳо Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мобайн ва дар мавриди афрохтани шумораи ҷуфти парчамҳо аз марказ дар тарафи чап ҷой дода мешавад.

Дар мавзеъҳои берун аз ҷумҳурӣ, ки намояндагии расмии Тоҷикистон (сафорат, консулгарӣ) таҳти парчами давлатӣ фаъолият мебаранд, таҳти тобеияти ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд.

Тибқи моддаи 14 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 «Шахсе, ки дар киштии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбӣ қонунан таҳти парчам ё аломатҳои шиносоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод (баъди 12 милли баҳрие, ки аз нуқтаи охирини соҳили ин ё он давлат оғоз мегардад) ё фазои ҳавои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракаткунанда ҷиноят содир карда бошад, мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад»[119]. Шахсе, ки дар киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз маҳалли воқеъбудаи онҳо ҷиноят содир кардааст, ҳамчунин мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Талаботи дигар ва ниҳоят муҳим – ин эҳтироми Парчами миллӣ мебошад. Дар дебочаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007, № 254 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда шудааст, ки: «Эҳтироми волои Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ, аз он ҷумла аз ёд донистани Суруди Миллӣ, ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тавре муносибат намуд, ки нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир нагардад».

[119] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ нишона ва аломатҳои муҳими соҳибдавлатию соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон обрӯю эътибор, шаъну шарафи давлати соҳибистиқлоли кишварамон буда, онҳо на танҳо барои сокинони кишвар воқеан ҳам азизу гиромианд, балки барои ҳамватанону форсизабонони бурунмарзӣ низ боиси ифтихору шодӣ мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқири рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла барои таҳқири парчам дар таҷрибаи қонунгузории аксар давлатҳои дунё мустаҳкам карда шудааст. Масалан, барои таҳқири ҳар се рамзи давлатӣ (парчам, нишон ва суруди миллӣ) дар қонунгузории ҷиноятии Австрия, Албания, Аргентина, Арманистон, Беларусия, Булғористон, Боливия, Федератсияи Босния ва Гертсеговиния, Венгрия, Гватемала, Колумбия, Куба, Латвия, Литвия, Македония, Малдовия, Олмон, Португалия, Туркманистон, Узбекистон, Украина, Харватия, Швейтсария ва Қазоқистон ҷавобгарӣ мустаҳкам карда шудааст. Дар Афғонистон, Ветнам, Гурҷистон, Индонезия, Мексика, Озарбоҷон, Корея, Россия, Хитой ва Қирғизистон бошад танҳо барои таҳқири ду рамзи давлатӣ - парчам ва нишон чунин ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст.

Дар Олмон (б. 1, м. 90а Кодекси ҷиноятии Олмон), ва Итолиё (м. 292 Кодекси ҷиноятии Италия) ҳатто барои таҳқири рангҳои ифодакунандаи давлату миллат, ки аз парчам бармеоянд новобаста аз мавҷудияти сурати парчам ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шудааст.

Барои таҳқири парчамҳои минтақавии субъектони дохилӣ дар баъзе давлатҳои федералӣ низ (Австрия, Аргентина, Олмон, Шветсария, парчами минтақаҳои автономӣ - Португалия, Ҷумҳурии Қароқалпокистон дар Узбекистон) ҳамин намуд ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида, дар баъзе дигарашон (Федератсияи Россия) бошад барои ин кирдор ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли вандализм ва ё авбошӣ оварда шудааст.

Мафҳуми «таҳқир» дар муносибат бо рамзҳои давлатӣ ва ё парчами давлатӣ дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтадбиққунии давлатҳои муосир то ҳол мушаххас ва ягона арзёбӣ нагардидааст.

Олимони рус Ю.И. Скуратов ва В.М. Лебедев дар тафсири Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ба сифати тарафи объективии ҷинояти таҳқири парчам ва нишони давлатӣ «содиркунии ҳаракатҳои фаъол дар шакли қасдан нобуд сохтан ва ё вайрон кардани дилхоҳ аз предметҳои номбурда бо дилхоҳ восита (бо роҳи дар онҳо навиштан ва тасвир кардани расмҳои таҳқиромез, истифодабарӣ бо роҳи бадахлоқона, канда партофтан аз ҷойи насбшуда ва ба ин монанд)»[120] - ро пешниҳод намудаанд.

Ба ақидаи дигар муаллифон таҳқир метавонад ҳамчун ҳаракатҳои қасдона барои расонидани зарар ба арзиш ва имконияти парчами давлатӣ ҳамчун предмети ифодакардатавонандаи рамзи Федератсияи Россия, соҳибихтиёрӣ ва нуфузи он баҳо дода шавад. Бо ин матлаб сухан дар бораи ҳифзи матои холӣ ҳамчун моликият не, балки рамзҳои ифодакунандаи қудрату шаҳомати давлат меравад[121].

Дар банди 2 моддаи 5 Қонуни № 254 (Тартиби афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) оварда шудааст, ки «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд бо арзи эҳтиром парчами давлатиро истифода намоянд». Яъне ҳуқуқи истифодаи парчам бо уҳдадорӣ, ҷавобгарӣ ва масъулияти «эҳтиром».

Тибқи тафсироти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад объекти ин ҷиноят «обрӯ ва эътибори давлатӣ» – Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шуда, ба сифати

[120] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть. – М.: ИНФРА-М – НОРМА, 1996. – С. 521.
[121] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – Ростов-на-Дону: Феникс, 1996. – С. 651.

тарафи объективии он «таҳқир кардани рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст.

Ба таври оммавӣ таҳқир кардани рамзҳои давлати, ки бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба шаҳрвандон сурат мегирад, аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳои моддаҳои 237 ва 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда мешавад. Тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита тавсиф мегардад, яъне гунаҳкор дарк менамояд, ки рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқир карда истодааст ва содир намудани чунин кирдорро мехоҳад. Маъмулан чунин кирдор дар намудҳои навиштан ва насби расмҳои таҳқиромез, намоишкорона дарронидан, оташ задан, поймол кардани парчам ва ба ин монанд амалӣ карда мешавад.

Дар таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои муосир таҳқири рамзҳои парчам (рангҳо, тасвирҳо, навиштаҷот ва дигар унсурҳои онҳо) маъмулан дар ду шакл нишон дода шудааст: якум, расонидани таҷовузи ҷисмонӣ (канда партофтан, зарар расонидан, нобуд сохтан) ва дуюм, расонидани таҳқири маънавӣ (дашном додан, хаттӣ, ишоравӣ)[122]. Масалан, Кодекси ҷиноятии Албания (м. 268) шаклҳои содиршавии ин ҷиноятро дар намудҳои: таҳқири оммавӣ (маънавӣ); канда партофтан, вайрон кардан, нобуд сохтан, ба ҳолати ношинохт ва ё ғайри қобили истифода овардан (ҷисмонӣ) муайян кардааст. Дар Афғонистон дар шаклҳои канда даронда (м. 218) ва таҳқири парчам (м. 241), дар Хитой дар шаклҳои сузонидан, вайрон кардан, навиштан ва тасвир кардан, таҳқир кардан, поймол кардан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (м. 299)[123]; дар Латвия дар шаклҳои канда партофтан, дарронидан, шикастан, нобуд сохтан ва дигар намудҳои тамасхур (м. 93)[124]; дар Мексика, Перу ва Эквадор дар шаклҳои таҳқири шифоҳӣ ва амал; дар Испания дар шаклҳоии хаттӣ ва амал ҳамчун тарафи объективии ҷинояти таҳқири парчами давлатӣ дар қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо муқаррар карда шудааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои дигар (Алҷазоир, Аргентина, Афғонистон, Боливия, Венгрия, Гватемала, Испания, Колумбия, Коста-Рика, Тунис, Украина) бошад таҳқири рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчам танҳо дар шакли оммавӣ содир намудани чунин кирдор бандубаст шудааст. Ё худ дар шакли мушаххас: дар сурати огоҳшавии оммавии ин кирдор (Австрия); таҳқири оммавӣ тавассути нашр ва ё паҳнкунии маводҳои хаттӣ (Албания); оммавӣ дар чамъомад ва ё тавассути паҳнкунии маводҳои чопӣ (Олмон); таҳқири оммавии суруди миллӣ ва ё се ранги миллӣ дар ҷараёни намоишҳои эътирозии иҷозатшудаи давлатӣ (Фаронса) дар таҷрибаи қонунгузории хориҷа вуҷуд дорад.

Бо бадбинӣ таҳқир кардан (Австрия), бо нияти таъминкунӣ (Афғонистон), бо нияти ба тамасхур кашидан (Македония), бо нияти тамасхури миллат (Тайланд) низ ба сифати ҳадаф ва ангезаи махсуси содиркунии чунин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

Яъне, қонунгузор ба сифати нуқтаи баҳо дар ин қарина «ният»-ро ба асос гирифтааст. Чуноне ки дар Англия, Шотландия ва Уэлс шаҳрвандон бо парчами давлатии худ метавонанд дилхоҳ амалро ба ҷо биёранд, агар ин рафтор «боадабона» бошад. Яъне, бе таҳқири оммавӣ, изҳори норизоӣ аз сиёсати давлат, намоишкорона ва ё ғаразҳои дигар. Ҳарчанд фисади зиёди амрикоиҳо (Тибқи пурсиши Телекомпанияи Fox: 73%-21% ва Телекомпанияи CNN: 56% - 40%) сӯзонидани парчами Амрикоро ғайриқонунӣ ва таҳқири миллат ҳисобанд ҳам, вале дар соли 1989 Суди Олии ин кишвар (Supreme Court) бо қарори худ ин амалро нишони озодии сухан ва мутобиқи Конститутсия баҳо дод.

[122] Капинус О.С., Додонов В.Н. Ответственность за надругательство над государственными символами в современном уголовном праве. – М.: Буквовед, 2008. – С. 22.
[123] Уголовный кодекс Китайской Народной Республики. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001.
[124] Уголовный кодекс Латвийской Республики. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар давлатҳо ин кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмӯрӣ баҳо дода шудааст.

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷуҳ ин масъулият ва ҷавобгарӣ барои таҳқири парчами давлатҳои хориҷа маҳсуб меёбад, ки чунин муқаррарот дар конунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳо (Албания, Арманистон, Боливия, Венесуэла, Гватемала, Дания, Индонезия, Куба, Литва, Македония, Молдовы, Корея, Норвегия, Тоҷикистон, Тайланд, Тунис, Украина, Уругвай, Хорватия ва Япония) ҳамчун ҷиноят ба муқобили муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ таҳқири рамзҳои давлатҳои хориҷа эътироф карда шудааст.

Мушаххасан, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқири парчами давлати дӯст (Индонезия, Тайланд), парчами давлати намояндагии расмидошта (Куба), парчами расман овехташудаи давлати хориҷа (Литва, Украина) низ муқаррар карда шудааст.

Дар Ҷопон танҳо дар сурати муроҷиати расмии давлати дахлдори хориҷа нисбати шахси таҳқиркардаи парчами ин давлат ҷавобгарии ҷиноятӣ тадбиқ карда мешавад. Дар Гватемала бошад, ин меъёр нисбат ба ҳамон давлатҳои хориҷие тадбиқ карда мешавад, ки дар он давлатҳо низ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқири парчами давлатҳои хориҷӣ муқаррар карда шуда бошад.

Дар Албани, Дания, Литва ва Хорватия чунин намуди ҷавобгарӣ танҳо нисбат ба таҳқири парчами ташкилотҳои байналхалқӣ муайян карда шудааст. Дар қонунгузории ҷиноятии Дания, Норвегия, Уругвай ва Ҷопон бошад барои таҳқири парчами давлати худ ҷавобгарӣ муқаррар карда нашудааст.

Таҳқири парчами давлатӣ дар қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо ҳамчун ҷинояти дараҷаи миёна эътироф шуда, барои он ҷавобгарии нисбатан сабук муқаррар карда шудааст. Масалан, дар Австрия ва Фаронса барои чунин кирдор ҷазо дар шакли маҳруми аз озодӣ ба муҳлати то шаш моҳ, дар Булғористон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Эстония то як сол, дар Албания, Грузия, Литва то ду сол, дар Италия, Олмон ва Хитой то се сол, дар Аргентина, Индонезия то чор сол ва дар Алҷазоир бошад аз панҷ то даҳ солро ташкил медиҳад. Дар Испания ва Колумбия бошад барои ин ҷиноят танҳо ҷарима муайян карда шудааст.

Тибқи моддаи 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқир кардани рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то як сол ҷазо пешбинӣ карда шудааст.

Хулоса, изҳори эътироз набояд, ки тавассути таҳқири парчам ба амал бароварда шавад. Зеро ба вазъи мушкили сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии дар давлат бавуҷудомада рамзҳои давлатӣ ва ё бинову иншооти безабон гунаҳкор нестанд. Бинобарин, сузонидани парчами давлатӣ метавонад бадбинии миллӣ ва ё давлати миллиро низ ифода кунад, ки ин рафтор бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ (объекти ҷиноят) баробари обрӯ ва эътибори давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳамчунин хусумату бадбинии миллӣ низ банду баст карда шавад.

Бо ин мақсад барои ҳифзи обрӯю эътибори Ватан Тоҷикистони маҳбуб ва роҳ надодан ба хусумати миллӣ бояд дар сатҳи Конститутсия вазъи сиёсиву ҳуқуқии парчами миллии тоҷикон бо таҷассуми арзиши таърихиву фарҳангии он барқарор карда шавад. Бо ин матлаб метавон ба сархати 2, моддаи 3-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон банди зеринро ҳамроҳ намуд: *«Парчами давлатӣ рамзи ҳастии миллати соҳибтамаддун ва давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёри миллии тоҷикон, ҳуввияту ифтихори миллӣ, ҷоннисориҳои халқи тоҷик барои ҳифзи марзу буми худ, мубориза баҳри таъмини ягонагӣ*

ва тағйирнопазирии тамомияти арзии Ватан, эътимоду осоиш ва ваҳдату ягонагӣ, устуворӣ ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон ба ҳисоб меравад».

Масъалаи нобудсозии парчами фарсуда дар қонунгузории аксар давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор нагирифта, ин гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асоси принсипи «эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ» танзим карда мешаванд. Вобаста ба ҳолат, вақту замон ва вазъияти сиёсӣ меъёри «эҳтироми парчам» гуногун баҳо дода шуда, мушаххаскунии он дар қонунгузории ҷиноятӣ низ ғайриимкон аст.

Ин матлаб дар Кодекс дар бораи парчами Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мушаххас танзим ёфтааст, ки тибқи он парчами фарсудаи Амрико бояд ба таври арзанда, хубтараш бо роҳи сӯзондан нобуд карда шавад, ки он одатан дар маросими махсус, бе намоишкорӣ аз ҷониби ташкилотҳои ватандӯстон ба амал бароварда мешавад.

Барои Тоҷикистон дар ин матлаб танзими ду муносибат зарур аст: якум, муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои насб кардан ва ё сари вақт аз истифода нагирифтани парчами аз таъсири ҳолатҳои табиӣ осебдида (гармии офтобу шамоли барфу борон) ва ё аз ҷониби шахсони номаълум осебдида; дуюм, тартиби супурдани парчамҳои фарсуда ба ташкилот ва ё мақомоти давлатии салоҳиятдор. Зеро эҳтироми парчам дар ин муносибат низ бояд бо танзими меъёрӣ таъмин карда шавад.

Яке аз нуқтаҳои муҳим – ин масъалаи риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ нисбат ба парчами давлатӣ маҳсуб меёбад, ки тибқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, №553 «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба забони давлатӣ таҳия ва қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Дар моддаҳои 38, 39 ва 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, №506 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[125] аз ҷумла, талаботҳои зерини мансуби забони конститутсия – забонӣ, истилоҳот ва сабку услуби санади меъёрии ҳуқуқӣ оварда шудаанд, ки иҷрои онҳо дар ҳолати мавҷуд будани Фарҳанги забони тоҷикӣ ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ хусусияти ҳатмиро мегирад.

Ҳамин, тариқ тибқи талаботи банди 3 м. 40 Қонуни №506 истифодаи калима ва истилоҳоти бегонаи ғайримаъмул дар сурати дар забони давлатӣ мавҷуд будани чунин калима ва истилоҳот нораво эътироф карда шудааст.

Дар тӯли таърих ва умуман то имрӯз дар забони муошират парчамро бо номҳои гуногун, аз ҷумла: «байрақ», «ливо», «парчам», «алам», «дирафш», «роят» ва ғайраҳо ном мебаранд, ки ҳамаашон вожаҳои арабӣ мебошанд. Туркӣ будани вожаи «байрақ»-ро олимони забоншиноси тоҷик эътироф накарда, онро шакли вайроншудаи калимаи арабии «барақа» яъне алвонҷхӯрӣ меҳисобанд.

«Дирафш» дар порсии миёна «drafš» гуфта мешуд ва бозмонда аз эронии бостони «drafša-» аст ва баробари он дар ҳиндии бостон вожаи «drapsá-» буд[126]. Аз ин вожаи эронии бостони «drafša-» дар забонҳои авестоӣ «drafšā-», суғдӣ «’rδ’šp» (arδašf / ərδəšf)[127] ва бохтарии «λraφo»[128] падид омадаанд.

[125] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009, №506 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).
[126] Луғати Деххудо. Алӣ Акбар Деххудо. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1377 ҳ. ш. – С. 8448.
[127] Фарҳанги Амид. Ҳасан Амид. – Теҳрон: Интошороти Амиркабир, 1389 ҳ. ш. – С. 1126.
[128] Фарҳанги Муин. Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Интишороти Амиркабир, 1386 ҳ. ш. – С. 3680.

Парчам» вожаи суғдӣ («parčam») аст ба маънии «зулфу кокул» ва ҳамчунин «пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи ғажговро мегуфтанд ки бар сари дирафш ё найза мебастанд[129]. Ин вожа аз забони суғдӣ ба забони туркӣ ва аз он ба забони форсӣ роҳ ёфта ва бо гузашти замон, бар ҳукми итлоқи ҷузъ бар кулл, бар худи дирафш низ гуфта шуд[130].

Бо ҳамин асос дар моддаи 3 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вожаи сирф тоҷикии «Парчам» оварда шуда, истифодаи он дар санадҳои расмӣ ва мукотибот ҳатмӣ мебошад. Истифодаи он дар муошират бошад метавонад ҳамчун аз маърифати баланди сиёсиву ҳуқуқӣ ва ҳисси худшиносиву меҳанпарастии шахс дарак диҳад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М.А.

АДАБИЁТ:

1. Капинус, О.С., Додонов, В.Н. Ответственность за надругательство над государственными символами в современном уголовном праве [Текст] / О.С. Капинус, В.Н. Додонов. – М.: Буквовед, 2008. – 144 с.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

3. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – Ростов-на-Дону: Феникс, 1996. – 624 с.

4. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть. – М.: ИНФРА-М – НОРМА, 1996. – 650 с.

5. Луғати Деҳхудо. Алӣ Акбар Деҳхудо. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1377 ҳ.ш. – 20000 с.

6. Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи парчам [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

7. Уголовный кодекс Китайской Народной Республики. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – 270 с.

8. Уголовный кодекс Латвийской Республики. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – 220 с.

9. Фарҳанги Амид. Ҳасан Амид. – Теҳрон: Интошороти Амиркабир, 1389 ҳ. ш. – 1800 с.

10. Фарҳанги Муин. Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Интишороти Амиркабир, 1386 ҳ. ш. – 4000 с.

11. Фарҳанги форсии тоҷикӣ / зери назари Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дигарон. Баргардон аз хатти кирилӣ ва тасҳеҳот: Муҳсин Шуҷоъӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1384 ҳ. ш. – 1100 с.

12. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Муҳаммад Ҳасандуст. – Теҳрон: Фарҳангистони забону адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2004. – 4216 с.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи 2007, № 254 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[129] Фарҳанги форсии тоҷикӣ. Зери назари Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дигарон. Баргардон аз хатти кирилӣ ва тасҳеҳот: Муҳсин Шуҷоъӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1384 ҳ. ш. – С. 377.

[130] Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Муҳаммад Ҳасандуст. – Теҳрон: Фарҳангистони забону адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2004. – С. 4216.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009, № 506 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, № 553 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО ФЛАГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: символы государства; государственный флаг; уважение к флагу; порядок использования флага; ответственность за надругательство над флагом; произношение названия флага; порядок уничтожения испорченного флага.

Аннотация. В настоящей статье на основе сравнительно-правового анализа иследована одна из актуальных тем науки конституционного права – регулирование правового положения государственного флага в Республике Таджикистан. На основе исторических и современных правовых источников автор старается исследовать важные требования нормативного регулирования правового положения государственного флага как положения о порядке принятия флага, о порядке исползования флага, об уважении к флагу, о порядке уничтожения испорченного флага и о порядке произношения названия флага. Обосновано внесение правового положения государственного флага в конституцию страны как обозначение существования цивилизованной нации.

Мухторзода Киромиддин Тоджиддин – кандидат юридических наук, доцент юридического факультета Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. Тел.: (+992) 92-990-40-55. E-mail: mkt-1977-20@mail.ru

REGULATING THE LEGAL STATUS OF THE NATIONAL FLAG IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: State symbols, national flag, respect for the flag, procedure for using the flag, liability for desecration of the flag, pronunciation of the flag's name, and the procedure for destroying a damaged flag.

Annotation. This article, using comparative legal analysis, examines one of the pressing topics in constitutional law – the regulation of the legal status of the national flag in the Republic of Tajikistan. Drawing on historical and contemporary legal sources, the author explores the important requirements of the legal regulation of the national flag, including provisions on the procedure for adopting the flag, the procedure for using the flag, respect for the flag, the procedure for destroying a damaged flag, and the procedure for pronouncing the flag's name. The inclusion of the legal status of the national flag in the country's constitution is justified as a symbol of the existence of a civilized nation.

Mukhtorzoda Kiromiddin Tojiddin – Candidate of Law, Associate Professor at the Faculty of Law of the Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov. Phone: (+992) 92-990-40-55; E-mail: mkt-1977-20@mail.ru

СУЛТОНЗОДА БАҲОДУР СУЛАЙМОН,
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: bahodur.SS@mail.ru.

ТДУ: 349.5

ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ УЗВИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: узв; маҷлис; ҳокимият; танзим; намояндагӣ; Ҷумҳурии Тоҷикистон; давлат; низом; вакил; Маҷлиси миллӣ; Маҷлиси Олӣ; қонун; ҳуқуқ; Конститутсия.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Узви маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутамадини ҷаҳон роҳи бунёди давлати демократиро пеш гирифтааст, ва ба василаи он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолати рушд қарор дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатиро ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ муайян кардааст.

Дар замони муосир яке аз махсусиятҳои муҳими давлативу ҷамъитӣ ин мақоми ҳуқуқии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ба ҳисоб меравад. Мақоми ҳуқуқии ҳуқуқии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ дар замони муосир ба мавқеи махсуси сиёсию ҳуқуқӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, вакилонро ҳамчун намояндаи ҳокимияти халқ муайян кардааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 3-юми (м.м. 48-72) вазъи ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олиро танзим намудааст.[131]

Узви Маҷлиси миллиии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи ваколатдори халқ мебошанд. Узви Маҷлиси милли салоҳияти қонунгузорӣ ва дигар салоҳияте, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ муқаррар намудаанд, амали мекунанд. Қонунгузорӣ дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси милли аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворил намудани тағйиру иловаҳо ё аз эътибор соқит донистани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар шакли пешниҳоди хатти дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ворд намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Чи тавре ки олими рус А.Я. Сухарев иброз медорад «ҳангоми баррасии масъалаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии палатаи болоии парлумон, пеш аз ҳама, фаҳмиши дақиқи истилоҳи «мақоми ҳуқуқӣ» ва унсурҳои таркибии он зарур мебошад. Мафҳуми

[131] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С. 36.

«мақоми ҳуқуқӣ» (аз калимаи лотинии status – ҳолат, мақом) ба мисли мафҳуми «вазъияти ҳуқуқӣ» яке аз мафҳумҳои калидӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад, ки ҳангоми тавсифи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, фаҳмиши ягона нисбат ба ин истилоҳ ва унсурҳои таркибии он то ҳол ташаккул наёфтааст. Масъалаи истилоҳот дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ умуман ба унсуре табдил ёфтааст, ки имкони таҳқиқи амиқи субъектҳои мушаххаси ҳуқуқро ба таври назаррас маҳдуд месозад. Ҳаллу фасли ин масъала ва ташаккули дастгоҳи мафҳумии дақиқу равшан ба таҳқиқи амиқи мавзуи ҳар гуна пажӯҳиш мусоидат мекунад. Зери истилоҳи «мақоми ҳуқуқӣ», одатан мавқеи муайяншудаи мақомоти давлатӣ, ташкилот, шахсони мансабдор ё шахсони воқеӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудааст, фаҳмида мешавад. Мақоми ҳуқуқӣ ҷойгоҳ ва нақши мақомоти мазкурро дар низоми умумии субъектҳои ҳуқуқ муайян намуда, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои асосии онҳоро, инчунин шаклҳои татбиқи онҳо муайян мекунад».[132]

Вобаста ба ин олими тоҷик З. Ализода таъкид менамояд, ки «дар ҷараёни ташаккул ва рушди институти парлумон зарурати саривақтӣ такмил додани асоси ташкилӣ ва функсионалӣ, қонунгузории конститутсионӣ ва дигар қонунгузорӣ, ки ба фаъолияти муътадилу самараноки ин институт мусоидат мекунад, ба миён меояд»[133].

Дар робита ба таҳқиқоти мазкур С. Якубова иброз медорад «ташаккул ва рушди парламентаризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зич ба тағйироти амиқи мақоми мақоми қонунгузор ва намояндагии он марбут мебошад. Ин раванд бо таҳияи принсипҳои нави ташаккул, сохтори дохилӣ ва низоми муносибатҳо бо мақомоти иҷроия алоқаманд аст. Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот ҳамчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки масъалаи мақоми ҳуқуқӣ - конститутсионии Маҷлиси Олӣ то ба ҳол дар таҳқиқоти назариявӣ ба таври кофӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Хусусан, ин ба таҳлили мукаммали сохтор ва шаклҳои фаъолияти он дахл дорад. Ҳамаи ин равандҳо ба таҳқиқоти илмии амиқ ниёз доранд - ҳам аз ҷиҳати тафсир ва асосноккунии моҳияти онҳо, ва ҳам аз лиҳози муайян намудани самтҳои такмил, ки метавонанд амали самараноки онҳоро дар амалияи давлатдорӣ таъмин намоянд. Маҷлиси Олӣ, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 таъсис ёфта буд, ҳамчун парлумони якпалата фаъолият менамуд. Вале дар натиҷаи тағйироти амиқи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, он ба парлумони дупалата табдил дода шуд. Парлумони нав соли 1995 интихоб гардид ва ҳамчун яке аз муассисаҳои калидӣ ва муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир фаъолият мекард».[134]

Ба андешаи Н.И. Матузов ва А.В. Малко, «мақоми ҳуқуқӣ маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо, ваколатҳои мақомот ва шахсони мансабдор мебошад**,** ки аз ҷониби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф гардида, ба онҳо имкон медиҳад, ки нақшҳои иҷтимоии худро иҷро намоянд»[135].

Профессор С.А. Авакян «мақоми ҳуқуқиро ҳамчун мақоми мақомот, ташкилот, иттиҳодия, шахси мансабдор ё воқеие муайян мекунад, ки бо санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор тасдиқ шудааст. Ба андешаи олим, ин мақом хусусият ва мавқеи онҳоро дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва субъектҳои ҳуқуқ баён мекунад. Илова бар ин,

[132] Сухарев А.Я. Юридический энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1984. – С. 355.
[133] Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно- правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 234.
[134] Якубова С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли (парламента) Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 13.
[135] Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: курс лекций. – М.: Юристъ, 1997. – С. 237.

чунин мақом шаклу тартиби татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои зарурии субъектҳои ҳуқуқ, ҳамчунин санадҳои қабул ва амалҳои иҷрокунандаи онҳоро пешбинӣ менамояд»[136].

Олими хориҷӣ И.А. Умнова салоҳияти мақомоти давлатиро ҳамчун салоҳият дар соҳаҳои мушаххаси тобеият мефаҳмад. Салоҳияти мушаххаси мақомоти давлатӣ ҳуқуқи қонунӣ ба мақомоти давлатӣ додашуда ва дар айни замон уҳдадории қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи дигар тадбирҳои давлатӣ мебошад, ки ба ҳалли вазифаҳо ва вазифаҳои мушаххаси ин мақом нигаронида шудаанд.[137] Ҳамин тариқ, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон салоҳият қисми таркибии вазъи ҳуқуқӣ буда, танҳо аз ду унсури бунёдӣ - ҳуқуқ ва уҳдадориҳо иборат аст.

Дар баробари ин, бо И.В. Гранкин, ки аз мафҳуми салоҳият хориҷ кардани соҳаҳои тобеият аз ваколатҳои ба онҳо додашуда истифода бурдани мақомоти давлатӣ ё мансабдорро ғайриимкон месозад. Олим чунин мешуморад, ки амалисозии ваколатҳо танҳо дар доираи соҳаҳои муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ имконпазир аст[138]. Ба андешаи А.Н. Писарев, ваколатҳо ҳамчун ҷудонопазирии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо фаҳмида мешаванд[139].

Танҳо дар сурати риоя шудани тартиби ташкили мақомоти давлатӣ фаъолияти он ба принсипи қонуният мувофиқат мекунад. А.А. Мирхолид инчунин диққатро ба тартиби ташкили палатаи болоии парламент ҳамчун унсури мақоми конститутсионию ҳуқуқии он ҷалб мекунад[140]. Аз ин рӯ, нисбат ба истилоҳи «мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии палатаи болоии парлумон» мафҳуми зерин бамаврид аст – ин маҷмуи принсипҳои фаъолият ва тартиби ташаккули он, субъектҳои тобеият ва салоҳиятҳое мебошад, ки бо кафолатҳо ва чораҳои масъулият таъмин гардида, мавқеи онро ҳамчун субъекти муносибатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ инъикос менамоянд, ки дар муқаррароти санади конститутсионӣ ва танзимкунандаи палатаи болоии парлумон ифода ёфтаанд.

Вазъи ҳуқуқи дар замони муосир ба мавқеи махсуси сиёсию ҳуқуқӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, вакилонро ҳамчун намояндаи ҳокимияти халқ муайян кардааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 3-юми (м.м. 48-72) мақоми ҳуқуқи конститутсионии узви Маҷлиси миллиро танзим намудааст.

Дар баробари ин таҳқиқи танзими ҳуқуқии фаъолияти узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз дараҷаи зарурӣ таҳлили дақиқиро талаб мекунад. Ба он диққати махсус додан зарур аст, ки сарфи назар аз ягонагии принсипии мавқеи конститутсионии онҳо, сарфи назар аз сатҳи мақомоти намояндагӣ, ки ба онҳо тааллуқ доранд, қонунгузорӣ ҳануз асоси ягонаи меъёрии фаъолият вакилони ҳамаи зинаҳои намояндагиро муайян накардааст. Вобаста ба ин таҳияи қонуни ягона замина ва ягона меъёр зарур аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, унсурҳои зерини истилоҳи мақоми ҳуқуқӣ, ба таври зерин муайян карда мешавад:

1) унсури ҳуқуқӣ – маҷмуи принсипҳои фаъолият ва тартиби ташаккул, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ барои доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо бояд ба онҳо такя кунад;

2) унсури бевоситаи мақом;

---

[136] Конституционное право. Энциклопедический словарь / отв. ред. С.А. Авакьян. – М.: Норма – Инфра-М, 2000. – С. 121.
[137] Умнова И.А. Конституционные основы современного российского федерализма: учебно-практическое по собие. – М.: Дело, 2000. – С. 170.
[138] Гранкин И.В. Конституционно-правовые основы российского парламентаризма. – М., 2005. – С. 87.
[139] Овчинников И.И., Писарев А.Н. Муниципальное право России. – М.: Эксмо, 2007. – С. 373.
[140] Миерхольд А.А. Конституционная эволюция порядка формирования и полномочий Совета Федерации Фе дерального Собрания Российской Федерации // Lex russica. – 2018. – № 11. – С. 134.

3) унсури тобеият – соҳаҳои танзими ҳуқуқӣ, ки дар онҳо субъекти ҳуқуқ ваколатдор аст;

4) унсури салоҳият – маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бо қонун маҳдудгардида, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян ва ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти субъекти мушаххаси ҳуқуқ.;

5) унсури кафолат – меъёрҳои ҳуқуқие, ки татбиқи ҳуқуқҳои субъектро тавассути баёни озодии ирода ва амали мустақилона таъмин менамоянд;

6) унсури ҷавобгарии ҳуқуқӣ – низоми чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, ки нисбати субъекти ҳуқуқ ҳангоми содир намудани кирдори шиканҷа истифода мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили гузаронидашуда мафҳуми мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ»-ро мураттаб кардан мумкин аст. Вазъи ҳуқуқӣ маҷмуи принсипҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаҳои муқарраршудаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба таври қонунӣ тасдиқ карда ва татбиқ карда мешавад, ташаккул ва фаъолият, ҳуқуқҳои амалӣшуда, уҳдадориҳои иҷрошуда, ки мутаносибан бо кафолатҳо ва чораҳои масъулият пешбинӣ шудаанд.

Ба сифати мақомоти намояндагӣ танҳо мақомоти давлатие, ки дорои салоҳият ва ваколат мебошанд метавон тавсиф кард. Онҳо дар мақомоти қонунгузории (намояндагии) Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошанд. Дар баробари ин, ба ҳайати мақомоти намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ, (Узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон) баромад мекунад.

Натиҷа дар бораи фаъолияти вакилӣ ҳамчун шакли ҳокимияти холқ яъне вогузории ҳуқуқҳои муносиб ба худидоракунии ҷамоат аз ҷониби аҳолӣ, ки низоме аз муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил дода дар пайи ҳал кардани масъалаҳои давлатӣ ва ё дигар масъалаҳои муҳим оммавӣ ба вуҷуд меойяд.[141]

Олими дираги хориҷӣ Ф.О. Лассали чунин мешуморад, ки «пас аз эълон гардидани давлати демократии ҳуқуқбунёд интихобот низ аз рӯйи стандартҳое, ки хоси ин сохти давлатдорӣ ҳастанд барпо карда мешавад. Ин масъала назди илми ҳуқуқӣ- конститутсионӣ вазифаи таҳияи доираи васеи мушкилотро гузошт, ки мушкилоти душвортарин аз онҳо таъмини озодии аслӣ дар иродаи интихобкунандагон мебошад»[142].

Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим мекунад:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилонро ҳамчун намояндаи ҳокимияти халқ муайян кардааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 3-юми (м.м. 48-72);

2. Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06.08.2001 №43.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади олии ҳуқуқие мебошад, ки танзимгари ҳамаи соҳаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин вазъи ҳуқуқии вакилон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин санади олии ҳуқуқи сарчашма мегирад.

Дар моддаи 1 Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян шудааст, ки «Узви Маҷлиси милли ва вакили Маҷлиси намояндагон намояндаи ваколатдори халқ мебошанд. Узви Маҷлиси милли ва вакили Маҷлиси

[141] Булаев А.Е. Конституционно-правовой статус депутата представительного органа местного самоуправления: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 16.

[142] Панкратов В.В. Избирательная система России как результат правового регулирования выборов в представительные органы власти: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 112.

намояндагон салоҳияти қонунгузори ва дигар салоҳияте, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва қонунҳо муқаррар намудаанд, амали мекунанд».

Вазъи ҳуқуқии Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузорӣ ва идораи давлатӣ нақши муҳимро мебозад. Салоҳият, ваколат ва вазифаҳои онҳо асосан дар Конститутсия, қонунҳои марбут ба фаъолияти онҳо ва қонунгузории дигар муқаррар шудаанд. Ҳамин тариқ, мақоми ҳуқуқии вакилон дар Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқу ваколатҳои худ, бо масъулият ва вазифаҳои муҳим барои пешбурди сиёсат ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба фаъолият пардохта, дар таҳкими демократия ва давлатдории ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар замони муосир, Узви Маҷлиси миллӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии кишвар нақши муҳиму муҳимро мебозанд. Вазъи ҳуқуқии намояндагони халқ дар ҳар як давлат аз ҷумлаи ҷузъҳои асосии сохтори конститутсионӣ ва сиёсии он кишвар аст. Узви Маҷлиси миллӣ, ки дар парламент интихоб ё таъин мешаванд, вазифаи муҳим доранд. Аз ҷумла онҳо кумак мекунанд, ки як низоми давлатиро ба самти беҳтартар ва мувофиқ бо манфиатҳои умумии мардум таҳрир кунанд.

Вазифаи Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар парламенти мамлакат на танҳо дар ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, балки дар таҳияи қонунҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа низ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди бисёре аз кишварҳои демократӣ, раванди интихоб Узви Маҷлиси миллӣ аз ҳисоби вакилони халқ дар асоси овоздиҳии оммавӣ ва наҳваи демокративу озод сурат мегирад. Қонунгузории Тоҷикистон барои интихоби Узви Маҷлиси миллӣ шароити муайянро пешбинӣ мекунад, ки яке аз онҳо таъмини равонии интихобот ва шаффофияти онҳо мебошад. Ваколатҳо ва ҳақу ҳуқуқи онҳо дар қонуни асосии кишвар, яъне Конститутсия ва қонунҳо, ба таври ошкоро баён ёфтаанд.

Дар замиони муосир нақш ва вазъи ҳуқуқи ҳокимияти қонунгузор аз ҷумла палатаи болоии он дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ташкили он, сохтор, принсипҳо ва тарзи ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ - масъалаҳое мебошанд, ки ҳуқуқҳои халқро дар дохил ва муносибатҳои байналмилалӣ ҳифз ва ҳимоя мекунад.

Имрӯз дар заминаи тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ва таҷрибаи рушди таърихии байналмилалӣ, зарурати таҳким ва такмили палатаи болоии парлумон ва вазъи ҳуқуқии аъзоёни он масъалаи муҳим ва саривақти мебошад.

Ҳамзамон, ба шахсони мансабдори тамоми мақомоти давлатӣ иҷозат дода мешуд, ки вакилони Шуроҳо бошанд, ва дар ин сифат масъулияти иҷрои қарорҳои худи онҳоро ба дӯш доштанд. Ба ин тартиб, консепсияи низоми Шуроҳо бар принсипи ягонагии функсионалӣ ва шахсии ҳокимият асос ёфта, принсипи ҷудоии ҳокимиятҳоро рад мекард.[143]

Тавре ки аз таърифҳои дар боло овардашуда бармеояд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ҷузъҳои ҷудонашавандаи мақоми ҳуқуқӣ буда, «асоси» мафҳуми «мақом»-ро ташкил медиҳанд, вале мафҳуми «мақом» инчунин метавонад унсурҳои дуюмдараҷа, аз қабили принсипҳои ташаккул ва фаъолият, кафолат, масъулият ва ғайраро дар бар гирад.

Ҳамин тариқ, дар илми хукукшиносӣ равиши маҳдуд ва васеъ барои муайян кардани сохтори вазъи хукуки инкишоф ёфтааст. Тибқи равиши аввал (масалан, Н.В. Витрук, В.О. Лучин намояндагӣ мекунанд) ба сохтори мақоми ҳуқуқӣ танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳо (ба

[143] Чиркин В.Е. Разделение властей: социальные и юридические аспекты // Сов. государство и право. – 1990. – № 8. – С. 11; Сравнительное конституционное право / отв. ред. В.Е. Чиркин. – М., 1996. – С. 434-440.

шахси воқеӣ), салоҳият ва салоҳиятҳо (чи тавре ки нисбат ба мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳо татбиқ мешаванд) дохил мешаванд[144]. Бо ин равиш унсурҳои дигар танҳо хусусиятҳои субъекти ҳуқуқро мукаммал намуда, нақши ёрирасонро мебозанд. Тарафдорони равиши васеъ (аз чумла Н.А. Богданова, Б.Н. Габричидзе) мафҳуми статуси конституционӣ ва хукукиро ба маънои васеъ дида мебароянд, аз чумла ба сифати унсурхо ба гайр аз хукукхо, ухдадорихо (ё салохият, ваколатхо) инчунин дигар хусусиятҳо: мавқеъ дар ҷомеа, кафолат, масъулият[145].

Бори аввал дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дупалатаи мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ таъсис дода шуд. Палатаи поёнӣ парлумони аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагон, ва палатаи болоӣ Маҷлиси миллӣ гардид. Таърихи ташаккули Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз қабули Қонуни конститутсионии «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз ёфт. Интихоботи парлумонии соли 2000 бо ташаккули анъанаҳои муборизаи сиёсӣ дар шакли мутамаддин фарқ мекард. Бори аввал дар Тоҷикистон имкони воқеии таъсис ва рушди низоми устувори ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд омад. Мувофиқи ислоҳоти конститутсионӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ваколатҳои худро ба таври доимӣ ва касбӣ иҷро мекунанд, дар ҳоле ки аъзои Маҷлиси миллӣ ваколатҳои худро ба таври ғайридоимӣ амалӣ менамоянд»[146].

Намунаи равиши васеъ таърифи А.Б. Барихин, ки мутобиқи он мақоми ҳуқуқӣ мавқеи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ буда, бо шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулият, ваколатҳо, ки аз санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеоянд, тавсиф ва муайян карда мешавад[147].

Ба гуфтаи В.М. Корельский, салохияти макомоти давлати мавчуд будани ваколатхои салохиятест, ки субъекти тобеияти он муайян кардааст[148].

Ба андешаи муҳаққиқони дар боло зикршуда, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқиро танҳо бо ҳуқуқу уҳдадориҳо маҳдуд накарда, ин мафҳумҳоро муайян накардаанд, бояд розӣ шуд. Дар асоси мантиқи пешниҳод мо бояд ба ифшои мазмун ва таҳияи мафҳуми мафҳуми «мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» гузарем. Ҳар як мақоми ҳуқуқӣ дар меъёрҳои қонунгузорӣ ба таври ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба доираи сарчашмаҳо чунин қонунгузорӣ ҳам ба мафҳуми маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ фаҳмида мешавад[149]. Дар ҳолати аввал, қонунгузории конститутсионӣ ба маҷмуи қонунҳои дахлдор мубаддал мегардад, ки предмети танзими онҳо муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти конститутсионӣ мебошанд[150]. Дар мавриди дуюм ба он на танҳо қонунҳо, балки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие низ дохил мешаванд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд, ки предмети ҳуқуқи конститутсиониро ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ ташкил

[144] Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности. – М.: Норма, 2008. – С. 25; Лучин В.О. Конституционные нормы и правоотношения. – М., 1997. – С. 119.
[145] Богданова Н.А. Категория статуса в конституционном праве // Вестник Московского университета. Сер. 11: Право. – 1998. – № 3. – С. 15; Габричидзе Б.Н. Конституционный статус органов Советского государства. – М., 1982. – С. 7.
[146] Якубова С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли (парламента) Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 13.
[147] Барихин А.Б. Большой юридический энциклопедический словарь. – М.: Книжный мир, 2002. – С. 204.
[148] Теория государства и права / под ред. В.М. Корельского и В.Д. Перевалова. – М.: Инфра-М, 2002. – С. 160.
[149] Аничкин Е.С. Конституционное законодательство Российской Федерации: Понятие, признаки, источники // Правоведение. – 2006. – № 4. – С. 89-96.
[150] Доронин Е.Н. О практике работы региональных институтов законодательства // Журнал российского права. – 1999. – № 7/8. – С. 144; Кравец И.А. Российская Конституция и проблемы эффективности ее реализации // Конституционное право: восточно-европейское обозрение. – 2003. – № 4. – С. 66.

медиҳанд[151]. Бояд дар назар дошт, ки азбаски палатаи парламент як мақомоти коллегиалист, унсури мухими макоми хукуки тартиби ташкили чунин мақомот мебошад.

Таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқии вакилон аз монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо ба мувофиқ кунондани қонунҳо дар бораи вазъи ҳуқуқии вакилон ва қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, ки ҳифзи фаъолияти вакилонро таъмин мекунанд диққати калон додан муҳим ва саривақти мебошад. Вакилон вазифадоранд дар Ҷаласаҳо, Иҷлосияҳо ва Маҷлисҳо иштирок намоянд. Дар ин ҷаласаҳо ва иҷлосияҳо масъалаҳое, ки тибқи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳият ва ваколат мансубанд баррасӣ ва ҳал карда мешаванд. Ин равандҳо имконият медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои ба салоҳият ва ваколат марбут бо шаффофият, масъулиятнокӣ ва мувофиқат бо манфиатҳои умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардад.

Ҳокимияти намояндагӣ ба маънои дурусти калима ҳамчун як намуди ҳокимияти давлатӣ (давлатӣ, ҷамъиятӣ), ки аз ҷониби мақомоти интихобӣ амалӣ карда мешавад, коллегиалӣ аз рӯи таркиб ва тартиби таҳия ва қабули қарорҳо, ки барои намояндагии шаҳрвандон (халқ, аҳолӣ) пешбинӣ шудааст фаҳмида шавад.

Вакилон дар кори Иҷлосияҳо ва Маҷлисҳо иштирок намуда, масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳудудро ҳаллу фасл мекунанд, иҷрои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қарорҳои мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд. Вакилон кори худро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, инчунин дар асоси қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлисҳои вакилони халқ, Маҷлиси вакилони Ҷамоат ва барномаҳои пешазинтихоботӣ ба роҳ мемонад.

Ба андешаи А.Т. Карасев «механизми ҳуқуқӣ конститутсионии ҳокимияти намояндагӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти вакилони халқ зарурати таҳқиқи амиқтари худро дорад. Бидуни ин таҳия кардани асоси консептуалии мунтаззами қонунгузорӣ оид ба мақоми вакилони халқ ва самтҳои такмил додани он ғайриимкон аст, ки ин ба мушкилӣ дар такмил додани фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва тамоми механизми ҳокимияти оммавӣ дар кишвар меорад. Ба ин хотир, муҳим аст, ки таҳқиқоти конститутсионӣ ва ҳуқуқии ин масъалаҳо дар шакли комплексӣ анҷом дода шавад, ки асоси он метавон чорабиниҳои эҳтимолии ҳалли мушкилотро пешниҳод кард, аз ҷумла чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти вакилони мардумӣ ва мақомоти намояндагии ҳокимият равона шудаанд»[152].

Дар замони муосир мақомоти намояндаги бахусус парламент ниҳоди хос ва воҳиди давлатӣ мебошад, ки мувофиқи мақоми худ вазифадор аст, ки манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии гуногуни ҷомеаро инъикос кунад, мувофиқат кунад ва ҳимоя кунад. Бе он демократияи пурра вуҷуд дошта наметавонад. Мақоми ҳуқуқии парламент дар низоми мақомоти давлатӣ бо табиати ҳуқуқии он ҳамчун мақомоти олии қонунгузорӣ ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ шарҳ дода мешавад.

Ваколат ва масъулияти узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо ба гирифтани ҳуқуқи раъй ва қонунгузорӣ, балки ба масъулият барои амалҳои худ ба ҷомеа ва мардум алоқаманд мебошад. Ваколатҳои узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир расонад. узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба манфиатҳои

[151] Большой юридический словарь / под ред. А.Я. Сухарева, В.Д. Зорькина, В.Е. Крутских. – М., 1998. – С. 276.
[152] Карасев А.Т. Депутат в системе представительной власти (конституционно-правовое исследование): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – С. 32.

умумии мардум ва мувозинати байни ҳокимиятҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ таваҷҷуҳ дошта бошанд. Агар узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми иҷрои вазифаҳо қонунҳоро шикастан ё манфиатҳои умумии мардумро занг зад, ӯ метавонад ҷавобгар бошад ва аз мақоми худ маҳрум гардад.

Дар замони муосир, ки ҷомеаҳои ҷаҳон бо ҳамкориҳои глобалӣ ва рушди сиёсӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, вакилони халқ ба таври назаррас дар раванди демократии давлатҳо иштирок мекунанд. Ҳар як узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба пешбурди принципҳои демократия ва ҳокимияти қонунҳо дар кишвар саҳм мегузорад. Онҳо ба шеваи интихоботҳо ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва инчунин рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таваҷҷуҳ доранд. Ваколат ва ҳуқуқи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба рушди демократикунонии кишвар ва таҳкими шеваи раъйдиҳӣ кумак расонанд.

Мақоми узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар замони муосир на танҳо дар рамзи демократия ва ҳокимияти мардум, балки дар рушд ва таҳкими сохтори ҳуқуқии кишвар низ аҳаммияти бузург дорад. узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муҳофизат ва рушди манфиатҳои мардум ва шаҳрвандони кишвар кумак мекунанд, ки ин манфиатҳо дар қонунгузории давлатӣ ва сиёсати кишвар ба назар гирифта шаванд.

Хулоса вазифаи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар замони муосир на танҳо ба қонунгузорӣ ва сиёсати кишвар марбут аст, балки нақши муҳими онҳо дар таҳкими демократия, ҳокимияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои мардуми кишвар мебошад. Ба ҳар ҳол, вакилони халқ бояд дар назди ҷомеа ва кишвар масъулияти бузурги ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дошта бошанд. Дар ниҳоят, мақоми ҳуқуқии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо як аломати демократия, балки механизме мебошад, ки барои рушди давлат ва ҷамъият таъсиргузор аст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06.08.2001, №43 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

3. Ализода, З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно- правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Зариф Ализода. – Душанбе, 2014. – 334 с.

4. Аничкин, Е.С. Конституционное законодательство Российской Федерации: Понятие, признаки, источники [Текст] / Е.С. Аничкин // Правоведение. – 2006. – № 4. – С. 89-96.

5. Барихин, А.Б. Большой юридический энциклопедический словарь [Текст] /А.Б. Барихин. – М.: Книжный мир, 2002. – 720 с.

6. Богданова, Н.А. Категория статуса в конституционном праве [Текст] / Н.А. Богданова // Вестник Московского университета. Сер. 11: Право. – 1998. – № 3. – С. 15-23.

7. Большой юридический словарь [Текст] / под ред. А.Я. Сухарева, В.Д. Зорькина, В.Е. Крутских. – М., 1998. – 790 с.

8. Булаев, А.Е. Конституционно-правовой статус депутата представительного органа местного самоуправления [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Булаев Александр Евгеньевич. – Москва, 2008. – 26с.

9. Витрук, Н.В. Общая теория правового положения личности [Текст] / Н.В. Витрук. – М.: Норма, 2008. – 500 с.

10. Габричидзе, Б.Н. Конституционный статус органов Советского государства [Текст] / Б.Н. Габричидзе. – М., 1982. – 216 с.

11. Гранкин, И.В. Конституционно-правовые основы российского парламентаризма [Текст] /И.В. Гранкин. – М., 2005. – 320 с.

12. Доронин, Е.Н. О практике работы региональных институтов законодательства [Текст] / Е.Н. Доронин // Журнал российского права. – 1999. – № 7/8. – С. 144-155.

13. Карасев, А.Т. Депутат в системе представительной власти (конституционно-правовое исследование [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук / А.Т. Карасев. – Екатеринбург – 2009. – 55 с.

14. Конституционное право. Энциклопедический словарь [Текст] / отв. ред. С.А. Авакьян. – М.: Норма – Инфра-М, 2000. – 676 с.

15. Кравец, И.А. Российская Конституция и проблемы эффективности ее реализации [Текст] / И.А. Кравец // Конституционное право: восточно-европейское обозрение. – 2003. – № 4. – С. 66-76.

16. Лучин, В.О. Конституционные нормы и правоотношения [Текст] / В.О. Лучин. – М., 1997. – 204 с.

17. Матузов, Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: курс лекций [Текст] / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – М.: Юристъ, 1997. – 253 с.

18. Миерхольд, А.А. Конституционная эволюция порядка формирования и полномочий Совета Федерации Федерального Собрания Российской Федерации [Текст] / А.А. Миерхольд // Lex russica. – 2018. – № 11. – С. 134-144.

19. Овчинников, И.И., Писарев А.Н. Муниципальное право России [Текст] / И.И. Овчинников, А.Н. Писарев. – М.: Эксмо, 2007. – 362 с.

20. Олимзода, Д.А. Хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир [Матн] / Д.А. Олимзода // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – 2023. – № 2 (50). – С. 46-51.

21. Панкратов, В.В. Избирательная система России как результат правового регулирования выборов в представительные органы власти [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / В.В. Панкратов. – Москва, 2005. – 147 с.

22. Сравнительное конституционное право [Текст] / отв. ред. В.Е. Чиркин. – М., 1996. – 450 с.

23. Сухарев, А.Я. Юридический энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Советская энциклопедия, 1984. – 415 с.

24. Теория государства и права [Текст] / под ред. В.М. Корельского и В.Д. Перевалова. – М.: Инфра-М, 2002. – 616 с.

25. Умнова, И.А. Конституционные основы современного российского федерализма [Текст]: учебно-практическое пособие / И.А. Умнова. – М.: Дело, 2000. – 320 с.

26. Чиркин, В.Е. Разделение властей: социальные и юридические аспекты [Текст] / В.Е. Чиркин // Сов. государство и право. – 1990. – № 8. – С. 11-20.

27. Якубова, С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли (парламента) Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Якубова Сабохат. – Москва, 2008. – 23 с.

КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЙ СТАТУС ЧЛЕНА МАДЖЛИСИ МИЛЛИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: член; маджлис; власть; регулирование; представительство; Республика Таджикистан; государство; система; депутат; Маджлиси милли; Маджлиси Оли; закон; право; Конституция.

Аннотация. В данной статье автором исследуются вопросы конституционно-правового статуса члена Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, как и другие цивилизованные страны мира, выбрала путь строительства демократического государства, в связи с чем нормативно-правовые акты находятся в процессе постоянного развития. Конституция Республики Таджикистан определяет государственную власть как разделенную на законодательную, исполнительную и судебную.

Султонзода Баходур Сулаймон – соискатель кафедры административного и финансового права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: Bahodur.SS@mail.ru

CONSTITUTIONAL AND LEGAL STATUS OF THE MEMBER OF THE MAJLISI MILLI OF THE MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: member; majlis; power; regulation; representation; Republic of Tajikistan; state; system; deputy; Majlisi Milli; Majlisi Oli; law; right; Constitution.

Annotation. In this article, the author examines the issues of the constitutional and legal status of a member of the Majlisi Milli of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. The Republic of Tajikistan, like other civilized nations of the world, has embarked on the path of building a democratic state, and consequently, its regulatory and legal acts are in a state of continuous development. The Constitution of the Republic of Tajikistan defines state power through its legislative, executive, and judicial branches.

Sultonzoda Bahodur Sulaymon – competitor of the Department of Administrative and Financial Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: bahodur.SS@mail.ru

5.5.3. ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

СОҲИБЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДАЛӢ,
судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

ҚАҲҲОРЗОД ШУҲРАТ БОБОМУРОД,
унвонҷӯйи шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 901-22-04-89. E-mail: shuhrat_q@mail.ru

ТДУ: 347.26

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ПАДИДАИ СЕРВИТУТ ДАР БАЪЗЕ АЗ ДАВЛАТҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Калидвожаҳо: сервитут; низоми ҳуқуқии сервитут; механизмҳои танзим; қонунгузорӣ; созишнома; суд; замин; қитъаи замин; сервитути замин; сервитути молу мулк ғайриманқул.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи сервитут дар баъзе аз давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди таҳлил қарор гирифта шуд. Дар раванди таҳлил муаллиф қонунгузории баъзе аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро бо дарназардошти тағйиру иловаҳои охир омӯхта, масъалаи сервитут, механизмҳои танзим ва созишномаҳои молу мулки ғайриманқулро ҷудо намудааст. Инчунин, зимни таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таклифҳои судманд баҳри такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сервитут пешниҳод намудааст.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи сервитут дар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз самтҳои муҳими омӯзиши ҳуқуқи моликият ба ҳисоб меравад, зеро он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои танзими ин институт дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун муайян карда шаванд. Сервитут ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди истифодаи амволи ғайриманқули шахси дигар фаҳмида мешавад, ки ба манфиати шахси муайян ё қитъаи дигари замин муқаррар мегардад. Ин ҳуқуқ дорои хусусияти воқеӣ буда, ба моликият бевосита вобаста аст ва новобаста аз тағйир ёфтани соҳибмулк нигоҳ дошта мешавад.

Сервитут дар ҳуқуқи мадании Федератсияи Россия яке аз шаклҳои маҳдудсозии ҳуқуқи моликият дониста шуда, дар м.м. 274 ва 276 Кодекси мадании Федератсияи Россия[153] танзим мегардад. Хусусиятҳои муҳими он чунин мебошад:

- тартиби муқаррар кардани сервитут ҳам бо созиш ва ҳам тавассути суд пешбинӣ шудааст;

[153] Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N51-ФЗ (ред. от 18.07.2019) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019) // СПС «Консультант Плюс». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 05.04.2026).

- механизми товондиҳӣ равшан ва ҷузъитар муайян шудааст (бо ҳисобкунии арзиши бозорӣ);

- сервитут метавонад муваққатӣ ва доимӣ бошад, ки ин ҳолат дар қарордод ё ҳалномаи суд зикр мешавад;

- ба қарори суд пояҳои геодезӣ, харита ва тавсифи техникӣ зам мешавад[154].

Таҳлилгари рус С. Сарбаш қайд мекунад, ки «механизми муқаррар ва бекор кардани сервитут дар Федератсияи Россия ба дараҷае рушди институтӣ ёфтааст, ки судҳо дар 80% ҳолатҳо ба манфиати амаликунии он ҳукм мебароранд, агар зарурат асоснок гардад»[155].

Таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи судии Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки ин кишвар яке аз намунаҳои мукаммали танзими ҳуқуқии сервитути маҷбурӣ дар фазои пасошуравӣ мебошад. Институтҳои ҳуқуқи мадании он, бахусус дар соҳаи маҳдудияти ҳуқуқи моликият, реша дар анъанаҳои ҳуқуқи римӣ дошта, дар доираи Кодекси мадании Федератсияи Россия[156] (м.м. 274-277) ба таври ҷузъитар ба танзим дароварда шудаанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими назариявии модели русӣ он аст, ки сервитут ҳамчун «ҳуқуқи вобастаи ашёӣ» (вещное право) шинохта мешавад. Ба андешаи академик С.В. Сарбаш сервитут «дар таносуби мустақим бо моликият қарор дорад ва дар доираи назоратшавандаи он амал мекунад, вале моҳиятан ҳуқуқи мустақили ашёист»[157]. Яъне, аз дидгоҳи ҳуқуқи маданӣ сервитут на ҳуқуқи шахсӣ, балки ҳуқуқи вобастаи ба ашёи ғайриманқул буда, дорои хусусияти доимӣ ва ба моликият басташаванда аст.

Аз ҷиҳати назариявӣ, тафсири м. 274-и Кодекси мадании Федератсияи Россия[158] имконият медиҳад, ки сервитути маҷбурӣ ба се ҳолати асосӣ табақабандӣ карда шавад: зарурати таъмини дастрасӣ ба моликият (замин ё бино); амалисозии функсияҳои хоҷагидорӣ (гузариши хатҳои муҳандисӣ, обрасонӣ, ва ғайра); иҷрои манфиатҳои ҷамъиятӣ (бунёди роҳҳо, гузаргоҳҳо, хати баландшиддат ва ғайра).

Дар таҷрибаи судии Россия як хусусияти назарраси амалисозии сервитути маҷбурӣ, арзёбии зарурат ва тавозуни манфиатҳои тарафҳо мебошад. Тибқи қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Россия №10 аз соли 2020 судҳо муваззафанд, ки «дар вақти баррасии даъвоҳои оид ба сервитут, на танҳо ҳуқуқи молик, балки манфиати ҳифзшавандаи шахси манфиатдорро низ мавриди арзёбӣ қарор диҳанд ва дар сурати вуҷуд доштани имкони дигар, хулоса ба манфиати нигоҳдории тамомияти моликият бароранд»[159].

Ин нишондод аз он шаҳодат медиҳад, ки принсипи зарурат ва мутаносибӣ (принцип необходимости и соразмерности) дар модели ҳуқуқии Федератсияи Россия ба унвони меъёри асосии додани иҷозат ба сервитути маҷбурӣ мавқеи калидӣ дорад. Ин масъала на

[154] Рябов А.А. Отрицательные сервитуты и сервитуты вида в российском гражданском праве // Журн. российского права. – 2007. – № 5. – С. 67-75.

[155] Сарбаш С.В. Вещные права в гражданском праве. – М.: Юрайт, 2020. – С. 98.

[156] Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N51-ФЗ (ред. от 18.07.2019) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019) // СПС «Консультант Плюс». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 05.04.2026).

[157] Сарбаш С.В. Вещные права в гражданском праве. – М.: Юрайт, 2020. – С. 98.

[158] Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N51-ФЗ (ред. от 18.07.2019) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019) // СПС «Консультант Плюс». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 05.04.2026).

[159] Головко А.В. Понятие сервитута, основные виды сервитутов в законодательстве РФ: частный и публичный сервитут // Современные проблемы управления и регулирования: теория, методология, практика: Сборник статей II Международной научно-практической конференции, Пенза, 23.01.2017 г. / под общ. ред. Г.Ю. Гуляева. – Пенза: Наука и Просвещение, 2017. – С. 264-266.

танҳо дар сатҳи қонун, балки дар доктринаи ҳуқуқӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст[160].

Ба қавли доктори илмҳои ҳуқуқ В.П. Мозолин «сервитут - василаи зикрнашавандаи танзими ҳуқуқи моликият аст, ки танҳо дар ҳолати мавҷудияти эҳтиёҷи амиқи ҳаётӣ ва ғайриимконии ба таври дигар расидан ба ҳадаф истифода мешавад»[161].

Илова бар ин, арзёбии товон ҳамчун ҷузъи ҳатмии механизми муқаррар кардани сервитути маҷбурӣ, дар таҷрибаи судии Русия мустақилона (ба воситаи ташхисҳои баҳисобгирии молу мулк) сурат мегирад[162]. Қарори суд ҳатман бояд арзиши таъсир ба моликият ва андозаи товонро дар бар гирад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин равшании меъёрӣ дида намешавад.

Хулоса, таҷрибаи Федератсияи Россия дар танзими сервитути маҷбурӣ нишон медиҳад, ки институти мазкур равшану мукаммал аст ва механизми ҳуқуқӣ бо усулҳои судӣ ва воситаҳои товондиҳӣ ҳамгиро шудаанд, принсипҳои назариявии асосӣ - зарурат, мутаносибӣ, ҳимояи тавозуни манфиатҳо – дар ҳуқуқ ва амал муътадил истифода мешаванд, модели русӣ метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи муфид дар такмили меъёргузорӣ хизмат кунад.

Танзими ҳуқуқии сервитути маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар заминаи моделҳои ҳуқуқи мадании кишварҳои пасошуравӣ ва таҷрибаи нави институтсионалии худ ташаккул ёфтааст. Қисмати мувофиқи он дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон (қисми махсус, м.м. 188-191) муқаррар гардида, ҳамчунин бо Қонун «Дар бораи танзими муносибатҳои замин» ва қарорҳои Суди Олии Қазоқистон мукаммал карда мешавад.

Қонунгузории Қазоқистон низ ба модели Федератсияи Россия наздик аст. Тибқи м.м. 188-191 Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон сервитут метавонад бо роҳи: созишнома, ҳуҷҷати мақомоти иҷроия (барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ), ҳалномаи судӣ муқаррар шавад. Тафовутҳо доир ба масоили сервитут дар ин кишвар чунин мебошад: Қазоқистон таҷрибаи тавсияҳои суди олӣ оид ба татбиқи сервитутро ҷорӣ намудааст, ки барои судҳои поёнӣ роҳнамоӣ мекунад. Татбиқи тавозуни судӣ миёни ҳуқуқи молик ва манфиати шахси сеюм ҳатмист[163].

Мутахассис Б. Шарипов чунин зикр мекунад, ки «танзими сервитут дар Қазоқистон намунаи пайвастани ҳуқуқи римӣ бо таҷрибаи маҳаллии муҳандисиву заминсозӣ мебошад»[164]. Аз ҷиҳати назариявӣ, ҳуқуқшиносони қазоқ сервитутро ба таври равшан ҳамчун шакли истифодаи маҳдуд ва вобастаи ҳуқуқи моликият, ки бо дарназардошти зарурати ҳаётӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мешавад, тавсиф менамоянд. Ба андешаи доктори илмҳои ҳуқуқ Б. Шарипов «сервитут дар Қазоқистон як навъи механизми мутаносиби ба ҳам овардани ҳуқуқи моликият ва заруратҳои иҷтимоӣ мебошад. Он дар асоси принсипи мизони ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони дахлдор бунёд мешавад»[165].

Хусусиятҳои назариявии низоми ҳуқуқии сервитути маҷбурӣ дар ин кишвар чунин мебошад:

---

[160] Сергеев А.П., Терещенко Т.А. Соотношение понятий «ограничение» прав и «обременение» имущества в гражданском праве (на примере соотношения ограничений в виде особых условий использования земельных участков и сервитутов) // Арбитражные споры. – 2011. – № 4. – С. 100-106.

[161] Мозолин В.П. Право собственности в гражданском праве. – М.: Статут, 2019. – С. 156.

[162] Монахов Д.А. Сервитуты и их судебная защита: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2009. – С. 10, 105.

[163] Гаджиев Г.А. Конституционные основы ограничения права собственности // Журнал «Государство и право». – 2019. – № 5. – С. 13-20.

[164] Шарипов Б. Вопросы реализации сервитутов в практике судов Республики Казахстан. – Алматы: ЮрИнфо, 2022. – С. 47.

[165] Шарипов Б. Там же. – С. 39.

- ҳуқуқи моликият маҳдуд мегардад танҳо дар ҳолати мавҷуд будани «зарурати эҳсосшавандаи ҷамъиятӣ» - ин навъ шарт дар м. 188 Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон ва санадҳои зериқонунӣ муқаррар шудааст;

- шахси манфиатдор вазифадор аст бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (харита, тавсифи геодезӣ, мақсаднокии истифода) асоснок кунад, ки роҳи дигаре вуҷуд надорад;

- суд барои муқаррар кардани сервитут, ба тавозуни манфиатҳои тарафҳо, арзиши моликият ва эҳтимоли зарар ба молики асосӣ низ баҳо медиҳад;

- ҳангоми қонеъ кардани даъво, суд метавонад муҳлати муайян барои сервитут муайян кунад - ин падидаи муҳим ва пешрафта дар ҳуқуқи қазоқӣ ба шумор меравад.

Дар м. 191 Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон чунин омадааст: «Молик ҳуқуқ дорад товони муносиб барои истифодаи объект аз ҷониби шахси дигар талаб намояд, агар шартномаи тарафайн мавҷуд набошад»[166]. Ин меъёр ба таври назариявӣ заминаи ҳуқуқии тавондиҳиро ҳатто дар набудани шартнома муҳайё месозад ва масъулияти судро дар муайянсозии шартҳои товон зиёд мекунад.

Тибқи шарҳи Суди Олии Қазоқистон (шарҳи расмии 2019) судҳо бояд: ба ҳуқуқи соҳибмулк афзалият диҳанд, агар истифодаи дигаргунаи қитъа мумкин бошад; манфиати амалӣ ва воқеии шахси даъвогарро бо санадҳо ва далелҳо исботшуда талаб намоянд; шакли боэътимоди товон (пулӣ ё дигар шаклҳо) ва муҳлати истифодаи сервитутро муқаррар намоянд[167].

Ин равиши таҳлилӣ ва таносубии судӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои геодезӣ ва арзёбии молу мулк алоқаманд аст, як намунаи муассири танзими институти сервитут дар низоми қазоқӣ мебошад. Дар маҷмуъ, таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи танзими сервитути маҷбурӣ дар баробари таҷрибаи Федератсияи Россия ба унвони модели нисбатан возеҳ ва таҳқиқшудаи маҳдудкунии ҳуқуқи моликият дар фазои пасошуравӣ арзёбӣ мегардад. Ҷанбаҳои муҳими назариявӣ ва муосири он иборатанд аз: истифодаи муфассали принсипи тавозун ва зарурат; ҷорӣ шудани муҳлати муваққатии сервитут ва имкони бекорсозии он; механизми равшани товондиҳӣ бо асосҳои ҳуқуқии мустақим; роҳнамоии судҳо тавассути шарҳҳои расмии Суди Олӣ, ки дар амал ба ҳуқуқшиносони амалӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Дар сурати таҳияи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи усулҳо ва принсипҳои назариявии қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон метавонад барои таҳкими қонуният, адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи моликият нақши калидӣ бозад.

Дар асоси таҳлили қонунгузории кишварҳои зикршуда метавон чунин таҷрибаи муфидро ба низоми Тоҷикистон мутобиқ кард: тартиби равшани товондиҳӣ (бо истифодаи арзёбии молу мулк); муқаррар кардани сервитут ба муҳлат (муваққатӣ ё доимӣ); зарурати харитаи техникӣ ва тавсифи геодезӣ ҳамчун замима ба даъво; пешниҳоди роҳнамои судӣ аз ҷониби Суди Олӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; бекоркунии автоматии сервитут баъд аз рафъи зарурат, ба мисли модели Олмон.

Ҳуқуқи миллӣ оид ба сервитути маҷбурӣ бо вуҷуди асосҳои умумӣ, дар муқоиса бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, бахусус Федератсияи Россия, Олмон ва Қазоқистон – ҳанӯз норасоии меъёрӣ ва таҷрибавӣ дорад. Мутобиқ кардани таҷрибаи муваффақи хориҷӣ метавонад дар таҳкими институти сервитут, кам кардани баҳсҳои судӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба суд ва мақомоти давлатӣ саҳми ҷиддӣ гузорад.

---

[166] Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть). Принят 01.07.1999 № 409-I ЗРК (в ред. от 01.01.2023), ст. 188-191.

[167] Майборода Э.Т., Майборода В.А. Развитие публичного сервитута на земельные участки // Наука-Парк. – 2014. – № 5 (25). – С. 39-45.

Дар маҷмуъ, таҳлили назариявӣ ва амалӣ нишон дод, ки сервитути маҷбурӣ яке аз василаҳои муҳими ба танзим даровардани муносибатҳои замин ва молу мулки ғайриманқул аст; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқаррароти дахлдори (м.м. 344-350) Кодекси маданӣ асосҳои умумии татбиқи ин институтро муайян мекунад, вале механизми муфассал ва муассирро дар бар намегирад; таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти зиёд дар баҳодиҳӣ, товондиҳӣ, сабт ва татбиқи қарорҳои судӣ вуҷуд доранд; таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ, бахусус Федератсияи Россия, Олмон ва Қазоқистон – намунаи муваффақи танзими дақиқи ин институт мебошад.

Дар натиҷа, тавсия мешавад, ки механизми товондиҳӣ ва бақайдгирии сервитут пурра ва равшан гардонида шавад; ҳуҷҷатҳои судӣ бо маълумоти техникӣ ва геодезӣ муҷаҳҳаз шаванд; роҳнамои татбиқи судии сервитут аз тарафи Суди Олӣ таҳия гардад; таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дигар ба танзими миллии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти сервитути маҷбурӣ бар асоси Кодекси мадании Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва санадҳои иловагӣ ба мисли Қонун «Дар бораи идора ва истифодаи замин», Қонун «Дар бораи моликият», инчунин қарорҳои Суди олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба роҳ монда шудааст. Моддаҳои 215-217 Кодекси мадании Ҷумҳурии Узбекистон ба танзими институтҳои сервитут бахшида шудаанд ва категорияи сервитути маҷбурӣ ба таври мустақил дар қонун зикр мегардад. Он ҳамчун як навъи маҳдуд кардани ҳуқуқи молик дар асоси қарорҳои мақоми ваколатдор ва ё суд муайян мешавад.

Ҳуқуқшиноси маъруфи ӯзбек А. Тошев дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «сервитути маҷбурӣ дар Узбекистон танҳо дар асоси зарурати мутлақи амалӣ ва бо роҳи қонунӣ ҷорӣ карда мешавад, ки ин ниёзро бо талаботи ҳуқуқи хусусӣ ва манфиати давлатӣ мепайвандад»[168]. Ба таъкиди ӯ ва дигар таҳлилгарон сервитут дар қонунгузории Узбекистон бештар хусусияти ҷуброншаванда дорад, яъне ҳангоми маҳдудсозии ҳуқуқи молик, ӯ бояд товони муносиб дарёфт намояд.

Қонунгузории ин кишвар чунин хусусиятҳои сервитути маҷбуриро муайян менамояд:

- сервитути маҷбурӣ метавонад бо қарори суд ё ҳокимияти маҳаллӣ муқаррар карда шавад, агар зарурати ҳаётӣ ё манфиати иҷтимоии муҳим мавҷуд бошад;
- зарар ба моликият бояд бо таври ҳатмӣ ҷуброн гардад (м. 216 Кодекси мадании Ҷумҳурии Ӯзбекистон);
- муҳлати муайян ё бефосила барои амалкарди сервитут мумкин аст;
- сабти давлатии сервитут ҳатмист, вагарна ҳуқуқ эътибор надорад;
- қонун иҷозат медиҳад, ки сервитут бо розигии молик ҳамчунин бекор карда шавад ё шартҳои он таҳдид гардад.

Тибқи таҳлили ҳуқуқшиносони Донишгоҳи ҳуқуқи Тошканд низоми ҳуқуқи ӯзбекӣ баробарии манфиатҳои давлат ва моликро ба таври тавозун нигоҳ медорад, бартарӣ медиҳад ба усули шартномавӣ, вале дар сурати зарурат, ҳолати маҷбурӣ ҳамчун истисно истифода мешавад, дар доираи ҳуқуқи моликият, сервитут ҳамчун ҳуқуқи вобастаи ашёӣ (вещное право) таъриф мешавад, вале ба таври умумию равшан дар қонунгузорӣ таҳлил нашудааст, ки худ як камбудии назариявӣ ба шумор меравад.

Дар таҷрибаи судии Узбекистон, махсусан бо ташаббуси Суди Олӣ ва мақомоти заминсозӣ, сервитути маҷбурӣ бештар дар ҳолатҳои зерин татбиқ мешавад: барои гузариши хати обу барқ, роҳ ё инфрасохтори давлатӣ, барои додани дастрасӣ ба бино ё замини басташуда, дар ҳолати зарурии амалӣ кардани вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ

[168] Тошев А. Масъалаҳои ҳуқуқии сервитутҳо дар қонунгузории шаҳрвандии Ӯзбекистон // Маҷаллаи «Ҳуқуқ ва демократия». – 2020. – № 2. – С. 87.

(шабакаҳои муҳандисӣ, дастрасӣ ба мактаб, беморхона ва ғ.). Судҳо вазифадоранд, ки мушкилоти воқеии амалӣ ва ҷойгузини дигар надоштани роҳи амалиёти дархостшударо исбот кунанд ва бо роҳи ҳисоботи иқтисодӣ товонро муқаррар намоянд[169].

Хулоса, танзими сервитути маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон як модели устуворест, ки ба таври назариявӣ бар пояи мувозинати ҳуқуқи шахсӣ ва манфиати иҷтимоӣ устувор гардидааст. Хусусиятҳои назарраси он: сервитут танҳо бо асоси зарурат ва бо тавондиҳии ҳатмӣ амалӣ мешавад, судҳо на танҳо ба ҳуқуқ, балки ба мақсаднокии воқеӣ ва алтернативаҳо баҳо медиҳанд; қонунгузорӣ баъзе паҳлӯҳои назариявии муҳими сервитутро камтар тавсиф кардааст, ки ин метавонад омили пешбурди таҳқиқоти илмию амалӣ дар ин самт гардад. Модели Ӯзбекистон метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи миёнаи қобили қабул, ки ниёз ба тавозуни ҳуқуқи моликият ва манфиати ҷамъиятиро дар назар мегирад, хизмат кунад.

Бояд гуфт, ки аз нигоҳи принсипҳои назариявӣ Русия ба принсипи мутаносибӣ ва зарурат бартарӣ медиҳад. Дар маркази он – ҳимояи моликият бо роҳи истифодаи таҳлилҳои судии амиқ қарор дорад. Қазоқистон низ ҳамин принсипҳоро истифода мебарад, вале дар қонунгузорӣ равшансозии муҳлат, тавон ва шакли иҷрои сервитут вуҷуд дорад. Узбекистон бошад, ба мувозинати ҳуқуқи молик ва манфиати ҷамъиятӣ аҳаммияти зиёд медиҳад, аммо таҳлили назариявии институт то ҳол ба таври мукаммал инкишоф наёфтааст.

Ҳамаи се кишвар истифодаи сервитути маҷбуриро барои эҳтиёҷоти ҳаётӣ, дастрасӣ, инфрасохтор ва манфиатҳои ҷамъиятӣ иҷозат медиҳанд. Вале, дар Русия ҳуқуқи моликият устувортар ҳимоя мешавад, дар Қазоқистон усули шартномавӣ афзал дорад ва дар Узбекистон ҳокимияти судӣ нақши калидӣ мебозад. Ҳар се кишвар имкони муқаррар кардани сервитути маҷбуриро тавассути суд, мақоми маҳаллӣ ё қарори маъмурӣ дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозат медиҳанд. Аммо фарқ дар таҳрири раванд ва шартҳои он дида мешавад:

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ метавон гуфт, ки барои такмили низоми сервитути маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи унсурҳои мусбати таҷрибаи ҳар се кишвар мувофиқ аст. Модели ҳуқуқии Қазоқистон бо сабти равшани ҳуқуқӣ ва муҳлатҳои муайян барои ворид кардан ба қонунгузории миллӣ мувофиқтар ба назар мерасад. Аз Федератсияи Россия метавон механизми судии арзёбии тавозуни манфиатҳо ва ҳисоботи иқтисодиро иқтибос кард. Аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, тавондиҳии ҳатмӣ ва иштироки суди мустақил метавонад барои кафолати ҳуқуқи молик муфид бошад.

Ҳар се кишвар товондиҳиро ҳамчун унсури ҳатмии муқаррар кардани сервитути маҷбурӣ мешуморанд. Аз ҷумла, дар Русия товон тибқи арзёбӣ ва шартнома муайян мешавад, агар дар суд зикр гардад[170], Қазоқистон товони ҳатмиро ҳатто бе шартнома дар асоси қарори суд эътироф мекунад[171] ва Узбекистон тавассути суди иқтисодӣ ва бо назардошти зарари воқеӣ товонро муқаррар менамояд[172].

Таҳлили таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус дар самти танзими сервитути маҷбурӣ метавонад ба таври назариявӣ ва амалии хос дар қонунгузории шаҳрвандӣ ва танзимоти мақомоти давлатӣ ба таври ҷудогона омода шавад. Беларус дар амалишавии сервитути

[169] Марьин Е.В. Плата за публичный сервитут, как способ обеспечения эффективности использования земельного участка // Столыпинский вестник. – 2020. – № 1. – С. 11.
[170] Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 № 51-ФЗ (в ред. от 04.08.2023), ст. 274.
[171] Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть). Принят 01.07.1999 № 409-I ЗРК (в ред. от 01.01.2023), ст. 188-191.
[172] Гражданский кодекс Республики Узбекистан. Принят 21.12.1995 г. (в ред. от 2022 г.), ст. 215-217.

маҷбурӣ чандин тафовутҳо ва хусусиятҳои муҳим дорад, ки онро аз дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия фарқ мекунад.

Механизмҳои танзими сервитути маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Беларус: қонунгузорӣ ва асоси ҳуқуқӣ - қонуни асосӣ, ки дар Беларус сервитути маҷбурӣ ва муносибатҳоро дар мавриди маҳдуд кардани ҳуқуқи моликӣ танзим мекунад Кодекси мадании Ҷумҳурии Беларус мебошад, ки дар он сервитути маҷбурӣ ҳамчун як ҳуқуқи шарикӣ барои манфиатҳои ҷамъиятӣ ё эҷоди шароити фароҳам овардани манфиатҳои иқтисодӣ муқаррар шудааст. Моддаҳои 268-277 Кодекси мадании Беларус ба таври васеъ ба танзими сервитути маҷбурӣ ва манфиатҳои он ишора мекунанд[173].

Ба таври равшан дар Қонун «Дар бораи истифодаи замин» (2005) ва Қонун «Дар бораи хадамоти коммуналӣ» (2009) муқаррароти зарурии сервитути маҷбурӣ барои захираҳои давлатӣ ва коммуналӣ ҳамоҳанг карда мешавад[174].

Дар Беларус сервитути маҷбурӣ метавонад ба воситаи қарори суд ва ё тағйири нақшаи давлатӣ (масалан, дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтор) татбиқ гардад. Аз ин рӯ, дар баъзе мавридҳо суд ба масъалаи барқарор кардани ҳуқуқи молик ва ё пешгирии нусхаи қонуншикании молик ишора мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо сервитути маҷбурӣ дар контексти иншоотҳои стратегӣ ва хадамоти коммуналӣ барои манфиати мардум бо қарори мақомоти давлатӣ амалӣ мешавад, ки барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ё беҳбуди инфрасохтор зарур аст[175].

Як ҷузъи муҳим дар сервитути маҷбурӣ дар Беларус ин аст, ки ҳуқуқи моликият дар якҷоягӣ бо манфиатҳои ҷамъиятӣ мутаносиб ба шароити ҳуқуқӣ мавриди қонунсозӣ қарор мегирад. Яъне, сервитути маҷбурӣ ба он маънӣ аст, ки манфиатҳои ҷамъиятӣ метавонад сабаби маҳдуд кардани ҳуқуқи молик ба замин, сохтмонҳо ё дигар амвол гардад. Қонунгузорӣ таъмин мекунад, ки товондиҳӣ ва ҷуброн ё пешниҳод кардани ҷуброн барои зарари аз маҳдудсозӣ расида ба молик зарур мебошад. Тавозун ва мувофиқ кардани муқаррароти судӣ бо манфиатҳои давлатӣ ва умумиҷамъиятӣ дар ҷараёни татбиқи амалиёт ҳамеша муҳим аст[176].

Ҳангоми амалишавии сервитути маҷбурӣ дар Беларус мақомот бояд барномаи муғйироти ҳуқуқи моликро барои ҳар як ҳолат тадбиқ намоянд ва муқаррар кардани шавкати ҳуқуқи ташкили хидматҳоро дар фазо ва истифодаи лоиҳаҳо зарур аст. Масалан, агар нақшаи давлатӣ барои сохтмони хати газ ё таъминоти нерӯгоҳ дастрас шавад, истифодаи сервитути маҷбурӣ зарур аст[177].

Дар Беларус, қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ки ҷуброн аз ҷониби тарафҳо (моликон) ва имкони равшан кардани ҳолат дар масъалаҳои молии сервитути маҷбурӣ ба таври амиқ тарҳрезӣ шавад. Агар молик ҷубронро қабул накунад ё пешниҳод кардани маблағ ё пешниҳодот ғайриқонунӣ бошад, ки худ роҳбарони мақомоти давлатӣ метавонанд ба муҳокимаи қонунӣ бо гузаронидани суд қарор диҳанд[178].

Таҷрибаи Қирғизистон дар танзими сервитути маҷбурӣ ба таври назариявӣ ва амалии хос дар қонунгузории шаҳрвандӣ ва қонунҳои мутааллиқаро ҳангоми татбиқ ё арзёбӣ эътироф мекунад. Таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии Қирғизистон нишон медиҳад, ки ин кишвар

[173] Гражданский кодекс Республики Беларусь. Принят 7 декабря 1998 г. (в ред. от 2022 г.), ст. 268-277.
[174] Қонун «Дар бораи истифодаи замин», соли 2005, №257-З.
[175] Белоусов В.Н. Правовое регулирование сервитутов в Республике Беларусь. – Минск: Институт права, 2020. – С. 56.
[176] Калиничев А.В. Земельный сервитут в российском законодательстве: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 36.
[177] Гусаков А.И. Сервитут и его регулирование в контексте национального законодательства Беларуси. – Минск: ЮрПресс, 2021. – С. 46.
[178] Костюк Л.В. Решения судов по делам о сервитутах в Беларуси. – Минск: Право и справедливость, 2020. – С. 78.

ҳам дар ҳамоҳангӣ бо стандарти байналмилалӣ ва ҳам дар амалишавии ҳуқуқи маданӣ, як қатор иқдомотро амалӣ кардааст.

Механизмҳои танзими сервитути маҷбурӣ дар Қирғизистон: қонунгузорӣ - Кодекси мадании Ҷумҳурии Қирғизистон (1996), ки барои сервитути маҷбурӣ муқаррароти махсус дорад, инчунин Қонун «Дар бораи хати замин ва истифодаи он» (2003), ки шартҳои истифодаи замин барои манфиати ҷамъиятро таъмин мекунад.

Сервитути маҷбурӣ дар Қирғизистон ҳамчун шеваи ҳуқуқи маҳдудкунии истифодаи моликият барои манфиати ҷамъият мебошад ва бо ташаббус ва тақрибаи мақомоти маҳаллӣ ва давлатӣ қарор дода мешавад[179].

Қирғизистон тавсеаи сервитути маҷбуриро бо манфиатҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳолати зарурӣ маҳдуд мекунад, ки метавонад дорои ҳаҷмҳои муайяни амалишаванда дар шахсони давлату муассисаҳои давлатӣ бошад. Механизми ҳуқуқии амалишавии сервитути маҷбурӣ: тибқи талаботи моддаҳои Кодекси маданӣ, амалишавии он метавонад тавассути карори суд ё қарори маҳкумияти мақомоти маҳаллӣ сурат бигирад[180].

Мақсад аз эҷоди сервитути маҷбурӣ дар Қирғизистон ба тавозун овардани манфиатҳо ва ҳифзи ҳуқуқи аҳолӣ мебошад. Механизмҳои ҷубронкунанда ба таври комил ҷорӣ шудаанд ва товондиҳӣ метавонад ба ҳаҷми муайяни арзёбии хос ноил шавад[181].

Қирғизистон дар танзими ҳаҷми замин ва мавод, ки барои истифодаи сервитути маҷбурӣ зарур аст, ҳамроҳ бо расидан ба мувофиқати нақшаи истифодаи замин меравад. Шаклҳои мувофиқ дар қонунгузории Қирғизистон мебошад, ки тавассути гузариши тарҳҳо ва муроҷиат ба мақомоти маҳаллӣ ба амал оварда мешавад[182].

Қирғизистон дар тақрибаи худ аз кишварҳои дигар, ба монанди Русия ва Қазоқистон, дар татбиқ ва васеъ кардани ҳуқуқи моликият дар муқоиса бо механизми сервитути маҷбурӣ дар дигар кишварҳо истифода мекунад. Бо вуҷуди ин, масъалаи муроҷиат ба мақомоти маҳаллӣ ва маҳдуд кардани ҳамаҷониба дар ҳудудҳои ҳукуматӣ беҳбудӣ меҷӯяд.

Тақрибаи Туркманистон дар соҳаи сервитути маҷбурӣ дар асоси қонунгузории миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ муайян мешавад. Туркманистон ҳамчун як кишвари Осиёи Миёна, ки дорои механизмҳои ҳуқуқии махсус дар самти танзими сервитути маҷбурӣ мебошад, бо мақсади рушд ва нигоҳ доштани манфиатҳои ҷомеа ва инфрасохтор, инчунин тавассути барқарор кардани қонунҳои миллӣ ва ташаббусҳои байналмилалӣ механизми хидматрасониро барои манфиатҳои ҷамъиятӣ таъмин мекунад.

Механизмҳои танзими сервитути маҷбурӣ дар Туркманистон: қонунгузорӣ ва асоси ҳуқуқӣ - Қонуни асосии Туркманистон дар бораи сервитути маҷбурӣ ва истифодаи амволи хусусӣ дар оҳанг бо Кодекси мадании Туркманистон аст, ки асоси танзимкунандаи муносибатҳои қонунӣ дар соҳаи амволи моликона ва хидматрасонии коммуналӣ мебошад. Кодекси мадании Туркманистон аз як тарафи эътироф кардани сервитути маҷбурӣ барои манфиатҳои инфрасохтор ва дигар манфиатҳои ҷамъиятӣ иборат аст.

Қонун «Дар бораи истифодаи замин» инчунин таъкид мекунад, ки агар хидматрасониҳои инфрасохтор ё дигар хидматҳо барои манфиатҳои умумӣ талаб шаванд, моликони замин метавонанд дар ҳолати муҳокимаи ҷуброн ё ба тасвиб расидани хидматрасониҳо қарорҳои дахлдор ва иҷозатномаҳои давлатӣ дошта бошанд.

---

[179] Гражданский кодекс Республики Кыргызстан. Принят 01.01.1996 г. (в ред. от 2023 г.), ст. 267.
[180] Қонун «Дар бораи хати замин ва истифодаи он». Принят 12.05.2003 г. № 66.
[181] Манзураева Г.Ю. Сервитут ва танзими ҳуқуқи моликият дар кишварҳои Осиёи Марказӣ. – Бишкек: Фонди омӯзиши ҳуқуқи ҷамъиятӣ, 2021. – С. 34.
[182] Исматов Д.З. Вопросы регулирования использования земель в Кыргызской Республике. – Бишкек: Институт права, 2020. – С. 95.

Барои масоили амволи хусусӣ ва муносибатҳое, ки дар контексти сервитути маҷбурӣ қарор мегиранд, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Туркманистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои моликон ва субъектҳои соҳибкории шахсӣ ба таври мушаххас қоидатҳои марбут ба сервитути маҷбуриро таҳлил мекунад[183].

Амали қонунӣ дар Туркманистон ба моликони замин ва шахсони ҳуқуқии истифодабарандагони сервитути маҷбурӣ имконият медиҳад, ки барои манфиатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили сохтмони шоҳроҳҳо, хатҳои интиқол ё лоиҳаҳои экологии муҳим, ба истифодаи сервитути маҷбурӣ розӣ шаванд. Вақтҳое ки моликон якҷоя бо мақомот ё ширкатҳо ба роҳи хидматрасонӣ эҳтиёҷ доранд, қонунгузории Туркманистон онҳо ба амалишавии сервитути маҷбурӣ иҷозат медиҳад.

Агар молик ё шахс дар баробари истифодаи сервитути маҷбурӣ мухолифат кунад, инчунин мумкин аст, ки ба суд мурочиат карда, як қарор дар бораи иҷрои хидматрасонӣ ва ё ҷуброн барои зарар талаб кунад. Аз рӯи Қонуни Туркманистон дар бораи хизматрасонии инфрасохтор, амалишавии сервитути маҷбурӣ метавонад танҳо бо гузаронидани амалҳои ҳуқуқии дуруст ва бо интихоби ҷубронҳои мувофиқ барои моликон ҳамоҳанг карда шавад.

Дар Туркманистон истифодаи сервитути маҷбурӣ бештар дар тарҳҳои инфрасохтор, ба монанди сохтмони шоҳроҳҳо ё пайвастагиҳои энергетикӣ ё гази табиӣ амал мекунад. Масалан, сохтмони хати интиқол ё хати обгузаронак барои таъмини оби тозаи нӯшокӣ ё энергия ба якҷоягӣ бо сервитути маҷбурӣ аз заминҳо ва манфиатҳои моликон эҳтиёҷ дорад.

Барои амалишавии лоиҳаҳои калон, мақомоти давлат ва ширкатҳои хусусӣ метавонанд тавассути сервитути маҷбурӣ бо моликони замин барои иҷрои тарҳҳо мувофиқа кунанд, ки дар ин ҳолат моликон барои зарарҳои эҳтимолӣ ҷуброн хоҳанд гирифт. Вобаста ба сервитути маҷбурӣ, моликон дар Туркманистон метавонанд аз тарафи давлат ё ширкатҳои инфрасохтор ҷубронҳои мувофиқ барои истифодаи замин ва манфиатҳои моликиятии худ гиранд. Қонунгузории Туркманистон таъкид мекунад, ки моликон бояд маблағ ё ҷуброн барои зиён ё истифодаи бе иҷозат аз замин ва манфиатҳо дар натиҷаи сервитути маҷбурӣ қабул намоянд.

Агар шахс ё субъект бо истифодаи сервитути маҷбурӣ мухолифат кунад, раванди ҳуқуқии мувофиқ ба роҳ монда мешавад, ки дар он қарорҳо барои муқаррар кардани ҷуброн ва ё амалишавии шартҳои мувофиқ барои моликон қабул карда мешавад[184]. Тақрибан ҳар як тасмими барои истифодаи сервитути маҷбурӣ дар Туркманистон бо назардошти таъсири экологӣ ва устувории замин қабул мешавад. Масалан, вақте ки лоиҳаҳои инфрасохтор, монанди хати интиқол ё шоҳроҳҳо, барои таъмини манфиатҳои умумӣ роҳандозӣ мешаванд, мақомот бояд ҳифзи муҳити зист ва эҳтиётро ба назар гиранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили манбаъҳои илмӣ ва қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки сервитути маҷбурӣ ҳамчун институт дар қонунгузории Тоҷикистон маҳдудияти назариявӣ ва амалии равшан дорад. Танзими ҳуқуқии он бештар умумӣ, бидуни низоми мукаммали товон, сабти давлатӣ ва шароити муфассали татбиқ мебошад. Адабиёти илмии ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ дар ин самт танҳо оғоз ба рушд карда истодааст ва ниёз ба мушаххассозии қонун ва дастурҳои судӣ эҳсос мешавад.

Барои беҳтар кардани вазъи амалии татбиқи сервитути маҷбурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон пешниҳодҳои зеринро манзур намуд:

- муайян кардани тартиби товондиҳӣ дар Кодекси маданӣ ва Кодекси замин: - чӣ гуна товон ҳисоб мешавад? Оё бояд якбора пардохт шавад ё мунтазам?;

[183] Қонуни Туркманистон «Дар бораи истифодаи замин» (2021).
[184] Серов О.С. Танзими ҳуқуқии сервитути маҷбурӣ дар Туркманистон. – Ашқобод, 2019. – С. 56.

- таҳияи дастури методии судӣ аз ҷониби Суди Олӣ оид ба татбиқи моддаҳои дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас;

- ворид кардани муқаррароти ҷудогона дар бораи бекор кардани сервитут ва ҳолатҳои барҳамхӯрии он;

- баланд бардоштани савияи тахассусии ҳуқуқшиносон ва кормандони бақайдгирии молу мулк дар мавзуи сервитут;

- рушди таҷрибаи судии муназзам ва нашри қарорҳои судӣ дар сатҳи миллӣ, то онҳо ҳамчун замина хизмат кунанд.

Хулоса, дар ин бахш нишон дода мешавад, ки бо вуҷуди мавҷуд будани заминаи ҳуқуқӣ барои сервитути маҷбурӣ, механизми амалӣ он дар амал татбиқи пурра наёфтааст ва ниёз ба ислоҳоти қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дорад. Бо вуҷуди хусусияти муҳими институти мазкур, зарурати амалии сервитути маҷбурӣ дар равандҳои шаҳрсозӣ ва моликияти шахсӣ, механизми татбиқи он дар Тоҷикистон дучори камбудҳои назаррас ва мушкилоти амалӣ мебошад. Аз ҷумла, норасоии муҳтавои қонун, набудани механизми товондиҳӣ ва таҷрибаи маҳдуди судӣ, татбиқи комили онро манъ мекунанд. Тақвияти қонунгузорӣ, беҳтарсозии механизми судӣ ва бақайдгирӣ, ҳамчунин муайян намудани шаклҳои гуногуни товон, метавонанд заминаи рушди устувори ин институт гарданд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Шарифзода Ф.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Белоусов, В.Н. Правовое регулирование сервитутов в Республике Беларусь [Текст] / В.Н. Белоусов. – Минск: Институт права, 2020. – 220 с.

2. Гаджиев, Г.А. Конституционные основы ограничения права собственности [Текст] / Г.А. Гаджиев // Журнал «Государство и право». – 2019. – № 5. – С. 13-20.

3. Головко, А.В. Понятие сервитута, основные виды сервитутов в законодательстве РФ: частный и публичный сервитут [Текст] / А.В. Головко // Современные проблемы управления и регулирования: теория, методология, практика: Сборник статей II Международной научно-практической конференции, Пенза, 23.01.2017 г. / под общ. ред. Г.Ю. Гуляева. – Пенза: Наука и Просвещение, 2017. – С. 264-266.

4. Гражданский кодекс Республики Беларусь. Принят 7 декабря 1998 г. (в ред. от 2022 г.), ст. 268-277.

5. Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть). Принят 01.07.1999 № 409-I ЗРК (в ред. от 01.01.2023), ст. 188-191.

6. Гражданский кодекс Республики Кыргызстан. Принят 01.01.1996 г. (в ред. от 2023 г.), ст. 267.

7. Гражданский кодекс Республики Узбекистан. Принят 21.12.1995 г. (в ред. от 2022 г.), ст. 215-217.

8. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N51-ФЗ (ред. от 18.07.2019) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019) // СПС «Консультант Плюс». Режим доступа: http://www.consultant.ru (дата обращения: 05.04.2024).

9. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 № 51-ФЗ (в ред. от 04.08.2023), ст. 274.

10. Гусаков, А.И. Сервитут и его регулирование в контексте национального законодательства Беларуси [Текст] / А.И. Гусаков. – Минск: Юрид. центр Пресс, 2021. – 240 с.

11. Исматов, Д.З. Вопросы регулирования использования земель в Кыргызской Республике [Текст] / Д.З. Исматов. – Бишкек: Институт права, 2020. – 230 с.

12. Калиничев, А.В. Земельный сервитут в российском законодательстве [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / А.В. Калиничев. – М., 2007. – 204 с.

13. Костюк, Л.В. Решения судов по делам о сервитутах в Беларуси [Текст] / Л.В. Костюк. – Минск: Право и справедливость, 2020. – 180 с.

14. Қонун «Дар бораи истифодаи замин», соли 2005, №257-З.

15. Қонун «Дар бораи хати замин ва истифодаи он». Принят 12.05.2003 г. № 66.

16. Қонуни Туркманистон «Дар бораи истифодаи замин» (2021).

17. Майборода, Э.Т., Майборода В.А. Развитие публичного сервитута на земельные участки [Текст] / Э.Т. Майборода // Наука-Парк. – 2014. – № 5 (25). – С. 39-45.

18. Манзураева, Г.Ю. Сервитут ва танзими ҳуқуқи моликият дар кишварҳои Осиёи Марказӣ [Текст] / Г.Ю. Манзураева. – Бишкек: Фонди омӯзиши ҳуқуқи ҷамъиятӣ, 2021. – 190 с.

19. Марьин, Е.В. Плата за публичный сервитут, как способ обеспечения эффективности использования земельного участка [Текст] / Е.В. Марьин // Столыпинский вестник. – 2020. – № 1. – С. 11-23.

20. Мозолин, В.П. Право собственности в гражданском праве [Текст] / В.П. Мозолин. – М.: Статут, 2019. – 380 с.

21. Монахов, Д.А. Сервитуты и их судебная защита [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Д.А. Монахов. – СПб., 2009. – 200 с.

22. Рябов, А.А. Отрицательные сервитуты и сервитуты вида в российском гражданском праве [Текст] / А.А. Рябов // Журн. российского права. – 2007. – № 5. – С. 67-75.

23. Сарбаш, С.В. Вещные права в гражданском праве [Текст] / С.В. Сарбаш. – М.: Юрайт, 2020. – 420 с.

24. Сергеев, А.П., Терещенко, Т.А. Соотношение понятий «ограничение» прав и «обременение» имущества в гражданском праве (на примере соотношения ограничений в виде особых условий использования земельных участков и сервитутов) [Текст] / А.П. Сергеев, Т.А. Терещенко // Арбитражные споры. – 2011. – № 4. – С. 100-106.

25. Серов, О.С. Танзими ҳуқуқии сервитути маҷбурӣ дар Туркманистон [Матн] / О.С. Серов. – Ашқобод, 2019. – 180 с.

26. Тошев, А. Масъалаҳои ҳуқуқии сервитутҳо дар қонунгузории мадании Ӯзбекистон [Текст] / А. Тошев // Маҷаллаи «Ҳуқуқ ва демократия». – 2020. – № 2. – С. 87-96.

27. Шарипов, Б. Вопросы реализации сервитутов в практике судов Республики Казахстан [Текст] / Б. Шарипов. – Алматы: ЮрИнфо, 2022. – 200 с.

СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ФЕНОМЕНА СЕРВИТУТА В НЕКОТОРЫХ СТРАНАХ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

Ключевые слова: сервитут; правовая система сервитута; механизмы регулирования; законодательство; соглашение; суд; земля; земельный участок; земельный сервитут; сервитут недвижимого имущества.

Аннотация. В данной статье был проведен сравнительно-правовой анализ явления сервитута в некоторых государствах Содружества Независимых Государств. В процессе анализа автор изучил законодательство некоторых стран Содружества Независимых Государств и с учетом последних изменений и дополнений выделил вопросы сервитута,

механизмов регулирования соглашений о неденежном имуществе. Кроме того, в ходе сравнительного правового анализа были внесены полезные предложения по совершенствованию законодательства Республики Таджикистан в области сервитута.

Сохибзода Мухаммадджон Махмадали – Судья Конституционного суда Республики Таджикистан, к. ю. н., доцент. Тел.: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

Каххорзод Шухрат Бобомурод – соискатель отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 901-22-04-89. E-mail: shuhrat_q@mail.ru

COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE SERVITUDE PHENOMENON IN SOME CIS COUNTRIES

Keywords: easement; legal system of easement; regulatory mechanisms; legislation; agreement; court; Land; Land plot; land easement; servitude of immovable property.

Annotation. This article provides a comparative legal analysis of the phenomenon of servitude in some CIS countries. In the course of the analysis, the author studied the legislation of some CIS countries, taking into account recent changes and additions, highlighted the issue of easement, regulatory mechanisms and agreements on non-monetary property. In addition, during the comparative legal analysis, useful suggestions were made to improve the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of easement.

Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali – Judge of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor. Phone: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

Kahhorzod Shukhrat Bobomurod – competitor of the Department of Civil, Business and Family Legislation of the National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 901-22-04-89. E-mail: shuhrat_q@mail.ru

АБДУРАҲИМЗОДА СИЁВУШ ҚУДРАТУЛЛО,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел.: (+992) 93-767-82-92. E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru

ТДУ: 347.191.12(575)

ДАР БОРАИ ХУСУСИЯТҲО ВА НАМУДҲОИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАЪСИСИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ҳуҷҷатҳои таъсисӣ; низомнома; оиннома; шартномаи таъсисӣ; муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шахсони ҳуқуқӣ; шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; навъҳо ва намудҳо; қонунгузорӣ; шакли моликият; муассис (муассисон).

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба хусусиятҳо ва намудҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида намудааст. Хусусан, дар он масъалаҳои маҳакҳои мансубияти ҳуҷҷатҳои таъсисӣ нисбати шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусиятҳои умумӣ ва махсуси ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, намудҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, таълимии дохилӣ ва хориҷии кишварамаон, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ гардида, вобаста ба мавзуи таҳқиқот хулосаҳои дахлдори назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ фаъолияти худро дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амалӣ менамоянд. Аз ин ҷо, таъсис ва фаъолият инчунин иштироки дилхоҳ шахсони ҳуқуқиро аз ҷумла, ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бидуни таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ки пас аз санадҳои қонунгузорӣ санадҳои муҳими танзимкунандаи фаъолияти онҳо ба ҳисоб мераванд, тасаввур кардан душвор ва ғайриимкон аст. Маҳз, дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ҳуҷҷатҳои боқимондаи танзимсозандаи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ аз ҷумла, фармонҳо, амрҳо, қоидаҳо, дастурамалҳо, шартномаҳо ва ғайраҳо таҳия ва тасдиқ карда мешаванд, ки онҳо барои ноил гардидан ба мақсади фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ заминаи ниҳоят муҳим мебошанд.

Табиист, ки падидаи ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бинобар падидаи муҳим ва рузмарра ҳисоб гардидан ниҳоят фароху доманадор ва мушкилу печида буда, на яку якбора, балки ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба он танҳо дар ҳолати бо навбат мавриди таҳқиқот қарор додани онҳо имконпазир мебошанд. Дар сарчашмаҳои илмии ватанӣ мо то ҳол ба таҳқиқоти махсуси илмии нашргардида оид ба мавзуи таҳқиқоти илмии мазкур вонахурдем, ки чунин ҳолат аз фазои холигии илми ҳуқуқи мадании кишварамон шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши илмии алоҳидаи мавзуи мазкур барои боз ҳам равшантар ва мукаммалтар гардидани фазои илмии ҳуқуқи мадании кишварамон дар мисоли мавзуи ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мусоидат ва хизмат хоҳад кард.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама, таҳқиқ ва омӯзиши илмии падидаи маҳаки мансубияти ҳуҷҷатҳои таъсисӣ нисбати шаклҳои ташкилӣ-

ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусиятҳо ва намудҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил гардидан ба он ҳалли чунин вазифаҳо дар назар дошта шудааст: муайян кардани маҳаки мансубияти номгуи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ нисбати шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; таҳлили хусусиятҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, таҳлили намудҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; инчунин коркард ва пешниҳод намудани таклифҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онҳо ба танзими масъалаҳои марбут ба ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ равона гардидаанд.

Қисми асосӣ. Таҳия намудани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ва барои тасдиқ ба муассис (муассисон) пешниҳод намудани онҳо ҷараёни ҳуқуқии дуюми таъсисдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Чунонки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст: «Таркиби ҳатмии ҷараёни таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ тайёр кардани ҳуҷҷатҳои таъсисии ӯ мебошад, ки онҳо дар баробари қонунгузорӣ асоси ҳуқуқии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ мебошанд»[185]. Маълум аст, ки шахсони ҳуқуқӣ фаъолияти худро пас аз қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз, дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисии дахлдор, ки он аз ҷониби худи онҳо таҳия ва аз ҷониби муассиси (муассисони) онҳо тасдиқ карда мешаванд, амалӣ менамоянд. Маҳз, дар асоси онҳо муассисон меъёрҳои умумии ҳуқуқиро мувофиқи манфиатҳои худ мушаххас менамоянд[186].

Чунонки А.В. Егоров қайд менамояд: «Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ фаъолияти худро, ки барои ноил гардидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои муайян равона гардидааст, ғайр аз қонунгузорӣ инчунин дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ низ амалӣ менамоянд»[187]. Бояд қайд кард, ки таҳия ва барои тасдиқ ба муассис (муассисон) пешниҳод намудани ҳуҷҷати таъсисӣ яке аз талаботҳои муҳим ва асосии қарори қабулнамудаи муассиси (муассисони) шахсони ҳуқуқӣ доир ба таъсиси онҳо ба ҳисоб меравад, ки ба зиммаи худи шахсони ҳуқуқӣ вобаста карда мешавад. Аз ин ҷо, таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пеш аз ҳама, дар асос ва барои амалӣ намудани нишондодҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии қарори муассис (муассисон) ва дар ҳолатҳои алоҳида суратмаҷлиси муассис (муассисон) оид ба таъсиси шахсони ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Дар бобати хусусиятҳои низомнома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Чунонки дар қисми 1, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар асоси низомномаи умумӣ оид ба чунин намуди ташкилотҳо амал карда метавонад. Муқаррароти мазкур аз чанд ҷиҳат қобили баҳс ва таваҷҷуҳ аст. Нахуст, нофаҳмост, ки чаро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубияти низомномаро ба шакли моликияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар накардааст? Чунки агар, хулоса намоем, ки ҳуҷҷати мазкур ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият мансуб аст, пас, қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зимни пешниҳоди мафҳуми расмии низомнома онро танҳо мансуби ташкилотҳои давлатӣ дониста, танзими фаъолияти ташкилотҳои хусусиро бошад, аз доираи он истисно намудааст, ки чунин ҳолат то дараҷаи

[185] Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. Китоби дарсӣ / зери таҳрири ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ш.Т. Тағойназаров. – Душанбе: 2017. – С. 89.

[186] Гражданское право: учебник. Том 1 / под ред. д-ра юрид. наук, проф. А.П. Сергеева, д-ра юрид. наук, проф., чл.-кор. РАН Ю.К. Толстого. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: ПРОСПЕКТ, 2005. – С. 159.

[187] Егоров А.В. Учреждения как некоммерческие юридические лица по гражданскому праву России: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград: 2006. – С. 104.

дахлдор мухолифати байни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба бор овардааст.

Аз ин лиҳоз, ҳоло зарурати дар қисми 1, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани мансубияти низомнома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ вобаста ба шакли моликият ба миён омадааст, ки чунин амал барои ҳалли мухолифати зикршуда заминаи ҳуқуқии мусбӣ ба вуҷуд меорад. Дуюм, нофаҳмост, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ибораи «низомномаи умумӣ» кадом намуди низомномаҳоро дар назар дорад? Чунки, дар таҷриба ҳам низомномаҳои намунавӣ[188] ва ҳам низомнома[189] мавҷуд аст, ки навъҳо ва намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси онҳо ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ амал менамоянд. Агар хулоса намоем, ки ба ибораи «низомномаи умумӣ», ки ҳоло дар моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ҳар ду низомномаҳои мазкур дохиланд, пас чаро онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо ду ном яке, низомномаи намунавӣ оид ба навъҳои муассисаҳои мазкур ва дигаре, танҳо бо номи низомнома зикр гардидааст? Ба андешаи мо, байни низомномаҳои номбурда фарқият мавҷуд аст. Чунки низомномаҳои намунавӣ оид ба навъҳои дахлдори муассисаҳои таълимӣ асосан нисбати муассисаҳои давлатии таълимӣ қабул гардида, онҳо ҳуҷҷати таъсисии муассисаи таълимиро, ки оиннома мебошад, иваз наменамоянд[190].

Баръакс, низомномаи намунавӣ ҳуҷҷати таъсисӣ ба ҳисоб намеравад ва барои қабули оиннома ҳамчун заминаи ҳуқуқии ҳатмӣ ва зарурӣ баромад менамояд(сархати 6, моддаи 33 ва қисми 2, моддаи 41 қонун дар бораи маориф)[191]. Вале, низомнома бошад, ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ қабул гардида, ивазкунандаи оиннома ба ҳисоб меравад[192]. Аз ин рӯ, ҳоло дар моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фарогирии ҳар ду намуди низомнома зарурати мавриди танзими ҳуқуқии дахлдор қарор додани онҳо ва ба мафҳуми расмии низомнома, ки дар қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, мувофиқ гардонидани он ба миён омадааст. Бинобар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пас аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба навъ ва сипас ба намуд ҷудо гардидан[193] пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз калимаи «намудҳои» калимаи «навъҳои» илова карда шавад, ки он ҳам низомномаҳои намунавии навъҳои ташкилотҳои дахлдор ва ҳам низомномаҳои умумӣ оид ба намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратиро фаро мегирад.

Сеюм, нофаҳмост, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ибораи «шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад», кадом шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии

---

[188] Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016, № 237 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/document/590/download. (санаи мурочиат: 10.01.2026).

[189] Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009 бо тағйиру иловаҳо ба он аз 27 ноябри соли 2014 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[190] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд юрид. наук. – Москва: 2001. – С. 129.

[191] Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 98.

[192] Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009 бо тағйиру иловаҳо ба он аз 27 ноябри соли 2014 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[193] Абдураҳимов С.Қ. Муассисаи таълимӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 55-59.

ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар назар дорад? Чунки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии кооперативи ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ, фонд, муассиса ва дигар шаклҳои муқарраркардаи қонун чудо мешаванд. Агар чунин ҳисоб намоем, ки тамоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқи доштани низомномаро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ доранд, пас таҷриба собит менамояд, ки низомнома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ аксаран, хоси муассиса аст. Аз ин рӯ, мақбултар он аст, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубияти низомномаро ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ боз ҳам мушаххастар намояд, ба манфиати кор аст.

Қонун дар бораи маориф дар муқаррароти гуногуни худ (қисми 3, моддаи 10, қисми 3, моддаи 16, қисми 18, моддаи 16, сархати 4, моддаи 32, сархатҳои 5 ва 6 моддаи 33, қисми 2, моддаи 41) ҳарчанд, таҳия, қабул ва тасдиқи низомномаҳои намунавии навъҳои муассисаҳои таълимии дахлдорро пешбинӣ карда бошад ҳам вале, онҳоро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ зикр накардааст. Пас нофаҳмост, ки онҳо тибқи чунин муқаррароти қонун дар бораи маориф ба ҳайси кадом навъи ҳуҷҷат баромад менамоянд. Агар онҳо дар ҳақиқат ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ баромад намоянд, пас зарур аст, ки барои боз ҳам равшантар гардидани мақсад, вазифа, функсия ва таъйиноти онҳо қонунгузор ибораи «ҳуҷҷати таъсисиро» нисбати онҳо муқаррар намояд. Чунки ҳоло қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни заминавии соҳа ҳатто боре ҳам ибораи «ҳуҷҷати таъсисиро», ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бидуни ҳуҷҷати таъсисӣ номумкин ва дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун боиси ҷавобгарӣ низ мебошад[194], зикр накардааст.

Масъалаи дигари баҳснок нисбати низомнома дар он аст, ки ҳарчанд қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳти мафҳуми расмии низомнома муайян кардани вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онро, инчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандонро муқаррар карда бошад, ҳам вале, дар ҳолатҳои алоҳида низомнома на ба чунин таъйиноти муайянгардида, балки ба дигар таъйинот қабул гардидаанд, ки ба талаботи мафҳуми расмии низомнома мутобиқ ва ҷавобгу намебошад. Масалан, дар банди 11 моддаи 23 қонун дар бораи маориф қабули низомномаро доир ба мукофотонидани хонандагон бо медали тилло ва нуқра ва додани аттестати (шаҳодатномаи) аъло ва дипломи аъло бо нишони аълочӣ ... вобастаро танзим кардааст. Ҳол он, ки қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 29 қоида, дастурамал ва дигар намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муқаррар намудааст, ки дар асоси онҳо масъалаҳои ба мавзуи танзими низомнома мансубнабударо дар тамоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намудан муҳим ва саривақтӣ аст.

Дар бобати хусусиятҳои оинnома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Мувофиқи қисми 3, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи кодекси мазкур аз ҷониби як муассис таъсис ёфтааст, дар асоси оинномаи тасдиқнамудаи ин муассиса амал менамояд. Қонунгузор маҳаки мансубияти оинномаро ба шахсони ҳуқуқӣ ба шумораи муассис, ки аз як нафар бояд зиёд набошад, муайян кардааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ чунин андеша, ки дар ҳолати муассиси муассиса аз як нафар зиёд набудан ҳуҷҷати таъсисии он оинnома бояд бошад, ҷонибдорӣ гардидааст[195]. Ғайр аз ин, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқаррароти мазкур

[194] Абдураҳимов С.Қ. Дар бораи баъзе масоили ҳуҷҷати таъсисии муассисаи таълимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/4, қисми II. – С. 230.

[195] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд юрид. наук. – Москва: 2001. – С.129.

муассисро ба шакли моликияти дахлдор вобаста накардааст, ки чунин ҳолат дар тасаввуроти шахс, ақидаи новобаста аз шакли моликиятро нисбати шахсони ҳуқуқии мазкур ба миён меорад. Савол ба миён меояд, ки оиннома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ ба кадом ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мансуб аст? Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуҷҷатро ба кооперативи ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ, фонд ва муассиса мансуб донистааст.

Аз ин ҷо, оиннома ҳуҷҷати ниҳоят муҳим ва асосии фаъолияти тамоми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошад, ки фаъолияти худро дар асоси он ташкил намуда, амалӣ менамоянд. Чунонки Ю.Г. Лескова қайд намудааст: «Таъйиноти оиннома дар танзими фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти он ифода меёбад»[196]. Бояд қайд кард, ки оиннома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси низомномаҳои намунавии навъҳои ташкилотҳои дахлдор таҳия ва барои тасдиқ ба муассис (муассисон) пешниҳод мешавад(сархати 6, моддаи 33, қисми 2, моддаи 41 қонун дар бораи маориф).

Дар бобати хусусиятҳои шартномаи таъсисӣ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2 моддаи 53 муқаррар намудааст, ки шартномаи таъсисии шахси ҳуқуқиро муассисон (иштирокдорон)-и он баста, оинномаро тасдиқ менамоянд. Аз ин ҷо, ҳуҷҷати таъсисии шахси ҳуқуқӣ танҳо дар он ҳолат шартномаи таъсисӣ баромад менамояд, ки агар чунин шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби ду ва ё зиёда шахсон таъсис дода шуда бошанд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2, моддаи 53 маҳаки мансубияти шартномаи таъсисиро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии шахсони ҳуқуқӣ ба шумораи муассисон хусусан, ба ду ва зиёда аз он вобаста донистааст.

Маълум аст, ки аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон (иштирокдорон) таъсис додани шахси ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, барои ба даст овардани фоида ва тақсими он дар байни муассисон (иштирокдорон) вобаста ба саҳми ҳар як саҳмгузор аст. Ю.Г. Лескова барҳақ қайд кардааст: «Таъйиноти шартномаи таъсисӣ дар муқаррар намудани муносибатҳои уҳдадорӣ миёни муассисон ифода меёбад»[197]. Чунин таъйиноти мақсадноки шартномаи таъсисӣ дар ҳақиқат дар қисми 6 моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон намоён ва равшан инъикос гардидааст. Пас, шартномаи таъсисӣ дар навбати аввал мансуби ташкилотҳои тиҷоратист, ки онҳо бо мақсади ба даст овардани фоида таъсис дода мешаванд. Ҳамзамон, бинобар аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон таъсис додани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба охирин низ мансуб аст[198].

Савол ба миён гузоштан мумкин аст, ки шартномаи таъсисӣ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ ба кадом шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мансуб аст? Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 2 моддаи 53 шартномаи таъсисиро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ ба шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли моликият мансуб донистааст. Ба хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо дар ҳолати аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон таъсис додани шахсони ҳуқуқӣ аз ҷумла, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ он заминаи бастани шартномаи таъсисӣ дар байни муассисони онҳо баромад менамояд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) бастани шартномаи таъсисиро кафолат додааст(қисми 1, моддаи 130). Чунин андеша дар

[196] Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по Российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Самара: 2004. – С. 104.
[197] Лескова Ю.Г. Там же.
[198] Абдураҳимов С.Қ. Дар бораи баъзе масоили ҳуҷҷати таъсисии муассисаи таълимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/4, қисми II. – С. 229.

адабиёти ҳуқуқӣ низ таъкид гардидааст[199]. Лекин бояд дар назар дошт, ки нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баробари шартномаи таъсисӣ инчунин доштани оиннома низ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ шарти ҳатмии таъсис ва фаъолияти онҳо дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати мухолифати мазмуни ҳуҷҷатҳои мазкур афзалият ба оиннома дода мешавад[200].

Ю.Г. Лескова пешниҳод менамояд, ки дар таркиби ҳуҷҷати таъсисии муассиса бояд шартномаи таъсисӣ дохил бошад, агар муассисаро якчанд соҳибмулк таъсис диҳад[201]. Ба андешаи мо, низ азбаски муассиса ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шумораи зиёди аъзои ҷомеаро дар худ муттаҳид менамояд ва чунин ҳолат заминаи машғул шудани онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, дар ҳолати аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон таъсис гардидан бояд ҳатман шартномаи таъсисӣ дошта бошанд. Қонун дар бораи маориф, ки танзимгари асосии шумораи зиёди навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, таъсиси онҳоро дар асоси шартномаи таъсисӣ пешбинӣ накардааст.

Вале, чунонки қайд гардид, қонун дар бораи таҳсилоти олии касбӣ дар моддаи 12 таъсис, азнавташкил ва барҳамдиҳии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар баробари қарори муассис ва дар ҳолатҳои алоҳида дар асоси шартҳои шартномаи таъсисӣ низ пешбинӣ кардааст. Мутаассифона, қонун дар бораи таҳсилоти олии касбӣ таъсиси муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ба шакли моликияти онҳо вобаста накардааст, ки баҳснок мебошад. Чунин ҳолат мазмуни онро дорад, ки дар ҳолати аз ҷониби танҳо як муассис давлат ва шахси алоҳида таъсис додани чунин муассисаҳои таълимӣ онҳо шартномаи таъсисӣ бояд дошта бошанд, ки чунин ҳолат ба қисми 2 моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд. Ҳол он, ки чунин муассисаҳои таълимӣ хусусан, дар ҳолати аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон таъсис гардидан бояд шартномаи таъсисӣ дошта бошанд(моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Нисбати андешаи шартномаи таъсисӣ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ баромад намудан Л.Г. Максиметс қайд менамояд, ки бастани шартномаи таъсисӣ асосан зимни таъсиси шахсони ҳуқуқии шартномавӣ, ки молики молумулки дар фаъолияташон қарордошта мебошанд ва муассиси онҳо аз як нафар зиёд мебошад, инчунин бевосита дар кодекси маданӣ зикр гардидаанд, имкон дорад. Вале, муассиса бошад, ба ягон гуруҳи номбурда шомил намебошад. Номбурда нисбати муассисаҳои хусусии таълимӣ бастани шартномаи таъсисиро дар байни муассисони он зимни таъсиси он ҷонибдорӣ намудааст[202]. Аз ин рӯ, зарур дониста мешавад, ки мансубияти шартномаи таъсисӣ ба муассисаҳои таълимии мазкур вобаста ба шакли моликияти онҳо низ дар қонун дар бораи таҳсилоти олии касбӣ мушаххас карда шавад.

Намудҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Савол ба миён меояд, ки қонунгузорӣ нисбати шахсони ҳуқуқӣ хусусан, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ кадом ҳуҷҷатҳои таъсисиро муқаррар кардааст? Номгуи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ дар

[199] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2001. – С. 129.
[200] Гражданское право: В 4 т. Том 1: Общая часть: учебник / под ред. Е.А. Суханова. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: Волтерс Клувер, 2008. – С. 135.
[201] Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Самара: 2004. – С. 9-116.
[202] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд юрид. наук. – Москва, 2001. – С.134.

моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳо барои таҳия ва тасдиқи онҳо бошад, дар қонунгузории марбут ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, навъҳо ва намудҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ муқаррар гардидааст. Мувофиқи моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ оиннома, шартномаи таъсисӣ ва оиннома, инчунин шартномаи таъсисӣ ба ҳисоб мераванд.

Зиёда аз ин, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар асоси низомномаи умумӣ оид ба чунин намуди ташкилотҳо амал менамояд. Қонунгузор дар қисми 2 моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шартномаи таъсисии шахси ҳуқуқиро муассисон (иштирокдорон) - и он баста оинномаро тасдиқ менамоянд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 3 моддаи 53 муқаррар намудааст, ки шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи кодекси мазкур аз ҷониби як муассис таъсис гардидааст, дар асоси оинномаи тасдиқнамудаи муассиси мазкур амал менамояд. Маҷмуан, ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ нахуст, оиннома, дуюм, шартномаи таъсисӣ ва оиннома, сеюм, шартномаи таъсисӣ ва ниҳоят низомномаи умумӣ оид ба навъҳо ва намудҳои ташкилотҳои дахлдор мебошанд, ки чунин ҳолат аз хусусияти пушида доштани ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад[203].

Азбаски, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи қонун ҷудо мешаванд, аз ин лиҳоз савол ба миён меояд, ки мансубияти номгуи ҳуҷҷатҳои таъсисии номбаршуда нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ вобаста ба кадом маҳаку падида ва зуҳурот муайян карда мешавад? М.З. Раҳимзода қайд менамояд: «Кадом ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бояд истифода карда шавад, боз ҳам аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқии субъекти хоҷагии таъсисдодамешуда вобастагӣ дорад»[204]. Дар адабиёти дигари ватанӣ низ қайд гардидааст, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ маҳз вобаста ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо тасниф гардидаанд[205]. Дар ҷои дигар бошад, қайд гардидааст: «Шахси ҳуқуқӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисии пешбининамудаи қонунгузорӣ барои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқие, ки шахсони ҳуқуқӣ дар асоси онҳо ташкил гардидаанд, амал менамояд»[206].

Дар моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор ду маҳаки мансубияти ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқиро муқаррар кардааст. Хусусан, дар қисми 1 моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳаки мансубияти низомномаро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии шахсони ҳуқуқӣ ба намуди шахсони ҳуқуқӣ хусусан, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки маҳаки ҷудосозии чунин намудҳои шахсони ҳуқуқӣ дар заминаи мақсади асосии фаъолияти онҳо амалӣ шудааст, муайян кардааст. Зиёда аз ин, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2, моддаи 53 маҳаки мансубияти шартномаи таъсисиро ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии шахсони ҳуқуқӣ ба шумораи муассисон хусусан, ба ду ва зиёда аз он вобаста донистааст. Дар қисми 3 моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, маҳаки мансубияти оиннома ба шахсони ҳуқуқӣ низ ба шумораи муассис, ки бояд аз як нафар зиёд набошад, муқаррар гардидааст.

---

[203] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2001. – С. 130.

[204] Раҳимзода М.З. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Дониш, 2023. – С. 72-73.

[205] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: 2013. – С. 100.

[206] Румянцев Ф.А. Организационное единство как признак юридического лица: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – С. 43.

Барои ба таври мушаххас муайян кардани номгуи ҳуҷҷатҳои таъсисии ҳар як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ зарур аст, ки онҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 124 ҳуҷҷати таъсисии кооперативи ғайритиҷоратиро оиннома муқаррар кардааст. Чунин ҳолат дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» аз 22 июли соли 2013 (минбаъд - қонун дар бораи кооперативҳо) низ такрор омадааст. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 125 ҳуҷҷати таъсисии иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои диниро зикр накардааст.

Вале, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007 (минбаъд - қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) дар моддаи 18 ҳуҷҷати таъсисии онҳоро оиннома ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009 (минбаъд - қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ) бошад, дар моддаи 15 вобаста ба навъҳо ва намудҳои иттиҳодияҳои динӣ ду намуди ҳуҷҷатҳои таъсисиро аз ҷумла, нисбати ташкилотҳои динӣ оиннома ва ҷамоаҳои динӣ бошанд, низомнома муқаррар кардааст. Ҳуҷҷати таъсисии фондро бошад, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 126 оиннома номбар кардааст. Нисбати муассиса бошад, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 128 муқаррарот оид ба ҳуҷҷати таъсисии онҳоро зикр накардааст, ки он боиси пайдоиши фикру андешаҳои гуногун гардидааст. Муассиса ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мустақили ташкилоти ғайритиҷоратӣ ниҳоят гуногун ва сершумор мебошад.

Дар адабиёти ватанӣ омадааст: «Ягона ҳуҷҷати таъсисии муассиса ин оиннома мебошад»[207]. К.А. Васина шабоҳати ниҳоят зиёд доштани муассисаро ба фонд зикр намуда, қайд менамояд, ки ягона ҳуҷҷати таъсисии муассиса оинномаи он ба ҳисоб меравад[208]. Ю.Г. Лескова пешниҳод менамояд, ки дар таркиби ҳуҷҷати таъсисии муассиса бояд шартномаи таъсисӣ дохил бошад, агар муассисаро якчанд соҳибмулк таъсис диҳад[209]. Ба андешаи А.В. Егоров бошад, ба номгуи ҳуҷҷатҳои таъсисии муассиса қарори молик оид ба таъсиси он бояд дохил карда шавад[210]. Л.Г. Максиметс вобаста ба изҳори андешаи қарор ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии муассиса ба хулоса омадааст, ки дар қонунгузорӣ чунин ҳуҷҷати муайян пешбинӣ нагардидааст. Илова гардидааст, ки қарор ба ҳуҷҷати таъсисии муассиса дохил намешавад[211]. Ю.Г. Лескова низ чунин қайд менамояд: «Қарори соҳибмулк дар бораи таъсиси муассиса ҳуҷҷати ташкилӣ буда, на ҳуҷҷати таъсисӣ мебошад»[212].

Муассиса дар як ҳолат оиннома дар ҳолати дигар, низомномаи умумӣ оид ба намуди ташкилотҳои мазкур ё низомнома оид ба ташкилотҳои мушаххас[213] дошта метавонад, ки

---

[207] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 363.

[208] Васина К.А. Гражданско-правовой статус фонда по законодательству Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва: 2008 – С. 7.

[209] Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по Российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Самара: 2004. – С. 9.

[210] Егоров А.В. Учреждения как некоммерческие юридические лица по гражданскому праву России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – С. 17.

[211] Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд. юрид. наук. Москва: 2001. – С. 130.

[212] Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по Российскому законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Самара: 2004. – С. 97.

[213] Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009 бо тағйиру иловаҳо ба он аз 27 ноябри соли 2014 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

онҳоро муассис (муассисон) тасдиқ менамояд[214]. Бо назардошти сершумор будани навъҳо ва намудҳои муассиса моддаи 128 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими хусусиятҳои ҳолати (мақоми – А.С.) ҳуқуқии онҳоро ба қонунгузории амалкунанда ҳавола кардааст, ки ҳоло бархе аз онҳо таҳлил хоҳад гардид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (минбаъд - қонун дар бораи маориф) дар моддаи 14 ҳуҷҷати таъсисии муассисаи таълимиро оиннома муқаррар кардааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 3 январи соли 2024 (минбаъд - қонун дар бораи фарҳанг) дар моддаи 20 ҳуҷҷатҳои таъсисии муассисаҳои соҳаи фарҳангро оиннома ва низомнома муқаррар кардааст.

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017[215] ки қонуни ягона ва мураттабгардидаи соҳаи тандурустӣ мебошад, доир ба номгуи ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ба таври алоҳида муқаррарот наовардааст. Танҳо дар моддаи 192 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятии табибони бемориҳои руҳиро оиннома пешбинӣ кардааст, халос, ки чунин ҳолат ниҳоят кам ва ночиз мебошад. Пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 6 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии муассисаҳои соҳа, ки ҳоло пешбинӣ нагардидааст, илова карда шавад. Ҳамзамон, илова намудани ваколати дигар, ки ҳоло дар моддаи 6 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидааст, нисбати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ вобаста ба таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани низомномаҳои намунавии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим дониста мешавад.

Дигар ҳуҷҷати таъсисӣ, ки нисбати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти олӣ) зикр гардидааст, шартномаи таъсисӣ мебошад[216]. Ҳарчанд, дар моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори чор шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ) зикр нагардида бошад, ҳам вале дар зербоби 11 боби 4 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марбут ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аст, нисбати онҳо ба таври алоҳида моддаҳои 129, 130 ва 131 ҷудо гардидааст. Дар моддаи 130 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати таъсисии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ шартномаи таъсисии аз ҷониби аъзои он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо дониста шудааст. Таҳлили гузаронидашудаи қонунгузорӣ маълум кард, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативи ғайритиҷоратӣ оиннома, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оиннома ва ташкилотҳои динӣ бошад, оиннома ва низомнома, фонд оиннома, муассиса бошад, оиннома ва низомнома, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) шартномаи таъсисӣ ва оиннома мебошанд.

Хулоса. Дар маҷмуъ, падидаи ҳуҷҷати таъсисии шахсони ҳуқуқӣ хусусан, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ниҳоят фароху доманадор буда, ҳануз як зумра мушкилоти

[214] Егоров А.В. Учреждения как некоммерческие юридические лица по гражданскому праву России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – С. 17.

[215] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[216] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

ҳалношударо фарогир аст. Ҳарчанд, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ номгузорӣ гардида бошад, ҳам вале, дар қонунгузории махсуси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бошад, бо чунин ном муқаррароти алоҳида тамоман дида намешавад, ки чунин ҳолат боиси тираву норавшан мондани паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкур гардидааст. Ҳол он, ки шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, навъҳо ва намудҳои дахлдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷумла, муассисаи таълимӣ низ на танҳо дар асоси оиннома, балки дар асоси шартномаи таъсисӣ, ки аз ҷониби ду ва ё зиёда муассисон таъсис гардидаанд, амал менамоянд.

Вале, қонун дар бораи маориф ҳоло ибораи «шартномаи таъсисиро» ҳатто комилан зикр накардааст. Инчунин, муассисаҳои илмӣ дар ҳолатҳои дахлдор дар асоси низомнома низ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ амал менамоянд. Хубтар он аст, ки дар қонунгузории марбут ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, навъҳо ва намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррароти марбут ба ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо, расман ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои дахлдор номгузорӣ карда шавад. Дар он падидаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бо назардошти талаботи моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, навъҳо ва намудҳои онҳо, шумораи (муассиси)муассисони онҳо, шаклҳои моликияти онҳо, асосҳои ҳуқуқии таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо, ки ҳамчун мушкилот айни ҳол пурра риоя карда намешавад[217], ба қувваи ҳуқуқӣ даромадани ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо, ки ҳамчун мушкилот дониста шудааст[218], инчунин дигар масъалаҳои марбут ба онҳо муқаррар карда шавад. Масалан, моддаи 14 қонун дар бораи маориф ба ҷои оинномаи муассисаи таълимӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисии муассисаи таълимӣ номгузорӣ карда шавад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба чунин хулоса омад:

1. Дар қисми 1, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар асоси низомномаи умумӣ оид ба чунин намуди ташкилотҳо амал карда метавонад. Нофаҳмост, ки чаро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубияти низомномаро ба шакли моликияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар накардааст? Чунки агар, хулоса намоем, ки ҳуҷҷати мазкур ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият мансуб аст, пас, қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зимни пешниҳоди мафҳуми расмии низомнома онро танҳо мансуби ташкилотҳои давлатӣ дониста, танзими фаъолияти ташкилотҳои хусусиро бошад, аз доираи он истисно намудааст, ки чунин ҳолат то дараҷаи дахлдор мухолифати байни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба бор овардааст. Аз ин лиҳоз, ҳоло зарурати дар қисми 1, моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани мансубияти низомнома ҳамчун ҳуҷҷати таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ вобаста ба шакли моликият ба миён омадааст, ки чунин амал барои ҳалли мухолифати зикршуда заминаи ҳуқуқии мусбӣ ба вуҷуд меорад.

2. Дар моддаи 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «низомномаи умумӣ» қайд гардидааст, ки кадом намуди низомномаҳоро дар назар дорад, номаълум аст? Чунки, дар таҷриба ҳам низомномаҳои намунавӣ ва ҳам низомнома мавҷуд аст, ки навъҳо ва намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси онҳо ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ амал менамоянд. Агар хулоса намоем, ки ба ибораи «низомномаи умумӣ» ҳар ду низомномаҳои

[217] Барсукова Л.И. Гражданско-правовая характеристика учредительных документов: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – С. 12.

[242] Тархов В.А. Охрана имущественных прав трудящихся по советскому гражданскому законодательству: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1966. – С. 8.
[243] Вершинин А.П. Способы защиты гражданских прав в суде. – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского университета, 1997. – С. 17.
[244] Остапюк Н.В. Понятие и формы защиты гражданских прав. Особенности нотариальной защиты гражданских прав // Юрист. – 2006. – № 4,5. – С. 12-14.
[245] Ожегов С.И. Словарь русского языка / под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Русский язык, 1987. – С. 418.

Ман чунин мешуморам, ки ин мавқеъ интихоби шахси ҳимоятгари субъекти муайянеро, ки муҳофизат мекунад ва мувофиқан интихоби тартиби ба фаъолияти ҳуқуқи инсон хоси ин субъект, маҷмуи воситаҳо ва усулҳои ҳимояро пешакӣ муайян мекунад.[246]

В.В. Дунаев чунин мешуморад, ки шакли ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ин таъсирест, ки ба волоияти қонун ё шартнома асос ёфта, дар доираи тартиби ҳуқуқӣ ё бидуни он ба амал меояд, ки ба пешгирӣ, рафъи вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва барқарор намудани онҳо нигаронида шудааст, ки аз тарафи мақомоти махсуси салоҳиятдор ё худи соҳиби ҳуқуқи муаллиф анҷом дода мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки ин мавқеъ дурусттар аст, зеро он татбиқи шаклҳои гуногуни муҳофизатро ба назар мегирад.[247]

Илова бар ин, М.К. Треушников қайд мекунад, ки усули ҳифзи ҳуқуқ категорияи ҳуқуқи моддии (танзимкуни) буда, шакли ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти салоҳиятдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи муайяннамудаи қонун мебошад, яъне муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ, татбиқи қоидаҳои ҳуқуқ, муайян намудани роҳи ҳифзи ҳуқуқ ва қабули қарор.[248]

Инчунин нуктаи назаре мавҷуд аст, ки мувофиқи он шакли ҳифзи ҳуқуқ бояд нишон диҳад, ки ҳуқуқи ҳифзро кӣ амалӣ мекунад ва усули ҳифз он аст, ки ин ё он субъекти ҳифз онро чӣ тавр ва тавассути кадом чораҳо анҷом медиҳад.[249]

О.А. Красавчиков қайд мекунад, ки шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои қонуниро қонун вобаста ба объект ва характери вайрон кардани ҳуқуқи ҳифзишаванда муайян намуда, инчунин чунин шаклҳои ҳифзи ҳуқуқро, монанди эътирофи ҳуқуқро мисол меорад; барқарор намудани вазъияте, ки пеш аз вайрон кардани ҳуқуқ вуҷуд дошт ва барҳам додани кирдорҳои вайронкунандаи он; мукофот барои иҷрои асл (натура); қатъ ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ; аз шахсе, ки ҳуқуқро вайрон кардааст, зиён расонидааст ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ҷарима ситонида мешавад.[250]

Бо вуҷуди ин, дар айни замон ҷомеаи илмӣ шаклҳои номбаршудаи ҳифзи ҳуқуқро нишон медиҳад ва қонунгузор онро ҳамчун роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ дар қонунгузорӣ муқаррар мекунад (моддаи 12 Кодекси граждании Федератсияи Россия).[251]

Г.П. Арефиев чунин шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданиро ба шаклҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, худмудофиа, омехта ва арбитражи ҳифз тасниф мекунад.[252]

В.П. Воложанин дар таснифоти худ расмиёти баҳснашаванда ва баҳсталаб шаклҳои таъмини ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатхои қонуниро фарқ мекунад. Вай ҳамчун шаклҳои баҳснашаванда амали мустақилонаи ҳуқуқро аз ҷониби шахси ваколатдор ва шаклҳои баҳснок – суди, ҷамъиятӣ ва маъмурии баррасӣ ва халли парвандаҳои маданиро ҷудо мекунад.[253]

---

[246] Бутнев В.В. К понятию механизма защиты субъективных прав // Субъективное право: проблемы осуществления и защиты. – 1989. – № 2. – С. 9-11.

[247] Дунаев В.В. Понятие и виды форм защиты гражданских прав // Сибирский Юридический Вестник. – 2003. – № 4. – С. 33-36.

[248] Гражданский процесс: учеб. для вузов / под ред. М.К. Треушникова. – М.: Городец, 2007. – С. 411.

[249] Советское гражданское право: в 2-х томах. Т. 1 / под ред. О.А. Красавчикова. – М.: Высшая школа, 1985. –С. 121.

250 Красавчиков О.А. Ответственность, меры защиты и санкции в советском гражданском праве // Сборник ученых трудов. Вып. 39. – Свердловск, 1975. – С. 11-12.

[251] Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 г. № 51-ФЗ (в ред. от 06.04.2015 года) // Собрание законодательства РФ, 05.12.1994, № 32, ст. 3301.

[252] Арефьев Г.П. Понятие защиты субъективного права // Процессуальные средства реализации конституционного права на судебную защиту. – М., 1982. – С. 13.

[253] Воложанин В.П. Несудебные формы разрешения гражданско-правовых споров // Актуальные проблемы защиты субъективных прав граждан и организаций. – Свердловск, 1985. – С. 120-122.

Д.М. Чечот аз руи хусусияти мақомоти ҳуқуқие, ки ҳифз мекунад, тасниф намуда, шаклҳои зерини ҳифзи ҳуқуқро нишон медиҳад: суди, маъмурӣ, арбитражӣ, нотариалӣ ва давлатӣ.[254] Махсусан қайд кардан зарур аст, ки нуқсони ин таснифот мавҷуд набудани пайдарпайии мантиқӣ дар он аст.

В.П. Грибанов пешниҳод мекунад, ки шакли даъвои ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи маданӣ бо тартиби пешбурди парвандаи махсус дар суд, тартиби маъмурии ҳифзи ҳуқуқи маданӣ ва шакли мушаххаси ҷамъиятии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ҷудо карда шавад.[255]

А.А. Доброволский ва С. Иванова шаклҳои даъво ва ғайридаъвои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои аз тарафи қонун ҳифзшавандаро вобаста ба он, ки оё барои баррасии даъвоҳои ҳуқуқии баҳсталаб шакли махсуси қонунии мурофиавии ҳифзи ҳуқуқ зарур аст, ба таври куллӣ фарқ мекунад.[256]

Мавқеъҳои охирин номукаммал мебошанд, зеро онҳо инчунин пайдарпайии мантиқӣ надоранд, илова бар ин, байни шакли судии (юрисдиксионии) муҳофизат аз фармоишҳои умумӣ ва махсуси муҳофизатӣ, ҳамчун таносуби умумӣ ва махсус фарқият вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили мавқеъҳои муҳаққиқони гуногун оид ба муайян кардани мафҳуми шакли ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, мо метавонем ба хулосае омадем, ки ин маҷмуи расмиёти аз ҷиҳати қонунӣ танзимшавандаи махсусест, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва худи шахси ваколатдор ҳамчун як қисми ҳуқуқ ба амал бароварда мешавад. раванди ҳуқуқи инсон ва ба барқарорсозӣ тасдиқи ҳуқуқи поймолшуда баҳсшаванда нигаронида шудааст.

Дар бораи хусусиятҳои «ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ» сухан рондан, бояд қайд кард, ки мафҳуми мазкур ҳам маънои «ҳуқуқии моддӣ ва ҳам мурофиавӣ»-ро дар бар мегирад, зеро истилоҳоти махсус барои фарқ кардани ҳифз дар соҳаи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ вуҷуд надорад».[257]

Таҳти мафҳуми ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ метавон ҳамчун маҷмуи тадбирҳои моддии ҳуқуқие, ки барои рафъи монеаҳо барои татбиқи ҳуқуқ истифода мешаванд ва фаъолият оид ба татбиқи ин чораҳо, ки мақомоти ваколатдор дар шакли муайяни мурофиавӣ анҷом медиҳанд, фаҳмидан мумкин аст.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст. Ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ бояд ҳамчун татбиқи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва воқеии дар қонун пешбинишуда аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ё шахсони ваколатдор бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок фаҳмида шавад. Ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ҳам инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар ҳолати муқаррарӣ, вайроннашаванда ва ҳам барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок мебошад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С.

АДАБИЁТ:

1. Арефьев, Г.П. Понятие защиты субъективного права [Текст] / Г.П Арефьев // Процессуальны средства реализации конституционного права на судебную защиту. – 1982. – 420 с.

2. Базилевич, А.И. Формы защиты субъективных гражданских прав [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / А.И. Базилевич. – Ульяновск, 2001. – 160 с.

[254] Чечот Д.М. Субъективное право и формы его защиты. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1968. – С. 51.
[255] Осуществление и защита гражданских прав / под ред. В.П. Грибанова. – Изд. 2-е. – М.: Статут, 2001. – С. 151.
[256] Основные проблемы исковой формы защиты права / под ред. А.А. Добровольского, С.А. Ивановой. – М.: Изд-во МГУ, 1979. – С. 13-14.
[257] Воложанин В.П. Несудебные формы разрешения гражданско-правовых споров. – Свердловск, 1974. – С. 5-6.

3. Бутнев, В.В. К понятию механизма защиты субъективных прав [Текст] / В.В. Бутнев // Субъективное право: проблемы осуществления и защиты. – 1989. – № 2. – С. 9-11.

4. Вершинин, А.П. Способы защиты гражданских прав в суде [Текст] / А.П. Вершинин. – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского университета, 1997. – 320 с.

5. Воложанин, В.П. Несудебные формы разрешения гражданско-правовых споров [Текст] / В.П. Воложанин // Актуальные проблемы защиты субъективных прав граждан и организаций. – Свердловск, 1985. – С. 120-122.

6. Воложанин, В.П. Несудебные формы разрешения гражданско-правовых споров [Текст] / В.П. Воложанин. – Свердловск, 1974. – 320 с.

7. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 г. № 51-ФЗ (в ред. от 06.04.2015 года) // Собрание законодательства РФ, 05.12.1994, № 32, ст. 3301;

8. Гражданский процесс: учеб. для вузов / под ред. М.К. Треушникова. – М.: Городец, 2007. – 783 с.

9. Дунаев, В.В. Понятие и виды форм защиты гражданских прав [Текст] / В.В. Дунаев // Сибирский Юридический Вестник. – 2003. – № 4. – С. 33-36.

10. Иоффе, О.С. Гражданско-правовая охрана интересов личности [Текст] / О.С. Иоффе; под ред. Б.Б. Черепахина. – М.: Юрид. лит., 1969. – 180 с.

11. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

12. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

13. Красавчиков, О.А. Ответственность, меры защиты и санкции в советском граждаском праве [Текст] / О.А. Красавчиков // Сборник ученых трудов. Вып. 39. – Свердловск, 1975. – 450 с.

14. Ожегов, С.И. Словарь русского языка / под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Русский язык, 1987. – 442 с.

15. Основные проблемы исковой формы защиты права / под ред. А.А. Добровольского, С.А. Ивановой. – М.: Изд-во МГУ, 1979. – 159 с.

16. Остапюк, Н.В. Понятие и формы защиты гражданских прав. Особенности нотариальной защиты гражданских прав [Текст] / Н.В. Остапюк // Юрист. – 2006. – № 4-5. – С. 12-14.

17. Осуществление и защита гражданских прав [Текст] / под ред. В.П. Грибанова.. – Изд. 2-е. – М.: Статут, 2001. – 411 с.

18. Сергеев, А.П. Гражданское право Т. 1 [Текст] / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого.– М.: Проспект, 2002. – 420 с.

19. Гражданское право: в 2-х томах. Т. 1 [Текст] / под ред. О.А. Красавчикова. – М.: Высшая школа, 1985. – 544 с.

20. Тархов, В.А. Охрана имущественных прав трудящихся по советскому гражданскому законодательству [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук / В.А. Тархов. – М., 1966. – 410 с.

21. Черданцев, А.Ф. Основы теории государства и права [Текст] / А.Ф. Черданцев; под ред. С.С. Алексеева. – Изд. 2-е. – М.: Юрид. лит., 1971. – 250 с.

22. Чечот, Д.М. Субъективное право и формы его защиты [Текст] / Д.М. Чечот. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1968. – 72 с.

23. Явич, Л.С. Общая теория права [Текст] /Л.С. Явич. – Л.: Изд-тво Ленинградского университета, 1976. – 420 с.:

24. Messner, E. Formpflicht und Konsumentenschutz [Text] / E. Messner. – Muenster, 1990. – 320 S.

КОНЦЕПТУАЛЬНАЯ ВЗАИМОСВЯЗЬ ПОНЯТИЙ «ОХРАНА» И «ЗАЩИТА» В СИСТЕМЕ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА

Ключевые слова: субъективное право; защита гражданских прав; охрана прав; способы защиты; правонарушение; судебная защита; правовая доктрина; восстановление прав; законодательство Республики Таджикистан.

Аннотация. Данная научная статья посвящена всестороннему теоретико-правовому анализу фундаментальных категорий «защита» и «охрана» в рамках современной системы гражданского права. Актуальность исследования обусловлена перманентными терминологическими дискуссиями в правовой доктрине, что напрямую влияет на эффективность правоприменительной практики и полноту реализации субъективных прав участников гражданского оборота. Автор осуществляет глубокий синтез существующих теоретических подходов, определяя ключевые аспекты интеграции субъекта и государства. В статье исследуется правовая природа субъективного гражданского права и подчеркивается его тесная зависимость от институциональных гарантий государства.

В рамках исследования проанализированы три основные правовые школы, по-разному интерпретирующие соотношение изучаемых понятий. Автор проводит четкое разграничение между материально-правовыми способами (превентивными, восстановительными, штрафными) и процессуальными формами деятельности компетентных органов. Методологическую базу исследования составляет системный анализ норм Гражданского кодекса Республики Таджикистан и сравнительное изучение классических и современных цивилистических доктрин. В заключении отмечается, что полноценное функционирование гражданско-правовой среды возможно лишь при гармоничном сочетании превентивных мер и принудительных механизмов восстановления правового статуса.

Каримджонзода Манучехр Каримчон – к.ю.н., доцент, декан исторического факультета, международного права и отношений Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Тел.: (+992) 943-20-10-00.

Далерзода Оятулло Далер – магистр Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Тел.: (+992) 987-26-26-97.

CONCEPTUAL INTERRELATION OF THE NOTIONS OF «PROTECTION» AND «DEFENSE» IN THE CIVIL LAW SYSTEM

Keywords: subjective right; protection of civil rights; defense of rights; remedies; offense; judicial protection; legal doctrine; restoration of rights; legislation of the Republic of Tajikistan.

Annotation. This scientific article is devoted to a comprehensive theoretical and legal analysis of the fundamental categories of «defense» (zashchita) and «protection» (okhrana) within the framework of the modern civil law system. The relevance of the study stems from the ongoing terminological debates in legal doctrine, which directly affect the efficiency of law enforcement practice and the full realization of subjective rights of civil circulation participants. The author performs a profound synthesis of existing theoretical approaches, identifying key aspects of interaction between the subject and the state. The article explores the legal nature of subjective civil rights and emphasizes their close dependence on state institutional guarantees.

Within the scope of the study, three main legal schools that interpret the correlation of the studied concepts in different ways are analyzed. The author draws a clear line between substantive legal methods (preventive, restorative, punitive) and procedural forms of the activities of competent authorities. The methodological basis of the research comprises a systematic analysis of the norms of the Civil Code of the Republic of Tajikistan and a comparative study of classical and modern civil law doctrines. The conclusion states that the full functioning of the civil law environment is possible only through a balanced combination of preventive measures and compulsory mechanisms for the restoration of legal status.

Karimjonzoda Manuchehr Karimjon – candidate of Law, Associate Professor, Dean of the Faculty of History, International Law and Relations Abuabdulla Rudaki Kulyab State University. Phone: (+992) 943-20-10-00.

Dalerzoda Oyatullo Daler – holds a Master's degree from Abuabdullah Rudaki Kulyab State University. Phone: (+992) 987-26-26-97.

МАВЛОНАЗАРЗОДА ОДИЛБЕК АБДУЛНАЗАР,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992) 500-00-09-09; E-mail: odilbek.87@mail.ru

ТДУ: 349.2

ТАЛАБОТҲО НИСБАТ БА РЕКЛАМА МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: реклама; қонунгузорӣ; талаботҳои умумӣ; талаботҳои махсус; ҳифзи истеъмолкунандагон; рақобати одилона; соҳибихтиёрии рақамӣ; назорати давлатӣ; ҷавобгарӣ; рекламаи мутақобил; Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақолаи мазур ба баррасии талаботҳои ҳуқуқӣ нисбат ба реклама мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таърихи ташаккул, мазмун ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»-ро таҳлил намуда, талаботҳои умумӣ (шинохташавандагӣ, риояи забон ва ахлоқ) ва махсус (манъи рекламаи бевиҷдонона, нодуруст, беодобона, бардурӯғ ва пинҳонӣ, маҳдудиятҳо дар воситаҳои ахбор, интернет ва навъҳои алоҳидаи молҳо)-ро шарҳ медиҳад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиён (рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда, паҳнкунанда), механизмҳои назорати давлатӣ ва худидоракунӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои вайронкуниҳо (аз ҷумла рекламаи мутақобил) баррасӣ шудаанд. Таҳлил бо назардошти шароити рақамикунонӣ (соҳибихтиёрии рақамӣ, ҳифзи маълумотҳои шахсӣ) ва таҷрибаи байналмилалӣ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) гузаронида шуда, камбудиҳои қонунгузорӣ (набудани танзими пурраи рекламаи онлайн) зикр ва пешниҳодҳо барои такмил (таъсиси воҳиди махсус, ҳамоҳангсозии бо стандартҳои байналмилалӣ) пешкаш гардидаанд.

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва воридшавии технологияҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, реклама аз як воситаи оддии тиҷоратӣ ба механизми мураккаби таъсиррасонии рафторӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст. Реклама на танҳо молҳо ва хизматрасониҳоро пешбарӣ мекунад, балки шакли навтарини муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро ташаккул медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии соҳаи реклама асосан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (аз 1 августи соли 2003, № 34, бо тағйиротҳои минбаъда то соли 2025[258]) асос ёфта, бо санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни «Дар бораи тиҷорати электронӣ» (аз 24 декабри соли 2022, № 1921), Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040 (Қарори Ҳукумат аз 30 сентябри соли 2022, № 483) ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (аз 8 январи соли 2025, № 911) ҳамоҳанг карда шудааст.

Мақсади асосии қонунгузории реклама дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, пешгирии рақобати бевиҷдонона ва таъмини шаффофияти иттилоотӣ мебошад. Қонун муносибатҳои байни рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи рекламаро танзим намуда, ҳама гуна шаклҳои рекламаи номуносиб – бевиҷдонона,

[258] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, № 34 «Дар бораи реклама» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.09.2025).

нодуруст, беодобона, бардурӯғ ва пинҳониро манъ мекунад. Дар шароити рақамикунонӣ ва истифодаи фаровони алгоритмҳои зеҳни сунъӣ ин талаботҳо мураккабтар мешаванд, зеро ЗС метавонад рекламаро ба таври шахсӣ (персонализатсияи баланд), динамикӣ ва ҳатто пинҳонӣ тавлид кунад, ки идоракунии ҳуқуқии онро душвор месозад[259].

Мувофиқи таҳлили Сангинзода Д.Ш., соҳибихтиёрии рақамӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими ҳуқуқӣ маънои ҳуқуқи шахс ба назорат бар маълумотҳои шахсии худ ва пешгирии истифодаи ғайриқонунии онҳоро дорад. Ин масъала бевосита ба рекламаи онлайн ва истифодаи ЗС дар таҳлили рафтори истеъмолкунандагон алоқаманд аст. Аз тарафи дигар, истифодаи ЗС дар эҷоди мундариҷаи рекламавӣ (текст, тасвир, видео) масъалаи ҳуқуқи муаллифӣ ва эътирофи объектҳои тавлидшуда ҳамчун натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ба миён меорад[260]. Дар китоби дарсии «Business Law» таъкид шудааст, ки реклама дар шароити иқтисоди рақамӣ на танҳо воситаи фурӯш, балки қисми муҳими стратегияи соҳибкорӣ гардидааст, ки бояд ба талаботҳои ҳимояи рақобат ва истеъмолкунандагон мувофиқ бошад[261]. Ҳамзамон, дар тафсири Қонуни «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» зери таҳрири Сангинзода Д.Ш. қайд гардидааст, ки ҳуқуқи истеъмолкунанда ба иттилооти дуруст ва пурра яке аз принсипҳои асосии ҳимояи ҳуқуқӣ дар соҳаи реклама мебошад[262].

Моддаи 5-и Қонуни «Дар бораи реклама» талаботҳои умумиро ба ҳамаи шаклҳои реклама муқаррар мекунад. Аввалин ва муҳимтарин талабот ин аст, ки реклама бояд бе донишҳои махсус ё воситаҳои техникӣ бевосита дар лаҳзаи пешниҳод ҳамчун реклама шинохта шавад. Ин принсип барои пешгирии рекламаи пинҳонӣ (hidden advertising) ва «native advertising»-и ношаффоф равона шудааст. Дар шароити рақамӣ ин талабот душвортар мегардад, зеро алгоритмҳои ЗС метавонанд мундариҷаи рекламавиро ба таври табиӣ дар байни мундариҷаи ғайрирекламавӣ ҷойгир кунанд, ки истеъмолкунандаро ба иштибоҳ меандозад.[263].

Дувум, реклама дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба забони давлатӣ паҳн гардад ва танҳо бо салоҳдиди рекламадиҳанда метавонад ба забонҳои дигар низ нашр шавад. Ин муқаррарот ба ҳифзи ҳуқуқи забонӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад, аммо дар платформаҳои байналмилалӣ (Google Ads, Meta Ads, TikTok Ads) амалӣ кардани он мушкилот эҷод мекунад. ЗС метавонад тарҷумаи автоматӣ кунад, вале сифати забонӣ ва мутобиқати фарҳангӣ аксар вақт кофӣ нест. Сеюм, реклама набояд шаҳрвандонро ба зӯроварӣ, таҷовуз, воҳима ё амалҳои хатарнок таҳрик диҳад ва бояд ба талаботҳои ҳифзи муҳити зист мувофиқ бошад. Дар заминаи ЗС ин талабот ба алгоритмҳои тавсиядиҳанда (recommendation systems) низ дахл дорад, ки метавонанд мундариҷаи таъсиррасонро афзалият диҳанд. Мувофиқи таҳлили байналмилалӣ, чунин системаҳо метавонанд ба паҳншавии иттилооти зараровар мусоидат кунанд, агар назорати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд надошта бошад[264].

Чорум, ба рекламаи молҳое, ки сертификатсияи ҳатмӣ талаб мекунанд, бояд қайди «ҳатман сертификатсия карда шаванд» дохил карда шавад. Ин талабот дар тиҷорати

[259] Сангинзода Д.Ш. Соҳибихтиёрии рақамӣ: ҷанбаи ҳуқуқӣ // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. – № 4 (24). – С. 16-22.
[260] Абдуллаев А.Ю. Проблемы признания объектов, полученных посредством применения искусственного интеллекта, как охраняемых правом интеллектуальной собственности // Юридический вестник. – 2023. – № 4 (16). – С. 21-27.
[261] Сангинзода Д.Ш., Мавлоназарзода О.А., Шабонов Ш.С. Business Law: Textbook. – Душанбе: ТНУ, 2020. – 132 с.
[262] Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинзода Д.Ш. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 180.
[263] Сангинзода Д.Ш. Масъулият барои амалҳои зеҳни сунъӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва технологӣ // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. – № 4 (24). – С. 136-145.
[264] Ибрагимов Р.С. Этика и регулирование искусственного интеллекта // Закон. – 2021. – № 8. – С. 85-95.

электронӣ ва рекламаи онлайн низ ҳатмӣ аст[265]. Дар сурати истифодаи ЗС барои тавлиди тавсифи молҳо, дурустии иттилоот бояд аз ҷониби одам (advertiser) тасдиқ гардад, зеро ЗС метавонад маълумоти бардурӯғ тавлид кунад.

Панҷум, истифодаи объектҳои ҳуқуқҳои истисноӣ (моликияти зеҳнӣ) дар реклама фақат бо иҷозати соҳибҳуқуқ иҷозат дода мешавад. Дар заминаи ЗС ин масъала ба миён меояд, ки оё натиҷаи эҷодии ЗС (масалан, тасвир ё матни тавлидшуда) ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф мешавад ё не. Аксарияти муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки дар ҳолати кунунӣ чунин натиҷаҳо метавонанд ҳифз нашаванд, зеро «эҷодкор» одам нест[266].

Дар маҷмуъ, талаботҳои умумӣ ҳамчун заминаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва рақобати одилона хизмат мекунанд. Аммо дар шароити рақамикунонӣ ва ЗС онҳо ниёз ба тафсир ва такмили иловагӣ доранд, то ба воқеияти технологӣ мувофиқ бошанд. Талаботҳои махсус дар моддаҳои 6 то 21-и Қонуни «Дар бораи реклама» муфассал шарҳ дода шудаанд. Аввалин гурӯҳ – рекламаи бевиҷдонона (моддаи 6). Чунин реклама ҳамон вақт манъ аст, ки:

- рақибонро беобрӯ кунад;
- муқоисаҳои носолеҳона анҷом диҳад;
- истеъмолкунандагонро бо тақлид ба рекламаи дигарон ба иштибоҳ андозад.

Дувум, рекламаи нодуруст (моддаи 7) ҳама гуна иттилооти ба ҳақиқат номувофиқро дар бораи сифат, таркиб, сертификатсия, нарх, кафолатҳо ва ғайра дар бар мегирад. Истифодаи истилоҳоти «беҳтарин», «ягона», «рақами 1» бе далелҳои ҳуҷҷатӣ манъ аст. Сеюм, рекламаи беодобона (моддаи 8) ҳама гуна таҳқир ба нажод, миллат, дин, ҷинс ва ғайраро манъ мекунад. Дар платформаҳои иҷтимоӣ ЗС метавонад мундариҷаи таҳқиромезро тавлид кунад, агар промптҳо нодуруст бошанд.

Чорум, рекламаи бардурӯғ (моддаи 9) ва пинҳонӣ (моддаи 10) комилан манъанд. Ин ба истифодаи сабтҳои махсуси видеоӣ ва таъсири беихтиёр дахл дорад.

Ин талаботҳо дар шароити рақамикунонӣ ниёз ба назорати иловагӣ доранд, зеро зеҳни сунъи метавонад ҳамаи ин қоидаҳоро ба таври худкор вайрон кунад.

Дар идомаи баррасии талаботҳои махсус, моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» хусусиятҳои реклама дар барномаҳои радио ва телевизионро танзим мекунад. Мувофиқи ин модда, реклама набояд барномаҳои динӣ, таълимӣ (бе истисноҳои муайян), кӯдакона (то 30 дақиқа) ва суханрониҳои расмии роҳбарони давлатро бурида гузаронад. Ҳаҷми умумии реклама дар барномаҳои давлатӣ набояд аз 10 фоиз ва дар барномаҳои ғайридавлатӣ аз 30 фоизи вақти шабонарӯзӣ зиёд бошад.

Дар шароити рақамикунонӣ ин қоидаҳо ба платформаҳои стримӣ (YouTube, Twitch, TikTok Live) ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ татбиқ мешаванд, аммо амалӣ кардани онҳо душвор аст. Зеҳни сунъӣ метавонад мундариҷаи кӯдаконаро бо рекламаи пинҳонӣ омехта кунад (масалан, тавассути «unboxing»-ҳои автоматӣ ё тавсияҳои алгоритмӣ), ки ин ба ҳимояи ноболиғон таҳдид мекунад. Моддаи 12 маҳдудиятҳои ҳаҷми рекламаро дар матбуоти даврӣ муқаррар мекунад: дар нашрияҳои давлатӣ то 25 фоиз ва дар нашрияҳои ғайридавлатӣ то 40 фоизи ҳаҷми як шумора. Дар воситаҳои ахбори оммае, ки махсус барои реклама таъсис дода шудаанд, маҳдудиятҳо вуҷуд надоранд. Дар заминаи рақамӣ ин

[265] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1921 «Дар бораи савдои электронӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.09.2025).

[266] Абдуллаев А.Ю. Проблемы признания объектов, полученных посредством применения искусственного интеллекта, как охраняемых правом интеллектуальной собственности // Юридический вестник. – 2023. – № 4 (16). – С. 26.

қоидаҳо ба сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ дахл доранд, вале дар амал аксари платформаҳои байналмилалӣ (Instagram, Facebook, Telegram-каналҳо) ин маҳдудиятҳоро риоя намекунанд. Ин мушкилотро бо роҳи таъсиси мақоми махсуси назорати рекламаи рақамӣ ҳал кардан мумкин аст.

Моддаҳои 13-16 хусусиятҳои рекламаро дар кино, видео, хизматрасонии маълумотӣ, воситаҳои нақлиёт ва рекламаи дохилӣ танзим мекунанд. Масалан, реклама дар биноҳои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ (ба истиснои рекламаи иҷтимоӣ) манъ аст. Дар воситаҳои нақлиёт реклама фақат бо шартнома ва бо риояи талаботҳои бехатарии ҳаракат иҷозат дода мешавад. Дар шароити рушди рекламаи AR (augmented reality) ва VR, ки ЗС дар онҳо фаъол истифода мешавад, ин маҳдудиятҳо метавонанд ба намоишҳои виртуалӣ дар дохили нақлиёт низ татбиқ шаванд.

Моддаи 17 рекламаи навъҳои алоҳидаи молҳоро сахт маҳдуд мекунад: машруботи спиртӣ, маҳсулоти тамоку, доруҳои дорухатӣ, силоҳ ва ғайра комилан ё қисман манъанд. Рекламаи доруҳо ва воситаҳои тиббӣ фақат бо иҷозатномаи Вазорати тандурустӣ иҷозат дода мешава. Дар заминаи ЗС ин маҳдудиятҳо муҳиманд, зеро алгоритмҳо метавонанд ба истеъмолкунандагон доруҳои ғайрирасмӣ тавсия диҳанд ё маҳсулоти тамокуро тавассути мундариҷаи «лайфстайл» ғайримустақим таблиғ кунанд.

Моддаи 20 сарпарастиро (sponsorship) танзим мекунад ва онро дар барномаҳои ахбор ва аз ҷониби истеҳсолкунандагони машрубот/тамоку манъ менамояд. Моддаи 21 ҳифзи ноболиғонро аз суистифодаи зудбоварӣ таъмин мекунад: манъи паст задани шаъну шарафи падару модар, водор сохтани харид, ҷалби таваҷҷуҳ ба молҳои «бартар», нишон додани вазъиятҳои хатарнок ва ғайра. Дар шароити истифодаи ЗС ҳамаи ин талаботҳо мураккабтар мешаванд, зеро алгоритмҳо метавонанд мундариҷаи кӯдаконаро бо унсурҳои таблиғотӣ омехта кунанд ё ба ноболиғон маҳсулоти манъшуда тавсия диҳанд.

Иштирокчиёни асосӣ дар муносибатҳои рекламавӣ се гурӯҳанд: рекламадиҳанда (шахсе, ки фармоиш медиҳад), истеҳсолкунандаи реклама (тайёркунандаи мундариҷа) ва паҳнкунандаи реклама (платформа ё канал).

Рекламадиҳанда уҳдадор аст, ки маълумоти пешниҳодкардааш дуруст бошад ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро пешниҳод намояд. Дар шароити ЗС ин уҳдадорӣ зиёд мешавад, зеро промптҳо ва маълумотҳои вурудӣ (input data) метавонанд ба натиҷаҳои бардурӯғ оварда расонанд. Масъулияти асосӣ бар дӯши рекламадиҳанда мемонад, ҳатто агар мундариҷа аз ҷониби ЗС тавлид шуда бошад. Истеҳсолкунандаи реклама (агар ин одам ё ширкат бошад) уҳдадор аст, ки дар бораи эҳтимоли вайронкунии қонун огоҳӣ диҳад ва агар рекламадиҳанда исрор варзад, шартномаро қатъ кунад. Дар ҳолати истифодаи платформаҳои генеративии ЗС (Midjourney, DALL·E, ChatGPT, Grok ва ғ.) «истеҳсолкунанда» метавонад худи платформа бошад. Дар ин ҳолат масъулият мураккаб мешавад, зеро аксарияти чунин хидматҳо дар шартҳои истифода (ToS) масъулиятро аз худ дур мекунанд.

Масъалаи дигаре, ки бояд баррасӣ намоем, назоратӣ давлатӣ дар бахши реклама мебошад. Назорати давлатӣ бар соҳаи реклама мутобиқи моддаи 27-и Қонуни «Дар бораи реклама» аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ (дар амали Тоҷикистон – Агентии зиддиинҳисорӣ ва рақобат) амалӣ карда мешавад. Ин мақом вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- ташаккул ва ҳамоҳангсозии сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи реклама;
- таҳия ва иҷрои барномаҳои рушди фаъолияти рекламавӣ;
- назорати риояи қонунгузорӣ ва пешгирии рақобати бевиҷдонона;
- баррасии шикоятҳо ва парвандаҳои маъмурӣ;

- додани амрномаҳо оид ба бартараф кардани вайронкуниҳо ва татбиқи рекламаи мутақобил;

- мурочиат ба суд барои беэътибор донистани аҳдҳои марбут ба рекламаи номуносиб.

Дар шароити рақамикунонӣ ва истифодаи фаровони зеҳни сунъӣ ин вазифаҳо мураккабтар мешаванд. Масалан, агар рекламаи нодуруст ё бевиҷдонона тавассути алгоритмҳои тавсиядиҳандаи платформаҳои байналмилалӣ (Meta, Google, TikTok) паҳн шавад, муайян кардани масъулияти воқеӣ душвор мегардад. Оё масъулият бар дӯши рекламадиҳанда (ки промптро ворид кардааст), ширкати таҳиякунандаи модел (OpenAI, xAI, Google ва ғ.) ё худи платформаи паҳнкунанда (ки алгоритмро идора мекунад) меафтад?

Моддаи 28 имкон медиҳад, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои соҳибкорон мақомоти худидоракунии соҳавӣ таъсис диҳанд, ки экспертизаи мустақил гузаронда, тавсияҳо медиҳанд. Дар шароити рақамӣ ин метавонад ба таъсиси «Шурои этикаи ЗС дар реклама» оварда расонад, ки барои баррасии мундариҷаи тавлидшудаи алгоритмҳо фаъолият кунад.

Талаботҳои ҳуқуқӣ нисбат ба реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, пешгирии рақобати бевиҷдонона ва таъмини шаффофияти иттилоотӣ равона шудаанд. Қонуни «Дар бораи реклама» (бо тағйиротҳои то соли 2025) заминаи мустаҳкам фароҳам меорад, аммо дар шароити рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва воридшавии зеҳни сунъӣ ба фаъолияти рекламавӣ чандин мушкилоти нав ба миён омадаанд:

1. Норасоии муқаррарotҳои махсус оид ба рекламаи тавлидшудаи ЗС (AI-generated advertising);

2. Муайян нашудани масъулияти ҳуқуқӣ барои натиҷаҳои эҷодии моделҳои генеративӣ;

3. Душвории назорат бар рекламаи пинҳонӣ ва персонализатсияи баланд дар платформаҳои байналмилалӣ;

4. Норасоии механизмҳои ҳимояи ноболиғон аз мундариҷаи таблиғотии алгоритмӣ;

5. Мушкилоти амалӣ кардани маҳдудиятҳои ҳаҷмӣ ва забонии дар фазои рақамӣ.

Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳодҳои зерин ироа мегарданд:

- Ворид намудани тағйирот ба Қонуни «Дар бораи реклама» бо муқаррarotҳои махсус оид ба истифодаи ЗС: ҳатман нишон додани он ки мундариҷа аз ҷониби ЗС тавлид шудааст (масалан, қайди «AI-generated» ё «Сунъӣ тавлидшуда»);

- Таъсиси мақоми махсуси назорати рекламаи рақамӣ дар ҳайати Агентии зиддиинҳисорӣ ё Вазорати рушди рақамӣ, ки барои мониторинги алгоритмҳо ва баррасии шикоятҳо оид ба мундариҷаи ЗС масъул бошад;

- Ҳамоҳангсозии бо стандартҳои байналмилалӣ (EU AI Act, UNESCO Recommendation on AI Ethics) ва таъсиси «Шурои этикаи ЗС дар соҳаи реклама» бо иштироки коршиносони ҳуқуқ, технология ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- Тақвияти ҳимояи ноболиғон тавассути маҳдудияти истифодаи ЗС барои таблиғи молҳои барои кӯдакон пешбинишуда ва таъсиси «реҷаи кӯдакона» дар платформаҳои онлайн;

- Таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба «фаромӯшӣ» (right to be forgotten) дар системаҳои тавсиядиҳанда ва имкони рад кардани рекламаи шахсӣ;

- Ҷорӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҳатто ҷиноятӣ барои паҳнкунии рекламаи зарарovар тавассути алгоритмҳо, агар платформаҳо чораҳои кофӣ барои пешгирӣ нагирифта бошанд.

Дар маҷмуъ, қонунгузории кунунии Тоҷикистон дар соҳаи реклама заминаи мустаҳкам дорад, аммо барои мутобиқ шудан ба воқеияти иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ниёз ба такмили фаврӣ ва ҳамаҷониба дорад. Ин раванд бояд ҳамзамон ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва рушди инноватсияҳоро таъмин намояд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, № 34 «Дар бораи реклама» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.09.2025).

2. Сангинзода, Д.Ш. Соҳибихтиёрии рақамӣ: ҷанбаи ҳуқуқӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. – № 4 (24). – С. 16-22.

3. Абдуллаев, А.Ю. Проблемы признания объектов, полученных посредством применения искусственного интеллекта, как охраняемых правом интеллектуальной собственности [Текст] / А.Ю. Абдуллаев // Юридический вестник. – 2023. – № 4 (16). – С. 21-27.

4. Сангинзода, Д.Ш., Мавлоназарзода, О.А., Шабонов, Ш.С. Business Law [Text]: textbook / Д.Ш. Сангинзода, О.А. Мавлоназарзода, Ш.С. Шабонов. – Душанбе: ТНУ, 2020. – 132 с.

5. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, доцент Сангинзода Д.Ш. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 200 с.

6. Сангинзода, Д.Ш. Масъулият барои амалҳои зеҳни сунъӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва технологӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. – № 4 (24). – С. 136-145.

7. Ибрагимов, Р.С. Этика и регулирование искусственного интеллекта [Текст] / Р.С. Ибрагимов // Закон. – 2021. – № 8. – С. 85-95.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1921 «Дар бораи савдои электронӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.09.2025).

ТРЕБОВАНИЯ К РЕКЛАМЕ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: реклама; законодательство; общие требования; специальные требования; защита прав потребителей; добросовестная конкуренция; цифровой суверенитет; государственный контроль; ответственность; контрреклама; Таджикистан.

Аннотация. Данная статья посвящена анализу требований к рекламе в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Автор анализирует историю формирования, содержание и применение Закона Республики Таджикистан «О рекламе», разъясняет общие требования (узнаваемость, соблюдение языка и морали) и специальные требования (запрет недобросовестной, недостоверной, неэтичной, ложной и скрытой рекламы, ограничения в средствах массовой информации, интернете и отдельных видах товаров). Рассматриваются права и обязанности участников (рекламодатель, изготовитель рекламы, распространитель рекламы), механизмы государственного и саморегулируемого контроля, а также ответственность за нарушения (в том числе контрреклама). Анализ проведён с

учётом условий цифровизации (цифровой суверенитет, защита персональных данных) и международного опыта, отмечены недостатки законодательства (отсутствие полного регулирования онлайн-рекламы) и предложены рекомендации по совершенствованию (создание специализированного подразделения, гармонизация с международными стандартами).

Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар – доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук. Тел.: (+992) 500-00-09-09; E-mail: odilbek.87@mail.ru

REQUIREMENTS FOR ADVERTISING IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: advertising; legislation; general requirements; special requirements; consumer protection; fair competition; digital sovereignty; state control; liability; counter-advertising; Tajikistan.

Annotation. This article is devoted to the analysis of legal requirements for advertising in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The author examines the history of formation, content, and application of the Law of the Republic of Tajikistan «On Advertising», explaining general requirements (recognizability, compliance with language and ethics) and special requirements (prohibition of unfair, inaccurate, unethical, false, and hidden advertising; restrictions in mass media, the internet, and certain types of goods). The rights and obligations of participants (advertiser, advertising producer, distributor), mechanisms of state and self-regulatory control, as well as liability for violations (including counter-advertising) are discussed. The analysis is conducted taking into account the conditions of digitalization (digital sovereignty, protection of personal data) and international experience (CIS countries), highlighting the shortcomings of the legislation (lack of comprehensive regulation of online advertising) and proposing recommendations for improvement (establishment of a specialized unit, harmonization with international standards).

Mavlonazarzoda Odilbek Abdulnazar – Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences. Phone: (+992) 500-00-09-09; E-mail: odilbek.87@mail.ru

МУМИНЗОДА ОРИФҶОНИ САФО,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 938-05-91-91. E-mail: Jurist_9191@mail.ru.

ТДУ: 347.45/.47

БАЪЗЕ АЗ МАСЪЛАҲОИ МАВЗУИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Калидвожаҳо: суғурта; предмет; мавзуи шартом; воситаи нақлиёт; садамаи нақлиётӣ; ҷавобгари ҳуқуқи маданӣ; суғурташанда; суғуртакунанда; шартномаи суғуртаи ҳатмӣ; ҳуқуқу уҳдадорӣ; ҷуброни зарар; пардохти суғуртавӣ; қонугузории маданӣ; фаъолияти суғуртавӣ; тавакали суғуртавӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур таҳлили суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки сифати предмети ҳар шартномаи ҳуқуқи маданӣ ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ объектҳои моддӣ ва ғайримоддии олами воқеӣ ва амали субъектҳо баромад мекунанд. Ҳамчунин, аломатҳои мазкур дар муносибати дутарафа қарор дошта, маҷмуи ташаккулёфтаи ягонаеро дар бар мегиранд, ки баҳри он тарафҳо ба ягон муносибат бо якдигар ворид мегарданд. Ба сифати предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгарӣ ин ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дигар воситаи нақлиёту механизмҳои худгард дар назди шахсони сеюм, барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ ва зарари молумулкӣ (ба амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дар раванди истифодаи воситаҳои нақлиёт ҳангоми ҳаракат мебошад.

Дар шароити имрӯза, дар илми ҳуқуқи маданӣ ҷавоби аниқе ба саволи мавзуи шартномаи суғуртаи ҷавобгариро чи дар бар мегирад, вуҷуд надорад. Муҳаққиқони соҳаи илми ҳуқуқи маданӣ доир ба мавзуи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ақидаҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Дар таҳлили ақидаҳои муҳаққиқони номбурда мо ба чунин хулоса омада, онҳоро ба се гур ӯҳ ҷудо намудем:

1) предмети шартномаи суғурта хизматрасоние мебошад, ки онро суғуртакунанда ба суғурташаванда мерасонад. Моҳияти он ба қабул кардани хатари суғуртавӣ аз тарафи суғуртакунанда дар доираи маблағи суғуртавӣ барои давраи амали шартномаи суғуртавӣ оварда мерасонад;

2) предмети шартномаи суғурта уҳдадории пулии суғуртакунанда ҷиҳати пардохт кардани маблағи умумӣ ҳангоми сар задани ҳолати суғуртавӣ мебошад;

3) предмети шартномаи суғурта бо объекти суғурта рост меояд, яъне бо манфиати суғуртавӣ.

Дар вақти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, аксар бо чунин ақидаҳое, ки дар боло зикр шудаанд, дучор мегардем. Аз ин хотир бо мақсади ошкор намудани предмети суғуртаи мазкур, муфассал таҳлил намудани онҳо мақсаднок мебошад.

Тибқи ҷонибдории ақидаи якум, предмети суғуртаи ҷавобгарӣ ин хизматрасоние мебошад, ки онро суғуртакунанда ба суғурташаванда анҷом медиҳад. Аз ҷумла, А.И. Худяков ҷонибдори ақидаи мазкур буда, қайд менамояд, ки суғуртакунанда ҳамчун пешниҳодакунандаи ҳимояи суғуртавӣ ба шумор меравад, тарафи дигар (суғурташаванда) ҳимояи суғуртавиро харидорӣ менамояд[267]. Хизмати мазкур (ҳимояи суғуртавӣ) дар он ифода меёбад, ки суғуртакунанда ба худ ягон намуд хатари суғурташавандаро қабул мекунад ва онро дар давоми тамоми муҳлати амали шартнома дар ҳудудҳои аз тарафи ӯ қайду шартшуда мебарад.

Ҳамчунин, А.А. Иванов қайд менамояд, ки навъи махсуси хизмати суғуртавӣ аз он иборат аст, ки ӯ таҳти ягон уҳдадориҳо аз р ӯйи расонидани хизматҳои дар шартномаи комиссия пешбинишуда намеафтад[268]. Ба сифати далели он ки маҳз хизмати суғуртавӣ предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгарӣ мебошад, ҷонибдорони ақидаи таҳлилшаванда ба он асос такя менамоянд, ки уҳдадории суғуртакунанда аз р ӯйи пардохти ҷуброни суғуртавӣ метавонад ба миён ояд, аз ин р ӯ, предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгар хизматрасонии тавакалӣ аз тарафи суғурташаванда мебошад[269].

Нуқтаи назари дар боло овардашуда комилан аз тарафи ҷонибдорони дуюм нуқтаи назар – Ю.Б. Фогелисон инкор карда мешавад, ки ӯ чунин пешниҳод менамояд, хизмат ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ наметавонад предмети шартнома бошад, ба он хотир, ки чунин гуна он амале ба ҳисоб меравад, ки яке аз тарафҳо онро содир мекунад ё барои содир кардани он уҳдадор мешавад. Аз ин рӯ, «предмети уҳдадории суғуртавӣ, яъне амале, ки онро суғурташаванда уҳдадор мешавад, ки содир намояд «пардохти маблағ» набуда, балки «пардохти маблағ дар сурати сар задани ҳодисаи суғуртавӣ» мебошад. Ҳамин тавр, предмети уҳдадории суғуртавӣ аз ҳодисае вобаста аст, ки метавонад ба вуҷуд ояд ва метавонад ба вуҷуд наояд. Бояд таъкид кард, ки дар ин ҷо пайдошавии уҳдадорӣ шартӣ намебошад – он ҳангоми оғоз шудани амали ҳимояи суғуртавӣ ба вуҷуд меояд, балки предмети ин уҳдадорӣ шартӣ мебошад»[270].

Намояндагони нуқтаи сеюм ҷонибдори якхела будани объекти суғуртаро бо предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгарӣ мебошанд. Ҳамин тавр, махсусан В.И. Серебровский қайд менамояд, «предмети суғуртаи ҷавобгарӣ манфиати молумулкии суғурташаванда дар комилан нигоҳ доштани моликият мебошад»[271]. Ақидаи монандро В.С. Белых ва И.В. Кривошеев тарафдорӣ карда, ки «предмети шартномаи суғуртаро муайян намуда, зикр менамоянд, ки шарти асосӣ барои тамоми намудҳои суғурта, манфиати суғуртавӣ мебошад.

Предмети шартнома бо мафҳуми объекти муносибати ҳуқуқии суғуртавӣ (уҳдадорӣ) рост меояд, ки таҳти он муҳаққиқони мазкур маҳз манфиати суғуртавиро мефаҳманд. Ба андешаи М.И. Брагинский ба сифати предмети шартномаи суғурта объекти суғурта баромад мекунад, яъне моликияти муайян ё манфиати молумулкӣ, ки дар шартномаҳои суғуртаи молумулкӣ аксар вақт бо чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди миқдор ва баъзан сифат баромад мекунад[272].

---

[267] Худяков А.И. Страховое право. – СПб., 2004. – С. 346.
[268] Гражданское право. Том 2: учебник / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – Изд. 2-е, перераб. и доп. – М., 1999. – С. 505.
[269] Ермаков В.С. Правовые аспекты страхования автотранспортных средств по риску «каско» // Страховое право. – 2001. – № 1. – С. 210.
[270] Фогельсон Ю.Б. Комментарий к страховому законодательству. – М., 2002. – С. 387.
[271] Серебровский В.И. Очерки советского страхового права // Избранные труды по наследственному и страховому праву. – М., 2003. – С. 368.
[272] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга третья: договоры о выполнении работ и оказании услуг. – М., 2004. – С. 606.

Вуҷуд доштани ақидаҳои гуногун доир ба предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгарӣ боиси душвориҳои илмӣ ва амалӣ мегардад. Зеро мавҷуд набудани ақидаи ягона доир ба предмети шартномаи ҷавобгарӣ, боиси имконияти муайян намудани шартҳои шартнома кам мегардад. Аз тарафи дигар, номуайян будани шартҳои шартномаи ҷавобгарӣ душворӣ оид ба созиш омадани тарафҳо мегардад. Аз ҷумла, номуайян будани предмети шартнома метавонад ба бастани шартнома таъсир расонад.

Дар қонунгузорӣ таҳти предмети суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ягон меъёр бевосита мустаҳкам карда нашудааст ва инчунин дар илми ҳуқуқи маданӣ то айни ҳол ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Таърихан предмети шартнома ва аниқтараш объекти ҳар кадом муносибати ҳуқуқӣ аз тарафи муҳаққиқон аз ҳар гуна нуқтаи назар дида баромада мешавад. Баъзе муҳаққиқон, бахусус М.М. Агарков, Н.Г. Александров, И.Л. Брауде таҳти он танҳо ашё ва неъматҳои ғайримоддиро мефаҳмиданд[273]. Дигар намояндагони илми ҳуқуқшиносӣ, ба монанди А.Я. Магазинер, Д.М. Генкин ба он исрор мекарданд, ки объекти ҳар муносибати ҳуқуқӣ метавонад рафтори одамон бошад, яъне муҳаққиқони мазкур назарияи монистиро тарафдорӣ мекарданд[274]. С.С. Алексеев тарафдори ақидаи аз ҳама фарқкунанда буд ва таҳти объекти ҳар муносибати ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартнома неъмати ҷамъиятиро мешуморад[275].

Мавриди зикр аст, ки дар адабиёти муосири ҳуқуқшиносӣ ягонагии назарҳо ҷиҳати масъалаи ҳуқуқии мазкур мушоҳида карда намешавад. Ҳамин тавр, М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский таҳти предмети шартнома ба маънои васеъ «тамоми маҷмуи нишондиҳандаҳои онро, дар хусуси он ки шартнома баста шудааст» дарк мекунанд. Ба ин маълумотҳо оид ба ашё, аслан ҳамроҳи миқдор, сифат ва нархи молҳои додашаванда, корҳои иҷрошаванда ва хизматҳои расонидашаванда дохил мешаванд. Дар ҳама намуди соддатарин ашё дар формулаи «чӣ ва чӣ қадар» ифода меёбад. Аммо, дар як қатор ҳолатҳо қонунгузор инро бо пурра кардани формулаи дуузваи овардашуда ва дигар маълумотҳо нокифоя эътироф мекунад»[276].

Аз андешаҳои М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский А.Н. Обиденнов дақиқан хулоса мебарорад, ки ба сифати предмети шартнома «объекти ҷаҳони моддӣ (ашё, моликият) ё ғайримоддӣ (маълумот) баромад мекунад, ки ба он бевосита иродаи тарафҳои басташаванда равона карда шудааст ё бо он бевосита алоқамандӣ дорад ва он ба тарзи кофӣ инфиродӣ карда шудааст, то ки онро аз дигар объектҳо ҷудо намуд»[277].

Як қатор муҳаққиқон, махсусан С.В. Дедиков бар он ақида аст, ки ба сифати объекти муносибати ҳуқуқӣ ва мувофиқатан предмети шартнома маҳз «муносибатҳои ҷамъиятии байни иштирокчиёни муомилот ва дар баъзе ҳолатҳо шахсони сеюм ба маънои васеи ин мафҳум баромад мекунанд. Ашёҳои ҷаҳони моддӣ, неъматҳои ғайримоддӣ дар ин сурат танҳо таркиби предмети объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд».

Дар марҳилаи муосири рушди илми ҳуқуқи маданӣ ду нуқтаи назари асосӣ барои чунин мафҳум, ба монанди предмети шартнома мавҷуд аст. Назарияи якум аз он иборат аст,

[273] Агарков М.М. Обязательство по советскому гражданскому праву. – М., 1940. – С. 210.
[274] Магазинер Я.М. Объект права. Очерки по гражданскому праву: сб. статей / отв. ред. О.С. Иоффе. – Л., 1957. – С. 66-68; Гражданское право: учебник для юридических вузов: в 2 т. Т. I / под ред. Д.М. Генкина. – М., 1950. – С. 98-111.
[275] Алексеев С.С. Об объекте права и правоотношения // Вопросы теории советского права / под ред. С.Н. Братуся. – М., 1960. – С. 291.
[276] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: общие положения. – Изд 3-е, стер. – М., 2001. – С. 316.
[277] Обыденнов А.Н. Предмет и объект как существенные условия гражданско-правового договора // Журнал российского права. – 2003. – № 8. – С. 188.

ки предмети шартнома ҳамчун объекти олами моддӣ ё ғайримоддӣ қабул карда мешавад, дуюмин қайд мекунанд, ки ба сифати ашё амалҳое баромад мекунад, ки тарафҳо нисбати ин ё он объекти ҳуқуқи маданӣ иҷро мекунанд.

Ҳалли масъалаи ҳуқуқии мазкурро дар таъиноти мақсадноки мафҳуми предмети шартнома ҷустан зарур мебошад, зеро чи гунае ки дар боло оварда шуд, маҳз ин меъёри ҳуқуқӣ иҷозат медиҳад, то ки ин ё он шартномаро аз ҳамдигар ҷудо кард ва моҳияти асосии муносибатҳои ҳуқуқии байни тарафҳо бавуҷудояндаро муайян намуд. Ба ибораи дигар, маҳз предмети шартнома, ҳамчун шарти аҳаммиятнок иродаи иштирокчиёни муносибати ҳуқуқиро ифода мекунад ва барои муайян кардани натиҷаи дилхоҳи охирин имкон фароҳам меоварад.

Агар ақидаҳои муҳаққиқонро ҷонибдорӣ намоем онҳо чунин хулоса мекунанд, ки ба сифати предмети шартнома танҳо объектҳои моддӣ ва ғайримоддии олами атроф баромад мекунанд, чунин вақт он фақт тамоман норафшан мегардад, ки масалан, ҳатто ҳангоми муайянкунии аниқ дар шартномаи чизи мушаххас, агар дар он амалҳои тарафҳое, ки онҳо бо он нияти нисбати якдигар содир карданро доранд, муайян кардан ғайриимкон аст, ки бо бастани чунин шартнома тарафҳо аслан чиро дар назар доштанд. Баръакс танҳо ба амалҳои бе ашё, ки бо он онҳоро содир кардан зарур аст ҳамчунин ҷавоби мукаммалро ба саволе дода наметавонад, ки ниятҳои шахсони аҳдбастаистодаро барои равшан кардан имкон медиҳад.

Қобили зикр аст, ки объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ, ки нисбати онҳо субъектҳо амалҳои муайянро содир мекунад, аз тарафи қонунгузор дар м. 136 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд. Ба инҳо махсусан: ашё, ҳамчунин пул ва қоғазҳои қиматнок, дигар моликият, аз ҷумла ҳуқуқҳои молумулкӣ; кор ва хизматҳо; натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда (моликияти зеҳнӣ); неъматҳои ғайримоддӣ тааллуқ доранд.

Дар қ. 1, м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» обеъкти суғуртавӣ муқаррар шудааст. Тибқи он ба объекти суғуртавӣ ин манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, аз ҷумла ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ ва расонидани зарар ба шахси сеюм дохил мешавад[278]. Қайд кардан ба маврид мебошад, ки объекти суғуртаи ҷавобгарӣ дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт» дода нашудааст.

Объектҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бевосита дар қонунгузории ин соҳа муқаррар карда шудааст. Дар м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» муқаррар шудааст, ки объектҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ манфиатҳои соҳибони воситаҳои нақлиёт вобаста ба уҳдадории онҳо оид ба ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида расонидашуда мебошанд, ки дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт ба вуқуъ омадаанд.

Ҳамин тавр, ба назари мо, ба сифати предмети ҳар шартномаи ҳуқуқи маданӣ ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ объектҳои моддӣ ва ғайримоддии олами воқеӣ ва амали субъектҳо баромад мекунанд. Ҳамчунин, аломатҳои мазкур дар муносибати дутарафа қарор дошта, маҷмуи ташаккулёфтаи ягонаеро дар бар мегиранд, ки баҳри он тарафҳо ба ягон муносибат бо якдигар ворид мегарданд.

[278] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» 23 июли с. 2016, № 1349 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – № 7. – Мод. 627; с. 2018. – № 1487.

Ба сифати предмети шартномаи суғуртаи ҷавобгарӣ ин ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дигар воситаи нақлиёту механизмҳои худгард дар назди шахсони сеюм, барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ ва зарари молумулкӣ (ба амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дар раванди истифодаи воситаҳои нақлиёт ҳангоми ҳаракат мебошад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» 23 июли соли 2016, № 1349 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 30.11.2025).

2. Худяков, А.И. Страховое право [Текст] / А.И. Худяков. – Спб., 2004. – 346 с.

3. Гражданское право. Том 2 [Текст]: учебник / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – Изд. 2-е, перераб. и доп. – М., 1999. – 505 с.

4. Ермаков, В.С. Правовые аспекты страхования автотранспортных средств по риску «каско» [Текст] / В.С. Ермаков // Страховое право. – 2001. – № 1. – С. 210-215.

5. Фогельсон, Ю.Б. Комментарий к страховому законодательству [Текст] / Ю.Б. Фогельсон. – М., 2002. –387 с.

6. Серебровский, В.И. Очерки советского страхового права // Избранные труды по наследственному и страховому праву [Текст] / В.И. Серебровский. – М., 2003. – С. 365-370.

7. Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Книга третья: договоры о выполнении работ и оказании услуг [Текст] / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М., 2004. – 606 с.

8. Агарков, М.М. Обязательство по советскому гражданскому праву [Текст] / М.М. Агарков. – М., 1940. – 210 с.

9. Магазинер, Я.М. Объект права. Очерки по гражданскому праву [Текст]: сб. статей / Я.М. Магазинер; отв. ред. О.С. Иоффе. – Л., 1957. – С. 66-68.

10. Гражданское право [Текст]: в 2 т. Т. I: учебник для юридических вузов / под ред. Д.М. Генкина. – М., 1950. – С. 98-111.

11. Алексеев, С.С. Об объекте права и правоотношения [Текст] / С.С. Алексеев // Вопросы теории советского права / под ред. С.Н. Братуся. – М., 1960. – 340 с.

12. Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Книга первая: общие положения [Текст] / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – Изд. 3-е, стер. – М., 2001. – 840 с.

13. Обыденнов, А.Н. Предмет и объект как существенные условия гражданско-правового договора [Текст] / А.Н. Обыденнов // Журнал российского права. – 2003. – № 8. – С. 184-189.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРЕДМЕТА ДОГОВОРА ОБЯЗАТЕЛЬНОГО СТРАХОВАНИЯ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ВЛАДЕЛЬЦЕВ АВТОТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

Ключевые слова: страхование; предмет; предмет договора; транспортное средство; дорожно-транспортное происшествие; гражданско-правовая ответственность; застрахованное лицо; страховщик; договор обязательного страхования; права и обязанности; возмещение ущерба; страховая выплата; гражданское законодательство; страховая деятельность; страховой риск.

Аннотация. В статье проанализированы основные вопросы предмета договора обязательного страхования гражданско-правовой ответственности владельцев автотранспортных средств. Отмечается, что предмет такого договора представляет собой совокупность правоотношений, связанных с материальными и нематериальными объектами, а также действиями субъектов. Предметом договора страхования является гражданско-правовая ответственность владельцев транспортных средств перед третьими лицами. Такая ответственность возникает при причинении вреда жизни, здоровью и имуществу физических и юридических лиц в процессе использования транспортных средств.

Муминзода Орифджони Сафо – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета. Тел.: (+992) 938-05-91-91. E-mail: Jurist_9191@mail.ru

SOME ISSUES OF THE SUBJECT MATTER OF COMPULSORY MOTOR THIRD-PARTY LIABILITY INSURANCE CONTRACT

Keywords: Insurance; subject; subject matter of the contract; vehicle; road traffic accident; civil liability; insured person; insurer; compulsory insurance contract; rights and obligations; compensation for damage; insurance payment; civil legislation; insurance activity; insurance risk.

Annotation. The article analyzes the main issues concerning the subject matter of compulsory motor third-party liability insurance. It is noted that the subject of such a contract constitutes a set of legal relations related to material and non-material objects, as well as the actions of the parties. The subject of the insurance contract is the civil liability of vehicle owners towards third parties. This liability arises in cases of damage to life, health, and property of individuals and legal entities during the use of vehicles.

Muminzoda Orifjoni Safo – Tajik National University, assistant of Department of transport law and the law to use natural resources faculty law. Phone: (+992) 938-05-91-91. E-mail: Jurist_9191@mail.ru

СОЛЕҲ РАЗОҚ,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992)887-70-28-70. E-mail: soleh.razok@mail.ru.

ТДУ: 347.214.1

ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА СУҒУРТАИ МОЛУ МУЛК

Калидвожаҳо: суғурта; суғуртаи молу мулк; қонунгузорӣ; муносибатҳои суғуртавӣ; хавф; ҳифзи молу мулк; иқтисод; рушди ҳуқуқ.

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба таҳлили равандҳои ташаккул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи молу мулк бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои таърихии пайдоиш ва рушди муносибатҳои суғуртавиро баррасӣ намуда, марҳилаҳои асосии ташаккули ин институтро дар тамаддунҳои қадим ва кишварҳои аврупоӣ таҳлил менамояд. Дар мақола ба аҳаммияти суғурта ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои молу мулкӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба суғуртаи молу мулк равандест, ки решаҳои таърихии амиқ дошта, дар заминаи ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тадриҷан ба низоми мукаммали ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ аз ҷумлаи қадимтарин шаклҳои ҳамкории иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар раванди таърихӣ ҳамчун механизми ҳифзи манфиатҳои молу мулкӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ ташаккул ёфтаанд.

Суғурта ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар марҳилаҳои ибтидоии рушди ҷомеа ба сифати шакли худмуҳофизат ва ҳамкории дастаҷамъона ба вуҷуд омадааст. Дар ин давра, унсури асосии суғурта кумаки мутақобила ва тақсими хавфҳо байни аъзои ҷомеа буд, ки ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва коҳиши таъсири омилҳои хавфнок мусоидат менамуд. Бо мурури замон, ин муносибатҳо аз шаклҳои анъанавии ғайрирасмӣ ба шаклҳои нисбатан мураттаби ташкилӣ гузаштанд ва заминаи ташаккули падидаи ҳуқуқии суғуртаро фароҳам оварданд.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушд, бо густариши муносибатҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ ба миён омад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки аллакай дар аҳди қадим унсурҳои ҳуқуқии суғурта вуҷуд доштанд. Масалан, дар қонунҳои Ҳамураппӣ механизми ҷуброни зарар дар ҳолати талафоти молу мулк дар раванди фаъолияти тиҷоратӣ пешбинӣ гардида буд. Инчунин, дар давлатҳои қадим, аз ҷумла дар минтақаҳои Шарқи Наздик, Фаластин ва Сурия, шартномаҳои тиҷоратие амал мекарданд, ки тақсими хавфҳоро байни иштирокчиён пешбинӣ менамуданд. Дар соҳаи тиҷорати баҳрӣ низ институтҳои ибтидоии суғурта ташаккул ёфта, дар Рими Қадим тавассути коллегияҳо ва корпоратсияҳои касбӣ васеъ истифода мешуданд. Ин ташкилотҳо на танҳо манфиатҳои иқтисодии аъзои худро ҳимоя мекарданд, балки дар ҳолатҳои фавқулода, аз қабили беморӣ, маъюбӣ ё фавт, дастгирии моддӣ низ мерасониданд, ки ин нишонаи ташаккули унсурҳои иҷтимоии суғурта мебошад.

Қобили зикр аст, ки ташаккули суғуртаи муосир дар Аврупо ба марҳилаи гузариш аз шаклҳои анъанавии кумаки мутақобила ба институтҳои ташкилёфтаи молиявию ҳуқуқӣ рост меояд. Нахустин кӯшишҳои таъсиси ширкатҳои суғуртавии муосир ба асри XVII мансуб буда, яке аз чунин таҷрибаҳо дар шаҳри Париж соли 1686 ба қайд гирифта шудааст. Ин ширкат асосан ба амалиёти суғуртаи баҳрӣ машғул буд, ки дар он давра ҳамчун шакли асосии суғурта баромад мекард. Бо вуҷуди аҳаммияти таърихии худ, фаъолияти он дарозмуддат набуда, ба зудӣ ба таназзул рӯ ба рӯ гардид, ки ин аз ноустувории ибтидоии институтҳои суғуртавӣ дар шароити нокифояи танзими ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад[279].

Дар Англия бошад, равандҳои ташаккули суғуртаи муосир босуръаттар ҷараён гирифтанд. Соли 1720 ду ҷамъияти суғуртаи баҳрӣ ба фаъолият оғоз намуда, заминаи рушди минбаъдаи ин соҳа гардиданд. Дар ҳамин давра, суғурта тадриҷан дар дигар кишварҳои Аврупо низ густариш ёфт. Аз ҷумла, дар Италия (бо ишора ба анъанаҳои барвақтии шаҳрҳои тиҷоратӣ), дар Дания (1746), Шветсия (1750) ва Олмон (1765) аввалин ширкатҳои суғуртаи баҳрӣ таъсис ёфтанд. Хусусан, таъсиси чунин ширкатҳо дар шаҳрҳои Гамбург ва Берлин ба густариши муносибатҳои суғуртавӣ дар фазои олмонизабон мусоидат намуд. Дар маҷмуъ, аз оғози асри XVIII то охири асри XIX Англия ҳамчун маркази пешсафи рушди низоми суғурта шинохта шуда, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии он барои дигар давлатҳо намунаи ибрат гардид[280].

Аз охирҳои асри XVII тағйироти сифатӣ дар сохтори суғурта ба амал омаданд. Агар то ин давра суғуртаи баҳрӣ шакли асосии суғурта маҳсуб мешуд, пас баъд аз ҳодисаҳои фалокатбор зарурати рушди дигар намудҳои суғурта низ ба миён омад. Аз ҷумла, сӯхтори бузурги Лондон, ки чор рӯз идома ёфта, зиёда аз 13 ҳазор бино ва манзили истиқоматиро нобуд сохт, ҳамчун омили калидӣ барои ташаккули суғуртаи сӯхтор баромад намуд. Дар натиҷаи ин фоҷиа, соли 1667 дар Лондон аввалин ширкатҳои суғуртаи сӯхтор таъсис ёфта, соли 1681 муассисаи махсус бо номи «Fire Office» ба фаъолият оғоз кард, ки ба суғуртакунии молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла хонаҳо ва биноҳои истиқоматӣ машғул буд. Ин падида оғози ташаккули суғуртаи молу мулкро дар маънои муосири он ифода менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва таърихӣ мавқеи махсус ба фаъолияти Эдвард Ллойд дода мешавад, ки номи ӯ бо пайдоиши яке аз муҳимтарин марказҳои суғуртавӣ – Lloyd’s Coffee House алоқаманд аст. Ин қаҳвахона дар Лондон ба як маркази ғайрирасмии ҳамоҳангсозии фаъолияти суғуртавӣ табдил ёфта, дар он ҷо тоҷирон, соҳибони киштиҳо ва савдогарон барои тақсими хавфҳои марбут ба тиҷорати баҳрӣ ҷамъ меомаданд. Механизми пешниҳодшудаи онҳо, ки ба ҷамъоварии маблағ ва ташкили фонди умумӣ барои ҷуброни зарар асос меёфт, намунаи равшани гузариш аз шаклҳои ибтидоии ҳамкории иҷтимоӣ ба низоми муташаккили суғуртавӣ ба ҳисоб меравад[281].

Бо ин тартиб, дар натиҷаи равандҳои таърихии зикршуда, суғурта тадриҷан аз шаклҳои оддии кумаки мутақобила ба институти мураккаби молиявию ҳуқуқӣ табдил

[279] Сумина, Е.В. История возникновения договора имущественного страхования // НАУКА ЮУрГУ: Материалы 66-й научной конференции [Электронный ресурс], Челябинск, 15-17 апреля 2014 года / Министерство образования и науки Российской Федерации, Южно-Уральский государственный университет; отв. за выпуск: Ваулин С.Д. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2014. – С. 1391-1397.

[280] Шаихова, А.И. История становления института имущественного страхования / А.И. Шаихова // Результаты современных научных исследований и разработок: сборник статей XVII Всероссийской научно-практической конференции, Пенза, 17 июня 2022 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2022. – С. 213-215.

[281] Долматова, Д.А. Значение и роль имущественного страхования // Академия педагогических идей Новация. Серия: Студенческий научный вестник. – 2019. – № 7. – С. 19-21.

ёфт. Дар заминаи инкишоф, суғурта маънои муосири худро пайдо намуда, ҳамчун механизми самараноки ҷуброни хавфҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ ташаккул ёфт. Маҳз ҳамин таҳаввулот барои пайдоиш ва рушди минбаъдаи қонунгузории миллии суғуртавӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи молу мулк, заминаи устувор фароҳам овард[282].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд ба таври зич бо инкишофи низоми суғуртаи давраи шуравӣ алоқаманд мебошад.

Дар давраи шуравӣ суғурта ҳамчун падидаи мутамаркази давлатӣ ташаккул ёфта, таҳти назорати қатъии давлат қарор дошт. Дар марҳилаи ибтидоӣ фаъолияти ширкатҳои хусусии суғуртавӣ қатъ гардида, ҷойи онро низоми кумаки давлатии ройгон ишғол намуд, ки бо сабаби маҳдудияти захираҳои буҷетӣ самаранок набуд. Аз соли 1925 сар карда, муносибатҳои суғуртавӣ тадриҷан барқарор гардида, фаъолияти кооперативҳо иҷозат дода шуд, аммо онҳо пурра зери назорати мақомоти давлатӣ амал мекарданд.

Дар солҳои 1930-1940 суғуртаи ҳатмии молу мулки давлатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷорӣ гардида, заминаи ҳуқуқии он тавассути санадҳои меъёрӣ таҳким ёфт. Баъдан, пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон, низоми суғурта такмил ёфта, идоракунии он ба сохторҳои Вазорати молия вогузор гардид ва дар ҷумҳуриҳо мақомоти махсуси суғуртавӣ таъсис дода шуданд.

Дар солҳои 1960-1980 доираи намудҳои суғурта васеъ гардида, ҳам суғуртаи молу мулк ва ҳам суғуртаи шахсӣ рушд ёфтанд. Қабули як қатор қарорҳои давлатӣ, аз ҷумла оид ба рушди суғуртаи давлатӣ ва ҷуброни зарар аз офатҳои табиӣ, ба ташаккули низоми нисбатан мукаммали суғуртавӣ мусоидат намуд. Хусусан, қабули санади соли 1983 дар бораи суғуртаи ҳатмии молу мулки шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дошта, уҳдадории суғуртакунии амволи шахсиро муқаррар намуд.

Тибқи таҳлили илмии Е.А. Шкарупа, рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ хусусияти марҳилавӣ дошта, дар маҷмуъ 11 марҳиларо фаро мегирад, ки аз онҳо ду марҳилаи асосӣ ба давраи Шуравӣ рост меояд.

Марҳилаи аввал – давраи бунёдӣ (1922-1967) бо ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии амвол тавсиф мешавад. Дар ин давра, суғурта асосан ба соҳаи кишоварзӣ равона гардида, хусусияти уҳдадории давлатӣ дошт ва пардохтҳои суғуртавӣ аз ҷониби хоҷагидорон бештар ҳамчун шакли андоз қабул мегардиданд.

Марҳилаи дуюм – давраи рушди низоми суғуртавӣ (1968-1991) бо такмили механизмҳои суғуртавӣ, густариши доираи намудҳои суғурта ва баланд гардидани сатҳи дарки аҳаммияти суғурта аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ фарқ мекунад. Дар ин давра, суғурта тадриҷан аз воситаи фискалӣ ба институти нисбатан мустақили иқтисодӣ табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, низоми суғуртаи давраи шуравӣ ҳамчун заминаи мустаҳками ниҳодӣ ва ҳуқуқӣ барои ташаккули минбаъдаи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи молу мулк хизмат намуд. Ин низом, сарфи назар аз хусусияти мутамарказ ва вобастагӣ аз сиёсати давлатӣ, унсурҳои муҳими ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методологии фаъолияти суғуртавиро ба вуҷуд овард, ки баъдан дар раванди бунёди низоми миллии суғурта истифода гардиданд.

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ соли 1991 ва ба даст овардани Истиқлоли

[282] Зоиров Ҷ.М., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.Қ. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 124.

давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави ташаккули низоми ҳуқуқӣ ворид гардид. Дар ин давра, зарурати аз нав танзим намудани тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи молу мулк, ба миён омад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташаккули муносибатҳои моликияти хусусӣ тақозо менамуд, ки низоми суғурта низ ба талаботи нави иқтисодӣ мутобиқ карда шавад.

Дар чунин шароит, ташаккули қонунгузории миллӣ дар соҳаи суғурта, аз ҷумла суғуртаи молу мулк, ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат табдил ёфт. Қадами аввал дар ин самт соли 1991 гузошта шуд, вақте ки бо Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Саридораи суғуртаи давлатии Вазорати молия ба Созмони тиҷоратии суғуртаи давлатии Тоҷикистон табдил дода шуд[283]. Ин тағйирот оғози гузариш аз низоми комилан давлатӣ ба шаклҳои нави фаъолияти суғуртавии дорои унсурҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Минбаъд, рушди қонунгузории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муайян намудани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои суғуртавӣ, танзими муносибатҳои байни суғуртакунанда ва суғурташаванда, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои назорати давлатӣ идома ёфт. Дар ин раванд, масъалаи танзими суғуртаи молу мулк ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ мавқеи махсусро ишғол намуд.

Қобили зикр аст, ки дар адабиёти илмӣ масъалаи марҳилабандӣ ва хусусиятҳои рушди қонунгузории суғуртавӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи молу мулк, мавриди баҳсу таҳлилҳои гуногун қарор гирифтааст. Ин гуногунандешӣ, пеш аз ҳама, ба хусусияти мураккаб ва бисёрҷанбаи раванди ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ вобаста мебошад. Бархе муҳаққиқон рушди қонунгузории суғуртавиро ҳамчун ҷузъи таркибии ислоҳоти умумии иқтисодӣ ва ҳуқуқии давраи пасошуравӣ арзёбӣ намуда, ба нақши калидии давлат дар ташаккули бозори суғурта ва танзими фаъолияти субъектҳои он таъкид менамоянд. Дар баробари ин, гурӯҳи дигари олимон бештар ба ҷанбаҳои ниҳодӣ диққат дода, масъалаҳои ташаккули инфрасохтори бозори суғурта ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалиро дар маркази таҳлил қарор медиҳанд.

Дар ин замина, мавқеи илмии М.З. Раҳимзода аҳаммияти назаррас дошта, ӯ рушди низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи истиқлол бо дарназардошти таҳаввули муносибатҳои ҷамъиятӣ ба се марҳилаи асосӣ ҷудо менамояд. Марҳилаи якум (1991-1994) ҳамчун давраи ибтидоии ташаккули қонунгузории миллӣ тавсиф мешавад, ки дар он гузариш аз низоми ҳуқуқии шуравӣ ба низоми мустақили миллӣ оғоз гардида, заминаҳои ҳуқуқии давлатдории нав ба вуҷуд омаданд.

Марҳилаи дуюм (1995-2000) бо таҳким ва такмили асосҳои қонунгузории миллӣ алоқаманд буда, дар ин давра санадҳои калидии ҳуқуқӣ қабул гардида, низоми ҳуқуқӣ ба шароити нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутобиқ карда шуд. Ин марҳила барои ташаккули асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғурта, аҳаммияти муҳим дошт.

Марҳилаи сеюм (аз соли 2000 то имрӯз) ҳамчун давраи рушди мунтазам ва ислоҳоти минбаъдаи қонунгузорӣ тавсиф мегардад. Дар ин марҳила, қонунгузории миллӣ бо дарназардошти талаботи иқтисоди бозорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва мутобиқшавӣ ба таҷрибаи байналмилалӣ такмил дода шуда, заминаҳои ҳуқуқии рушди

[283] Шаропов Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ. – Душанбе, 2009. – С. 202.

устувори соҳаҳои гуногун, аз ҷумла суғуртаи молу мулк, фароҳам оварда мешаванд[284].

Дар муқоиса бо ин мавқеъ, Н.Ф. Тоҳиров рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо равиши нисбатан ихтисоршуда ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо менамояд, ки асоси чунин тақсимбандӣ ба тағйироти конститутсионӣ вобаста карда шудааст.

Марҳилаи якум ба давраи амалкунии Конститутсияи соли 1978 мансуб дониста шуда, то соли 1994 идома меёбад. Дар ин давра, сарфи назар аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, низоми ҳуқуқӣ то андозае дар доираи анъанаҳо ва принсипҳои қонунгузории Шуравӣ боқӣ монда, равандҳои ҳуқуқсозӣ бештар хусусияти гузаришӣ доштанд. Қонунгузорӣ дар ин марҳила ҳанӯз ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои нави моликият пурра мутобиқ нашуда буд[285].

Марҳилаи дуюм бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 оғоз гардида, ҳамчун марҳилаи ташаккули воқеии низоми қонунгузории миллӣ арзёбӣ мешавад. Конститутсияи мазкур ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ заминаҳои бунёдии рушди ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва суғуртавиро фароҳам овард. Дар ин давра, равандҳои қонунгузорӣ хусусияти мақсаднок ва низомнок гирифта, ба ташаккули бозори суғурта, рушди институтҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ равона гардиданд[286].

Ба андешаи мо, мавқеи М.З. Раҳимзода дурусттар ва мақсаднoктар мебошад, зеро маҳз дар давраи соҳибистиқлолӣ танҳо он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ба арзишҳои миллӣ, урфу одат, анъанаҳо, шароити табиӣ ва иқлимии Тоҷикистон, низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин ба дигар хусусиятҳои хоси ҷомеаи тоҷик мутобиқ мебошанд. Ҳамин ҷанба низ қонунгузории кишварро дорои хусусияти миллӣ ва худшиносии ҳуқуқӣ месозад.

Илова бар ин, О.С. Муминзода ҳангоми омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои таърихии муносибатҳои суғуртавӣ дар соҳаи нақлиёт таъкид кардааст, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ шакли инҳисорӣ (монополия)-ро доштанд. Ин нишон медиҳад, ки то давраи соҳибистиқлолӣ низоми суғуртавӣ асосан ба модели мутамаркази давлатӣ такя мекард ва танҳо дар шароити истиқлолият шароити ташаккули бозори воқеии миллӣ барои суғурта фароҳам оварда шуд[287].

Дар баробари назарияҳои зикршуда, дар адабиёти илмӣ равишҳои дигари марҳилабандии рушди қонунгузории суғуртавӣ низ пешниҳод гардидаанд, ки ҳар яке вобаста ба меъёрҳои таҳлил ва усули илмии муаллифон фарқ мекунад. Аз ҷумла, Ҷ.И. Фархудинов рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавиро ба се марҳилаи асосӣ ҷудо менамояд: аҳди қадим, давраи Шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ. Ин таснифот хусусияти умумӣ дошта, бештар ба таҳаввулоти таърихӣ ва иҷтимоии институти суғурта такя мекунад ва имкон медиҳад, ки ин раванд дар заминаи тағйироти низомҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирад[288].

Дар муқоиса, А.Н. Аҷиков ба масъала аз дидгоҳи таърихи иқтисодӣ ва рушди

---

[284] Раҳимзода М.З. Сифати қонун ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии он // Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. – С. 15-40.

[285] Муродзода У.У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – №3. – С. 383-387.

[286] Тохиров Н.Ф. Провозглашение государственной независимости – новая веха в законодательной деятельности Республики Таджикистан // Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (19172007). – Душанбе: Эҷод, 2009. – С. 134.

[287] Муминзода О.С. Рушди қонунугузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 2 (38). – С. 51.

[288] Фархудинов Ҷ.И. Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – С. 208.

муносибатҳои бозорӣ назар намуда, марҳилабандии худро дар асоси давраҳои ташаккули капитализм пешниҳод менамояд. Ӯ рушди суғуртаро ба се марҳила ҷудо мекунад: марҳилаи аввал (аз нимаи асри XIV то охири асри XVII) ҳамчун давраи пайдоиш ва ташаккули ибтидоии суғурта; марҳилаи дуюм (аз асри XVII то нимаи аввали асри XIX) ҳамчун давраи институционализатсия ва густариши шаклҳои суғуртавӣ; ва марҳилаи сеюм (аз нимаи асри XIX то давраи муосир) ҳамчун давраи рушди низоми мураккаби суғуртавӣ ва ташаккули бозори ҷаҳонии суғурта[289].

Ғ.Д. Ашуров рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи суғурта ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо менамояд, ки ин марҳилабандӣ таҳаввули низоми ҳуқуқӣ ва институтсионалии суғуртаро дар робита ба тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ инъикос мекунад.

Марҳилаи аввал (1924-1991) бо ҳукмронии суғуртаи давлатӣ ва хусусияти монополии он тавсиф шуда, фаъолияти суғуртавӣ пурра зери назорати мутамарказ қарор дошт. Марҳилаи дуюм (1991-1998) давраи ташаккули қонунгузории миллӣ ва пайдоиши бозори суғурта буда, бо қабули Қонуни «Дар бораи суғурта» ва эътирофи ташкилотҳои ғайридавлатӣ фарқ мекунад. Марҳилаи сеюм (1998-2014) бо такмили талаботи ҳуқуқӣ, таҳкими назорати давлатӣ ва баланд бардоштани меъёрҳои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ алоқаманд аст. Марҳилаи чорум (аз соли 2014 то имрӯз) бошад, ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои танзим ва назорат дар соҳаи суғурта равона гардидааст[290].

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавии равишҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки марҳилабандии рушди қонунгузории суғуртавӣ, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи молу мулк, вобаста ба меъёрҳои интихобшуда – таърихӣ, сиёсӣ ё иқтисодӣ – метавонад гуногун бошад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи ин равишҳо дар як нуқтаи умумӣ ҳамназаранд, яъне суғуртаи молу мулк дар ҷараёни рушди таърихӣ тадриҷан аз шаклҳои ибтидоии иҷтимоӣ ба падидаи мураккаби ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ табдил ёфта, дар шароити муосир ба яке аз унсурҳои муҳими низоми ҳуқуқӣ ва иқтисоди бозорӣ мубаддал гардидааст.

Дар ҳамин замина, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ қадамҳои аввалини ташаккули низоми миллии суғуртавӣ гузошта шуданд. Аз ҷумла, ҳанӯз соли 1991 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори махсуси назорати давлатии суғуртавӣ таъсис дода шуд, ки баъдан ба ихтиёри Вазорати молияи ҷумҳурӣ вогузор гардида, ҳамчун заминаи институтсионалии рушди минбаъдаи қонунгузории соҳа хизмат намуд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Сумина, Е.В. История возникновения договора имущественного страхования [Текст] / Е.В. Сумина // НАУКА ЮУрГУ: Материалы 66-й научной конференции (Электронный ресурс), Челябинск, 15-17 апреля 2014 года / Министерство образования и науки Российской Федерации, Южно-Уральский государственный университет; отв. за выпуск: Ваулин С.Д. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2014. – С. 1391-1397.

2. Шаихова, А.И. История становления института имущественного страхования

[289] Аҷиков А. Н. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташаккулёбии соҳаи суғурта // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278-286.

[290] Ашуров, Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2011. – С. 120.

[Текст] / А.И. Шаихова // Результаты современных научных исследований и разработок: сборник статей XVII Всероссийской научно-практической конференции, Пенза, 17 июня 2022 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2022. – С. 213-215.

3. Долматова, Д.А. Значение и роль имущественного страхования [Текст] / Д.А. Долматова // Академия педагогических идей Новация. Серия: Студенческий научный вестник. – 2019. – № 7. – С. 19-21.

4. Зоиров, Ҷ.М., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.Қ. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дастури таълимӣ / Ҷ.М. Зоиров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.Қ. Бадалов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 224 с.

5. Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ [Матн] / Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. – 302 с.

6. Раҳимзода, М.З. Сифати қонун ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии он [Матн] / М.З. Раҳимзода // Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. – С. 15-24.

7. Тохиров, Н.Ф. Провозглашение государственной независимости – новая веха в законодательной деятельности Республики Таджикистан [Текст] / Тохиров Н.Ф. // Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007). – Душанбе: Эҷод, 2009. – С. 134-145.

8. Муродзода, У.У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.У. Муродзода, И.О. Давронов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – № 3. – С. 383-387.

9. Муминзода, О.С. Рушди қонунугузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / О.С. Муминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 2(38). – С. 51-61.

10. Фархудинов, Ҷ.И. Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ.: 12.00.03 / Фархудинов Ҷамшед Исроилович. – Душанбе, 2024. – 208 с.

11. Аҷиков, А. Н. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташаккулёбии соҳаи суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278-286.

12. Ашуров, Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Гайрат Давлатович Ашуров. – Душанбе, 2011. – 155 с.

РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ СТРАХОВАНИЯ ИМУЩЕСТВА

Ключевые слова: страхование; страхование имущества; законодательство; страховые отношения; риск; защита имущества; экономика; развитие права.

Аннотация. Данная статья посвящена анализу процессов формирования и развития законодательства Республики Таджикистан в сфере страхования имущества. Автор рассматривает исторические аспекты возникновения и развития страховых отношений, а также анализирует основные этапы становления данного института в древних цивилизациях и европейских странах. Особое внимание уделяется значению страхования как механизма защиты имущественных интересов и обеспечения экономической стабильности.

Солех Разок – ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992)887-70-28-70. E-mail: soleh.razok@mail.ru.

DEVELOPMENT OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF PROPERTY INSURANCE

Keywords: insurance; property insurance; legislation; insurance relations; risk; property protection; economy; legal development.

Annotation. This article is devoted to the analysis of the formation and development of the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of property insurance. The author examines the historical aspects of the emergence and evolution of insurance relations and analyzes the main stages of the development of this institution in ancient civilizations and European countries. Special attention is paid to the importance of insurance as a mechanism for protecting property interests and ensuring economic stability.

Soleh Razoq – Assistant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992)887-70-28-70. E-mail: soleh.razok@mail.ru

ХОДЖАЕВА РУХШОНА МУМИНДЖОНОВНА,
старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета.
Тел.: (+992) 934- 09-05-80. E-mail: rukhshona.hojaeva80@gmail.com.

УДК: 347.216

ОБЪЕКТЫ ОЦЕНОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Ключевые слова: объект оценки; движимое имущество; недвижимое имущество; ценные бумаги; интеллектуальная собственность; обязательства; рыночные сделки; публичные реестры; цифровые платформы; цифровизация.

Аннотация. Настоящая статья посвящена объектам оценочной деятельности, которые освещены на страницах юридической литературы под разным углом зрения. Одни исследователи объектами оценочной деятельности считают все не изъятые из гражданского оборота объекты. Другая группа исследователей к объектам оценочной деятельности относит также и объекты с ограниченной оборотоспособностью или даже объекты, изъятые из оборота. По мнению третьих, объектами оценочной деятельности могут быть только материальные блага. Четвертые к объектам оценочной деятельности относят имущество, находящееся в собственности, в оперативном управлении или в хозяйственном ведении юридических или физических лиц. Неоднозначно решён и вопрос о видах объектов оценочной деятельности на нормативно-правовом уровне. В статье проанализированы встречающиеся в литературе взгляды на объекты инновационной деятельности и их классификации, а также имеющиеся практические проблемы в правовой основе классификации объектов оценки в республике и предложены пути их решения.

Одним из центральных вопросов оценочной деятельности является вопрос понятия и классификации объектов оценки. Следует отметить, что ни в литературе, ни в законодательстве не сформулировано определение понятия «объект оценки», т. е. «объект оценочной деятельности».

Неоднозначно в литературе и на нормативно-правовом уровне определены и виды объектов оценки. Одни ученые объектами оценочной деятельности считают любые объекты гражданских прав, не изъятые из гражданского оборота.[291-292]

По мнению других исследователей, к объектам оценки следует отнести имущество, которые принадлежит субъекту на праве собственности, хозяйственного ведения, оперативного управления или иного вещного либо обязательственного права[293], независимо отсутствии и ограниченности оборото способности.

[291] Верхозина Д.В. Правовое регулирование оценочной деятельности. – Изд. 2-е, доп. и перераб. – М.: ОО Российское общество оценщиков, 2003. – С. 345.
[292] Ершова И.В. Правовые основы оценочной деятельности // Актуальные проблемы правоведения. – 2003. – № 1-2. – С.196-202.
[293] Воскресенская Е.В. Правовое регулирование оценочной деятельности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2003. – 18 с.

К числу объектов оценки Е.А. Суханов относит материальные и нематериальные блага, либо деятельность по их созданию, в связи с которым возникают соответствующие права и обязанности, реализуемые в поведении участников правоотношений.[294]

Д.А. Березин также считает, что к объектам оценки следует отнести материальные и нематериальные блага, деятельность по их созданию, по поводу которых появляются, изменяются и прекращаются субъективные права и юридические обязанности, призывающие участников правоотношений к определённым действиям, в том числе определению их стоимости[295].

Объекты оценочной деятельности, то есть объекты оценки представляют собой имущество и имущественные права, подлежащие оценке в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года №1720 определяет объекты оценки как материальные и нематериальные активы, включая недвижимость, движимое имущество, права собственности, интеллектуальную собственность и обязательства, которые могут быть оценены в денежном выражении.[296]

Эта широкая трактовка отражает многообразие объектов, вовлеченных в экономический оборот, и подчеркивает универсальность оценочной деятельности как инструмента рыночной экономики. В Таджикистане, где рынок имущества активно развивается, классификация объектов оценки имеет ключевое значение для обеспечения единообразия и достоверности результатов оценочной деятельности.

Классификация объектов оценки в Таджикистане основана на их правовой природе, физических характеристиках и экономической функции, которую они выполняют.

Статье 5 Закона Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года №1720, к объектам оценки, то есть к объектам оценочной деятельности относят: недвижимого имущества (земельные участки, здания, сооружения), движимого имущества (транспортные средства, оборудование), ценных бумаг, интеллектуальную собственность (патенты, товарные знаки), а также имущественных прав и обязательств (доли в уставном капитале, права аренды).[297]

Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан» уточняет, что выбор метода оценки зависит от типа объекта, что подчеркивает необходимость дифференцированного подхода.[298] Например, для оценки недвижимости чаще применяется сравнительный подход, для оценки оборудования – затратный, а для оценки ценных бумаг – доходный.[299]

Недвижимое имущество является наиболее распространенным объектом оценки в Таджикистане, что обусловлено активным развитием рынка недвижимости и ипотечного кредитования. Д.Ш. Сангинов отмечает, что оценка недвижимости играет ключевую роль в

[294] Гражданское право: в 2 т. Т. 1: учебник / отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: БЕК, 2010. – С. 405.
[295] Березин Д.А. Правовое регулирование оценочной деятельности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 84 с.
[296] Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года № 1720 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).
[297] Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года №1720 Закон № 1720 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).
[298] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года № 440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан». – Душанбе: Официальное издание, 2021. – 26 с.
[299] Сангинзод Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 281 с.

обеспечении справедливых сделок, особенно в условиях роста цен на жилье.[300] Судебная практика показывает, что споры о стоимости недвижимости часто возникают из-за недостаточной прозрачности данных о рыночных сделках, что требует создания публичных реестров, как это реализовано в Нидерландах.[301] В Таджикистане такие реестры пока отсутствуют, что затрудняет применение сравнительного подхода.[302]

Движимое имущество, включая транспортные средства и производственное оборудование, оценивается преимущественно при: залоге; страховании; купле-продаже; приватизации; проведении торгов, когда объект выставляется на аукцион, и т. д.

В Таджикистане этот сегмент менее развит, но его значение растет в связи с модернизацией промышленности. М.З. Рахимзода подчеркивает, что точная оценка движимого имущества способствует привлечению инвестиций в производственный сектор.[303]

Однако ограниченный доступ к технической документации и отсутствие стандартизированных баз данных о стоимости оборудования создают сложности для оценщиков.[304]

Ценные бумаги и имущественные права становятся все более актуальными объектами оценки в условиях развития фондового рынка и корпоративного сектора. Статья 151 Гражданского кодекса Республики Таджикистан ценную бумагу определяет как документ, удостоверяющий с соблюдением установленной формы и обязательных реквизитов имущественные права, осуществление или передача которых возможны только при его предъявлении.[305]

Закон РТ «Об оценочной деятельности» требует, чтобы оценка таких объектов учитывала рыночные тенденции и финансовые показатели.[306] Опыт США, где стандарты USPAP предусматривают детальный анализ финансовой отчетности для оценки ценных бумаг, может быть полезен для Таджикистана[307]. В Таджикистане этот процесс осложняется низкой ликвидностью фондового рынка, что требует доработки методологии оценки .

Интеллектуальная собственность как объект оценки пока играет ограниченную роль в Таджикистане из-за слабого развития инновационного сектора. Однако с ростом интереса к цифровым технологиям и стартапам этот сегмент приобретает значение. Д.Ш. Сангинзод отмечает, что оценка патентов и товарных знаков может стимулировать инновации, но требует специализированных знаний.[308] Международный опыт, например, японский, где

[300] Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования: монография. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – С. 231.
[301] Закон Нидерландов «Об оценке недвижимости» (Wet waardering onroerende zaken, 1994, с изм. от 2023 года). – Гаага: Staatsblad, 2023. – 45 p.
[302] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 345.
[303] Раҳимзода М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2021. – С. 231.
[304] Сангинзод Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Балоғат, 2024. – С. 210.
[305] Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года № 1918 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).
[306] Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года №1720 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).
[307] Appraisal Standards Board. Uniform Standards of Professional Appraisal Practice (USPAP). – Washington, D.C.: The Appraisal Foundation, 2024. – 54 p.
[308] Сангинзод Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 285 с.

Закон об оценке недвижимости включает положения об интеллектуальной собственности, может быть адаптирован для Таджикистана.[309]

Классификация объектов оценки в Таджикистане также учитывает их функциональное назначение. Например, объекты, используемые в государственных процедурах (приватизация, налогообложение), требуют обязательной оценки в соответствии с Законом РТ «Об оценочной деятельности».[310]

Указ Президента Республики Таджикистан от 7 мая 2024 года № 825 «О порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан», устанавливающий стандарты независимой оценки для государственных структур, подчеркивает необходимость независимой оценки для государственных активов, что усиливает публичную значимость этих объектов.[311]

Частные объекты, такие как недвижимость для ипотечного кредитования, оцениваются на добровольной основе, но их значимость растет в условиях рыночной экономики.[312]

Проблемы оценки объектов в Таджикистане связаны с недостаточной цифровизацией и отсутствием единых реестров. В Южной Корее цифровые платформы обеспечивают доступ к данным о недвижимости, что упрощает оценку.[313]

В Таджикистане внедрение подобных систем могло бы повысить точность и прозрачность оценки.[314] Кроме того, ограниченная квалификация оценщиков в работе с нематериальными активами, такими как интеллектуальная собственность, требует развития образовательных программ, как это реализовано в Германии.[315]

Объекты оценочной деятельности в Таджикистане охватывают широкий спектр активов, что отражает универсальность этой деятельности. Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» и Постановление Правительства Республики Таджикистан № 440 от 22 октября 2021 года «О Национальных стандартах оценки» создают правовую основу для их классификации, но требуют доработки с учетом современных вызовов, таких как цифровизация и оценка инновационных активов[316] Международные стандарты IVS, предусматривающие дифференцированный подход к объектам, могут стать ориентиром для модернизации[317].

---

[309] Закон Японии «Об оценке недвижимости» (Real Estate Appraisal Act, 1963, с изм. от 2024 года). – Токио: Official Gazette, 2024. – 60 p.

[310] Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года № 1720 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

[311] Указ Президента Республики Таджикистан от 7 мая 2024 года № 825 «О Порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан» // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

[312] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 123.

[313] Закон Южной Кореи «Об оценке недвижимости» (Real Estate Appraisal Act, 2016, с изм. от 2024 года). – Сеул: Korea Legislation, 2024. – 50 p.

[314] Сангинзод Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Балоғат, 2024. – С. 145.

[315] Закон Германии «О регулировании оценки недвижимости» (Immobilienwertermittlungsverordnung – ImmoWertV, 2021). – Берлин: Bundesgesetzblatt, 2021. – 40 p.

[316] Закон Республики Таджикистан «Об оценочной деятельности» от 7 августа 2020 года № 1720 // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025). Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года № 440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан». // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

[317] International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 154 p.

Ещё одной из острых вопросов является вопрос цифровизации. В Таджикистане отсутствуют электронные платформы для подачи отчетов об оценке, лицензирования и доступа к рыночным данным, что затрудняет работу оценщиков и снижает прозрачность процессов. Например, сравнительный подход, предусмотренный Постановлением №440, требует актуальных данных о рыночных сделках, которые часто недоступны, особенно в регионах[318]. Сангинов Д.Ш. подчеркивает, что цифровизация могла бы повысить эффективность оценки, сократив бюрократические барьеры[319]. Международный опыт, такой как Сингапурская практика, где цифровые реестры обеспечивают доступ к данным о недвижимости, демонстрирует потенциал таких решений. Внедрение аналогичных платформ в Таджикистане, поддерживаемых государственным финансированием, могло бы устранить эту проблему.

Решение проблем требует комплексного подхода. Во-первых, необходимо разработать национальную цифровую платформу для оценочной деятельности, включающую реестр объектов, базу рыночных данных и систему подачи отчетов. Это соответствует международным стандартам IVS, которые подчеркивают важность прозрачности данных.[320] Во-вторых, следует модернизировать систему подготовки оценщиков, включив курсы по цифровым технологиям и международным стандартам. В-третьих, введение типовой формы отчета об оценке, утвержденной государственными органами, упростило бы правоприменение. Наконец, усиление роли саморегулируемых организаций (СРО), как в Великобритании, могло бы способствовать разработке этических стандартов и контролю качества.[321]

В Таджикистане реализация этих мер поддерживается национальными программами (Объявленный Год правового просвещения, 2024 год), которые акцентирует внимание на повышении юридической грамотности. Национальные ученые отмечает, что информированность граждан о значении оценки укрепляет их правовую защиту[322]. Однако успех реформ зависит от государственной поддержки и международного сотрудничества, включая обмен опытом между странами.

Рецензент: д.ю.н., профессор Сангинзода Д.Ш.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Верхозина, Д.В. Правовое регулирование оценочной деятельности [Текст] / Д.В. Верхозина. – Изд. 2-е, доп. и перераб. – М.: ОО «Российское общество оценщиков», 2003. – 488 с.

2. Ершова, И.В. Правовые основы оценочной деятельности [Текст] / И.В. Ершова // Актуальные проблемы правоведения. – 2003. – № 1-2. – С. 196-202.

3. Воскресенская, Е.В. Правовое регулирование оценочной деятельности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Е.В. Воскресенская. – Санкт-Петербург, 2003. – 190 с.

4. Гражданское право [Текст]: в 2 т. Т. 1: учебник / отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Статут, 2010. – 720 с.

[318] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года № 440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан» // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

[319] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 156.

[320] International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 154 p.

[321] RICS – Royal Institution of Chartered Surveyors (Королевский институт сертифицированных оценщиков, Великобритания).

[322] Сангинзод Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Балоғат, 2024. – С. 34.

5. Березин, Д.А. Правовое регулирование оценочной деятельности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Д.А. Березин. – М., 2016. – 200 с.

6. Суханов, Е.А. Гражданское право [Текст]: учебник. Т. 1 / Е.А. Суханов. – М.: БЕК, 1993. – 384 с.

7. Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года №1720 «Об оценочной деятельности». // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

8. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан» // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

9. Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ [Матн]: монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 304 с.

10. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования [Текст]: монография / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – 424 с.

11. Закон Нидерландов «Об оценке недвижимости» (Wet waardering onroerende zaken, 1994, с изм. от 2023 года). – Гаага: Staatsblad, 2023. – 45 p.

12. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]% Китоби дарсӣ. [Матн] / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015.– 600 с.

13. Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 400 с.

14. Appraisal Standards Board. Uniform Standards of Professional Appraisal Practice (USPAP). – Washington, D.C.: The Appraisal Foundation, 2024. – 180 p.

15. Закон Японии «Об оценке недвижимости» (Real Estate Appraisal Act, 1963, с изм. от 2024 года). – Токио: Official Gazette, 2024. – 60 p.

16. Указ Президента Республики Таджикистан от 7 мая 2024 года № 825 «О Порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан» // Централизованный информационно-правовой банк данных Республики Таджикистан «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.11.2025).

17. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан [Матн]: учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 300 с.

18. Закон Южной Кореи «Об оценке недвижимости» (Real Estate Appraisal Act, 2016, с изм. от 2024 года). – Сеул: Korea Legislation, 2024. – 50 p.

19. Закон Германии «О регулировании оценки недвижимости» (Immobilienwerterm ittlungsverordnung – ImmoWertV, 2021). – Берлин: Bundesgesetzblatt, 2021. – 40 p.

20. International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 400 p.

ОБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАҲОДИҲӢ

Калидвожаҳо: объекти баҳодиҳӣ; молу мулки манқул; молу мулки ғайриманқул; қоғазҳои қимматнок; моликияти зеҳнӣ; уҳдадориҳо; аҳдҳои бозорӣ; феҳристҳои оммавӣ; таҳкурсии рақамӣ; рақамикунонӣ.

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ бахшида шудааст, ки дар маъхазҳои илмии ҳуқуқӣ аз назари гуногун арзёби шудаанд. Баъзе муҳаққиқон

тамоми объектҳои аз муомилоти шаҳрвандӣ берун набударо аз зумраи объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ медонанд. Дигар гурӯҳи муҳаққиқан бошад, ҳатто объектҳои аз муомилот берун, ва объектҳои доираи муомилоти шаҳрвандиашон маҳдуд бударо низ ба қатори объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ дохил мекунанд. Гурӯҳи сеюми олимон ба сифати объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ танҳои неъматҳои моддиро маҳсуб медонанд. Дигар гурӯҳи муҳаққиқон ба зумраи объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ молу мулки дар моликият, идоракунии оперативӣ ё ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор доштаро дохил мекунанд. Масъалаи объектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ, инчунин дар сатҳи меъёрӣ – ҳуқуқӣ низ ҳалли якмаънии худро наёфтааст. Дар мақола нуқтаҳои назари гуногуни ки дар маъхазҳои илмӣ оид ба объектҳои баҳодиҳӣ ва таснифи онҳо иброзшуда, инчунин мушкилотҳои амалӣ дар ин масъала ҷой дошта ва роҳу василаҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд.

Хоҷаева Рухшона Муминҷоновна – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 934-09-05-80. E-mail: rukhshona.hojaeva80@gmail.com

OBJECTS OF ASSESSMENT ACTIVITY

Keywords: valuation object; movable property; immovable property; securities; intellectual property; obligations; market transactions; public registers; digital foundation; digitization.

Annotation. This article is devoted to the objects of assessment activity, which have been evaluated from various perspectives in legal scientific sources. Some researchers consider all objects that are not outside civil circulation to be objects of evaluation activity. Another group of researchers even includes objects that are out of circulation and objects whose scope of civil circulation is limited as objects of evaluation activity. The third group of scientists considers only material goods as objects of evaluation activity. Another group of researchers includes in the scope of objects of valuation activities property owned, operated, or under the right to conduct business by individuals and legal entities. The issue of objects of assessment activity has not found a clear solution at the regulatory and legal level. The article presents various points of view expressed in scientific sources on the objects of assessment and their classification, as well as practical problems in this issue, and presents ways and means of solving them.

Khojaeva Rukhshona Muminjonovna – senior lecturer, Department of Entrepreneurship and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 934- 09-05-80. E-mail: rukhshona.hojaeva80@gmail.com

РАҲМОНЗОДА ШАҲБОЗ,
унвончӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Аҳмадҷон Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 905-65-77-77. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

ШАРТНОМАИ ПАЙМОНКОРӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ АСОСИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОХТМОН

ТДУ: 347.454.3

Калидвожаҳо: шартномаи паймонкорӣ; сохтмон; муносибатҳои соҳибкорӣ; танзими ҳуқуқӣ; паймонкор; фармоишгар; Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақола ба шартномаи паймонкорӣ ҳамчун шакли асосии танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти илмии муосири русӣ мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, ҷиҳатҳои ҳатмии шартномаи паймонкориро таҳлил намудааст. Дар мақола мушкилоти асосии танзими шартномавӣ дар сохтмон, аз ҷумла масъалаҳои тақсими таваккал, ҷавобгарӣ барои сифати кор, муҳлатҳои кафолат ва тартиби ҳалли баҳсҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Хулосаҳои мақола метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқӣ дар соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Сохтмон яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёти ҳар як давлат мебошад, ки бе он рушди инфрасохтор, саноат ва рафти ҳаёти муқаррарии ҷомеа ғайриимкон аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ҳаҷми сохтмони сармоявӣ, роҳҳои нақлиётӣ, иншооти гидротехникӣ ва манзил босуръат афзоиш меёбад. Ин раванд зарурати танзими ҳуқуқии самараноки муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди сохтмон - фармоишгарон, паймонкорон, зерпаймонкорон, ташкилотҳои лоиҳакаш ва дигар субъектҳои соҳибкориро ба миён меорад[323].

Дар системаи ҳуқуқи мадании Тоҷикистон шакли асосии танзими муносибатҳои сохтмонӣ шартномаи паймонкорӣ мебошад, ки дар §3 боби 37 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) «Паймонкорӣ дар сохтмон» муқаррар шудааст[324]. Тавре ки Никитин В.В. дуруст қайд мекунад, «таҳаввули танзими ҳуқуқии шартномаи паймонкории сохтмонӣ дар замони Шуравӣ ва пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ роҳи дарозеро тай карда, аз муносибатҳои ба нақша гирифташудаи маъмурӣ ба муносибатҳои бозории озоди шартномавӣ гузашт»[325].

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон яке аз намудҳои шартномаи паймонкорӣ мебошад, ки мавзуи он иҷрои корҳои сохтмонӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 817 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон паймонкор уҳдадор мешавад дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома тибқи супориши фармоишгар

[323] Казаков П.И. Соотношение договора строительного подряда и договора инвестирования в строительство // Развитие территорий. – 2019. – № 4 (18). – С. 11.
[324] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).
[325] Никитин В.В. Договор подряда на капитальное строительство в отечественном законодательстве: история и современность // Право и политика. – 2016. – № 3. – С. 405.

объекти муайян ё корҳои дигари сохтмониро анҷом диҳад ва фармоишгар уҳдадор мешавад барои паймонкор ҷиҳати иҷрои кор шароити зарурӣ фароҳам оварад, корро қабул кунад ва ба он нархи мувофиқашударо пардохт намояд.

А.И. Абукаева дар таҳқиқоти худ оид ба ҳуқуқии шартномаи паймонкорӣ барои корҳои лоиҳавӣ дар сохтмон қайд мекунад, ки «шартномаи паймонкории сохтмонӣ дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқӣ мебошад, зеро он на танҳо иҷрои корҳои сохтмониро дар бар мегирад, балки инчунин муносибатҳои марбут ба таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, назорати техникӣ ва дигар ҷанбаҳоро фаро мегирад»[326].

Моҳияти ҳуқуқии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дар он ифода меёбад, ки он дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

Якум, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон шартномаи ризоиявӣ (консенсуалӣ) мебошад, яъне он аз лаҳзаи ба имзо расидани он аз ҷониби тарафҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Ин барои муносибатҳои соҳибкорӣ аҳаммияти калон дорад, зеро ба тарафҳо имкон медиҳад, ки бе интизории иҷрои воқеии корҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои байниҳамдигариро муайян созанд.

Дуюм, шартномаи мазкур шартномаи дутарафа (синаллагматикӣ) мебошад. Ҳар як тараф дар муқобили тарафи дигар ҳуқуқу уҳдадориҳоро соҳиб мешавад. Паймонкор уҳдадор аст корро босифат ва дар муҳлати муайян иҷро намояд, фармоишгар уҳдадор аст онро қабул намуда, пардохт намояд.

Сеюм, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон шартномаи пардохтнок (возмездӣ) мебошад, зеро ҳар як тараф барои иҷрои уҳдадориҳояш мукофоти муайян мегирад.

Чорум, ин шартнома ба гурӯҳи шартномаҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ тааллуқ дорад, ки дар он натиҷаи ниҳоии меҳнат (объекти сохтмон) аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

М.Д. Сергеева дар таҳқиқоти худ оид ба шартномаи паймонкорӣ барои сохтмони бинои саноатӣ қайд мекунад, ки «хусусияти фарқкунандаи шартномаи паймонкории сохтмонӣ дар он аст, ки мавзуи он на фақат сохтмони объектҳои нав, балки инчунин азнавсозӣ, таҷдид, таъмири асосӣ ва дигар намудҳои корҳои сохтмониро дар бар мегирад»[327].

Қисми 2 моддаи 817 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои сохтмон ё азнавсозии корхона, бино (аз ҷумла бинои истиқоматӣ), иншоот ё объектҳои дигар, инчунин барои корҳои иҷрошудаи васл, танзиму ба истифодадиҳӣ ва корҳои дигари ба ҳам алоқаманди иншооти бунёдшаванда баста мешавад.

Ин муқаррарот ба муқаррароти Кодекси граждании Федератсияи Россия наздик аст, ки дар он низ шартномаи паймонкории сохтмонӣ ҳамчун як намуди алоҳидаи шартномаи паймонкорӣ эътироф шудааст. Ҳамчунин, тавре ки Хантуев А.А. қайд мекунад, «дар ҳуқуқи мадании Русия ва Тоҷикистон ба шартномаи паймонкорӣ барои сохтмони хонаи истиқоматӣ талаботи махсус гузошта мешавад, зеро он ба ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба манзил алоқаманд аст»[328].

Қисми 3 моддаи 817 муқаррар мекунад, ки дар ҳолатҳое, ки тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон корҳо ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи маишӣ ё талаботи дигари шахсии шахси воқеӣ (фармоишгар) анҷом дода шаванд, нисбат ба чунин шартнома

[326] Абукаева А.И. Правовая природа договора подряда на проектные работы в строительстве // Вестник Академии управления и производства. – 2024. – № 4, ч. 2. – С. 17.
[327] Сергеева М.Д. Правовая природа договора подряда на строительство промышленного здания // Евразийский научный журнал. – 2017. – № 4. – С. 77.
[328] Хантуев А.А. К вопросу о договоре подряда на строительство дома // Правовой альманах. – 2024. – № 4 (35). – С. 49.

мувофиқан қоидаҳои параграфи 2 боби мазкур оид ба ҳуқуқҳои фармоишгар вобаста ба шартномаи паймонкории маишӣ татбиқ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки фармоишгар-шаҳрванд аз ҳимояи бештари ҳуқуқӣ бархурдор аст.

Яке аз принсипҳои асосии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон тақсими таваккал байни тарафҳо мебошад. Мутобиқи моддаи 818 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё тасодуфан осеб дидани иншооти сохтмон, ки мавзуи шартномаро ташкил медиҳад, то лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар қабул гардидани иншоот ба зиммаи паймонкор мебошад.

Баронин С.А. ва Саботирова Т.А. дар таҳқиқоти худ оид ба хусусиятҳои татбиқи шартномаҳои паймонкорӣ дар сохтмон қайд мекунанд, ки «ин қоида аз принсипи умумии ҳуқуқи мадании 'таваккали тасодуфӣ ба дӯши иҷрокунанда' бармеояд ва ба манфиати фармоишгар равона шудааст, зеро то қабули кор фармоишгар хатари нобудшавии объектро ба дӯш надорад»[329].

Аммо, қисми 2 моддаи 818 истиснои муҳимро муқаррар мекунад: агар иншооти сохтмон то қабули он аз ҷониби фармоишгар бо сабаби бесифатии маводи фароҳамовардаи фармоишгар (ҷузъиёт, конструксияҳо) ё таҷҳизот, ё иҷрои нодурусти супориши фармоишгар нобуд гардида ё осеб дида бошад, паймонкор ҳуқуқ дорад пардохти тамоми арзиши дар харҷнома пешбинишудаи корҳоро талаб намояд. Барои ин, паймонкор бояд исбот кунад, ки уҳдадориҳои пешбининамудаи моддаи 790 Кодекси маданиро (дар бораи огоҳ кардани фармоишгар дар бораи номувофиқии мавод ё супориш) иҷро кардааст.

Моддаи 819 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки ҷавобгарӣ барои бехатар анҷом додани корҳо ба зиммаи паймонкор гузошта мешавад. Ин қоида ба он далел муҳим аст, ки дар сохтмон ҳамеша хатари садамаҳо, осеб дидани коргарон ё шахсони сеюм вуҷуд дорад. Кафаров Я.Э.О. дар ин бора менависад: «Мушкилоти асосии татбиқи ин қоида дар амалияи судии Русия ва дигар кишварҳои пасошуравӣ дар он аст, ки аксар вақт муайян кардани сабаби воқеии садама душвор аст ва судҳо маҷбуранд ба хулосаҳои коршиносони техникӣ такя кунанд»[330].

Моддаи 820 суғуртаи иншооти сохташавандаро танзим мекунад. Паймонкор уҳдадор аст аз ҳисоби худ иншоот ё маҷмаи корҳоеро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, агар дар шартнома тартиб ва шарти дигар аз ҷониби тарафҳо муқаррар нагардида бошад, суғурта кунад [2]. Клюев П.С. қайд мекунад, ки «яке аз хатогиҳои маъмултарини паймонкорон дар иҷрои шартномаҳои сохтмонӣ ин суғурта накардани объект мебошад, ки дар сурати нобудшавӣ боиси зарари калони молиявӣ мегардад»[331].

Моддаи 821 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки паймонкор уҳдадор аст сохтмон ва корҳои вобаста ба онро тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки ҳаҷм, муҳтавои корҳо ва талаботи дигари ба кор алоқаманд ва харҷномаи арзиши корро муайян менамояд, анҷом диҳад.

Ин ҳуҷҷатҳо ба шартнома замима шуда, қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Ҳангоми ошкор шудани зарурати корҳои иловагӣ, паймонкор бояд дар ин хусус ба фармоишгар иттилоъ диҳад. Дар сурати нагирифтани ҷавоб дар давоми даҳ рӯз, паймонкор уҳдадор аст корҳои дахлдорро боздорад. Шумаков В.Г. дар таҳқиқоти худ оид ба баҳсҳое,

[329] Баронин С.А. Договоры подряда в строительстве и особенности их применения // Современные проблемы в строительстве: постановка задач и пути их решения: сборник научных статей Международной научно-практической конференции. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2019. – С. 113.

[330] Кафаров Я.Э.О. Актуальные проблемы договора подряда на строительство и пути их решение в Российской Федерации // Аллея науки. – 2023. – Т. 1. – № 5 (80). – С. 12.

[331] Клюев П.С. Наиболее распространенные ошибки, возникающие при исполнении договора подряда на строительство // Сметно-договорная работа в строительстве. – 2019. – № 5. – С. 18.

ки аз шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон сарчашма мегиранд, қайд мекунад, ки «аксари баҳсҳо маҳз дар атрофи корҳои иловагӣ ва пардохти онҳо ба миён меоянд, зеро тарафҳо аксар вақт дар шартнома тартиби дақиқи ҳамоҳангсозии чунин корҳоро пешбинӣ намекунанд»[332].

Қисми 3 моддаи 821 ҷазои сахти ҳуқуқиро муқаррар мекунад: паймонкоре, ки уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи мазкурро иҷро накардааст, аз ҳуқуқи аз фармоишгар талаб кардани пардохти корҳои иловагии анҷомдодашуда ва зиёни вобаста ба он расондашуда маҳрум мегардад.

Моддаи 822 ба фармоишгар ҳуқуқ медиҳад, ки ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ворид намудани тағйиротро талаб намояд. Агар ин тағйирот ба хароҷоти иловагӣ оварда расонад, онҳо аз ҳисоби фармоишгар ва дар асоси харҷномаи иловагӣ анҷом дода мешаванд. Инчунин, агар арзиши корҳо ба сабабҳои аз паймонкор вобаста набуда, на камтар аз даҳ фоиз афзояд, паймонкор ҳуқуқ дорад аз нав дида баромадани нархро талаб кунад.

Моддаи 823 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории таъмини моддии корҳоро муқаррар мекунад. Қоидаи умумӣ он аст, ки ин уҳдадорӣ ба дӯши паймонкор вогузор мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Ин ба принсипи умумии шартномаи паймонкорӣ мувофиқ аст - коргар (паймонкор) масолеҳро худаш таъмин мекунад.

Л.А. Шилдт, Н.Г. Бикеева, Р.А. Ишмуратов ва Г.В. Шилдт дар таҳқиқоти худ оид ба баҳисобгирии шартномаҳои паймонкории сохтмонӣ қайд мекунанд, ки «яке аз масъалаҳои душвори амалии ҳисоботӣ дар сохтмон ин тақсими хароҷоти мавод байни паймонкор ва фармоишгар мебошад, хусусан вақте ки фармоишгар баъзе намудҳои маводро худаш таъмин мекунад»[333].

Моддаи 824 пардохти корҳоро танзим мекунад. Пардохт тибқи андозаи дар харҷнома пешбинишуда, дар муҳлат ва бо тартибе, ки қонун ё шартнома пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад. Қисми 2 моддаи 824 шартномаҳои «супоридани калид» (хотимаи пурра)-ро танзим мекунад, ки тибқи он нархи дар шартнома зикргардида аз ҷониби фармоишгар пас аз қабули иншоот дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

В.В. Лиситсин ва Ю.А. Климан дар таҳқиқоти худ оид ба шартномаи паймонкорӣ барои сохтмони магистралӣ (нефтгузаронӣ) қайд мекунанд, ки «барои лоиҳаҳои калони сармоявӣ, ки дар онҳо давраҳои тӯлонии сохтмон мавҷуданд, шартномаҳо аксар вақт пардохти қисм-қисм (баъди анҷоми ҳар марҳила)-ро пешбинӣ мекунанд, зеро пардохти пурра пас аз хотимаи кор барои паймонкори миёна душвор аст»[334].

Моддаи 827 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фармоишгар ҳуқуқ медиҳад, ки назорат ва санҷиши ҷараёни кор ва сифати онро анҷом диҳад, вале ҳамзамон ба фаъолияти оперативию хоҷагидории паймонкор дахолат накунад. Ин ҳуқуқи муҳими фармоишгар аст, зеро ӯ метавонад дар ҷараёни кор камбудиҳоро ошкор кунад ва онҳоро сари вақт бартараф созад.

Қисми 2 моддаи 827 уҳдадории фармоишгарро муқаррар мекунад: агар ӯ ҳангоми назорат риоя накардани шарти шартномаро ошкор кунад, бояд фавран паймонкорро огоҳ

[332] Шумаков В.Г. Споры, возникающие из договора подряда в строительстве // Сметно-договорная работа в строительстве. – 2018. – №6. – С. 42.

[333] Шильдт Л.А. Учет договоров строительного подряда как основа организации учета в строительстве / Л.А. Шильдт, Н.Г. Бикеева, Р.А. Ишмуратов, Г.В. Шильдт // Экономика и предпринимательство. – 2025. – № 1 (174). – С. 1066.

[334] Лисицын В.В. Договор подряда на строительство магистральных нефтепроводов / В.В. Лисицын, Ю.А. Климан // Право и экономика. – 2020. – №7 (389). – С. 54.

созад. Дар сурати накардани ин кор, фармоишгар ҳуқуқи худро ба истинод ба ин камбудиҳо аз даст медиҳад. Нефедова Т. дар ин бора менависад: «ин қоида бисёр фармоишгаронро ғафил мегирад, зеро онҳо фикр мекунанд, ки ҳама камбудиҳоро метавонанд пас аз қабули кор даъво кунанд, дар ҳоле ки қонун онҳоро водор мекунад, ки дар ҷараёни кор фаъол бошанд»[335].

Қисми 4 моддаи 827 ба фармоишгар ҳуқуқ медиҳад, ки бо мақсади назорат ва санҷиши ҷараёни кор бе розигии паймонкор мустақилона аз хизматҳои муҳандис ё ташкилоти муҳандисӣ истифода барад. Ин ҳуқуқи муҳим аст, зеро фармоишгар ҳамеша дониш ва таҷрибаи кофии техникӣ барои назорати сифати корҳои сохтмониро надорад.

Моддаи 831 супоридан ва қабули корро танзим мекунад. Фармоишгар, ки иттилои паймонкорро дар бораи омодагӣ барои супоридани кор гирифтааст, уҳдадор аст фавран ба қабули он шуруъ намояд. Қабули кор бо санаде, ки ҳар ду тараф имзо намудаанд, ба расмият дароварда мешавад. Ю.И. Абравитова ва А.Э. Калинович қайд мекунанд, ки «акти қабули кор яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар раванди сохтмон мебошад, зеро аз лаҳзаи имзои он таваккали нобудшавӣ ба фармоишгар мегузарад ва уҳдадории пардохти пурраи кор ба миён меояд»[336].

Моддаи 832 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии паймонкорро барои сифати кор муайян мекунад. Паймонкор барои риоя накардани талаботи шартнома, лоиҳаи техникӣ, меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ, инчунин барои ноил нагардидан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ пешбинигардидаи ҳаҷми сохтмон ҷавобгар мебошад.

Моддаи 833 кафолати сифатро муқаррар мекунад. Муҳимтарин муқаррароти ин модда он аст, ки агар дар қонун ё шартнома муҳлати дигари кафолат муқаррар нагардида бошад, муҳлати кафолат аз рӯзи қабули иншоот аз ҷониби фармоишгар дақ солро дар бар мегирад. Ин муҳлати хеле дароз аст ва нисбат ба стандартҳои байналмилалӣ (одатан 1-5 сол) зиёдтар мебошад.

Я.Э.О. Кафаров дар таҳқиқоти худ оид ба мушкилоти шартномаи паймонкорӣ дар Федератсияи Русия қайд мекунад, ки «дар қонунгузории Русия муҳлати кафолат дақ сол нест, балки панҷ сол аст, ки ин ҳам барои бисёр намудҳои корҳои сохтмонӣ хеле зиёд ҳисобида мешавад»[337]. Дар Тоҷикистон ин муҳлат боз ҳам дарозтар аст, ки ҳамчун ҳимояи пурқуввати ҳуқуқи фармоишгар ба ҳисоб меравад, аммо метавонад барои паймонкорон бори гарон бошад.

Моддаи 834 муҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлуби корҳои сохтмониро муайян мекунад. Ҳангоми пешниҳоди талаботи вобаста ба сифати номатлуби иҷрои кор қоидаҳои моддаи 798 татбиқ мешаванд. Муҳлати ниҳоии ошкор сохтани камбудиҳо панҷ солро дар бар мегирад.

Моддаи 836 товони зарари маънавиро тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон танзим мекунад. Зарари маънавие, ки ба шахси воқеӣ – фармоишгар расонда шудааст, дар сурати мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби паймонкор товон карда мешавад. Андозаи товони зарари маънавӣ аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.

---

[335] Нефедова Т. Договор строительного подряда – важнейший этап строительства // Жилищное право. – 2011. – № 9. – С. 25.

[336] Абравитова Ю.И. Гражданско-правовая характеристика договора строительного подряда в капитальном строительстве // Аграрное и земельное право. – 2023. – № 12 (228). – С. 173.

[337] Кафаров Я.Э.О. Актуальные проблемы договора подряда на строительство и пути их решения в Российской Федерации // Аллея науки. – 2023. – Т. 1. – № 5 (80). – С. 13.

Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон[338] инчунин баъзе ҷанбаҳои марбут ба шартномаи паймонкориро дар сохтмони манзил танзим мекунад. Гарчанде ки Кодекси манзил асосан муносибатҳои истифодаи манзилро ба танзим медарорад, он дар боби 4 «Мақсад ва намудҳои истифодаи манзил» ва боби 6 «Ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои истиқоматкунандагон» қоидаҳоеро муқаррар мекунад, ки ба сифати манзил таъсир мерасонанд.

Аз ҷумла, моддаи 69 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки «нигоҳдории манзил бояд дар ҳолати мувофиқи санитарӣ ва техникӣ анҷом дода шавад, ки зиндагӣ ва фаъолияти шаҳрвандонро таъмин намояд». Ин ҳамчун меъёри ғайримустақим барои сифати корҳои сохтмонии манзил аҳаммият дорад. Зеро агар хона бо камбудиҳои сохтмонӣ супорида шуда бошад, истиқоматкунандагон ҳуқуқ доранд талаб кунанд, ки ин камбудиҳо бартараф карда шаванд.

П.И. Казаков дар таҳқиқоти худ оид ба муносибати шартномаи паймонкории сохтмонӣ ва шартномаи сармоягузорӣ дар сохтмон қайд мекунад, ки «муносибатҳои сармоягузорӣ дар сохтмон доираи васеи иштирокчиёнро фаро мегиранд - сармоягузорон, фармоишгарон, паймонкорон, зерпаймонкорон, ва шартномаи паймонкорӣ дар чунин сохтори мураккаб нақши асосиро бозида, тавозуни манфиатҳои ҳама иштирокчиёнро таъмин мекунад»[339].

Дар асоси таҳлили муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти илмӣ, метавон як қатор мушкилоти амалиро, ки дар иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба миён меоянд, муайян кард:

Якум, масъалаи муайян кардани нархи шартнома дар шароити болоравии нархҳо. Ю.И. Абравитова ва А.Э. Калинович қайд мекунанд, ки «яке аз мушкилоти асосӣ дар амалияи судӣ тағйирёбии назарраси нархи мавод ва корҳо дар давраи байни бастани шартнома ва иҷрои он мебошад, ки аксар вақт дар шартнома ҳалли дурусти ин масъала пешбинӣ нашудааст»[340].

Дуюм, мушкилоти исботи гуноҳи паймонкор дар сурати нобудшавии иншоот. Я.Э.О. Кафаров дар ин бора менависад: «барои паймонкор исбот кардани он ки нобудшавӣ ба сабаби амали худи фармоишгар ё қувваи бечило рух додааст, душвор аст, зеро аксар вақт ҳуҷҷатҳои дахлдор вуҷуд надоранд ё шоҳидони беғараз мавҷуд нестанд»[341].

Сеюм, мушкилоти андозбандӣ. Шильдт ва дигарон қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии андозии шартномаҳои паймонкории сохтмонӣ дар Русия ва дигар кишварҳои пасошуравӣ мушкилоти ҷиддиро ба миён меорад, хусусан вақте ки фармоишгар ва паймонкор режимҳои гуногуни андозбандӣ доранд»[342].

Чорум, мушкилоти ҳалли баҳсҳо оид ба сифати кор. Шумаков В.Г. дар ин бора менависад: «аксари баҳсҳои судӣ дар сохтмон ба сифати кор алоқаманданд, аммо муайян

[338] Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, № 1852 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[339] Казаков П.И. Соотношение договора строительного подряда и договора инвестирования в строительство / П.И. Казаков // Развитие территорий. – 2019. – № 4 (18). – С. 12.

[340] Абравитова Ю.И. Гражданско-правовая характеристика договора строительного подряда в капитальном строительстве / Ю.И. Абравитова, А.Э. Калинович // Аграрное и земельное право. – 2023. – № 12 (228). – С. 174.

[341] Кафаров Я.Э.О. Актуальные проблемы договора подряда на строительство и пути их решения в Российской Федерации // Аллея науки. – 2023. – Т. 1. – № 5 (80). – С. 14.

[342] Шильдт Л.А. Учет договоров строительного подряда как основа организации учета в строительстве / Л.А. Шильдт, Н.Г. Бикеева, Р.А. Ишмуратов, Г.В. Шильдт // Экономика и предпринимательство. – 2025. – № 1 (174). – С. 1067.

кардани сифати кор бе гузаронидани экспертизаи сохтмонӣ-техникӣ ғайриимкон аст, ки ин равандро дароз ва гарон мекунад»[343].

Дар асоси мушкилоти ошкоршуда, метавон пешниҳодҳои зерини такмили қонунгузориро пешниҳод намуд:

1. Дар шартномаи паймонкорӣ ҳатман механизми танзими нархро пешбинӣ кардан, масалан, истифодаи индексатсия ё пайвастшавӣ ба курси асъори хориҷӣ, агар ин ба қонунгузории асъорӣ мухолиф набошад.

2. Дар шартнома муқаррар кардани тартиби дақиқи ҳуҷҷатгузории ҳар марҳилаи кор, аз ҷумла аксбардорӣ, видеобардорӣ, тартиби даъват ва ширкати коршиносони мустақил.

3. Таҳияи шаклҳои стандартии шартномаҳои паймонкорӣ барои намудҳои гуногуни объектҳои сохтмон (хонаи истиқоматӣ, роҳ, нерӯгоҳ, иншооти саноатӣ) бо риояи хусусиятҳои қонунгузории миллии Тоҷикистон.

4. Муайян кардани муҳлати дифференсиалии кафолат вобаста ба намуди объект ва корҳо: барои объектҳои муҳими стратегӣ (нерӯгоҳҳо, пулҳо, роҳҳои асосӣ) - даҳ сол, барои объектҳои оддӣ (хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ) - 3-5 сол.

5. Такмили ҳамкории судҳо бо коршиносони сохтмонӣ-техникӣ, таъсиси рӯйхати ягонаи марказҳои экспертиза, ки аз ҷониби судҳо эътироф шудаанд.

Хулоса, таҳлили шартномаи паймонкорӣ ҳамчун шакли асосии танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

Якум, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дар ҳуқуқи мадании Тоҷикистон ҳамчун як институти мукаммали ҳуқуқӣ эътироф мешавад. §3 боби 37 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моддаҳои 817 то 836 ин муносибатҳоро ҳамаҷониба танзим мекунад - аз мафҳум то товони зарари маънавӣ.

Дуюм, қонунгузории Тоҷикистон дар ин соҳа ба қонунгузории Федератсияи Русия наздик аст, ки бо сабаби мероси умумии ҳуқуқии Шуравӣ ва ҳамкории наздики ҳуқуқӣ байни ду кишвар табиӣ аст.

Сеюм, хусусияти фарқкунандаи қонунгузории Тоҷикистон муҳлати хеле дарози кафолат (даҳ сол) ва муҳлати ошкор кардани камбудиҳои пинҳонӣ (панҷ сол) мебошад, ки нисбат ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳатто нисбат ба қонунгузории Русия дарозтар аст. Ин ҳимояи қавии фармоишгар аст, аммо метавонад барои паймонкорон, бахусус хурд, бори гарон бошад.

Чорум, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии амалӣ дар иҷрои шартномаҳои паймонкорӣ дар сохтмон ба масъалаҳои зерин алоқаманданд: муайян кардани нарх дар шароити болоравии нархҳо, исботи гуноҳ дар сурати нобудшавии иншоот, андозбандӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба сифати кор.

Панҷум, барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқӣ пешниҳод карда мешавад: дар шартнома механизми танзими нархро ҳатман пешбинӣ кардан, тартиби дақиқи ҳуҷҷатгузории ҳар марҳилаи корро муқаррар кардан, шаклҳои стандартии шартномаҳоро таҳия намудан, муҳлати дифференсиалии кафолатро ҷорӣ кардан ва ҳамкории судҳо бо коршиносони сохтмониро такмил додан.

Шашум, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади ёрирасон дар танзими муносибатҳои марбут ба сифати манзили сохташуда аҳаммият дорад. Он меъёрҳои

[343] Шумаков В.Г. Споры, возникающие из договора подряда в строительстве // Сметно-договорная работа в строительстве. – 2018. – № 6. – С. 44.

умумиро оид ба нигоҳдории манзил муқаррар мекунад, ки метавонанд ҳамчун меъёрҳои ғайримустақим барои арзёбии сифати корҳои сохтмонӣ истифода шаванд.

Дар оянда таҳқиқоти бештар дар самтҳои зерин зарур аст: таҳлили муқоисавии қонунгузории соҳаи паймонкории сохтмонӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, омӯзиши амалияи судии ҳалли баҳсҳои шартномавии сохтмонӣ дар Тоҷикистон, таҳияи шаклҳои стандартии шартномаҳо бо назардошти хусусиятҳои миллии ҳуқуқӣ.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳамчун шакли асосии танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа аҳаммияти калидӣ дорад. Такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқӣ дар ин самт ба рушди босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба соҳаи сохтмон ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат хоҳад кард.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, № 1852 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

3. Абравитова, Ю.И. Гражданско-правовая характеристика договора строительного подряда в капитальном строительстве [Текст] / Ю.И. Абравитова, А.Э. Калинович // Аграрное и земельное право. – 2023. – №12 (228). – С. 172-174.

4. Абукаева, А.И. Правовая природа договора подряда на проектные работы в строительстве [Текст] / А.И. Абукаева // Вестник Академии управления и производства. – 2024. – № 4, ч. 2. – С. 15-28.

5. Баронин, С.А. Договоры подряда в строительстве и особенности их применения [Текст] / С.А. Баронин, Т.А. Саботирова // Современные проблемы в строительстве: постановка задач и пути их решения: сборник научных статей Международной научно-практической конференции. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2019. – С. 112-114.

6. Казаков, П.И. Соотношение договора строительного подряда и договора инвестирования в строительство [Текст] / П.И. Казаков // Развитие территорий. – 2019. – № 4 (18). – С. 11-13.

7. Кафаров, Я.Э.О. Актуальные проблемы договора подряда на строительство и пути их решения в Российской Федерации [Текст] / Я.Э.О. Кафаров // Аллея науки. – 2023. – Т. 1. – №5 (80). – С. 11-14.

8. Клюев, П.С. Наиболее распространенные ошибки, возникающие при исполнении договора подряда на строительство [Текст] / П.С. Клюев // Сметно-договорная работа в строительстве. – 2019. – №5. – С. 17-19.

9. Лисицын, В.В. Договор подряда на строительство магистральных нефтепроводов [Текст] / В.В. Лисицын, Ю.А. Климан // Право и экономика. – 2020. – № 7 (389). – С. 52-58.

10. Нефедова, Т. Договор строительного подряда – важнейший этап строительства [Текст] / Т. Нефедова // Жилищное право. – 2011. – № 9. – С. 19-32.

11. Никитин, В.В. Договор подряда на капитальное строительство в отечественном законодательстве: история и современность [Текст] / В.В. Никитин // Право и политика. – 2016. – № 3. – С. 403-409.

12. Сергеева, М.Д. Правовая природа договора подряда на строительство промышленного здания [Текст] / М.Д. Сергеева // Евразийский научный журнал. – 2017. – № 4. – С. 76-78.

13. Хантуев, А.А. К вопросу о договоре подряда на строительство дома [Текст] / А.А. Хантуев // Правовой альманах. – 2024. – № 4 (35). – С. 48-51.

14. Шильдт, Л.А. Учет договоров строительного подряда как основа организации учета в строительстве [Текст] / Л.А. Шильдт, Н.Г. Бикеева, Р.А. Ишмуратов, Г.В. Шильдт // Экономика и предпринимательство. – 2025. – №1 (174). – С. 1065-1068.

15. Шумаков, В.Г. Споры, возникающие из договора подряда в строительстве [Текст] / В.Г. Шумаков // Сметно-договорная работа в строительстве. – 2018. – № 6. – С. 41-45.

ДОГОВОР ПОДРЯДА КАК ОСНОВНАЯ ФОРМА РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКИХ ОТНОШЕНИЙ В СТРОИТЕЛЬСТВЕ

Ключевые слова: договор подряда; строительство; предпринимательские отношения; правовое регулирование; подрядчик; заказчик; Гражданский кодекс Республики Таджикистан.

Аннотация. Статья посвящена договору подряда как основной форме регулирования предпринимательских отношений в сфере строительства Республики Таджикистан. Автор на основе анализа Гражданского кодекса Республики Таджикистан, Жилищного кодекса Республики Таджикистан и современной российской научной литературы проанализировал понятие, правовую сущность, существенные условия договора подряда. В статье исследованы основные проблемы договорного регулирования в строительстве, включая вопросы распределения риска, ответственности за качество работ, гарантийные сроки и порядок разрешения споров. Выводы статьи могут быть использованы в законотворческой и правоприменительной деятельности в сфере строительства Республики Таджикистан.

Рахмонзода Шахбоз – соискатель Института философии, политологии и права имени Ахмаджона Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: (+992) 905-65-77-77. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

CONTRACT OF CONSTRUCTION AS THE MAIN FORM OF REGULATING BUSINESS RELATIONS IN CONSTRUCTION

Keywords: contract of construction; construction; business relations; legal regulation; contractor; customer; Civil Code of the Republic of Tajikistan.

Annotation. The article is devoted to the contract of construction as the main form of regulating business relations in the construction sector of the Republic of Tajikistan. Based on the analysis of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the Housing Code of the Republic of Tajikistan and modern Russian scientific literature, the author analyzes the concept, legal essence, and essential terms of the construction contract. The article examines the main problems of contractual regulation in construction, including issues of risk distribution, liability for work quality, warranty periods, and dispute resolution procedures. The conclusions of the article can be used in legislative and law enforcement activities in the construction sector of the Republic of Tajikistan.

Rahmonzoda Shahboz – competitor at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Ahmadjon Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 905-65-77-77. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

РОФИЕВА АЗИЗА ҲАМДАМОВНА,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992) 928-00-20-05. E-mail: rofiyeva.aziza@mail.ru

ТДУ: 347.61/.64:346.54

ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИФИ СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ВА ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Калидвожаҳо: соҳибкории оилавӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи оилавӣ; таърифи ҳуқуқӣ; таҳаввул; корхонаи оилавӣ; моликияти умумии якҷоя; масъулияти оилавӣ; Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақола ба таҳаввули таърифи соҳибкории оилавӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таҳлили муқоисавии санадҳои асосии меъёриро, аз ҷумла Кодекси оила, Кодекси маданӣ, Кодекси андоз, қонунҳои «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» ва «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» анҷом додааст. Се равияи асосии муайянкунии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ (субъективӣ, объективӣ, функсионалӣ) муайян ва тавсиф карда шудаанд.

Дар мақола мушкилоти асосии таърифи ҳуқуқии ин падида, аз ҷумла мавҷуд набудани таърифи ягонаи қонунгузорӣ, таносуби ҳуқуқи оилавӣ ва соҳибкорӣ, ҷудокунии молу мулк ва масъалаҳои масъулият таҳлил шудаанд. Бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили илмии муаллифони ватанӣ самтҳои такмили таърифи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаҳои мақола метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқӣ дар соҳаи дастгирии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Таҳаввули муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷомеаи муосир боиси тағйирёбии назарраси таърифи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ мегардад. Агар дар ибтидои ташаккули ҳуқуқи соҳибкорӣ фаъолияти соҳибкории оилавӣ ҳамчун шакли оддии роҳандозии хоҷагии якҷояи оилавӣ баррасӣ мешуд, имрӯз он ба як падидаи мураккаби байнисоҳавӣ табдил ёфтааст. Соҳибкории оилавӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ роҳи дарозеро аз муносибатҳои ғайрирасмии хоҷагидории якҷояи аъзои оила то ба шакли расмии ҳуқуқӣ тай кардааст. Дар замони Шуравӣ ин падида бештар дар шакли «корхонаҳои оилавӣ» дар бахши кишоварзӣ зоҳир мешуд, ки мақоми ҳуқуқии онҳо ба таври возеҳ муайян набуд. Бо барқароршавии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории оилавӣ тадриҷан такмил ёфт[344].

Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ дорои хусусияти дугона мебошад: аз як тараф, он ба фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дорад, аз тарафи дигар,

[344] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

бо муносибатҳои оилавӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад[345]. Ин дугонагӣ дар таҳаввули таърифҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст.

Дар ибтидои солҳои 1990-ум дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «соҳибкории оилавӣ» амалан мавҷуд набуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкорӣ» (соли 1991, қувваи худро гум кардааст) асосан соҳибкорони инфиродиро танзим мекард. Бо қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) мафҳуми «моликияти умумии якҷояи зану шавҳар» ҷорӣ карда шуд[346]. Аммо ин низ барои тавсифи ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкории оилавӣ кофӣ набуд.

Тадриҷан дар илми ҳуқуқшиносӣ зарурати ҷудо кардани шакли алоҳидаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба миён омад. И.А. Черешнева дар ин бора менависад: «Сарфи назар аз он ки дар аксари системахои ҳуқуқӣ соҳибкории оилавӣ ба ҳайси шакли алоҳидаи ташкилию ҳуқуқӣ эътироф нашудааст, хусусиятҳои объективии он зарурати танзими махсуси ҳуқуқиро тақозо мекунад»[347].

То имрӯз дар қонунгузории Тоҷикистон санади махсуси ба соҳибкории оилавӣ бахшидашуда вуҷуд надорад. Аммо дар санадҳои алоҳидаи меъёрӣ унсурҳои алоҳидаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба назар мерасанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (2014) мафҳуми умумии соҳибкориро муайян мекунад, вале соҳибкории оилавиро ҳамчун навъи алоҳида ҷудо намекунад[348]. Ҳамин тавр, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021) барои соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар оилавӣ фаъолият мекунанд, низоми андозбандии махсус (патент, шаҳодатнома) пешбинӣ кардааст[349].

Таҳлили санадҳои меъёрӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон се равияи асосии муайянкунии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ мавҷуд аст:

1. Равияи субъективӣ - соҳибкории оилавӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкории шахсоне эътироф мешавад, ки бо муносибатҳои оилавӣ алоқаманданд. Ин равия дар таҳқиқоти Сангинов Д.Ш. инъикос ёфтааст[350].

2. Равияи объективӣ – таваҷҷуҳ ба моликияти умумии оилавӣ ҳамчун асоси моддии фаъолияти соҳибкорӣ равона мешавад. Ин равия аз Кодекси оила бармеояд.

3. Равияи функсионалӣ – соҳибкории оилавӣ аз нуқтаи назари иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ (таъмини шуғл, ҳамбастагии наслҳо, рушди минтақавӣ) баррасӣ мешавад. Ин

[345] Рофиева А.Ҳ. Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (7-уми октябри соли 2021)). – Душанбе, 2021. – С. 455.

[346] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 1998, № 800 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[347] Черешнева И.А. Семейное предпринимательство: к постановке проблемы // Юридические исследования. – 2023. – № 7. – С. 6.

[348] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[349] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[350] Сангинов Д.Ш., Рофиева А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкори оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ // Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркенти муосир дар саноати сайёҳӣ. Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амали ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2021. – С.135.

равия дар Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон (2023) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» (2025) ба назар мерасад[351].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» (2025) дар таҳаввули таърифҳо марҳалаи навро ифода мекунад. Дар моддаи 2-и он соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ муайян шудааст. Аммо ин қонун ба соҳибкории оилавӣ ҳамчун зернавъи соҳибкории иҷтимоӣ муносибат намекунад, гарчанде ки одатан соҳибкории оилавӣ дар деҳот, бахши хизматрасонӣ ва ғайра дорои хусусияти иҷтимоӣ мебошад.

Дар ҳуқуқи хориҷӣ равияҳои гуногун ба таърифи соҳибкории оилавӣ мавҷуданд. М. Шарлотт таҳқиқоти муқоисавии системаҳои ҳуқуқи континенталӣ ва англо-америкоиро анҷом дода, қайд мекунад: «Дар ҳуқуқи умумӣ (common law) соҳибкории оилавӣ бештар тавассути шартномаҳои оилавӣ ва боварӣ танзим мешавад, дар ҳоле ки дар ҳуқуқи континенталӣ ба қайди расмии мақоми ҳуқуқии он таваҷҷуҳи бештар аст»[352].

М.К. Фрегни дар таҳқиқоти худ дар бораи масъалаҳои ҳуқуқи гражданинӣ ва андозии корхонаҳои оилавӣ дар Аврупо чунин хулоса мекунад: «Бештари системахои ҳуқуқии аврупоӣ ба эътирофи корхонаи оилавӣ ҳамчун шакли алоҳидаи ташкилию ҳуқуқӣ роҳ наёфтаанд, аммо онҳо барои чунин корхонаҳо режими махсуси андозбандӣ ва дастгирии давлатиро пешбинӣ мекунанд»[353].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи Русия, Қазоқистон ва Беларус аҳаммияти калон дорад. Дар ин давлатҳо қонунгузорон кӯшишҳои фаъолонаи эътирофи ҳуқуқии соҳибкории оилавиро анҷом медиҳанд. Масалан, дар Русия лоиҳаи Қонуни федералӣ «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» аз соли 2018 то ҳол мавриди баррасӣ аст.

А.Н. Левушкин, Я.С. Гришина, О.Г. Барткова ва Т.В. Савина дар кори якҷояи худ ба синергияи соҳибкории оилавӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ таваҷҷуҳ карда, қайд мекунанд: «Ҳамгироии ин ду навъи соҳибкорӣ метавонад ба ташаккули модели нави иҷтимоию иқтисодӣ оварда расонад, ки дар он муносибатҳои оилавӣ ҳамчун сармояи иҷтимоӣ амал мекунанд»[354].

Мутобиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моликияти ба даст овардаи зану шавҳар дар давоми издивоҷ моликияти умумии якҷоя мебошад. Ин муқаррарот барои фаъолияти соҳибкорӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад, зеро даромади соҳибкорӣ низ моликияти умумии якҷоя ба ҳисоб меравад.

Аммо дар амал, вақте яке аз ҳамсорон ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ сабти ном мешавад, даромад расман ба номи ӯ сабт мегардад. Ин дар ҳолатҳои баъдии қатъи издивоҷ ё тақсими моликият мушкилоти ҷиддиеро ба вуҷуд меорад. Затонов Р.И. дар таҳқиқоти худ

[351] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» аз 2 январи соли 2025, №2119 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026); Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 29 ноябри соли 2023, № 545 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[352] Шарлотт М. В поисках будущих альтернатив для семейного бизнеса: вклад семейного права через сравнение гражданского и общего права // Futures. – 2016. – Том 75. – С. 47.

[353] Фрегни М.К. Семейное предприятие: вопросы гражданского и налогового права // Studi Tributari Europei. – 2024. – С.8.

[354] Левушкин А.Н., Гришина Я.С., Барткова О.Г., Савина Т.В. Синергия семейного бизнеса и социального предпринимательства: проблемы права, экономики и развития технологий // SHS Web of Conferences. – 2021. – Том 110. – С. 123.

дар бораи эҳёи қарзҳои шаҳрвандон дар раванди банкротӣ чунин мушкилотро таҳлил кардааст[355].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» (2025) барои ҷалби сармоя дар соҳибкории оилавӣ имкониятҳои нав фароҳам овардааст. Дар моддаи 12 ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо дар соҳаҳои афзалиятнок, ки аксар вақт соҳибкории оилавӣ (кишоварзӣ, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ) дар он дохил мешавад, пешбинӣ шудааст[356].

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» (2018) ва Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон (2023) аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳукумат ба дастгирии соҳибкории оилавӣ ҳамчун воситаи мубориза бо бекорӣ ва камбизоатӣ таваҷҷуҳи хосса дорад[357].

Таҳлили санадҳои меъёрӣ ва адабиёти илмӣ имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти таърифи соҳибкории оилавӣ дар марҳилаи муосир муайян карда шавад:

1. Мавҷуд набудани таърифи ягонаи қонунгузорӣ. Дар ҳеҷ яке аз санадҳои омӯхташуда (Кодекси оила, Кодекси маданӣ, Кодекси андоз, қонунҳои соҳибкорӣ) таърифи возеҳи «соҳибкории оилавӣ» дода нашудааст.

2. Мушкилоти таносуби ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ. Соҳибкории оилавӣ дар чорроҳаи ду соҳаи ҳуқуқ - оилавӣ ва соҳибкорӣ қарор дорад, ки баъзан ба тазодди меъёрҳо оварда мерасонад.

3. Мушкилоти ҷудокунии молу мулки оилавӣ ва сармояи соҳибкорӣ. Дар соҳибкории оилавӣ ҷудо кардани моликияти шахсии аъзои оила ва дороиҳои соҳибкорӣ душвор аст.

4. Мушкилоти масъулият. Саволе, ки оё аъзои оила барои уҳдадориҳои соҳибкории якдигар масъуланд, ҳанӯз ҳалли ҳуқуқии возеҳ наёфтааст.

И.А. Черешнева дар ин бора чунин қайд мекунад: «Яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ муайян кардани ҳудуди ҷавобгарии аъзои оила барои уҳдадориҳои соҳибкорӣ мебошад. Дар сурати набудани шакли ҳуқуқии алоҳида, ин масъулият метавонад ба моликияти умумии оилавӣ паҳн гардад»[358].

Дар асоси таҳлили пешниҳодшуда, метавон самтҳои зерини такмили таърифи ҳуқуқии соҳибкории оилавиро пешниҳод намуд:

1. Қабули таърифи ягонаи қонунгузорӣ. Тавсия дода мешавад, ки дар сатҳи қонун (масалан, дар Кодекси маданӣ ё Қонуни соҳибкорӣ) мафҳуми «соҳибкории оилавӣ» ҳамчун фаъолияти соҳибкории ду ё зиёда аъзои оила, ки дар асоси моликияти умумии оилавӣ ё ҳиссагузории меҳнатӣ анҷом дода мешавад, муайян карда шавад.

---

[355] Затонов Р.И. Добросовестность и разумность при решении вопроса об освобождении гражданина от долгов в процедуре банкротства (постановка проблемы) // Юридические исследования. – 2023. – № 7. – С. 47.

[356] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» аз 14 майи соли 2025, №2173 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[357] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» аз 31 декабри соли 2018, №624 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026); Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 29 ноябри соли 2023, № 545// [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[358] Черешнева И.А. Семейное предпринимательство: к постановке проблемы // Юридические исследования. – 2023. – № 7. – С. 8.

2. Ҷорӣ намудани шакли махсуси ҳуқуқии «корхонаи оилавӣ». Дар заминаи таҷрибаи хориҷӣ (масалан, Германия, Фаронса) пешниҳод карда мешавад, ки шакли алоҳидаи ташкилию ҳуқуқӣ барои соҳибкории оилавӣ ҷорӣ карда шавад.

3. Таҳияи низоми махсуси андозбандии соҳибкории оилавӣ. Қоидаҳои мавҷудаи андозбандии соҳибкорони инфиродӣ нисбат ба соҳибкории оилавӣ ҳамеша самаранок нестанд. Тавсия дода мешавад, ки имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкории оилавӣ дар кишоварзӣ, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ пешбинӣ карда шаванд.

4. Танзими шартномавии муносибатҳо дар соҳибкории оилавӣ. Пешниҳод карда мешавад, ки шартномаи махсуси ҳамкорӣ байни аъзои оила дар соҳибкорӣ ҳамчун заминаи асосии танзими ҳуқуқӣ эътироф гардад. Ин шартнома метавонад масъалаҳои тақсими даромад, масъулият, идоракуниро танзим намояд.

5. Интегратсияи соҳибкории оилавӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ. Бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ», тавсия дода мешавад, ки соҳибкории оилавӣ ҳамчун яке аз зернавъҳои соҳибкории иҷтимоӣ эътироф гардад, агар он ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии минтақа (шуғли аҳолӣ, пешгирии муҳоҷират) нигаронида шуда бошад.

Хулоса, таҳаввули таърифи соҳибкории оилавӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ аз раванди мураккаби трансформатсияи муносибатҳои оилавӣ ва иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз мавҷудияти як қатор санадҳои меъёрӣ, ки ба танзими ҷанбаҳои алоҳидаи соҳибкории оилавӣ равона шудаанд, ҳанӯз таърифи ягонаи қонунгузории ин падида мавҷуд нест.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки аксари системахои ҳуқуқӣ ба муқаррароти махсуси ҳуқуқӣ барои соҳибкории оилавӣ роҳ ёфтаанд, аммо ин равand дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Барои Тоҷикистон, ки дар он анъанаҳои оилавӣ ва ҳамкории наслҳо нақши муҳим мебозанд, зарурати таҳияи модели миллии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ равшан аст.

Самтҳои асосии такмили таърифи ҳуқуқӣ иборатанд аз: қабули таърифи ягонаи қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани шакли махсуси ҳуқуқии «корхонаи оилавӣ», таҳияи низоми махсуси андозбандӣ, танзими шартномавии муносибатҳо, инчунин интегратсияи соҳибкории оилавӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ.

Дар оянда таҳқиқоти бештар дар самтҳои зерин зарур аст: таҳлили таҷрибаи судии соҳибкории оилавӣ, омӯзиши механизмҳои ҳалли баҳсҳо дар соҳибкории оилавӣ, таҳияи дастурамалҳои амалӣ барои соҳибкорони оилавӣ.

Синергияи соҳибкории оилавӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ метавонад ба ташаккули модели нави рушди иқтисодӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, такмили танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалии бузург барои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 1998 № 800 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2025, № 2119 «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2025, № 2173 «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ»// [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018 № 624 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон»// [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

9. Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 29 ноябри соли 2023, № 545 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

10. Затонов, Р.И. Добросовестность и разумность при решении вопроса об освобождении гражданина от долгов в процедуре банкротства (постановка проблемы) [Текст] / Р.И. Затонов // Юридические исследования. – 2023. – № 7. – С. 43-53.

11. Левушкин, А.Н., Гришина Я.С., Барткова О.Г., Савина Т.В. Синергия семейного бизнеса и социального предпринимательства: проблемы права, экономики и развития технологий [Текст] / А.Н. Левушкин, Я.С. Гришина, О.Г. Барткова, Т.В. Савина // SHS Web of Conferences. – 2021. – Том 110. – Статья 01016.

12. Рофиева, А.Ҳ. Табиати ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ [Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (7-уми октябри соли 2021)). - Душанбе, 2021. – С. 452-463.

13. Сангинов, Д.Ш., Рофиева, А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкори оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинов, А.Ҳ. Рофиева // Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркенти муосир дар саноати сайёҳӣ. Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амали ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 135-137.

14. Фрегни, М.К. Семейное предприятие: вопросы гражданского и налогового права [Текст] / М.К. Фрегни // Studi Tributari Europei. – 2024. – С. 1-25.

15. Черешнева, И.А. Семейное предпринимательство: к постановке проблемы [Текст] / И.А. Черешнева // Юридические исследования. – 2023. – № 7. – С. 1-11.

16. Шарлотт, М. В поисках будущих альтернатив для семейного бизнеса: вклад семейного права через сравнение гражданского и общего права [Текст] / М. Шарлотт // Futures. – 2016. – Том 75. – С. 44-53.

ЭВОЛЮЦИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЯ СЕМЕЙНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В НАУКЕ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО ПРАВА

Ключевые слова: семейное предпринимательство; предпринимательское право; гражданское право; семейное право; правовая дефиниция; эволюция; семейное предприятие; общая совместная собственность; семейная ответственность; Республика Таджикистан.

Аннотация. Статья посвящена эволюции определения семейного предпринимательства в науке гражданского права и предпринимательского права на основе законодательства Республики Таджикистан. Автором проведен сравнительный анализ основных нормативных актов, включая Семейный кодекс, Гражданский кодекс, Налоговый кодекс, Законы «О государственной защите и поддержке предпринимательства», «О социальном предпринимательстве» и «О капитале и стимулировании инвестиционной деятельности». Выявлены и охарактеризованы три основных подхода к правовой идентификации семейного предпринимательства (субъективный, объективный, функциональный). В статье проанализированы основные проблемы правового определения данного феномена, включая отсутствие единого законодательного определения, соотношение семейного и предпринимательского права, разделение имущества и вопросы ответственности. С использованием зарубежного опыта и научного анализа отечественных авторов предложены направления совершенствования правовой дефиниции семейного предпринимательства. Выводы статьи могут быть использованы в законотворческой и правоприменительной деятельности в сфере поддержки семейного предпринимательства в Республике Таджикистан.

Рофиева Азиза Хамдамовна – доцент кафедры предпринимательского и международного права факультета юриспруденции Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук. Тел.: (+992) 928-00-20-05; E-mail: rofiyeva.aziza@mail.ru.

EVOLUTION OF THE DEFINITION OF FAMILY ENTREPRENEURSHIP IN THE SCIENCE OF CIVIL LAW AND BUSINESS LAW

Keywords: family entrepreneurship; business law; civil law; family law; legal definition; evolution; family enterprise; joint common property; family liability; Republic of Tajikistan.

Annotation. The article examines the evolution of the definition of family entrepreneurship in the science of civil law and business law based on the legislation of the Republic of Tajikistan. The author carries out a comparative analysis of key normative acts, including the Family Code, the Civil Code, the Tax Code, the laws «On State Protection and Support of Entrepreneurship», «On Social Entrepreneurship» and «On Capital and Stimulation of Investment Activities». Three main approaches to the legal identification of family entrepreneurship (subjective, objective, functional) are identified and characterized. The article analyzes the main problems of the legal definition of this phenomenon, including the absence of a unified legislative definition, the

correlation between family law and business law, property separation and liability issues. Drawing on foreign experience and the scientific analysis of domestic authors, the author proposes directions for improving the legal definition of family entrepreneurship. The conclusions of the article can be used in legislative and law enforcement activities in the field of supporting family entrepreneurship in the Republic of Tajikistan.

Rofiyeva Aziza Hamdamovna – Associate Professor of the Department of Business and International Law, Faculty of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Legal Sciences. Phone: (+992) 928-00-20-05; E-mail: rofiyeva.aziza@mail.ru.

5.5.4. ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ

ГУРЕЗОВ ФАРУХ НУРМАҲМАДОВИЧ,
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 901-91-82-84. E-mail: farrukh.gurezov@mail.ru

ТДУ: 347.73

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

Калидвожаҳо: муомилоти ғайринақдӣ; танзими ҳуқуқӣ; низомҳои пардохтӣ; назорати давлатӣ; мушоҳида; назорати бонкӣ; назорати давлатии молиявӣ; бонки марказӣ; қонунгузории молиявӣ.

Аннотатсия. Дар мақола масъалҳои танзими ҳуқуқии назорат дар соҳаи муомилоти ғайринақдӣ дар кишварҳои хориҷӣ таҳлил гардидааст. Дар мақолаи мазкур назорати давлатии молиявӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини қонуният, устувории низоми молиявӣ ва коҳиш додани хавфҳое, ки ба устувории низоми молиявӣ таъсир мерасонанд, дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва афзоиши нақши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф кушиш намудаанд, ки мафҳуми ҳуқуқии низомҳои пардохтӣ, унсурҳои институтсионалӣ ва меъёрии фаъолияти онҳоро таҳлили илмӣ намоянд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА равона гардида, хусусиятҳои ҷудокунии ваколатҳои назоратӣ ва мушоҳидавӣ, инчунин нақши бонкҳои марказӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар таъмини амнияти ҳисоббаробаркуниҳо таҳлил гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки самаранокии танзими ҳуқуқии низомҳои пардохтӣ аз ҳамоҳангии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва тақсимоти возеҳи ваколатҳои назоратӣ вобастагии мустақим дорад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо муаллифон таклифҳои илман асосноки худро ба илми ҳуқуқи молиявӣ пешниҳод намудаанд.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ, муомилоти ғайринақдии пулӣ ҳамчун шакли асосӣ ва бартаридоштаи гардиши пул дар низоми молиявии ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Афзоиши ҳаҷм ва нақши амалиёти ғайринақдӣ зарурати таҳкими назорати давлатиро дар ин соҳа ба миён меорад. Татбиқи назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муомилоти ғайринақдӣ ба давлат имкон медиҳад, ки тавассути механизмҳои танзими ғайримустақим таъсири самаранок ва фарогири худро ба аксари соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ки бо равандҳои ҳисоббаробаркунӣ алоқаманд мебошанд, амалӣ намояд. Дар ин замина, назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муомилоти ғайринақдӣ ҳамчун унсури муҳими таъмини самаранокии молиявӣ, таҳкими устувории низоми пулӣ ва ҳифзи пойдории асъори миллӣ баромад намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки дар амалияи давлатӣ дар ҳамаи кишварҳо назорат аз болои субъектҳои муомилоти ғайринақдии пулӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати назорати давлатии молиявӣ баромад менамояд. Дар айни замон, шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои татбиқи фаъолияти назорати давлатии молиявӣ вобаста ба маҷмуи омилҳои

объективӣ, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сатҳи рушди низоми молиявии давлатҳо, метавонанд ба таври ҷиддӣ фарқ намоянд.

Ҳамзамон, аз миёнаи солҳои 2000-ум Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ (Bank for International Settlements – BIS) ҳамчун маркази ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои узв дар соҳаи танзими фаъолияти низомҳои пардохтӣ тадбирҳои пайваста меандешад[359].

Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ низоми пардохтиро ҳамчун «маҷмуи ҳамоҳангшудаи воситаҳои пардохтӣ, тартиботи бонкӣ ва одатан механизмҳои институтсионалии интиқоли маблағҳо байни ташкилотҳои қарзӣ муайян менамояд, ки дар маҷмуъ фаъолияти муназзами гардиши пул ва анҷомёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар иқтисодиёт таъмин менамоянд»[360]. Ин таъриф, моҳияти низоми пардохтро ҳамчун унсури калидии ҳуқуқи молиявӣ инъикос намуда, нақши онро дар таъмини самаранокӣ, боэътимодӣ ва устувории амалиёти пулию қарзӣ арзёби менамояд.

Илова бар ин, дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ молиявӣ ишора мегардад, ки фаъолияти устувор ва самараноки низомҳои пардохтӣ ба мавҷудияти маҷмуи унсурҳои институтсионалӣ ва функсионалӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ҷумла, ба чунин унсурҳо, пеш аз ҳама, воситаҳои пардохтӣ мансуб мебошанд, ки онҳо шаклҳои гуногуни интиқоли арзишро дар бар мегиранд, аз қабили пулҳои нақдӣ, чекҳо, интиқолҳои электронии маблағҳо, кортҳои қарзӣ, корти пулӣ бо ҳисоби шахсӣ (дебетӣ), инчунин дигар воситаҳои муосири пардохт ба ҳисоб меравад.

Унсури муҳими дигари низомҳои пардохтӣ қоидаҳои дохилии низом ба ҳисоб мераванд, ки маҷмуи тартибот, амалияҳо ва стандартҳои техникӣ ва ташкилиро муайян намуда, дар асоси мувофиқаи байни провайдерҳои хизматрасонии пардохт ва иштирокчиёни низом амал мекунад[361].

Дар баробари ин, механизмҳои интиқоли маблағҳо ҳамчун ҷузъи калидии инфрасохтори техникии низомҳои пардохтӣ баромад намуда, анҷомёбии муназзам ва боэътимоди амалиёти ҳисоббаробаркуниро таъмин менамоянд. Ниҳоят, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти низомҳои пардохтӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд, зеро маҳз онҳо қонуният ва бебозгашт будани ҳисоббаробаркуниҳоро кафолат дода, лаҳзаи озод гардидани тарафҳо – қарздор ва кредиторро – аз уҳдадориҳои молиявии мутақобила муайян менамоянд. Дар маҷмуъ, ҳамоҳангии самараноки унсурҳои зикршуда барои таъмини устуворӣ низоми молиявӣ, коҳиш додани хавфҳои амалиётӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни низомҳои пардохтӣ аҳаммияти муҳим дорад[362].

Ба андешаи олим Э.Г. Хоменко «ташкили оқилонаи раванди назорат кафолати кори босифат ва устувори низоми миллии пардохт ва беҳтар шудани самаранокии фаъолияти он мебошад»[363]. Ин ақида таҳкими назариявии зарурати рушди механизми муассири назорати давлатӣ ва мониторинги молиявӣ дар низомҳои пардохтиро ба таври равшан нишон медиҳад, ки ба самаранокии амалӣ ва устуворӣ низоми пулӣ таъсири бевосита дорад.

---

[359] Ситник А.А. Правовое регулирование финансового контроля и надзора в сфере денежного обращения в Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2020. – С. 245.

[360] Хоменко Е.Г. Банк России в национальной платежной системе Российской Федерации // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – № 8 (69). – С. 79.

[361] Губенко Е.С. К вопросу о платежной системе и принципах ее построения // Банковское право. – 2017. – № 1. – С. 32-37.

[362] Rambure D., Nacamuli A. Payment Systems: From the Salt Mines to the Board Room. – London, 2008. – P. 4.

[363] Хоменко Е.Г. Банк России в национальной платежной системе Российской Федерации // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – № 8 (69). – С. 79.

Бояд қайд кард, ки танзими фаъолияти низоми пардохти дар ду шакл амалӣ мегардад: назорати бонкӣ ва мушоҳидаи низомҳои пардохтӣ.

Назорати бонкӣ – ин назорат аз болои муассисаҳои молиявӣ, ки ба риоя ва баҳрабардории онҳо аз қонунҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои дахлдор равона шудааст. Ҳадафи танзим ва назорати бонкӣ нигоҳ доштани устувории низоми бонкӣ, низоми пардохт, инчунин ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ мебошад[364].

Мушоҳида низоми пардохӣ – ин фаъолияти бонкҳои марказӣ, ки барои таъмини фаъолияти мунтазам ва бехатари низомҳои пардохтӣ ва ҳифзи низоми молиявӣ аз хавфҳое, ки ба устувории низоми молиявӣ таъсир мерасонанд, равона шудааст. Мушоҳида низоми пардохӣ ба пайгирӣ ба низоми мушаххас (масалан, низоми интиқоли маблағ) равона карда мешавад, на ба шахсони алоҳидаи иштироккунанда.

Низоми ҳисоббаробаркунӣ имкон медиҳад, ки амалиётҳо бо зиёда аз 17 асъор ҳамоҳанг ва боэътимод анҷом дода шаванд. Назорати пайваста ва мушоҳидавии низом ба Бонки байналмилалии ҳисоббаробаркунии асъорӣ аз ҷониби Низоми федеролии захиравӣ (Federal Reserve System – НФЗ) Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалӣ мегардад. НФЗ Кумитаи назоратии ББҲА (CLS Oversight Committee)-ро идора мекунад, ки ҳамчун асоситарин платформа барои ҳамкории бонкҳои марказӣ дар раванди пайгирии ҳамоҳангшуда хизмат менамояд[365].

Асос барои ҳамкорӣ дар доираи пайгирӣ Протокол оид ба ташкили назорат ва ҳамоҳангсозӣ ба ББҲА мебошад[366]. Тибқи моддаи 14-и ин Протокол, НФЗ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико асоситарин масъулиятро оид ба пайгирии низоми пардохтӣ бар уҳда гирифта, ҳамзамон вазифаи ҳамоҳангсозии ҳамкории байни бонкҳои марказии иштирокчиёнро низ иҷро менамояд. Масалан, дар Иттиҳоди Аврупо, мушоҳидаи низомҳои пардохтӣ на танҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, балки инчунин аз ҷониби Бонки марказии Аврупо (БМА) амалӣ карда мешавад. Ин равиш махсусан ба се низоми пардохтии муҳими Иттиҳоди Аврупо – TARGET2, EURO1 ва STEP2-T татбиқ карда шудааст. Ғайр аз низомҳои пардохтӣ, инчунин объекти пайгирӣ метавонад субъектҳои дигари бозори хизматрасонии пардохтӣ бошад.

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо дар доираи мавзуи мавриди баррасӣ таваҷҷуҳи махсусро ба худ ҷалб мекунад. Дар пайи равандҳои ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозӣ, ки дар ташаккули Иттиҳоди иқтисодӣ ва низоми пулӣ таҷассум ёфтанд, ваколатҳо оид ба танзим, назорат ва мушоҳида ба низомҳои пардохтӣ байни мақомоти иттиҳодӣ ва миллӣ тақсим гардидаанд[367].

Нақши асосӣ дар таъмини устувории бозори хизматрасонии пардохтӣ ва назорат аз болои субъектҳое, ки ин хизматрасониҳоро пешниҳод мекунанд, ба Низоми Бонкҳои марказии Аврупо (НБМА) тааллуқ дорад, ки он аз бонкҳои марказии давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва Бонки Марказии Аврупо (БМА) иборат мебошад.

Тибқи андешаи С.Ю. Кашкин ва П.А. Калиниченко «муносибатҳои дохилӣ байни унсурҳои НБМА хосияти ҳокимият ва тобеъияти доранд. Зинаи болоии низом ба БМА

[364] Ғафурзода, А.Д., Рустамзода, Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ [Матн] / А.Д. Ғафурзода, Ҷ.Ю. Рустамзода. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – С. 123.

[365] Криворучко С.В. Процесс наблюдения за платежными системами: различие между наблюдением за платежными системами и надзором за банками // Финансы и кредит. – 2007. – № 11. – С. 22

[366] Protocol for the Cooperative Oversight Arrangement of CLS // [Electronic resourc]. Access mode: URL: https: //www.federalreserve.gov/ paymentsystems /files/ cls_protocol.pdf (date of application: 07.01.2026).

[367] Грачева Е.Ю. Финансовая деятельность и финансовый контроль как система управления // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – № 9 (70). – С. 65.

тааллуқ дорад, дар ҳоле ки зинаи дуюмро бонкҳои марказии давлатҳои узв ташкил медиҳанд, ки имрӯз бештар ҳамчун шуъбаҳои миллии БМА амал мекунанд»[368].

Тибқи моддаи 127 Созишномаи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо, яке аз вазифаҳои асосии низоми Бонкҳои марказии Аврупо (НБМА) таъмини фаъолияти муқаррарии низомҳои пардохтӣ мебошад. Дар доираи НБМА механизми ягонаи назорат (Single Supervisory Mechanism – SSM) таъсис ёфтааст, ки ба Бонки марказии Аврупо ваколат медиҳад, то барои назорат ба устувории молиявии ташкилотҳои қарзии давлатҳои узвро амалӣ намояд.

Дар айни замон, дар доираи ҳудуди иттиҳоди Аврупо, Бонки марказии Аврупо чор низоми пардохтии дорои аҳаммияти муҳимро амал менамояд:

1. TARGET2 (Trans-European Automated Real-time Gross Settlement Express Transfer system) – низоми трансаврупоии автоматиконидашудаи интиқоли ҳисоббаробаркуниҳои умумӣ мебошад. Мутобиқи Дастури БМА аз 05.12.2012 ва санадҳои минбаъда TARGET2 таъсис дода шуда, фаъолияти худро бар пояи платформаи ягонаи муштарак амалӣ менамояд. Тавассути ин платформа ҳамаи супоришҳои пардохтӣ интиқол ва коркард шуда, қабули пардохтҳо низ дар ҳамон тартиби техникии ягона сурат мегирад.

TARGET2 яке аз калонтарин низомҳои пардохтӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Тибқи маълумоти БМА барои соли 2016, ин низом:

-1 076 иштирокчии мустақим;

- 701 иштирокчии ғайримустақим;

- 5 072 бонки корреспондентиро дар бар мегирифт;

2. EURO1 – низоми ягонаи хусусии пардохтҳои калонҳаҷм барои транзаксияҳои якмарҳилагии якрӯза бо евро дар сатҳи умумиаврупоӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳолати январ соли 2018, низоми EURO1 ҳамарӯза зиёда аз 200 917 пардохтро ба маблағи умумии беш аз 202 млрд евро коркард мекунад.

STEP2-T – палатаи клиринговии автоматиконидашудаи умумиаврупоӣ, ки пардохтҳои оммавӣ бо евроро коркард менамояд. Ин платформа яке аз механизмҳои асосии клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ дар доираи минтақаи ягонаи пардохтҳо бо евро (Single Euro Payments Area – SEPA) ба ҳисоб меравад.

CORE (FR) – низоми пардохтии ҷомеаи бонкии Фаронса мебошад. Оператори низом ширкати STET (Systèmes technologiques d’échange et de traitement) буда, ҳамчун ташаббуси муштараки шаш бонки асосии Фаронса таъсис ёфтааст.

Низоми пардохтҳои зикршуда, заминаҳои ҳуқуқии назорати молиявиро дар низомҳои пардохтӣ дар сатҳи умумиаврупоӣ амалӣ намуда, дар доираи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо фаъолият менамоянд. Дар сатҳи миллӣ ин муқаррарот таҳия ва татбиқи минбаъдаро пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, барои таҳлили ҷузъиёт ва хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои зикршуда зарур аст ба қонунгузории баъзе давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо муроҷиат карда, то таҷрибаи иҷрои онҳо аз ҷониби мақомоти миллӣ баррасӣ ва пайгирӣ карда шавад[369].

Мувофиқи моддаи 141-4 Кодекси пулӣ-молиявии Фаронса (Code monétaire et financier), Бонки Фаронса фаъолияти мунтазам ва амнияти низомҳои пардохтиро кафолат медиҳад. Илова бар ин, ба зиммаи Бонки Фаронса уҳдадории таъмини амнияти воситаҳои пардохт, ба истиснои банкнотҳо ва тангаҳо, инчунин мутобиқати стандартҳои дар ин соҳа

[368] Ситник А.А. Финансовый контроль и надзор в сфере денежного обращения в Российской Федерации: монография. – Москва: Проспект, 2020. – С. 126.

[369] Денежно-финансовый кодекс Франции L311-3.

истифодашаванда вогузор шудааст[370]. Дар ҳоле ки Бонки Фаронса ба хулоса ояд, ки кафолатҳои амнияти яке аз воситаҳои пардохтӣ нокифоя мебошанд, он ҳуқуқ дорад ба эмитент тавсия диҳад, ки тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ислоҳи вазъияти баамаломада андешад.

Яке аз унсурҳои муҳими дигари Низоми Бонкҳои марказии Аврупо бонки марказии иқтисоди минтақаи Аврупо – Бонки марказии Олмон (Бундесбанк) ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Федеративии Олмон «Дар бораи Бонки марказии Олмон (Бундесбанк)», Бундесбанк, ҳамчун бонки марказии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, қисми ҷудонопазири Низоми Бонкҳои марказии Аврупо мебошад[371].

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, Бундесбанк устувории сатҳи нархҳоро таъмин менамояд, захираҳои асъории Ҷумҳурии Федеративии Олмонро дастгирӣ ва идора намуда, ба амалиёти ҳисоббаробаркунии бонкӣ дар дохили давлат ва берун аз он мусоидат менамояд, инчунин устуворii низомҳои пардохтӣ ва клиринговиро таъмин мекунад. Муқаррароти марбут ба ваколатҳои Бундесбанк оид ба татбиқи назорат ба низомҳои пардохтӣ рушди минбаъдаи худро дар қонуни назорат ба хизматрасониҳои пардохтӣ меёбанд.

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни назорати хизматрасониҳои пардохтӣ, Идораи федералии назорати молиявӣ ба таъминкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ ва эмитентҳои пули электронӣ тибқи муқаррарот ва талаботи ҳамин Қонун назорат менамояд[372].

Қонунгузории Олмон ваколатҳоро дар соҳаи назорат ва мушоҳида аз болои низомҳои пардохтӣ ҷудо менамояд ва вазифаҳои дахлдорро байни Бундесбанк ва Идораи федералии назорати молиявӣ (BaFin) тақсим мекунад. Дар ин замина, ҳар як мақомот вазифадор аст барои татбиқи муодилаи иттилоотӣ фаъолият намояд, то ки он маълумоти оморӣ, маълумоти шахсӣ ва дигар маълумоти заруриро барои иҷрои вазифаҳои мақомоти дахлдор дар бар мегирад.

Хулоса метавон қайд кард, ки дар ҳамаи кишварҳои дар боло таҳлилгардида қонунгузорие, ки назорати молиявӣ аз болои фаъолияти низомҳои пардохтиро танзим менамояд, ба моделе, ки аз ҷониби Кумитаи пардохтҳо ва инфрасохторҳои бозори молиявии Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ пешниҳод шудааст, асос меёбад. Ин модел, ки назорати молиявии мазкурро ба назорати бонкӣ ва мушоҳида пешбинӣ менамояд.

Назорати бонкӣ бо анҷом додани санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва воқеии фаъолияти низомҳои пардохтӣ ва иштирокчиёни онҳо, бо имконияти татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ нисбат ба вайронкунандагон, иртибот дорад. Мушоҳида бошад, тавассути мониторинг ва арзёбии иттилоote, ки аз ҷониби низомҳои пардохтӣ пешниҳод мешавад, амалӣ гардида, дар ҳолати зарурат ба субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ метавонад пешниҳод намояд, ки барои таъмини муттасилӣ хизматрасониҳо ва устуворii инфрасохтори пардохтӣ тағйироти зарурӣ ворид намоянд. Дар айни замон, мушоҳида пеш аз ҳама нисбат ба низомҳои пардохтии дорои аҳаммияти низомӣ амалӣ карда мешавад.

Муқоисаи таҷрибаи танзими ҳуқуқии назорат аз болои фаъолияти низомҳои пардохтӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ба хулосае омад, ки модели дар кишвари мо татбиқшаванда пурра ба таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва хориҷӣ

[370] Corporate governance, CLS // [Electronic resourc]. Access mode: URL: https://www.cls-group.com/about-us/corporate-governance/ (date of application: 07.01.2026).

[371] Überwachung des Zahlungsverkehrs und der Wertpapierabwicklung // [Electronic resourc]. Access mode: URL: https://www.bundesbank.de/de/aufgaben/unbarer zahlungsverkeh /ueberwachung/ ueberwachung-642858 (date of application: 07.01.2026).

[372] Закон о надзоре за платежными услугами (Zahlungsdiensteaufsichtsgesetz, ZAG) 13 января 2018 года // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://www.bundesbank.de/ (дата обращения: 07.01.2026).

мувофиқат мекунад. Дар айни замон, равиши марказонидан бунёд ёфтааст, яъне ваколатҳои назорат ва мушоҳида дар ихтиёри як мақом – Бонки миллии Тоҷикистон мутамарказ карда шудаанд. Ба назар чунин мерасад, ки дар муқоиса бо кишварҳое, ки дар онҳо модели тафриқашудаи (масалан, Ҷопон, Олмон) истифода мегардад, модели марказонидашуда имкон медиҳад ваколатҳои зикршуда самаранок тар амалӣ шуда, ҳамчунин захираҳо (вақтӣ, молиявӣ ва кадрӣ) ҳангоми татбиқи назорат дар соҳаи гардиши ғайринақдии пул оқилонатар истифода шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаҳои ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорат дар низоми миллии пардохтӣ дар моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ»[373] мустаҳкам карда шудаанд. Ҳамзамон, ба назари мо, дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд меъёри алоҳидаи ҳуқуқӣ барои бо тартиби яктарафа амалӣ намудани назорат нисбат ба низомҳои пардохтӣ дар ҳолатҳое муқаррар карда шавад, ки онҳо метавонанд ба низоми миллии пардохтӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки таъсир ба низоми пулии кишвар на танҳо аз ҷониби инфрасохтори дохилии пардохтӣ, балки ҳамчунин аз ҷониби унсурҳои беруна пешгирӣ карда шавад.

Муқарриз: д.и. ҳ., профессор Ғафурзода А.Д.

АДАБИЁТ:

1. Ситник, А.А. Правовое регулирование финансового контроля и надзора в сфере денежного обращения в Российской Федерации [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук / А.А. Ситник. – М., 2020. – 506 с.

2. Хоменко, Е.Г. Банк России в национальной платежной системе Российской Федерации [Текст] / Е.Г. Хоменко // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – № 8 (69). – С. 76-83.

3. Губенко, Е.С. К вопросу о платежной системе и принципах ее построения [Текст] / Е.С. Губенко // Банковское право. – 2017. – № 1. – С. 32-37.

4. Rambure, D., Nacamuli, A. Payment Systems: From the Salt Mines to the Board Room. – London, 2008. – 260 p.

5. Ғафурзода, А.Д., Рустамзода, Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ [Матн] / А.Д. Ғафурзода, Ҷ.Ю. Рустамзода. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – 360 с.

6. Криворучко, С.В. Процесс наблюдения за платежными системами: различие между наблюдением за платежными системами и надзором за банками [Текст] / С.В. Криворучко // Финансы и кредит. – 2007. – № 11. – С. 18-24.

7. Protocol for the Cooperative Oversight Arrangement of CLS // [Electronic resource]. Access mode: URL: https: //www.federalreserve.gov/ paymentsystems /files/ cls_protocol.pdf (date of application: 07.01.2026).

8. Грачева, Е.Ю. Финансовая деятельность и финансовый контроль как система управления [Текст] / Е.Ю. Грачева // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – № 9 (70). – С. 65-74.

9. Ситник, А.А. Финансовый контроль и надзор в сфере денежного обращения в Российской Федерации [Текст]: монография / А.А. Ситник. – Москва: Проспект, 2020. – 240 с.

[373] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» 24 феврали соли 2017 № 1397 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.05.2024).

10. Corporate governance, CLS // [Electronic resource]. Access mode: URL: https://www.cls-group.com/about-us/corporate-governance/ (санаи мурочиат: 07.01.2026).

11. Überwachung des Zahlungsverkehrs und der Wertpapierabwicklung // [Electronic resource]. Access mode: URL: https://www.bundesbank.de/de/aufgaben/unbarer zahlungsverkeh /ueberwachung/ ueberwachung-642858 (date of application: 07.01.2026).

12. Закон о надзоре за платежными услугами (Zahlungsdiensteaufsichtsgesetz, ZAG) 13 января 2018 года // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://www.bundesbank.de/ (date of application: 07.01.2026).

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» 24 феврали соли 2017, №1397 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ НАДЗОРА В СФЕРЕ БЕЗНАЛИЧНОГО ДЕНЕЖНОГО ОБОРОТА В ЗАРУБЕЖНЫХ ГОСУДАРСТВАХ

Ключевые слова: безналичный денежный оборот; правовое регулирование; платёжные системы; государственный надзор; наблюдение; банковский контроль; государственный финансовый контроль; центральный банк; финансовое законодательство.

Аннотация. В статье анализируются вопросы правового регулирования надзора в сфере безналичного денежного оборота в зарубежных государствах. Государственный финансовый контроль рассматривается как важнейший инструмент обеспечения законности, устойчивости финансовой системы и снижения рисков, оказывающих влияние на её стабильность, в условиях развития цифровой экономики и возрастания роли безналичных расчётов. Автор предпринимает попытку научного анализа правового понятия платёжных систем, а также институциональных и нормативных элементов их функционирования. Основное внимание уделено опыту государств Европейского союза и Соединённых Штатов Америки, в рамках которого анализируются особенности разграничения надзорных и наблюдательных (oversight) полномочий, а также роль центральных банков и уполномоченных государственных органов в обеспечении безопасности расчётов. Автор отмечает, что эффективность правового регулирования платёжных систем находится в прямой зависимости от гармонизации национального законодательства с международными стандартами и чёткого распределения надзорных полномочий. С учётом изложенного в статье представлены научно обоснованные предложения, направленные на развитие науки финансового права.

Гурезов Фаррух Нурмахмадович – соискатель кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 901-91-82-84. E-mail: farrukh.gurezov@mail.ru

LEGAL REGULATION OF OVERSIGHT AND SUPERVISION IN THE FIELD OF NON-CASH PAYMENT TURNOVER IN FOREIGN COUNTRIES

Keywords: non-cash payment turnover; legal regulation; payment systems; state supervision; oversight; banking supervision; public financial control; central bank; financial legislation.

Annotation. The article examines issues related to the legal regulation of oversight and supervision in the field of non-cash payment turnover in foreign countries. Public financial control is analysed as a key instrument for ensuring legality, maintaining the stability of the

financial system, and mitigating risks affecting its resilience in the context of digital economy development and the increasing role of non-cash settlements. The author conduct a scholarly analysis of the legal concept of payment systems, as well as the institutional and regulatory components of their operation. Particular attention is paid to the experience of the European Union member states and the United States of America, focusing on the specific features of the allocation of supervisory and oversight powers, as well as the role of central banks and competent public authorities in ensuring the security and reliability of payment transactions. The author emphasize that the effectiveness of legal regulation of payment systems directly depends on the harmonization of national legislation with international standards and the clear delineation of supervisory competences. In this regard, the article proposes scientifically substantiated recommendations aimed at the further development of financial law scholarship.

Gurezov Farrukh Nurmakhmadovich – competitor (PhD) at the Department of Administrative and Financial Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 901-91-82-84. E-mail: farrukh.gurezov@mail.ru

МАҲМУДОВ РУСТАМ НАСРУЛЛОЕВИЧ,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 988-81-81-88; E-mail: rustammahmudov90@mail.ru

ТДУ: 347.63

СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ ВА ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ СИРРИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: суратҳисоб; интиқол; сир; бонк; ташкилотҳои қарзӣ; муштариён; ғайриқонунӣ; махфият; ғайринақдӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур суратҳисоби бонкӣ ва интиқоли маблағ ҳамчун объекти ҳуқуқи сирри бонкӣ таҳлил карда шудааст. Дар рафти таҳлил диққати асосӣ ба истилоҳи сирри бонкӣ ва интиқоли маблағ тибқи қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти бонкӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки аҳаммияти сирри суратҳисоби бонкӣ ва интиқоли маблағро боз ҳам дар низоми муосири рақамикунонӣ ба роҳ монда шавад.

Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ва низоми нави ҳукумати электронӣ бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ нақши калидиро иҷро карда истодааст. Бе фаъолияти бонкӣ муштариён наметавонанд талаботҳои худро дар ҳама намуди муносибатҳои бозоргонӣ ба танзим дароранд. Ҳамаруза шумораи муштариёни бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ беш аз пеш зиёд гардидаистодааст. Бонкҳо таҳти таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, оиди он як қатор стратегияҳо ва фармонҳо қабул карда намудааст. Аз ҷумла «Дар бораи консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[374], «Стратегияи рушди низоми пардохти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[375], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[376], Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳо 2023-2037[377], Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёми навбатӣ аз 28 декабри соли 2024 соли 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодии рақамӣ ва инноватсия»[378] қабул карда шудааст.

[374] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[375] Стратегияи рушди низоми пардохти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, № 679 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[376] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[377] Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳо 2023-2037, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №482 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[378] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёми навбатӣ 28 декабри соли 2024 соли 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодии рақамӣ ва инноватсия» қабул карда шавад.

Яке аз аҳаммияти консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо дар он ифода меёбад, ки сирри суратҳисоби бонкӣ, интиқоли маблағ на танҳо бо шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, балкӣ бо барномаҳои давлатӣ дар асосӣ боварӣ муҳофизат мешавад. Стратегия ва фармонҳои дар боло овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки пардохтҳои электронӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рақамикунонӣ, инноватсия, ҳифз гардидани маълумотҳои молиявӣ, боварии муштариён ба бонкҳо, муносибати мақомотҳои ваколатдори давлатӣ бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ тибқи талаботҳои байналмилалӣ бо системаи навини техналогияҳои нав ба роҳ монда шавад ва махфияти сирри муштариёни бонкӣ бе асоси қонунӣ аз ҷониби кормандони бонк ё дигар субъектон ифшо нагардад.

Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки бори аввал истилоҳи суратҳисоби бонкӣ 2000 сол пеш дар Бобулистон ба вуҷуд омадааст[379]. Санаи 20 январи соли 1401 интиқолҳои ғайринақдӣ дар Испания (Taula de canvi de Barcelona) дар шакли сабти дафтари дар Барселона ташаккул ёфтааст[380]. Дар он солҳо техналогияи рақамӣ амал намекард дар китобҳо, дафтарҳо ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро кормандони бонк қайд мекарданд. Интиқоли маблағ дар шакли замони техналогияи муосир бошад бори аввал соли 1968 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба вуҷуд омадааст[381]. Дар баробари ин дар кишварҳои дар боло муқарраргардида суратҳисоби бонкӣ дар чанд навъ амали мегардид. Дар замони муосири техналоги ҳисоббаробаркунӣ, суратҳисоб на танҳо дар давлатҳои Аврупо ё Иёлоти Муттаҳидаи Амрико балки дар ҳамаи кишварҳо амал кардаистодааст ва муштариёни бонк талаботҳои худро таъмин кардаистодаанд. Дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ амалиёти интиқоли маблағ дар шакли муосир рушд кардаистодааст.

Оиди суратҳисоби бонкӣ як зумра олимон фикру ақидаҳои худро ба таври зайл қайд карданд. Ҳаминтавр, ба ақидаи Г.Н. Ушкин ва Ф.Гизатулин: «суратҳисоби бонкӣ асосан як ҳуҷҷати баҳисобгирӣ ва ҳуҷҷатест, ки доираи маълумот дар бораи маблағи қарзи бонкӣ ба муштарӣ мебошад фаҳмида мешавад. Мақсади суратҳисоби бонкӣ сабти маблағҳое мебошад, ки муштарӣ ба бонк бовар кардааст ва ҳама амалиётҳо ба ин маблағҳо, ки боиси тағйир ёфтани вазъи молиявии муштарӣ мешаванд»[382]. Ба ақидаи Н.В. Лисицина бошад мафҳуми сирри бонкиро ҳамчун «як навъи сирри ҳифзшавандаи қонун, ки аз маълумоте иборат аст, ки дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ дар бораи муштариён ва (ё) муросилотчиёни муассисаи қарзӣ, дар бораи суратҳисобҳои бонкии онҳо, пасандозҳои бонкӣ, амалиётҳо ва дигар амалиётҳои бонкӣ, инчунин дигар маълумоти муқарраркардаи муассисаҳои қарзӣ ба даст оварда шудааст»[383] фаҳмида мешавад. Л.Г.Ефимова низ чунин ақида дорад, ки «истилоҳи сирри бонкӣ»-ро бояд ҳамчун режими махсуси ҳуқуқӣ барои маълумот дар бораи муштариён ва амалиётҳои онҳо, ки аз ҷониби қонун муайян карда мешавад ва ба бонк бинобар амалӣ намуданӣ фаъолияти бонкӣ маълум шудааст, фаҳмид»[384]. Ба ақидаи Н.К. Рассказова сирри бонкӣ чунин режими ҳуқуқиест, ки истифодаи баъзе иттилооти марбут ба маълумоти махфӣ бояд ба он вобаста бошад. Дар баробари ин, риояи низоми махфӣ дар ифшо накардани маълумоти дорои сирри бонкӣ ифода меёбад. Фош кардани маълумотҳои дорои сирри бонкӣ вайрон кардани суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки барои он

[379] Babylonian Business and Banking Records. Albert Tobias Clay. Year: 1919.
[380] The Rise of Financial Capitalism 1990. Larry Neal.
[381] Automated Clearing House Payments. FEDERAL RESERVE. HISTORY. 28.09.2023.
[382] Гизатулин Ф. Банк клиент не выдаст? // Бизнес-адвокат. – 2004. – 29 марта.
[383] Лисицына Н.В. Банковская тайна как объект правового регулирования: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2003. – С. 25.
[384] Банковское право : учебник для бакаларов / отв. ред. Л.Г. Ефимова, Д.Г. Алексеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2019. – С. 49 (автор главы – Л.Г. Ефимова).

бонк дар назди муштарӣ тибқи қоидаҳои умумӣ ҷавобгар аст[385]. Ҳангоми таҳлили ақидаи олимон сирри суратҳисоби бонкиро ин қарз додани маблағи пулӣ дар назар дошта мешавад, ки дар асоси боварӣ байни бонк ва муштарӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳангоми таҳлил кардани ақидаи Н.В. Лиситсина ба таври васеъ сирри бонкиро шарҳ додааст, ки ба ақидаи ӯ ғайр аз амалиётҳо, дар бораи муштариён боз дар навбати худ пасандози бонкиро ба сирри бонкӣ дохил намудааст. Н.К. Рассказова бошад сирри бонкиро ба таври умумӣ шарҳ додааст, ки тибқи ақидаи ӯ ифшо кардани сирри бонкӣ ин ифшо кардани сирри суратҳисоби бонкӣ дар назар дошта мешавад. Ба ақидаи ман бонк ва ташкилотҳои қарзӣ сирри суратҳисоби бонкиро тибқи қонунгузорӣ кафолат дода, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ уҳдадор мебошанд онро ифшо намоянд. Аз нуқтаи назари ман дар шароити техналогияҳои рақамӣ сирри бонкӣ аз ҷониби кормандони бонк ва ташкилотҳои қарзӣ пурзӯр карда шуда, нагузоранд, ки ягон субъект чи дар асоси муроҷиат ба бонк ва чи дар шакли сомонаҳои интернетӣ маълумотҳои муштарӣ ифшо карда шаванд. Кормандони бонк ва ташкилотҳои қарзӣ вазифадор мебошанд, ки маълумотҳои сирри суратҳисобҳои муштариёнро дар шакли муошират ва электронӣ муҳофизат намоянд.

Дар баробари ин бояд хотирнишон сохт, ки Кодекси қаблинаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 881 оиди сирри суратҳисоби бонкӣ пешбинӣ шуда буд, ки мувофиқи он «бонк махфӣ будани суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо вобаста ба он ва маълумот оид ба молики суратҳисобро кафолат медиҳад»[386]. Инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», ки 23 майи соли 1998, №648 қабул гардида буд ва санаи 19 майи соли 2009, №524 аз эътибор соқит дониста шудааст моддаи 32 юми он суратҳисоб ва интиқоли маблағро ҳамчун сирри бонкӣ эътироф мекард[387]. Бонкҳо ва ташкилоҳои қарзӣ тавассутӣ Кодекси қаблинаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», ки аз эътибор соқит дониста шудааст, махфияти сирри муштариёнро, ки бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамкорӣ мекарданд ифшо нагардидааст.

Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад оиди суратҳисоби бонкӣ дар боби 49, моддаҳои 929-960, ҳисоббаробаркунӣ бо боби 50, моддаҳои 961-989 талаботҳои навро муқаррар менамояд. Оиди сирри суратҳисоби бонкӣ бошад дар моддаи 946 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ, гардидааст, ки аз 5 қисм иборат мебошад. Тибқи муқаррароти қисми 1, моддаи 946 «маълумот дар бораи суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасониҳои вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб маҳрамона буда, бонк маҳрамияти мазкурро кафолат медиҳад»[388]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тавассути моддаи мазкур боварӣ ва эътимоди муштариёни бонкҳо боз ҳам зиёд мегардад ва маълумотҳои молиявии муштариён таъмин карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи ноябри соли 2025 миқдори суратҳиҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба 16 681 509 (шанздаҳ миллиону шашсаду ҳаштоду як ҳазору

[385] Рассказова Н.Ю. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Фидерации. Часть вторая (постатейный) / под ред. А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. – М., 2003. – С. 609-610

[386] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11.12.1999, № 884 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2026).

[387] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», шаҳри Душанбе, 23 майи соли 1998, № 648 санаи 19.05.2009, № 524 аз эътибор соқит дониста шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2026).

[388] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2026).

панҷсаду нӯҳ) адад мерасад[389]. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаруза таваҷуҳи шаҳрвандон бо бонкҳо зиёд гардида, суратҳисоби бонкӣ мекушоянд. Ҳар як шаҳрванд, ки сину солаш ба талаботи қонунгузорӣ расидааст ё шахси ҳуқуқӣ (соҳибкори инфиродӣ) аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтан метавонад аз ҳар бонк ё ташкилоти қарзӣ тибқи талаботи дахлдор суратҳисоби бонкӣ кушояд. Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар низоми нави давлатдории миллӣ ташкил ёфта, дар асоси эътимоду боварӣ махфияти сирри муштариёнро таъмин ва нигоҳ медорад.

Сирри суратҳисоби бонкӣ ва интиқоли маблағ ҳамчун маълумотҳои молиявӣ ва шахсии муштариро ташкил медиҳад ва бонк уҳдадор уҳдадор аст, ки чунин маълумотҳои ба вуҷуд омадаро ғайриқонунӣ ба шахсони сеюм ифшо нанамояд. Интиқоли маблағ, суратҳисобҳо, воситаи пардохтӣ, амалиётҳо ҳамчун сирри бонкиро ташкил дода, аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд. Қонунгузорӣ чунин маълумотҳоро ба сирри бонкӣ дохил намуда, ифшо кардани он ба муштарии бон метавонад зарбаи сахти моддӣ ва руҳӣ биорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 48, қисми 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ», моддаи 54, қисми 2, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», моддаи 27, қими 2 маълумотҳои зерин сирри бонкӣ маҳсуб мешаванд:

- дар бораи суратҳисоби бонкӣ ва воситаҳои пардохтӣ, соҳибон ва дорандагони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо ва воситаҳои пардохти иҷрошавандаи муштариён;

- дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо[390];

Аз мазмуну моҳияти қисми якуми моддаи мазкур чунин бармеояд, ки қонунгузор ба таври васеъ махфияти сирри суратҳисоби бонкӣ, воситаҳои пардохтӣ ва соҳибони онҳоро кафолат додааст ва таҳти ҳимоя қарор медиҳад то ин, ки боз ҳам эътимоду боварии муштариён ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ бештар гардад. Ҳарчанд қонунгузор ба таври васеъ меъёри дар боло қайдгардидаро ҳамчун сирри бонкӣ кафолат додааст боз ҳам дар шароити рақамикунонӣ ва ҳукумати электронӣ такмили минбаъдаи махфияти иитилоотро талаб менамояд то ин, ки шахсони бегона (қалобон, хакерҳо) натавонанд маблағҳои муштариро бо роҳи фиреб ба манфиати худ дароранд ва фош намоянд. Инчунин ҳангоми муштарӣ аз банкомат ё терминал мехоҳад аз суратҳисоби худ тавассути корти пластикӣ маблағҳои пулии худро ба таври нақдӣ гирад ва ҳангми корти пластикиро дар бакомат ё терминал гузоштан бояд ба таври пинҳонӣ тавассути корти пластикӣ вориди суратҳисоб шавад маблағи пулиашро гирад. Дар ин асно муштарӣ кушиш ба харҷ диҳад, ки атрофиёни ӯ рақамҳои корти пластикиро набинанд то ки ба худ пайваст карда маблағҳояшро ба худ интиқол диҳанд. Ин ҳолатҳо бештар рух додаистодааст. Масалан шахс ҳамчун бонузан ҳангоми гирифтани маблағ тавассути корти пластикиаш мехоҳад банкомат маблағи пулӣ гирад ва дар паси он марди номаълум қисми болои сараш бо вандамка ва кепка махкам аст ва руяш намоён нест амалҳои бонузанро мушоҳида менамояд то ин, ки ҳарчи зудтар

[389] Бюллетени оморӣ бонкӣ *Банковский бюллетень*Banking Blletin* 10 (363) Октябр 2025 (363).

[390] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ш. Душанбе, 19.05.2009, № 524; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ», 26.07.2014, № 1108; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 29 марти соли 2009, № 290 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

рақамҳои корти уро бинад ба худ қайд намояд ва маблағгои уро ба худ ғайриқонунӣ ба худ интиқол диҳад.

Охирҳои соли 2025 то санаи имруз яъне 23.02.2026 бархе аз шахсони номаълум ҳам аз дохил ва ҳам аз хориҷи кишвар сайтҳои қалбаки кушода ба рақамҳои телфонҳои шаҳрвандон паёмак фиристода, бо роҳи фиреб мехоҳанд тавассути рақамҳои телефони мобилӣ вориди суратҳисоб шаванд маблағҳои шаҳрвандонро ба суратҳисоби худ интиқол диҳанд. Масалан ба шаҳрванд паёмак ворид мешавад, ки ҳамин рақамҳоро дар телфонатон пайваст намоед, ки корти бонкиатон махкам шудааст. Шаҳрванд аксарияташ фарҳанги баланди техникӣ ва молиявӣ надошта бошад чунин рақамҳои дар паёсак омадаро зер менамояд ба таври автомати пулҳояш аз корти бонкиаш дуздида мешавад. Ин ҳодисаҳо таи чанд моҳи охир рух дода шудаистодааст, ки қаллобон ба воситаи сайтҳои иҷтимоӣ мехоҳанд шахсони зудбоваро ба доми фиреб афтонда маблағҳои пулии онҳоро аз суратҳисобашон гиранд.

Давлатҳое, ки дар онҷо қариб умуман ин ҳолатҳо рух намедиҳад ва шаҳрвандонро фиреб дода наметавонанд ин Сингапур, Шветсария, Олмон, Шветсия, Норвегия, Финляндия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ғ. Қонунгузории давлати чунин кишварҳо барои маълумотҳои шахсии шаҳрвандонашро бе розигии муштариаш ғайриқонунӣ даромадан, гирифтани маълумот ҷавобгарии сахти ҷиноятӣ татбиқ намудааст. Инчунин дар низоми бонкии чунин кишварҳо стандартҳои нави муосир баланд буда, ба системаи чандқабата ҳифз мешавад ва қалобон, хакерҳо шахсони номаълум наметавонанд бо роҳи фиреб рақамҳои суратҳисоби бонкиро шикаста, маблағи онҳоро ба худ интиқол диҳанд. Дар Осиёи Миёна Ҷумҳурии Қазоқистон системаи баланди рақами бонкдориаш (OTP ва 2FA) пеш рафтааст ва на ҳамаи қалобон маблағҳои мизоҷонро тавассути сомонаҳои интернетӣ дуздида метавонанд.

Таҳлили қисми 2 юми моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ки дар боло ишора кардидааст «дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гиранда гони) онҳо» қайд шудааст. Як чанд сол пеш шаҳрвандон метавонистанд бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тавассути шиноснома бонк рафта аз як ноҳия ба дигар шаҳру ноҳия, аз як мамлакат ба дигар мамлакат маблағи пулӣ интиқол диҳанд. Дар давоми як чанд солҳои охир бошад муштарии бонк метавонад дар телефони мобилии худ суратҳисоби худро бо рақамҳои симкорташ пайваст намояд ва тавассути телефони мобилӣ дохили суратҳисоб ворид гардида, ба кадом шаҳр, мамлакате хоҳад маблағи пулӣ ба таври ғайринақдӣ интиқол диҳад. Ё ин, ки ҳамаруза аз банкоматҳо, терминалҳо шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба дигарҷо маблағи пулӣ интиқол медиҳанд. Дар вақти интиқол додан гирду атрофи худро назорат карда то ин, ки шахси бегона рақамҳои парол набинад ва ғайриқонунӣ ба суратҳисоби худ надарорад. Дар вақти интиқол додани маблағ аз банкоматҳо, терминалҳо саросема нашуда дуруст интиқол диҳад ва чеки онро гирад ё тавассути телфони мобили акс гирад экрани онро барои факту далел. Ҳангоми нагузаштани маблағ аз ширкати хизматрасонии пардохтӣ (оператор) гирифтани маблағ ё интиқоли онро, ки дар экран рақамҳои мобилии ширкат қайд шудааст суҳбати телефонӣ гузаронида, талаб намояд. Дар амалия шахсоне, ки бе кушодани суратҳисоби бонки маблағ интиқол медиҳанд ё суратҳисоби бонкӣ доранд тавассути банкомат ё терминалҳо ба дигар субъект маблағи пулӣ интиқол медиҳанд маблағи пулӣ кам аст. Чунин банкаматҳо, терминалҳо бо талабот ҷавобгу бошанд бо Бонки миллии Тоҷикистон пайваст буда шартнома дошта бошанд то ин, ки ҳангоми ифшо шудани маълумотҳои муштарӣ ҳангоми интиқол додан тавассути воситаи техникӣ ҳуқуқҳои маблағинтиқолдиҳанда барқарор карда

шавад. Инчунин аз баски банкомат, терминалҳо воситаи техникӣ аст субъекти сирри бонкӣ ба ҳисоб намеравад танҳо операторони он субекти сирри бонкӣ ба ҳисоб мераванд ва вазифаи онҳо нигоҳ доштани рақами PIN-код ба ҳисоб меравад. Банкоматҳое, ки бо бонк шартнома надошта бошанд субъекти сирри бонкӣ ба ҳисоб намераванд. Дар амалия шахсоне, ки бе кушодани суратҳисоби бонкӣ аз бонкҳо, филиалҳо маблағи калони пулӣ интиқол медиҳанд. Бонк ва филиалҳо ба чунин мизоҷон варақи интиқол ё квитансия медиҳад. Махфияти сирри бонкӣ бештар аз бонк ё филиали он назар аз банкоматҳо, терминалҳо ба таври пура таъмин карда мешавад.

Интиқоли маблағҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрсаниҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», ки аз 24 феврали соли 2017 таҳти №1397 қабул шудааст ба танзим дароварда мешавад. Қонуни мазкур аз 34 модда иборат буда, дар моддаи якуми он интиқоли маблағҳо, хизматрасониҳои пардохтӣ, воситаи пардохт, воситаи электронии пардохтӣ, оператори низоми пардохтӣ, фармоиши пардохтӣ, хизматрасониҳои амалиётӣ, маркази ҳисоббаробаркунӣ, агенти бонкии пардохтӣ, субъекти низоми пардохтӣ, маблағҳои электронӣ, терминал, банкомат ва ғайраҳо зикр гардидааст. Дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» зикр гардидааст, ки таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторонӣ низоми пардохтӣ, операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ ва агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ вазифадоранд сирри бонкӣ ва тартиби ифшои онро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» риоя намоянд[391].

Аз моҳи январ то июни соли 2024 дар Тоҷикистон беш аз 300,6 миллион амалиёти пардохтӣ тавассути усулҳои гуногун, аз ҷумла амалиётҳои байнибонкӣ, муносибатҳои мустақими мукотиботӣ ва суратҳисобҳои мукотиботӣ, дар Бонки миллии Тоҷикистон кушода шудаанд, анҷом дода шуданд[392]. Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон, маблағи умумии пардохтҳо ба 1,141 триллион сомонӣ (107 миллиард доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) расидааст. Шумораи амалиётҳо дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 86,6 фоиз ва ҳаҷми умумии пардохтҳо 47,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, аз моҳи январ то июни соли 2024, ташкилотҳои қарзӣ барои муштариён 12,6 миллион суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла 130,000 суратҳисоб барои шахсони ҳуқуқӣ ва 12,5 миллион суратҳисоб барои шахсони воқеӣ кушодаанд. Шумораи суратҳисобҳои бонкии муштариён дар муассисаҳои молиявӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 миллион адад ё 22,7 фоиз зиёд шудааст.[393]. Дар баробарин интиқоли маблағҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути барномаҳои электронӣ яке аз воситаҳои асосии гардиши пул ташаккул ёфтаистодааст.

Ҳангоми таҳлил кардани сирри суратҳисоби бонкӣ аз ҷониби корманди бонк ё ташкилоти қарзӣ ягон маротиба ғайриқонунӣ маълумот дар бораи суратҳисоб ё интиқоли маблағ ифшо нагардидааст ва танҳо дар ҳолатҳои қонунгузорӣ бонк метавонад ифшо намояд. Масалан шахси ҳуқуқӣ ҳамчун андозсупоранда маблағи зиёд аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарздор аст. Ҳангоми ба суд ҳамчун даъвогар баромад менамояд оиди руёнидани қарз. Суд тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқ дорад ба бонк

[391] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 феврали соли 2017, № 1397 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[392] Trend news agency. Таджикистан сообщает о росте числа платёжных операций. Таджикистан 15 сентября 2024 г. // [Электронный песурс]. Дата обращения: 21.04.2025.

[393] Trend news agency. Таджикистан сообщает о росте числа платёжных операций. Таджикистан 15 сентября 2024 г. // [Электронный песурс]. Дата обращения: 21.04.2025.

тибқи санад маълумотҳои чунин шахси ҳуқуқиро оиди суратҳисоб, пасандоз гирад ва баъди ҳалнома ё санади судӣ аз суратҳисоби қарздор маблағашро ба суратҳисоби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санад бароварда иҷозат диҳад. Иҷрочиёни суд вазифадор мебошанд, ки сари вақт чунин санади судиро барои руёнидан иҷро намоянд.

Ё ин, ки мисоли дигар масалан шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ аз бонк маблағи калони кредит мегирад вале дар муҳлати муқарраргардида тибқи ҷадвали графики кредит маблағи кредитро давра ба давра пардохт намекунад аз баргардонидани маблағи кредит бепарвои ва беаҳаммияти зоҳир менамояд. Чанд маротиба бонк дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ оиди баргардонидани кредит муроҷиат менамояд аммо бе натиҷа монда маблағи кредитро кредитгир барнамегардонад. Дар ин асно намояндаи бонк маҷбур мешавад, ки ба суд муроҷиат намояд. Суд ҳаматарафа аризаи намояндаи бонкро бо факту далел санҷида, аз дигар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ маълумотнома дар шакли хаттӣ талаб менамояд, ки ҳамин шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ аз фалон бонк қарздор аст аз додани он дасткашидаистодааст оё ҳамин субъект дар бонкӣ шумо суратҳисоб ё пасандоз дорад ё не? Агар қарздор дар дигар бонк дар суратҳисоби худ маблағи пулӣ дошта бошад ё маблағи пасандоз дошта бошад он маблағҳоро суд боз дошта, бидуни розигиаш ба суратҳисоби бонке, ки қарздор буд барои интиқол додан қарор мебарорад. Чунин бонк уҳдадор аст, ки қарори судро иҷро карда муштариаш дар бонк маблағ дорад онро ба дигар бонк барои баргардонидани кредит интиқол диҳад. Ин ҳолатҳо ба сирри бонкӣ дохил намешавад. Чунки тибқи моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҳангоми қонуншиканӣ кардани шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ суд метавонад дар бораи у аз ҳамаи бонкҳо ё ташкилотҳои қарзӣ оиди маблағи суратҳисоб, маблағи пасандоз маълумотнома дар шакли хаттӣ гирад. Ин на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон балки дар қонунгузории бонкии давлатҳои Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҳамаи давлатҳо суд ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои муқараркардаи қонунгузорӣ оиди суратҳисоб маълумот гирад.

Тибқи гузориши Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (МОМ), Тоҷикистон дар соли 2024 5,8 миллиард доллар пул интиқол додааст, ки нисбат ба соли 2023 беш аз 27 фоиз зиёд аст, хабар медиҳад Asia-PLus[394]. Дар асоси маълумотҳои бонки Ҷаҳонӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ ба кишвар дар соли 2024 5,8 миллиард долларро ташкил дод, ки 45,4 фоиз маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Аз нигоҳи нисбӣ баландтарин нишондод дар ҷаҳон аст[395]. Бузургтарин интиқолҳо аз Федератсияи Руссия мебошад, ки беш аз 80 фоизи маблағҳо аз он кишвар ворид мешаванд[396]. Дар баробари ин маблағҳоро муҳоҷирони кори аз хориҷи кишвар ҳамчун интиқоли баайналмилалӣ бо барномаҳои электронӣ тавассути Спитамен Бонк ҷумла Spitamen Pay тавассути комиссияи паст, Western Union, FINCA Tajikistan-тавассути барномаҳои онлайн, Contact, Unistream, Zolotay Korona, SalamPay, Visa, Mastercard, Paysend, TransherGo барномаҳои мобилӣ, ва ғайраҳо машҳуранд, ки маблағҳои пуллӣ аз хориҷи кишвар интиқол медиҳанд. Қариб бештари маблағҳо аз хориҷа бо Western Union интиқол дода мешавад он бонк нест яке аз ширкатҳои бузургтарин аст, ки маркази асосисаш дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад ва дар Тоҷикистон аз соли 2006 амал менамояд, ки функсияи асосиаш вазифаҳои интиқоли пулиро бо фоизи бениҳоят паст иҷро менамояд.

[394] URL: CentralasianLIGHT.org. 13 мая 2025 года.
[395] WORLD BANK BLOGS. Ожидается, что в 2024 году объём денежных переводов в страны с низким и средним уровнем дохода достигни 685 миллиардов долларов, что превысит объём прямых инностранных инвестиций и официальной помощи в целях развития вместе взятых. 18 декабря 2024 года.
[396] URL: Ifad.org.

Дар таҷрибаи бонкӣ падар ё модар, ҳамсар ё шахсони наздики пулинтиқолдиҳанда, ки дар муҳоҷират қарор дорад бонк рафта хоҳиш менамояд, ки ҳамин шахс ному насаб ё шиносномаашро пешниҳод менамояд дар як моҳ чи қадар ё ғайр аз ман боз ба ки пул интиқол медиҳад аз хориҷи кишвар. Дар ин асно корманди бонк ё ташкилоти қарзӣ аризаи шахсро бояд рад менамоянд. Ҳангоми чунин ҳолатҳо рух додан махфияти сирри бонкии муштарӣ (ҷабрдида) поймол ва ифшо шуда метавонад даъво пешниҳод кунад.

Таҷрибаи дигар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ва пешрафта тамоми намуди хизматрасониҳо тавассути пардохҳои электронӣ, ҳомиёни электронӣ ғайринақдӣ сурат гирифтаистодааст. Дар соли 2025 дар даҳ давлатҳои дунё пардохтҳои ғайринақдӣ сурат гирифтааст, ки ретингашон баланд аст ва дар ҷои беҳтарин қарор доранд. Ба чунин давлатҳо дохил мешаванд: Норвегия 98 фоиз, Шветсия 79,3 фоиз, Сингапур 97 фоиз, Иёлоти мутаҳидаи Амрико 74 фоиз, Финландия, Дания 81,5 фоиз, Австралия 80 фоиз, Хитой 79,3 фоиз, Канада 72 фоиз, Кореяи Ҷанубӣ 70 фоиз[397]. Дар чунин кишварҳо қариб хизматрасониҳои нақдӣ дида намешавад бештари онҳо тавассути ғайринақдӣ яъне онлайн, пардохтҳои рақавӣ, электронӣ, тавассути корт /QR-код, системаҳои бонкӣ, терминалҳо босуръат афзоиш ёфтаистодааст.

Ҳангоми таҳлил намудани интиқоли маблағҳо тавассути барномаҳо қайд карда шуд, ки муштарӣ аз хориҷи кишвар таввасути бонкҳои хориҷи, барномаҳои хориҷӣ, ба мисоли Western Union, ки бонк нест ҳамчун миёнарав тавассути барномаи худ бо фоизи паст пулро интиқол медиҳад ва суратҳисоби шахсе, ки пулро қабул мекунад фаҳмида мешавад. Дар асно бонки хориҷие, ки дар он маблағҳои муштарӣ дар суратҳисобаш, барномаи пластикиаш қарор дорад дар дохили баронома дигар барномаҳои хориҷи ба монанди Western Union ва маблағи пулие, ки ба бонки пулқабулкунанда меояд ҳарсеи онҳо уҳдадор мебошанд, ки ҳангоми нигоҳдории маблағ дар суратҳисоб, санаи интиқол, ҳаҷм, хароҷот, ба ки фиристода мешавад махфияти сирри бонкиро таъмин намоянд. Масалан агар шаҳрванд дар Федератсияи Руссия қарор дорад дар суратҳисоби бонкии Сбербанкаш 100 ҳазор рубл қарор дорад ҳангоми интиқол додани он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон махфияти сирри бонкии он ба қонунҳои бонкии Федератсияи Русия таъмин карда мешавад. Агар дар дохили барномаи Сбербанк дигар барномаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад, ки бо фоизи паст маблағ интиқол медиҳанд чунин ташкилоти байналмилалӣ уҳдадор аст, ки махфияти бонкиро таъмин намояд. Агар бонки пулқабулкунанда Душанбе Сити аст ҳангоме, ки пул аз хориҷа дар он мешинад ва дар он бонк пулқабулкунанда суратҳисоб, корти пластики дорад уҳдадор мебошад, ки махфияти сирри бонкиро таъмин намояд.

Ҳангоми таҷрибаи бонкиро вобаста ба интиқоли маблағ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромад, ки айни ҳол бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ байни якдигар вобаста ба интиқоли маблағ рақобат кардаистодаанд. Қариб аксарияти бонкҳо дар барномаи сайти худ эълон менамояд, ки агар маблағро тавассути корти бонкии мо фиристед иштирокчии бурднок шавед. Масалан барои муштариёнро бештар зиёд кардан, интиқол додани маблағ тавассути бонк онҳо - манзили истиқоматӣ, мошин, маблағ, ашёи пурқимат ва ғайраҳо дар барномаи бонки сайти худ эълон менамоянд. Қайд менамоянд, ки то санаи 31 декабр ё фалон моҳ идома меёбад ҳангмоми рақами ID пулинтиқолдиҳанда метавонад иштирокчи шуда бурд намояд. Айни ҳол байни бонкҳо рақобат оиди интиқоли маблағ шудаистодааст. Дар ҳақиқат мо дар боло қайд кардем дар соли 2024 мувофи хулосаи Бонки Ҷаҳонӣ бештар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи пулӣ интиқол дода шудааст ва бонк ё ташкилоти қарзӣ ҳангоми интиқол ёфтани маблағ фоизи муайян ва даромади муайян мегиранд. Аз ҳама

[397] Cashles Societies: Discover Leading Nations Today | INVEST ISSUE.

зарур ва муҳим он аст, ки махфияти сирри бонкии пулинтиқолдиҳанда ва пулқабулкунандаро ифшо нанамоянд.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағ тавассути нақдӣ ва ғайринақдӣ сурат гирифтаистодааст. Бо роҳи нақди пули миллӣ сомонӣ ё танга сурат гирифтаистодааст. Бо роҳи ғайринақдӣ бошад аз тавассути ҳамиёни электронӣ, банкоматҳо, суратҳисоби бонкӣ ба анҷом расонида мешавад. Пардохтҳои хизматрасониҳои давлатӣ бошад бо роҳи ғайринақдӣ сурат гирифтаистодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағ ҳам аз дохил ва ҳам аз хориҷи кишвар сурат гирифтаистодааст. Интиқоли маблағ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, амалӣ гардидаистодааст. Инчунин интиқоли маблағ бо роҳи байналмилалӣ бошад шаҳрвандон метавонанд асъори хориҷӣ ё интиқоли маблағ бо пулӣ миллӣ сомонӣ интиқол диҳанд.

Дар таҷриба оиди суратҳисобҳои бонкӣ, амалиётҳо чунин камбудиҳо ба назар мерасанд. Масалан шаҳрванд дар телефони мобилиаш якчанд суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои бонкиро пайваст кардааст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар хориҷи кишвар қарор дорад. Ҳангоми гум кардани телефони мобилии худ, ки тавассути симкорти тилфонаш якчанд суратҳисоб, кортҳои бонкӣ аз якчанд бонк кушодааст дар онҳо маблағ қарор дорад шахсе, ки телефонро меёбад ё медуздад тавассути як симкарта метавонад ҳамаи маълумотҳои пулиро гирифта ба худ ё дигарҷо интиқол диҳад. Тассавур намоед, ки ба воситаи як симкартаи хурд чи қадар маблағҳои калон нобуд ё дуздида мешавад. Аз ин рӯ муалиф пешниҳод менамояд, ки шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки дар суратҳисоби худ маблағи калон дорад дар барномаи телфони мобилӣ пайваст нанамояд. Шояд ягон шахср онро таҳдид карда талаб менамояд, ки ҳамаи маблағҳоро ба дигар суратҳисоб интиқол диҳад ё аз банкомат гирифта нақдӣ ба шахси таҳдидкунанда супорад.

Дар соҳаи инноватсия техналогияи рақамӣ аз ҷумла дар самти бонкӣ шахсоне, ки дар соҳаи барномаи компютерӣ ё барномаҳои бонкӣ таҷриба доранд яъне (хакейрҳо) ба шахс телфон менамояд, ки бо тариқи фиреб ё дуруғ чунин маълумот пешниҳод менамояд мо аз фалон бонк, ки Шумо дар бонки мо ҳаминқадар маблағи пулӣ доред Шумо дар латареия гузаштед соҳиби мукофоти калони пулӣ гаштед пеш аз он, ки мо мукофотҳои пулиро ба Шумо биспорем ба телфони мобилии Шумо паёмак меояд рақамҳои онро ба ман пешниҳод намоед ва баъдан мо Шуморо, ки аз ҷоиза гузаштед пулро меспорем ҳоло он, ки чунин ашхоси телфонкунанда дар ягон бонк кор намекунад ва ҳангоми паёмакро гирифтан пурра маблағҳои шахсро ба ҳисоби худ гузаронида, блок менамояд. Чунин ҳолатҳо дар Федератсияи Руссия ҷой дорад.

Пешниҳод менамоям, ки ба ягон шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ ҳангоми бо тариқи телфони мобилӣ занг задан рақамҳои паёмак, ё рақамҳои корт, суратҳисобро ҳатто 3 рақамаи паси корти пластикиро ба ягон кас пешниҳод нанамояд. Кортҳои пластикии худро дар ҷои амн ва бехатар ҷойгир намояд то ин, ки дигар шахс рақамҳои суратҳисоб, корти пластики аз он ҷумла 3 рақами қафоши кортро нагирад ба худ пайваст нанамояд. Чунин ҳолатҳо бештар байни муҳоҷирони меҳнатӣ рух медиҳад. Аз ин рӯ муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар суратҳисоби худ, дар корти пластикии худ, ки бо барномаи телефони мобилӣ пайваст аст нигоҳ надорад онро ҳатман ба мамлакати худ интиқол диҳад то ин, ки аз ҷониби шахсони бегона дузди нашавад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки шаҳрванд ҳангоми бонкомат аз корти пластикиаш ҳангоми маблағи пулӣ гирифтан ҳаматарафа гирду атрофи худро мушоҳида намояд то ин, ки ягон субъект 4 рақамаи пароли корти пластикиашро надуздад.

Дар тамоми кишварҳои пешрафтаи дунё тамоми намуди хизматрасониҳо қариб 90 фоиз тавассути ғайринақди сурат гирифтаистодааст. Шахсро зарур аст, ки суратҳисоби

бонкӣ дорад, кортҳои пластикӣ дорад ё дар телефони мобилиаш пайваст аст сахт аҳаммияти ҷиддӣ диҳад. Масалан дар куча шахси номаълум ба дигар шахс хоҳиш менамояд, ки телфонашро 5 дақиқа диҳад то ин, ки ба дигарҷо телефон (занг занад) намояд дар ин маврид нияти шахси хоҳишкунанда на телефон кардан аст балки аз телефони он паёмакро гирифтан ва дар худ пайваст кардан оқибат гирифтани маблағ ин дар баъзе ҳолатҳо рух медиҳад. Ҳангоми телфони мобилии худро ба дигар ашхсо додан бо сабаби ягон зарурият ҷиддӣ назорат намояд;

Ҳангоми интиқол додани маблағ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт маблағ интиқол биёбад маблағ ба таъхир наафтад то ин, ки сафи чунин муштариёни бонк биафзояд;

Ҳангоми хешу табори наздики пулинтиқолдиҳанда, ки дар хориҷи кишвар қарор дорад ба бонк ё ташкилоти қарзӣ мурочиат карда хоҳиш менамояд, ки нусхаи паспортро пешниҳод менамояд қайд менамояд, ки ҳамин шахс аз хориҷа ба ки пул бештар интиқол медиҳад. Ё шахси мурочиаткунанда рафиқи наздики корманди бонк мебошад Ин ҳолатҳоро бонк қатъиян рад намояд то ин, ки сирри бонкӣ ифшо нагардад ва оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд наояд.

Интиқоли маблағҳои электронӣ дар шароити рақамикунонӣ тавассути қонунгузории миллӣ ва байналхалқӣ ҳифз гардида, махфияти сирри бонкӣ таъмин карда мешавад. Сирри бонкӣ оиди интиқоли маблағҳо аз ҷиҳати амниятиву техникӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳофизат карда мешавад ва нисбати қонуншикан чораҳои таъсирасонии қонунӣ татбиқ карда мешавад.

Ҳангоми таҳлил кардан оиди мазуи зикргардида муаллиф чунин пешниҳодҳо менамояд:

Бонки миллии Тоҷикистон бояд системаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзиро бо техналогияҳои рақамӣ таъмин карда, то ин, ки шахсони номаълум бо роҳи осон натавонанд маблағҳои пулии муштариёни бонкро бе иҷозат ва ғайриқонунӣ ба худ интиқол диҳанд

Шахсоне, ки бо роҳи фиреб ба суратҳисоби бонкии муштарӣ даромада, маълумотҳои шахсӣ ва молиявии ӯро ҷиддан вайрон менамоянд, маблағҳои пулиашонро ғайриқонунӣ бо роҳи дуздию қаллобӣ аз они худ мекунанд дар қонунгузорӣ ҷавобгарии вазнин татбиқ карда шавад;

Дар системаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ усулҳо ва дастгоҳои нав ҷорӣ карда шавад то ин, ки эътиоди мизоҷон ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ кам нашавад;

Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо ширкатҳои сервери терминалҳо шартнома доранд соҳибони онҳоро назорат намоянд то ин, ки ғайриқонунӣ маълумот оиди суратҳисоби бонкӣ, рақами корти пластикӣ ифшо нагардад;

Сирри суратҳисоби бонкӣ истилоҳи маҳдуд буда, танҳо дар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонунгузорӣ бонк метавонад чунин маълумотҳоро ифшо намояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Шарифзода Ф.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Trend news agency. Таджикистан сообщает о росте числа платёжных операций. Таджикистан 15 сентября 2024 г. // [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: Trend news agency (дата обращения: 21.04.2025).

2. Банковское право : учебник для бакаларов / отв. ред. Л.Г. Ефимова, Д.Г. Алексеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2019. – С. 49 (автор главы – Л.Г. Ефимова).

3. Бюллетени оморӣ бонкӣ *Банковский бюллетень *Banking Blletin* 10 (363) Октябр 2025(363).

4. Гизатулин, Ф. Банк клиент не выдаст? // Бизнес-адвокат. – 2004. – 29 марта.

5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11.12.1999, № 884 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

6. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

7. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», шаҳри Душанбе, 23 майи соли 1998, №648 санаи 19.05.2009, №524 аз эътибор соқит дониста шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ш. Душанбе, 19.05.2009, № 524; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ», 26.07.2014, № 1108; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 29 марти соли 2009, № 290 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 феврали соли 2017, № 1397 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

11. Лисицына, Н.В. Банковская тайна как объект правового регулирования : автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – М., 2003. – 25 с.

12. Рассказова, Н.Ю. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Фидерации. Часть вторая (постатейный) / под ред. А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. – М., 2003. – С. 609-610

13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

14. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳо 2023-2037, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 482 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

15. Стратегияи рушди низоми пардохти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, № 679 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастарсӣ: Махзани мутамаркази

иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

БАНКОВСКИЙ СЧЕТ И ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ КАК ОБЪЕКТЫ ПРАВА НА БАНКОВСКУЮ ТАЙНУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: счет; перевод; секрет; банк; кредитные организации; клиенты; незаконный; конфиденциальность; безналичный.

Аннотация. В данной статье анализируется банковский счет и денежные переводы как объекты права на банковскую тайну. В ходе анализа основное внимание было уделено терминам «банковская тайна» и «денежные переводы» в соответствии с культурно-правовым законодательством и законодательством о банковской деятельности. Автор стремился еще больше подчеркнуть важность секретности банковского счета и денежных переводов в современной системе цифровизации.

Махмудов Рустам Насруллоевич – ассистент кафедры гражданского и экономического права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 988-81-81-88; E-mail: rustammahmudov90@mail.ru.

BANK ACCOUNT AND MONEY TRANSFERS AS OBJECTS OF THE RIGHT TO BANK SECRECY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: account; transfer; secret; bank; credit organizations; customers; illegal; confidentiality; non-cash.

Annotation. This article analyzes the bank account and money transfers as objects of the right to bank secrecy. During the analysis, the main focus was on the term banking secrecy and money transfers in accordance with cultural and legal legislation and legislation on banking activities. The author sought to further emphasize the importance of bank account secrecy and money transfers in the modern digitalization system.

Makhmudov Rustam Nasrulloevich – Assistant Professor at the Department of Civil and Economic Law at the Law Faculty of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 988-81-81-88. E-mail: rustammahmudov90@mail.ru

5.5.6. ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ

САНГИНЗОДА ДОНИЁР ШОМАҲМАД,
муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
Тел.: (+992) 980-85-07-07. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

ТДУ: 349.4

МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ ҶУБРОНИ ЗАРАРИ ЭКОЛОГӢ ДАР НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ ИСТИХРОҶИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ (МАЪДАН, НЕФТ, ГАЗ) ДАР ҲУДУДҲОИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ВА ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: зарари экологӣ; ҷуброни зарар; принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад»; масъулияти маъмурӣ; масъулияти мадании-ҳуқуқӣ; корхонаҳои истихроҷӣ; заминҳои кишоварзӣ; захираҳои обӣ; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақола ба мушкилоти ҳуқуқии ҷуброни зарари экологӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нефт, газ) дар ҳудудҳои захираҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он механизмҳои масъулияти маъмурӣ ва мадании-ҳуқуқӣ дар заминаи принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» таҳлил карда шудааст. Муаллиф асосҳои ҳуқуқии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва ҳифзи муҳити зистро баррасӣ намуда, мушкилоти ҷорӣ дар муайянкунии зарари воқеӣ, исботи робитаи сабабӣ ва ҷуброни онро ошкор менамояд. Дар мақола самтҳои такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла таҳияи методологияи ягонаи ҳисобкунии зарар, ҷорӣ намудани суғуртаи маҷбурии экологӣ, таъсиси Фонди миллии ҷуброни зарар ва афзоиши ҷавобгарии маъмурӣ пешниҳод карда шудаанд.

Масъалаи ҷуброни зарари экологӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нефт, газ) дар ҳудудҳои захираҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ яке аз мушкилоти мубрами ҳуқуқи замин, ҳуқуқи захираҳои табиӣ, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доро будани захираҳои ғании зеризаминӣ, аз ҷумла маъдани уран, нуқра, тилло, ангишт, инчунин захираҳои нафту газ, дар баробари рушди соҳаи истихроҷ бо мушкилоти ҷиддии экологӣ рӯбарӯ мебошад. Истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ бешубҳа ба заминҳои кишоварзӣ, захираҳои обӣ ва муҳити зист умуман таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин замина, механизмҳои ҳуқуқии ҷуброни зарари экологӣ ва масъулияти субъектҳои хоҷагидор аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, «ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҷуброни зарари экологӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионӣ буда, амалигардонии самараноки он ниёз ба

такмили доимии механизмҳои ҳуқуқӣ дорад»[398]. Дар ҳамин ҳол, дар амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон то ҳанӯз низоми самараноки ҷуброни зарари экологӣ, бахусус дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ, пурра ташаккул наёфтааст.

Дар шароити кунунӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад, масъалаи ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Зарари расонидашуда ба заминҳои кишоварзӣ боиси коҳиши ҳосилнокӣ ва таҳдид ба амнияти озуқаворӣ мегардад, дар ҳоле ки ифлосшавии захираҳои обӣ ба саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳалли ин мушкилот талаб мекунад, ки механизмҳои ҳуқуқии масъулияти маъмурӣ ва ҳуқуқи маданӣ дар заминаи принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» самаранок амалӣ карда шаванд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи истифодаи захираҳои зеризаминӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»[399] асоси ҳуқуқии омӯзиш, ҳифз ва истифодабарии сарватҳои зеризаминиро муқаррар намуда, муносибатҳоро дар ин соҳа танзим менамояд. Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, тартиби додани иҷозатномаҳо, назорати давлатӣ, ҳифзи қаъри замин ва масъулиятро барои вайрон кардани талаботҳои қонунгузорӣ муайян мекунад.

Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[400] асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ба муҳити зист равона шудааст. Ин қонун принсипҳои умумии ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад»-ро муқаррар менамояд.

Қонунгузории махсус, аз қабили Қонуни «Дар бораи ангишт»[401] ва Қонуни «Дар бораи нафт ва газ»[402], талаботҳои иловагӣ ва мушаххасро нисбат ба фаъолияти истихроҷ дар соҳаҳои ангишт, нафт ва газ муқаррар мекунанд. Ин санадҳо тартиби лицензиониро, меъёрҳои технологӣ ва талаботҳои экологӣ ҳангоми истихроҷро танзим менамоянд.

Бо вуҷуди мавҷудияти пойгоҳи қонунгузорӣ, тавре Кравсова Е.А. дуруст қайд мекунад, «меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқии ҷуброни зарари экологӣ аксар вақт хусусияти декларативӣ дошта, механизмҳои мушаххаси ҷубронро муқаррар намекунанд»[403]. Ин нукта хусусан дар ҳолати истихроҷи захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои ҳассоси экологӣ – заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои обӣ – аҳаммияти калон дорад.

---

[398] Кравцова Е.А. Нормативные механизмы обеспечения конституционного права на возмещение экологического вреда, причиненного экологическим правонарушением // Права человека: история, теория, практика : сб. науч. ст. XIII Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием. – Курск, 2025. — С. 103.

[399] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 983 «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[400] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[401] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012, № 870 «Дар бораи ангишт» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[402] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 № 1190 «Дар бораи нафт ва газ» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[403] Кравцова Е.А. Гарнтии возмещения экологического вреда // Устойчивое развитие регионов: опыт, проблемы, перспективы : сб. материалов Междунар. науч.-практ. конф. – М., 2017. – С. 631.

Мутобиқи моддаи 44 Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[404], корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар асоси кори самараноки иншоотҳои партовтозакунӣ, таҷҳизот ва воситаҳои назорат, безараргардонӣ ва истифодаи партови мустаъмал, гузаштан ба технология ва истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ бехавф меъёрҳои муқарраршудаи сифати муҳити зистро риоя мекунанд, оид ба ҳифз ва барқароркунии маҳсулнокии системаҳои экологии табиӣ, ҳифзи замин, хок, сарватҳои қаъри замин, об, ҳавои атмосфера, олами набототу ҳайвонот ва барқарорсозии захираҳои табиӣ тадбирҳо меандешанд. Ин меъёр асоси ҳуқуқии амалигардонии консепсияи «ифлоскунанда пардохт мекунад»-ро ташкил медиҳад ва барои корхонаҳои истихроҷӣ, ки ҳангоми фаъолиятҳои худ заминҳо ва обҳоро ифлос мекунанд, муҳим аст.

Дар Қонуни «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»[405] масъалаҳои омӯзиши геологии қаъри замин, ҳифзи захираҳо, тартиби истифодаи онҳо ва масъулият барои вайронкуниҳо муқаррар шудаанд. Қонун ҳуқуқи давлатро ба захираҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти моликияти давлатӣ эътироф намуда, истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳоро талаб мекунад. Ҳамзамон, дар Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[406] принсипҳои асосӣ, аз қабили ҳифзи гуногунии биологӣ, пешгирии ифлосшавӣ ва ҷуброни зарар, ҷойгоҳи махсус доранд.

Бо вуҷуди ин, дар амалия ҳангоми истихроҷи маъданҳо, нафт ва газ дар ҳудудҳои кишоварзӣ ва обӣ мушкилоти зиёде ба миён меоянд. Зарари экологӣ аксар вақт ҷамъшаванда буда, ба ҳосилнокии заминҳо, сифати обҳо ва саломатии аҳолӣ таъсири дарозмуддат мерасонад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии меъёрҳои Қонуни «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»[407] бо меъёрҳои Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[408] ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[409] зарурати объективӣ дорад.

Дар маҷмуъ, асосҳои ҳуқуқии ҷорӣ заминаи муайяне барои танзими муносибатҳо фароҳам меоранд, аммо барои ҳалли мушкилоти ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ такмили механизмҳои амалӣ, аз ҷумла методологияи дақиқи ҳисобкунии зарар ва масъулияти қатъӣ, зарур аст.

Принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» (Polluter Pays Principle – PPP) ҳамчун яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи экологӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст. Ин принсип муқаррар мекунад, ки шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ба муҳити зист зарар мерасонад, бояд тамоми хароҷотҳои марбут ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва ҷуброни оқибатҳои ифлоссозиро бар уҳда гирад. Принсип ҳадаф дорад, ки хароҷотҳои экологӣ аз ҳисоби

[404] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[405] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 983 «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[406] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[407] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 983 «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[408] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[409] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

иқтисодиёт «дарунӣ» (internalization) шуда, ифлоскунандаҳо ҳавасманд шаванд, ки фаъолияти худро тоза ва устувор созанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин принсип дар Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[410] инъикос ёфтааст. Мутобиқи меъёрҳои ин қонун, субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти онҳо ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, уҳдадоранд зарари расонидашударо ҷуброн намоянд. Ин меъёрҳо асоси ҳуқуқии татбиқи консепсияи мазкурро ташкил медиҳанд ва дар моддаҳои марбут ба масъулият ва пардохтҳо барои ифлоссозӣ зикр шудаанд.

Тавре Ибрагимова К.И. қайд мекунад, «принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар амалияи ҳуқуқӣ аксар вақт бо сабаби норасоии механизмҳои ҳуқуқии ҷуброн пурра амалӣ намешавад»[411]. Дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ин принсип ҳамчун принсипи умумӣ эътироф шудааст, аммо механизмҳои амалӣ (андозаи дақиқи ҷуброн, тартиби ҳисобкунӣ ва маҷбурият) ҳанӯз комил нестанд.

Дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нефт, газ) амалигардонии принсип бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мебошад. Зарари экологӣ дар ин соҳа аксар вақт хусусияти ҷамъшаванда дорад: ифлосшавии заминҳои кишоварзӣ бо моддаҳои кимиёвӣ ва радиоактивӣ, олудашавии захираҳои обӣ ва вайроншавии экосистемаҳо ҳатто пас аз қатъ шудани фаъолияти корхона зоҳир мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо муайян кардани ҳаҷми дақиқи зарар ва робитаи сабабӣ душвор аст.

Намунаи мусбати ҳалли масъалаҳо дар сатҳи давлатӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 143 «Дар бораи Барномаи солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани урандор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030»[412] мебошад. Ин барнома нишон медиҳад, ки ҳукумат кӯшиш мекунад, оқибатҳои ҷамъшудаи фаъолияти истихроҷи маъдани уранро бартараф намояд ва принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад»-ро дар амалия татбиқ кунад. Бо вуҷуди ин, барои ҳолатҳои ҷорӣ ва пешгирии зарари нав механизмҳои қатъӣ заруранд.

Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон[413] ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[414] принсип ба таври ғайримустақим инъикос ёфтааст. Ҷаримаҳои маъмурӣ (масалан, моддаи 147 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ифлос кардани замин) ва уҳдадории ҷуброни зарар дар доираи масъулияти ҳуқуқи маданӣ (моддаи 1189 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷанбаҳои иқтисодии принсипро амалӣ мекунанд. Аммо, тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, андозаи ҷаримаҳо ва пардохтҳо аксар вақт нисбат ба зарари воқеӣ хеле кам мебошанд ва пурра харочотҳои барқарорсозиро фаро намегиранд.

---

[410] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 № 760 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[411] Ибрагимова К.И. Проблемы возмещения экологического вреда // NovaInfo.Ru. – 2024. – № 141. – С. 57.

[412] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №143 «Дар бораи Барномаи солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани урандор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

[413] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[414] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

Дар маҷмуъ, консепсияи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон ҳамчун принсипи стратегӣ эътироф шудааст, аммо барои татбиқи пурраи он зарур аст, ки механизмҳои ҳисобкунии дақиқи зарар, суғуртаи маҷбурии экологӣ ва маҷбурияти ҷуброн такмил дода шаванд. Ин масъалаҳо хусусан дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои ҳассоси обӣ ва кишоварзӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон[415] механизмҳои асосии масъулияти маъмуриро барои вайронкуниҳои экологӣ, аз ҷумла ифлоссозии муҳити зист дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ (маъдан, нафт, газ) пешбинӣ мекунад. Қисми махсуси Кодекс бобҳои махсуси зеринро дар бар мегирад, ки бевосита ба соҳаҳои истифодаи замин, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист бахшида шудаанд:

- Боби 9. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин (моддаҳои 141–164);

- Боби 10. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ (моддаҳои 165–172);

- Боби 11. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои об (моддаҳои 173–179);

- Боби 14. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ (моддаҳои 215–244).

Моддаи 147 «Ифлос кардани замин» яке аз муҳимтарин меъёрҳо барои фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ мебошад. Дар он омадааст: «Барои бо моддаҳои кимиёиву радиоактивӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва обҳои партов, организмҳои бактериологию паразитӣ ва зараррасон ифлос кардани замин... ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бисту панҷ, ба шахсони мансабдор аз сию панҷ то чилу панҷ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз як саду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад»[416].

Моддаи 166 риоя накардани қоидаҳои муҳофизати сарватҳои зеризаминӣ ва муҳити табииро танзим намуда, барои вайронкуниҳои технологӣ ҳангоми истихроҷ ҷавобгарии маъмуриро муқаррар мекунад. Моддаҳои боби 11 барои ифлос кардани обанборҳо ва риоя накардани қоидаҳои истифодаи захираҳои об ҷазо пешбинӣ мекунанд. Дар боби 14, аз ҷумла моддаи 224, зиёда аз меъёр партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист ҷаримаҳои ҷиддӣ муқаррар шудааст.

Консепсияи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақим зикр нашудааст, аммо дар мазмуни ҷаримаҳои маъмурӣ инъикос меёбад. Ҷаримаҳо ҳамчун шакли пардохт барои зарари расонидашуда амал мекунанд. Мутобиқи моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозаи ҷарима барои шахсони ҳуқуқӣ метавонад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо расад. Бо вуҷуди ин, тавре Кравтсова Е.А. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, «масъулияти маъмурӣ ҳамчун воситаи пешгирии ҳуқуқвайронкунии экологӣ нақши муҳим дорад, аммо он наметавонад пурра зарари воқеии экологиро ҷуброн намояд»[417].

Дар амалияи ҳуқуқӣ андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбат ба зарари воқеии расонидашуда аз ҷониби корхонаҳои калонҳои истихроҷӣ хеле кам мебошад. Масалан,

[415] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[416] Ҳамин ҷо. – М. 147.

[417] Кравцова Е.А. Нормативные механизмы обеспечения конституционного права на возмещение экологического вреда, причиненного экологическим правонарушением // Права человека: история, теория, практика : сб. науч. ст. XIII Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием. – Курск, 2025. – С. 104.

мутобиқи Фармоиши Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[418], андозаи ҷуброни зарар барои буридани дарахтон ва буттаҳо муайян карда шудааст, аммо ин меъёрҳо барои ифлоссозии заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои обӣ дар натиҷаи фаъолияти истихроҷи маъдан, нефт ва газ кофӣ нестанд. Кодекс байни зарари «воқеӣ» ва «ҳисобӣ» фарқи возеҳ намегузорад: ҷавобгарии маъмурӣ барои худи ҳуқуқвайронкунӣ (амали ифлоскунанда) фаро мерасад, на аз рӯи ҳаҷми дақиқи зарари экологӣ.

Механизмҳои масъулияти маъмурӣ асосан ҷаримаи маъмурӣ ва дар ҳолатҳои ҷиддӣ бозdoшти фаъолиятро дар бар мегиранд. Ин чораҳо бештар ҳамчун ҷазо ва пешгирӣ хизмат мекунанд, на ҳамчун воситаи ҷуброни пурраи зарар. Барои корхонаҳои истихроҷӣ, ки метавонанд зарари бузурги экологӣ расонанд, чунин ҷаримаҳо ҳиссӣ набуда, ҳавасмандӣ барои риояи қоидаҳои экологӣ эҷод намекунанд.

Бо назардошти ин, барои баланд бардоштани самаранокии масъулияти маъмурӣ зарур аст, ки андозаи ҷаримаҳо афзоиш ёбад, мафҳуми «зарари ҳисобӣ» ҷорӣ карда шавад, ҷавобгарӣ барои такроран вайронкунӣ қатъӣ гардад ва ҷаримаҳои экологӣ ба фонди махсуси ҷуброни зарари экологӣ равона карда шаванд. Ин тағйиротҳо имкон медиҳанд, ки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ самараноктар амалӣ гардад.

Масъулияти ҳуқуқи маданӣ дар соҳаи ҷуброни зарари экологӣ аз ҷониби Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[419] танзим карда мешавад. Ин намуди масъулият ҳамчун воситаи асосии ҷуброни зарари воқеӣ барои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат амал мекунад ва бо принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» бевосита алоқаманд аст.

Асоси ҳуқуқии масъулияти ҳуқуқи маданӣ дар Боби 66 «Уҳдадориҳо бинобар расондани зарар» (моддаҳои 1189–1226) ҷойгир аст. Мутобиқи моддаи 1189 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Зараре, ки бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, давлат... расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад»[420]. Ин меъёр барои ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ заминаи умумиро фароҳам меорад.

Яке аз муҳимтарин меъёрҳо моддаи 1204 мебошад, ки масъулияти ҳуқуқи маданӣ барои фаъолияте, ки барои атрофиён хатари зиёдро ба миён меорад, муқаррар мекунад. Фаъолияти истихроҷи маъдан, нефт ва газ ба чунин намуди фаъолият дохил мешавад. Модда муқаррар мекунад, ки шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо бо хатари зиёд алоқаманд аст, агар исбот карда натавонанд, ки зарар дар натиҷаи неруи рафънопазир ё қасди ҷабрдида рух додааст, уҳдадоранд зарари расонидашударо ҷуброн намоянд. Ин ҳолати ҷавобгарии мутлақ (бе исботи гуноҳ)-ро барои корхонаҳои истихроҷӣ муқаррар мекунад.

Дар моддаи 14 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «зиён» (зарар) васеъ шарҳ дода шудааст: «Зиён хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида сарф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида сарф намояд, талаф ёфтан ё осеб

[418] Фармоиши Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2024, № 143 «Дар бораи Тартиб ва андозаи ҷуброни зарар барои буридани худсаронаи дарахту буттаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳифзи табиат ва захираҳои давлатӣ (ба ғайр аз боғҳои хоҷагидорӣ ва қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ)» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

[419] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[420] Ҳамин ҷо. – М. 1189.

дидани молу мулки он (хисороти воқеӣ), инчунин даромади гирифтанашудае, ки шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта)»[421]. Барои зарари экологӣ ин мафҳум имкон медиҳад, ки ҳам хароҷоти тозакунии замин ва об, ҳам арзиши ҳосили аздастрафта ва ҳам хароҷоти барқарорсозии экосистемаҳо ҳисоб карда шавад.

Бо вуҷуди ин, тавре Ковалчук О.П. ва Чикилдина А.Ю. қайд мекунанд, «проблемаи асосии ҷуброни зарари экологӣ дар таносуби меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ ва мадании ҳуқуқӣ мебошад, зеро зарари экологӣ хусусияти махсус дорад ва ҳамеша ба воситаи меъёрҳои умумии мадании ҳуқуқӣ ҷуброн карда намешавад»[422]. Ин мушкилӣ барои фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ, ки дар ҳудудҳои захираҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ амал мекунанд, хеле муҳим аст.

Максимова Е.А. ва Добринина И.А. иброз медоранд, ки «ҷуброни зарари экологӣ ҳамчун усули ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ниёз ба муайян намудани тартиби махсуси ҳисобкунии зарар дорад, зеро аксар вақт зарари экологӣ хусусияти дарозмуддат дошта, арзёбии он душвор мебошад»[423].

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин моддаи 1225 товони зарари маънавӣро пешбинӣ мекунад. Дар ҳолатҳои зарар ба саломатӣ аз манбаи хатари зиёд (аз ҷумла фаъолияти истихроҷӣ) зарари маънавӣ сарфи назар аз гуноҳ товон карда мешавад.

Бо вуҷуди мавҷудияти меъёрҳои умумӣ, дар амалия ҷуброни зарари экологӣ бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мешавад: душвории исботи робитаи сабабӣ байни фаъолияти корхона ва оқибатҳои экологӣ, набудани методологияи ягонаи ҳисобкунии зарари экологӣ ва дарозмуддат будани оқибатҳо (масалан, таъсири радиатсионӣ пас аз солҳо зоҳир мешавад).

Барои баланд бардоштани самаранокии масъулияти ҳуқуқи маданӣ ҳамчун воситаи ҷуброни зарари экологӣ зарур аст:

- таҳияи методологияи махсуси ҳисобкунии зарари экологӣ;

- ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти экологӣ барои корхонаҳои хатарнок;

- муқаррар намудани муҳлати даъвои махсус барои оқибатҳои дерзоҳири зарари экологӣ;

- пешбинӣ кардани ҷуброни зарар дар шакли аслӣ (рекультивацияи заминҳо, тозакунии обҳо).

Дар маҷмуъ, масъулияти ҳуқуқи маданӣ ҳамчун воситаи асосии ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷӣ ҳанӯз потенсиали пурраи худро истифода накардааст ва такмили он барои татбиқи самараноки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» зарур мебошад.

Яке аз мушкилоти асосӣ ва ҳалнашавандаи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нефт, газ) дар ҳудудҳои захираҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ муайян намудани асосҳои ҷуброн ва андозаи дақиқи зарари воқеӣ мебошад. Зарари экологӣ дар ин соҳа хусусияти махсус дорад: он аксар вақт дарозмуддат, ҷамъшаванда ва душвормуайян аст.

---

[421] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[422] Ковальчук О.П., Чикильдина А.Ю. Возмещение экологического вреда: проблема соотношения норм экологического и гражданского законодательства в Российской Федерации // Парадигмы управления, экономики и права. – 2020. – № 1. – С. 147.

[423] Максимова Е.А., Добрынина И.А. Возмещение экологического вреда как способ защиты экологических прав граждан // Вопросы гуманитарных наук. – 2018. – № 6 (99). – С. 99.

Тавре Гаврилова В.Д. қайд мекунад, «проблемаи асосии ҷуброни зарари экологӣ дар он аст, ки аксар вақт муайян кардани робитаи сababӣ байни фаъолияти корхонаи мушаххас ва оқибатҳои экологӣ хеле душвор аст»[424]. Дар Тоҷикистон ин мушкилӣ боз ҳам ҷиддитар аст, зеро истихроҷи маъданҳои урандор, тилло, нуқра ва ангишт бо партовҳои радиоактивӣ, кимиёвӣ ва механикӣ ҳамроҳ меояд, ки таъсири онҳо метавонад пас аз солҳо зоҳир шавад.

Михалева Н.В. дар таҳқиқоти худ оид ба таҷрибаи судҳои арбитражӣ қайд мекунад, ки «экспертизаҳои судии экологӣ оид ба парвандаҳои ҷуброни зарари экологӣ аксар вақт бо сабаби норасоии методологияи ягонаи муайянкунии зарар душвориҳои ҷиддиеро аз сар мегузаронанд»[425]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳолат ҳамин тавр аст. Фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зист «Дар бораи Тартиби муқаррар ва тасдиқ намудани андозаи пардохти маблағҳо барои ифлос кардани муҳити зист ва ҷойгиронии партовҳо»[426] ва «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист»[427] механизмҳои муайянкунии зарарро муқаррар мекунанд, аммо онҳо барои ҳисобкунии зарари воқеӣ (хисороти заминҳои кишоварзӣ, талафи ҳосил, олудашавии обҳои зеризаминӣ ва радиатсионӣ) кофӣ нестанд.

Тавре Протасов Р.С. иброз медорад, «механизмҳои мавҷудаи ҷуброни зарари экологӣ пурра талаботи консепсияи «ифлоскунанда пардохт мекунад»-ро қонеъ намегардонанд, зеро аксар вақт пардохтҳо нисбат ба зарари воқеӣ хеле кам мебошанд»[428]. Дар амалияи Тоҷикистон ин мушкилӣ бо чанд омилҳо вобаста аст:

1. Нобудани методологияи ягонаи миллии ҳисобкунии зарари экологӣ — ҳисоби зарар ба заминҳои кишоварзӣ (коҳиши ҳосилнокӣ, деградацияи хок) ва захираҳои обӣ (олудашавӣ бо моддаҳои кимиёвӣ ва радиоактивӣ) субъективӣ ва баҳснок мемонад.

2. Душвории исботи робитаи сababӣ – корхонаҳои истихроҷӣ аксар вақт даъво мекунанд, ки зарар аз омилҳои дигар (тағйири иқлим, фаъолияти дигар субъектҳо) ба вуҷуд омадааст.

3. Хусусияти дарозмуддати зарар – оқибатҳои ифлосшавии радиоактивӣ ё химиявӣ метавонанд пас аз 10–20 сол зоҳир шаванд, ки муҳлати даъвои маъмулии се соларо (моддаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз байн мебарад.

4. Масъулияти корхонаҳо ҳангоми барҳамдиҳӣ ё эътирофи ба нобудӣ расидани онҳо — тавре Якушева А.М. қайд мекунад, «дар амалияи ҳуқуқӣ ҳолатҳое мавҷуданд, ки

[424] Гаврилова В.Д. Некоторые проблемы возмещения экологического вреда в современном экологическом законодательстве // Дневник науки. – 2023. – № 5 (77). – [Электронный ресурс]. URL: https://www.dnevniknauki.ru/ (дата обращения: 06.04.2026).

[425] Михалева Н.В. Судебные экологические экспертизы по делам о возмещении вреда (ущерба), причиненного экологическими правонарушениями: анализ практики арбитражных судов // Теория и практика судебной экспертизы. – 2020. – Т. 15. – № 4. – С. 48.

[426] Фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2020, № 81 «Дар бораи Тартиби муқаррар ва тасдиқ намудани андозаи пардохти маблағҳо барои ифлос кардани муҳити зист ва ҷойгиронии партовҳо» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

[427] Фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2018 № 57 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

[428] Протасов Р.С. К вопросу применения гражданско-правовой ответственности за экологические правонарушения в рамках возмещения экологического вреда // Проблемы и перспективы развития государства и права в XXI веке : материалы XIII Всерос. науч.-практ. конф., посвящ. 60-летию Восточно-Сибирского государственного университета технологий и управления / под ред. И.А. Шаралдаевой. – Улан-Удэ, 2022. – С. 127.

корхонаҳои истихроҷӣ пас аз расонидани зарари ҷиддии экологӣ фаъолияти худро қатъ мекунанд ва ҷамъ кардани маблағи ҷуброн аз онҳо ғайриимкон мегардад»[429].

Ин мушкилотҳо боиси он мешаванд, ки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар амалия пурра амалӣ намегардад. Дар ҳолатҳои зиёд зарари воқеӣ ба ҳисоби давлат, аҳолӣ ё наслҳои оянда мегузарад, дар ҳоле ки корхонаҳои ифлоскунанда аз ҷавобгарӣ канорагирӣ мекунанд. Барои ҳалли ин мушкилоти ҳуқуқӣ зарур аст, ки дар қонунгузорӣ тағйироти ҷиддӣ ворид карда шавад: таҳияи методологияи ягонаи ҳисобкунии зарари экологӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи маҷбурии экологӣ, муқаррар намудани муҳлати даъвои махсус барои оқибатҳои дерзоҳир ва таъсиси механизми ҷавобгарии саҳмӣ барои якчанд корхонаҳо дар як ҳудуд.

Бо назардошти мушкилоти ҷорӣ дар муайянкунии зарари воқеӣ, механизмҳои нокифояи ҷуброн ва заифии амалигардонии принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад», такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нефт, газ) дар ҳудудҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ зарурати объективӣ ва афзалиятнок дорад.

Тавре Гейвандова Э.В. пешниҳод мекунад, «барои ҷуброни самараноки зарари экологӣ зарур аст, ки механизмҳои маҷбурии суғуртаи экологӣ барои корхонаҳои хатарнок, аз ҷумла корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ, ҷорӣ карда шаванд»[430]. Э.П. Юсупова таъкид менамояд, ки суғуртаи экологӣ ҳамчун яке аз самтҳои умедбахши ҳалли масъалаи ҷуброни зарари экологӣ метавонад нақши муҳим бозад[431]. Глазко П.П. ва Зайчук Г.И. пешниҳод мекунанд, ки «ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҷуброни зарари экологӣ бояд дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам карда шавад ва механизмҳои судии дастрас барои ҳифзи ин ҳуқуқ фароҳам оварда шаванд»[432].

Тавре Собянин А.А. қайд мекунад, «баланд бардоштани самаранокии механизми ҳуқуқии ҷуброни зарари экологӣ талаб мекунад, ки методологияи ягонаи муайянкунии зарари экологӣ таҳия ва қонунгузорӣ гардонида шавад»[433].

Дар заминаи таҳқиқоти мазкур, самтҳои асосии такмили қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд чунин бошанд:

1. Таҳия ва қабули методологияи ягонаи миллии муайянкунии зарари экологӣ. Зарур аст, ки дар Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[434] ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[435] меъёрҳои махсус ҷорӣ карда шаванд, ки усулҳои ҳисобкунии зарар ба заминҳои кишоварзӣ (коҳиши ҳосилнокӣ, деградатсияи хок), захираҳои обӣ (олудашавӣ бо

[429] Якушева А.М. Проблемы соотношения норм экологического и гражданского законодательства в части возмещения экологического вреда // Современная наука: актуальные вопросы, достижения и инновации : сб. ст. XXXV Междунар. науч.-практ. конф. – Пенза, 2024. – С. 119.

[430] Гейвандова Э.В. Возмещение экологического вреда как вид ответственности за экологические правонарушения // Фестиваль права: сб. тр. 4-го Всерос. образоват. форума / под ред. М.С. Трофимова. – М., 2018. – С. 180.

[431] Юсупова Э.П. Экологическое страхование как способ возмещения экологического вреда: перспективы и проблемы правового регулирования // Аллея науки. – 2016. – № 4. – С. 463-465.

[432] Глазко П.П., Зайчук Г.И. Право на возмещение экологического вреда в структуре экологических прав человека // Перспективы формирования конкурентоспособной научной модели Российской Федерации : сб. ст. по итогам Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием: в 2 ч. – Стерлитамак, 2025. – С. 170.

[433] Собянин А.А. Экологический вред: понятие и сущность, обеспечение эффективности действующего правового механизма возмещения экологического вреда // Закон и власть. – 2026. – № 1. – С. 96.

[434] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[435] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

моддаҳои кимиёвӣ ва радиоактивӣ) ва экосистемаҳо муайян карда шаванд. Ин методология бояд ҳам зарари воқеӣ ва ҳам зарари ҳисобиро дар бар гирад.

2. Ҷорӣ намудани суғуртаи маҷбурии экологӣ барои корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиии хатарнок. Ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[436] боби алоҳида оид ба суғуртаи ҳатмии масъулияти экологӣ илова карда шавад. Ин механизм имкон медиҳад, ки ҳатто дар ҳолати барҳамдиҳии корхона зарари экологӣ аз ҳисоби фондҳои суғуртавӣ ҷуброн карда шавад.

3. Таъсиси Фонди миллии ҷуброни зарари экологӣ. Ҷаримаҳои маъмурӣ ва пардохтҳои иловагӣ аз корхонаҳои истихроҷӣ ба ин фонд равона карда шаванд. Фонд метавонад барои барқарорсозии заминҳои зарардида, тозакунии обҳо ва амалҳои профилактикӣ истифода шавад.

4. Такмили Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Афзоиши назарраси андозаи ҷаримаҳо барои ифлоссозии муҳити зист (хусусан моддаҳои 147, 166, 224), ҷорӣ намудани ҷавобгарии такроран, муқаррар кардани мафҳуми «зарари ҳисобӣ» ва равона кардани ҷаримаҳо ба мақсадҳои экологӣ.

5. Ворид намудани меъёрҳои махсус ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои алоҳида оид ба хусусиятҳои ҷуброни зарари экологӣ, ҷуброни зарар дар шакли аслӣ (рекультивацияи заминҳо, тозакунии обҳо), муҳлати даъвои махсус барои оқибатҳои дерзоҳир ва ҷавобгарии саҳмӣ (ҳангоми якчанд корхона дар як ҳудуд) пешбинӣ карда шаванд.

Факеев П.С. иброз медорад, ки «барои ҳалли мушкилоти мавҷуда зарур аст, ки қонунгузорӣ дар соҳаи ҷуброни зарари экологӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои давлатҳо такмил дода шавад»[437].

Такмили қонунгузорӣ бояд ҳамоҳанг ва комплексӣ бошад: ҳамоҳангсозии меъёрҳои Қонуни «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»[438], Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[439], Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[440] ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Инчунин, зарур аст, ки механизмҳои назорати давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муайянкунӣ ва ҷуброни зарар тақвият дода шавад.

Амалигардонии пешниҳодҳои зикршуда имкон медиҳад, ки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» аз сатҳи декларативӣ ба сатҳи воқеӣ гузарад ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари рушди соҳаи истихроҷ таъмин карда шавад.

Таҳлили мушкилоти ҳуқуқии ҷуброни зарари экологӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ (маъдан, нафт, газ) дар ҳудудҳои захираҳои обӣ ва заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

---

[436] Ҳамин ҷо.

[437] Факеев П.С. Проблемы правового регулирования в сфере возмещения экологического вреда // Молодой ученый. – 2018. – № 11 (197). – С. 243. [Электронный ресурс]. URL: https://moluch.ru/archive/197/48865/ (дата обращения: 06.04.2026).

[438] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 983 «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[439] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

[440] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

1. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҷуброни зарари экологӣ, бо вуҷуди мавҷудияти меъёрҳои мушаххас дар Қонуни «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», Қонуни «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз самаранокии зарурӣ бархурдор нест. Принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» дар сатҳи меъёрҳои умумӣ эътироф шудааст, аммо механизмҳои муайянкунии зарари воқеӣ, ҳисобкунӣ ва ҷуброни он ноқис боқӣ мемонанд.

2. Масъулияти маъмурӣ, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст (аз ҷумла моддаҳои 147, 166, 224), наметавонад пурра зарари экологиро ҷуброн намояд. Андозаи ҷаримаҳо нисбат ба ҳаҷми воқеии зарари расонидашуда ба заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои обӣ хеле кам мебошанд ва бештар хусусияти ҷазой-пешгирикунанда доранд.

3. Масъулияти ҳуқуқи маданӣ ҳамчун воситаи асосии ҷуброни зарари экологӣ (моддаҳои 1189, 1204 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо сабаби душвории исботи робитаи сабабӣ, набудани методологияи ягонаи ҳисобкунии зарар ва хусусияти дарозмуддати оқибатҳои экологӣ самаранокии кофӣ надорад. Ин мушкилотҳо хусусан дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ зоҳир мешаванд.

4. Дар амалияи ҳуқуқӣ мушкилоти ҷиддӣ ба миён меоянд: муайян накардани ҳаҷми дақиқи зарари воқеӣ, масъулияти корхонаҳо ҳангоми барҳамдиҳӣ, набудани суғуртаи маҷбурии экологӣ ва суст будани назорати давлатӣ. Ин ҳолатҳо боиси он мешаванд, ки зарари экологӣ аксар вақт ба ҳисоби давлат, аҳолӣ ва наслҳои оянда мегузарад.

5. Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда зарур аст, ки қонунгузории миллии Тоҷикистон дар самтҳои зерин такмил дода шавад:

- таҳия ва қабули методологияи ягонаи миллии муайянкунии зарари экологӣ ба заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои обӣ;
- ҷорӣ намудани суғуртаи маҷбурии экологӣ барои корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиии хатарнок;
- таъсиси Фонди миллии ҷуброни зарари экологӣ;
- афзоиши андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ ва муқаррар кардани ҷавобгарии такроран;
- ворид намудани меъёрҳои махсус ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷуброни зарари экологӣ (ҷуброни аслӣ, муҳлати даъвои махсус, ҷавобгарии саҳмӣ).

Тавре Барбашова Н.В. дуруст қайд мекунад, «амалигардонии самараноки ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҷуброни зарари экологӣ нишондиҳандаи муҳими рушди ҳуқуқии давлат ва қобилияти он барои ҳифзи муҳити зист ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда мебошад»[441]. Мельник С.В. ва Малышева Н.А. низ таъкид мекунанд, ки «масъулияти суд дар ҳалли парвандаҳои экологӣ бояд дар асоси принсипҳои адолат, барқарорсозӣ ва пешгирии оқибатҳои манфии экологӣ амалӣ гардад»[442].

Дар маҷмуъ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҷуброни зарари экологӣ аз фаъолияти корхонаҳои истихроҷи захираҳои табиӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати экологӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Амалӣ намудани пешниҳодҳои мазкур имкон медиҳад, ки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» аз сатҳи декларативӣ ба сатҳи

[441] Барбашова Н.В. Особенности реализации права граждан на возмещение морального вреда, причиненного экологическим правонарушением // Права человека: история, теория, практика: сб. науч. ст. VIII Всерос. науч.-практ. конф. – Курск, 2019. – С. 22.

[442] Мельник С.В., Малышева Н.А. Моральная ответственность судьи при разрешении вопроса о возмещении экологического вреда // Правовая охрана окружающей среды: материальные и процессуальные аспекты : сб. ст. по материалам межвуз. Круглого стола (посвящается памяти профессора И.А. Соболя). — СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2016. – С. 219.

воқеӣ гузарад ва ҳифзи заминҳои ҳосилхез ва захираҳои обӣ ҳамчун арзишҳои стратегӣ таъмин карда шавад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З.

АДАБИЁТ:

1. Кравцова, Е.А. Нормативные механизмы обеспечения конституционного права на возмещение экологического вреда, причиненного экологическим правонарушением [Текст] / Е.А. Кравцова // Права человека: история, теория, практика : сб. науч. ст. XIII Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием. – Курск, 2025. – С. 103-106.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 983 «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 № 760 «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012, № 870 «Дар бораи ангишт» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 № 1190 «Дар бораи нафт ва газ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

6. Кравцова, Е.А. Гарнтии возмещения экологического вреда [Текст] / Е.А. Кравцова // Устойчивое развитие регионов: опыт, проблемы, перспективы: сб. материалов Междунар. науч.-практ. конф. – М., 2017. – С. 631-635.

7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

8. Ибрагимова, К.И. Проблемы возмещения экологического вреда [Текст] / К.И. Ибрагимова // NovaInfo.Ru. – 2024. – № 141. – С. 57-58.

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 143 «Дар бораи Барномаи солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани урандор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

10. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

11. Фармоиши Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2024, № 143 «Дар бораи Тартиб ва андозаи ҷуброни зарар барои буридани худсаронаи дарахту буттаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳифзи табиат ва захираҳои давлатӣ (ба ғайр аз боғҳои хоҷагидорӣ ва

қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ)» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

12. Ковальчук, О.П., Чикильдина, А.Ю. Возмещение экологического вреда: проблема соотношения норм экологического и гражданского законодательства в Российской Федерации [Текст] / О.П. Ковальчук, А.Ю. Чикильдина // Парадигмы управления, экономики и права. – 2020. – № 1. – С. 146-152.

13. Максимова, Е.А., Добрынина, И.А. Возмещение экологического вреда как способ защиты экологических прав граждан [Текст] / Е.А. Максимова, И.А. Добрынина // Вопросы гуманитарных наук. – 2018. – № 6 (99). – С. 98-101.

14. Гаврилова, В.Д. Некоторые проблемы возмещения экологического вреда в современном экологическом законодательстве [Текст] / В.Д. Гаврилова // Дневник науки. — 2023. – № 5 (77). – [Электронный ресурс]. URL: https://www.dnevniknauki.ru/ (дата обращения: 06.04.2026).

15. Михалева Н.В. Судебные экологические экспертизы по делам о возмещении вреда (ущерба), причиненного экологическими правонарушениями: анализ практики арбитражных судов [Текст] / Н.В. Михалева // Теория и практика судебной экспертизы. — 2020. – Т. 15. – № 4. – С. 47-55.

16. Фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2020, № 81 «Дар бораи Тартиби муқаррар ва тасдиқ намудани андозаи пардохти маблағҳо барои ифлос кардани муҳити зист ва ҷойгиронии партовҳо» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

17. Фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2018 № 57 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 06.04.2026).

18. Протасов, Р.С. К вопросу применения гражданско-правовой ответственности за экологические правонарушения в рамках возмещения экологического вреда // Проблемы и перспективы развития государства и права в XXI веке: материалы XIII Всерос. науч.-практ. конф., посвящ. 60-летию Восточно-Сибирского государственного университета технологий и управления / под ред. И.А. Шаралдаевой. – Улан-Удэ, 2022. – С. 125-130.

19. Якушева, А.М. Проблемы соотношения норм экологического и гражданского законодательства в части возмещения экологического вреда [Текст] / А.М. Якушева // Современная наука: актуальные вопросы, достижения и инновации: сб. ст. XXXV Междунар. науч.-практ. конф. – Пенза, 2024. – С. 117-121.

20. Гейвандова, Э.В. Возмещение экологического вреда как вид ответственности за экологические правонарушения [Текст] / Э.В. Гейвандо // Фестиваль права: сб. тр. 4-го Всерос. образоват. форума / под ред. М.С. Трофимова. – М., 2018. – С. 179-181.

21. Юсупова, Э.П. Экологическое страхование как способ возмещения экологического вреда: перспективы и проблемы правового регулирования [Текст] / Э.П. Юсупова // Аллея науки. – 2016. – № 4. – С. 463-465.

22. Глазко, П.П., Зайчук, Г.И. Право на возмещение экологического вреда в структуре экологических прав человека [Текст] / П.П. Глазко, Г.И. Зайчук // Перспективы формирования конкурентоспособной научной модели Российской Федерации: сб. ст. по

итогам Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием: в 2 ч. – Стерлитамак, 2025. – С. 168-172.

23. Собянин, А.А. Экологический вред: понятие и сущность, обеспечение эффективности действующего правового механизма возмещения экологического вреда [Текст] / А.А. Собянин // Закон и власть. – 2026. – № 1. – С. 94-97.

24. Факеев, П.С. Проблемы правового регулирования в сфере возмещения экологического вреда // Молодой ученый. – 2018. – № 11 (197). – С. 242-244. – [Электронный ресурс]. URL: https://moluch.ru/archive/197/48865/ (дата обращения: 06.04.2026).

25. Барбашова, Н.В. Особенности реализации права граждан на возмещение морального вреда, причиненного экологическим правонарушением [Текст] / Н.В. Барбашова // Права человека: история, теория, практика: сб. науч. ст. VIII Всерос. науч.-практ. конф. – Курск, 2019. – С. 19-23.

26. Мельник, С.В., Малышева, Н.А. Моральная ответственность судьи при разрешении вопроса о возмещении экологического вреда [Текст] / С.В. Мельник, Н.А. Малышева // Правовая охрана окружающей среды: материальные и процессуальные аспекты : сб. ст. по материалам межвуз. Круглого стола (посвящается памяти профессора И.А. Соболя). – СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2016. – С. 217-221.

ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ВОЗМЕЩЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ВРЕДА В РЕЗУЛЬТАТЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ ПО ДОБЫЧЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ (РУДЫ, НЕФТИ, ГАЗА) НА ТЕРРИТОРИИ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ И СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: экологический вред; возмещение вреда; принцип «загрязнитель платит»; административная ответственность; гражданско-правовая ответственность; добывающие предприятия; сельскохозяйственные земли; водные ресурсы; законодательство Республики Таджикистан.

Аннотация. Статья посвящена правовым проблемам возмещения экологического вреда в результате деятельности предприятий по добыче природных ресурсов (руд, нефти, газа) на территории водных ресурсов и сельскохозяйственных земель в Республике Таджикистан. В ней анализируются механизмы административной и гражданско-правовой ответственности в контексте принципа «загрязнитель платит». Автор рассматривает правовые основы использования недр и охраны окружающей среды, выявляет актуальные проблемы определения реального вреда, доказывания причинно-следственной связи и его возмещения. В статье предлагаются направления совершенствования законодательства, в том числе разработка единой методологии исчисления экологического вреда, введение обязательного экологического страхования, создание Национального фонда возмещения экологического вреда и усиление административной ответственности.

Сангинзода Дониёр Шомахмадович – заместитель директора Института изучения проблем государств Азии и Европы АМИТ по науке и учебе, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор. Тел.: (+992) 980-85-07-07; E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru.

LEGAL PROBLEMS OF COMPENSATION FOR ENVIRONMENTAL DAMAGE RESULTING FROM THE ACTIVITIES OF NATURAL RESOURCE EXTRACTION ENTERPRISES (MINERALS, OIL, GAS) IN THE TERRITORY OF WATER RESOURCES AND AGRICULTURAL LANDS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: environmental damage; compensation for damage; «polluter pays» principle; administrative liability; civil liability; extractive enterprises; agricultural lands; water resources; legislation of the Republic of Tajikistan.

Annotation. The article is devoted to the legal problems of compensation for environmental damage resulting from the activities of enterprises extracting natural resources (minerals, oil, gas) in the territories of water resources and agricultural lands in the Republic of Tajikistan. It analyzes the mechanisms of administrative and civil liability in the context of the «polluter pays» principle. The author examines the legal foundations for the use of subsoil resources and environmental protection, identifies current problems in determining actual damage, proving causation, and its compensation. The article proposes directions for improving legislation, including the development of a unified methodology for calculating environmental damage, the introduction of mandatory environmental insurance, the establishment of a National Environmental Damage Compensation Fund, and the strengthening of administrative liability.

Sanginzoda Doniyor Shomakhmad – Deputy Director for Science and Education of the Institute for the Study of Asian and European States under the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law at the Faculty of Law of the Tajik National University, Doctor of Law, Professor.
Phone: (+992) 980-85-07-07. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

КАРИМЗОДА КАРИМ МУИНИДДИН,
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 92-951-14-77. E-mail: karimiyon1995@mail.ru

ТДУ: 349.4

МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶАНГАЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон; мутобиқсозии санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия; ҳифзи ҷангал; муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷангал.

Аннотатсия. Бо қабули Конститутсияи нав Ҷумҳурии Тоҷикистон масир ва ҳадафи минбаъдаи давлату давлатдории худро муайян сохта, ба ташаккули низоми мукаммали ҳуқуқии миллӣ заминаи воқеӣ фароҳам намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошад, нияту ормонҳо ва мақсаду мароми халқи моро инъикос намояд ва миллати тоҷикро дар арсаи байналмиллалӣ муаррифӣ намояд. Мутобиқсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои марказии илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин тарзи ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ танзим гардидааст. Дар ин радиф, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар 28 декабри соли 2023 вобаста муҳимияти Конститутсияи ҷумҳуриямон чунин зикр намуданд, ки «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад»[443].

Дар ин заимна, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳо оиди ҷангал ба ҳисоб меравад.

Ҷангал яке аз унсурҳои муҳимми муҳити зист ба ҳисоб рафта, дар таъмини ҳаёти солим нақши муҳим дорад ва функсияҳои махсуси экологиро иҷро менамояд. Он барои тоза намудани ҳавои атмосфера, паст намудани ҷараёни эрозияшавӣ ва биёбоншавии

[443] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2024 // [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: URL: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026)

заминҳо, ҳифз ва зиёд намудани захираҳои об, муҳайё намудани шароити зист ва афзун гардонидани шумораи олами ҳайвонот, мусоидат менамояд[444].

Яке аз соҳаҳои махсуси ҳуқуқ ин ҳуқуқи ҷангал мебошад, ки ба сифати сарчашмаи асосии он Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Соҳаи мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба истифода, ҳифз, барқарорсозӣ ва идоракунии ҷангал ба танзим медарорад.

Ба объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷангал фонди ягонаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла заминҳои холии фонди давлатии ҷангал, захираҳо ва хосиятҳои фоиданоки ҷангал новобаста ба истифодабарандагон дохил мешаванд. Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷангал бо дарназардошти аҳаммияти бисёрҷабҳаи ҷангал, инчунин эътироф кардани он ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ дар хоҷагии ҷангал истифода ва ҳифз карда мешаванд[445].

Давлат мақсад ва моҳияти сиёсати худро барои қонеъ гардонидан манфиатҳои халқи худ амалӣ менамояд. Бо ин назардошт, дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад»[446].

Мутобиқи талаботи моддаи зикргардида, замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат ба ҳисоб мераванд. Давлат истифодаи онҳоро барои қонеъсозии талаботи шаҳрвандон мавриди истифодабарӣ қарор медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олами наботот ва дигар неъматҳои табиӣ ба сифати дастоварди тамоми халқ эътироф карда шуда, он ба манфиати халқи Тоҷикистон истифода бурда мешавад[447].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиндагӣ дар шароити мусоид барои ҳаёт ва саломатӣ, истифода аз неъматҳои он, ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият, ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта ҳуқуқдоранд. Бинобар ин, ҳифзи табиат, аз ҷумла фонди ҷангал вазифаи конститутсионии ҳар шахс мебошад. Фонди ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо таҳти таъсири манфии омилҳои субъективӣ ва объективӣ, ҳамчунин зери таҳдиди ҳодисаҳои офатҳои табиӣ, техногенӣ ва инсонӣқарор дорад. Бо ҳамин сабаб зарурати ҳифз ва ҳимояи ҷангал ба миён меояд.

Бинобар ин муносибати эҳтиёткорона нисбат ба неъматҳои табиӣ на танҳо таъмини тарзи солими ҳаёт, балки кафолатҳои ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳаёти солим мебошад.

Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфт ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф қабул карда шуданд. Ҳануз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 июни соли 1993 қабул карда шуда буд, ки барои танзими муносибаҳои

---

[444] Тафсири Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Баҳриддинзода С.Э. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 3.

[445] Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал / зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 103.

[446] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.

[447] Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 144.

ҷангал заминаи воқеӣ гузошта буд. Дар дебочаи он зикр гардида буд, ки Кодекси мазкур муносибатҳои ҷангалдориро танзим менамояд ва мақсад аз он фароҳам овардани шароити истифодаи оқилонаи ҷангал, ҳифзи он нигаҳдорӣ ва беҳ гардонидани муҳити табиат, истеҳсоли маҳсулоти ҷангал ва кишоварзӣ мебошад[448].

Яке аз афзалиятҳои асосии Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистони 24 июни соли 1993 қабул карда шуда дар он зоҳир мегардид, ки аллакай то қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷангалро ҳамчун моликияти истисноии давлат эътироф намуда буд. Аммо бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳуқуқии миллӣ комилан ба марҳиллаи нав қадам ниҳод, ки дар ин замина 2 августи соли 2011 Кодекси ҷангали Ҷуҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти ҷангал танзим намуда истодааст. Кодекси мазкур нисбат ба кодекси қаблӣ аз ҳар ҷиҳат такмилёфта аст. Аз ҷумла дар моддаи якуми он мафҳумҳои асосӣ оварда шудааст, ки дар кодекси пешин вуҷуд надошт.

Дар ташаккул, танзим ва ҳифзи муносибатҳои ҷангал нақши қонунҳои соҳавӣ низ назаррас мебошад. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» аз 17.04.2004 таҳти №31, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 01.03.2005 таҳти №88, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъи растанӣ» аз 29.12.2010 таҳти №679, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда» аз 26.12.2011 таҳти №788, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» аз 16.04.2012 таҳти №817ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 02.08.2011 таҳти №760 дар таҳким ва танзими муносибатҳои ҷангал нақши бориз гузоштаанд.

Инчунин дар танзими муносибатҳои ҷангал нақши санадҳои меъёрии зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ бараъло мушоҳида мегардад. Дар соҳаи ҳифз ва ҳимояи давлатии ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори махсус Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Хоҷагии ҷангал қисми муҳими иқтидори табиӣ-захиравии ҷумҳурӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои пешгирии биёбоншавӣ ва нигоҳдории гуногунии биологӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи камҷангали Осиёи Марказӣба ҳисоб меравад. Қариб 3 фоизи ҳудуди Тоҷикистонро ҷангал ташкил медиҳад.

Аз ҷониби Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишҳои зерин: а) аз «30» июни соли 2016 таҳти № 72 «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби гузаронидани мониторинги давлатии ҷангал»; б) аз «20» июли 2016 № 79 «Дар бораи тасдиқ намудани Низоми ягонаи кадастри давлатии ҷангал»; в) аз 3 октябри соли 2016 № 105 «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои дарахтбурии асосӣ ва фосилавӣ дар ҷангал»; г) аз 8 ноябри соли 2016 № 111. «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии ҳуқуқи истифодаи ҷангал» бароварда шудааст.

Нақши ҳуҷҷатҳои барномавӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои ҷангал назаррас аст. Аз ҷумла, Барномаи рушди соҳаи ҷангал барои солҳои 2022-2026, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №149, Барномаи давоатии Кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи то соли 2040, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29. июни соли 2024 таҳти №374, Барномаи рушди парвариши павлония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми

[448] Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 1993 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

июни соли 2023 таҳти №245 қабул гардида, дар таҳким ва танзими муносибатҳои ҷангал мусоидат намуда истодаанд.

Масъалаи ҳифзи ҷангал яке аз масъалаҳои асосии ҷаҳони имрӯза гардидааст. Зеро дар натиҷаи муносибати бераҳмонаи инсон нисбат ба табиат дар тӯли чандин асрҳо ба хароб гаштани захираҳои ҳаётан муҳим оварда расонд. Мувофиқи оморҳои расмӣ, дар сайёра ҳар сол дар натиҷаи сӯхтор ҳазорҳо гектар ҷангалзор сӯхта нобуд мегарданд, ки боиси камшавӣ ва несту нобуд гардидани ин намуди боигарии табиӣ мегардад. Бо ин мақсад, зарурати ҳифзи ҷангалҳо дар шароити имрӯза тақозои замон мебошад ва зарур аст, ки чунин ҳифзнамоӣ дар асоси қонун сурат гирад.

Назорати давлатии ҳолат, истифода, барқарорсозӣ, нигоҳубин ва ҳифзи ҳамаи ҷангал (ҷангалҳои аҳаммияти давлатидошта, ҷангалҳои колхозӣ, ҷангалҳои ҳоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷангалҳои тобеи вазорату идораҳо, ҷангалҳои шаҳрӣ) аз тарафи Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар якҷоягӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои ба сохторҳои онҳо дохилшаванда, ин-чунин Ҳукуматҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ ва мақомоти иҷроия ва идораи онҳо тибқи салоҳияташон амалӣ карда мешавад.

Бо баробари мавриди танзим қарор гирифтани муносибатҳо оиди ҷангал дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ аз ҷумла, Кодекси амалкунандаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқати бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида карда мешавад.

1. Чуноне ки ба мо маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои камҷангали сайёра ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳвандон оид ба истифода ва ҳифзи ҷангал ва дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани меъёри алоҳида оид ба ин масъала ба манфиати кор хоҳад буд.

2. Зимни ифодаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои имлои забони давлатӣ риоя карда мешаванд. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудаанд. Дар он аз ҷумла зикр мешавад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ таҳия карда мешаванд. Аммо дар Кодекси амалкунандаи ҷангали Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар калимаҳои «уҳдадорӣ», «Шуро», «маҷмуъ», «муҳлат» ва ғайраҳо қоидаҳои зикргардида риоя нагардидаанд. Хуб мешуд ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса дода шавад.

Муқарриз: н .и. ҳ., дотсент Қодирзода М.А.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 136 с.

2. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 1993 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 20.03.2026).

4. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – 520 с.

5. Тафсири Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Баҳриддинзода С.Э. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 650 с.

6. Соҳибзода, М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал / зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 402 с.

ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЛЕСНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан; Лесной кодекс Республики Таджикистан; адаптация нормативного правового акта к Конституции; охрана лесов; правовые отношения в отношении лесов.

Аннотация. С принятием новой Конституции Республика Таджикистан определила дальнейший путь и цель своего государства и государственности и создала реальную основу для формирования всеобъемлющей национальной правовой системы. Конституция Республики Таджикистан смогла выразить интересы таджикского народа, отразить намерения, чаяния и цели нашего народа и достойно представить таджикский народ на международной арене. В соответствии с Конституцией Республики Таджикистан, Лесной кодекс Республики Таджикистан является одним из центральных вопросов юридической науки.

Каримзода Карим Муиниддин – ассистент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Тел.: (+992) 92-951- 4-77. E-mail: karimiyon1995@mail.ru

THEORETICAL AND LEGAL ISSUES OF FORMATION OF FOREST LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: Constitution of the Republic of Tajikistan; Forest Code of the Republic of Tajikistan; adaptation of a normative legal act to the Constitution; protection of forests; legal relations in relation to forests.

Annotation. With the adoption of the new Constitution, the Republic of Tajikistan has defined the further path and purpose of its State and statehood and has created a real basis for the formation of a comprehensive national legal system. The Constitution of the Republic of Tajikistan was able to express the interests of the Tajik people, reflect the intentions, aspirations and goals of our people and represent the Tajik people in the international arena. In accordance with the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Forest Code of the Republic of Tajikistan is one of the central issues of the legal sciences.

Karimzoda Karim Muiniddin – Assistant Professor at the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics. Phone: (+992) 92-951- 4-77. E-mail: karimiyon1995@mail.ru

РАҲИМ ЗАФАР ҲАКИМ,
унвончӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми директори Маркази ҷумҳуриявии
экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918-85-40-49.

ТДУ: 349.6

МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: мафҳум; назорат; контрол; назорати давлатӣ; назорати экологӣ; ҳуқуқи маъмурӣ; идоракунӣ; мақомоти давлатӣ; ҳифзи муҳити зист; функсия; санҷиш; қонунгузорӣ; истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ; риояи меъёрҳои бехатарии экологӣ; таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур мафҳум ва намудҳои назорати давлатӣ дар идоракунии ҳифзи муҳити зист мавриди таҳлили маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Моҳият ва хусусиятҳои назорати давлатӣ дар идоракунии ҳифзи муҳити зист муайян ва дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил масъалаи мазкур мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шудааст.

Дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ яке аз вазифаҳои асосӣ, амалинамоии контрол ва назорат дар ҷараёни идоракунӣ ва танзимнамоии соҳа бо мақсади ошкорсозӣ ва рафъи мушкилиҳо дар иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ аз тарафи субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад.

Ҳаминро бояд хотирнишон сохт, ки яке аз масъалаҳои муҳим барои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ин назорати давлатии истифодабарии дурустӣ сарватҳои табии мебашад.

Вобаста ба истифодаи истилоҳи «назорат» ва «контрол» дар ҳуқуқи маъмурӣ баҳси илмӣ дар ҳамбастагиву тафовут вуҷуд дорад. Нисбат ба мафҳуми «назорат (надзор)» ва «контрол (контроль)» се ҳолати асосии маънидодкунӣ аст. Якум, назорат ва контрол якхела фаҳмида мешавад. Дуюм, контрол ҳамчун як намуди назорат фаҳмида мешавад. Саввум, назорат боз ҳамчун як намуди контрол фаҳмида мешавад. Ба ғайр аз он, контрол ва назорат баъзан вақт ҳамчун функсияи алоҳидаи ҳокимиятӣ дониста мешаванд[449].

Нуқтаи назари якчанд олимон баъзан вақт куллан фарқ мекунад, бисёр вақт як намуди фаъолият мумкин аст ҳам назорат ва ҳам контрол ҳисобида шавад. Дар фаҳмиши моҳияти ҳуқуқии ин мафҳумҳо, айни ҳол шакл ва усулҳои ягонагии он вуҷуд надорад.

Дар назария ва амалияи маъмурӣ мафҳуми «контрол» ва «назорат» васеъ истифода бурда мешавад. Муайян кардани мафҳуми аниқтари контрол ва функсияи асосии он, муқаррар намудан ва минбаъд бартараф намудани норасогиҳо ва ё камбудиҳои фаъолияти идоракунӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки контрол дар илми ҳуқуқ ё ба сифати функсияи идоракунии давлатӣ, ё ин ки ба сифати фаъолияти махсуси мақомоти алоҳидаи давлатӣ

[449] Андреева Ю.А. К вопросу о соотношении понятий «контроль» и «надзор» // Административное право и процесс. – 2009. – № 2. – С. 6-8; Нестеров А.В. Философия контроля и надзора // Компетентность. – 2005. – № 3. – С. 3-13.

фаҳмида мешавад[450]. Контрол ҳамчун функсияи мустақил мумкин аст ҳамчунин дар аспекти назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ аз болои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ фаҳмида шавад. Ба ғайр аз ин контрол ба сифати тарзи таъмини қонуният ва тартибот маънидод карда мешавад[451].

Дар идоракунӣ контрол (аз фаронсавӣ controle – контрол)[452] ҳамчун функсияи таҳлилии (аналитикӣ) идоракунӣ, ки бо худ амалӣ намудани маҷмуи чораҳои тафтишӣ ҳангоми таҳия, қабул ва иҷроиши қарорододҳои идоракунӣ ва ҳамчунин тафтиши ҳолати фаъолияти ташкилот, кормандони он, ки аз тарафи мақомоти босалоҳият ва ё шахси мансабдори алоҳида гузаронида мешавад, фаҳмида мешавад.

Низоми контрол ба таъмини корҳои мураттаби дастгоҳҳои идоракунӣ, баланд бардоштани натиҷанокӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои инкишофи беҳтарини сохторҳо, инчунин, равандҳо бо назардошти динамикаи тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ дар ҷамъият равона карда шудааст[453].

Мақсади контрол на танҳо ошкор кардани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, мукаммалгардонии фаъолияти субъекти санҷишшаванда мебошад. Вобаста ба ин, дар контрол самти юрисдиксионӣ, ки аз ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани меъёри ҳуқуқ ва тартиботи муқарраршудаи фаъолияти идоракунӣ бармеояд, инчунин, самти мусбӣ (позитивный), ки аз расонидани ёрӣ ба субъекти санҷишшаванда барои таъсис ва амалӣ намудани фаъолият бармеояд, ҷудо кардан мумкин аст.

Ба вазифаҳои контрол дохил мешавад:

- муайян кардани ҳолати воқеии фаъолияти коллектив;

- баҳодиҳӣ ба сифат ва саривақт иҷро кардани дастурҳои роҳбар, иҷроиши дигар уҳдадориҳои функсионалии субъекти санҷишшаванда;

- огоҳкунӣ барои камбудиҳо ва хатоҳисобкуниҳо дар рафти амалӣ намудани фаъолияти хизматии ташкилот (сохторҳои дохилӣ, кормандон)-и санҷишшаванда, ошкоркунии шароит ва сабабҳои онҳоро ба вуҷудоваранда ва коркардаи пешниҳодҳо барои пешгирӣ ва бартараф кардани онҳо;

- муайян намудани захира ва имкониятҳои нав дар фаъолияти ташкилот;

- муайян намудани таҷрибаи мусбии ҳалли вазифаҳои идоракунӣ бо назардошти ҳолати мавҷуда, ошкор кардани захираҳои имконпазиру истифоданашуда ва имконияти истифода бурдани онҳо бо мақсади ҷамъбаст ва паҳн кардани ин гуна таҷриба, мукаммалгардонии фаъолияти ташкилот;

- ҳангоми контрол аз рӯйи натиҷаи он ба мақомот (сохторҳо, кормандон)-и санҷишшаванда пешниҳод намудани ёрии мушаххаси амалӣ барои мукаммалгардонии фаъолияти онҳо ва баланд бардоштани натиҷанокии он;

- аз рӯйи натиҷаҳои контрол баҳо додан ба кори мақомот (сохтор ва кормандон)-и санҷишшаванда, мувофиқатии шахсони мансабдори муайян ба мансабҳои муайяни ишғолкардаашон, коркарди пешниҳодҳо (ҳангоми зарурият) барои боз ҳам беҳтар истифода бурдани кормандони мақомоти (сохтори) санҷишшаванда ё сабукдӯш кардани онҳо аз мансабҳои ишғолкардаашон;

- ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон.

---

[450] Акопов Л.В. Контроль в управлении государством: дис. ... д-ра.юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2006. – С. 9.

[451] Манохин В.М., Адушкин Ю.С. Российское административное право: учебник. – Саратов. 2003. – С. 242; Алехин А.П., Кармолицкий А.А., Козлов Ю.М. Административное право Российской Федерации: учебник. – М., 2001. – С. 297; Габричидзе Е.И., Чернявский А.Г. Административное право Российской Федерации: учеб. для вузов. – М., 2001. – С. 311.

[452] Князев С.Н. Управление: искусство, наука, практика: учебное пособие / С.Н. Князев. – Мн.: Армита Маркетинг. Менеджмент. 2002. – С. 84.

[453] Князев С.Н. Асари ишорашуда.

Ба ақидаи баъзе муаллифон, фарқияти назорат аз контрол дар он аст, ки назорат ҳама вақт нисбат ба объектҳои дигар низом амалӣ карда мешавад, контрол бошад, мумкин аст дар дохили низоми худ низ ба роҳ монда шавад, масалан худсанҷишкунӣ.

Козлов Ю.М. қайд кардааст, ки «назорат ин фаъолияти махсуси идоракунии соҳавии сохтори давлатӣ буда, барои гузаронидани санҷиш аз болои иҷроиши қоида ва талаботҳои махсус, ки бо қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва дастурамалҳои худи мақомоти давлатӣ мустаҳкам карда шудаанд»[454].

Назорат – ин воситаи ташкилӣ-ҳуқуқии таъмини қонуният дар давлат, мушоҳидаи риояи аниқи меъёрҳои қонунгузорӣ, фаъолияти махсуси мақомоти давлатӣ дар огоҳкунӣ, ошкоркунӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидан, мебошад.

Назорат дар идоракунии давалатӣ, одатан, ба ду намуд тақсим мешавад: якум, назорати прокурорӣ аз болои риояи қонуният; дуюм, назорати маъмурии мақомоти махсуси ваколатдор.

Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ хусусиятҳои хоси фарққунандаи назорат ва контрол муайян карда шудааст:

- дар фарқият аз мақомоти контрол, мақомоти назоратбаранда ваколати санҷиш кардани фаъолияти субъектҳои ба онҳо тобеъ набударо доранд;

- дар фарқият аз матлаби назорат, матлаби контрол на танҳо қонуният, балки фаъолияти натиҷабахш ва судманд низ мебошад;

- ҳангоми амалӣ намудани функсияи назорат нисбат ба субъектони гунаҳкор меъёрҳои на интизомӣ, балки меъёрҳои маъмурӣ қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр, контрол ва назорат – ҷузъи муҳими танзимнамоии муносибатҳои маъмурӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмин намудани қонуният дар фаъолияти субъектон равона карда мешавад.

Маълум мегардад, ки контрол ва назорат ҳамчун атрибути маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист ва функсияҳои мустақили онҳо баромад карда метавонад. Аммо таҳлил нишон медиҳад, ки имрӯз дар қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳавои фазоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва дигар қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ ба ҷойи мафҳуми контрол ва назорат як маҳфум, назорат оварда шудааст. Ба монанди назорати экологӣ, ки моҳиятан ҳам маънои контрол ва ҳам маънои назоратро ифода мекунад.

Дар адабиёти илмӣ назорати экологӣ ҳамчун низоми намудҳои назорат, ҳамчун функсияи идоракунии экологӣ (маҷмуи амалҳои ба даст овардани маълумот, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи онҳо барои қабули қарори идоракунии экологӣ бо мақсади муайян), ҳамчун кафолат (воситаи таъмини татбиқи функсияҳои дигари идоракунии экологӣ, унсури механизми иқтисодии ҳалли масъалаҳои экологӣ), ҳамчун шакли ҳуқуқии фаъолият (низоми амалҳо оид ба таъмини татбиқи қонунгузорӣ дар бораи амнияти экологӣ, ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ ва ғайра) фаҳмида мешавад[455].

Ба андешаи М.Х. Вахаева яке аз механизмҳои самараовари идоракунии соҳавии давлатии ҳифзи муҳити зист дар амалинамоии назорат ва контрол ифодаи худро меёбад[456].

[454] Административное право / под ред. Ю.М. Козлова. – М., 1968. – С. 289.

[455] Экологическое право: учебник для академического бакалавриата / под ред. С.А. Боголюбова. – 5-е изд., прераб. и доп. – М.: Юрайт, 2016. – С. 101.

[456] Круглый стол «Правовые проблемы государственного, муниципального и иных видов экологического контроля» // Экологическое право. – 2008. – № 4. – С. 36.

Назорати экологӣ ҳамчун вазифаи идоракунии муҳити зист ин низоми чорабиниҳо оид ба ҷамъоварии маълумот дар бораи объектҳои назоратшаванда, коркард, арзёбӣ ва интиқоли он барои қабули қарорҳои идоракунӣ бо мақсадҳои пешакӣ муайяншуда мебошад. Назорати экологӣ ҳамчун кафолати фаъолияти экологӣ роҳи таъмини иҷрои тамоми дигар вазифаҳои идоракунии муҳити зист, унсури механизми иқтисодии ҳалли мушкилоти экологӣ буда, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки барои ва ё дар ҷараёни татбиқи он бароварда мешаванд, унсури механизми ҳуқуқии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист мебошанд.

Назорати экологӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии фаъолияти экологӣ маҷмуи чорабиниҳо оид ба таъмини риояи қонунгузорӣ дар бораи амнияти экологӣ, ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатии пешбининамудаи онҳо, инчунин, ташаккули қонунгузории нав, ки ба тағйироти дар ин соҳа ба амал меоянд, аз ҷумла, тавассути назорати мустақим ва экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки муносибатҳо оид ба назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи боби 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 ба танзим дароварда шудааст. Бо мақсади амалӣ намудани назорати экологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ваколат ва ҳуқуқҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист – Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Низомномаи он (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, № 357 тасдиқ гардидааст), дарҷ гардидааст.

Мутобиқи банди 4 Низомнома, ки дар он ваколатҳои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, пешбурди назорати давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла, олами нототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, хатсайрҳои сайёҳӣ, ҷангалзор, захираҳои обӣ, ҳавои атмосфера, замин ва қаъри он, канданиҳои фоиданоки маъмули умум, муомилот бо моддаҳои химиявӣ ва нуриҳои минералӣ, партовҳо, риояи меъёрҳои бехатарии экологӣ, биологӣ, сифати сӯзишворӣ, ифлоскунандагони устувори органикӣ ва риояи меъёру стандартҳои экологӣ ваколати аввалиндараҷаи он муайян гардидааст (сархати дуюми банди 4).

Ба ғайр аз ин ташкил ва пешбурди назорати давлатии экологӣ дар сархати даҳуми банди 4 Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори ваколатҳои дигари муҳим дар ин самт муқаррар гардидааст.

Амалӣ намудани санҷиш ва назорати фаъолияти субъектҳои хоҷагидор оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ, новобаста аз тобеият ва шакли моликият, назорати давлатии чорабиниҳо оид ба барқарор намудани сарватҳои табиӣ, муҳофизати ҳайвонот, воридот, истеҳсол, истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, техникаю технологияи истифодашуда ва моддаҳои вайронкунандаи қабати озон, назорати давлатӣ оид ба амнияти кимиёвӣ ва биологӣ дар субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва объектҳои дигар аз ҷумлаи ҳуқуқҳои муҳимми Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди 6 Низомнома муқаррар гардидааст.

Тавре ки аз таҳлил ва аз Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, назорати давлатии экологӣ аз ҷониби нозирони давлатии экологӣ (дар ҳайати Сарнозири давлатии экологӣ, нозирони минтақавии экологӣ) ба амал бароварда мешавад. Бо ин назардошт Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон сарнозири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ мебошад. Муовини якум ва муовини раис, сардорони раёсатҳои мониторинг, сиёсати экологӣ, обуҳавошиносӣ ва кадастр, назорати давлатии

истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ, назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин, канданиҳои фоиданоки маъмули умум, муомилот бо партовҳо, назорати давлатии истифода ва ҳифзи захираҳои об ва назорати давлатии истифода ва ҳифзи ҳавои атмосфера муовинони сарнозири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ ба ҳисоб рафта, мутахассисони онҳо, инчунин, кормандони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нозирони давлатӣ мебошанд.

Ҳамзамон, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, № 1269 вобаста ба гузаронидани назорати экологии субъектҳои санҷишшаванда татбиқ карда мешавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» тақозои замон буда, танҳо амали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор барои гузаронидани назорати экологии фаъолияти хоҷагидорӣ кофӣ намебошад.

Зимни таҳлил муайян карда шуд, ки дар миёни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба назорати экологӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Арманистон қонуни мукаммал қабул намуда, Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи Кодекси экологии Ҷумҳурии Қазоқистон ва боқимонда давлатҳо назорати экологиро дар доираи қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист танзим намудаанд.

Яке аз роҳҳои самараноки такмили қонунгузорӣ ин ба инобат гирифтани таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ тавассути гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо давлатҳои хориҷӣ мебошад. Дар ин замина, бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти назорати экологӣ он бо қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронида шуда, натиҷаи он сараввал ҳамчун лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» таҳия мегардад. Нишондодҳои лоиҳаи Қонуни мазкур бошад баъдан дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» истифода мегардад.

Дар қисми умумии Кодекси экологии намунавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 16 ноябри соли 2006, № 27-8 дар сархати бистусеюми моддаи 1 мафҳуми контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва дар сархати ҳаштодусеюм мафҳуми контроли экологӣ пешбинӣ гардида, ки аз ҳамдигар ҳеҷ тафовуте надоранд. Ҳар дуи ин мафҳумҳо бо як мазмун муқаррар гардида, мутобиқи он контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (контроли экологӣ) – маҷмуи чораҳоест, ки ба пешгирӣ, ошкор ва рафъи вайронкунии қонунгузории экологӣ, таъмини аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо ба талабот, аз ҷумла, стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст.

Ба ғайр аз ин, дар боби 9 (моддаҳои 44-47) масъалаи контроли экологӣ мавриди танзим қарор дода шуда, дар ин боб вазифа ва намудҳои контроли экологӣ, контроли давлатии экологӣ (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нозирони давлатии экологӣ), контроли истеҳсолии экологӣ ва контроли ҷамъиятии экологӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар заминаи Кодекси экологии намунавӣ, ки дар он 3 намуди контроли экологӣ муқаррар гардидааст (давлатӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ), давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар сатҳи қонунгузории худ баъзан ин 3 намуд ва баъзеи

дигар, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад 4 намуди назорати (контроли) экологиро эътироф менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки контроли идоравии истеҳсолӣ бо контроли истеҳсолии экологӣ баробар ва яксон маҳсуб ёфта, танҳо вобаста ба субъекти амаликунандаи худ тафовут доранд. Аз як тараф чунин нуқтаи назар ҳам дар илм мавҷуд аст. Зеро ҳанӯз дар соли 1992 дар рисолаи доктории худ олим ва муҳаққиқи рус А.К. Голиченков иброз намуда буд, ки «муносибати муайян кардани намудҳои назорати экологӣ ба се бинои зерин асос ёфтааст: давлатӣ, истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ. Аммо контроли идоравӣ ба таснифи анъанавии онҳо дохил карда нашудааст»[457].

Дар қисми махсуси Кодекси экологии намунавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 31 октябри соли 2007, № 29-14 контроли экологӣ дар робита ба масъалаҳои ба объектҳои муҳити зист вобаста дарҷ гардида, муқаррароти махсус оид ба он дар ин қисмати кодекс ифода нагардидааст.

Дар таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия муносибатҳо оид ба назорати экологӣ то ҳол бо қонуни махсус мавриди танзим қарор нагирифтааст. Назорати экологӣ дар боби 11 Қонуни федералӣ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 10 январи соли 2002, №7-ҚФ муқаррар гардидааст.

Дар Қонуни мазкур контроли давлатӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии экологӣ пазируфта мешавад. Предмети контроли давлатии экологиро риояи талаботи ҳатмӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои иҷозатдодашуда ва мутобиқи шартномаҳои байналмилалии Федератсияи Россия, Қонуни мазкур, Қонуни федералӣ аз 23 ноябри соли 1995, № 174-ҚФ «Дар бораи экспертизаи экологӣ», Қонуни федералӣ аз 30 ноябри соли 1995, №187-ҚФ «Дар бораи шелфи континенталии Федератсияи Россия», Қонуни федералӣ аз 19 июли соли 1997, № 109-ҚФ «Дар бораи муомилоти бехатар бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо», Қонуни федералӣ аз 24 июни соли 1998, № 89-ҚФ «Дар бораи партовҳои истеҳсоли ва истеъмолӣ», Қонуни федералӣ аз 4 майи соли 1999, № 96-ҚФ «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», Қонуни федералӣ аз 31 июли соли 1998, № 155-ҚФ «Дар бораи обҳои дохилии баҳр, баҳри ҳудудӣ ва минтақаи дохилиобии Федератсияи Россия», Қонуни федералӣ аз 17 декабри соли 1998, № 191-ҚФ «Дар бораи минтақаҳои истисноии иқтисодии Федератсияи Россия», Қонуни федералӣ аз 1 майи соли 1999, №94-ҚФ «Дар бораи ҳифзи кӯли Байкал», Кодекси шаҳрсозии Федератсияи Россия, Кодекси оби Федератсияи Россия, Қонуни федералӣ аз 7 декабри соли 2011, № 416-ҚФ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», Қонуни федералӣ аз 21 июли соли 2014, № 219-ҚФ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни федералӣ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва санадҳои қонунгузории алоҳидаи Федератсияи Россия», Қонуни федералӣ аз 26 июли соли 2019, № 195-ҚФ «Дар бораи гузаронидани озмоиш оид ба квотакунии ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ва ворид кардани тағйирот ба санадҳои алоҳидаи қонунгузории Федератсияи Россия дар бораи коҳиши ифлосшавии ҳавои атмосфера» муқарраргардида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия, ки мутобиқи онҳо қабул шудаанд, инчунин талаботи иҷозатномадиҳӣ ба фаъолият оид ба ҷамъоварӣ, интиқол, коркард, нобудсоз (утилизатсия), безарар гардонидан, ҷойгиркунии партовҳои дараҷаи I – IV хавфнок нисбат ба дигар объектҳое, ки дар моддаи 65 Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, ташкил медиҳад.

[457] Голиченков А.К. Экологический контроль: теория, практика правового регулирования: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1992. – С. 34.

Дар ин боб ҳамзамон ҳуқуқҳои шахсони мансабдори мақомоти контроли (назорати) давлатии экологӣ, контроли истеҳсолии экологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (контроли истеҳсолии экологӣ), нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, барномаи баланд бардоштани самаранокии экологӣ, контроли ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (контроли ҷамъиятии экологӣ), нозирони ҷамъиятии ҳифзи муҳити зист, баҳисобгирии давлатии объектҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, баҳисобгирии давлатии муомилот бо моддаҳои вайронкунандаи озон ва ғайра мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, дар заминаи боби мазкур бо мақсади гузаронидани контроли (назорати) давлатии экологӣ бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия «Низомнома дар бораи котроли (назорати) давлатии федералии экологӣ» аз 30 июни соли 2021, № 1096 тасдиқ гардидааст, ки тартиби гузаронидани контроли (назорати) давлатиро дар сатҳи федератсия (яъне дар тамоми ҳудуди Федератсияи Россия) муқаррар менамояд.

Ҳарчанд муқаррароти Қонуни федералии мазкур дар қисмати контроли (назорати) экологӣ ба таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат надорад, аммо зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» муқаррароти умумии он доир ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нозирони давлатӣ, контроли истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ ба агар ба назар гирифта шавад, аз манфиат холи нест.

Дар Кодекси экологии Ҷумҳурии Қазоқистон аз 2 январи соли 2021, № 400-VI вобаста ба контроли (назорати) экологӣ фасли 11 (бобҳои 12-14) бахшида шудааст. Дар таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон низ 3 намуди контроли экологӣ пазируфта мешавад (давлатӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ).

Аммо дар фарқият аз қонунгузории дигар давлатҳои миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил контроли экологӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) назорати пешгирикунанда (профилактикӣ) бе ташриф овардан ба субъект (объект);

2) назорати пешгирикунанда (профилактикӣ) бо ташриф овардан ба субъект (объект);

3) санҷиш.

Вале қонунгузории давлатҳои дигар, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба амал баровардани назорати экологиро дар намуди санҷиш тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, № 1269 пешбинӣ менамояд (банди 1 қисми 1 моддаи 10). Бо ин назардошт бояд ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» доираи амали он бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон пурра карда шавад. Яъне назорати экологӣ на танҳо дар намуди санҷиш балки бо тарзҳои дигаре, ки дар боло ишора гардидааст, бояд ба амал бароварда шавад.

Дигар масъалаҳое, ки ба назорати экологӣ тааллуқ доранд ва мавриди танзим қарор дода шудаанд, ин таъмини иҷрои дастур (навиштаҷот) ҳангоми гузаронидани назорати давлатии экологӣ, муайян намудани маблағи фоидаи иқтисодие, ки дар натиҷаи вайрон кардани талаботи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Қазоқистон ҳангоми татбиқ ва гузаронидани назорати давлатии экологӣ гирифта шудааст, шахсони мансабдоре, ки назорати давлатии экологиро ба амал мебароранд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони мансабдоре, ки назорати давлатии экологиро ба амал мебароранд, тартиби аз тарафи комиссияи шикоятӣ дида баромадани шикоят, таъмини махфияти маълумот ҳангоми баррасии шикоят аз тарафи комиссияи шикоятӣ, ошкорбаёнии назорати давлатии экологӣ, масъалаҳои назорати истеҳсолӣ ва ҷамъиятии экологӣ аз қабили онҳо мебошад.

Дар умум бо назардошти муқаррароти фасли 11 Кодекси экологии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар он масъалаҳои контроли экологӣ ба таври муфассал ва аз диди нав муқаррар гардидааст, дар заминаи он таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

Аз қонунгузории Ҷумҳурии Белорус тавре ки бар меояд, дар самти контроли экологӣ қонуни алоҳида қабул нагардидааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Белорус «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 26 ноябри соли 1992, № 1982-XII боби 15 (моддаҳои 86-96) ба танзими ҳуқуқии контроли экологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бахшида шудааст.

Мутобиқи моддаи 86 контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо мақсади таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, риояи талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва маъмурӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, инчунин таъмини амнияти экологӣ амалӣ карда мешавад. Контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мумкин аст давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ бошад.

Аз ин бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Белорус 4 намуди контроли экологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист эътироф ва мавриди танзим қарор гирифтааст.

Ба ғайр аз масъалаҳои ҳамшабеҳ ба монанди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони мансабдоре, ки назорати экологиро ба амал мебароранд, ҷиҳатҳои фарқкунандаи дар қонунгузории Ҷумҳурии Белорус инҳо мебошанд: кафолатҳои асосии шахсони мансабдори Вазорати захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Белорус ва мақомоти ҳудудии он, ки контроли давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист амалӣ мекунанд, таъмини либоси ягона ва силоҳи хидматӣ ба шахсони мансабдори Вазорати захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Белорус ва мақомоти ҳудудии он, ки контроли давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист амалӣ мекунанд, контроли таҳлилӣ (лабораторӣ) дар соҳаи ҳифзи муҳити зист.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Белорус низ тавре ки ба назар мерасад, контроли идоравӣ ва контроли истеҳсолӣ дар доираи як модда (моддаи 94) танзим шудаанд. Ба монанди ин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» низ дар моддаи 70 назорати идоравӣ ва назорати истеҳсолӣ дар доираи як модда танзим гардидаанд.

Дар умум таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Белорус дар самти назорати экологӣ дорои вижагиҳои худ буда, доир ба як навъи контроли дигар – контроли таҳлилӣ (лабораторӣ) муқаррароти алоҳида пешбинӣ менамояд. Мавриди зикр аст, ки контроли таҳлилӣ (лабораторӣ) дар соҳаи ҳифзи муҳити зист қисми таркибии контроли давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат он ҳамчун меъёри пуркунанда пазируфта шуда, дар бояд дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» ба назар гирифта шавад.

Вобаста ба масъалаи назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Молдова то ба ҳол қонуни махсус қабул нагардидааст. Ҳамзамон Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 16 июни соли 1993, № 1515-XII мафҳуми назорати экологиро низ пешбинӣ наменамояд.

Дар моддаҳои 26-29 боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», ки ба Нозироти давлатии экологӣ бахшида шудааст, муқаррар мегардад, ки контроли давлатӣ аз ҷониби нозирони давлатии экологӣ ба амал бароварда мешавад.

Дигар моддаҳои ин боб ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нозирони давлатӣ, нозирони калони давлатӣ, нозирони минтақавӣ бахшида шудаанд. Аммо дар қонунгузории Ҷумҳурии Молдова таснифоти контроли экологӣ ба давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ ба

мушоҳида намерасад. Танҳо дар муқаррароти моддаи 26 қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист ибораи «контроли давлатии экологӣ» истифода гардидааст.

Бо мақсади ба амал баровардани контроли давлатии экологӣ бошад бо фармони Вазири захираҳои табиӣ ва контроли экологӣ аз 12 марти соли 2001, № 53 Низомнома «Дар бораи тартиби ба амал баровардани назорати экологии нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Приднестровски Ҷумҳурии Молдова бо ҷорӣ намудани талонҳои заҳролудшавӣ (дудӣ) намунаи ягона» тасдиқ гардидааст. Он дар маҷмуъ аз 18 банд иборат мебошад ва танҳо ба масъалаи назорати экологии воситаҳои нақлиёт дар ин воҳиди марзии Ҷумҳурии Молдова татбиқ мегардад.

Дар маҷмуъ муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Молдова дар бораи контроли экологиро дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» зарур намешуморем.

Назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Украина бо Қонуни Украина «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 25 июни соли 1991, № 1264-XII мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Фасли 8 (моддаҳои 34-36) Қонуни мазкур ба контрол ва назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бахшида шудааст.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни мазкур вазифаи контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ин аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеият, инчунин шаҳрвандон риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист мебошад.

Моддаҳои 35 ва 36 бошад контроли давлатӣ ва контроли ҷамъиятиро пешбинӣ менамоянд, ки муқаррароти онҳо дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» мавҷуд мебошад. Ҳамзамон бояд иброз намуд, ки дар ин фасл умуман намудҳои контрол ё назорати экологӣ пешбинӣ нагардидаанд ва аз рӯйи муқаррароти моддаҳои 35 ва 36 Қонуни мазкур бармеояд, ки дар Украина контроли давлатӣ ва ҷамъиятӣ мавҷуд мебошад.

Ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Озарбойҷон қонуни соҳавӣ қабул карда нашудааст. Айни ҳол Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 1999, № 678-IQ дар боби 11, ки ба контрол дар бораи ҳифзи муҳити зист бахшида шудааст, масъалаҳои назорати экологӣ танзим гардидаанд.

Мутобиқи моддаи 70 Қонуни мазкур контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мушоҳидаи тағйироти муҳити зист дар натиҷаи таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, беҳтар намудан ва ҳифзи он, барқарор намудан ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, иҷрои меъёрҳои сифат ва талаботи экологиро дар бар мегирад.

Дар Ҷумҳурии Озарбойҷон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист контроли давлатӣ, идоравӣ (истеҳсолӣ) ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин меъёр бармеояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон контроли идоравӣ ва истеҳсолӣ бо ҳам баробар дониста шудааст.

Дигар муқаррароти ин боб оид ба гузаронидани контроли давлатӣ, ки дар он ҳамзамон ҳуқуқҳои нозирони давлатии экологӣ муайян гардидаанд, контроли идоравӣ (истеҳсолӣ) ва контроли ҷамъиятӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» мавҷуд мебошад. Танҳо моддаи 74 ин боб бо муқаррароти ҳифзи шахсоне, ки контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро ба амал мебароранд, аз қонунгузории давлатҳои дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тафовут дорад.

Мутобиқи он суғуртаи шахсони мансабдоре, ки контроли давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба амал мебароранд, аз тарафи давлат таъмин карда мешавад. Чунин суғуртаи ҳатмӣ, аз ҷумла, тартиби пардохти товони зарарро қонунгузорӣ муқаррар мекунад. Ҳуқуқ

ва қоидаҳои нигоҳ доштан, бо худ доштан ва истифода бурдани воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсоне, ки контролро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба амал мебароранд, тибқи қонунгузории дахлдор муқаррар карда мешаванд.

Назорати экологӣ дар таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон ба таври алоҳида бо қонуни махсуси соҳавӣ мавриди танзим қарор дода шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи контроли экологӣ» аз 10 майи соли 2005, №82 иборат аз 9 боб ва 39 модда дар миқёси давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ягона қонуни махсусе ба ҳисоб меравад, ки масъалаи мавриди назарро ба таври васеъ танзим намудааст.

Мутобиқи сархати якуми моддаи 4 Қонуни мазкур «контроли экологӣ – функсияест, ки аз ҷониби мақоми нозироти (нозири) давлатӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон ва Қонуни мазкур назоратро дар соҳаи экология амалӣ менамояд, ки ба ҳифзи муҳити зист: атмосфера, об, хок, олами набототу ҳайвонот, аз ҷумла ҷангалҳо ва минтақаҳои табиии махсус ҳифзшаванда ва минтақаҳои таъсири муҳити зист ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ барои истифодаи умум (дарахтон, буттаҳо, боғҳо ва дигар минтақаҳои сабз), барқарорсозии онҳо, таъсири муҳити зист ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ истифодаи оқилона (самаранок) захираҳои табиӣ, инчунин бехатарии биологӣ, истифодаи бехатари моддаҳои хатарнок ва партовҳо, олудашавии радиоактивӣ, бақайдгирии супорандагони андози экологӣ ва (ё) пардохти истифодаи муҳити зист (ба истиснои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ), ҳисобкунии асосҳо барои объектҳои андози экологӣ ва (ё) пардохти истифодаи муҳити зист, пешниҳоди ҳисоботи омори маъмурӣ ва иҷрои дигар меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Арманистон нигаронида шудааст».

Ба ғайр аз аз вазифаҳо, принсипҳо, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ Қонуни мазкур масъалаҳои зерини вобаста ба контроли экологиро мавриди танзим қарор додааст: маблағгузории мақомоти санҷишӣ, ки контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро ба амал мебароранд, силоҳ ва либоси нозири давлатии экологӣ, истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва чорабиниҳои махсус аз ҷониби нозири давлатии ҳифзи муҳити зист, инчунин шартҳои он, нишонаи мақомоти санҷишӣ, ки контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро ба амал мебароранд, самтҳои асосии контроли экологӣ, намудҳои контроли экологӣ, тартиби гузаронидани санҷишҳои мавзуӣ, ҳолатҳои махсуси санҷишҳо ва тартиби гузаронидани онҳо, тартиби амалисозии контрол тавассути таҳқиқот, тартиби амалисозии контрол тавассути мушоҳида, тартиби гузаронидани тафтишот ва қабули қарорҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳои нозироти давлатии экологӣ, раванди қабули қарор, бозгардонидани фаъолият ё амали шахси санҷишшаванда, тартиби қатъ, бозгардонидан ва манъ кардани фаъолияти шахсоне, ки вайронкуниро содир кардаанд, тартиби тафтиши расидҳо, ки далели пардохти ҳаққи истифодабарии табиатро барои истифодаи захираҳои биологӣ тасдиқ мекунанд, тартиби бозгардонидани воситаҳои нақлиёт аз ҷониби нозири давлатии ҳифзи муҳити зист, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои санҷишшаванда ва мушоҳидашаванда, инчунин муносибат бо маъмурияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ҷамъият.

Дар фарқ аз қонунгузории давлатҳои дигари аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Ҷумҳурии Арманистон контроли экологӣ тавассути санҷишҳо, мушоҳидаҳо ва таҳқиқот сурат мегирад. Инчунин дар Қонуни болозикр дар баробари контроли давлатии экологӣ навъи дигари контроли экологӣ дар намуди санҷиши мавзуӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Санҷиши мавзуӣ ин санҷиш дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи ташкил ва гузаронидани санҷишҳо дар Ҷумҳурии Арманистон» ба ҳисоб меравад.

Азбаски аксарияти масъалаҳои раванди гузаронидани контроли экологӣ дар Қонуни мазкур мутаносибан ба таҷрибаи гузаронидани санҷишҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқат менамояд, зарур аст, ки баъзан аз қисматҳои он зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» ба назар гирифта шаванд.

Оид ба назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Туркманистон низ қонуни алоҳида қабул нагардидааст. Қонуни Туркманистон «Дар бораи ҳифзи табиат» аз 1 марти соли 2014, №40-V дар сархати бистучоруми моддаи 1 мафҳуми контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист – низоми тадбирҳое, ки ба пешгирӣ, ошкорсозӣ ва рафъи вайронкуниҳои қонунгузории Туркманистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини риояи талаботи экологӣ ҳангоми фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият нигаронида шудаанд».

Мавриди зикр аст, ки Қонуни Туркманистон «Дар бораи ҳифзи табиат» дар боби 12 (Контрол дар соҳаи ҳифзи табиат) моддаҳои 51-55 контроли экологиро танзим намудааст. Ҳамзамон дар қонунгузории Ҷумҳурии Туркманистон 4 шакли контроли экологӣ: давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ ба таври мустақил пазируфта шудааст.

Таҳлили қонунгузории Туркманистон оид ба назорати экологӣ собит намуд, ки дар он масъалаи мавриди назар дар ҳаҷме, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист оид ба назорати экологӣ муқаррар менамояд, танзим гардида, зарурати ба назар гирифтани таҷрибаи қонунгузории онҳо дар самти назорати экологӣ зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» пурра ҷой надорад.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад вобаста ба назорати экологӣ қонуни махсуси соҳавӣ қабул гардидааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи контроли экологӣ» аз 27 декабри соли 2013, № 363 иборат аз 4 боб ва 27 модда танзими ҳуқуқии контроли экологӣ ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи моддаи 3 Қонуни мазкур «контроли экологӣ – маҷмуи тадбирҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба пешгирӣ, ошкор ва рафъи вайронкунии талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият оид ба ҳифзи табиат нигаронида шудааст».

Дар боби якуми Қонуни мазкур вазифаҳои асосии контроли экологӣ, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи контроли экологӣ, объектҳои контроли экологӣ, субъектҳои контроли экологӣ ва намудҳои контроли экологӣ ба таври мушаххас муқаррар карда шудааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ 4 шакли мустақили контроли экологӣ: давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ пазируфта шудааст.

Боби дуюми Қонуни мазкур ба салоҳияти субъектҳои контроли экологӣ бахшида шудааст, ки баъзан аз муқаррароти онҳо дар қисмати салоҳияти Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ваколатҳои мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ оид ба контроли экологӣ, ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон дар соҳаи контроли экологӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи контроли экологӣ ва ғ. зимни таҳияи боби идоракунии давлатии назорати экологӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» зарур дониста мешавад.

Боби сеюми Қонуни болозикр бошад ба амалинамоии контроли экологӣ бахшида шудааст. Дар ин боб тартиби амалинамоии контроли экологӣ, шаклҳо ва усулҳои контроли экологӣ, бақайдгирии натиҷаҳои контроли экологӣ ва шаклҳои амалисозии натиҷаҳои контроли экологӣ танзим гардидааст.

Агар то ба ҳол назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар шакли санҷиш ба амал бароварда шавад, пас контроли давлатии экологӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар санҷиш, мониторинг, экспертизаи давлатии экологӣ ва аудити экологӣ амалӣ карда мешавад.

Азбаски муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба контроли экологӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо қонуни махсуси соҳавии алоҳида ба таври пурра мавриди танзим қарор дода шудааст, мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» бо истифодаи таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба роҳ монда шавад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба назорати экологӣ қонуни алоҳида қабул нагардидааст. Муносибатҳои вобаста ба назораи экологӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 16 июни соли 1999, № 53 мавриди танзим қарор гирифтааст. Дар моддаи 2 Қонуни мазкур, ки ба мафҳумҳои асосӣ бахшида шудааст, контроли экологӣ чунин пешбинӣ гардидааст: «контроли экологӣ – санҷиши аз ҷониби корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон риояи талаботи экологӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ. Назорати давлатӣ, идоравӣ ва ҷамъиятии экологӣ мавҷуд аст».

Дар Қонуни мазкур фасли 5 ба масъалаи контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бахшида шуда, дар он вазифаҳои контрол дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, субъектҳое, ки контроли ҳолати муҳити зистро амалӣ мекунанд, ҳамкории мақомоти давлатии ҳифзи муҳити зист бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, гумрук, андоз ва дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон мавриди танзим қарор дода шудааст.

Бояд иброз намуд, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон 3 шакли контроли экологӣ эътироф гардида, контроли истеҳсолӣ ҳамчун намуди махсуси контроли экологӣ ба ин низом шомил нагардидааст.

Аз таҳлили меъёрҳои Қонуни мазкур бармеояд, ки таҷрибаи танзими муносибатҳо вобаста ба назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Ҷумҳурии Қирғизистон бештар буда, зарурати омӯзиши таҷрибаи онҳо зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» ҷой надорад.

Бо анҷом додани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти назорати экологӣ бо қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил натиҷаҳои назаррас рӯйи кор омаданд, ки ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» мусоидати амиқ менамоянд.

Тавре ки дар ибтидо ишора гардид, назорати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ – Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли санҷиш мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти суъектҳои хоҷагидор» ба амал бароварда мешавад.

Аммо аз таҷрибаи қонунгузории давлатҳои дар таҳлил мавҷудбуда чунин бармеояд, ки контрол ё назорати экологӣ дар шаклҳои аудити экологӣ, экспертизаи давлатии экологӣ, мушоҳидаҳо, санҷишҳо, мониторинг, бо ташриф овардан ба субъект (объект)-и хоҷагидорӣ ва бе ташриф овардан ба субъект (объект)-и хоҷагидорӣ, инчунин навъҳои дигари амалинамоии он тибқи қонунгузории ин давлатҳо ба амал бароварда мешавад.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки контрол ё назорати давлатии экологӣ на танҳо дар шакли санҷиш, балки дар шаклҳои дигари имконпазири муқарраргардида анҷом дода мешавад. Бинобар сабаби он ки амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом додани

назорат дар соҳаҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд, мувофиқи мақсад аст, ки дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» шаклҳои дигари назорати давлатии экологӣ бо назардошти мақсад ва мавзуи танзими қонун пешбинӣ карда шавад.

Дар ин самт истифодаи таҷрибаи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар шакли мураттабгашта мавриди амал қарор дорад, зимни таҳияи лоиҳаи қонуни ватанӣ авлавияти бештар дорад. Азбаски анҷом додани назорати экологӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар намуди санҷиш дар банди якуми қисми 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» муқаррар гардидааст, дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» аксаран меъёрҳо ба шаклҳои дигари назорати давлатии экологӣ равона мегардад. Аз тарафи дигар бо васеъ гардидани мавзуи танзими Қонуни мазкур тафовути он аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» таъмин карда мешавад.

Махсусан, дар лоиҳа таваҷҷуҳ ба шаклҳои дигари назорат: 1) назорати пешгирикунанда бе ташриф овардан ба субъекти санҷишшаванда; 2) назорати пешгирикунанда бо ташриф овардан ба субъекти санҷишшаванда зоҳир карда мешавад. Ба ғайр аз ин бо сабаби дуруст анҷом додани ин навъи назорати экологӣ раванди анҷом додани онҳо низ ба андозаи муайян дар лоиҳа ифода карда мешавад.

Мусаллам аст, ки идоракунии давлатии назорати экологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти ваколатдори давлатии соҳавӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар доираи оинномаи онҳо ба амал бароварда мешавад. Аз ин лиҳоз, зарурати дар матни лоиҳа муайян ва мушаххас намудани салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти дигари давлатӣ ҷой дорад. Бо ин мақсад дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» пешбинӣ намудани боби алоҳида оид ба идоракунии давлатии назорати экологӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре ки аз муқаррароти боби 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» бармеояд, низоми назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз назорати давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ иборат мебошад. Ҳарчанд дар боби мазкур оид ба назорати давлатии экологӣ моддаи алоҳида, назорати идоравию истеҳсолӣ бошад дар як модда ва назорати экологии ҷамъиятӣ дар моддаи алоҳида танзим шудаанд, мутассифона механизми ба амал баровардани онҳо номуайян боқӣ мондааст.

Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» ба таври муфассал шарҳ додани назорати давлатии экологӣ ва механизми амалинамоии он, назорати идоравӣ, махсусан, назорати истеҳсолӣ, мақсад ва тартиби гузаронидани он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъекти хоҷагидор ҳангоми гузаронидани назорати истеҳсолии экологӣ, талабот ба мазмуни барномаи назорати истеҳсолии экологӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии назорати истеҳсолии экологӣ, инчунин, дар доираи боби алоҳида танзим намудани назорати ҷамъиятии экологӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нозирони ҷамъиятии экологӣ ва назорати таҳлилӣ (лабораторӣ) дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷумлаи афзалиятҳои лоиҳаи Қонуни мазкур ба ҳисоб мераванд.

Бо назардошти таклифҳо ва андешаҳои болозикр таҳияи ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати экологӣ» дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ. Собирзода И.С.

АДАБИЁТ:

1. Андреева, Ю.А. К вопросу о соотношении понятий «контроль» и «надзор» [Текст] / Ю.А. Андреева // Административное право и процесс. – 2009. – № 2. – С. 6-8.
2. Нестеров, А.В. Философия контроля и надзора [Текст] / А.В. Нестеров // Компетентность. – 2005. – № 3. – С. 3-13.
3. Акопов, Л.В. Контроль в управлении государством [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук / Л.В. Акопов. – Ростов-на-Дону, 2006. – 395 с.
4. Манохин, В.М., Адушкин, Ю.С. Российское административное право [Текст]: учебник / В.М. Манохин. – Саратов, 2003. – 495 с.
5. Алехин, А.П., Кармолицкий, А.А., Козлов, Ю.М. Административное право Российской Федерации [Текст]: учебник / А.П. Алехин, А.А. Кармолицкий, Ю.М. Козлов. – М., 2001. – 595 с.
6. Габричидзе, Е.И., Чернявский, А.Г. Административное право Российской Федерации [Текст]: учеб. для вузов / Е.И. Габричидзе, А.Г. Чернявский. – М., 2001. – 624 с.
7. Князев, С.Н. Управление: искусство, наука, практика: учебное пособие [Текст] / С.Н. Князев. – Мн.: Армита Маркетинг. Менеджмент, 2002. – 512 с.
8. Административное право [Текст] / под ред. Ю.М. Козлова. – М., 1968. – С. 289.
9. Экологическое право: учебник для академического бакалавриата [Текст] / под ред. С.А. Боголюбова. – 5-е изд., прераб. и доп. – М.: Юрайт, 2016. – 382 с.
10. Правовые проблемы государственного, муниципального и иных видов экологического контроля в России: материалы «круглого стола», 9 апреля 2008 г., Москва / Ин-т законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации; [ред.: М. Я. Хлуденева, В. В. Иванчикова]. – Москва: Юриспруденция, 2008. – 263 с.
11. Голиченков, А.К. Экологический контроль: теория, практика правового регулирования [Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.06 / А.К. Голиченков. – М., 1992. – 48 с.

ПОНЯТИЕ И ВИДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО КОНТРОЛЯ В УПРАВЛЕНИИ ОХРАНОЙ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

Ключевые слова: понятие; контроль, надзор; государственный надзор; экологический надзор; административное право; управление; государственные органы; охрана окружающей среды; функция; проверка; законодательство; рациональное использование природных ресурсов; соблюдение норм экологической безопасности; сравнительно-правовой анализ.

Аннотация. В данной статье понятие и виды государственного контроля в управлении охраной окружающей среды подвергаются административно-правовому анализу. Сущность и особенности государственного контроля в управлении охраной окружающей среды определены и на основе законодательства Республики Таджикистан и Содружества Независимых Государств данный вопрос подвергнут сравнительно-правовому анализу.

Рахим Зафар Хаким – соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, первый заместитель директора Республиканского центра судебной и криминалистической экспертизы Министерства юстиции Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 918-85-40-49.

THE CONCEPT AND TYPES OF STATE CONTROL IN ENVIRONMENTAL PROTECTION MANAGEMENT: COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS

Keywords: concept; control; state control; environmental control; administrative law; management; government agencies; environmental protection; function; verification; legislation; rational use of natural resources; compliance with environmental safety standards; comparative legal analysis.

Annotation. In this article, the concept and types of state control in environmental protection management are subjected to administrative and legal analysis. The essence and features of state control in environmental protection management have been determined and based on the legislation of the Republic of Tajikistan and the Commonwealth of Independent States, this issue has been subjected to a comparative legal analysis.

Rahim Zafar Hakim – competitor of theAcademy of Public Administration at President of the Republic of Tajikistan, First Deputy Director of the Republican Center for Forensic and Criminalistic Expertise Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 918-85-40-49.

5.5.7. ҲУҚУҚИ КОРПОРАТИВӢ; ҲУҚУҚИ ЭНЕРГЕТИКӢ

САНГИНЗОДА ДОНИЁР ШОМАХМАД,
заместитель директора Института исследований проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана по науке и учебе, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук.
Тел.: (+992) 980-85-07-07. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

АБДУЛЛОЗОД МУХАММАД АМОН,
соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, ассистент кафедры права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.
Тел.: (+992) 100-61-62-62. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

ПРАВОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО СУВЕРЕНИТЕТА ТОПЛИВНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО КОМПЛЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ВЫЗОВЫ ИНТЕГРАЦИИ В РАМКАХ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

УДК: 346.54:620.9(575.3)

Ключевые слова: технологический суверенитет; топливно-энергетический комплекс; Республика Таджикистан; Содружество Независимых Государств; правовое обеспечение; энергетическая безопасность; интеграция; цифровая трансформация; гармонизация законодательства.

Аннотация. В настоящей статье исследуются теоретические и практические аспекты правового обеспечения технологического суверенитета топливно-энергетического комплекса (ТЭК) Республики Таджикистан в контексте интеграционных процессов на пространстве Содружества Независимых Государств. На основе анализа действующего национального законодательства, международных договоров и научной литературы авторами обосновывается необходимость формирования комплексной правовой модели, сочетающей публично-правовые механизмы обеспечения энергетической безопасности и частноправовые инструменты стимулирования инновационной деятельности. Особое внимание уделяется проблемам гармонизации законодательства стран Содружества Независимых Государств в сфере цифровизации энергетики, технического регулирования и защиты критической инфраструктуры. В работе предлагаются направления совершенствования правового регулирования ТЭК Республики Таджикистан с учетом современных вызовов интеграционного взаимодействия.

Обеспечение технологического суверенитета топливно-энергетического комплекса выступает одной из ключевых и приоритетных целей государственной политики Республики Таджикистан. Как верно подчёркивает М.Х. Маликов, после обретения Таджикистаном независимости «обеспечение гидроэнергетической самостоятельности страны превратилось в исключительно острую и неотложную задачу». Развал единой

общесоюзной энергосистемы, отсутствие собственной добычи углеводородного сырья, а также жёсткая блокада основных каналов поставки нефтепродуктов и газа – всё это заставило республику срочно создавать независимую правовую базу для устойчивого функционирования ТЭК[458].

В наших более ранних работах мы уже доказывали, что «правовое обеспечение энергетической безопасности любого государства не может ограничиваться только совершенствованием внутреннего законодательства – оно обязательно требует выстраивания действенных механизмов международно-правового взаимодействия, способных учитывать законные интересы всех сторон региональных энергетических отношений»[459]. Сегодня это утверждение звучит особенно остро на фоне стремительно меняющейся геополитической обстановки и ускоренного внедрения цифровых технологий во все сферы хозяйственной жизни.

Проблема правового обеспечения технологического суверенитета топливно-энергетического комплекса приобретает сегодня совершенно новое звучание. С одной стороны, Республика Таджикистан располагает мощным гидроэнергетическим потенциалом, полноценное освоение которого невозможно без масштабного притока инвестиций и передовых технологий. С другой стороны, интеграционные процессы в рамках Содружества Независимых Государств и ЕАЭС открывают новые перспективы для энергетического партнёрства, но одновременно ставят перед страной сложные задачи по приведению национального законодательства в соответствие с межгосударственными нормами и техническими стандартами.

Формирование правовой основы работы ТЭК Республики Таджикистан теснейшим образом связано с моментом обретения государственной независимости и острой необходимостью выработки собственной, самостоятельной энергетической политики. Как справедливо указывается в монографии М.Х. Маликова, «в первые годы независимости республика столкнулась с глубоким системным кризисом в энергетической отрасли, вызванным распадом единой союзной энергосистемы и отсутствием эффективных правовых инструментов её регулирования»[460].

Одним из важнейших шагов в создании национальной законодательной базы стало принятие Закона Республики Таджикистан «Об энергетике» в 2000 году. Этот документ чётко определил организационно-правовые основы деятельности энергетического сектора, разграничил полномочия государственных органов, а также закрепил права и обязанности всех участников энергетического рынка. А.Г. Ахмедов справедливо отмечает, что «данный закон заложил прочную основу для дальнейшего развития отраслевого законодательства, впервые установив ключевые принципы государственного регулирования энергетики, включая лицензирование производства, передачи и распределения электрической и тепловой энергии»[461].

Значительное внимание законодатель уделил вопросам повышения энергоэффективности. Принятие сначала Закона «Об энергосбережении» в 2002 году, а затем его обновлённой версии – Закона «Об энергосбережении и энергоэффективности» в

[458] Маликов М.Х. Энергетика Таджикистана: история и перспективы развития: монография / М.Х. Маликов; Российско-Таджикский (Славянский) университет. – Душанбе, 2024. – С. 18.
[459] Сангинов, Д. Ш. Энергетическое право и энергетическая политика Республики Таджикистан: монография / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Изд-во ТНУ, 2021. – С. 45.
[460] Маликов М.Х. Энергетика Таджикистана: история и перспективы развития: монография / М.Х. Маликов; Российско-Таджикский (Славянский) университет. – Душанбе, 2024. – С. 22.
[461] Ахмедов А.Г. Правовое регулирование энергетического сектора в Республике Таджикистан: становление и развитие / А.Г. Ахмедов. – Душанбе: Эра-принт, 2022. – С. 34.

2013 году – ярко продемонстрировало осознание государством важности создания действенных правовых механизмов рационального использования энергетических ресурсов. Эти нормативные акты ввели конкретные требования к энергетической эффективности зданий, сооружений и оборудования, а также заложили правовые основы проведения энергетического аудита.

Особую роль в освоении гидроэнергетического потенциала страны сыграл Закон Республики Таджикистан «Об использовании возобновляемых источников энергии» 2010 года, в который в 2022 году были внесены серьёзные поправки и дополнения[462]. Как подчёркивает А.Р. Каримов, «принятие этого закона создало необходимую правовую платформу для привлечения инвестиций в возобновляемую энергетику, однако механизмы государственной поддержки производителей оборудования для малых гидроэлектростанций и солнечных электростанций всё ещё нуждаются в дальнейшем совершенствовании»[463]. Закон открыл дорогу для активного развития малой гидроэнергетики, солнечной и ветровой генерации, что полностью соответствует стратегическому курсу республики на достижение энергетической независимости за счёт максимально полного использования собственных возобновляемых ресурсов.

Надёжное правовое обеспечение работы ТЭК невозможно без ясного и чёткого определения полномочий органов исполнительной власти. Согласно Положению о Министерстве энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, утверждённому постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2014 г. № 149 (в редакции от 27 августа 2025 г.), это Министерство выступает центральным органом исполнительной власти, ответственным за разработку и проведение государственной политики, а также за нормативно-правовое регулирование в сферах топливно-энергетического комплекса и водных ресурсов. Важно подчеркнуть, что Министерство осуществляет общее руководство и контроль за деятельностью Службы по государственному надзору в сфере безопасности гидротехнических сооружений, а также координирует работу других органов исполнительной власти в пределах своей компетенции. В соответствии с пунктом 3 Положения, в своей деятельности Министерство руководствуется Конституцией Республики Таджикистан, конституционными законами, обычными законами Республики Таджикистан, международными правовыми актами, признанными Таджикистаном, а также указами Президента и постановлениями Правительства[464].

Институциональная система управления топливно-энергетическим комплексом включает также отраслевые ассоциации, саморегулируемые организации и другие формы объединения участников энергетического рынка. Ф.Р. Шарипов в своём исследовании справедливо замечает: «Создание эффективной институциональной среды в энергетическом секторе требует чёткого разграничения функций между государственными структурами, хозяйствующими субъектами и общественными объединениями, а также выработки надёжных механизмов их конструктивного взаимодействия»[465].

---

В этом случае фальсификация доказательств как способ совершения заведомо ложного доноса характеризуется повышенной общественной опасностью и приобретает значение квалифицирующего признака, который существенно отягчает ответственность за содеянное.

С субъективной стороны фальсификация доказательств по уголовному делу осуществляется лишь в форме прямого умысла. Виновный полностью осознает, что фальсифицирует доказательства по уголовному делу и желает действовать именно таким образом.

Так как лица, совершающие данное преступление, обладают специальными познаниями в сфере правосудия, они не могут не знать, что предметом ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан являются доказательства. Мотив и цель преступления не играют роли при квалификации действий виновного по анализируемой статье, однако они учитываются судом при назначении наказания.

Мотивами совершения фальсификации доказательств по уголовному делу могут выступить: корыстная заинтересованность виновного, карьерный рост, желание помочь избежать ответственности подозреваемым или обвиняемым и т. д. Совершая фальсификацию доказательств по уголовному делу, лицо в ряде случаев преследует конкретные цели.

Ими являются: незаконное освобождение от уголовной ответственности, привлечение заведомо невиновного к уголовной ответственности, незаконное заключение под стражу. При наличии определенной совокупности доказательств такие деяния следует квалифицировать как приготовление к совершению вышеуказанных преступлений,

[514] Мадвализода К.М. Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2024. – С. 158.

предусмотренных статьями 348, 358 и 360 Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

Важным моментом в формулировке ч. 2 ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан является конкретное указание субъектов преступления. К ним относятся лица, которые призваны, в силу своих служебных обязанностей, участвовать в осуществлении правосудия. В результате, доказательства, сфальсифицированные «профессионалами своего дела», практически невозможно отличить от подлинных. Поэтому чрезвычайно трудно выявить и доказать совершенное ими преступление.

При детальном изучении ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан и смежных с ней составов преступлений закономерно возникает вопрос: как квалифицировать деяния, направленные на фальсификацию доказательств по уголовному делу лицами, не являющимися специальными субъектами данного преступления, но имеющими доступ к материалам дела? Например, как квалифицировать фальсификацию доказательств по уголовному делу судьей, если его деяние не связано с вынесением заведомо неправосудных приговора, решения или иного судебного акта (деяния, предусмотренные ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан). Так может произойти при коллегиальном рассмотрении дела, когда фальсификация доказательств не повлияла на итоговое решение по делу. Ведь судья не является субъектом преступления, предусмотренного ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

Подобные деяния очень схожи со служебным подлогом (ст. 323 Уголовного кодекса Республики Таджикистан), непосредственным объектом которого является нормальная деятельность государственных органов, связанная с оборотом и выпуском официальных документов в обращение[515]. Посягательство же осуществляется на «...общественные отношения по обеспечению поступления в распоряжение органов правосудия достоверных (вещественных и письменных) доказательств»[516]. Соответственно, квалифицировать данные деяния как служебный подлог нельзя.

Состав фальсификации доказательств по некоторым признакам совпадает с иными составами преступлений. В результате возникает необходимость разграничения смежных деяний и определения совокупности преступлений. Представляется, что фальсификация доказательств по уголовному делу является специальной нормой по отношению к ст. 314 Уголовного кодекса Республики Таджикистан «Злоупотребление должностными полномочиями». Статья 314 Уголовного кодекса Республики Таджикистан устанавливает уголовную ответственность за злоупотребление должностными полномочиями, а ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан – за фальсификацию доказательств конкретным должностным лицом. Поэтому в соответствии с ч. 3 ст. 20 Уголовного кодекса Республики Таджикистан не требуется дополнительной квалификации данного деяния по нескольким статьям Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

В результате анализа рассматриваемой темы автор предлагает следующий окончательный вывод.

Во-первых, словосочетание «фальсификация доказательств» в Уголовном кодексе Республики Таджикистан основано на терминологии, в частности словосочетании «искусственное создание доказательств обвинения».

Во-вторых, «искусственное создание доказательств обвинения» – это создание доказательств обвинения, подобных настоящим, в то время как «фальсификация» – это

[515] Комментарий к Уголовному Кодексу Республики Таджикистан / кол. авт.; под ред. К.Х. Солиева. – Душанбе, 2005. – С. 714.

[516] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: китоби дарсӣ / зери таҳрири дотсент Н.А. Ғаффорова ва дотсент Ҳ.С. Салимов. – Душанбе: Зинат, 2011 – С. 132.

искажение доказательств не только обвинения, но и защиты, притом имеющих место в действительности.

В-третьих, действующий Уголовный кодекс существенно расширил пределы уголовной ответственности при фальсификации доказательств по уголовному делу, фактически включив защитника в качестве субъекта рассматриваемого состава преступления.

В-четвертых, предлагается ввести единое определение фальсификации доказательств, которое, в целях правильной квалификации деяний, целесообразно было бы закрепить в примечании к ст. 359 Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

Рецензент: к. ю. н., доцент Кодирзода Д.С.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абдуллозода, П.С. Теоретические и практические подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук. 12.00.09 / Абдуллозода Парвиз Саъдулло. – Душанбе, 2023. – 411 с.

2. Большой юридический словарь [Текст] / под ред. А.Я. Сухарева, В.Д. Зорькина, В.Е. Крутских. – М., 1998. – 715 с.

3. Комментарий к Уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст] / под ред. К.Х. Солиева. – Душанбе, 2005. – 870 с.

4. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / отв. ред. В.М. Лебедев. – М.: Юрайт-М, 2001. – 1261 с.

5. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / под общ. ред. В.И. Радченко. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юстицинформ, 2004. – 922 с.

6. Лобанова, Л.В. Преступления против правосудия: теоретические проблемы классификации и законодательной регламентации [Текст] / Л.В. Лобанова. – Волгоград, 1999. – 219 с.

7. Мадвализода, К.М. Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.09 / Мадвализода Комёр Мадвалӣ. – Душанбе, 2024. – 226 с.

8. Постатейный Комментарий к Уголовному кодексу РФ 1996 г. [Текст] / под ред. А.В. Наумова. – М.: Фонд «Правовая культура», 1997. – 711 с.

9. Русско-таджикский словарь [Текст] / под ред. М.С. Асимова. – Москва, 1985. – 1166 с.

10. Словарь синонимов русского языка [Текст] / под ред. А.П. Евгеньевой. – М., 2001. – Т. 2. – 361 с.

11. Строгович, М.С. Уголовно-процессуальный закон и уголовно-процессуальная форма [Текст] / М.С. Строгович // Советский уголовно-процессуальный закон и проблемы его эффективности. – М., 1979. – 319 с.

12. Уголовная ответственность за преступления против правосудия [Текст] / под ред. А.В. Галаховой. – М., 2003. – 291 с.

13. Уголовное право России: Общая и Особенная части [Текст] / под ред. В.П. Ревина. – М.: Юридическая литература, 2000. – 912 с.

14. Уголовное право: Особенная часть [Текст] / под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – 841 с.

15. Уголовный процесс [Текст] / под общ. ред. В.И. Радченко. – М.: Юридический

Дом Юстицинформ, 2003. – 327 с.

16. Уголовный процесс [Текст] / под общ. ред. П.А. Лупинской. – М.: Юристъ, 1995. – 314 с.

17. Ҳалимов, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ / зери таҳрири Н.А. Ғаффорова, С.Ҳ. Ҳалимов. – Душанбе., 2011. – 550 с.

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ СОХТАКОРИИ ДАЛЕЛҲО ДАР ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: далелҳо; парвандаи ҷиноятӣ; сохтакорӣ; бандубаст; предмет; объекти ҷиноят; тарафи объективӣ; субъекти ҷиноят; тарафи субъективии ҷиноят; ҷиноят; сохтакории далелҳо; таҳлили илмӣ.

Аннотатсия. Дар мақоллаи мазкур масъаллаҳои мафҳуми назариявии сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ ва асосҳои гуруҳбандии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, муаллиф масоили тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти ҷиноятҳои сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятиро инҷо овардааст.

Ализода Саодат Абдуманон – ассистенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 933-87-87-86; E-mail**:** alizoda_95@mail.ru

THE CONCEPT AND FEATURES OF FALSIFICATION OF EVIDENCE IN CRIMINAL CASES UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: evidence; criminal case; fabrication; framing; subject; object of crime; objective side; subject of crime; subjective side of crime; crime; fabrication of evidence; scientific analysis.

Annotation. This article discusses the issues of the theoretical concept of falsification of evidence in a criminal case and the basis for its classification. The author also raises the issues of the legal and criminal description and classification of the crimes of falsification of evidence in a criminal case.

Alizoda Saodat Abdumanon – assistant in the Department of Theory of State and Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 933-87-87-86; E-mail: alizoda_95@mail.ru

ИСКАНДАРӢ СУЛАЙМОН,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Тел..: (+992) 206568080. E-mail: sulaymon.iskandari@gmail.com

ТДУ: 343.9

МУБОРИЗА БО МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ НАШЪАОВАР ДАР ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

Калидвожаҳо: муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар; мубориза бо маводи нашъаовар; Қонуни Ҳаррисон; ҳалокатҳои аз ҳад зиёд; Қонунигардонии ҳашиш; хароҷоти иқтисодӣ; нобаробарии нажодӣ; нақшаи Колумбия; ташаббуси Мерида; кам кардани зарар; равиши тандурустӣ; табобати ихтиёрӣ; ҳамкориҳои байналмилалӣ; бозори сиёҳ; эпидемияи опиоидҳо; коҳиши ҳалокатҳо; декриминализатсияи истифодаи шахсӣ.

Аннотатсия. Муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико яке аз мушкилоти мураккаб ва гаронбаҳои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад, ки ба саломатӣ, иқтисод, амният ва адолати иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Аз соли 1914 бо қабули Қонуни Ҳаррисон мубориза расмӣ оғоз шуда, сиёсати «ҷанг бо маводи нашъаовар» (аз соли 1971) ба коҳиши таъминот ва ҳабсҳои оммавӣ такя кардааст. Ин сиёсат бо ҳабсҳои зиёд (солона зиёда аз 1 миллион нафар барои ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар), хароҷоти бузурги иҷтимоӣ (аз ҷумла зиёда аз 40 миллиард доллар солона барои системаи ҳабсҳо) ва афзоиши нобаробарии нажодӣ (афроамрикоиҳо беш аз ҳиссаи аҳолӣ ҳабс мешаванд) ҳамроҳ аст. Дар асри XXI бо қонунигардонии ҳашиш барои истифодаи тиббӣ ва фароғатӣ дар 24 штат (то соли 2026), сиёсат ба самти либерализатсия ҳаракат кардааст.

Аммо мушкилоти асосӣ бо фентанил ва опиоидҳои синтетикӣ идома дорад: ҳолати ҳалокатҳои аз ҳад зиёд дар солҳои охир коҳиш ёфтааст (аз тақрибан 110 ҳазор дар соли 2022 то ҳудуди 80 ҳазор дар соли 2024, бо коҳиши беш аз 25–27 фоиз), вале ҳамоно ҳазорон нафарро зери хатар мегузорад. Хароҷоти иқтисодӣ аз эпидемияи опиоидҳо ва маводи ғайриқонунӣ ба триллионҳо доллар мерасад (масалан, танҳо аз опиоидҳои ғайриқонунӣ дар соли 2023 тақрибан 2,7 триллион доллар талафот ба бор овардааст). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки равиши ҷиноӣ ва милитаризатсия (ба монанди Нақшаи Колумбия ва Ташаббуси Мерида) самараи паст дорад: нархҳо устувор мемонанд, зӯроварӣ афзоиш меёбад ва бозори сиёҳ фаъол боқӣ мемонад.

Алтернативаҳои самаранок – гузариш ба модели тандурустӣ, кам кардани зарар (тақсимоти сӯзанҳои тоза, налоксон ва табобати ихтиёрӣ), ҳамкориҳои байналмилалӣ ва аз ҷиноятқорӣ баровардани истеъмоли шахсии моддаҳои сабук (мисли таҷрибаи Португалия) мебошанд. Ин тағйирот хароҷотро то 50 фоиз кам карда, ҳифзи ҳуқуқи инсонро беҳтар месозад ва ба коҳиши ҳалокатҳо мусоидат мекунад. Мақола таърихи сиёсатро аз марҳилаҳои аввал то ҳолати кунунӣ таҳлил карда, нокомиҳои равиши ҷазоиро ва зарурати гузариш ба равиши илмӣ ва инсондӯстонаро таъкид мекунад. Хулоса ин аст, ки сиёсати муосир бояд аз ҷазо ба нигоҳубин ва пешгирӣ гузарад, то зарари умумӣ кам шавад.

Муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир аст, ки на танҳо ба саломатии ҷамъият, балки ба иқтисод, амният ва низоми ҳуқуқии давлатҳо таъсир мерасонад. Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, ки яке аз

бузургтарин бозорҳои истеъмоли маводи нашъаовар дар ҷаҳон аст, мубориза бо ин падида аз соли 1914 бо қабули Қонуни Ҳаррисон (Қонуни назорати афюн ва дигар моддаҳои нашъаовар) оғоз шудааст. Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико солона зиёда аз 1,8 миллион нафар барои ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар боздошт мешаванд, ки 42% -и онҳо ба ҳашиш (бангдона) ва 21% -и дигар ба кокаин ва ҳероин марбут аст[517]. Хароҷоти иҷтимоӣ аз ин падида ба 217 миллиард доллари Штатҳои Муттаҳидаи Амрико мерасад, ки 56% -и он ба ҷиноятҳо ва ҳабҳо марбут аст[518]. Ин падида на танҳо мушкилоти дохилӣ аст, балки робитаҳои байналмилалӣ дорад, чунки таъминоти маводи нашъаовар аз кишварҳои Амрикои Лотинӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сурат мегирад. Масалан, ҳероин аз Афғонистон ва Мексика ворид мешавад ва кокаин аз Колумбия[519]. Сиёсати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар ин самт ба ҳамкории байналмилалӣ, ба монанди барномаи «Нақшаи Колумбия» равона шудааст, ки ҳадафаш коҳиши истеҳсол ва муомилот аст[520].

Таърихи мубориза бо маводи нашъаовар дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба чор марҳила тақсим мешавад. Дар асри XIX ва аввали XX назорат ҳадди ақал буд ва маводи нашъаовар ба таври озод фурӯхта мешуданд. Афюн ва ҳосилаҳои он ҳамчун доруҳои тиббӣ истифода мешуданд ва нашъамандӣ ҳамчун мушкилоти шахсӣ дида мешуд[521].

Дар солҳои 1909–1923 қонуни федералӣ таҳким ёфт. Қонуни Ҳаррисон (1914) бақайдгирӣ ва андозбандии фурӯшандагони маводи нашъаоварро ҳатмӣ кард ва соҳибони ғайрирасмиро ҷазо медиҳад (то 5 соли ҳабс). Ин қонун афюн ва кокаинро ҳамчун моддаҳои хатарнок муайян кард[522]. Додгоҳи Олӣ дар парвандаҳои Иёлотҳои Муттаҳида бар зидди Доремус (1919) ва Вебб бар зидди Иёлотҳои Муттаҳида (1919) ин мавқеъро тасдиқ кард[523].

Дар давраи «классикӣ» (1923–1965) сиёсат ба саркӯбӣ равона шуд. Бюрои федералии назорат бар маводи нашъаовар (таҳти роҳбарии Ҳарри Анслингер) ба ҳамкории байналмилалӣ ва ҳабсҳо таъкид кард. Қонунҳои Боггс (1951) ва Қонуни назорати моддаҳои нашъаовар (1956) ҳукмҳои ҳатмиро барои соҳибӣ ва фурӯш ҷорӣ карданд, ки ҳукмҳоро то 40 сол дароз карданд[524]. Дар солҳои 1930-ум ҳашиш бо муҳоҷирони мексикаӣ алоқаманд карда шуд, ки ба қабули Қонуни андоз аз ҳашиш (1937) оварда расонд[525].

Аз солҳои 1960-ум сиёсат ҳибридӣ шуд: ҳабсҳо ва табобат. Қонуни моддаҳои назоратшаванда (1970) моддаҳоро ба синфҳо тақсим кард ва назоратро таҳким бахшид. Ҳукми Робинсон бар зидди Калифорния (1962) нашъамандиро ҳамчун беморӣ эътироф кард, на ҷиноят. Метадон ҳамчун усули табобат (аз соли 1964) паҳн шуд[526]. Дар солҳои 1980-ум, дар давраи Рейган, «ҷанги зидди маводи нашъаовар» шиддат гирифт[527].

[517] Donohue J.J. Rethinking America's illegal drug policy / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – 15 p.
[518] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 25 p.
[519] Tokatlian J. G. Rethinking the «War on Drugs» through the US-Mexico prism / J. G. Tokatlian. – New Haven : Yale Center for the Study of Globalization, 2010. – 20 p.
[520] Mares D. Illegal drugs, drug trafficking and violence in Latin America / D. Mares. – Cham: Springer, 2018. – 80 p.
[521] Courtwright D.T. A century of American narcotic policy / D.T. Courtwright // Treating drug problems. – Washington : National Academies Press, 1992. – Vol. 2. – P. 1-10.
[522] Courtwright D.T. Ibid.
[523] Courtwright D.T. Ibid. – P. 12.
[524] Ibid. – P. 15.
[525] Ibid. – P. 18.
[526] Ibid. – P. 22.
[527] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 30 p.

Дар асри XXI, бо қонунигардонии ҳашиш дар баъзе штатҳо (аз соли 2016 дар Калифорния), сиёсат ба либерализатсия рӯ овард. То соли 2026 зиёда аз 24 штат ҳашишро барои истифодаи тиббӣ ва фароғатӣ қонунӣ кардаанд[528].

Сиёсати кунунии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба «ҷанги зидди маводи нашъаовар» (аз соли 1971 аз ҷониби Никсон эълоншуда) асос ёфтааст, ки ба коҳиши таъминот ва ҳабсҳо таъкид мекунад[529]. Қонуни зидди сӯиистифода аз моддаҳои нашъаовар (1986) ҳукмҳои ҳатмиро барои фурӯши наздик ба мактабҳо ҷорӣ кард. Ин сиёсат хароҷотро зиёд кард: солона зиёда аз 40 миллиард доллар барои ҳабсҳо сарф мешавад.

Таҳлили ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҳабсҳо самара надоранд. Дар соли 2007 82% бозdoштҳо барои соҳибӣ буданд, на фурӯш. Сиёсати таъминотӣ (Нақшаи Колумбия) истеҳсолотро коҳиш медиҳад, аммо нархҳо устувор мемонанд [5, саҳ. 80]. Алтернативаҳо, ба монанди декриминализатсия дар Португалия, истифодаро зиёд намекунад ва хароҷотро коҳиш медиҳад[530].

Дар робита ба Мексика, талаботи Штатҳои Муттаҳидаи Амрико зӯроварио афзоиш медиҳад (64 ҳазор кушташудагон то соли 2012)[531]. Сиёсати милитаризатсия (аз соли 2006) зӯроварио афзоиш дод[532]. Дар солҳои 2020-ум, бо афзоиши фентанил, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба ҳамкории бо Чин рӯ овард[533]. Қонуни дастгирии беморон ва ҷомеаҳо (2018) ба табобати опиоидҳо равона шуд[534].

Муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба иқтисоди Штатҳои Муттаҳидаи Амрико таъсири манфӣ мерасонад. Солона хароҷот барои ҳифзи ҳуқуқ, табобат ва талафоти ҳосилнокӣ 250 миллиард долларро ташкил медиҳад[535]. Бозори сиёҳ ба коррупсия ва зӯроварӣ мусоидат мекунад[536]. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, нобаробарии нажодӣ вуҷуд дорад: афроамрикоиҳо 13% аҳолиро ташкил медиҳанд, аммо 40% ҳабсҳои марбут ба нашъаоварро[537].

Дар солҳои охирин, бо пандемияи COVID-19, истифодаи опиоидҳо 30% афзудааст, ки ба ҳалокати 107 ҳазор нафар дар соли 2021 оварда расонд[538]. Сиёсатҳои нав, ба монанди коҳиши зарар, ба тақсимоти сӯзандӯзҳои тоза равона шудаанд[539].

Таҳлили манбаъҳо нишон медиҳад, ки сиёсати ҷиноӣ тақвиятро талаб намуда[540], декриминализатсия бошад хароҷотро коҳиш медиҳад[541]. Таҳлил собит сохт, ки сиёсатҳои

---

[528] Donohue J.J. Rethinking America's illegal drug policy / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – 35 c.
[529] Tokatlian J.G. Rethinking the «War on Drugs» through the US-Mexico prism / J.G. Tokatlian. – New Haven: Yale Center for the Study of Globalization, 2010. – 20 p.
[530] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 28 p.
[531] Tokatlian J.G. Rethinking the «War on Drugs» through the US-Mexico prism / J.G. Tokatlian. – New Haven : Yale Center for the Study of Globalization, 2010. – 35 p.
[532] Bagley B.M. Drug trafficking and organized crime in the Americas : major trends in the twenty-first century / B.M. Bagley. – Washington : Woodrow Wilson International Center for Scholars, 2012. – 45 p.
[533] Bagley B. The ambiguity of American power : drugs, crime, and violence in Latin America / B. Bagley // Latin American Research Review. – 2017. – Vol. 52. – № 4. – P. 30.
[534] Donohue J.J. Rethinking America's illegal drug policy / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – 45 c.
[535] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 32 p.
[536] McCoy A.W. The politics of heroin: CIA complicity in the global drug trade / A.W. McCoy. – Chicago : Lawrence Hill Books, 2003. – 95 p
[537] Donohue J. J. Rethinking America's illegal drug policy / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – 25 c.
[538] Bagley B. The ambiguity of American power : drugs, crime, and violence in Latin America / B. Bagley // Latin American Research Review. – 2017. – Vol. 52 – № 4. – P. 35.
[539] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 50 p.
[540] Donohue J.J. Rethinking America's illegal drug policy / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – P. 25.

аввалӣ ба зӯроварии бозори сиёҳ оварда расонданд[542], аммо харочоти табобат самараовартар аст[543], инчунин муайян шуд, ки фрагментатсияи картелҳо зӯровариро афзоиш дода[544], зӯроварӣ аз бозори сиёҳ сар мезанад[545].

Сиёсати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба кишварҳои дигар таъсир мерасонад, чунончӣ ташаббуси Мерида бо Мексика аз соли 2008 3 миллиард доллар сарф кард, аммо зӯроварӣ то ҳол аз байн нарафтааст[546].

Дар даҳсолаҳои охир созмонҳои байналмилалӣ пайваста ислоҳоти ҷиддии сиёсати маводи нашъадорро пешниҳод мекунанд. Ин ислоҳот аз равиши ҷазоӣ ва зӯроварона ба равиши тандурустӣ-асоснок гузаштанро дар назар дорад. Се самти муҳим дар ин раванд зикр шудаанд:

1. Гузариш ба равиши тандурустӣ

2. Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти табобат ва кам кардани зарар

3. Аз ҷиноятқорӣ баровардани истеъмол ва нигоҳ доштани миқдори ками моддаҳои сабук (барои истифодаи шахсӣ)

Ин се тавсия бо ҳамдигар пайванди зич доранд ва ҳадафашон кам кардани зарари умумии маводи нашъадор ба ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва беҳтар гардондани вазъи тандурустӣ мебошад.

1. Гузариш ба равиши тандурустӣ. Равиши қаблии «ҷанг бо маводи нашъадор» (аз соли 1971) бештар ба ҷазои ҷиноӣ ва маҳдудият такя мекард. Аммо таҷрибаи чандин даҳсола нишон дод, ки ин роҳ на танҳо мушкилро ҳал намекунад, балки аксар вақт вазъро бадтар мегардонад: афзоиши бемориҳои хунӣ, марги бар асари истеъмоли зиёд, пур шудани зиндонҳо ва поймол шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Равиши тандурустӣ бошад, истеъмоли маводи нашъадорро ҳамчун масъалаи тандурустӣ мебинад, на ҷиноят. Дар ин роҳ чунин принсипҳо муҳиманд: кам кардани зарар — чораҳое, ки ҳатто агар шахс истеъмолро бас накунад ҳам, зарари ӯ ва ҷомеаро кам мекунад. Намунаҳояш тақсим кардани сӯзанҳои тоза, табобати нигаҳдоранда бо доруҳои мувофиқ, дору барои пешгирии марги ногаҳонӣ, ҷойҳои махсуси истеъмоли бехатар, дастрасии васеъ ба хизматрасонии ихтиёрии табобат ва барқароршавӣ, пешгирии аввалиндараҷа бо маълумоти воқеӣ, на бо тарсондан, мубориза бо ангезаҳо ва муносибати бад нисбат ба истеъмолкунандагон мебошанд.

Натиҷаҳои хуб дар кишварҳое, ки ин роҳро пеш гирифтаанд (Португалия, Швейтсария, Канада, Австралия ва ғайра) равшан аст: кам шудани бемориҳои хунӣ то 50–80 фоиз, коҳиши марги ногаҳонӣ, афзоиши шумораи шахсоне, ки барои табобат мурочиат мекунанд.

2. Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ барои табобат ва кам кардани зарар. Маводи нашъадор мушкили фаромиллӣ аст ва ҳеҷ кишвар наметавонад онро танҳо бо қувваи худ ҳал кунад. Аз ин рӯ, тавсияҳо таъкид мекунанд, ки: лоиҳаҳои муштарак байни кишварҳо дар самти табобат ва кам кардани зарар зиёд карда шаванд; таҷрибаи хуби кишварҳои

---

[541] Donohue J.J. Ibid. – P. 18.

[542] Courtwright D.T. A century of American narcotic policy / D.T. Courtwright // Treating drug problems. – Washington : National Academies Press, 1992. – Vol. 2. – P. 10.

[543] Tokatlian J.G. Rethinking the «War on Drugs» through the US-Mexico prism / J.G. Tokatlian. – New Haven : Yale Center for the Study of Globalization, 2010. – 20 p.

[544] Bagley B.M. Drug trafficking and organized crime in the Americas : major trends in the twenty-first century / B. M. Bagley. – Washington: Woodrow Wilson International Center for Scholars, 2012. – 45 p.

[545] Reuter P. Rethinking America's illegal drug policy / P. Reuter, J. P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 25 p.

[546] Bagley B.M. Drug trafficking and organized crime in the Americas : major trends in the twenty-first century / B. M. Bagley. – Washington: Woodrow Wilson International Center for Scholars, 2012. – 50 p.

пешрафта ба кишварҳои рӯ ба инкишоф (аз ҷумла Осиёи Марказӣ) интиқол дода шавад; созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини дастгирии техникӣ, омӯзиш ва маблағгузории барномаҳои кам кардани зарар фаъолтар бошанд; мубодилаи иттилоот дар бораи моддаҳои нав ва усулҳои муосири табобат тезтар сурат гирад; ҳамкорӣ дар пешгирии истеъмол миёни ҷавонон ва коҳиши талабот афзоиш ёбад; ҳамчунин дар дохили ҳар кишвар ҳамкории наздик байни соҳаҳои тандурустӣ, адлия, маориф ва хизматрасонии иҷтимоӣ зарур аст. Мақомоти қудратӣ бояд ба ҷои мубориза бо беморон, бо духтурон ва коркунони иҷтимоӣ ҳамкорӣ кунанд.

3. Аз рӯёхати ҷиноят баровардани моддаҳои сабук (барои истифодаи шахсӣ). Аз ҷиноятқорӣ баровардан маънои онро дорад, ки истеъмол ва нигоҳ доштани миқдори ками моддаҳои нашъадор барои истифодаи шахсӣ аз ҷиноят ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (ё умуман беҷазо) табдил дода шавад. Ин маънои иҷозат додани фурӯш ва истеҳсолро надорад — фурӯш ва тиҷорати ғайриқонунӣ ҳамоно ҷиноят боқӣ мемонад. Натиҷаҳои мусбати таҷрибаи Португалия (аз соли 2001), Чехия, Эстония ва дигарон: кам шудани бемориҳои хунӣ миёни истеъмолкунандагон; афзоиши шумораи муроҷиаткунандагон ба марказҳои табобат (то 60-100 фоиз дар солҳои аввал); кам шудани бори системаи судӣ ва зиндонҳо; коҳиши истеъмол миёни ноболиғон ва ҷавонон (бар хилофи тарси аввал); кам шудани марги ногаҳонӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ.

Дар ин ҳолат шахс ба ҷои зиндон ба гурӯҳи мутахассисон (доктор, равоншинос, корманди иҷтимоӣ) даъват карда мешавад. Агар ӯ ниёз дошта бошад, ба ӯ табобати ихтиёрии ройгон пешниҳод мешавад. Ин роҳ ангезаҳоро кам мекунад ва ба ҷои дур кардани одам аз ҷомеа, ӯро ба системаи кумак мепайвандад.

Таҷрибаи беш аз бист соли кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки ин роҳ на танҳо инсондӯстона ва ҳуқуқи инсонӣ аст, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ низ самараноктар аз роҳи қатъии пешина мебошад. Албатта, ҳар кишвар бояд ин тағйиротро бо назардошти фарҳанг, қонунҳо ва вазъи худ амалӣ кунад, вале самти умумӣ — аз ҷазо ба нигоҳубин ва аз тарс ба дониш – имрӯз яке аз самтҳои асосии рушди сиёсати маводи нашъадор дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико самараҳои муайян дорад, аммо мушкилотҳо зиёданд: зӯроварӣ, хароҷот ва нобаробарии нажодӣ. Гузариш ба модели саломатӣ тавсия мешавад, ки хароҷотро 50% коҳиш медиҳад.

Муқарриз: д. и. ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Donohue, J.J. Rethinking America's illegal drug policy [Text] / J.J. Donohue, B. Ewing, D. Peloquin // NBER working paper. – 2011. – № 16776. – 80 p.

2. Reuter, P. Rethinking America's illegal drug policy [Text] / P. Reuter, J.P. Caulkins // NBER working paper. – 2010. – 50 p.

3. Tokatlian, J.G. Rethinking the «War on Drugs» through the US-Mexico prism [Text] / J.G. Tokatlian. – New Haven: Yale Center for the Study of Globalization, 2010. – 120 p.

4. Mares, D. Illegal drugs, drug trafficking and violence in Latin America [Text] / D. Mares. – Cham : Springer, 2018. – 168 p.

5. Courtwright, D.T. A century of American narcotic policy [Text] / D.T. Courtwright // Treating drug problems. – Washington: National Academies Press, 1992. – Vol. 2. – P. 1-25.

6. Bagley, B.M. Drug trafficking and organized crime in the Americas: major trends in the twenty-first century [Text] / B.M. Bagley. – Washington : Woodrow Wilson International Center for Scholars, 2012. – 45 p.

7. Bagley, B. The ambiguity of American power: drugs, crime, and violence in Latin America [Text] / B. Bagley // Latin American Research Review. – 2017. – Vol. 52. – № 4. – P. 991-1005.

8. McCoy, A.W. The politics of heroin: CIA complicity in the global drug trade [Text] / A.W. McCoy. – Chicago: Lawrence Hill Books, 2003. – 704 p.

БОРЬБА С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИЧЕСКИХ ВЕЩЕСТВ В СОЕДИНЁННЫХ ШТАТАХ АМЕРИКИ

Ключевые слова: незаконный оборот наркотиков; война с наркотиками; Закон Харрисона; смертельные передозировки; легализация марихуаны; экономические издержки; расовое неравенство; План Колумбии; Инициатива Мерида; снижение вреда; подход общественного здоровья; добровольное лечение; международное сотрудничество; чёрный рынок; опиоидная эпидемия; снижение смертности; декриминализация личного потребления.

Аннотация. Незаконный оборот наркотических веществ в Соединённых Штатах Америки является одной из наиболее сложных и дорогостоящих проблем современного общества, оказывающей серьёзное влияние на здоровье населения, экономику, безопасность и социальную справедливость. Официальная борьба началась в 1914 году с принятия Закона Харрисона, а политика «войны с наркотиками» (объявленная в 1971 году) была ориентирована на сокращение предложения и массовые аресты. Эта политика сопровождается огромным количеством арестов (ежегодно более 1 миллиона человек за преступления, связанные с наркотиками), значительными социальными расходами (в том числе более 40 миллиардов долларов в год только на систему тюрем) и усилением расового неравенства (афроамериканцы арестовываются значительно чаще, чем составляет их доля в населении). В XXI веке, с легализацией марихуаны в медицинских и рекреационных целях в 24 штатах (по состоянию на 2026 год), политика начала двигаться в сторону либерализации. Однако главная проблема сегодня — фентанил и синтетические опиоиды: количество передозировок со смертельным исходом в последние годы существенно снизилось (с примерно 110 тысяч в 2022 году до около 80 тысяч в 2024 году, снижение более чем на 25-27%), но по-прежнему угрожает десяткам тысяч жизней. Экономические потери от опиоидной эпидемии и незаконного оборота наркотиков достигают триллионов долларов (например, только от незаконных опиоидов в 2023 году ущерб оценивается примерно в 2,7 триллиона долларов). Анализ показывает, что репрессивный и милитаризованные подходы (такие как План Колумбии и Инициатива Мерида) малоэффективны: цены остаются стабильными, насилие растёт, а чёрный рынок продолжает активно функционировать. Наиболее эффективные альтернативы – переход к модели общественного здоровья, снижение вреда (распространение чистых шприцев, налоксона и добровольное лечение), международное сотрудничество и декриминализация личного потребления лёгких веществ (по примеру Португалии). Такие изменения позволяют сократить расходы до 50%, улучшить защиту прав человека и способствовать снижению смертности. Статья анализирует историю политики от первых этапов до современного состояния, подчёркивает недостатки карательного подхода и необходимость перехода к научно обоснованной и гуманистической стратегии. Вывод: современная

политика должна перейти от наказания к заботе и профилактике, чтобы минимизировать общий вред.

Искандари Сулаймон – доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук. Тел.: (+992) 206-56-80-80. E-mail: sulaymon.iskandari@gmail.com

COMBATING THE ILLICIT TRAFFIC IN NARCOTIC DRUGS IN THE UNITED STATES OF AMERICA

Keywords: illicit drug trade; war on drugs; Harrison Narcotics Act; fatal overdoses; marijuana legalization; economic costs; racial disparities; Plan Colombia; Mérida Initiative; harm reduction; public health approach; voluntary treatment; international cooperation; black market; opioid epidemic; decline in overdoses; decriminalization of personal use.

Annotation. The illicit drug trade in the United States of America remains one of the most complex and costly challenges of modern society, severely impacting public health, economy, security, and social justice. Official efforts began in 1914 with the Harrison Narcotics Tax Act, while the «War on Drugs» policy (declared in 1971) focused on supply reduction and mass incarceration. This approach has resulted in massive arrests (over 1 million people annually for drug-related offenses), enormous social costs (including more than $40 billion per year just for the prison system), and deepened racial disparities (African Americans are arrested at rates far exceeding their population share). In the 21st century, with the legalization of marijuana for medical and recreational use in 24 states (as of 2026), policy has gradually shifted toward liberalization. However, the primary challenge today involves fentanyl and synthetic opioids: fatal overdose deaths have significantly declined in recent years (from approximately 110,000 in 2022 to around 80,000 in 2024, a reduction of over 25-27%), yet the threat to tens of thousands of lives persists. Economic losses from the opioid epidemic and illicit drug trade reach trillions of dollars (for instance, illegal opioids alone caused an estimated $2.7 trillion in damages in 2023). Analyses demonstrate that the criminal justice and militarized approach (such as the Colombia Plan and Mérida Initiative) yields low effectiveness: prices remain stable, violence increases, and the black market continues to thrive. The most promising alternatives include transitioning to a public health model, harm reduction strategies (distribution of clean syringes, naloxone, and voluntary treatment), international cooperation, and decriminalization of personal use of light substances (following the Portuguese model). Such reforms can reduce costs by up to 50%, enhance human rights protection, and contribute to lower mortality rates. The article examines the history of drug policy from its early stages to the present, highlights the failures of the punitive approach, and stresses the need for a shift to a science-based and humane strategy. Conclusion: contemporary drug policy must move from punishment to care and prevention in order to minimize overall harm.

Iskandari Sulaymon – Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption at the Faculty of Law, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences. Phone: (+992) 206568080. E-mail: sulaymon.iskandari@gmail.com

МУҚИМӢ САФАРБЕК ДАВЛАТБЕК,
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Тел.: (+992) 931-90-30-90.

ТДУ: 343.24

ҶАЗОҲОИ ИЛОВАГӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Калидвожаҳо: низоми иҷрои ҷазо; ҷазои ҷиноятӣ; ҷарима; мусодираи молу мулк; иҷрои ҷазо.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷазоҳои иловагӣ дар низомҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла Русия, Қазоқистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон ва кишварҳои пешрафта, равона шудааст. Ҷазоҳои иловагӣ ҳамчун институти ҷазоӣ мафҳум ва мақоми мустақили худро доранд ва самаранокии сиёсати ҷиноятиро баланд мебардоранд. Мақола механизмҳои татбиқ, шаклҳои нав ва таҷрибаи байналмилалиро таҳлил намуда, роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва ворид кардани ҷазоҳои иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод мекунад. Хусусан ба ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ, шаклҳои молиявӣ ва уҳдадории рафтор таваҷҷуҳ карда шудааст.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷазо ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ мавқеи марказӣ дорад. Ба андешаи А.А. Абдурашидов ҷазои ҷиноятӣ чораи фавқулодда муҳим дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ мебошад, зеро маҳз фаъолияти зиддиҷамъиятии шахсони ҷиноят содиршударо пахш мекунад[547]. Қонунгузорӣ, бо дарназардошти зарурати таъсири ҳамаҷониба ба шахси гунаҳкор, дар баробари ҷазоҳои асосӣ институтҳои ҷазоҳои иловагиро низ пешбинӣ намудааст. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода ва З.А. Камолов, «ҷазои иловагӣ ин намуди ҷазоҳое мебошад, ки ба ҷазои асосӣ барои пурзӯр намудани таъсири сазодиҳии он ва пурра намудани амалӣ гаштани мақсади ҷазо ҳамроҳ мегардад»[548].

Ба андешаи З.Х. Зокирзода намудҳои ҷазоҳои ҷиноятии иловагиро метавон ба ду намуд тасниф намуд: ба маънои маҳдуд, ки тавассути мусодираи молу мулк ва маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвони ифтихории Тоҷикистон (аҳаммияти истисноӣ) татбиқ мегардад ва ба маънои васеъ иборат аз чор намуд, зеро ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвони ифтихории Тоҷикистон ва мусодираи молу мулк аз рӯи мазмуну моҳият аз ҳамдигар фарқ мекунанд (аҳаммияти васеъ)[549]. Ҷазоҳои иловагӣ, чун унсури таркибии низоми ҷазо, барои тақвияти таъсири пешгирикунанда, тарбиявӣ ва барқарорсозии адолати иҷтимоӣ хизмат менамоянд. Бо

[547] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 13.
[548] Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А. Холиқзода, Ш.Л., Зокирзода, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: китоби дарсӣ. – Нашри 4-ум, такмилёфта. – Душанбе, 2019. – С. 163.
[549] Зокирзода З.Х. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2026. – С. 78.

вуҷуди ин, таҳлили назариявӣ ва амалии татбиқи онҳо нишон медиҳад, ки ин институт бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошад.

Яке аз мушкилоти асосӣ ба номукаммалии танзими меъёрӣ вобаста аст. Дар бисёр ҳолатҳо, меъёрҳои қонунгузорӣ доираи татбиқ, асос ва шартҳои таъини ҷазоҳои иловагиро ба таври кофӣ мушаххас намекунанд. Ин ҳолат ба гуногунфаҳмии меъёрҳо ва тафсири мухталифи онҳо аз ҷониби судҳо оварда мерасонад. Дар натиҷа, ягонагии амалияи судӣ халалдор гардида, принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун метавонад зери шубҳа қарор гирад.

Масъалаи муҳимми дигар ба риояи принсипҳои адолати судӣ ва мутаносибии ҷазо алоқаманд аст. Ҷазоҳои иловагӣ бояд мутобиқ ба дараҷаи хавфнокии иҷтимоии ҷиноят, хусусияти кирдор ва шахсияти гунаҳкор таъин карда шаванд. Аммо дар амал ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҷазоҳои иловагӣ аз ҳад зиёд сахт ё баръакс, нокифоя мебошанд. Ин гуна ҳолатҳо на танҳо ба вайроншавии тавозуни адолат оварда мерасонанд, балки метавонанд эътимоди ҷомеаро ба низоми судӣ коҳиш диҳанд. Вазъи мазкур аз нигоҳи мо ба чанд шарту омили объективӣ вобастагӣ дорад. Аввалан, аз нуқтаи назари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои иловагии ҷазо чандон муҳим ба ҳисоб намераванд. Дар ибтидо, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 ду ҷазои иловагӣ пешбинӣ шуда буд, вале соли 2013 тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, ки табиати ҳуқуқӣ ва мазмуни мусодираи молу мулкро ба тағйиротҳои куллӣ дучор намуд[550].

Дар баробари ин, таъсири иҷтимоии ҷазоҳои иловагӣ низ масъалаи баҳсталаб мебошад. Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои муайян, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, фаъолияти касбӣ ё ишғоли мансаб, метавонад ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии шахси маҳкумшуда таъсири манфӣ расонад. Дар чунин шароит, имконияти мутобиқшавии иҷтимоии ӯ пас аз адои ҷазо маҳдуд гардида, хавфи такрори ҷиноят меафзояд. Аз ин рӯ, масъалаи мувозинати байни мақсади ҷазо ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии шахс аҳаммияти хосса дорад.

Мушкили дигари ҷиддӣ ба механизми иҷро ва назорати ҷазоҳои иловагӣ марбут аст. Иҷрои самараноки чунин ҷазоҳо, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян талаб менамояд, ки сохторҳои дахлдор дорои имкониятҳои кофии ташкилӣ ва техникӣ бошанд. Дар амал, на ҳамеша чунин шароит фароҳам оварда шудааст, ки боиси паст шудани самаранокии ҷазоҳои иловагӣ мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо, онҳо танҳо хусусияти расмӣ гирифта, таъсири воқеии худро аз даст медиҳанд.

Ҳамзамон, масъалаи мутобиқати ҷазоҳои иловагӣ ба меъёрҳои ҳуқуқҳои инсон аҳаммияти калидӣ дорад. Дар шароити рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва эътирофи умумиҷаҳонии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳар як маҳдудияти ҳуқуқ бояд бо принсипҳои қонуният, зарурат ва мутаносибӣ асоснок карда шавад. Дар ҳолати риоя нашудани ин талабот, ҷазоҳои иловагӣ метавонанд ба вайроншавии ҳуқуқҳои асосии инсон оварда расонанд.

Яке аз масъалаҳои назариявии муҳим, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди баҳс қарор дорад, ин масъалаи манъи дубора ҷазо додан («non bis in idem») мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, ҷазоҳои иловагӣ метавонанд ҳамчун идомаи ҷазои асосӣ ё ҳатто ҷазои дубора барои як ҷиноят арзёбӣ шаванд. Ин ҳолат бо принсипҳои бунёдии ҳуқуқ мухолифат дошта,

[550] Зокирзода З.Х. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2026. – С. 78.

зарурати бознигарии меъёрҳои дахлдорро ба миён меорад. Р.Ш. Шарофзода дар китоби назарияи давлат ва ҳуқуқ принсипи манъи ҷазои дубораро пешниҳод намудааст[551].

Ғайр аз ин, масъалаи фардикунонии ҷазо низ дар доираи татбиқи ҷазоҳои иловагӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳар як ҷазо бояд бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии шахс, аз ҷумла синну сол, вазъи иҷтимоӣ, сатҳи маърифат ва дигар омилҳо таъин карда шавад. Аммо дар амал, на ҳамеша ин талабот ба таври лозима риоя мегардад, ки метавонад ба ноадолатӣ дар таъини ҷазо оварда расонад.

Барои ҳалли мушкилоти зикршуда, пеш аз ҳама такмили қонунгузорӣ зарур аст. Қонунгузор бояд меъёрҳои дақиқ ва возеҳро оид ба асос, шарт ва тартиби таъини ҷазоҳои иловагӣ муқаррар намояд. Ҳамзамон, таъмини ягонагии амалияи судӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандони мақомоти судӣ низ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар баробари ин, зарур аст, ки ҳангоми татбиқи ҷазоҳои иловагӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон диққати махсус дода шавад. Танҳо дар ҳолате, ки ҷазо бо риояи принсипҳои адолат, қонуният ва мутаносибӣ таъин мегардад, он метавонад ба ҳадафҳои худ ноил шавад.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки ҷазоҳои иловагӣ, сарфи назар аз аҳаммияти муҳими худ дар низоми адолати ҷиноятӣ, ниёз ба такмили назариявию амалӣ доранд. Бо роҳи бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва такмили механизмҳои татбиқи онҳо, мумкин аст самаранокии ин институт баланд бардошта шуда, нақши он дар пешгирии ҷиноятқорӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ таҳким ёбад.

Ҷазоҳои иловагӣ дар низомҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ дар кишварҳои гуногун бо шакл, мазмун ва дараҷаи татбиқ фарқ мекунанд, ки ин фарқиятҳо аз анъанаҳои ҳуқуқӣ, сатҳи рушди сиёсати ҷиноятӣ ва хусусиятҳои низоми адолати судӣ вобаста мебошанд. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳо ба монанди Россия, Қазоқистон, Амрико ва Олмон нишон медиҳад, ки ҷазоҳои иловагӣ ҳамчун унсури муҳимми таъсиррасонии ҷиноятӣ эътироф гардида, аммо ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар ҳар як низом гуногун ташаккул ёфтааст.

Дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон, ки ба низоми ҳуқуқии континенталӣ ва мероси ҳуқуқи шуравӣ такя мекунанд, ҷазоҳои иловагӣ асосан ҳамчун ҷузъи иловагӣ ба ҷазои асосӣ баромад намуда, бо қонунгузории ҷиноятӣ ба таври нисбатан муфассал танзим шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар амалияи татбиқ мушоҳида мешавад, ки онҳо на ҳамеша самаранок истифода мешаванд. Сабабҳои асосӣ ин номуайянии меъёрҳои таъйин, маҳдудияти доираи истифода ва баъзан хусусияти расмии онҳо мебошанд. Дар ин кишварҳо ҷазоҳои иловагӣ бештар ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои муайяни шахс (масалан, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян) равона шудаанд, вале механизмҳои назорат ва иҷрои онҳо на ҳамеша самаранок мебошанд.

Дар муқоиса, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷазоҳои иловагӣ (ё ба истилоҳ «collateral consequences») доираи хеле васеъ дошта, аксар вақт берун аз доираи мустақими ҳукми суд низ татбиқ мешаванд. Онҳо метавонанд маҳдудиятҳои ҷиддиро ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс ворид намоянд, аз ҷумла маҳрум шудан аз ҳуқуқи овоздиҳӣ, маҳдудият дар дастрасӣ ба шуғл, манзил ва барномаҳои иҷтимоӣ. Хусусияти хоси низоми амрикоӣ дар он аст, ки ин гуна ҷазоҳои иловагӣ аксаран хусусияти автоматикӣ дошта, баъзан ҳатто пас аз адои ҷазои асосӣ низ таъсири худро нигоҳ медоранд. Ин ҳолат масъалаҳои ҷиддии вобаста ба мутаносибӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсонро ба миён меорад.

[551] Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Шарофзода // Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Моҳи Мунир, 2025. – С. 450.

Дар Олмон, ки яке аз намунаҳои пешрафтаи низоми ҳуқуқии континенталӣ ба ҳисоб меравад, ҷазоҳои иловагӣ бо принсипҳои қатъии ҳуқуқӣ, аз ҷумла мутаносибӣ, адолат ва фардикунонии ҷазо, танзим карда мешаванд. Дар ин низом ҷазоҳои иловагӣ ҳамчун воситаи ёрирасон, вале муассири таъсиррасонӣ истифода шуда, татбиқи онҳо ба таври возеҳ ва асоснок дар қонун пешбинӣ шудааст. Механизмҳои татбиқ ва назорати онҳо нисбатан самаранок буда, ба ҳифзи тавозуни байни манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқҳои шахс равона шудаанд.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки самаранокии ҷазоҳои иловагӣ пеш аз ҳама ба сатҳи дақиқии танзими ҳуқуқӣ, мавҷудияти механизмҳои муассири татбиқ ва мутобиқати онҳо ба принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста мебошад. Дар чунин кишварҳо ҷазоҳои иловагӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҷазо, балки ҳамчун механизми пешгирӣ ва реинтегратсияи иҷтимоии шахс истифода мешаванд.

Бо дарназардошти ин таҷриба, зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар самти ҷазоҳои иловагӣ возеҳ мегардад. Аз ҷумла, зарур аст, ки мафҳум ва табиати ҳуқуқии онҳо дақиқтар муайян карда шавад, доираи татбиқи онҳо васеъ гардад, инчунин механизмҳои самараноки назорат ва иҷро ҷорӣ карда шаванд. Ҳамзамон, бояд тавозуни байни ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва риояи ҳуқуқҳои инсон таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷазоҳои иловагӣ дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ин институт дорои имкониятҳои васеъ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ мебошад, аммо барои амалӣ гардидани ин имкониятҳо такмили мунтазами қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ зарур аст.

Консепсияи ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ (reputational / social-impact punishment) аз он бармеояд, ки ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо набояд ба маҳрумиятҳои ҷисмонӣ ё молиявӣ маҳдуд гардад, балки метавонад ба мақом, обрӯ ва эътирофи иҷтимоии шахс низ таъсир расонад. Дар шароити муосир, махсусан дар ҷомеаҳое, ки обрӯ ва мавқеи иҷтимоӣ аҳаммияти баланд доранд, чунин шакли таъсиррасонӣ метавонад аз бисёр ҷазоҳои анъанавӣ самараноктар бошад.

Моҳияти ин консепсия дар он аст, ки шахси гунаҳкор на танҳо ҷазои асосӣ мегирад, балки бо ҳукми суд ба чунин уҳдадориҳо низ дучор мешавад, ки ба обрӯи ҷамъиятии ӯ таъсири манфӣ мерасонанд. Ин метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад: эълони ҳатмии ҳукм, нашри маълумот дар бораи ҷиноят, маҳрум сохтан аз эътибори касбӣ ё мансабӣ. Муҳим он аст, ки ин таъсир қонунӣ, танзимшуда ва мутаносиб бошад, на худсарона.

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки унсурҳои чунин ҷазо дар шаклҳои гуногун аллакай истифода мешаванд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико судҳо дар баъзе ҳолатҳо шахсро уҳдадор мекунанд, ки маълумот дар бораи ҷинояти худро ошкор намояд (масалан, дар парвандаҳои молиявӣ ё фиребгарӣ). Ин амал ҳамчун воситаи огоҳсозии ҷомеа ва ҳамзамон таъсири мақом ва обурӯй истифода мешавад. Дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва дигар кишварҳои аврупоӣ низ механизмҳои марбут ба аз даст додани эътибори касбӣ (масалан, манъи фаъолияти касбӣ бо паёмадҳои иҷтимоӣ) амал мекунанд, ки дар асл унсури таъсири ҷамъиятиро дар бар доранд. Дар баъзе низомҳо, махсусан дар кишварҳои англосаксонӣ, нашри ҳукмҳои судӣ ва дастрасии васеи онҳо ба ҷомеа худ як шакли таъсири иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин, дар аксари кишварҳо ин институт ҳанӯз ба таври мустақил ҳамчун «ҷазои иловагӣ» шакл нагирифтааст, балки ҳамчун оқибати иловагӣ ё унсури шаффофият баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳоди ҷорӣ намудани он ҳамчун навъи мустақили ҷазои иловагӣ метавонад навгонии илмӣ ҳисобида шавад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани чунин институт бояд бо эҳтиёткорӣ ва дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи инсон амалӣ гардад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми дақиқи «ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ» муайян карда шавад. Баъдан, бояд шаклҳои мушаххаси он пешбинӣ гарданд, масалан:

– эълони ҳатмии ҳукми суд тавассути воситаҳои ахбори омма;

– нашри маълумот дар бораи ҷиноят барои категорияҳои муайяни ҷиноятҳо (масалан, коррупсионӣ ё иқтисодӣ / қаллобӣ);

– маҳрум сохтан аз эътибори касбӣ бо оқибатҳои ошкоро (public disqualification).

Ҳамзамон, қонун бояд меъёрҳои қатъӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахс муқаррар намояд, то ки чунин ҷазо ба таҳқири шаъну шараф ё нақзи ҳуқуқи дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ оварда нарасонад.

Аз ҷумла, зарур аст, ки қонунгузорӣ **муайян созад:**

– ҳолатҳо ва навъҳои ҷиноят, ки дар онҳо ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ метавонад татбиқ шавад;

– муҳлати эътибор ва давраи амалкунӣ ё иҷрои ин ҷазо;

– тартиби бекор, маҳдуд кардан ё сабуктар кардани он дар сурати риояи шароитҳои муайян.

Масъалагузории асосӣ дар он аст, ки чӣ гуна тавозуни байни манфиати ҷомеа ба иттилоот ва ҳифзи обрӯи шахс нигоҳ дошта шавад. Агар ин тавозун риоя нагардад, чунин ҷазо метавонад ба воситаи фишори иҷтимоӣ ва ҳатто стигматизатсияи доимии шахс табдил ёбад, ки бо принсипҳои гуманизми ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолиф аст.

Ҳамин тариқ, ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ метавонад ҳамчун як самти нави рушди институти ҷазоҳо баррасӣ гардад, ки ба истифодаи омилҳои иҷтимоӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ равона шудааст. Аммо татбиқи он дар Тоҷикистон танҳо дар сурате муваффақ хоҳад буд, ки бо асосноккунии илмӣ, танзими дақиқи ҳуқуқӣ ва риояи қатъии ҳуқуқҳои инсон ҳамоҳанг карда шавад.

Дар замони Шуравӣ сарзаниши оммавӣ (публичная порка) ҳамчун шакли таъсири иҷтимоӣ ба шахсони гунаҳкор ба кор бурда мешуд. Ин амал на ҳамчун ҷазои ҷисмонӣ, балки ҳамчун василаи таъсири ахлоқӣ ва иҷтимоӣ хизмат мекард. Таҳлилҳои З.Х. Зокирзода нишон медиҳанд, ки ин шакл ба барқарорсозии тартиби ҷамъиятӣ, танзими рафтори шахс ва пешгирии такрори ҷиноят мусоидат мекард. Ба андешаи муаллиф, «... вобастагии иҷтимоии низоми ҷазоро метавон дар мисоли чанд даҳсолаи ахири рушди таърихи ҷомеаи Тоҷикистон мушоҳида намуд. Тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (с. 1961), низоми ҷазо шомили сарзаниши иҷтимоӣ, муайян гардидани ҷавобгарӣ барои ҷуброн намудани зарари вориднамуда, роҳхат ба осоишгоҳи табобативу меҳнатӣ, корҳои ислоҳӣ дар минтақаҳои ҷудогона (яъне берун аз маҳалли кори маҳкумшуда) ва бадарғаву ирсол ба ҷойи дигар буд. Ҳамаи ин ҷазоҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоранд»[552].

Бо дар назар гирифтани воқеиятҳои нави иҷтимоӣ, қонунгузор ба низоми танзимшавандаи кунунӣ намудҳои ҷазоҳои барои Кодексҳои ҷиноятии давраи шуравӣ ноошно аз қабили корҳои ҳатмӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро шомил намудааст[553]. «Ворид намудани ҳар гуна ҷазои дар боло ишорашуда дорои асосу далелҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва башардӯстӣ мебошад.

[552] Зокирзода З.Х. Ҷазои ҷиноятӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ: монография. – Нашри аввал. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – С. 139.

[553] Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – № 5. – С. 223-230.

Ин нукта низ мушаххасу бебаҳс аст, ки низоми ҷазо дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал на танҳо намудҳои муайяни ҷазо, балки низоми онҳо низ муайян гардидааст. Тамоми чорабиниҳои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятии дар номгӯй тавассути қонунгузор пешбинишуда қонунианд ва баръакс, чорабиниҳои дар ин номгӯй зикрнашуда наметавонанд ҷазо эътироф шаванд»[554].

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ метавонад ҳамчун институти мустақили ҷазоҳои иловагӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ истифода шавад. Аммо татбиқи он бояд бо риояи меъёрҳои ҳуқуқи инсон ва ҳифзи шаъну шарафи шахс мутобиқ гардад.

Аз ин ҷиҳат, масъалаҳои асосии таҳқиқот ва қонунгузорӣ чунинанд:

1. Ҳолат ва навъҳои ҷиноят – муайян кардани он, ки дар кадом ҳолатҳо ва барои кадом навъи ҷиноятҳо ҷазои таъсири ҷамъиятӣ метавонад татбиқ шавад;

2. Давраи амалкунӣ – муайян кардани муҳлати эътибор ва давраи иҷрои ҷазо, ки таъсири он ба шахс ва ҷомеа самаранок бошад;

3. Тартиби бекоркунӣ ва маҳдудсозӣ – тартиби сабук кардани ҷазо ё бекор кардани онро дар сурати риояи шартҳои муайян, бо риояи ҳуқуқҳои инсон;

4. Механизми татбиқ – муайян кардани воситаҳои амалӣ ва танзимшуда барои эълон ва нашри ҳукм, ки таъсир ба шахс ҳамзамон қонунию мувозинатнок бошад;

5. Таъсири ҷамъиятӣ ва танзим – таҳлил кардани он, ки чӣ гуна таъсири ҷамъиятӣ ба ҳадафҳои пешгирӣ ва ислоҳ равона мешавад, ва чӣ гуна ҷомеа метавонад онро қабул кунад, бидуни таҳқир ва стигматизатсияи доимӣ.

Ҳамин тавр, таҳлили таҷрибаи шуравӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҷазои иловагии таъсири ҷамъиятӣ метавонад ҳамчун навъи самараноки ҷазои иловагӣ дар Тоҷикистон ҷорӣ шавад, бо шарти танзими ҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои шахс. Ин институт метавонад ҳамчун механизми пешгирӣ, ислоҳ ва барқарорсозии адолати ҷамъиятӣ хизмат кунад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Зокирзода З.Х.

АДАБИЁТ:

1. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Абдурашидов Азиз Абдумансурович. – Душанбе, 2011. – 190 с.

2. Зокирзода, З.Х. Ҷазои ҷиноятӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ: монография [Матн] / З.Х. Зокирзода. – Нашри аввал. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – 216 с.

3. Зокирзода, З.Х. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 5.5.8 / Зокирзода Зафар Хайрулло. – Душанбе, 2026. – 409 с.

4. Зокирзода, З.Х., Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиявӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – № 5. – С. 223-230.

[554] Зокирзода, З.Х. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ: дис. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2026. – С. 72-73.

5. Шарофзода, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн]: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Шарофзода . – Душанбе: Моҳи Мунир, 2025. – 1000 с.

6. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокиров, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Нашри 4, такмилёфта. – Душанбе, 2019. – 223 с.

ДОПОЛНИТЕЛЬНЫЕ НАКАЗАНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЕ УГОЛОВНОГО ПРАВА: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ И ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

Ключевые слова: дополнительные наказания; сравнительно-правовой анализ; система уголовного права; социальное воздействие; законодательство; Таджикистан.

Аннотация. Статья посвящена сравнительно-правовому анализу дополнительных наказаний в различных правовых системах, включая Россию, Казахстан, США, Германию и развитые страны. Дополнительные наказания рассматриваются как самостоятельный институт уголовного права, способствующий повышению эффективности уголовной политики. В статье анализируются механизмы применения, новые формы наказаний и международный опыт, а также предлагаются пути совершенствования законодательства и внедрения дополнительных наказаний в Республике Таджикистан. Особое внимание уделено наказаниям с социальным воздействием, финансовым мерам и обязательствам по исправлению поведения.

Мукими Сафарбек Давлатбек – преподаватель Таджикского педагогического института в Раштском районе, доцент кафедры права и государственного управления, кандидат юридических наук. Тел.: (+992) 931-90-30-90.

ADDITIONAL PUNISHMENTS IN THE MODERN CRIMINAL LAW SYSTEM: COMPARATIVE-LEGAL ANALYSIS AND WAYS TO IMPROVE LEGISLATION

Key words: additional punishments; comparative-legal analysis; criminal law system; social impact; legislation; Tajikistan.

Annotation. The article focuses on the comparative-legal analysis of additional punishments in various legal systems, including Russia, Kazakhstan, the USA, Germany, and other developed countries. Additional punishments are considered an independent criminal law institution that enhances the effectiveness of criminal policy. The study examines the mechanisms of implementation, new forms of sanctions, and international experience, as well as proposes ways to improve legislation and introduce additional punishments in the Republic of Tajikistan. Special attention is given to punishments with social impact, financial measures, and behavioral obligations.

Muqimi Safarbek Davlatbek – Tajik State Pedagogical University in Rasht District, Associate Professor of the Department of Law and Public Administration, Candidate of Legal Sciences. Phone: (+992) 931-90-30-90.

АЗИМЗОДА НАЗИРҶОН,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

НАИМЗОДА МАРҲАБО НАИМ,
муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: (+992) 93-832-77-37. E-mail: naimzoda65@mail.ru

ТДУ: 343.272.5(575)

НИЗОМИ ҲОЛАТҲОИ САБУККУНАНДАИ ҶАЗО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҷазо; адолати судӣ; доғи судӣ; авф; маҳрум сохтан аз озодӣ; ҳолати сабуккунанда; ҷиноят.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаи низоми ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва шахсияти гунаҳкорро коҳиш дода, ба суд имкон медиҳанд, ки ҳангоми таъини ҷазо принсипҳои инсондӯстӣ ва адолатро татбиқ намояд.

Низоми ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ба таъмини адолати судӣ ва инфиродӣ гардонидани ҷазо мусоидат мекунад. Мақсади асосии он аз он иборат аст, ки ҳангоми таъини ҷазо суд на танҳо хусусияти ҷиноят, балки шахсияти гунаҳкор, шароити содиршавии ҷиноят ва дигар омилҳои таъсиррасонро ба назар гирад.

Тибқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолатҳои сабуккунанда он гуна ҳолатҳое мебошанд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ё шахси гунаҳкорро коҳиш медиҳанд ва барои таъини ҷазои сабуктар асос фароҳам меоранд. Ин ҳолатҳо метавонанд ҳам дар худи қонунгузорӣ мустақиман пешбинӣ шуда бошанд ва ҳам суд онҳоро бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда эътироф намояд.

Олими ҳуқуқшинос Т.Ш.Шарипов қайд намудааст, ҳолати бори аввал содир намудани ҷиноят на бо мазмуни воқеӣ, балки бо мазмуни ҳуқуқии он фаҳмида мешавад. Масалан, агар шахс воқеан бори дуюм ҷиноят содир намояд, аммо нисбати ҷинояти аввала муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузашта бошад ё доғи судиаш барҳам ё бардошта шуда бошад ё умуман аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти содиркардааш озод карда шуда бошад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамчун шахси бори аввал ҷиноят содиркарда ба ҳисоб меравад ва суд чунин ҳолатро ҳамчунин ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф менамояд[555].

Доғи судӣ – ин вазъи махсуси ҳуқуқии шахс мебошад. Моҳияти доғи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои шахси маҳкумшуда ҳуқуқмаҳдудкуниҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Вазъи ҳуқуқии зикргардида ба шахс баъди адо намудани ҷазо низ дар муҳлати муайян нигоҳ дошта мешавад. Масалан, доғи судӣ нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани

[555] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. – Душанбе: ГЛОБУС, 2006. – С. 136.

озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъйиншудаи ҷазо барҳам мехӯрад (қисми 3 моддаи 84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[556]. Ба ақидаи олимони ҳуқуқшинос Ревин В.П. ва Сафаров Х.С. ҷиноят бори аввал содиршуда дониста мешавад, агар шахс қаблан ҷинояти начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин, ё ҳатто содир намуда бошад ҳам, доғи судиаш барҳам хӯрдааст[557]. Инчунин, дар асоси қ. 2. м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшуда он судшавадае номида мешавад, ки нисбати ӯ ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо кардааст, яъне танҳо нафаре маҳкумшуда эътироф мешавад, ки агар нисбати ӯ ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо карда бошад.

Ҳамин тавр, бори аввал содир намудани ҷиноят ин содир намудани як ё якчанд ҷиноят аз ҷониби шахс, ки барои барои ин ҷиноят (ҷиноятҳо) қаблан маҳкум нагардидааст ё ҳукми қаблии суд эътибори қонунӣ пайдо накардааст. Ба ин номгуъ шахсе дохил мешавад, ки қаблан ҷиноят содир кардааст, вале нисбати ӯ муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузаштааст (моддаи 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузаштааст (моддаи 81 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) , агар доғи судиаш дар натиҷаи татбиқи санади афв (моддаи 82 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё бахшиши ҷазо (моддаи 83 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бардошта шуда бошад, агар доғи судиаш дар асосҳои умумӣ бардошта ё барҳам хӯрда бошад (моддаи 84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар асоси қ.1 м.63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад. Ҳолатҳои алоҳидаи сабуккунанда ва ҳам маҷмуи чунин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф карда шаванд.

Мисол, шаҳрванд Х. бо ҳукми суди ноҳияи Кушониён бо моддаҳои 111 қисми 1 ва 117 қисми 2 банди «в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкор дониста шуда; -бо моддаи 111 қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 (ду) сол, -бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 (се) сол,

Дар асоси моддаи 67 қисми 3-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъиншуда, ба ҷазои ниҳоӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 4 (чор) сол маҳкум шудааст.

Бо таъиноти Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилояти Хатлон ҳукми суди марҳилаи якум нисбати Х. бо моддаҳои 111 қисми 1 ва моддаи 117 қисми 2 банди «в»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми таъини ҷазо тағйир дода шуда, бо моддаи 111 қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 1 (як) сол, бо моддаи 117 қисми 2 банди «в»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи моддаи 63 Кодекси мазкур ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати 1 (як) сол, дар асоси талаботи қ.3 м. 67 Кодекси

[556] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / зери таҳрири умумии д. и. х., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: Нашриёти Муосир, 2023. – С. 237.
[557] Ревин В.П., Сафаров Х.С. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 326.

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ ба Х. маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 1 (як) солу 6 (шаш) моҳ муайян карда шудааст.[558]

Суди марҳилаи кассатсионӣ аз маводи парванда муайян намудааст, ки маҳкумшуда Х. бори аввал ҷиноят содир карда, ҷавон мебошад, дар тарбияаш се фарзанди ноболиғ дошта, аз ҷои зисташ хислатномаи хуб дошта, дар ошкор намудани ҷиноят мусоидат намудааст.

Аз ин рӯ, ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, набудани зарар ва дигар ҳолатҳоро ҳамчун ҳолатҳои мустасноӣ ба назар гирифта, лозим шуморидааст, ки ҷазои бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати Х. таъиншуда бо дастрасии моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар карда шавад.

Ҳолатҳои дар болозикр аз он шаҳодат медиҳад, ки суди марҳилаи кассатсионӣ ҳолатҳоеро, ки ҷазоро сабук мекунанд, ошкор намуда, бо дарназардошти онҳо ҷазои таъиннамудаи суди марҳилаи якумро бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав тағйир додааст.

Вале, новобаста аз ҳолатҳои болозикр, дар таҷрибаҳои судӣ дар бархе мавридҳо ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ва мувофиқи мақсад будани татбиқи м.63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазоро аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида камтар таъин ё нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, судҳо таъин наменамоянд. Ҳол он ки имконияти дар амал татбиқ намудани меъёри болозикр бо дарназардошти мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ҷой дошта бошад ҳам, дар бархе ҳолатҳо аз мадди назари судяҳо дур мемонад.

Ба олими ҳуқуқшинос Мясников О. хеле бамаврид қайд намудааст, ки судҳо аксар вақт ҳангоми муайян кардани намуди ҷазо, бе таҳлили муфассали ҳолатҳои воқеӣ, бо қайди он ки доир бо парванда ҳамаи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда ба назар гирифта шудааст, маҳдуд мегарданд. Ҳукми бо чунин ибора баровардашуда асоснок буда наметавонад ва ҳам барои афкори ҷамъиятӣ ва ҳам барои маҳкумшуда номуассир (ғайрибоварибахш) аст. Дар баъзе ҳолатҳо, нопурра муайян кардани ҳолатҳои барои парванда муҳим асос барои бекор кардани ҳукм мегардад[559].

Ҳол он ки мувофиқи талаботи банди 1-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 33 аз 24 декабри соли 2010 (бо тағйиру иловаҳо аз 14 июли соли 2018 таҳти рақами 32) «Дар бораи ҳукми судӣ» судҳо уҳдадоранд, ки бо дарки масъулияти баланд ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда, иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин намоянд[560].

Ноболиғ будани гунаҳгор низ ба сифати ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо мувофиқи банди «б» қ.1 м.61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар асоси қ.1 м. 86 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд.

Синни камтарини ноболиғ ҳамчун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ – синни камтарини ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии

[558] Парвандаи ҷиноятии № 1-14 /20/ Бойгонии суди н.Кушониён вилояти Хатлон.
[559] Мясников О. Индивидуализация наказания с учетом смягчающих обстоятельств // Российская юстиция. – 2002. – № 9. – С. 61-62.
[560] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023 – С. 129.

Тоҷикистон синни камтарине, ки аз он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан мумкин аст, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чордаҳсолагӣ, муайян гардидааст. Хурдсолони ба синни чордаҳсолагӣ нарасида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд[561].

Бархе олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва психология ба хулосаи зерин омаданд. Ба ақидаи Павлов В.Г., аз давраи чордаҳсолагӣ то шонздаҳсолагӣ физиологияи инсон зина ба зина ба балоғатрасии комил омада мерасад[562].

Ҳамчунин, Карпец И.И. иброз намудааст, ки дар сини чордаҳсолагӣ шахс қодир аст хулосабарорӣ намояд ва ҳамчунин, метавонад кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро идора намояд[563].

Тибқи муқаррароти банди 11 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи тағрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 № 10, аз 23 июни соли 2010 № 14, аз 23 ноябри соли 2012 № 33 ва аз 24 июли соли 2019, № 1 ворид карда шудаанд), агар рафтори зиддиҳуқуқӣ ё иғвогаронаи шахсони калонсол, аз он ҷумла, доир ба парванда ҷабрдида эътирофшудагон, содир намудани ҷиноятро аз тарафи ноболиғ водор карда бошад, суд ҳақ дорад инро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазои гунаҳгор ба ҳисоб гирад, ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҷои кор ё истиқомати шахсони қайдшуда таъинотҳои хусусӣ равона кунад.

Инчунин бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи банди «з» моддаи 61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содир намудани ҷиноят дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, агар он ҷиноят будани кирдорро истисно накунад, ё бинобар вобастагии моддӣ, хизматӣ ва ё вобастагии дигар доштани ноболиғ ба амал омада бошад, инҳо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба ҳисоб мераванд, бинобар ин ҳангоми аз тарафи суд муайян кардани ҳолати аз ҷониби калонсол ба содир намудани ҷиноят ҷалб намудани ӯ бояд масъалаи хусусияти маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳии нисбати ноболиғ татбиқшуда ҳал карда шавад. Дар ин маврид ба судҳо зарур аст, муқаррар намоянд, ки чунин вобастагӣ ё маҷбуркунӣ ҷой доштанду ҳаракатҳои ҷиноятқоронаи ноболиғ аз ноилоҷӣ буд, зеро иродаи вай бо рафторҳои зиддиҳуқуқии калонсоле, ки ноболиғро ба содир намудани ҷиноят ҷалб намудааст, фурӯ нишонда шуда буд[564].

Дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда аз 12 номгуи ҷазоҳо, ки дар моддаи 47 муқаррар гардидаанд, танҳо 5 – адад нисбат ба ноболиғон таъин гардиданаш мумкин аст. Мувофиқи қ. 1 м. 87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои ҷазое, ки ба ноболиғон таъин карда мешаванд, аз инҳо иборатанд:а) ҷарима; б) маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян; в) корҳои ҳатмӣ; г) корҳои ислоҳӣ; д) маҳрум сохтан аз озодӣ.

Ҳамчунин, барои ноболиғони аз 14 то 16 сола аз 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ва аз 16 то 18 сола аз 12 соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд таъин карда намешавад.

Ҳангоми фардикунондани ҷазо мавҷудияти хусусиятҳои муайяни равонии (психологии) ноболиғ, вобаста ба синну соли ӯ, новобаста аз вазнинии кирдори содиркардааш бояд ба назар гирифта шавад, Аммо, дар баробари ин, ҳангоми муайян кардани санксияҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

[561] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / зери таҳрири умумии д. и. х., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: Нашриёти Муосир, 2023. – С. 347.
[562] Павлов В.Г. Субъект преступления. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – С. 90.
[563] Карпец И.И. Уголовное право и этика. – М., 1985. – С. 147.
[564] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023 – С. 15-16.

имконияти аз ҷониби ноболиғ содир кардани кирдор тибқи ин моддаҳо бояд ба назар гирифта шавад[565].

Тибқи муқаррароти банди 13 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло зикр гардид, ҳангоми таъини ҷазо ба ноболиғон судҳоро лозим аст на танҳо талаботҳои дар моддаи 60 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда (хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, маълумотҳо оиди шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо), инчунин шартҳои дар моддаи 88 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда (шароити зиндагию тарбияи ноболиғ, дараҷаи инкишофи рӯҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ ва ҳамчунин таъсири шахси калонсол)-ро низ ба инобат гирифта, имконияти таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набударо муҳокима намоянд[566].

Таҷрибаҳои судӣ нишон медиҳанд, ки судҳо устувор барои коҳиши ҷазо нисбат ба ноболиғон, сарфи назар аз вазнинии ҷиноят, хусусан дар сурати мавҷуд будани маҷмуи дигар ҳолатҳои сабуккунанда дар якҷоягӣ бо ҳолати сабуккунанда-ноболиғ будани гунаҳгор кӯшиш менамоянд.

Мисол, ноболиғ С. бо ҳукми суди ш.Норак бо м. 244 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 (ҳашт) сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои тарбиявии дорои низомаш умумӣ, таъин карда шудааст.

Инчунин, бо ҳукми мазкур ноболиғ Д. бо м. 244 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 (ҳашт) сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои тарбиявии дорои низомаш умумӣ, таъин карда шудааст.

Бо таъиноти суди вилояти Хатлон ҳукми суди марҳилаи якум дар қисми таъини ҷазо тағйир дода шуда, ба ноболиғ С. бо м. 244 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи м.63 ва 87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 6400 (шаш ҳазору чорсад) сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Бо дастрасии м.70 қ. 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти давраи дар ҳабс будани ноболиғ С. аз 13 марти соли 2022 то 14 октябри соли 2022 андозаи 50 (панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 3200 сомонӣ, аз ҷазои ҷаримаи таъиншуда кам карда шудааст.

Инчунин, бо таъиноти мазкур ба ноболиғ Д. бо м. 244 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи м.63 ва 87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 6400 (шаш ҳазору чорсад) сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Бо дастрасии моддаи 70 қ.3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти давраи дар ҳабс будани ноболиғ Д. аз 28 марти соли 2022 то 14 октябри соли 2022 андозаи 50 (панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 3200 сомонӣ, аз ҷазои ҷаримаи таъиншуда кам карда шудааст. Чораи пешгирӣ нисбати ноболиғон С. ва Д. нигоҳ доштан дар ҳабс бекор карда шуда, онҳо аз ҳабс фавран озод карда шудаанд.

Мувофиқи талаботи м. 377 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда чунин ҷазо номувофиқ дониста мешавад, ки агар он аз доираи пешбиникардаи қонуни ҷиноятӣ берун набаромада бошад ҳам, вале аз

[565] Буланов А.Ю. Роль смягчающих обстоятельств при квалификации преступлений и назначении наказания. – Москва, 2004. – С. 66.
[566] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023 – С. 16.

рӯи намуд ва андозаи худ, чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошад.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилояти Хатлон ҳукми мазкурро тағйир дода, чунин қайд намудааст: суди марҳилаи аввал, ҷазоро нисбати маҳкумшудагон вазнин таъин намуда, ҳолатҳои сабукунандаи маҳкумшудагонро пурра ва ҳамаҷониба ба эътибор нагирифтааст, ки маҳкумшудагон ноболиғ буда, бори аввал ҷиноят содир намудаанд, ба гуноҳашон пурра иқрор буда аз кирдори содир намудаашон сидқан пушаймон мебошанд ва зарари расонидашуда аз ҷониби маҳкумшудагон пурра ба ҷабрдида барқарор карда шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 372 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ ин асос барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм дар суди марҳилаи кассатсионӣ шуда метавонад.

Ҳамин тавр, Коллегияи судӣ ҳамаи ҳолатҳои дар боло овардашударо баҳои ҳуқуқӣ дода ба хулоса омадааст, ки ҷазои таъинкардаи суди марҳилаи якум ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшудагон мувофиқ набуда, нисбати онҳо ҷазои вазнин таъин карда шудааст. Бинобар ин, тағйир додани ҳукми суди марҳилаи якумро нисбати онҳо дар қисмати таъини ҷазо лозим шуморида ба хулоса омадааст, ки нисбати ноболиғон бо м.244 қ.4 б.«б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии м.63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои сабуктар таъин намояд[567].

Мисоли дигар, ноболиғ Р. бо ҳукми суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе бо м. 248 қ. 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 (се) сол таъин карда шуда, бо татбиқи моддаи 71 ҳамин Кодекс ҷазои таъингардида шартан татбиқ карда нашуда, ба ӯ як сол муҳлати санҷишӣ муқаррар карда шудааст.

Бо қарори Раёсати суди ш.Душанбе ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода шуда, ба ноболиғ Р. бо м. 248 қ. 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии моддаҳои 63 ва 87 ҳамин Кодекс ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 40 (чил) соат дар ҷойҳое, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, бо давомнокии иҷрои он на зиёда аз се соат дар як рӯз таъин карда шудааст.

Мутобиқи қ. 3 ва 4 м.70 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муҳлати аз 30 ноябри соли 2021 то 03 декабри соли 2021, яъне дар давоми чор (4) шабонарӯз дар ҳабс нигоҳ доштани ноболиғ Р. ба ҳисоб гирифта шуда, ӯ аз ҷазои таъингардида пурра озод карда шудааст.[568]

Аз қарори Раёсат бармеояд, ки ҷинояти содирнамудаи ноболиғ тибқи муқаррароти қ.3 м.18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна мансуб мебошад.

Мутобиқи талаботи қ.6 м.87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зербанди 2, банди 13 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 № 10, аз 23 июни соли 2010 № 14, аз 23 ноябри соли 2012 № 33 ва аз 24 июли соли 2019, № 1 ворид карда шудаанд), ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда

[567] Парвандаи ҷиноятии № 1-48 /22/ Бойгонии суди ш. Норак вилояти Хатлон.
[568] Парвандаи ҷиноятии № 1-239/22/ Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.

бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва муҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии ҳамин Кодекс таъин намояд.[569]

Раёсат муқаррар намудааст, ки суди марҳилаи якум бархилофи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ ва Қарори Пленуми Суди Олӣ амал намуда, нисбати Р., ки ҳангоми ноболиғиаш ҷинояти категорияи дараҷаи миёнаро содир намудааст, нодуруст ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин кардааст.

Мутобиқи талаботи сархати дуюми банди 20 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №32 аз 24 декабри соли 2010 «Дар бораи аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қароре, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд (пешбурди назоратӣ)», суди марҳилаи назоратӣ уҳдадор аст, ки ҳама гуна вайронкуниҳои меъёрҳои қонуни моддӣ ва мурофиавии дар маҷлиси судӣ ошкоргардидаро, агар бартараф сохтани онҳо танҳо ба беҳтар гардидани вазъи маҳкумшуда (маҳкумон) оварда расонад, бартараф намояд.[570]

Тибқи талаботи қ. 2 м. 413 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд дар вақти ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парванда метавонад ҷазоеро, ки дар ҳаққи маҳкумшуда таъин карда шудааст, сабуктар намояд ё худ қонун оид ба ҷинояти сабуктарро татбиқ намояд, низоми адои ҷазоро тағйир диҳад, ба ҳисоб гирифтани саршавии воқеии муҳлати адои ҷазо ва масъалаҳои дигари вобаста ба тағйир додани ҳукмро ҳал намояд, аммо ҳуқуқ надорад, ки ҷазоро пурзӯр кунад ё қонун оид ба ҷинояти вазнинтарро татбиқ намояд.

Раёсат ҳолатҳои воқеии кор, сабабу шароити содир намудани ҷиноят ва ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазои Р.-ро, ки ноболиғ буда, чӣ дар рафти тафтишоти судӣ ва тафтишоти пешакӣ ба гуноҳаш иқрор буда, аз карда самимона пушаймонӣ изҳор намудааст, хислатномаи мусбӣ дошта, барои ошкоршавии ҷиноят фаъолона мусоидат кардааст, инчунин талофӣ кардани зарари расонидашуда ва даъво надоштани ҷабрдидаро ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф намуда, зарур донистааст, ки меъёри м.63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намуда, ба хулоса омадааст, ки ба номбурда бо м. 248 қ.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо таъин намояд.

Аз ин рӯ, Раёсат ба хулоса омада, нисбати Р. бо м. 248 қ. 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии м. 63 ва қ.4, 6 м.87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ таъин намудааст.

Ҳамин тавр, қарори Раёсати суди ш. Душанбе нисбати маҳкумшуда Р. барои таъин кардани ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда асоснок мебошад. Зеро ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ноболиғ будан, ба гуноҳаш иқрор ва самимона пушаймон будан, хислатномаи мусбӣ доштан ва барои ошкоршавии ҷиноят фаъолона мусоидат кардан, талофӣ кардани зарари расонидашуда ва даъво надоштани ҷабрдида аз ҷониби суди марҳилаи назоратии ш.Душанбе ин воқеан дар амал татбиқ намудани адолати судӣ буда, он бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ шудааст.

Мутобиқи қ. 2 м. 61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар ҳолати дар қисми якуми ҳамин модда зикргардида дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс ба

[569] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023. – С. 16.
[570] Ҳамин ҷо. – С. 127.

сифати аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, онро такроран ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифтан мумкин нест.

Ба ақидаи олими ҳуқуқшинос Буланов А.Ю., таркибҳое, ки дар онҳо ҳолатҳои сабуккунанда ба сифати ҳатмии аломати ҷиноят пешбинӣ шуда шудаанд, таркибҳо бо ҳолатҳои сабуккунанда номида мешаванд. Тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми ба назар гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда, ки ба сифати таркиби ҷиноят дар қисми Махсуси кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҷиҳати моҳияти худ императивӣ, яъне ҳатмӣ буда, аз қарори суд танҳо дар он қисме вобастагӣ дорад, ки то андозае диспозисияи моддаи дахлдори кодекси ҷиноятӣ имконият медиҳад.[571]

Дигар олими ҳуқуқшинос - Чечель Г.К. қайд намудааст, ки ҳолатҳои сабуккунанда, ки сифати аломати ҷиноят пешбинӣ шудаанд, дар оянда низ ҳангоми фардикунондани ҷазо метавонанд ба андозаи он таъсир расонанд.[572]

Ба ақидаи як қатор олимон бошад, ҳолатҳои сабуккунанда, ки ҳамчун аломати таркиби ҷиноят пешбинӣ шудаанд, онҳо минбаъд наметавонанд ба андозаи ҷазои ба гунаҳкор таъиншаванда таъсир расонанд.[573]

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти банди 6 Қарори болозикри Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳо бояд талаботи қонунро оиди он, ки дар сурате ки ин ё он ҳолати дар қонун сифати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо пешбинишуда дар моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба сифати яке аз аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошаду аммо онро ҳангоми таъин намудани ҷазо барои ҳамин ҷиноят такроран ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо бо назар гирифтан номумкин риоя намоянд.

Сухан дар бораи як қатор таркиби ҷиноятҳо (ба истилоҳ таркиби имтиёзноки ҷиноятҳо) бо ҳолатҳои сабуккунанда меравад, ки дар моддаҳои 105,106, 107, 113, 114, 115 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Дар меъёрҳои мазкур ҳамон ҳолатҳое, ки дар банди «е» ва «ж» қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо номбар карда шудаанд, ҷой доранд. Маҳз, бо назардошти ин, қонунгузор нишон медиҳад, ки агар он ба сифати аломати таркиби ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, дубора ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба назар гирифта намешаванд.

Ин талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ амалияи судиро мустаҳкам менамояд. Қобили қайд аст, ки талаботи мазкур ба ҷиноятҳои зерин тааллуқ дорад: кӯдаки навзоди худро куштани модар (м.105); одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ (м.106); одамкушӣ дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан ё дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноят содиркарда заруранд (м. 107); қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ (м. 114), қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда (м. 115).

Суд ҳангоми таъин кардани ҷазо барои ҷиноятҳои зикршуда ҳуқуқ надорад он ҳолатҳоро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо эътироф намояд, зеро қонунгузор ҳангоми муайян намудани (конструирование) таркиби ҷиноятҳо дар асоси ҳолатҳои сабуккунанда бармаҳал онҳоро дар санксияи моддаҳои дахлдори кодекси ҷиноятӣ ба назар гирифтааст.

---

[571] Буланов А.Ю. Роль смягчающих обстоятельств при квалификации преступлений и назначении наказания. – Москва, 2004. – С. 92-93.

[572] Чечель Г.К. Смягчающие ответственность обстоятельства и их значение в индивидуализации наказания. – Саратов, 1978. – С. 43-44.

[573] Советское уголовное право. Общая часть. – М.: МГУ, 1974. – С. 317; Лейкина К.С. Личность преступника и уголовная ответственность. – Л.:ЛГУ, 1968. – С. 106-107; Трайнин А.Н. состав преступления по советскому уголовному праву. – М., 1951. – С. 324-327; Карпец И.И. Отягчающие и смягчающие обстоятельства в уголовном праве. – М., 1959. – С. 23-24.

Масалан, барои кӯдаки навзоди худро куштани модар ҳангоми таваллуд ё бевосита пас аз он дар ҳолати харобии асаб, ки бо сабаби таваллуд ба вуҷуд омадааст ё дар ҳолати харобии руҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад,ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода пешбинӣ гардидааст (м.105 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ба ақидаи олими ҳуқуқшиноси ватанӣ Ғоибов Р.Д. кӯдаки навзоди худро куштани модар аз ҷониби қонунгузор одамкушӣ бо ҳолатҳои сабуккунанда шуморида шудааст, чунки бо сабаби мавҷуд будани ҳолатҳои махсуси хоси руҳию ҷисмонӣ дар рафти таваллуд намудани кӯдак, онҳо мумкин аст, ки ба рафтори зан таъсири манфӣ расонанд ва бо ин боиси беназорат мондани хоҳиш ва иродаи ӯ гардад. Дар сурати мавҷуд набудани ин ҳолатҳо агар зан кӯдаки навзоди худро кушад, он гоҳ кирдори ӯ бо б. «в» қ.2 м.104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.[574]

Воқеан ҳам, кӯдаки навзоди худро куштани модар бар асари ҳолати харобии асаб ё дар ҳолати харобии руҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад, содир мешавад. Қонунгузор бо назардошти ҳолати болозикр барои сабук кардани ҷазо ба модари гунаҳкор барои куштори кӯдаки навзодро асос донистааст. Дар ин ҳолат бемории рӯҳӣ, ки дар моддаи 25 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бояд ба назар гирифт. Аз ин лиҳоз, суд ҳуқуқ дорад бо ҷазое, ки дар тартиби умумӣ таъин карда мешавад, ҳамзамон чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, яъне табобати маҷбуриро таъин намояд.

Таҳлили дар боло зикршудаи ҷиноят - кӯдаки навзоди худро куштани модар барои бандубасти кирдори зани гунаҳгор бо м. 105 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳангоми таваллуд ё бевосита пас аз он дар ҳолати харобии асаб, ки бо сабаби таваллуд ба вуҷуд омадааст ё дар ҳолати харобии руҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад) ва ё бо б. «в» қ.2 м.104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (куштани баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст) аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамзамон, бандубасти дурусти кирдор барои таъини ҷазои қонуниву асоснок боис мегардад, инчунин бо ин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷумла маҳкумшуда ва ҳам ҷабрдида (намоянда ва ё намояндаи қонунии он) риоя ва таъмин карда мешавад.

Ё ин ки одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (ҷунун), ки ногаҳон бо сабаби зӯроварӣ, таҳқир, ё дашноми қабеҳ ё рафтори дигари зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида, инчунин дар ҳолати давомдори харобкунандаи асаб бо сабаби рафтори мунтазами зиддиҳуқуқӣ ё рафтории бадахлоқонаи ҷабрдида ба вуҷуд омадааст, бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ин муҳлат ҷазо дода мешавад (м.106 қ.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳолатҳои сабуккунандаи ин ҳолатро ҳолати махсуси руҳии шахс ташкил менамояд, ки онро бехудии ҷисмонӣ меноманд (дар қонун ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ номбар шудааст). Бехудӣ (ҷунун) – ин ҳолати эҳсосотиест, ки мувофиқи он рафти эҳсосотомез, бошиддат бавуҷуд омада дар намуди ҳаракат ҷараён мегирад ва он аз назорати бошууронаи шахс берун мебарояд. Бехудӣ ду намуд дорад: ғайритабиӣ ва ҷисмонӣ. Дар бехудии ғайритабиӣ шахс пурра қобилияти бошуурона назорат намудани кирдори худро гум мекунад ва ин ҳолат дар айни замон аз номукаллафии шахс шаҳодат медиҳад. Дар бехудии ҷисмонӣ шахс як дараҷа қобилияти худидоракунии худро нигоҳ медорад, гарчанде, ки назорати иродавии шахс нисбат ба ҳаракаташ паст бошад ҳам, лекин ин ирода дар ӯ қисман

[574] Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми махсус): дастури таълимӣ. – Хуҷанд: Нашриёти Ношир, 2009. – С. 46-47.

боқӣ мемонад. Ин гуна ҳолат мукаллафии шахсро бартараф наменамояд, лекин қонунан дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии одамкуширо хело паст менамояд.[575]

Сабук кардани ҷазо барои ин намуди куштор бо ду ҳолат вобаста аст: якум, гунаҳкор дар ҳолати махсуси руҳӣ амал мекунад- дар ҳолати нооромии шадиди руҳӣ (ҷунун), ки ногаҳон ба вуҷуд омадааст; дуввум, бо хусусияти барангезандаи рафтори ҷабрдида, ки бо амалҳои худ гунаҳкорро ба ҳолати ҷунун оварда, нияти кушторро ба вуҷуд меорад. Танҳо омезиши ду ҳолат дар ҳар як ҷинояти мушаххас барои татбиқи меъёри мазкур асос мегардад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло қайд намуда бамаврид аст, ки агар ҳолати сабуккунанда дар моддаи дахлдори қисми Махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, он худ аз худ ҳангоми таъин кардани ҷазо дубора ба назар гирифта намешавад. Ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки дар қисми Умумии Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, ҳамчун хусусияти паст гардидани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ё шахсияти гунаҳгор муайян кардан мумкин аст.

Мутобиқи қ. 3 м. 61 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида низ мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд.

Тибқи меъёри болозикр ҳолатҳое оварда шудаанд, ки ҷазоро сабук менамоянд, яъне ҳолатҳое, ки ба суд имкон медиҳанд, ки дар доираи санксияи қисми Махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон намуд ва андозаи ҷазоро, одилона, одатан, аз муҳлати ҳадди аксар ва андозаи он камтар интихоб ва таъин намояд. Муҳим он аст, ки номгуи дар қонун овардашуда намунавӣ буда, мукаммал нест. Аз ин лиҳоз, суд ҳуқуқ дорад, ки ҳар як ҳолати дигарро бо назардошти худ чун ҳолати сабуккунанда эътироф намуда, ба назар гирад. Ҳамзамон, суд дар ҳолати мазкур дар ҳукм асоснок намояд, ки маҳз кадом ҳолат ва бо кадом сабабҳо чун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф карда мешавад.

Ба андешаи Гараев М.Т., илова бар ин, дар як қатор моддаҳои Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия воқеан ҳолатҳои дигар ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда оварда шудаанд. Ҳамин тавр, тибқи талаботи қисми 2 моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ҳангоми таъин кардани ҷазо ба парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, аз ҷониби суд ба назар гирифта мешавад. Гарчанде дар ин ҳолат зарурати сабук кардани ҷазо бевосита таъкид карда намешавад, вале ин хулоса худ аз худ бармеояд.[576]

Ҳамчунин, ба ақидаи олими ҳуқуқшинос Наумов А.Б., ба истилоҳ «мукаллафии маҳдуд» албатта гуноҳро, бо сабаби кам шудани қобилияти шахси ҷиноят содиркарда барои дарки хавфнокии кирдор ё идора кардани он, бинобар бо чунин парешонҳолии руҳӣ (психических расстройств) ва *радкуниҳо, ихтилофҳо* (отклонений), ки дар асл имконияти мукаллаф эътироф намудани шахсро доранд, дар кирдори содиршуда коҳиш медиҳад.[577]

Ҳамзамон, олими ҳуқуқшинос Гараев М.Т. пешниҳод намудааст: Содир намудани ҷиноят ҳангоми бемории руҳӣ (парешонҳолии руҳӣ), ки мукаллафиро истисно намекунад, ҳамчун як ҳолати сабуккунандаи ҷазо дар қисми 1 моддаи 61 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия муқаррар карда шуданаш мувофиқи мақсад аст.[578]

Чӣ хеле дар боло қайд гардид, қонунгузор ҳангоми муайян намудани

[575] Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми махсус): дастури таълимӣ. – Хуҷанд: Нашриёти Ношир, 2009. – С.48-49.
[576] Гараев М.Т. Смягчение наказания при его назначении по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – С. 53.
[577] Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть: курс лекций. – М.: БЕК, 1996. – С. 194.
[578] Гараев М.Т. Смягчение наказания при его назначении по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – С. 53.

(конструирование) таркиби ҷиноятҳо дар асоси ҳолатҳои сабуккунанда бармаҳал онҳоро (дар санксияи моддаҳои дахлдори кодекси ҷиноятӣ) ба назар гирифтааст. Аз ин лиҳоз, такроран дар қ.1 м.61 Кодекси ҷиноятӣ чун ҳолати сабуккунандаи ҷазо муқаррар гардидани «содир намудани ҷиноят ҳангоми бемории руҳӣ (парешонҳолии руҳӣ), ки мукаллафиро истисно намекунад», таҳлил ва баҳодиҳии ҳуқуқии ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Дар асоси муқаррароти банди 9 Қарори болозикри Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ дар маҷмуи маълумотҳо оиди шахсияти гунаҳгор имконпазир мебошад. Дар ин маврид ҳамчун ҳолатҳои мустасно, аз ҷумла ҳолатҳои бо қонун ба сифати сабуккунандаи ҷазо пешбининишудае, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъияти ҷиноятӣ содиршударо моҳиятан кам мекунанд, низ эътироф карда шуданашон мумкин аст. Андозаи ҷазои аз ҷониби суд бо тартиби зикргардида таъиншуда аз ҳадди поёние, ки бо Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин намуди ҷазо муқаррар гардидааст кам буданаш номумкин аст.

Дар ҳар ҳолати аз ҳадди поёнии дар қонун пешбинишуда барои ҷинояти мазкур камтар таъин намудани ҷазо ё ин ки гузаштан ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар, суд вазифадор аст дар қисми асосноккунии ҳукм маҳз ҳамон ҳолатҳоеро, ки бо парванда муқаррар шудаанду онҳоро мустасноӣ эътироф намуда, бо назардошти маълумотҳо оиди шахсияти судшаванда дар татбиқ намудани моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асос мегирад, дарҷ намояд. Ҳангоми татбиқи ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, суд метавонад чунин ҷазоро барои яке аз ин ҷиноятҳо ё ин ки дар алоҳидагӣ ба ҳар кадомаш таъин намуда, сипас аз рӯи қоидаҳои моддаи 67 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ниҳоиро муайян намояд.[579]

Мисол, шаҳрванд Д. бо ҳукми суди ноҳияи Ҷайҳун м. 252 қ. 2 б. «б» ва 165 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо м. 252 қ. 2 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол, бо м. 165 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол, бидуни маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, бо дастрасии м.67 қ.3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи қисман зам намудани ҷазоҳо, ҷазои ниҳоӣ ба Д. дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ солу шаш моҳ, бидуни маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян таъин карда шудааст.

Баъдан, бо таъиноти суди вилояти Хатлон ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода шуда, ба Д. бо м. 252 қ. 2 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол, бо бо м. 165 қ. 4 б. «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол, бидуни маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян,бо дастрасии моддаи 67 қисми 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ниҳоӣ ба Д. маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се солу шаш моҳ, бидуни маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян таъин карда шудааст.[580]

[579] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023. – С. 22.
[580] Парвандаи ҷиноятии № 1-106 /23/ Бойгонии суди н. Ҷайҳун вилояти Хатлон.

Мавриди баррасии парвандаи мазкур суди вилояти Хатлон муайян намудааст, ки суди марҳилаи аввал, ҷазоро нисбати маҳкумшуда Д. вазнин таъин намуда, ҳолатҳои сабукунандаи маҳкумшударо пурра ва ҳамаҷониба ба эътибор нагирифтааст, ки маҳкумшуда ба гуноҳаш иқрор буда, аз кирдори содир намудааш сидқан пушаймонӣ изҳор намудааст, ҷавон буда, дар ошкор кардани ҷиноят фаъолона мусоидат намудааст ва инчунин ҷабрдида нисбаташ ягон даъво надорад. Ҳамаи ҳолатҳои сабуккунандаи мазкурро ҳамчун ҳолатҳои мустасно эътироф намуда, бо дарназардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятӣ содиршуда ва шахсияти гунаҳгор ба хулоса омад, ки нисбати охирон қойдаҳои моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намуда, нисбат ба ҷазои дар моддаи 165 қисми 4 банди «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин намояд.

Ҳамзамон дар таъинот қайд намудааст, ки тибқи тавзеҳоти Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1 аз 24 феврали соли 2005 бо тағйиру иловаҳо аз 30 июни соли 2011 таҳти рақами 3 «Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусиятии ҳуқуқӣ ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд.[581]

Ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ҷазо, суд ҳангоми таъин кардани ҷазо ҳуқуқ дорад ба гуноҳаш иқрор будан, аз ҷумла қисман, пушаймонӣ аз кирдор, мавҷудияти кӯдакони ноболиғро ба шарте ба назар гирад, ки гунаҳкор дар тарбия, таъмини моддии онҳо иштирок намояд ва ҷиноят нисбати кӯдакон содир нашуда бошад, ҳамчунин дар таъминоташ қарор доштани шахсони солхӯрда (ё калонсол), вазъи саломатии ӯ, мавҷудияти маъюбӣ, мукофотҳои давлатӣ, иштирок дар амалиёти ҷангӣ барои ҳимояи Ватан ва ғайраро ба назари эътибор гирад. Тавре тағрибаи судӣ нишон медиҳад, аксар вақт ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, судҳо тавсифи мусбии шахсияти гунаҳкорро дар ҷои кор, таҳсил ё истиқомат, муносибати ӯро ба таҳсил, кор ва ҷомеа, вазъи саломатии гунаҳкорро ба назар мегиранд.

Ҳамзамон, қайд намудан бамаврид аст, ки дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1 аз 24 феврали соли 2005 (бо тағйиру иловаҳо аз 30 июни соли 2011 таҳти рақами 3) «Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», ҳолатҳои дигари дар қ.1 м. 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикрнагардидаро метавонад ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гиранд, тавзеҳоти пурра оварда нашудааст. Аз ин лиҳоз, зарур ва судманд мебуд, агар ба Қарори болозикри Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масоил тағйиру иловаҳо ба таври зайл ворид карда шаванд: Ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қ.1 м. 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикрнагардида судҳо ҳуқуқ доранд ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ба монанди тавсифномаи мусбӣ аз ҷои кор, таҳсил ё истиқомати гунаҳкор, дар таъминоташ қарор доштани шахси (шахсони) калонсол ва ғайра ҳолатҳоро ба назар гиранд.

Воқеан ҳам, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ собит месозанд, ки судҳо дар амалия ҳолатҳои дигари дар қ. 1 м. 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикрнагардидаро дар бештар ҳолатҳо ҳангоми таъини ҷазо ба сифати ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба назар гиранд. Бо ин асосҳо суд ҷазоро аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси

[581] Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2023. – С. 55.

ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин намояд ё метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад.

[605] Николенко Т. Проблемы квалификации получения взятки по признаку вымогательства // Уголовное право. – 2011. – № 1. – С. 40.
[606] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).
[607] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

афзоиш меёбад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мубориза бо ин намуди ҷиноят яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат боқӣ мемонад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мафҳуми «коррупсия» ва самтҳои асосии сиёсати зиддикоррупсиониро муайян мекунад. Дар моддаи 2 ин қонун коррупсия ҳамчун «суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, додани пора, гирифтани пора, тамаъҷӯии пора, сӯиистифода аз ваколат, тиҷорати ғайриқонунӣ ё дигар истифодаи ғайриқонунии ҷониби шахси мансабдор аз мақоми мансабии худ зидди манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат барои ба даст овардани молу мулк, ҳуқуқи молу мулкӣ, хизматрасониҳо ё имтиёзҳо, инчунин додани чунин манфиатҳо ба шахси мазкур аз ҷониби шахсони дигар» муайян карда мешавад.

Моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чор қисмро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ҳолатҳои гуногуни вазнинкунандаро пешбинӣ мекунанд. Ин сохтор ба моддаи 290 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия («Гирифтани пора») монанд аст, аммо дар Тоҷикистон ҷазоҳо нисбатан сахттар мебошанд.

Объекти ҷиноят – муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатӣ ва идора, ҳамчунин обрӯ ва нуфузи ҳокимияти давлатӣ. Объекти мустақим – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти мансабӣ, ки маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони мансабдоро дар бар мегирад. Кашкина Е.В. дар таҳқиқоти худ оид ба нишонаҳои объективии гирифтани пора қайд мекунад, ки «объекти ин ҷиноят маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатӣ ва идораро, инчунин манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро аз суиистифодаи ваколатҳои мансабӣ ҳифз мекунад»[608].

Ҷониби объективӣ – гирифтани пора (ришвахӯрӣ), яъне амали фаъолонаи қабули пора аз ҷониби шахси мансабдор. Мувофиқи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷониби объективӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

Якум, гирифтани пора шахсан ё ба воситаи миёнарав. Миёнарав метавонад ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ бошад. Исмайылова А.Т. дар мақолаи худ оид ба роҳҳои нави гирифтани пора қайд мекунад, ки «дар замони муосир миёнаравон метавонанд дар шакли сохторҳои тиҷоратӣ, фондҳо ва ҳатто шахсони виртуалӣ (бо истифода аз технологияҳои рақамӣ) амал кунанд»[609].

Дуюм, пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ дошта гирифта мешавад. Тавре ки аз матни модда бармеояд, доираи мавзуи пора хеле васеъ буда, ҳама гуна дороии молу мулкиро дар бар мегирад. Хусусан муҳим он аст, ки фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ (масалан, фурӯши мол бо нархи паст, хизматрасонии ройгон, сафари сайёҳӣ, табобат, таълим ва ғайра) низ метавонад пора ҳисобида шавад. Бутина А.В. дар таҳқиқоти худ оид ба фарқи байни пора ва тӯҳфа қайд мекунад, ки «меъёри асосӣ барои фарқ кардан ин ҳузури «аҳди пора» мебошад - яъне дар сурати гирифтани тӯҳфа шахси мансабдор ба ҷониби дигар уҳдадорӣ барои иҷрои амалҳои муайян (ё беамалӣ) надорад»[610].

---

[608] Кашкина Е.В. Объективные признаки получения взятки: уголовно-правовая характеристика получения взятки // Научные труды ФКУ НИИ ФСИН России: ежеквартальное научно-практическое издание. – Москва, 2025. – С. 9.

[609] Исмайылова А.Т. Новый способ получения взятки // Теоретические и прикладные проблемы противодействия негативным социальным явлениям (на примере наркотизации и алкоголизации): сборник материалов региональной конференции / отв. ред. О.В. Ивушкина. – Костанай: Костанайская академия МВД Республики Казахстан им. Ш. Кабылбаева, 2017. – С. 139-142.

[610] Бутина А.В. Разграничение взятки и подарка и отграничение получения и дачи взятки от смежных преступлений // Современные проблемы теории и практики права глазами молодых исследователей: материалы XIX Всероссийской молодежной научно-практической конференции. – Улан-Удэ, 2025. – С. 225.

Сеюм, пора барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ гирифта мешавад. Ин амалҳо (беамалӣ) бояд ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор дохил шаванд ё онҳо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиашон ба чунин амалҳо (беамалӣ) мусоидат карда метавонанд.

Чорум, пора инчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат гирифта мешавад. Ин мафҳуми нав буда, ба он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки пора барои муносибати хуби умумии шахси мансабдор нисбат ба порадиҳанда, сарфи назар кардан аз ҳуқуқвайронкуниҳо, даст кашидан аз ҷавобгарӣ ва ғайра дода мешавад. Кашкина Е.В. дар ин бора менависад: «пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат мафҳуми номуайянест, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ баҳсҳои зиёдро ба миён меорад»[611].

Субъекти ҷиноят – ин ҷиноят метавонад танҳо аз ҷониби шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ содир карда шавад. Яъне, субъекти махсуси ҷиноят мавҷуд аст.

Мувофиқи эзоҳи 3 ба моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «шахси мансабдори давлати хориҷӣ» – ин шахсе мебошад, ки дар мақомоти қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон мансабро ишғол намуда (интихоб гардида ё таъин гардида) ё дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон функсияи давлатиро иҷро менамояд. Ин мафҳум барои мубориза бо ришвахӯрии байналмилалӣ аҳаммияти калон дорад.

Мувофиқи эзоҳи 4 ба моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ» – ин хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд.

Шахси мансабдор – шахсе мебошад, ки доимо ё муваққатан дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин дар ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ваколатҳои ҳокимиятро амалӣ мекунад.

Ҷониби субъективӣ – ҷиноят танҳо бо суиқасди мустақим содир карда мешавад. Шахси мансабдор бояд дарк кунад, ки ӯ пораро барои иҷро ё накардани амали муайян дар манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ мегирад. Лаврентьева А.А. ва Смирнова П.А. дар таҳқиқоти худ оид ба омодагӣ ва суиқасд ба гирифтани пора қайд мекунанд, ки «суиқасди мустақим дар ин ҷиноят бо он ифода меёбад, ки шахси мансабдор аҳаммияти ҷамъиятии хатарноки кирдори худро дарк мекунад, пешбинӣ менамояд, ки ҷамъият ё манфиатҳои ҳифзшавандаи қонуниро метавонад зарари калон расонад ва инро хоҳон аст»[612].

Моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чор қисмро дар бар мегирад, ки ҳар кадом ҳолатҳои гуногуни вазнинкунандаро пешбинӣ мекунанд:

Қисми 1 – таркиби асосии ҷиноят (бидуни ҳолатҳои вазнинкунанда). Ҷазо: ҷарима аз 3650 то 9125 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ то панҷ сол.

Қисми 2 – гирифтани пора барои амали (беамалии) ғайриқонунӣ. Ин таркиби махсус аст, ки дар он пора барои иҷро ё накардани амале гирифта мешавад, ки худи амал ё беамалӣ ғайриқонунӣ аст. Ҷазо: ҷарима аз 5475 то 12775 нишондиҳанда ё маҳрум сохтан аз озодӣ аз се то ҳафт сол.

Қисми 3 – кирдорҳои қисмҳои 1 ё 2, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё шахсе содир шуда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё роҳбарии

[611] Кашкина Е.В. Объективные признаки получения взятки: уголовно-правовая характеристика получения взятки // Научные труды ФКУ НИИ ФСИН России: ежеквартальное научно-практическое издание. – Москва, 2025. – С.10.

[612] Лаврентьева А.А. Уголовно-правовая характеристика приготовления к получению взятки и покушение на получение взятки / А.А. Лаврентьева, П.А. Смирнова // Молодежь и XXI век – 2022: материалы 12-й Международной молодежной научной конференции: в 4-х томах / отв. ред. М.С. Разумов. – Курск, 2022. – С.77.

мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ишғол мекунад. Ҷазо: маҳрум сохтан аз озодӣ аз панҷ то даҳ сол.

Қисми 4 – кирдорҳои қисмҳои 1, 2 ё 3, агар: а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; в) бо тамаъҷӯии пора; г) ба миқдори калон содир шуда бошанд. Ҷазо: маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҳафт то дувоздаҳ сол.

Николенко Т. дар таҳқиқоти худ оид ба мушкилоти квалификатсияи гирифтани пора аз рӯи нишонаи тамаъҷӯӣ қайд мекунад, ки «тамаъҷӯии пора яке аз ҳолатҳои баҳстарин дар амалияи судӣ мебошад, зеро исбот кардани он, ки шахси мансабдор ташаббуси гирифтани пораро ба уҳда гирифтааст, на порадиҳанда, аксар вақт душвор аст»[613].

Дар эзоҳоти моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои зерин муайян карда шудаанд:

1) Миқдори калон – мувофиқи эзоҳи 1, миқдори калон – ин миқдори пул, арзиши коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ дошта, ки арзиши онҳо аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Бояд қайд кард, ки ин маблағ аз маблағи муқарраршуда дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия камтар аст, ки дар он миқдори калони пора ба 150 ҳазор рубл (тақрибан 1700 нишондиҳанда) муқаррар шудааст.

2) Такроран (такрорӣ) – мувофиқи эзоҳи 2, такроран содир намудани ҷиноят – ин содир намудани ҷиноят дар ҳолате мебошад, ки қаблан як ё якчанд ҷиноятҳои пешбинӣ намудаи моддаҳои 319, 320, 324 ва 325-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда бошад. Жукова Т.Г. дар таҳқиқоти худ оид ба омодагӣ ва суиқасд ба гирифтани пора қайд мекунад, ки «такрорӣ нишонаи вазнинкунандаест, ки дараҷаи баланди хатарнокии шахсияти ҷинояткорро нишон медиҳад»[614].

3) Шахси мансабдори давлати хориҷӣ – мувофиқи эзоҳи 3, шахсе, ки дар мақомоти қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон мансабро ишғол намуда (интихоб гардида ё таъин гардида) ё дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон функсияи давлатиро иҷро менамояд.

4) Шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ – мувофиқи эзоҳи 4, хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд.

Сарфи назар аз он ки моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои мушаххаси ҷавобгариро барои гирифтани пора муқаррар мекунад, дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ як қатор мушкилот ба миён меоянд:

Якум, мушкилоти исботи суиқасди мустақим. Барои ҷалб кардан ба масъулият тибқи ин модда, зарур аст, ки исбот карда шавад, ки шахси мансабдор қасдан пораро гирифтааст ва дарк кардааст, ки ин амал ғайриқонунӣ аст. Дар амалия, баъзан шахсони мансабдор даъво мекунанд, ки онҳо пораро ҳамчун тӯҳфа ё ёрдам қабул кардаанд. Бутина А.В. дар ин бора менависад: «меъёри асосӣ барои фарқ кардани тӯҳфа аз пора ин ҳузури 'аҳди пора' мебошад – яъне дар сурати гирифтани тӯҳфа шахси мансабдор ба ҷониби дигар уҳдадорӣ барои иҷрои амалҳои муайян (ё беамалӣ) надорад»[615].

---

[613] Николенко Т. Проблемы квалификации получения взятки по признаку вымогательства // Уголовное право. – 2011. – № 1. – С. 41.

[614] Жукова Т.Г. Уголовно-правовая характеристика приготовления к получению взятки и покушения на получение взятки // Пробелы в российском законодательстве. – 2009. – № 3. – С. 83.

[615] Бутина А.В. Разграничение взятки и подарка и отграничение получения и дачи взятки от смежных преступлений // Современные проблемы теории и практики права глазами молодых исследователей: материалы XIX Всероссийской молодежной научно-практической конференции. – Улан-Удэ, 2025. – С. 225.

Дуюм, мушкилоти муайян кардани миқдори калон. Баъзан муайян кардани арзиши воқеии пора, хусусан агар он дар шакли хизматрасонӣ ё дигар фоидаи ғайримолии дорои хусусияти молу мулкӣ бошад, душвор аст.

Сеюм, мушкилоти муайян кардани гурӯҳи муташаккил. Исбот кардани мавҷудияти гурӯҳи муташаккил дар амалия душвор аст, зеро зарур аст, ки унсурҳои устуворӣ, тақсими нақшҳо ва нақшаи муштарак исбот карда шаванд.

Чорум, мушкилоти татбиқи ҷазои иловагӣ – маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян. Ин ҷазои иловагӣ дар бисёр мавридҳо таъин карда намешавад, гарчанде ки қонун онро ҳатмӣ медонад.

Панҷум, мушкилоти робитаи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, бахусус бо моддаи 320 (Додани пора), моддаи 324 (Воситагарии ришвахӯрӣ) ва моддаи 325 (Тамаъҷӯии пора). Хлус А.М. дар таҳқиқоти худ оид ба тафтиши гирифтани пора қайд мекунад, ки «дар амалия, аксар вақт фарқ кардани ин ҷиноятҳо аз якдигар душвор аст ва баъзан онҳо ҳамчун ҷиноятҳои якҷоя бо ҳам зоҳир мешаванд»[616].

Дар асоси мушкилоти ошкоршуда, метавон пешниҳодҳои зерини такмили қонунгузориро пешниҳод намуд:

Якум, ворид намудани тағйирот ба эзоҳи 1 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми муайян кардани арзиши «миқдори калон» бо назардошти сатҳи таваррум. Айни замон, ин меъёр (аз 1000 нишондиҳанда) нисбатан паст аст ва онро тавсия дода мешавад, ки то 2000-2500 нишондиҳанда баланд бардошта шавад.

Дуюм, таҳияи дастурамалҳои судӣ оид ба татбиқи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он мафҳумҳои «пуштибонии умумӣ», «саҳлангорӣ дар хизмат», «тамаъҷӯии пора» ва дигар мафҳумҳои баҳснок шарҳ дода шаванд.

Сеюм, баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо дар соҳаи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои мансабӣ. Ушаков С.И. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «тафтиши самараноки ҷиноятҳои марбут ба ришвахӯрӣ бе дониши амиқи криминалистӣ ва тактикаи тафтиш ғайриимкон аст»[617].

Чорум, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ришвахӯрии байналмилалӣ, бахусус дар робита ба ҷалби шахсони мансабдори хориҷӣ ба масъулият.

Панҷум, такмили механизмҳои ҳимояи шахсоне, ки дар бораи ҳолатҳои ришвахӯрӣ хабар медиҳанд. Ин барои баланд бардоштани фаъолияти шаҳрвандон дар мубориза бо ин падида мусоидат мекунад.

Хулоса, таҳлили моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

Якум, моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми мукаммали ҷавобгарии ҷиноятиро барои гирифтани пора муқаррар мекунад. Он чор қисмро дар бар мегирад, ки ҳар як қисм ҳолатҳои гуногуни вазнинкунандаро пешбинӣ мекунад: аз таркиби асосӣ (қисми 1) то ба ғоят вазнинкунанда (қисми 4).

Дуюм, мафҳумҳои «шахси мансабдори давлати хориҷӣ» ва «шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ» дар эзоҳоти моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки ин ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад ва барои мубориза бо ришвахӯрии байналмилалӣ аҳаммияти калон дорад.

[616] Хлус А.М. Тактические особенности осмотра места происшествия при раскрытии и расследовании получения взятки // Эпомен. – 2021. – № 53. – С. 215.

[617] Ушаков С.И. Особенности криминалистической методики расследования преступлений, связанных с получением или дачей взятки // Новый юридический вестник. – 2020. – № 2 (16). – С. 41.

Сеюм, ҳолатҳои вазнинкунанда (такроран, гурӯҳи муташаккил, тамаъҷӯии пора, миқдори калон) барои фарқ кардани дараҷаҳои гуногуни хатарнокии ҷиноят ва таъин кардани ҷазои мувофиқ аҳаммияти калон доранд. Лаврентьева А.А. ва Смирнова П.А. дар ин бора қайд мекунанд, ки «квалификатсияи дурусти ҳолатҳои вазнинкунанда яке омилҳои муҳими адолати ҷазо мебошад»[618].

Чорум, сарфи назар аз он ки моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матни муфассал дорад, дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ мушкилоти зиёд ба миён меоянд, бахусус дар исботи суиқасди мустақим, муайян кардани арзиши воқеии пора ва исботи мавҷудияти гурӯҳи муташаккил.

Панҷум, барои такмили амалияи ҳуқуқтатбиқӣ ва муборизаи самараноки зидди ришвахӯрӣ пешниҳод карда мешавад: такмили эзоҳи 1 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми муайян кардани арзиши «миқдори калон», таҳияи дастурамалҳои судӣ, баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва такмили механизмҳои ҳимояи шахсони хабардиҳанда.

Моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воситаҳои муҳимтарини мубориза бо коррупсия дар кишвар мебошад. Он ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад ва барои ба масъулият ҷалб кардани шахсони мансабдор, ки ин ҷинояти хатарнокро содир мекунанд, заминаи ҳуқуқии кофӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқӣ барои муборизаи самараноки зидди ришвахӯрӣ зарур мебошад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020 № 1714 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

3. Бутина, А.В. Разграничение взятки и подарка и отграничение получения и дачи взятки от смежных преступлений [Текст] / А.В. Бутина // Современные проблемы теории и практики права глазами молодых исследователей: материалы XIX Всероссийской молодежной научно-практической конференции. – Улан-Удэ, 2025. – С. 224-227.

4. Жукова, Т.Г. Уголовно-правовая характеристика приготовления к получению взятки и покушения на получение взятки [Текст] / Т.Г. Жукова // Пробелы в российском законодательстве. – 2009. – № 3. – С. 83-84.

5. Исмайылова, А.Т. Новый способ получения взятки [Текст] / А.Т. Исмайылова // Теоретические и прикладные проблемы противодействия негативным социальным явлениям (на примере наркотизации и алкоголизации): сборник материалов региональной конференции / отв. ред. О.В. Ивушкина. – Костанай: Костанайская академия МВД Республики Казахстан им. Ш. Кабылбаева, 2017. – С. 139-142.

[618] Лаврентьева А.А. Уголовно-правовая характеристика приготовления к получению взятки и покушения на получение взятки / А.А. Лаврентьева, П.А. Смирнова // Эволюция государства и права: проблемы и перспективы: сборник научных трудов 4-й Международной научной конференции. – Курск, 2022. – С. 290.

6. Кашкина, Е.В. Объективные признаки получения взятки: уголовно-правовая характеристика получения взятки [Текст] / Е.В. Кашкина // Научные труды ФКУ НИИ ФСИН России: ежеквартальное научно-практическое издание. – Москва, 2025. – С. 8-12.

7. Лаврентьева, А.А. Уголовно-правовая характеристика приготовления к получению взятки и покушение на получение взятки [Текст] / А.А. Лаврентьева, П.А. Смирнова // Молодежь и XXI век – 2022: материалы 12-й Международной молодежной научной конференции: в 4-х томах / отв. ред. М.С. Разумов. – Курск, 2022. – С. 76-78.

8. Николенко, Т. Проблемы квалификации получения взятки по признаку вымогательства [Текст] / Т. Николенко // Уголовное право. – 2011. – № 1. – С. 40-42.

9. Ушаков, С.И. Особенности криминалистической методики расследования преступлений, связанных с получением или дачей взятки [Текст] / С.И. Ушаков // Новый юридический вестник. – 2020. – № 2 (16). – С. 40-41.

10. Хлус, А.М. Тактические особенности осмотра места происшествия при раскрытии и расследовании получения взятки [Текст] / А.М. Хлус // Эпомен. – 2021. – № 53. – С. 210-223.

УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПОЛУЧЕНИЯ ВЗЯТКИ ПО СТАТЬЕ 319 УГОЛОВНОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: получение взятки; взяточничество; должностное лицо; должностные преступления; уголовная ответственность; Уголовный кодекс Республики Таджикистан; состав преступления; отягчающие обстоятельства.

Аннотация. Статья посвящена уголовно-правовому анализу преступления получения взятки (взяточничества) по статье 319 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Автор исследует состав преступления, объект, объективную сторону, субъект и субъективную сторону данного преступления, а также анализирует отягчающие обстоятельства, предусмотренные в частях 2, 3 и 4 данной статьи. В статье также разъясняются понятия «должностное лицо иностранного государства», «должностное лицо международной организации», «крупный размер» и «неоднократность» согласно примечаниям Уголовного кодекса. С использованием исследований ученых проведено сравнение с законодательством Российской Федерации. Выводы статьи могут быть использованы в правоприменительной деятельности и совершенствовании законодательства в сфере борьбы со взяточничеством.

Турсунзода Шодком – соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 935-93-32-30. E-mail: shodkom_t@mail.ru

LEGAL ANALYSIS OF THE CRIME OF BRIBERY (TAKING A BRIBE) UNDER ARTICLE 319 OF THE CRIMINAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: taking a bribe; bribery; official; official crimes; criminal liability; Criminal Code of the Republic of Tajikistan; elements of a crime; aggravating circumstances.

Annotation. The article is devoted to the legal analysis of the crime of bribery (taking a bribe) under Article 319 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author examines the elements of the crime, the object, the objective side, the subject and the subjective side of this crime, as well as analyzes the aggravating circumstances provided for in parts 2, 3 and 4 of this

article. The article also explains the concepts of «official of a foreign state», «official of an international organization», «large amount» and «repeated commission» in accordance with the notes to the Criminal Code. Using the research of scientists, a comparison with the legislation of the Russian Federation is also made. The conclusions of the article can be used in law enforcement practice and improvement of legislation in the field of combating bribery.

Tursunzoda Shodkom – competitor at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 935-93-32-30. E-mail: shodkom_t@mail.ru

БАРОТЗОДА ҶОНОН,
унвончӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992)918-67-50-67. E-mail: jonon@inbox.ru

ТДУ: 343.37(575.3)

ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ ФАРДИКУНОНИИ ИШТИРОКЧИЁНИ АҲДҲОИ ГРАЖДАНӢ, МОЛҲО, КОРҲО ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ТИБҚИ МОДДАИ 275 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонӣ; номи фирмавӣ; тамғаи молӣ; тамғаи хизматрасонӣ; ҷиноятҳои соҳавӣ; моликияти саноатӣ; масъулияти ҷиноятӣ; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили ҳуқуқии ҷинояти истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ тибқи моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таркиби ҷиноят, объект, ҷониби объективӣ, субъект ва ҷониби субъективии ин ҷиноятро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳамчунин ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қисмҳои 1, 2 ва 3 ин модда пешбинишударо таҳлил менамояд. Дар мақола инчунин мафҳумҳои «такроран», «ба миқдори калон зарар расонидан», «гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» ва «гурӯҳи муташаккил» шарҳ дода шудаанд. Бо истифода аз таҳқиқоти олимон ва муқоиса бо қонунгузории Федератсияи Русия анҷом дода шудааст. Хулосаҳои мақола метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқӣ ва такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ истифода шаванд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, вақте ки рақобати озод яке аз асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад. Воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ (номи фирмавӣ, номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва тамғагузории огоҳкунанда) ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки мол ва хизматрасонии худро аз мол ва хизматрасонии рақибон фарқ кунанд ва обрӯи худро дар бозор ташаккул диҳанд[619].

Истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо на танҳо ба манфиатҳои соҳибони ҳуқуқии онҳо зарба мезанад, балки истеъмолкунандагонро низ дар интихоби молҳо ва хизматрасониҳо гумроҳ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Ҷаҳонии Савдо уҳдадор аст, ки ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатиро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» (2007) асосҳои ҳуқуқии ҳифзи тамғаҳои молиро муайян мекунад[620]. Тибқи ин қонун, тамғаи молӣ – ин нишонае мебошад, ки барои фардикунонии молҳои шахсони ҳуқуқӣ ё

[619] Оленичев И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 485.

[620] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007, №234 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

соҳибкорони инфиродӣ хидмат мекунад. Қайди давлатии тамғаи молӣ ба соҳиби он ҳуқуқи истисноии истифодаи онро медиҳад.

Моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти ҷиноятиро барои истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо муқаррар мекунад[621]. Попов Г.И. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «ин модда яке аз воситаҳои муҳими ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ мебошад, зеро он барои ҷалби шахсоне, ки воситаҳои фардикуниро бе иҷозат истифода мебаранд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад»[622].

Ҷинояти пешбининамудаи моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи ҷиноятҳои соҳавӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дохил мешавад. Оленичев И.П. дар ин бора менависад: «Ин ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ содир мешаванд ва ба манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат халал мерасонанд»[623].

Объекти умумии ҷиноят – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ.

Объекти навъӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ.

Объекти мустақим – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодаи қонунии номҳои фирмавӣ, номҳои маҳалли истеҳсоли мол, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва тамғагузории огоҳкунанда.

Баянова Ж.Л. дар таҳқиқоти худ оид ба криминалистикаи ҷиноятҳо зидди моликияти зеҳнӣ қайд мекунад, ки «объекти ин ҷиноятҳо маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба эҷод, қайд ва истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла воситаҳои фардикунонӣ) алоқаманданд»[624] .

Моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон се қисмро дар бар мегирд:

- Қисми 1 – истифодаи ғайриқонунии номи фирмавӣ, номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонии ғайр нисбат ба мол ва хизматрасонии шабеҳ;

- Қисми 2 – истифодаи ғайриқонунии тамғагузории огоҳкунанда нисбат ба номи маҳалли истеҳсоли мол ё тамғаи молие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст;

- Қисми 3 – кирдорҳои қисмҳои 1 ё 2, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудаанд.

Предмети ҷиноят дар моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои фардикунонӣ мебошанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1. Номи фирмавӣ – ин номи ширкат аст, ки онро аз иштирокчиёни дигари гардиши граждани фарқ мекунад. Номи фирмавӣ пас аз ба қайд гирифтани шахси ҳуқуқӣ эътибор пайдо мекунад.

2. Номи маҳалли истеҳсоли мол – ин номи маҳалли ҷуғрофӣ мебошад, ки барои ифодаи хусусиятҳои махсуси мол (масалан, «Норак», «Исфара») истифода мешавад. Ин ном метавонад аз як ё якчанд калима иборат бошад.

3. Тамғаи молӣ – ин нишонаест, ки барои фардикунонии молҳои шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ хидмат мекунад. Тамғаи молӣ метавонад дар шакли калимаҳо, расмҳо, ҳарфҳо, рақамҳо, рангҳо ва ғайра бошад. Попов Г.И. қайд мекунад, ки «тамғаи

---

[621] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

[622] Попов Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг // Государственная служба и кадры. – 2023. – № 4. – С. 259.

[623] Оленичев И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 486.

[624] Баянова Ж.Л. Криминалистическая характеристика преступлений против интеллектуальной собственности: элементы и особенности // Baikal Research Journal. – 2025. – Т. 16. – № 3. – С. 999.

молӣ яке аз маъмултарин воситаҳои фардикунонӣ мебошад ва ҳифзи он барои соҳибкорон аҳаммияти калон дорад»[625].

4. Тамғаи хизматрасонӣ – ин нишонаест, ки барои фардикунонии корҳо ё хизматрасонии шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ хидмат мекунад.

5. Тамғагузории огоҳкунанда – ин нишонаест, ки ба истеъмолкунандагон дар бораи он, ки тамғаи молӣ ё номи маҳалли истеҳсоли мол ҳифз карда мешавад, огоҳ мекунад (масалан, нишонаи «®» ё «™»).

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ», ҳуқуқи истисноии истифодаи тамғаи молӣ ба соҳиби он тааллуқ дорад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад тамғаи молии ба қайд гирифташударо бидуни иҷозати соҳиби он истифода барад.

Ҷониби объективӣ – истифодаи ғайриқонунии номи фирмавӣ, номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонии ғайр нисбат ба мол ва хизматрасонии шабеҳ.

Оленичев И.П. дар таҳқиқоти худ ҷониби объективии ин ҷиноятро муфассал таҳлил карда, қайд мекунад, ки «истифодаи ғайриқонунӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад: ҷойгиркунии тамғаи молӣ ба мол, ба бастабандӣ, дар реклама, дар ҳуҷҷатҳо ё дар шабакаи Интернет»[626].

Барои ҷалб кардан ба масъулият тибқи қисми 1 моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои зерин заруранд:

Якум, истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо бояд такроран пас аз додани ҷазои маъмурӣ содир гардад. Яъне, шахс қаблан барои истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад ва пас аз он бори дигар ҳамон кирдорро содир кунад. Ин нишона барои фарқ кардани ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аҳаммияти калон дорад.

Дуюм, ин кирдорҳо бояд ба миқдори калон зарар расонида бошанд. Машавец П.А. дар ин бора менависад: «меъёри миқдори калони зарар дар қонунгузории ҷиноятии Русия муайян карда шудааст (зиёда аз 250 ҳазор рубл)»[627], аммо дар қонунгузории Тоҷикистон чунин меъёри дақиқ вуҷуд надорад, ки ин ҳамчун камбудии қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Субъекти ҷиноят – шахси воқеии оқил, ки ба синни 16-солагӣ расидааст. Субъект метавонад ҳам соҳибкор ва ҳам шахсе бошад, ки ба соҳибкорӣ машғул нест.

Ҷониби субъективӣ – ҷиноят бо суиқасди мустақим ё ғайримустақим содир карда мешавад. Шахс бояд дарк кунад, ки ӯ воситаҳои фардикунонии ба қайд гирифташударо бе иҷозати соҳиби онҳо истифода мебарад.

Ҷазо – ҷарима ба андозаи то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 1/100 қисми ҳадди ақали моҳонаи музди кор муайян карда мешавад.

Қисми 2 моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як намуди алоҳидаи ҷиноят – истифодаи ғайриқонунии тамғагузории огоҳкунанда нисбат ба номи маҳалли

[625] Попов Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг // Государственная служба и кадры. – 2023. – № 4. – С. 260.

[626] Оленичев И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 490.

[627] Машавец П.А. К вопросу о характеристике преступления, предусмотренного ст. 180 УК РФ // Криминологический журнал. – 2023. – № 1. – С. 84.

истеҳсоли мол ё тамғаи молие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст, пешбинӣ мекунад.

Ҷониби объективӣ – истифодаи тамғагузории огоҳкунанда (масалан, нишонаи «®» дар гирду атрофи тамғаи молӣ) нисбат ба тамғаи молие, ки ба қайд гирифта нашудааст. Ин амал истеъмолкунандагонро дар бораи он, ки тамғаи молӣ ҳифзи ҳуқуқӣ дорад, гумроҳ мекунад.

Попов Г.И. дар ин бора менависад: «истифодаи тамғагузории огоҳкунанда нисбат ба тамғаи молии ба қайд гирифтанашуда амали фиребанда мебошад, зеро он ба истеъмолкунандагон таассуроти нодуруст дар бораи ҳифзи ҳуқуқии мол мебахшад»[628].

Барои ҷалб кардан ба масъулият тибқи қисми 2 моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамон шартҳои қисми 1 (такроран пас аз ҷазои маъмурӣ ё ба миқдори калон зарар расонидан) заруранд.

Ҷазо – ҷарима ба андозаи аз 250 то 365 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол.

Қисми 3 моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои вазнинкунандаро муқаррар мекунад:

а) Аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷиноят. Гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ – ин ду ё зиёда шахсоне мебошанд, ки пеш аз оғози ҷиноят дар бораи якҷоя содир намудани он ба маслиҳат расидаанд. Есина А.С. ва дигарон дар таҳқиқоти худ оид ба тафтиши истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ қайд мекунанд, ки «ин нишона аксар вақт дар ҳолатҳое ба назар мерасад, ки ҷиноят дар доираи фаъолияти муштараки соҳибкорӣ содир мешавад»[629].

б) Аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани ҷиноят. Гурӯҳи муташаккил – ин гурӯҳест, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят ташкил шудааст. Он бо устуворӣ, тақсими нақшҳо, интизом ва нақшаи муштарак хос аст. Баянова Ж.Л. дар ин бора менависад: «ҷиноятҳои зидди моликияти зеҳнӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил содир мешаванд, хатарнокии зиёд доранд, зеро онҳо аксар вақт бо қалбакӣ, контрабанда ва дигар ҷиноятҳои вазнин алоқаманданд»[630].

Ҷазо – ҷарима ба андозаи аз 365 то 912 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол.

Меъёри асосӣ барои фарқ кардани ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ – такроран пас аз ҷазои маъмурӣ ё ба миқдори калон зарар расонидан мебошад. Агар ин аломатҳо мавҷуд набошанд, кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ квалификатсия карда мешавад.

Попов Г.И. дар ин бора менависад: «ин равиш имкон медиҳад, ки шахсоне, ки бори аввал ин ҳуқуқвайронкуниро содир кардаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд, вале онҳое, ки пас аз ҷазои маъмурӣ боз ҳамон кирдорро такрор мекунанд ё зарари калон мерасонанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд»[631].

Моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мазмун ба моддаи 180 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия («Истифодаи ғайриқонунии воситаҳои

[628] Попов Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг // Государственная служба и кадры. – 2023. – № 4. – С. 261.
[629] Есина А.С. Организация деятельности дознавателя по расследованию незаконного использования товарного знака / А.С. Есина, М.М. Макаренко, С.В. Ермаков, В.В. Пушкарев, У.В. Галкина. – Ачинск, 2017. – С. 12.
[630] Баянова Ж.Л. Криминалистическая характеристика преступлений против интеллектуальной собственности: элементы и особенности // Baikal Research Journal. – 2025. – Т. 16. – № 3. – С. 1003.
[631] Попов Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг // Государственная служба и кадры. – 2023. – № 4. – С. 262.

фардикунонии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)») шабоҳат дорад. Аммо байни онҳо фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд:

1. Дар Русия барои ҷалб кардан ба масъулият тибқи моддаи 180 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, зарур аст, ки кирдор такроран ё ба миқдори калон зарар расонида бошад. Дар Тоҷикистон ҳамон талабот – такроран пас аз ҷазои маъмурӣ ё ба миқдори калон зарар расонидан.

2. Дар Русия миқдори калони зарар дар эзоҳи моддаи 180 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия муайян карда шудааст – 250 ҳазор рубл. Дар Тоҷикистон чунин меъёри дақиқ вуҷуд надорад.

3. Дар Русия ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ то чор сол пешбинӣ шудааст. Дар Тоҷикистон – то панҷ сол.

Оленичев И.П. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «дар қонунгузории Русия ба моддаи 180 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия эзоҳ дарҷ карда шудааст, ки миқдори калони зарарро муайян мекунад. Ин ҳолат ба амалияи ҳуқуқтатбиқӣ ваҳдат мебахшад ва тавсия дода мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон низ чунин эзоҳ дарҷ карда шавад»[632].

Сарфи назар аз он ки моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои мушаххаси ҷавобгариро муқаррар мекунад, дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ як қатор мушкилот ба миён меоянд:

Якум, мушкилоти муайян кардани «миқдори калони зарар». Қонунгузорӣ меъёри дақиқи «миқдори калон»-ро муайян накардааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, ки ин масъаларо вобаста ба ҳолатҳои мушаххас ҳал кунанд. Аммо ин ҳамчун камбудии қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, зеро ваҳдати амалияи судиро вайрон мекунад. Машавец П.А. дар ин бора менависад: «мавҷуд набудани меъёри дақиқи миқдори калони зарар дар қонунгузории ҷиноятӣ баҳсҳои зиёдро дар амалияи судӣ ба миён меорад»[633].

Дуюм, мушкилоти исботи «шабеҳии» молҳо ва хизматрасониҳо. Барои ҳалли ин масъала аксар вақт гузаронидани экспертизаи махсус (тамғашиносӣ) зарур аст. Есина А.С. ва дигарон қайд мекунанд, ки «таъини экспертизаи тамғашиносӣ марҳилаи ҳатмии тафтиши ин гурӯҳи ҷиноятҳо мебошад»[634].

Сеюм, мушкилоти исботи «такроран» пас аз ҷазои маъмурӣ. Баъзан муайян кардани он, ки оё ҷазои маъмурии қаблан додашуда эътибори худро гум кардааст ё не, душвор аст. Тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахс пас аз як сол аз рӯзи иҷрои қарори додани ҷазои маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад.

Чорум, мушкилоти фарқ кардани ҷиноят аз ҷиноятҳои ҳамсоя. Баъзан фарқ кардани моддаи 275 аз моддаи 276 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон («Истифодаи ғайриқонунии ихтироот, модели манфиатнок, намуди саноатӣ ва дастоварди селексионӣ») душвор аст, зеро ҳарду ба истифодаи ғайриқонунии объектҳои моликияти саноатӣ дахл доранд.

Дар асоси мушкилоти ошкоршуда, метавон пешниҳодҳои зерини такмили қонунгузориро пешниҳод намуд:

---

[632] Оленичев И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 493.

[633] Машавец П.А. К вопросу о характеристике преступления, предусмотренного ст. 180 УК РФ // Криминологический журнал. – 2023. – № 1. – С. 85.

[634] Есина А.С. Организация деятельности дознавателя по расследованию незаконного использования товарного знака / А.С. Есина, М.М. Макаренко, С.В. Ермаков, В.В. Пушкарев, У.В. Галкина. – Ачинск, 2017. – С.15.

Якум, муайян кардани меъёри дақиқи «миқдори калони зарар» дар эзоҳи моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Масалан, метавон муқаррар кард, ки миқдори калони зарар – ин зараре мебошад, ки арзиши он аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ин ба амалияи судӣ ваҳдат мебахшад.

Дуюм, таҳияи дастурамалҳои судӣ оид ба татбиқи моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он мафҳумҳои «шабеҳии молҳо ва хизматрасониҳо», «такроран», «миқдори калони зарар» шарҳ дода шаванд. Оленичев И.П. дар ин бора менависад: «дастурамалҳои судӣ метавонанд барои рафъи ихтилофот дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ мусоидат кунанд»[635].

Сеюм, баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ. Донистани қонунгузории марбут ба тамғаҳои молӣ, номҳои фирмавӣ ва дигар воситаҳои фардикунонӣ барои квалификатсияи дурусти ин ҷиноятҳо зарур аст.

Чорум, такмили ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ, бахусус дар робита ба ҳифзи тамғаҳои молии хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Панҷум, ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми дарҷ кардани ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати муайян ҳамчун ҷазои иловагӣ.

Таҳлили моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

Якум, моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми мукаммали ҷавобгарии ҷиноятиро барои истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои граждани, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ муқаррар мекунад. Он се қисмро дар бар мегирад, ки ҳар кадом ҳолатҳои гуногуни вазнинкунандаро пешбинӣ мекунанд.

Дуюм, ҷинояти пешбининамудаи моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи ҷиноятҳои соҳавӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дохил мешавад. Объекти асосии он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ мебошад.

Сеюм, барои ҷалб кардан ба масъулият тибқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти шартҳои махсус – такроран пас аз ҷазои маъмурӣ ё ба миқдори калон зарар расонидан – зарур аст. Ин шартҳо барои фарқ кардани ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аҳаммияти калон доранд.

Чорум, ҳолатҳои вазнинкунанда (гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил) барои фарқ кардани дараҷаҳои гуногуни хатарнокии ҷиноят аҳаммияти калон доранд.

Панҷум, сарфи назар аз он ки моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матни муфассал дорад, дар амалияи ҳуқуқтатбиқӣ мушкилоти зиёд ба миён меоянд, бахусус дар муайян кардани «миқдори калони зарар», «шабеҳии молҳо ва хизматрасониҳо» ва «такроран». Попов Г.И. дар ин бора менависад: «мавҷуд набудани меъёрҳои дақиқ дар қонунгузорӣ боиси ихтилофоти зиёд дар амалияи судӣ мегардад»[636].

Шашум, барои такмили амалияи ҳуқуқтатбиқӣ пешниҳод карда мешавад: муайян кардани меъёри дақиқи «миқдори калони зарар» дар эзоҳи модда, таҳияи дастурамалҳои

[635] Оленичев И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 495.

[636] Попов Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг // Государственная служба и кадры. – 2023. – № 4. – С. 263.

судӣ, баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили ҳамкории байналмилалӣ ва ворид намудани ҷазои иловагӣ дар шакли маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ.

Моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воситаҳои муҳими ҳифзи ҳуқуқи моликияти саноатӣ дар кишвар мебошад. Он ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад ва барои ба масъулият ҷалб кардани шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир мекунанд, заминаи ҳуқуқии кофӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқӣ барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи моликияти саноатӣ зарур мебошад.

Муқарриз: н. и. ҳ., дотсент Холиқов Ш.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 № 234 «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2026).

3. Баянова, Ж.Л. Криминалистическая характеристика преступлений против интеллектуальной собственности: элементы и особенности [Текст] / Ж.Л. Баянова // Baikal Research Journal. – 2025. – Т. 16. – № 3. – С. 997-1008.

4. Есина, А.С. Организация деятельности дознавателя по расследованию незаконного использования товарного знака [Текст] / А.С. Есина, М.М. Макаренко, С.В. Ермаков, В.В. Пушкарев, У.В. Галкина. – Ачинск, 2017. – 23 с.

5. Машавец, П.А. К вопросу о характеристике преступления, предусмотренного ст. 180 Уголовного кодекса Российской Федерации [Текст] / П.А. Машавец // Криминологический журнал. – 2023. – № 1. – С. 83-86.

6. Оленичев, И.П. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров (работ, услуг) [Текст] / И.П. Оленичев // Теория и практика современной науки. – 2019. – № 5 (47). – С. 484-498.

7. Попов, Г.И. Уголовно-правовая характеристика незаконного использования средств индивидуализации товаров, работ или услуг [Текст] / Г.И. Попов // Государственная служба и кадры. – 2023. – №4. – С. 258-263.

УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ НЕЗАКОННОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СРЕДСТВ ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ УЧАСТНИКОВ ГРАЖДАНСКИХ СДЕЛОК, ТОВАРОВ, РАБОТ И УСЛУГ ПО СТАТЬЕ 275 УГОЛОВНОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: незаконное использование средств индивидуализации; фирменное наименование; товарный знак; знак обслуживания; экономические преступления; промышленная собственность; уголовная ответственность; Уголовный кодекс Республики Таджикистан.

Аннотация. Статья посвящена уголовно-правовому анализу преступления незаконного использования средств индивидуализации участников гражданских сделок, товаров, работ и услуг по статье 275 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Автор исследует состав преступления, объект, объективную сторону, субъект и субъективную

сторону данного преступления, а также анализирует отягчающие обстоятельства, предусмотренные в частях 1, 2 и 3 данной статьи. В статье также разъясняются понятия «неоднократность», «причинение крупного ущерба», «группа лиц по предварительному сговору» и «организованная группа». С использованием исследований ученых проведено сравнение с законодательством Российской Федерации. Выводы статьи могут быть использованы в правоприменительной деятельности и совершенствовании законодательства в сфере защиты права промышленной собственности.

Баротзода Джонон – соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992)918-67-50-67. E-mail: jonon@inbox.ru

LEGAL ANALYSIS OF THE ILLEGAL USE OF MEANS OF INDIVIDUALIZATION OF PARTICIPANTS IN CIVIL TRANSACTIONS, GOODS, WORKS AND SERVICES UNDER ARTICLE 275 OF THE CRIMINAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: illegal use of means of individualization; company name; trademark; service mark; economic crimes; industrial property; criminal liability; Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

Annotation. The article is devoted to the legal analysis of the crime of illegal use of means of individualization of participants in civil transactions, goods, works and services under Article 275 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author examines the elements of the crime, the object, the objective side, the subject and the subjective side of this crime, as well as analyzes the aggravating circumstances provided for in parts 1, 2 and 3 of this article. The article also explains the concepts of «repeated commission», «causing large damage», «group of persons by prior conspiracy» and «organized group». Using the research of scientists, a comparison with the legislation of the Russian Federation is made. The conclusions of the article can be used in law enforcement practice and improvement of legislation in the field of protection of industrial property rights.

Barotzoda Jonon – competitor at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992)918-67-50-67. E-mail: jonon@inbox.ru

5.5.9. ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

МАҲМУДОВ ШАҲЗОД УСМОНҶОНОВИЧ,
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.
Тел.: (+992) 92-759-22-00. E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru.

ТДУ: 343.13

ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯ ДАР МАРҲИЛАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон; инсон; шаҳрванд; ҳимоя; танзими ҳуқуқӣ; мурофиаи ҷиноятӣ; адвокат; ҳимоятгар; ҳифз; сирри тафтишотӣ.

Аннотатсия. Иштироки ҳимоятгар дар рафти тафтишот баҳри ҳифз ва ҳимояи тарафҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, дар Ҷумҳурии якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилӣ ҳолатҳои ҳуқуқии ҳимоятгарро мустаҳкам намудааст.

Дар баробари ин таҳия ва қабул гардидани силсилаи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир ба таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пешбурд ва самаранокии муроифиаи ҷиноятӣ, ба амалбарории адолати судӣ мусоидат карда истодаанд, лекин бисёр мавридҳо, дар ҷараёни дар амал татбиқ кардани меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, онҳо дучори монеаҳое мегардад, ки роҳҳои бартараф карда шудани онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд.

Дар мақола бо дарназардошти андешаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ асосҳои назариявӣ ва танзими ҳуқуқии ҳифозати сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар давраи тафтишоти пешакӣ иштироки ҳимоятгар талаботи айнӣ буда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои гумонбаршаванда ва айбдоршаванда онро тақозо мекунад. Барои он ки иштироки ӯ дар тафтишот хосияти расмию ҳуқуқиро ишғол намояд, асосҳои ҳуқуқии иштироки ҳимоятгар дар тафтишот бояд мавҷуд бошад.

Асосҳои ҳуқуқии иштироки ҳимоятгар дар тафтишот гуфта, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки тартиби даъват, роҳ додан ё таъйин кардан, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва умуман ҳолати ҳуқуқии иштироки ҳимоятгарро муайян месозанд. Дар даҳсолаҳои охир ба асосҳои ҳуқуқии иштироки ҳимоятгар дар тафтишот на танҳо тағйироти миқдорӣ, балки тағйироти куллии сифатӣ низ ворид гаштааст.

Муҳимтарин санадҳое, ки ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгарро муайян месозанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» мебошанд.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар масъалаи иштироки ҳимоятгар дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ саҳифаи навро боз намуд. Дар қисми 2 моддаи 19 Конститутсияии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир,

ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода намояд»[637].

Ин муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ лаҳзаи иштироки адвокатро дар тафтишот нишон додааст. Аз лаҳзаи дастгир шудан ҳуқуқи даъвати адвокат кафолати муҳими конститутсионии ҳуқуқ ба ҳимоя доштани гумонбаршаванда (айбдоршаванда) мебошад. Гузашта аз ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ нишон додааст, ки шахс аз ёрии адвокат, яъне аз ёрии тахассусию касбӣ истифода бурда метавонад. Дар ин ҷо истифода бурдани истилоҳи «адвокат» ба ҷои истилоҳи «ҳимоятгар» тасодуфӣ набуда, мақсаднок мебошад. Зеро маҳз адвокат (ҳимоятгари касбӣ) метавонад, ки дар чунин вазъият ҳуқуқҳои шахсро ҳимоя намояд.

Дар моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад». Таҳти мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ёрии тахассусӣ ва касбие, ки аз ҷониби адвокатҳо бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад ва ин ёрӣ аз истифодаи ҳар гуна восита ва усулҳои қонуни бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ашхос иборат аст. Аз ин ҷост, ки Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ҳимоятгарро дар ҳамаи марҳилаҳои тафтишот кафолат додааст.

Новобаста аз тағйиротҳои сифатӣ ва ислоҳоти ин падидаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ камбудӣ ва зиддиятҳои назаррасро доро буд. Масалан, моддаи 49 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ набуд[638]. Гузашта аз ин, моддаҳои 49 ва 412^4 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи «лаҳзаи дастгир шудан» бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зиддият қарор дошт. Ҳоло низ ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс суд метавонад, ки ин меъёри Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистонро ба инобат нагирифта Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бевосита татбиқ намояд.

Қобили зикр аст, ки қонунгузории феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми расмии ҳимоятгарро муайян насохтааст[639]. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ он ба тарзи гуногун таъриф дода шудааст ва баъзеи онҳоро дида мебароем. Агар мо мафҳуми ҳимояро бо мафҳуми айбдорӣ мавриди муқоиса гузошта эътибор диҳем, маълум мешавад, ки мафҳуми якум нисбати дуюм васеъ аст. Ҳимоя аз лаҳзаи гумонбар эътироф шудани шахс дар содир кардани ҷиноят оғоз мешавад, гарчанде, ки айбдорӣ нисбати вай ҳоло ба расман эълон нашудааст, таъмини ҳимоя бошад давом дорад[640].

Ҳимоятгар – шахсест, ки бо тартиби муқаррар кардаи қонун ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии айбдоршаванда, гумонбаршавандаро бо роҳҳои муайянсозии – №4. ҳолатҳое, ки гумонбаршаванда ё айбдоршавандаро сафед мекунанд, ҷавобгарии онҳоро

[637] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – С. 23.

[638] Искандаров З.Ҳ. Ҳимояи судӣ ва озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ. – 2000. – № 4. – С. 35-43.

[639] Кодекси нави мурофиаи ҷиноятии Федератсияи Россия мафҳуми расмии ҳимоятгарро нишон додаст (моддаи 49): Уголовно-процессуальный кодекс РФ (новая редакция с учётом изменений и дополнений, внесённых Федеральным законами, принятыми с мая 2002 года). – М.: Норма, 2003 – С. 30-32.

[640] Искандаров З.Х. Участие защитника в стадии расследования преступлений: проблемы теории, законодательного регулирования и практики. – Душанбе. 1998. – С. 17.

сабук мекунанд, аз ҷавобгари озод мекунанд, амалӣ намуда, ба гумонбаршаванда ё айбдоршаванда ёрии ҳуқуқии зарурӣ мерасонанд[641].

Ҳимоятгар – шахсест, ки бо тартиби муқаррарсохтаи қонун ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гумонбаршаванда ва айбдоршавандаро амали сохта, ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд[642].

Ба ақидаи мо таърифи поёни тамоми аломатҳои мафҳуми ҳимоятгарро дар бар гирифта, қобили қабул аст.

Ҳимоятгар – шахси ҷисмониест, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои гумонбаршаванда, айбдоршаванда (дар давраи тафтишот), судшаванда (дар даврaҳои таъйини маҷлиси судӣ, муҳокимаи судӣ), маҳкумшуда ё сафедшуда (дар инстансияи кассатсионӣ, инстансияи назоратӣ, баррасӣ аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоршуда), инчунин барои расонидани дигар ёрии ҳуқуқӣ ба онҳо барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ роҳ дода шудааст[643].

Мурофиаи ҷиноятӣ аз маҷмуи амалҳои пайдарҳам иборат аст, ки тартиби мурофиавии анҷом дода шудани ҳамаи онҳо дақиқан бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ танзим ёфтаанд. Дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳар як иштирокчии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян доранд. Аз лаҳзаи омадани маълумот дар бораи содир шудани ҷиноят мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ тамоми чорaҳои дар қонун пешбинишударо меандешанд, то ки шахси ҷинояткорро ошкор сохта, далелҳои тасдиққунандаи айбдории (минбаъд гунаҳгори) ӯро дар содир кардани ҷиноят ҷамъ оваранд.

Ҳуқуқ ба ҳимоя ин ҳуқуқи мураккаби зеҳнӣ (субъективӣ) мебошад, ки серпаҳлӯ ва фарохмазмун аст. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки унсури муҳими демократия ва давлати ҳуқуқбунёд аст, яке аз ҷузъиёти ин ҳуқуқ мебошад[644]. Ҳуқуқ ба ҳимоя – ин на танҳо кафолати таъмини иҷроиши вазифаҳои адолати судӣ, балки яке аз комёбиҳои назарраси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва кафолати таъмини арзишҳои инсонӣ низ мебошад. Нуқтаи назари дуруст аст, ки «ҳалли масъала оиди муқаррар кардани кафолати ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда, бояд моҳиятан, аз нигоҳи зарурияти иҷтимоӣ ва арзиши ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашуда вобаста буданаш лозим аст, ва набояд ба вазифаҳои адолати судӣ зид бошад»[645].

Моҳияти мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳимояро» олимон ва мутахассисон ба мафҳуми ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя, яъне ба маҷмуи ҳуқуқҳои мурофиавии ба айбдоршаванда барои ҳимоя аз айбдорӣ пешбинӣ шуда, ки шахсан ё ба воситаи ҳимоячӣ амалӣ мегардад, мансуб медонанд[646]. Дигарон бар он ақидаанд, ки ҳуқуқ ба ҳимоя яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонопазири ҳамаи шахсоне, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд, новобаста аз он, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд ё не, новобаста аз мавқеи ҳуқуқӣ – мурофиавиашон, мансуб мебошад. «Ҳуқуқ ба ҳимоя – қайд кардааст А.Н. Ведерников, ҳамчун воситаи зидди айб ё гумонбарӣ нисбати шахси муайян дар содир кардани ҷиноят дар кадом шакле ки набошад, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии айбдорӣ, ва

[641] Медведов М.Ю. Уголовный процесс. – М.: Норма, 1987. – С. 103-109.
[642] Сулейменова Г.Ж. Уголовный процесс Республики Казахстан (Общая часть). – Алматы, 2002. – С. 66-77.
[643] Лупинская П.А. Уголовный процесс. – М.: Юрид. лит., 1995. – С. 70-78.
[644] Искандаров З.Ҳ. Ҳимояи судӣ ва озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ.. – 2000. – № 4. – С. 63-68.
[645] Кондратов П. Гарантии и права личности в социалистическом уголовном праве и процессе. – Ярославль. – 1981. – С. 71-72.
[646] Элькина К.С. Сущность советского уголовно-процессуального права. – М.: Юрист, 1963. – С. 73.

новобаста аз он, ки дар ин ё он ҳуҷҷати мурофиавӣ дар кадом намуд ва мазмун қайд шудааст, ба вуҷуд меояд»[647].

Мафҳуми «ҳуқуқ ба ҳимоя» дар муқоиса аз мафҳуми «маҷмуи ҳуқуқҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ» бо он фарқ мекунад, ки охирон ба пуррагӣ мазмуни ҳуқуқ ба ҳимояро ифода намекунад. Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқҳои мурофиавӣ – ин тарзҳои имконпазири баамалбарории имкониятҳои худ, ки истифодаи он аз нигоҳи худи айбдоршаванда вобастагӣ дорад. Барои ҳамин, мо бо А.Н. Ведерников ба тақсимоти нисбии ҳуқуқ ба ҳимоя дар мазмуни моддӣ ва мурофиавӣ розӣ ҳастем[648]. Аммо қайд кардан лозим аст, ки ҳуқуқ ба ҳимоя дар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ – ҷиноятӣ бояд танҳо дар шакли имконияти воқеӣ фаҳмида шавад. Бинобар ин, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ хусусияти воқеӣ доранд, на ин ки ифодаи танҳо мафҳумҳо бошанд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба ҳимоя маҷмуи имкониятҳои ҳуқуқии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшавандаро дарбар мегирад, ки субъектони номбаршуда метавонанд бо ёрии онҳо аз айбдорӣ (гумонбарӣ) дар содир кардани ҷиноят худро ҳифз намоянд, чӣ шахсан ва чӣ бо воситаи ҳимоятгар, ки дар ягонагӣ ҳуқуқ ба ҳимояро ташкил медиҳад.

Дигар муаллифон ҳимояро ҳамчун фаъолияти мурофиавӣ – ҷиноятӣ шарҳ медиҳанд. Бештари мутахассисон мафҳуми ҳимояро чун маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятии айбдоршаванда (гумонбаршуда) ва ҳимоятгар меноманд, ки ба дигаргунсозӣ ё тағйир додани айбдорӣ, муайян кардани ҳолатҳое, ки айбдориро сабук мекунанд, озод кардан ё сабук намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, ё ҳамчунин барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои қонунии айбдоршаванда равона шудаанд[649]. Лекин қайд кардан ҷоиз аст, ки мурофиаи ҷиноятӣ фаъолияти мақомотҳои босалоҳият ва дигар иштирокчиёни он низ ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳангоми дида баромадани таиноти ҳимоя ҳамчунин вазифаи ҳифзкунандаро низ ба назар гирифтан лозим аст. Воқеан, мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз» мафҳумҳои муайянкунандаи мавқеъ ва мазмуни якдигаранд[650].

Бинобар ин пеш аз дақиқтар ифода намудани мазмуни ҳуқуқ ба ҳимоя бояд мазмуни худи мафҳуми «ҳимоя»-ро ошкор сохта, фарқияти онро аз мафҳуми «ҳифз» нишон диҳем.

Таҳти мафҳуми «ҳимоя» маҷмуи чораҳое дарк карда мешавад, ки барои роҳ надодан ба поймолкунии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд равона шудаанд, ки бевосита ё бавосита амалӣ мешавад. Инчунин, таҳти ин мафҳум «тарзи маҷбурии амалисозии ҳуқуқ, ки аз ҷониби мақомоти босалоҳият ва худи шахси ваколатдор бо тартиби муқарраршуда татбиқ мешавад» фаҳмида мешавад[651]. Бояд тазаккур дод, ки объекти ҳимоя на танҳо ҳуқуқ ва озодиҳо, балки объект ва субъекти ин ё он муносибатҳои ҳуқуқӣ низ баромад мекунад.

Таҳти мафҳуми «ҳифз» дар назарияи ҳуқуқ, маҷмуи чораҳое фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва дигар субъектони ҳуқуқ баҳри пешгирии поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бартарафсозии сабабу шароитҳое, ки боиси ин оқибат гаштаанд, рафъи монеаҳо ва мусоидат барои воқеигардии ҳуқуқ ва озодиҳои бо қонун пешбинишуда амалӣ карда мешаванд.

Новобаста аз фарқият ин ду ҷузъиёт ба ҳам монандии зиёд доранд, зеро барои роҳ надодан ба поймолгардии ҳуқуқҳои инсон равона шудаанд. Аз ин рӯ, муайян сохтани сарҳади байни онҳо мураккаб аст. Инро ба асос гирифта, баъзе муаллифон

[647] Ведерников А. Актуальные вопросы участия защитника на стадии предварительного расследования. – М.: Норма, 1990. – С. 9-10.
[648] Ведерников А. Ҳамин ҷо. – С. 10.
[649] Саркисянц Г.П. Защитник в уголовном процессе. – Ташкент: Узбекситан, 1971. – С. 6.
[650] Малин Н.С. Охрана прав личности советским законодательном. – М.: Норма, 1985. – С. 18-19.
[651] Стецовский Ю.И., Шубина Т.Б. Конституционный статус личности в СССР. – М.: Юрид. лит., 1980. – С. 203-208.

Ю.И.Стетсовский ва Т.Б. Шубина онҳоро ҳамчун муродиф истифода менамоянд. Вале қобили қайд аст, ки мафҳуми «ҳифз» нисбатан васеъ буда, тамоми чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иктисодӣ, ташкилӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки воқеигардии муътадили меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин месозад. Мафҳуми ҳимоя бошад, танҳо он чораҳои бо қонун пешбинӣ шударо дар бар мегирад, ки барои барқарорсозӣ, эътирофи ҳуқуқ (масалан, дар ҳуқуқи граждани), ҳимояи манфиатҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс, ё поймолгардии онҳо равона шудаанд.

Ҳамин тавр, ҳифзкунӣ ин фаъолиятест, ки барои оянда равона шудааст. Вазифаи асосии он роҳ надодан ба ҳуқуқвайронкунӣ, рафъи монеаҳо ва амалисозии ваколатҳои ҳуқуқии шахс мебошад. Ҳимоякунӣ-бошад, фаъолиятест, ки ҳангоми ҳуқуқвайронкунии мушаххас, бартарафсозии ин ҳолат, инчунин барои барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ба вуҷуд меояд. Таъйиноти асосии он – таъмин ва барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад[652].

Ҳамин тавр, таҳлилҳои умуминазариявии номбаршударо дар мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ менамоем.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» зери мафҳуми «ҳимоя» чунин омадааст: «Ҳимоя – фаъолияти мурофиавии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгарон ва намояндагони қонунии онҳо, инчунин ҳимоятгари ҷамъиятист, ки баҳри радъ кардани айбдорӣ (гумонбарӣ), дар ёфтани ҳолатҳое, ки айбдоршаванда ва гумонбаршавандаро сафед мекунад, ҷавобгарии ҷиноятӣ онҳоро истисно ва ё сабук мекунанд, инчунин барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии онҳо равона карда шудаанд»[653]. Мазмуни функсияи «ҳимоя» маҳз дар ҳамин ифода меёбад. Ин функсияро на танҳо айбдоршаванда, балки ҳимоятгари ӯ, намояндаи қонунӣ, ҷавобгари граждани ва намояндаи ӯ низ ба амал мебароранд.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ вақте нисбати ягон шахс гумони содир кардани ҷиноят ба вуҷуд меояд, ё ин ки нисбаташ айб эълон мешавад, ӯ аз имконияти ҳимоя истифода мебарад. Аз ин рӯ, ба ақидаи баъзе муаллифоне, ки вазифаи (функсияи) ҳимояро новобаста аз айбдорӣ мепиндоранд, розӣ шудан мумкин нест. Масалан, М.М.Видря чунин кайд мекунад, ки функсияи ҳимоя «на ҳамчун аз айбдорӣ бароянда, балки новобаста аз он инкишоф меёбад»[654]. Ҳол он ки ҳимоя ин аксуламал нисбати айбдорӣ мебошад ва мавриде ҷой дошта метавонад, ки нисбати шахс гумон, ё айбдорӣ пайдо мешавад.

Аз ин лиҳоз, ҳуқуқ ба ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ аз маҷмуи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои мурофиавие иборат аст, ки барои ҳимоя аз айбдорӣ ва гумонбарӣ пешбинӣ шудаанд.

Мазмуни ҳуқуқ ба ҳимоя ва кафолатҳои амалӣ гаштани он дар моддаҳои гуногуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, моддаҳои 5, 19 ва ғайра) пешбинӣ шудааст, аз ин ҷост, ки онҳо ҳамчун қоидаи умумиҳуқуқӣ эътироф шудааст. Дар мурофиаи ҷиноятӣ бошад, принсипи бо ҳуқуқи ҳимоя таъмин намудани айбдоршаванда мавҷуд аст, ки гувоҳи қоидаи роҳнамо ва пешбарандаи ҳуқуқ будани он аст[655].

Айбдоршаванда (гумонбаршуда) иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ аст, ки дар ҳолати ногувори мурофиавӣ қарор дорад. Ӯ дар содир намудани ҷиноят айбдор (гумонбар) дониста шуда, натиҷаи ҳар як ҳаракати тафтишотӣ мумкин аст, ки далели исботи айб

[652] Романовский Г.Б. Право на неприкосновенность частной жизни. – М.: Норма, 2001 – С. 25-28.
[653] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / зери таҳрири М.А.Маҳмудов. – Душанбе, 2004. – С. 495-499.
[654] Видря М.М. Функция защиты в советском уголовном процессе. В помощь адвокату. – Краснодар, 1972. – С. 14-21.
[655] Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии советӣ. Қисми якум: васоити таълимӣ. – Душанбе: Ношир, 1979. – С. 68-69.

(гумон) гардад. Аз ин рӯ, айбдоршаванда (гумонбаршаванда) аз ҳама бештар ба ҳимоя эҳтиёҷ дорад. «Айбдоршавандаро бо ҳуқуқи ҳимоя таъмин намудан – ин яке аз кафолатҳои эътимодноки муқаррар кардани ҳолатҳои сабукӣ ва вазнинии ҷазои ҷиноятӣ нисбати айбдоршаванда ба ҳисоб меравад»[656].

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ҳуқуқ ба ҳимоя дар тафтишот зарурати айнӣ дорад. Зарурати ҳуқуқ ба ҳимояро ҳолатҳои зерин тақозо менамоянд:

- мақомоти давлатӣ (муфаттиш, прокурор) дар тафтишот тамоюли айбдоркунӣ доранд. «Дуруст аст, ки онҳо (яъне муфаттиш ва прокурор) уҳдадории конститутсионии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро доранд. Талаботҳои қонуни мурофиавии ҷиноятиро риоя намуда, онҳо бояд ҳолатҳои парвандаро ҳаматарафа, пурра ва объективона тадқиқ намоянд ва чораҳо андешанд, ки ягон шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад ва маҳкум нагардад. Вале ин маънои онро надорад, ки муфаттиш ва прокурор функсияи мурофиавии ҷиноятии ҳимояро амалӣ месозанд. Самти асосии фаъолияти мурофиавии онҳо аз таъқиботи ҷиноятӣ, айбдоркунӣ иборат аст, на дар ҳимояи он»[657];

- пешгирии поймолгардии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии айбдоршаванда;

- мусоидат намудан ба мақомоти тафтишот баҳри ошпарвандакардани шахсе, ки ҷиноятро содир кардааст;

- таъмин намудани баробарии иштирокчиёни мурофиа – то ки қоидаҳои мубоҳисавӣ риоя шуда, адолат барқарор гардад.

Зарурати ҳуқуқ ба ҳимояро дар давраи тафтишот ба эътибор гирифта, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо онро эътироф, балки як қатор кафолатҳои мурофиавиро низ пешбинӣ кардааст. Кафолатҳои мурофиавӣ дар «таъмин намудани қонуният ва асоснокии мурофиаи судии ҷиноятӣ»[658] нақши муҳимро мебозанд. Кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқ ба ҳимоя доштани айбдоршаванда (гумонбаршаванда) гуфта, маҷмуи тарзу воситаҳои дар қонун пешбинишударо меноманд, ки барои таъмин намудани ин ҳуқуқ ва мусоидат ба воқеигардии он равона шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқи чунин кафолатҳои мурофиавии ин ҳуқуқро ном мебаранд:

- принсипи пешбарии мурофиаи ҷиноятӣ - ин принсипи тафтиши ҳаматарафа, пурра ва объективонаи ҳолати содир шудани ҷиноят мебошад. Дар асоси ин принсип муфаттиш уҳдадор аст, ки далелҳои фошкунанда ва сафедкунандаи айбдоршаванда, ҳолатҳои вазнинкунанда ва ҳам сабуккунандаи ҷавобгариро ҷамъ орад. Ин принсип заминаи муҳим барои амалигардии ҳуқуқ ба ҳимоя доштани айбдоршаванда мебошад;

- мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[659] суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда уҳдадоранд ба айбдоршаванда ва гумонбаршаванда имконият диҳанд, ки бо воситаю усулҳои муқарраркардаи қонун худро аз гумон дар содир кардани ҷиноят ё шарикӣ дар он ё ин, ки айби эълоншуда ҳимоя намоянд, инчунин онҳо вазифадоранд, ки ҳуқуқҳои шахсӣ ва амволии айбдоршаванда ва гумонбаршавандаро таъмин кунанд;

- мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд уҳдадоранд, ки ҳуқуқҳои айбдоршаванда ва гумонбаршавандаро фаҳмонида диҳанд. Чунончӣ, айбдоршаванда (гумонбаршаванда)

---

[656] Абдуллоев Н.А. Ҳамин ҷо. – С.68-70.

[657] Стецовский Ю.И. Уголовно-процессуальная деятельность защитника. – М.: Юрид. лит., 1982. – С. 6-7.

[658] Абдуллоев Н.А. Ҳукуки мурофиавии ҷиноятии советӣ. Қисми якум: васоити таълимӣ. – Душанбе: Ношир, 1979. – С. 20-23.

[659] Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

ҳуқуқ дорад донад, ки барои чӣ айбдор (гумонбар) карда мешавад ва дар ин хусус эзоҳот диҳад, далелҳо пешкаш намояд, илтимосҳо кунад ва ғайра;

- ҳуқуқ ба ҳимоя инчунин бо тартиби муқарраршуда раддия баён кардан нисбати муфаттиш (прокурор ва ғайра) таъмин карда мешавад;

- ҳуқуқи айбдоршаванда (гумонбаршаванда) оид ба даъвати ҳимоятгар. «Дар миёни кафолатҳои зиёди ҳуқуқ ба ҳимоя кафолати навъи махсус мавҷуд аст – ин ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба даъвати шахси махсус – ҳимоятгар, ки дар мурофиа ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро дифоъ мекунад»[660]. Дар навбати худ ҳуқуқи айбдоршаванда (гумонбаршаванда) оид ба даъвати ҳимоятгар бо як қатор кафолатҳои дар қонунгузории мурофиавӣ пешбинишуда таъмин мегардад[661]. Чунончӣ, бо тартиби даъват, таъин, иваз кардани ҳимоятгар, таъмини воқеии озодии интихоби ҳимоятгар аз ҷониби айбдоршаванда (гумонбаршаванда), имконияти даъвати ҳимоятгар новобаста аз вазъи моддӣ, ҳолатҳои иштироки ҳатмии ҳимоятгар, ҳуқуқи даст кашидан аз ҳимоятгар ва ғайра.

Пас, дар мурофиаи ҷиноятӣ айбдоршаванда (гумонбаршаванда) бебаҳс ҳуқуқ ба ҳимоя, аз ҷумла ба даъвати ҳимоятгар дорад, ки он бо кафолатҳои зиёд таъмин мегардад. Лекин интихоб ба худи айбдоршаванда (гумонбаршаванда) вогузор карда мешавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки дар бандҳои 2 ва 3 моддаи 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд (дар ин хусус поёнтар истода мегузарем). Дар дигар ҳолатҳо ӯ метавонад, ки худаш шахсан, ё ин ки бо ёрии ҳимоятгар ҳуқуқҳояшро ҳимоя кунад. Вобаста ба ин дар адабиёти ҳуқуқи ду мафҳумро аз ҳам ҷудо мекунанд: «ҳимояи шахсӣ» ва «ҳимояи касбӣ»[662].

Дуруст мешуд, ки на ду мафҳум, балки се мафҳум аз ҳамдигар чудо карда мешуданд:

а) ҳимояи шахсӣ – вақте айбдоршаванда (гумонбаршаванда) худаш ҳуқуқҳояшро ҳимоя менамояд;

б) ҳимояи касбӣ – вақте дар парвандаи ҷиноятӣ адвокат иштирок мекунад;

в) ҳимояи ғайрикасбӣ – вақте дар парвандаи ҷиноятӣ дигар ҳимоятгарҳо иштирок мекунанд[663].

Гарчанде даъват намудани ҳимоятгар аксаран аз иродаи айбдоршаванда вобаста аст, мақомоти ваколатдори давлатӣ ин ҳуқуқи ӯро фаҳмонида, ҳатман истифодаи онро тавсия медиҳанд. Зеро ҳимояи касбӣ барои на танҳо ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда (гумонбаршаванда), балки барои тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаи ҷиноӣ мусоидат мекунад. Новобаста аз оне, ки айбдоршаванда (гумонбаршаванда) аз ҳуқуқҳои худ бархурдор аст, дар мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар рафти тафтишот ба ҳимояи зарурии ҳуқуқҳояш қодир нест. Сабаб дар он аст, ки «одатан айбдоршаванда (судшаванда) на ҳама вақт ҳуқуқи худро истифода бурда метавонад. Ба ҳамаи ҳаракатҳои худ одатан ӯ баҳои ҳуқуқӣ дода наметавонад. Бинобар он, иштироки ҳимоятгар дар мурофиа барои кумаки айбдоршаванда (судшаванда) лозим меояд»[664]. Гузашта аз он, ӯ дар ҳолати шиддатноки рӯҳӣ карор гирифта, аз нигоҳи равонӣ оҷиз мегардад. Ҳатто ҳолатҳое мешавад, ки айбдоршаванда рӯҳан носолим асту аз ин ҳолат мақомоти тафтишот огоҳ нестанд. Дар ин гуна мавридҳо нақши ҳимоятгар ивазнопазир буда, барои ба роҳи дуруст бурдани тафтишот муҳим аст.

---

[660] Резник Г.М., Славин М.М. Конституционное право на защиту. – М.: Юрид.лит., 1980. – С.29.
[661] Жогин Н.В., Фаткуллин Ф.Н.. Предварительное следствие. – М.: Норма, 1965. – С. 221.
[662] Резник Г.М., Славин М.М.. Конституционное право на защиту. – М.: Юрид. лит., 1980 – С. 36-40.
[663] Гуценко К.Ф. Уголовный процесс. – М.: Норма, 1999. – С. 103-108.
[664] Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии советӣ. Қисми якум: васоити таълимӣ. – Душанбе: Ношир, 1979. – С. 30-38.

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба ҳимоя бо роҳҳои шахсӣ, ғайрикасбӣ ва касбӣ ба амал бароварда шуда, дар байни онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳимояи касбӣ мақоми хосса дорад.

Таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки самаранокии мубориза ва истифодаи воситаҳои муқовимат зидди ҷиноят ва ҷиноятқорӣ, дигар қонуншиканиҳо аз риояи дақиқ, иҷро ва дурусту бамаврид татбиқ гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ вобастагии калон дорад. Омӯзиш ва таҳлили мазмуни меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ, бинобар ҷой доштани ихтилоф ва зиддияти мазмуни меъёрҳо боиси нодуруст ва ғалат шарҳ дода шудан ва дар амалия нодуруст татбиқ шудани онҳо мегардад ё сабабгори кашол ёфтани ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ мегарданд. Бинобар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ, хусусан дар ҳамин рисола, масъалаҳое, ки бо ҳолати мурофиавӣ-ҳуқуқии ҳимоятгар алоқамандӣ доранд, ҳамчун мавзуъи тадқиқоти илмӣ-назариявӣ қарор дода шудаанд, ки натиҷаи онҳо на танҳо аҳаммияти таълимӣ-тағриботӣ доранд, балки метавонанд ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

Ҳимоя аз ҳуқуқҳои тарафи ҳимоя бармеояд, ки мувофиқи он, ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода барад. Ҳуқуқи ҳимоя, аз рӯи ин принсип ифодакунанди маҷмуъи имкониятҳои ҳуқуқӣ-мурофиавӣ, роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонун, ки дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда бо мақсади ҳимояи худ (ҳуқуқу манфиатҳо) аз айбдоркунӣ (ё гумони содир кардани ҷиноят) дар содир кардани ҷиноят, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон ба амал мебароранд.

Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқҳои онҳо ва моҳияти айбро (дар кадом ҳаракат, беҳаракатии шахс аломати ҷиноят ошпарвандашудааст, ба ҷамъият хавфнок будани кидор дар кадом моддаи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гаштааст, бо кадом асосҳо кирдори шахс банбубаст гардидааст, қонун барои содир кардани ин кирдор кадом намуди ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ мекунад ва ғ.) фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррар намудаи қонун худро аз айби эълоншуда ҳимоя намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд.

Таъмини иҷроиши вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо аз самаранок анҷом дода шудани тафтиши пешакӣ аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, балки аз сатҳи иштироки тарафи ҳимоя дар ҷараёни исботнамоӣ низ вобаста аст.

Дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун шахсоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон вогузор шудааст, вазифадоранд иштироки ҳимоятгарро дар пешбурди парвандаҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда таъмин намоянд.

Тибқи қонун (м. 53 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳимоятгар дорои маҷмуъи имкониятҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо ӯ метавонад бо мақсади ошкор ва пешниҳод намудани маълумотҳои сафедкунандаи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё сабуккунандаи ҷавобгарии онҳо ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун манънашударо истифода барад ва ба онҳо ёрии ҳуқуқии зарурӣ расонад.

Таҳлили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки мазмуни баъзе аз меъёрҳо боиси баҳс, нофаҳмӣ ё маҳдуд шудани имкониятҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда мегарданд. Моддаи 49 доираи шасхсонеро номбар кардааст, ки метавонанд ба сифати ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок намоянд. Дар муқоиса бо қ.3 м.49 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1961) дар қ. 1 м. 49 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009) аз доираи шахсоне, ки метавонанд ба сифати ҳимоятгар дар

пешбурди парвандаи ҷиноятӣ роҳ дода шаванд, намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо сабабҳои номаълум хориҷ шудааст. Яъне, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда аз ҳуқуқи ҳимоя кардани манфиатҳои худ бо ёрии намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ маҳрум гаштааст, аз ҷониби дигар намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ бошанд аз ҳуқуқи ҳимоя кардани манфиатҳои аъзои коллектив ё аъзои ташкилот маҳрум гаштаанд. Аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда интихоб ва даъват шудани намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ба сифати ҳимоятгар аз рӯи андешаи мо, тарафҳои мусбии худро дорад:

1. Яке аз имкониятҳои воқеии иштироки намояндаҳои аҳли ҷамъият дар ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мешавад;

2. Имконияти гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда оиди гирифтани ёрии ҳуқуқӣ бо тамоми восита ва усулҳои пешбиникардаи қонун таъмин мешавад;

3. Даст кашидан аз ҳимоятгар, бинобар надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, бартараф карда мешаванд;

4. Аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт кардани ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз байн меравад;

5. Намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо моҳияти айбдоркунӣ ва сабабу шароитҳои содир шудани ҷиноят хабардор гашта барои саривақт бартараф кардани онҳо метавонанд мусоидат намоянд ва содир шудани чунин кирдорҳоро огоҳ ва пешгирӣ намоянд ё дигар чораҳои тарбиявӣ-маънавӣ андешанд;

6. Намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ назар ба хешовандони наздик ва намояндагони қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки ба сифати ҳимоятгар ба пешбурди парванда роҳ дода шудаанд, имконияти бештари ҷамъоварӣ ва пешниҳод кардани маълумотҳоро доранд ва умуман, метавонанд аз ҳуқуқу вазифаҳои ҳимоятгар, ки дар моддаи 53 ва қисми 3 моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, самаранок истифода намоянд;

7. Аз эҳтимол дур нест, ки сифати ёрии ҳуқуқии намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ назар ба ёрии ҳуқуқии хешовандони наздик ва намояндагони қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ба дараҷае дар сатҳи баландтар бошад, ки натиҷаи он метавонад ба ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат намояд;

8. Аз ҷониби дигар, қонун пешбинӣ мекунад, ки дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳуқуқ доранд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҳифз кунад ва барои омодагӣ ба ҳимоя ба таври кофӣ вақт ва имконият дошта бошад. Ягон меъёри қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ иштироки намояндаҳои ташкилотҳои ҷамъиятиро манъ накардааст ё ки даъват шудани онҳоро ба сифати ҳимоятгар нораво надонистааст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки иштироки ҳимоятгарро истисно мекунанд (м.71 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

9. Дар қатори роҳу воситаҳои хилофи қонун набуда моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[665]-ро ба назар гирифтан мункин аст, ки тибқи он иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо,

[665] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, суд ҳуқуқҳои худ, манфиатҳои қонунии аъзо ва иштирокчиёни худ, инчунин дигар шаҳрвандонро намояндагӣ ва ҳифз намоянд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М.А.

АДАБИЁТ:

1. Абдуллоев, Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии советӣ: қисми якум [Матн]: васоити таълимӣ / Н.А. Абдуллоев. – Душанбе: Ношир, 1979. – 312 с.

2. Ведерников, А. Актуальные вопросы участия защитные на стадии предварительного расследования [Текст] / А. Ведерников. – М.: Норма, 1990. – 179 с.

3. Видря, М.М. Функция защиты в советском уголовном процессе // Советское государство и право. – 1978. – №1. – С. 88-93.

4. Гуценко, К.Ф. Уголовный процесс [Текст] / К.Ф. Гуценко. – М.: Норма, 1999. – 677 с.

5. Жогин, Н.В., Фаткуллин, Ф.Н. Предварительное следствие [Текст] / Н.В. Жогин, Ф.Н. Фаткуллин. – М.: Норма,1965. – 367 с.

6. Искандаров, З.Х. Участие защитника в стадии расследования преступлений: проблемы теории, законодательного регулирования и практики [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 137 с.

7. Искандаров, З.Ҳ. Ҳимояи судӣ ва озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / З.Ҳ. Искандаров // Давлат ва ҳуқуқ.– 2000. – № 4. – С. 63-68.

8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

9. Уголовно-процессуальный кодекс РФ (новая редакция с учётом изменений и дополнений, внесённых Федеральным законами, принятыми с мая 2002 года.

10. Кондратов, П. Гарантии и права личности в социалистическом уголовном праве и процессе [Текст] / П.Г. Кондратов. – Ярославль, 1981. – 145 с.

11. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 136 с.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

13. Лупинская, П.А. Уголовный процесс [Текст] / П.А. Лупинская. – М.: Юристь, 1995. – 544 с.

14. Малин, Н.С. Охрана прав личности советским законодательном [Текст] / Н.С. Малин. – М.: Норма, 1985. – 165 с.

15. Медведов, М.Ю. Уголовный процесс [Текст] / М.Ю. Медведев. – М.: Норма,1987. – 387 с.

16. Абдуллоев, Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии советӣ (васоити таълимӣ) [Матн] / Н.А. Абдуллоев. Қисми якум. – Душанбе, 1979. – 312 с.

17. Резник, Г.М., Славин, М.М. Конституционное право на защиту [Текст] / Г.М. Резнин. – М.: Моск. Рабочий, 1980 – 113 с.

18. Романовский, Г.Б. Право на неприкосновенность частной жизни [Текст] / Г.Б. Романовский. – М.: Норма, 2001 – 309 с.

19. Саркисянц, Г.П. Защитная в уголовном процессе [Текст] / Г.П. Саркшянц. – Ташкент: Узбекистан, 1971. – 252 с.

20. Сулейменова, Г.Ж. Уголовный процесс Республики Казахстан (Общая часть) [Текст] / Г.Ж. Сулейманова. – Алматы, 2002. – 124 с.

21. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / зери таҳрири М.А.Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – 620 с.

22. Элькина, К.С. Сущность советского уголовно-процессуального права [Текст] / К.С. Элькина. – М.: Юрист, 1963. – 172 с.

23. Стецовский, Ю.И., Шубина, Т.Б. Конституционный статус личности в СССР [Текст] / Ю.И. Стецовский Т.Б. Шубина. – М.: Юрид. лит., 1980. – 256 с.

24. Стецовский, Ю.И. Уголовно-процессуальная деятельность защитника [Текст] / Ю.И. Стецовский. – М.: Юрид. лит., 1982. – 174 с.

ЮРИДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВА НА ЗАЩИТУ НА СТАДИИ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО СЛЕДСТВИЯ

Ключевые слова: Республика Таджикистан; человек; гражданин; защита; правовое регулирование; уголовный процесс; адвокат; защитник; охрана; следственная тайна.

Аннотация. Участие защитника в ходе расследования для обеспечения защиты сторон в соответствии с законодательством Республики Таджикистан имеет важное значение. Ряд внутренних нормативно-правовых актов Республики Таджикистан закрепляет правовой статус защитника. Наряду с этим разработка и принятие в последние годы в Республике Таджикистан системы нормативно-правовых актов способствуют укреплению законности, правопорядка, эффективности уголовного процесса и осуществлению правосудия. Однако во многих случаях в процессе практического применения норм действующего законодательства возникают препятствия, пути устранения которых имеют важное значение.

В статье на основе мнений отечественных и зарубежных ученых и исследователей анализируются теоретические основы и правовое регулирование обеспечения сохранения следственной тайны адвокатом (защитником) в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Махмудов Шахзод Усмонджонович – соискатель кафедры юриспруденции Института экономики и торговли Таджикского государственного университета комерции в г. Худжанде**.** Тел.: (+992) 92-759-22-00. E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru

LEGAL ASPECTS OF ENSURING THE RIGHT TO DEFENSE AT THE PRE-TRIAL INVESTIGATION STAGE

Keywords: Republic of Tajikistan; human, citizen; defense (protection); legal regulation; criminal proceedings; lawyer (attorney); defense counsel; safeguarding; investigative secrecy.

Annotation. The participation of a defense attorney during an investigation is crucial for ensuring the protection of the parties' rights in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. A number of domestic regulatory legal acts establish the legal status of the defense attorney.

Furthermore, the recent development and adoption of a system of regulatory legal acts in the Republic of Tajikistan contribute to strengthening the rule of law, public order, the efficiency of criminal proceedings, and the administration of justice. However, in many cases, obstacles

arise during the practical application of current legislative norms, and finding ways to eliminate them is of great importance.

Based on the views of domestic and foreign scholars and researchers, this article analyzes the theoretical foundations and legal regulation of ensuring the preservation of investigative secrets by a lawyer (defense attorney) in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

Makhmudov Shakhzod Usmondzhonovich – competitor, Department of Jurisprudence, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce in Khujand. Phone: (+992) 92-759-22-00. E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru

5.5.10. ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО

ИДИЗОДА ФАЙЗАЛӢ ФУЗАЙЛШО,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

РАҲИМЗОДА ЗАКИЮЛЛОҲ ИЗАТУЛЛО,
нозири калони Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати арзии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори хадамоти гумрук

ТДУ: 341.1/8

АСОСҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ-ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР

Калидвожаҳо: ҳамкории бисёрҷониба; гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир; Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид; Конвенсияи ягона оид ба маводи нашъадор аз соли 1961; Конвенсия оид ба моддаҳои психотропии соли 1971; Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз соли 1988; Конвенсияи Палермо; Гурӯҳи кории мақомоти молиявӣ (FATF).

Аннотатсия. Мубориза бо маводи мухаддир яке аз самтҳои калидии ҳамкориҳои байналмилалӣ маҳсуб ёфта, ба амнияти глобалӣ ва суботи ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Аз сабабе, ки қочоқи маводи мухаддир хусусияти фаромиллӣ дорад, давлатҳо новобаста аз мавқеашон - ҳамчун кишварҳои истеҳсолкунанда, транзитӣ ва ё истеъмолкунанда - ба таври муштарак аз ин таҳдид зарар мебинанд. Дар ин замина, зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти байнидавлатӣ ва таҳкими шарикии стратегӣ барои муқовимати муассир ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба миён меояд. Истифодаи даромадҳо аз маводи мухадир аз ҷониби созмонҳои террористӣ ва гурӯҳҳои муташаккили фаромиллӣ ҷиҳати маблағгузории фаъолиятҳои худ, таҳдидҳоро ба амнияти байналмилалӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ афзоиш медиҳад. Ин зуҳуроти номатлуб ба амнияти давлатҳо дар сатҳи ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва низомӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, давлатҳо заминаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, сохторҳои ниҳодӣ ва моделҳои шарикии худро пайваста такмил дода, ҷиҳати эҷоди як ҷабҳаи воҳид бар зидди ин таҳдиди глобалӣ талош меварзанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2025 таъкид намуданд, ки «Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии онҳо дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир мебошад»[666].

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин фоидаи

[666] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми январи соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 02.02.2026).

калоне, ки аз он ба даст меояд, ба паҳншавии густурдаи нашъамандӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Азбаски истеҳсол, транзит ва истеъмоли маводи мухаддир хусусияти фаромарзӣ доранд, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии онҳо ва ҷиноятҳкории вобаста ба он ба як мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, дарки оқибатҳои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба оғози ҳамкорӣ дар ин самт, аввалан дар сатҳои дуҷониба баъдан дар сатҳи ҷаҳонӣ, оварда расонид. Дар ин росто, ҳамкории давлатҳо ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бар муқобили ҷиноятҳкорӣ ба анъана ва зарурати байналмилалӣ табдил ёфта истодааст[667]. Тавре В. Г. Гаврилов қайд мекунад: «Давлатҳо наметавонанд ба танҳогӣ бо ин офати табиӣ мубориза баранд, ҳамбастагии байналмилалӣ ва амалиёти мутавозин, дастаҷамъона ва ҳамзамон ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст»[668].

Ҳамин тавр, зарурияти қабули чунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие ба вуҷуд омад, ки дар заминаи онҳо давлатҳо тавонанд вобаста ба масъалаҳои мубориза бар зидди маводи мухаддир ҳамкориҳоро анҷом диҳанд. Мавриди зикр аст, ки ин вазифа ба зиммаи Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои махсусгардонидашудаи он вогузор карда шуд, ки онҳо дар давоми фаъолияташон якчанд конвенсияҳоро дар ин соҳа коркард ва қабул намуданд.

Илова бар ин, давлатҳои аъзои узви Созмони Милали Муттаҳид дар доираи санадҳои қабулнамудаи худ ва кишварҳои алоҳида дар асоси қонунгузории миллию шартномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ, ҳама иқтидору воситаро барои мубориза бо ин хатарҳои ҷаҳонӣ бояд сафарбар намоянд[669]. Тавре В.Ф. Цепелев қайд кардааст «шакли шартномавӣ - ҳуқуқии ҳамкорӣ дар марҳилаҳои аввал ташаккул ёфта, аз нимаи аввали асри 19 ба ҳамоҳангсозии шартномавӣ - ҳуқуқӣ табдил ёфта, аз охири асри XIX то ибтидои асри 20 бо шаклҳои ташкилӣ - сохтории мубориза бар зидди ҷиноятҳкорӣ пурра гардида, дар нимаи дуюми асри 19 бо тадқиқоти фаъоли илмӣ дар соҳаи мушкилоти ҷиноятӣ - ҳуқуқӣ ва пенитенсиарии соҳаи номбаршудаи ҳамкорӣ ҳамроҳ гардид»[670].

Сарфи назар аз он ки барои мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир созишномаву протоколҳои зиёди байналмилалӣ қабул гардида, дар ин самт талошҳои зиёд ба харҷ дода мешаванд, сатҳи ҷиноятҳкорӣ ҳамоно баланд боқӣ мемонад. Бо вуҷуди таъсири манфии ин мавод ба ҷомеа, истеъмоли онҳо афзоиш ёфта истодааст. Имрӯз аллакай эътироф шудааст, ки назорати пурраи равандҳои истеҳсол ва истеъмоли ин моддаҳо амалан ғайриимкон мебошад.

Қабули Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дар инкишофи ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳо оид ба мубориза бо ҷиноятҳкорӣ марҳилаи наверо оғоз бахшид. Аз соли 1950 инҷониб, Созмони Милали Муттаҳид ба рушди соҳаҳо ва шаклҳои гуногуни ин ҳамкорӣ мусоидат намуда, муносибатҳои байнидавлатиро дар ин самт ҳамоҳанг ва ҳавасманд мекунад. Имрӯз муборизаи муштарак бо ҷиноятҳкорӣ дар доираи Созмони

---

[667] Раджабов С.А. Международная правоохранительная деятельность и укрепление международного сотрудничества в борьбе с преступностью / С.А. Раджабов, С.И. Иброхимов // Академический юридический журнал. – 2022. – № 2 (42). – С. 204.

[668] Гаврилов В.Г. Комплексные меры противодействия злоупотреблению наркотиками и их незаконному обороту на 2005-2009 годы // В.Г. Гаврилов, Л.В. Готчина, С.А. Грицаев [и др.]. – М., 2008. – С. 89/

[669] Азиззода У.А. Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҳамбастагии он бо терроризми байналмилалӣ / У.А. Азиззода, М.А. Езидяр // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №. 1.– С. 41.

[670] Цепелев В.Ф. Уголовно-правовые, криминологические и организационные аспекты международного сотрудничества в борьбе в преступностью: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2001. – 418 с. URL: https://www.dissercat.com/content/ugolovno-pravovye-kriminologicheskie-iorganizatsionnye-aspekty-mezhdu narod nogo-sotrudniches (дата звернения: 01.12.2026).

Милали Муттаҳид ҳамчун як бахши мушаххаси ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ баррасӣ мегардад[671].

Аз ҳамин давра оғоз карда, гузоришҳо оид ба номгӯи моддаҳое, ки метавонанд ҳамчун маводи мухаддир эътироф карда шаванд, коркард ва пешниҳод мегардиданд[672]. *Мушкилоти глобалии маводи мухаддир тавоҷҷуҳи хоссаи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Соли 1987 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки мувофиқи он ҳамасола 26-уми июн ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бо сӯиистифода ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир таълил мегардад. Маҳз дар ҳамин рӯз, дар Конфронси байналмилалӣ «Нақшаи ҳамаҷонибаи фаъолиятҳои оянда оид ба мубориза бар зидди нашъамандӣ» қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷат эътироф гардид, ки сарфи назар аз талошҳои пурзӯри ҷомеаи байналмилалӣ, мушкилоти ҷаҳонии нашъамандӣ ҳамоно ба амният ва некӯаҳволии мардум хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.*

Заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир конвенсияҳо ва созишномаҳои гуногун мебошанд. Конвенсияҳо ва созишномаҳое, ки то соли 1961 ба имзо расида парвариш, истеҳсол, воридот, содирот ва дигар фаъолиятҳои марбут ба маводи мухаддирро танзим мекарданд, аз ҷониби Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид мавриди бозбинӣ қарор гирифтанд. Бо мақсади муназзамсозии ҳуқуқи байналмилалӣ тавсия дода шуд, ки ин санадҳо дар як матни ягона муттаҳид карда шаванд, ки дар натиҷа Конвенсияи ягонаи соли 1961 қабул гардид. Он «ягона» номида мешавад, зеро матнҳои тамоми конвенсияҳои қаблиро дар худ фаро гирифта, натиҷаи таҳлил ва унификатсияи тамоми созишномаҳои дар ин самт то соли 1961 амалкунанда мебошад. Конвенсияи ягона муқарраротро дар бораи фаъолияти механизми байналмилалии назорат бар парвариши растаниҳои нашъадор, истеҳсол ва гардиши маводи мухаддир ва моддаҳои ҳавасмандкунанда дар бар мегирад.

Нуқтаҳои асосии он манъи истифодаи маводи мухаддир бо мақсадҳои ғайритиббӣ, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии онҳо ва пешгирии сӯиистифода аз ин моддаҳо мебошанд. Конвенсияи ягонаи соли 1961-умро чил давлат имзо намуданд ва он эътибор пайдо кард. Тоҷикистон бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи ягона оид ба маводи мухаддир» аз 14-уми декабри соли 1996, таҳти № 376 ҳамроҳ шуд[673]. Тибқи он Тоҷикистон уҳдадор гардид, ки оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва муолиҷаи нашъамандон ҷораҳо андешад. Масалан, тибқи Конвенсия тавсия дода мешуд, ки нисбати афроди нашъаманд ба ҷойи муҳлатҳои тӯлонии маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷораҳои табобатӣ татбиқ карда шаванд. Дар баробари ин, барои қочоқчиён ва шахсоне, ки ба фурӯши маводи мухаддир машғуланд, пешбинӣ намудани ҷазоҳои вазнintар тавсия гардид. Конвенсияи соли 1961 истифодаи маводи нашъадорро барои мақсадҳои ғайритиббӣ ва илмӣ манъ карда, муқарраротро оид ба парвариш ва истеҳсоли растаниҳои табиие, ки аз онҳо маводи мухаддир ба даст меоранд, назорат ба истеҳсол ва тиҷорати ин моддаҳо, мубориза бар

---

[671] Бородин С.В., Ляхов Е.Г. Международное сотрудничество в борьбе с уголовной преступностью (проблемы деятельности ООН в области предупреждения преступности и обращения с правонарушителями). – Москва: Международные отношения, 1983. – С. 24.

[672] Антонос, Г.А. 2002.03.044. Байер И., Годс Х. Эволюция международ-ного контроля за производством и распространением наркотиков в 1945-1995 гг. Bayerj., Ghodsey. Evolution of international drug control, 19451995 // bull. On narcotics. N.Y., 1999. Vol. 6, n 1/2. P.117 / Г.А. Антонос // Социальные и гуманитарные науки. Отечественная и зарубежная литература. Серия 4: Государство и право. – 2002. – № 3. – С. 178.

[673] Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 376, дар таърихи 14-уми декабри соли 1996 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи ягона оид ба маводи мухаддир» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 30.11.2025).

зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра иловаҳо ҷорӣ кард.

Конвенсияи мазкур «Мақомоти байналмилалии назорат бар маводи мухаддир»-ро таъсис дод. Баъдан, мувофиқи моддаи 2-и Протоколи соли 1972, ки ба Конвенсияи ягонаи соли 1961 тағйирот ворид кард, номи ин ниҳод ба «Кумитаи байналмилалии назорат бар маводи мухаддир» табдил дода шуд.

Бо васеъ гардидани истифодаи маводи мухаддир дар солҳои 1970, тибқи Протоколи соли 1972 ислоҳот ба Конвенсияи ягона оид ба маводи мухаддири соли 1961 ворид карда шуд. Конвенсияи соли 1961 ба зиммаи давлатҳои аъзо уҳдадориҳо гузошт, ки кирдорҳо вобаста ба парвариш, истеҳсол, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол, воридот ва содироти маводи мухаддирро ҷиноят эълон кунанд. Дар ҳолатҳои муттаҳидшавӣ бо мақсади содир намудани ҷинояти марбут ба маводи нашъаовар, сӯиқасд ба содир намудани ин ҷиноят, амалҳои омодагӣ ба ин кирдорҳо, инчунин иштирок дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, давлатҳои аъзо уҳдадор мешаванд, ки ин кирдорҳоро мутобиқи қонунгузории дохилии худ ҷазо диҳанд.

Тибқи Протоколи соли 1972, истеҳсоли маводи мухаддири синтетикӣ низ ба доираи Конвенсия дохил карда шуд. Тоҷикистон ҳамчун тарафи ин Конвенсия вазифадор гашт, ки нашъамандиро пешгирӣ кунад, нашъамандонро на зиндонӣ, балки табобат кунад, онҳоро нигоҳубин кунад ва барои офиятбахшӣ ва реинтегратсияи онҳо ба ҷомеа чораҳои зарурӣ андешад. Конвенсияи ягонаи соли 1961 ҳоло ҳам амал мекунад ва барои ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир аҳаммияти бузург дорад, зеро он тамоми созишномаҳои байналмилалии то қабули он басташударо дар як матни ягона ҷамъ намудааст.

Соли 1988 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир қабул гардид[674]. Бо дарназардошти афзоиши босуръати истеҳсоли ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва талабот ба ин моддаҳо, инчунин ҷиҳати таъмини татбиқи чораҳои Конвенсияи ягонаи соли 1961, чораҳои нав аз ҷониби ЭКОСОС қабул карда шуда, 19 декабри соли 1988 таҳия ва барои имзо пешниҳод шуд. Конвенсия дар бораи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988 тадбирҳои наверо дар бар мегирад, ки ба таъмини иҷрои муқаррароти Конвенсияи ягонаи соли 1961, пешгирии паҳншавии муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва пешгирӣ намудани окибатҳои он нигаронида шудаанд.

Тоҷикистон ба Конвенсия соли 1988 оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ» бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳти № 186, дар таърихи 4-уми ноябри соли 1995 ҳамроҳ шудааст[675]. Ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба ин Конвенсия бо афзоиши хатарноки таҳдиди маводи мухаддир дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ, бесуботии сарҳадҳо ва ба нуқтаи калидии транзитии «масири шимолӣ» барои афюни Афғонистон табдил ёфтани кишвар асоснок карда мешуд. Тасвиби ин санади байналмилалӣ имкон дод, ки қонунгузории миллӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шуда, заминаи ҳуқуқиро барои ҳамкорӣ бо Интерпол ва Созмони Милали Муттаҳид дар самти мавриди назар фароҳам орад

[674] Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ / Конвенция от 20 декабря 1988 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://docs.cntd.ru/document/1900535 (дата обращения: 30.11.2025).

[675] Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 186, дар таърихи 4-уми ноябри соли 1995 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

Конвенсияи соли 1988 муқарраротро оид ба назорати маводи кимиёвӣ, ки дар истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ истифода мешаванд, пешгирии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои аз муомилоти маводи мухаддир бадастомада, расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истифодаи усули «интиқоли назоратшаванда» ва истирдоди ҷиноятқорон муқаррарот пешбинӣ кардааст[676]. Тибқи Конвенсияи мазкур муқаррарот оид ба пинҳон кардани манбаи молу мулке, ки аз қочоқи маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба даст омадаанд, ба шахсони ҷиноят содиркарда барои аз ҷазо саркашӣ кардан, қонунӣ гардонидани чунин амволи бо роҳи ҷиноят ба даствардашуда, дидаю дониста гирифтан, мусодира кардан ё истифодаи молу мулки аз маводи нашъаовар ба даст овардашуда, ба даст овардани таҷҳизот барои истеҳсол ва коркарди ғайриқонунии моддаҳои психотропӣ, нашъадор, роҳнамоӣ ё ташвиқи шахси дигар ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, иштирок дар яке аз ин ҷиноятҳо, ё ташкилу ҳамкорӣ барои содир кардани ҷиноят, бояд криминализатсия карда шаванд.

Моддаи 1 Конвенсия соли 1988 густариши ҳамкории тарафҳо ҷиҳати мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро муайян менамояд. Дар ин замина ҷонибҳои созишнома уҳдадор мешаванд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷиноятҳоро вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир муқаррар намуда, барои коҳиш додани муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир чораҳои муайян андешанд. Конвенсияи соли 1988 масъалаҳо ба монанди назорати маводи кимиёвӣ дар раванди истеҳсоли ғайриқонунии маводи мухаддир, мубориза бо расмикунонии даромадҳо аз маводи мухаддир, пешгирии қочоқ, амалӣ намудани интиқоли назоратшаванда, ёрии ҳуқуқӣ ва истирдоди ҷиноятқоронро танзим мекунад. Ҳамин тавр, ба истилоҳ «сегонаи зидди маводи мухаддир»-и Созмони Милали Муттаҳид дар зарурати андешидани чораҳои дахлдори байналмилалӣ ҷиҳати мубориза бо гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ифода ёфтааст[677].

Дар амал, фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба соҳаҳои сармоягузорӣ, тиҷорат, сохтмон, хизматрасонӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ равона шудааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки давлат ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва таҷрибаи пешқадами идоракунӣ манфиатдор мебошад. Бо вуҷуди ин, барои таъмини манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ қонунгузорӣ як қатор талабот ва шартҳоро пешбинӣ намудааст, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи субъектҳои хориҷӣ ҳатмӣ мебошад. Масалан, онҳо бояд фаъолияти худро мутобиқи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда, дар мақомоти ваколатдор ба қайд гирифта шаванд ва ҳисоботи молиявию андозиро шаффоф пешниҳод намоянд.

Як қисми олимон дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи шахси ҳуқуқи байналмилалиро мавриди истифода қарор додаанд. Мавқеи пешниҳоднамудаи Л.П. Ануфриева муносибати танқидиро нисбат ба истифодаи истилоҳи «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инъикос менамояд. Ба андешаи ӯ, чунин мафҳум мазмуни мустақили ҳуқуқӣ надорад ва ба низоми мавҷудаи истилоҳот, ки аз «шахси ҳуқуқии миллӣ» ва «шахси ҳуқуқии хориҷӣ» иборат аст, мутобиқат намекунад[720]. Моҳияти андеша дар он ифода меёбад, ки вазъи ҳуқуқии ҳар як шахси ҳуқуқӣ ҳамеша тавассути мансубияти он ба як низоми муайяни ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ҳатто агар ташкилот дар асоси шартномаи байналмилалӣ таъсис ёфта бошад ҳам, он дар доираи қонунгузории як давлати мушаххас ташкил карда мешавад. Аз ин рӯ, барои ҳамон давлат чунин ташкилот шахси

[719] Зокирзода З.Х. Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум: воситаи таълимӣ. – Нашри сеюм. – Душанбе: Ашӯриён, 2026. – С. 31.

[720] Ануфриева Л.П. Международное частное право: учеб.: в 3 т. Т. 2. Особенная часть. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2002. – С. 59.

ҳуқуқии миллӣ ҳисобида мешавад, вале барои дигар давлатҳо – шахси ҳуқуқии хориҷӣ мебошад. Яъне, як субъект наметавонад дар як вақт дорои мақоми «болоидавлатӣ» бошад, чунон ки баъзан дар назария пешниҳод мегардад.

Л.П. Ануфриева ин нуқтаро бо мисоли иттиҳодияҳои фаромиллӣ, ки дар асоси созишномаҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъсис дода мешаванд, шарҳ медиҳад. Агар чунин иттиҳодия дар як давлат таъсис ёбад, он танҳо дар ҳамон давлат «худӣ» ба ҳисоб меравад ва дар дигар давлатҳо ҳамчун субъекти хориҷӣ шинохта мешавад. Ин ҳолат бори дигар нишон медиҳад, ки меъёри «миллият»-и шахси ҳуқуқӣ меъёри асосӣ ва муайянкунанда боқӣ мемонад[721].

Дар асоси ин далелҳо, муаллиф ба хулосае меояд, ки истифодаи истилоҳи «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» асоси воқеии ҳуқуқӣ надорад. Баръакс, чунин истилоҳ метавонад боиси нофаҳмиҳо гардад, зеро тасаввуроти нодурустро дар бораи мавҷудияти як гурӯҳи махсуси субъектҳо ба вуҷуд меорад, ки гӯё ба ягон низоми ҳуқуқии миллӣ вобаста нестанд.

Ҳамин тавр, ин мавқеъ аҳаммияти истифодаи дақиқи истилоҳотро дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таъкид намуда, зарурати канорагирӣ аз мафҳумҳое, ки мазмуни воқеии ҳуқуқиро инъикос намекунанд, нишон медиҳад.

Андешаи Р.Ш. Кужашева ба яке аз масъалаҳои муҳими назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дахл дорад ин масъалаи муайян кардани мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои байналмилалӣ дар доираи низоми ҳуқуқии давлатҳо мебошад. Муаллиф ба таври интиқодӣ ба истифодаи мафҳуми «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» муносибат намуда, зарурати онро зери шубҳа мегузорад[722]. Пеш аз ҳама, Р.Ш. Кужашева таъкид мекунад, ки барои эътирофи ҳуқуқи субъектияти як субъекти байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқи миллӣ ҳеҷ зарурате ба ҷорӣ намудани мафҳуми нав вуҷуд надорад. Ба андешаи ӯ, мафҳуми «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» аз нуқтаи назари назариявӣ комилан мукаммал нест, зеро меъёрҳои муайян кардани он дақиқ ва ягона нестанд. Дар натиҷа, ин мафҳум метавонад боиси нофаҳмиҳо гардад, хусусан дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ.

Муаллиф инчунин ба он ишора мекунад, ки ин истилоҳ дар қонунгузории амалкунанда мустаҳкам нашудааст ва танҳо дар доираи илмӣ истифода мешавад. Яъне, он характери доктриналӣ дошта, барои судҳо ва мақомоти амалӣ ҳатмӣ нест. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки истифодаи чунин мафҳум дар амал метавонад боиси мушкилот гардад, зеро судяҳо бояд ба меъёрҳои мушаххаси қонун такя кунанд, на ба назарияҳои илмӣ.

Дар маркази мавқеи Р.Ш. Кужашева масъалаи эътирофи миллӣ қарор дорад. Ӯ бар он назар аст, ки барои суд ё арбитраж муҳим он аст, ки субъекти муроҷиаткунанда дар низоми ҳуқуқии ҳамин давлат ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф шуда бошад. Агар чунин эътироф вуҷуд дошта бошад, пас он метавонад дар мурофиа иштирок намояд, ҳуқуқу ухдадориҳо дошта бошад ва аз ҳимояи судӣ истифода барад. Агар не, он ҳамчун субъекти ношинос боқӣ мемонад, ки ин метавонад ба рад шудани даъво ё мушкилоти мурофиавӣ оварда расонад.

Ин равиш хусусияти амалгаро (прагматикӣ) дорад. Р.Ш. Кужашева бештар ба осонии татбиқи ҳуқуқ ва равшан будани меъёрҳо аҳаммият медиҳад. Ба андешаи ӯ, сохтани категорияҳои мураккаби назариявӣ, ки дар қонунгузорӣ ҷой надоранд, на танҳо фоида намеорад, балки метавонад фаъолияти мақомоти судиро душвор гардонад.

Бо вуҷуди ин, метавон ба мавқеи ӯ аз нуқтаи назари дигар низ назар кард. Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки мафҳуми «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» барои фаҳмиши

[721] Ануфриева Л.П.Там же. – С. 59.

[722] Кужашева Р.Ш. Правовые вопросы деятельности международных организаций в частноправовых отношениях международного характера: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2008. – С. 76-77.

табиати ташкилотҳои байналмилалӣ муҳим аст, зеро онҳо на танҳо дар доираи як давлат, балки дар сатҳи байналмилалӣ амал мекунанд. Аммо Р.Ш. Кужашева ин ҷанбаҳоро камтар муҳим дониста, бештар ба амалияи дохилӣ ва талаботи судҳои миллӣ диққат медиҳад.

Дар маҷмуъ, андешаи Р.Ш. Кужашева ба он равона шудааст, ки дар ҳуқуқ бояд соддагӣ, равшанӣ ва татбиқшавандагӣ бартарӣ дошта бошад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки ба ҷойи истифодаи мафҳумҳои баҳсноки назариявӣ, бештар ба меъёрҳои воқеии қонунгузории миллӣ ва эътирофи амалии субъектҳо такя карда шавад. Ин мавқеъ махсусан барои амалияи судӣ аҳаммияти калон дорад, зеро судҳо пеш аз ҳама ба қонун ва эътирофи расмӣ такя мекунанд, на ба баҳсҳои илмӣ.

Ба андешаи М.Н. Раҷабзода «шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» ҳамчун категорияи илмӣ тавассути маҷмуи унсурҳои худро таҷассум мекунад:

1. Ин шакли иштирок ва фаъолият дар муносибатҳои дохилидавлатии ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад, зеро дар санадҳои таъсисӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба онҳо ҳам статуси ташкилоти байналмилалӣ ва ҳам статуси «шахси ҳуқуқӣ» дода шудааст, ки эҳтимолан дар қонунгузории шаҳрвандии ягон кишвар пешбинӣ шуда наметавонад;

2. Шахсони ҳуқуқии байналмилалӣ бо асоси санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва инчунин шакли ташкилию ҳуқуқӣ ташкил мешаванд. Фаъолият ва қатъ шудани фаъолияти онҳо дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалӣ сурат мегирад, яъне асосан ҳуқуқи байналмилалӣ асоси танзими ҳуқуқии мақоми онҳо мебошад;

3. Ба таркиби субъектии шахси ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо ташкилотҳои байналмилалии байнидавлатӣ дохил мешаванд;

4. Ташкилотҳои байналмилалӣ субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мебошанд, ва инчунин табиати ҳуқуқии онҳо дар иштирок дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ истисно намешавад, зеро чунин иштирок бо категорияи шахси ҳуқуқии байналмилалӣ алоқаманд аст[723].

Яке аз принсипҳои асосии муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ин принсипи режими миллӣ мебошад. Мувофиқи ин принсип, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар аксари ҳолатҳо бо шахсони ҳуқуқии миллӣ (дохилӣ) баробар дониста мешаванд ва метавонанд дар доираи қонун ҳуқуқу уҳдадориҳои якхела дошта бошанд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки дар бозори дохилӣ фаъолона иштирок намоянд, шартномаҳои гуногуни иқтисодӣ банданд ва дар рушди бахшҳои гуногуни иқтисод саҳм гузоранд. Аммо бояд зикр кард, ки баробарӣ комилан мутлақ нест, зеро дар баъзе ҳолатҳо қонунгузорӣ метавонад барои субъектҳои хориҷӣ маҳдудиятҳои махсус муқаррар намояд. Маҳдудиятҳо одатан ба он соҳаҳое дахл доранд, ки аҳаммияти стратегӣ доранд ё ба амнияти миллӣ иртибот мегиранд. Аз ҷумла, масъалаҳои истифодаи замин, истихроҷи захираҳои табиӣ, фаъолияти энергетикӣ ва дигар соҳаҳои муҳим метавонанд таҳти назорати қатъии давлатӣ қарор гиранд. Дар чунин ҳолатҳо, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ танҳо бо гирифтани иҷозатномаҳои махсус ё дар асоси шартномаҳои алоҳида метавонанд фаъолият намоянд. Ин чораҳо ба ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Хусусияти дигари муҳимми вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар он аст, ки қобилияти ҳуқуқии онҳо дугона мебошад. Аз як тараф, он тибқи қонунгузории давлати таъсисёфта муайян карда мешавад, яъне қонунҳои кишвари хориҷӣ муайян мекунанд, ки ташкилот чӣ гуна ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо дошта метавонад. Аз тарафи дигар, дар ҳудуди

[723] Раджабов М.Н. Категория «международное юридическое лицо» в юридической науке // Государство и право. – 2019. – №8. – С. 73-79.

Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти онҳо танҳо дар доираи қонунгузории миллӣ иҷозат дода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳатто агар шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар кишвари ҳуд дорои ваколатҳои васеъ бошад, дар Тоҷикистон он бояд ба меъёрҳои маҳаллӣ мутобиқ гардад ва аз доираи онҳо берун набарояд.

Барои амалӣ намудани фаъолияти худ дар Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ одатан бояд филиал ё намояндагии худро таъсис диҳанд. Филиал ҳамчун воҳиди сохтории ташкилоти хориҷӣ амал карда, метавонад фаъолияти иқтисодиро мустақиман ба роҳ монад, дар ҳоле ки намояндагӣ бештар вазифаҳои намояндагӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро мекунад. Ҳар ду шакл бояд дар мақомоти дахлдор ба қайд гирифта шаванд ва фаъолияти онҳо таҳти назорати мақомоти давлатӣ қарор дорад. Ин раванд барои таъмини шаффофият, риояи қонун ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозор аҳаммияти калон дорад. Аксари давлатҳо иҷозат медиҳанд, ки ширкатҳои хориҷӣ дар ҳудуди онҳо филиал ё намояндагӣ таъсис диҳанд, аммо барои ин бояд талаботи муайяни бақайдгирӣ ва иҷозатномагириро риоя намоянд. Филиалҳо одатан ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти тиҷоратиро доранд, дар ҳоле ки намояндагиҳо бештар бо мақсадҳои таблиғотӣ ва таҳқиқи бозор фаъолият мекунанд.

Нақши андозбандӣ дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ низ хеле муҳим мебошад. Онҳо уҳдадоранд, ки мувофиқи қонунгузории андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз супоранд, агар фаъолияти онҳо дар ҳудуди кишвар анҷом дода шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, барои пешгирии андозбандии дукарата байни Тоҷикистон ва дигар давлатҳо созишномаҳои махсус ба имзо расидаанд, ки тартиби пардохти андозро танзим мекунанд. Ин гуна созишномаҳо ба рушди фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ мусоидат намуда, шароити мусоид барои сармоягузорон фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, яке аз омилҳои муҳим дар танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ин татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи байналмилалӣ уҳдадор аст, ки талаботи шартномаҳои байналмилалиро риоя намояд. Дар ҳолате ки байни қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ ихтилоф ба миён ояд, одатан меъёрҳои байналмилалӣ афзалият доранд. Ин ҳолат ба таъмини устувории низоми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани эътимоди шарикони хориҷӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, масъалаи ҳифзи ҳуқуққҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ низ аҳаммияти калон дорад. Онҳо метавонанд барои ҳимояи манфиатҳои худ ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоянд ва аз механизмҳои ҳалли баҳсҳо истифода баранд. Ғайр аз ин, дар баъзе ҳолатҳо баҳсҳо метавонанд тавассути арбитражи байналмилалӣ ҳал карда шаванд, агар чунин тартиб дар шартнома пешбинӣ шуда бошад. Ин имкониятҳо ба таъмин намудани адолат ва ҳифзи ҳуқуққҳои субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба интиқоли технология, баланд бардоштани сатҳи тахассуси мутахассисони маҳаллӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ таъсири мусбат мерасонад. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисод ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ҳамаи бартариҳо, фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ метавонад баъзе мушкилотро низ ба миён орад, аз ҷумла рақобати шадид бо истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, хавфи хориҷ шудани сармоя аз кишвар ва вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ. Аз ин рӯ, давлат бояд сиёсати мутавозинро пеш барад, ки ҳамзамон ҷалби сармояи хориҷиро таъмин намуда, манфиатҳои истеҳсолкунандагони дохилиро низ ҳифз намояд.

Хусусияти дигари муҳим масъалаи муайян намудани «ҷойи ҷойгиршавӣ ё бақайдгирӣ»-и шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар кишварҳои гуногун барои муайян кардани

мансубияти давлатӣ меъёрҳои гуногун истифода мешаванд, аз ҷумла ҷойи таъсисёбӣ, ҷойи идоракунии воқеӣ ё маркази фаъолияти асосӣ. Масалан, дар баъзе кишварҳои аврупоӣ бештар ба ҷойи идоракунии воқеӣ аҳаммият дода мешавад, дар ҳоле ки дар дигар давлатҳо, ба мисли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, меъёри асосӣ ҷойи бақайдгирӣ мебошад.

Дар таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ ва низоми ҳуқуқии рушдёфта шароити мусоидтар барои фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ фароҳам оварда шудааст. Масалан, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо озодии ҳаракати сармоя ва озодии таъсиси корхонаҳо яке аз принсипҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, давлатҳои рӯ ба рушд, бо мақсади ҳифзи бозори дохилӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ, метавонанд маҳдудиятҳои бештар ҷорӣ намоянд.

Ҳамзамон, нақши созишномаҳои байналмилалӣ дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ хеле муҳим аст. Созишномаҳои ҳифзи сармоягузорӣ, созишномаҳои тиҷоратии озод ва дигар санадҳои байналмилалӣ кафолатҳои иловагӣ барои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ фароҳам меоранд, аз ҷумла ҳифзи аз мусодираи ғайриқонунӣ, таъмини муносибати одилона ва баробар ва имконияти ҳалли баҳсҳо тавассути ҳакамиятҳои байналмилалӣ.

Бояд гуфт, ки вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқии хориҷӣ маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳоро дар бар мегирад, ки фаъолияти чунин субъектҳоро дар ҳудуди давлати дигар танзим менамоянд. Гарчанде ки тамоюли умумӣ ба самти либерализатсия ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо равона шудааст, ҳар як давлат бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва сиёсати иқтисодии худ метавонад хусусиятҳои махсуси танзимиро нигоҳ дорад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳамоҳангсозии меъёрҳо дар сатҳи байналмилалӣ тадриҷан афзоиш меёбад, аммо фарқиятҳои миллӣ ҳанӯз ҳам нақши муҳим мебозанд.

Дар маҷмуъ, вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми мураккаб ва ҳамзамон мутавозин мебошад, ки ба танзими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва рушди иқтисоди миллӣ равона гардидааст. Он бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллӣ ташаккул ёфта, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои хориҷӣ ва ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои давлатӣ хизмат менамояд. Ин низом имконият медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод дар арсаи байналмилалӣ баромад намуда, равандҳои иқтисодии ҷаҳониро самаранок истифода барад.

Зимни таҳқиқу баррасии мавзуи мавриди назар мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. «Шахси ҳуқуқии байналмилалӣ» пеш аз ҳама категорияи илмӣ аст ва на ҳамеша мувофиқи қонунгузории миллӣ эътироф мешавад. Он таҷассумкунандаи шакли фаъолият ва иштирок дар муносибатҳои дохилидавлатии ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар амал метавонанд ҳамчун субъектҳои ҳуқуқӣ ё ташкилотҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ шаванд. Ҳамин хусусият нишон медиҳад, ки мафҳум бештар барои таҳлил ва фаҳмиши назариявӣ истифода мешавад ва барои татбиқи мустақим дар қонунҳои дохилӣ чандон муносиб нест.

2. Шахсони ҳуқуқии байналмилалӣ асосан дар асоси санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ таъсис меёбанд. Фаъолият ва қатъшавии онҳо низ дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, дар амалият аҳаммияти асосӣ ба эътирофи байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дода мешавад, на ба ҳуқуқи дохилӣ, гарчанде ки эътирофи миллӣ барои татбиқи воқеӣ низ зарур аст.

3. Фақат ташкилотҳои байналмилалии байнидавлатӣ метавонанд ба таркиби субъектии шахси ҳуқуқии байналмилалӣ дохил шаванд. Ин ташкилотҳо асосан субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мебошанд, вале иштирок дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ низ бо категорияи шахси ҳуқуқии байналмилалӣ алоқаманд буда метавонад. Яъне, чунин шахсони ҳуқуқӣ ҳам ҳамзамон хусусияти байналмилалӣ ва ҳам сатҳи амалии ҳуқуқи дохилӣ доранд, ки ин онҳоро як навъ «миқёси миёна» байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ месозад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М.Н.

АДАБИЁТ:

1. Ануфриева, Л.П. Международное частное право [Текст]: в 3 т. Т. 2: Особенная часть: учебник / Л.П. Ануфриева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2002. – 454 с.

2. Зокирзода, З.Х. Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум [Матн]:. воситаи таълимӣ / З.Х. Зокирзода. – Нашри дуюм. – Душанбе: Ашӯриён, 2025. – 224 с.

3. Зокирзода, З.Х. Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум [Матн]:. воситаи таълимӣ / З.Х. Зокирзода. – Нашри сеюм. – Душанбе: Ашӯриён, 2026. – 272 с.

4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

5. Кужашева, Р.Ш. Правовые вопросы деятельности международных организаций в частноправовых отношениях международного характера [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Кужашева Руфия Шафкатовна. – Казань, 2008. – 200 с.

6. Раджабов, М.Н. Категория «международное юридическое лицо» в юридической науке [Текст] / М.Н. Раджабов // Государство и право. – 2019. – № 8. – С. 73-79.

ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЮРИДИЧЕСКОГО ЛИЦА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

Ключевые слова: иностранное юридическое лицо; правовой статус; международное право; национальное признание; законодательство Республики Таджикистан; международные организации; внутригосударственные отношения; правовая защита.

Аннотация. Статья посвящена анализу понятия и особенностей правового положения иностранных юридических лиц в Республике Таджикистан и сравнению с практикой зарубежных стран. Цель исследования – определить критерии, формы и ограничения признания иностранных юридических лиц в рамках национального и международного права. Автор анализирует сравнительно-правовые особенности участия и деятельности иностранных субъектов во внутригосударственных отношениях, а также вопросы их судебного признания и практического применения. Исследование имеет значимость для развития международного и национального права Таджикистана.

Идибеков Абдухамид Амирмусаябович – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Тел.: (+992) 985-01-79-91.

THE CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF THE LEGAL STATUS OF FOREIGN LEGAL ENTITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND FOREIGN COUNTRIES: A COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS

Keywords: foreign legal entity; legal status; international law; national recognition; legislation of the Republic of Tajikistan; international organizations; domestic relations; legal protection.

Annotation. The article examines the concept and characteristics of the legal status of foreign legal entities in the Republic of Tajikistan, with a comparative analysis of foreign countries' practices. The study aims to identify criteria, forms, and limitations of recognition of foreign legal entities within national and international law frameworks. The author analyzes comparative-legal aspects of participation and activity of foreign entities in domestic relations, as well as issues of judicial recognition and practical application. The research contributes to the development of both international and national law in Tajikistan.

Idibekov Abduhamid Amirmusayabovich – Senior Lecturer at the Department of Law and Public Administration, Tajikistan Teacher Training Institute, Rasht District. Phone: (+992) 985-01-79-91.

ҚОДИРОВ НЕКРУЗ АБДУЛМАҶИДОВИЧ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 905- 80-86-86. E-mail: master.nek@mail.ru

ҚУРБОНЗОДА МУҲАММАД САЙМАҲМУД,
докторанти PhD-ии соли 3-юми кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 986-76-98-98. E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com

ТДУ: 341.232:338.43.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ УЗБЕКИСТОН ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҷумҳурии Узбекистон; амнияти озуқаворӣ; маҳсулоти хушсифат; тухмипарварӣ; чорводорӣ; ғалладонагӣ; шир; маҳсулоти ширӣ; гӯшт; маҳсулоти гӯштӣ; об; захираҳои обӣ; кишоварзӣ; тандурустӣ; манфиат.

Аннотатсия: Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар замони муосир бинобар тағйирёбии иқлим ва авҷ гирифтани низоъҳо дар гушаҳои гуногуни олам, мубрамияти таъмини амнияти озуқавориро барои ҳар як давлат ба мадди аввал мебарорад. Дар мақолаи мазкур, ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар робита ба таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Робитаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Узбекистон аз замони мустақил гардидани давлатҳои собиқ Шуравӣ дар заминаи тавсеяҳои судманди ду кишвари дӯсту бародар ба вуҷод омадааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлоли давлатӣ аз 31-уми декабри соли 2002 расман сиёсати «дарҳои кушода»-ро пеша намудааст, ки зимни татбиқи он Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад.

Тибқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад[724].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ гардидааст, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз сиёсати дӯстӣ, некуҳамсоягӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар буда, ҳадафи эҷоди навори эътимоду амниятро дар тули марзи кишвар пайгирӣ мекунад. Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Тибқи Консепсияи мазкур дар равобит бо Ҷумҳурии

[724] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 34.

Узбекистон муҳим ва зарур будани муносибатҳои баробар, мутақобилан судманд, беғараз ва устувор омилҳои муайянкунанда ба ҳисоб мераванд[725].

Ба андешаи олими соҳаи иқтисод Ш.Қ. Хайрзода, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва назарияи илми иқтисодӣ бармеояд, ки ҳаракати молу маҳсулот, қувваи корӣ ва сармоя байни кишварҳо ҳар қадар озод бошад, ҳамон андоза барои ҷонибҳо муфид аст. Ягон кишвар бе тиҷорат ва муносибатҳои иқтисодӣ рушди дарозмуҳлати худро таъмин карда наметавонад. Ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ зарур аст, ки доираи муносибатҳо ва савдои молу хизматрасонӣ бо кишварҳои шарик васеъ гардонда шавад. Аз ин лиҳоз, муколамаи сатҳи баланди байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон рӯйдоди муҳим ва таърихӣ маҳсуб ёфта, заминаи муфид барои рушди иқтисодиии ҳар ду кишвар фароҳам меорад[726].

Пайванди дӯстӣ ва муносибатҳои ҳамаҷонибаи ду халқи ба ҳам наздики тоҷикону узбекон таърихи басе тулониву ғанӣ дошта, саршор аз муҳаббату қадрдонӣ ва арҷгузорӣ мебошад.

Вақте сухан дар бораи муносибатҳои ду миллати дӯсту бародар – тоҷику узбек меравад мо ҳатман Абдураҳмони Ҷомиро бо Алишер Навоӣ мисол меорем. Ба ҳамин монанд дар давраи ҷаҳонишавӣ ду чеҳраи дигари сиёсату таърих, маданияту фарҳанги ҳар ду миллат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳастанд, ки дар даврони навин ва соҳибистиқлолӣ асоси сиёсати нави бародаронаи ду давлатро барқарор карданд ва мо имрӯз натиҷаи онро хуб эҳсос мекунем[727].

Ҳануз аз санаи 22-юми декабри соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон барқарор гардида буд. Аз соли 1995 сафорати кишвари мо фаъолияти худро дар шаҳри Тошкент оғоз ва Ҷумҳурии Узбекистон низ сафораташро дар шаҳри Душанбе боз намуд. То имрӯз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон зиёда аз 130 созишнома ба имзо расидааст, ки ҳамкориҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангиро фаро мегиранд. Дар миёни силсиласанадҳое, ки байни ду давлат дар сатҳи роҳбарони кишварҳо ба имзо расиданд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 4-уми январи соли 1993 ва Созишнома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аз 15-уми июни соли 2000 ба ҳисоб мераванд[728]. Созишномаи мазкур барои тақвият бахшидани муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон аҳаммияти махсус дошта, заминаи муҳими ҳуқуқии ҳамкориҳои ду кишварро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ин санад дар доираи сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба тасвиб расид[729].

Дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунбасти коммуникатсионӣ ва буҳрони иқтисодиву озуқаворӣ дучор гардид. Дар ин марҳилаи барои

---

[725] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи мурочиат: 30.03.2026).

[726] Барои муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ фазои озоди фаъолият муҳим аст. Хайрзода Ш.Қ., Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 17 август. – № 100 (3894). – С. 2.

[727] Нуқтаҳои нави густариш ва таҳкими ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ҷумҳурият (нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2021 – 4 июн. – № 111 (24 218). – С. 1.

[728] Тоҷикистон ва Ӯзбекистон боз як марҳилаи нави рушди ҳамкориҳо фаро мерасад. Хушвахтзода Қ., Ҷумҳурият (нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2021.– 9 июн. – № 115 (24 22). – С. 1.

[729] Марҳилаи нави равнақу ривоҷи муносибатҳои Тоҷикистон ва Узбекистон. Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2000. – 17 июн. – № 47 (1219). – С. 1.

миллати тоҷик душвор кишварҳои ҳамсоя ба хусус Ҷумҳурии Узбекистон барои аз ин вазъи ногувор баромадани Тоҷикистон кумакҳои хешро дареғ надошт. Аммо як муддат дар муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Узбекистону Ҷумҳурии Тоҷикистон тирагӣ ҷой дошт. Сабаби асосии як муддат ҷой доштани «сардӣ» дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ин масоили истифодабарии об бахусус мухолифати роҳбарияти пешини Ҷумҳурии Узбекистон ба сохтмони Неругоҳи обии барқии Роғун ба шумор мерафт.

Тавре, ки маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои куҳсор ба ҳисоб меравд. Пиряхҳои калон ва хурдаш дар баландкуҳҳо ҷойгир мебошанд, ки масоҳати умумии онҳо 8476 км^3 муррабаъро дар бар мегирад. Ба навиштаи олими ватанӣ Ф.М. Қувватов, захираҳои умумии солонаи обҳои пиряхҳои Тоҷикистон 460 км^3-ро ташкил мекунанд. Шумораи кӯлҳои хурду бузург ба 1300 ва захираҳои умумии обашон ба 50 км^3 мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷиистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад. Тоҷикистон пас аз Федератсияи Россия дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи захираҳои гидроэнергетикӣ ҷойи дуюмро ва дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол мекунад. Обе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад 60% захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад.

Бинобар ин, ба роҳ мондани муносибатҳои судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба нафъи ҳар ду кишвар мебошад. М.Ҷ. Нурзода дар таҳқиқоти хеш «Ташаккули низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон (1992 – 2018)», қайд менамояд, ки Узбекистон дорои 4 млн. гектар замини корам мебошад[730]. Бояд зикр намуд, ки қисми зиёди заминҳои кишти Ҷумҳурии Узбекситон аз обҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбанд, обшор мегарданд. Аз ин рӯ, тақвияти ҳамкориҳо дар бахши кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи манбаҳои обӣ минтақа ба манфиати ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам Ҷумҳурии Узбекистон мебошад.

Баъди ба сари қудрат расидани роҳбарияти нави Ҷумҳурии Узбекистон – Шавкат Мирзиёев дар самти сиёсати хориҷии ин кишвар як чанд дигаргуниҳо амалӣ шуда, ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ афзалияти махсус дода шуд. Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Узбекистон дар Паёми хеш дар соли 2017 барои соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Узбекистон иброз намуданд, ки мо дар амал татбиқ кардани принсипи «Афзалияти асосии сиёсати хориҷии Узбекистон – Осиёи Марказӣ» – ро оғоз мекунем[731].

Натиҷаи ҳамин сиёсат ва дар амал ҷори намудани принсипи болозикр буд, ки санаи 9 ва 10-уми марти соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари давлати ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Дар натиҷаи ин сафар 27 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Мақсад гузошта шуд, ки дар оянда ҳаҷми додугирифти мол миёни ду кишвар ба 1 миллиард доллар расонида мешавад. Ҳамчунин, дар ҷараёни ин сафар 9 гузаргоҳи сарҳадӣ кушода шуд[732].

Мавриди зикр аст, ки дигар ҳуҷҷати муҳиме, ки дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид ин Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон оид ба

[730] Нурзода М.Ҷ. Ташаккули низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон (1992-2018): дис. ... номзади илмҳои таърих. – Душанбе, 2020. – С. 28.

[731] Азимзода Т.С. Тоҷикистон ва Узбекистон: вусъати муносиботи стратегӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – № 2 (65). – С. 212, 218.

[732] Бигузор дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон дигар ҳеҷ гоҳ газанд наёбад. Сайфиддин Суннатӣ. Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 17 август. – № 100 (3894). – С. 1.

ҳамкории байниминтақавӣ ба шумор меравад. Зимни ин сафари давлатӣ роҳбарони ду давлат ба Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ супориш доданд, ки масъалаи истифодаи оби ошомидании кули Сарез ба манзури таъмини ниёзҳои Тоҷикистон ва Узбекистон мавриди омузиш қарор дода шавад[733].

Бо сафари давлатии ҷавобӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон санаи 17-18-уми августи соли 2018 ба Ҷумҳурии Узбекистон ташриф оварданд. Зимни мулоқот ҳамчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсоли саноатӣ, таҳкими робитаҳои бахши кишоварзӣ, тухмипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ дар бахши кишоварзиро мавриди муҳокима қарор доданд[734]. Дар ҷараёни ин сафар Созишнома дар бораи ҳамкории шарикии стратегӣ ба имзо расид, ки муносибатҳои ду кишварро ба сатҳу сифати нав бароварда. Баъди дидору гуфтушунидҳо маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд, ки дар он 26 санад ба имзо расид. Аз ҷумла, Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи карантини растанӣ байни Кумиати бехатарии озуқавории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Инспексияи давлатии карантини растании назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Узбекистон ва Созишнома оид ба ҳамкорӣ доир ба васлу насби техникаи кишоварзӣ байни Корхонаи воҳиди давлатии «Коргоҳи мошинсозӣ»-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти Саҳҳомии «Узагротехсаноатхолдинг», Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификасия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт) ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификасияи Ҷумҳурии Узбекистон (Узстандарт) ва Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати зиддинҳисорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон байни Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Узбекистон доир ба мусоидат ба корхонаҳои хусусигардонидашуда ва рушди рақобат[735].

Ҳамчунин, дар доираи ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон аз намоишгоҳи молу маҳсулоти миллии Тоҷикистон дидан намуданд. Дар намоишгоҳ намояндагони зиёда аз 50 корхонаю ширкати ватанӣ, ҳамчунин молу маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ аз қабили анвои хурокворӣ, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ, консерваи меваю сабзавот, меваи хушк, машрубот, нон ва маҳсулоти нонӣ, маҳсулоти қаннодӣ, обҳои ташнашикан, дору ва дигар эҳтиёҷоти тандурустиро ба намоиш гузоштанд. Натиҷаи муҳими ин намоишгоҳ, пеш аз ҳама дарёфти шарикони боэътимод мебошад. Соҳибкорони Тоҷикистон бо муаррифӣ кардани молу маҳсулот, инчунин барои ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои муштарак бо доираи соҳибкорону тоҷирони Узбекистон ҳамкорӣ менамоянд[736].

Дар доираи сафари давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон дар таърихи 16-уми августи соли 2018 дар шаҳри Тошканд форуми соҳибкорони Тоҷикистону Узбекистон баргузор гардид, ки дар натиҷаи ин форум 11 созишномаи ҳамкорӣ байни соҳибкорон ба маблағи беш аз 106 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соҳаҳои хурокворӣ ва энергетикӣ, ба имзо расид.

---

[733] Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018, – 21 август. – № 102 (3896). – С. 2.

[734] Мулоқоти сатҳи олии Тоҷикистону Ӯзбекистон // Нақлиёт (нашрияи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 25 август, – № 23 (879). – С. 3.

[735] Таҳкими дӯстии абадӣ // Ватанпарвар (нашрияи ҳарбӣ – ватандӯстии Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 20 август. – № 8 (311). – С.1.

[736] Сафари давлатии Пешвои миллат ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 21 август. – № 102 (3896). – С. 1.

Ғайр аз ин, санаи 14-15-уми июни соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Узбекистон ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд ва дар Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ширкат варзиданд.

10-уми июни соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Зимни воҳурӣ масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ баррасӣ шуданд. Ҷонибҳо ҷиҳати дастгирии истеҳсоли маҳсулоти асосии хурокворӣ ба мувофиқа расиданд.

Бо мақсади густариш ёфтани муносибатҳои байналмилии дуҷониба дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26-27-уми марти соли 2026 ба Ҷумҳурии Узбекистон сафари давлатӣ анҷом доданд. Дар доираи ин сафар санаи 26-уми марти соли 2026 маросими маҷозии ифтитоҳи як қатор иншоот ва оғози татбиқи лоиҳаҳо дар ҳудуди Тоҷикистону Узбекистон аз ҷониби Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар толори Қасри Куксарой сурат гирифт. Зимни ин маросим ба оғози корҳои сохтмонӣ дар 7 иншоот дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, бунёди хатти муосири коркарди мева, иҷозат дода шуд. Ҳамчунин, дар доираи ин маросим Роҳбарони давлатҳо барои ифтитоҳ ва оғози сохтмони иншоотҳои муштарак, аз қабили лоиҳаи коркарди шир ва истеҳсоли маҳсулоти панирӣ, истеҳсоли афшураи шарбат ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти консервашуда дар Ҷумҳурии Узбекистон, иҷозат доданд. Дар маҷмуъ дар маросими маҷозӣ барои татбиқи 12 лоиҳа ва бунёди иншоот расман иҷозат дода шуд, ки маблағи 7 иншооти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдшаванда 98 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва 5 лоиҳаи дар Ҷумҳурии Узбекистон амалишаванда 63 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ташкил медиҳад[737].

Дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷуммҳурии Узбекистон беш аз 20[738] санадҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла, санадҳои бунёдӣ ва тақвиятдиҳандаи рушд ва тавсеи ҳамкориҳо дар бахши кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ба имзо расиданд.

Санадҳои зерини ба имзорасидаро метавон ном бурд, ки ба масоили кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аниқтараш ба соҳаҳои ҳамкориҳои илмӣ, тақвияти соҳаи кишоварзӣ, воридоти тухмиҳои хушсифат, мубодилаи таҷриба вобаста ба навовариҳои нави техникӣ ва кишти растаниву ғалладонагиҳо, хушзоткунии чорво, дар соҳаи тибӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳо вобаста ба пешгирии паҳншавии ҳар гуна эпидемияҳо ва бемориҳои инсон, ҳайвонот ва растаниҳо ва дар маҷмуъ ба таъмини амнияти озуқавории ду кишвар дахл доранд. Аз қабили, имзои санади ҳуқуқии заминавӣ – Харитаи роҳ доир ба дурнамои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Узбекистон барои солҳои 2026 – 2028, Созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ миёни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон ва Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб.

Дар доираи ин сафар роҳбарияти олии ду кишвар азм намуданд ва ҷиҳати ба 2 миллиард доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико расонидани ҳаҷми гардиши молу маҳсулот

[737] Маросими маҷозии ифтитоҳи як қатор иншоот ва оғози татбиқи лоиҳаҳо дар ҳудуди Тоҷикистону Узбекистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/news/54970. (санаи мурочиат: 29.03.2026).

[738] Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон анҷом ёфт. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2026/03/safari-davlatii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-ba-um-urii-uzbekiston-an-om-yoft/?ysclid=mnc6a11jv3744111958. (санаи мурочиат: 30.03.2026).

миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон «Барномаи зиёд намудани гардиши мол то 2 миллиард доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон то давраи соли 2030» ва «Барномаи ҳамкории саноатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон»-ро ба имзо расониданд[739].

Ғайр аз ин, дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон дар таърихи 24-уми марти соли 2026 дар шаҳри Ҷиззахи Ҷумҳурии Узбекистон Форуми дуюми байниминтақавии «Тоҷикистон – Узбекистон» баргузор гардид, ки дар натиҷаи Форуми мазкур як қатор созишномаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла, дар бахши агросаноатӣ, ба тасвиб расонида шуд.

Ҳоло аз Узбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан техникаи маишӣ, хушкмева ворид мешавад ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Узбекистон ашёи хом, меваю сабзавот ва ғайра содирот мегардад[740].

Маҳз заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ ва сиёсати дурандешонаву хирадмандонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти озуқаворию мамлакатро дар сатҳи 85% таъмин намудааст. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбати хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олӣ аз 16-уми декабри соли 2025, қайд намуда буданд[741].

Ҳамин тавр, зимни таҳлили рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ ба мо маълум гардид, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар ҳолати рушд қарор дошта, соҳаҳои гуногун аз ҷумла, чорводорӣ, парандапарварӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ, тухмипарварӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ, консерваи меваю сабзавот, меваи хушк, машрубот, нон ва маҳсулоти нонӣ, маҳсулоти қаннодӣ, обҳои ташнашикан, истеҳсоли маҳсулоти консервашуда, мубодилаи таҷриба вобаста ба навовариҳои нави техникӣ ва кишти растаниву ғалладонагиҳо, пешгирии паҳншавии ҳар гуна эпидемияҳо ва бемориҳои инсон, ҳайвонот ва растаниҳоро дар бар мегирад. Ниҳоят тамоми дастовардҳо ва робитаҳои дӯстии давлатҳои Тоҷкистону Узбекистон аз сиёсати инсондӯстонаи роҳбарияти олии ду кишвари бародар сарчашма мегирад.

Сафарҳои давлатии мутақобилаи роҳбарияти олии ду кишвар ба давлатҳои ҳамдигар воқеан боиси рушду тавсеа пайдо кардани муносибатҳои ду давлат дар самтҳои гуногун ба хусус дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ мегардад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирқулов Х.Р.

АДАБИЁТ:

1. Азимзода, Т.С. Тоҷикистон ва Узбекистон: вусъати муносиботи стратегӣ [Матн] / Т.С. Азимзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – № 2 (65). – С. 212-218.

2. Хайрзода, Ш.Қ. Барои муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ фазои озоди фаъолият муҳим аст // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 17 август. – № 100 (3894). – С. 2.

[739] Имзои санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Узбекистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/news/54970. (санаи мурочиат: 29.03.2026).

[740] Азимзода Т.С. Тоҷикистон ва Узбекистон: вусъати муносиботи стратегӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. 2019. – № 2 (65). – С. 212, 218.

[741] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.12.2025 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи мурочиат: 26.02.2026).

3. Сайфиддин Суннатӣ. Бигузор дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон дигар ҳеҷ гоҳ газанд наёбад // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 17 август. – № 100 (3894). – С. 1.

4. Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 21 август. – № 102 (3896). – С. 2.

5. Имзои санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Узбекистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/news/54970. (санаи мурочиат: 29.03.2026).

6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи мурочиат: 30.03.2026).

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

8. Маросими маҷозии ифтитоҳи як қатор иншоот ва оғози татбиқи лоиҳаҳо дар ҳудуди Тоҷикистону Узбекистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event /news/54970. (санаи мурочиат: 29.03.2026).

9. Марҳилаи нави равнақу ривоҷи муносибатҳои Тоҷикистон ва Узбекистон.// Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2000.– 17 июн. – № 47 (1219). – С. 1.

10. Мулоқоти сатҳи олии Тоҷикистону Ӯзбекистон // Нақлиёт (нашрияи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 25 август. – № 23 (879). – С. 3.

11. Нуқтаҳои нави густариш ва таҳкими ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Ҷумҳурият (нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2021. – 4 июн. – № 111 (24 218). – С. 1.

12. Нурзода, М.Ҷ. Ташаккули низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон (1992-2018) [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих / Нурзода Муслуҳуддини Ҷалолуддин. – Душанбе, 2020. – С. 28.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.12.2025 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи мурочиат: 26.02.2026).

14. Сафари давлатии Пешвои миллат ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Садои мардум (нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 21 август. – № 102 (3896). – С. 1.

15. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон анҷом ёфт. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2026/03/safari-davlatii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-ba-um-urii-uzbekiston-an-om-yoft/?ysclid=mnc6a11jv3744111958. (санаи мурочиат: 30.03.2026).

16. Таҳкими дӯстии абадӣ. Ватанпарвар (нашрияи ҳарбӣ – ватандӯстии Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2018. – 20 август. – № 8 (311). – С. 1.

17. Хушвахтзода, Қ. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон боз як марҳилаи нави рушди ҳамкориҳо фаро мерасад // Ҷумҳурият (нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2021. – 9 июн. – № 115 (2422). – С. 1.

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН В ОБЛАСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Ключевые слова: Республика Таджикистан; Республика Узбекистан; продовольственная безопасность; качественная продукция; семеноводство; животноводство; зерновые; молоко; молочные продукты; мясо; мясопродукты; вода; водные ресурсы; сельское хозяйство; здравоохранение; интересы.

Аннотация. Обеспечение продовольственной безопасности и доступа населения к качественному продовольствию является одним из приоритетных направлений социальной политики и стратегической целью Правительства Республики Таджикистан. В современную эпоху, в связи с изменением климата и эскалацией конфликтов в разных частях мира, обеспечение продовольственной безопасности является приоритетом для каждой страны. В данной статье анализируется и делается вывод о межгосударственном сотрудничестве Республики Таджикистан и Республики Узбекистан в области обеспечения продовольственной безопасности.

Кодиров Некруз Абдулмаджидович – кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой международного права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 905- 80-86-86. E-mail: master.nek@mail.ru

Курбонзода Мухаммад Саймахмуд – докторант (PhD) 3-го курса кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 986-76-98-98. E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com

INTERNATIONAL LEGAL COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN IN THE FIELD OF FOOD SECURITY

Keywords: Republic of Tajikistan; Republic of Uzbekistan; food security; quality products; seed production; animal husbandry; cereals; milk; dairy products; meat; meat products; water; water resources; agriculture; healthcare; interests.

Annotation: Ensuring food security and access to high-quality food is a priority area of social policy and a strategic goal of the Government of the Republic of Tajikistan. In the modern era, due to climate change and the escalation of conflicts in various parts of the world, food security is a priority for every country. This article analyzes and draws conclusions about interstate cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan in the area of food security.

Qodirov Nekruz Abdulmajidovich – Candidate of Legal Sciences, docent, Head of the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 905-80-86-86. Email: master.nek@mail.ru

Qurbonzoda Muhammad Saimahmud – 3rd year doctoral student (PhD) at the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 986-76-98-98. Email: qurbonzoda1111@gmail.com

ҚУРБОНЗОДА МУҲАММАД САЙМАҲМУД,
докторанти PhD-и соли сеюми кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 986-76-98-98. E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com

ТДУ: 341.232:338.43.

СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ СОЗМОНИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КИШОВАРЗИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД: МАФҲУМ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ОН

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ; стандарт; стандарти байналмилалӣ; ҳуҷҷати меъёрӣ; стандарти давлатӣ; маҳсулоти бехатар; хизматрасонӣ; истеҳсолкунанда; истеъмолкунанда; ҳуқуқи байналмилалӣ; кодекси Алиментариус; маҳсулоти хурокворӣ; Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур, мафҳум ва табиати ҳуқуқии стандартҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Созмони Озуқаворӣ ва Кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Стандартҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Созмони Озуқаворӣ ва Кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид кафолат медиҳанд, ки маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки мо ҳамарӯза истифода мебарем, бехатар, боэътимод ва сифати баланд дошта бошанд. Истифодаи васеи стандартҳои ФАО ва махсусан имлементатсияи онҳо дар қонунгузории миллӣ ба ҳарчӣ зиёдтар дастрасӣ пайдо намудани аҳолии кишвар ба ғизои бехатар, мусоидат менамояд.

Аз нигоҳи этимологӣ, истилоҳи «стандарт» маънои моделеро (намунаеро) дорад, ки ашёҳо ва падидаҳо бояд аз ҷиҳати андоза, шакл, сифат ба он мувофиқат кунанд, инчунин ҳуҷҷатеро, ки маълумоти дахлдорро дар бар мегирад[742] ифода менамояд. Вожаи стандарт инчунин, маънои меъёри умумиқабулшударо низ дорад. Ба ибораи дигар мафҳуми стандарт (аз англисӣ standard - намуна, меъёр) ҳамчун меъёр, шаблон, мисол, модел ҳисобида мешавад, ки ҳамчун асос барои муқоисаи дигар объектҳо ё хосиятҳо бо он гирифта ва фаҳмида мешавад.

Стандарт ҳуҷҷати меъёрие, ки бо мувофиқаи тарафҳо таҳия ва аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқ шудааст, қоидаҳо, хусусиятҳо ё принсипҳои умумиеро муайян мекунад, ки ба фаъолиятҳои гуногун ё натиҷаҳои онҳо барои истифодаи дарозмуддат ва доимӣ таъсир мерасонанд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат ноил шудан ба дараҷаи баландтарини танзим дар соҳаи муайян мебошад. Стандартҳо бар асоси натиҷаҳои ҷамъбасти донишҳои илмӣ, таҷрибаи амалӣ ва пешрафтҳои технологӣ тартиб дода шудаанд ва барои ноил шудан ба манфиати бештар барои ҷомеа равона карда шудаанд. Стандарт ин ҳуҷҷатест, ки маҷмуи меъёрҳо, қоидаҳо, талабот ба тавсифи маҳсулот, қоидаҳои татбиқи равандҳои истеҳсол, истифода, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш ва ихтиёрдорӣ, иҷрои кор ё хизматрасониро муқаррар мекунад[743].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми стандартро пешбинӣ намудааст. Тавре, ки маълум аст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» аз 29

[742] Ожегов С.И. Словарь русского языка / под ред. Н.Ю. Шведовой. – 23-е изд., испр. – М.: Рус. яз., 1991. – С.760.
[743] Русский язык как государственный. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rus gos.spbu.ru/index. php/words/show/15634. (дата обращения: 29.01.2026).

декабри соли 210, №668 қабул карда шудааст. Тибқи қонуни мазкур стандарт ин ҳуҷҷате мебошад, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ бо мақсади татбиқи умумӣ ва истифодаи бисёркарата тасдиқ гардида, қоидаҳо, дастурҳо ва ё тавсифҳои ба маҳсулот дахлдошта, аз ҷумла, ҷараёну усулҳои истеҳсолотро дар бар мегирад, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ихтиёрӣ мебошад. Инчунин, он метавонад танҳо талабот ба истилоҳот, ишора, борҷома, тамғагузорӣ ва бастабандиро дар дараҷае, ки онҳо ба маҳсулот, ҷараён ва ё усулҳои истеҳсолот истифода мешаванд, дар бар мегирад[744].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72, зери мафҳуми стандарт – стандарти давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ, бинокорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тибқи қонун талаботи ҳатмиро ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ) муқарар менамояд, фаҳмида мешавад[745].

Дар ҳамаи мафҳумҳои болозикр, зери мафҳуми стандарт модел, намуна, меъёри умумиқабулшуда, ҳуҷҷати меъёрӣ, принсипҳои умумӣ, маҷмуи меъёрҳо, қоидаҳо ва дастурҳо истифода гардидааст.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми стандарт ҳуҷҷате дар назар дошта мешавад, ки дар худ меъёрҳо ва принсипҳои умумиқабулшударо ифода менамояд ва он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ё ташкилоти минтақавӣ ё универсалӣ бо мақсадӣ ноил шудан ба дараҷаи баландтарини танзим дар соҳаи муайян (талабот ба сифати маҳсулот, хидматҳо, равандҳо ва ғайра) мебошад ва метвонад истифодаи стандартҳо ихтиёрӣ ё ҳатмӣ бошад.

Стандартҳо ҳам барои объектҳои моддӣ (маҳсулот, намунаҳои моддаҳо) ва ҳам барои меъёрҳо, қоидаҳо ва талабот дар соҳаҳои гуногун таҳия карда мешаванд.

Стандартҳо ба мо дар ҳама соҳаҳои ҳаёт тавассути муқаррар кардани меъёрҳои пайваста ҳам барои тиҷорат ва ҳам барои истеъмолкунандагон, таъмини эътимоднокӣ, эҷоди эътимод ва осон кардани интихоб кумак мерасонанд.

Бинобар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», меъёрҳои мушаххас дарҷ гардидааст, ки яке аз мақсадҳои стандарткунонӣ ин бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон, ба шумор меравад.

Бояд зикр намуд, ки намудҳои гуногуни стандартҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, метавон стандартҳои байналмилалӣ, стандартҳои минтақавӣ, стандартҳои давлатӣ ва стандартҳои ташкилотҳоро ном бурд[746].

Стандартҳои байналмилалӣ кафолат медиҳанд, ки маҳсулот ва хизматҳое, ки мо ҳамарӯза истифода мебарем, бехатар, боэътимод ва сифати баланд дошта бошанд.

Ҳуқуқи байналмилалӣ танзимгари муҳимтаринест, ки бидуни он ҳамкории байни давлатҳо дар ҷаҳони муосир ғайриимкон аст. Рушди давлати муосир сатҳи баланди стандарткуниониро талаб мекунад, аз ҷумла барои соҳаҳои ҳуқуқӣ, ки қаблан самтҳои афзалиятноки он муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ буданд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ таъсир мерасонанд. Дар доираи созмонҳои байналмилалии байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҳия карда

[744] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» аз 29 декабри соли 210, №668. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[745] Қонуни Ҷумҳурии «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[746] Стандарт – что это такое? [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.metrob.ru/HTML/ standartiz/standart.html. (дата обращения: 26.01.2026).

мешаванд, ки аҳаммияти универсалӣ доранд ва ба раванди қонунгузории миллӣ таъсир мерасонанд, зеро онҳо иродаи муттаҳидшудаи давлатҳоро ифода мекунанд[747].

Аз рӯйи мазмун, стандартҳои байналмилалӣ қоидаҳои рафтор дар шакли модели мушаххас мебошанд. А.Н. Склизков, чунин мешуморад, ки принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ стандартҳои ҳуқуқии байналмилалиро муқаррар мекунанд[748].

Аз нуқтаи назари назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ он принсипҳои ҳуқуқи байналмилалие ба шумор мераванд, ки ба ин ё он соҳаи танзими ҳуқуқӣ дахл доранд. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қоидаҳои умумитарини рафтори иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ ба муқаррар кардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қоидаҳои мушаххаси рафтор таъсири муайян мерасонанд[749].

Ба андешаи О.И. Тиунов стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррароти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки ба танзим ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар сатҳҳои гуногун мусоидат мекунанд, ки дар шакли шартномаи байналмилалӣ, расму одати ҳуқуқии байналмилалӣ, қарори мушаххаси ташкилоти байналмилалӣ ва дар баъзе мавридҳо қарори суд ифода ёфта, фаъолияти ҳам низоми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар маҷмуъ ва ҳам шохаҳои онро таъмин мекунанд, инчунин ба робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунанд, ки татбиқи онҳо дар қонунгузории миллӣ яке аз омилҳои рушди низоми ҳуқуқии дохилӣ мебошад[750].

М.Р. Салия мафҳуми «стандарти байналмилалӣ» дар назарияи ҳуқуқи байналмилалиро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае омадааст, ки мафҳуми «стандарти байналмилалӣ» дар назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ бисёрмаъно мебошад. Истилоҳи «стандарти байналмилалӣ» муқаррароти умумии конвенсия ва ҳам қоидаҳои рафторро, ки дар ҳуҷҷатҳои техникӣ муқаррар шудаанд, ифода мекунад[751].

Ғайбуллозода Л.И., стандартҳои ҳуқуқии байналмилалии Юнескоро мавриди таҳқиқ қарор дода, иброз менамояд, ки стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки ҳамчун қоидаҳои рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешаванд ва дорои хусусияти ҳуқуқии ҳатмӣ ва тавсиявӣ мебошанд ва стандарти ҳуқуқии байналмилалии Юнеско рафтори иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалиро ба тартиб медарорад, яъне дар муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нақши танзимкунандаро иҷро мекунад. Усули умумиэътирофшудаи эҷоди стандартҳои байналмилали - ҳуқуқӣ мувофиқати иродаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки дар шакли шартнома ташаккул меёбад. Шартномаи байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба эътирофи қоидаҳои рафтор ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонад ошкоро ё хомушона бошад[752].

---

[747] Международно-правовые стандарты в отправлении правосудия и их влияние на национальное судоустройство и судопроизводство: история и современность: коллективная монография / А.А. Дорская, Н.И. Алексеева, А.В. Алешина, И.В. Ботанцов и др. – СПб.: Астерион, 2021. – С. 97.

[748] Склизков А.Н. Принцип непосредственности уголовного судопроизводства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2007. – С. 12.

[749] Автономов А.С. Международные стандарты в сфере отправления правосудия. – М.: Новый учебник, 2007. – С. 11.

[750] Тиунов О.И. Роль международно-правовых стандартов в регулировании взаимодействия международного и национального права // Журнал российского права. – 2012. – №12. – С. 71.

[751] Салия М.Р. Понятие «международный стандарт» в теории международного права // Актуальные проблемы российского права. – 2018. – №9 (94). – С. 191.

[752] Гайбуллозода Л.И. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и ЮНЕСКО: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2019. – С. 90.

Бисёре аз созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ, стандартҳои ба истилоҳ маъмурӣ-танзимкуниро таҳия ва қабул мекунанд. Ба ибораи дигар, инҳо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ мебошанд, ки қоидаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти берунаи онҳо дахл доранд ва ба татбиқи ҳадафҳои қонунии онҳо мусоидат мекунанд. Ғайр аз ин, раванди муқаррар кардани қоидаҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт рӯз аз рӯз фаъолтар мегардад. Ин, пеш аз ҳама, аз ҳисоби афзоиши доимии шумораи созмонҳои байналмилалӣ - асосан агентиҳо ё созмонҳои махсусгардонидашуда, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, рух медиҳад. Ташкилотҳои байналмилалии дахлдор ваколатдоранд стандартҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар соҳаи мушаххас бо иштироки коршиносони салоҳиятдор ва соҳибихтисос, кумитаҳо ё мақомоти сохтории ташкилот тавассути тартиби махсусе, ки дар оинномаҳои чунин ташкилотҳо пешбинӣ шудааст, эҷод кунанд[753].

Ҳамин тариқ, стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ – инҳо муқаррароти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки ба танзим ва рушди муносибатҳои байналмилалии сатҳҳои гуногун мусоидат намуда, дар шакли шартномаи байналмилалӣ, одати ҳуқуқии байналмилалӣ, қарори муайяни ташкилоти байналмилалӣ, дар баъзе ҳолатҳо қарори судӣ ифода ёфтаанд, ки фаъолияти ҳам низоми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар маҷмуъ ва ҳам соҳаҳои онро таъмин мекунанд, инчунин ба робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунанд, ки татбиқи онҳо ба қонунгузории миллӣ яке аз омилҳои рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ мебошад.

Стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи бехатарии хурокворӣ нақши махсус доранд, зеро густариши тиҷорат байни давлатҳо мушкилоти тафовут дар талабот ва қоидаҳои бехатарии хурокворирро дар кишварҳои гуногун шадидтар кардааст. Истифодаи онҳо аз се сабаб муҳим аст. Аввалан, стандартҳои бехатарӣ саломатии ҷамъиятиро ҳифз мекунанд. Дуюм, онҳо тиҷоратро тавассути ҳамоҳангсозии талабот ва тартибот осон мекунанд. Сеюм, онҳо метавонанд ҳамчун монеаҳои тиҷоратӣ барои манъи воридоти молҳое, ки ба талаботи бехатарии кишвари воридкунанда ҷавобгу нестанд, истифода шаванд[754].

Стандартҳои ҳуқуқии байналмилалии ФАО бошад ин пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки ҳамчун қоидаҳои рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешаванд, ки муқаррароти умумии конвенсия, шартномаҳо ва ҳам қоидаҳои рафторро, ки дар ҳуҷҷатҳои техникӣ муқаррар шудаанд, ифода мекунад ва дорои хусусияти ҳуқуқии ҳатмӣ ва тавсиявӣ мебошанд, ки татбиқи онҳо омили рушди низоми қонунгузории миллӣ мебошад.

Стандартҳои асосии байналмилалӣ, ки созишномаҳои байналмилалии озуқаворӣ бар онҳо асос ёфтаанд, кодекси Алиментариус ва чораҳои санитарӣ ва гигиенӣ мебошанд. Ин стандартҳо бехатарии маҳсулоти хурокворирро танзим мекунанд. Ҳар кишваре, ки ба самти ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ ҳаракат мекунад, бояд стандартҳои худро ба кодекси Алиментариус ва чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ мутобиқ созад. Созишнома дар бораи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ (СФС) ба ҳама гуна чора, талабот ё қоидае дахл дорад, ки аз ҷониби давлат барои ҳифзи ҳаёт ё саломатии инсон, ҳайвонот ё растаниҳо аз хатарҳое, ки аз ҳашароти зараррасон, бемориҳо, организмҳои зараровар, иловаҳо, ифлоскунандаҳо, токсинҳо ё патогенҳо дар хурокворӣ, нушокиҳо ё хуроки чорво ба вуҷуд меоянд, татбиқ карда мешавад. Созишномаи СФС соли 1995 таъсис ёфта, аз 14 модда ва 3

[753] Мовчан А.П. Новый этап в развитии морского права // Сов. государство и право. – 1983. – №2. – С. 45.
[754] Чуйко Н.А. Международно-правовое регулирование безопасности пищевых продуктов в рамках Всемирной Торговой Организации: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2015. – С. 96.

замима иборат аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосӣ, ҳамоҳангсозии чораҳои СФС, баробарӣ, арзёбии хатар, минтақаҳои аз ҳашарот ё бемориҳо холӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳии хизматрасонии санитарӣ, тартиботи назорат, санҷиш ва тасдиқ, кумаки техникӣ, муносибати махсус ва фарқкунанда барои кишварҳои узви ру ба инкишоф, машваратҳо, ҳалли баҳсҳо, марҳилаҳои татбиқи созишномаро дар бар мегиранд[755].

Кодекси Алиментариус соли 1962 аз ҷониби ду ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид: (ФАО) ва Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (СУТ) таъсис дода шудааст. Пеш аз ҳама, монандӣ доштани кодекси Алиментариус бо чораҳои СФС талаботи қатъии илман асоснок мебошад. Коршиносон ва мутахассисони доираи васеи соҳаҳо дар таҳияи Кодекс бо мақсади эҷоди стандартҳое, ки метавонанд ба ҳама гуна танқиди илмӣ тоб оваранд, ширкат варзиданд. Узвият дар Комиссияи «Кодекси Алиментариус» барои ҳамаи аъзои СУТ, инчунин номзадҳо барои дохил шудан ба ФАО ва СУТ, ки ба стандартҳои байналмилалии озуқаворӣ манфиатдоранд, кушода аст[756].

Стандартҳое, ки дар кодекс муқаррар шудаанд, талаботи мушаххасро барои маҳсулоти хурокворӣ муқаррар мекунанд, ки ҳадафи онҳо таъмини маҳсулоти хуроквории солим ва фоидаовар, ки таркибашон ҳар гуна моддаҳои ифлоскунанда ва зараровар надорад ва дуруст тамғагузорӣ шудани маҳсулоти хурокворӣ мебошад. Стандарти кодекс барои ҳар як маҳсулот бояд мувофиқи шакли стандарткунонии маҳсулот таҳия карда шавад ва бояд меъёрҳои зеринро дар бар гирад: аз ҷумла номи стандарт, тавсиф, таркиби зарурӣ ва омилҳои сифат – муайянкунандаи ҳадди ақали стандарт барои маҳсулот, иловаҳои хурокворӣ – танҳо онҳое, ки аз ҷониби ФАО ва СУТ иҷозат дода шудаанд, метавонанд истифода шаванд, стандартҳои гигиенӣ, вазн, андоза, тасниф ва таъини тамғаи мувофиқ мутобиқи стандарти умумии кодекси Алиментариус ва усулҳои таҳлил ва намунагирӣ барои таҳлил[757].

Ҳамоҳангсозии стандартҳои маҳсулоти хурокворӣ одатан ҳамчун шарти зарурӣ барои ҳифзи саломатии истеъмолкунандагон ва дар айни замон ҳамчун катализатори тиҷорати озод байни кишварҳо қабул карда мешавад. Одатан, кишварҳои иштирокчӣ метавонанд интихоб кунанд, ки ҳамаи муқаррароти меъёрии кодекс ё танҳо баъзе муқаррароти онро риоя кунанд. Тасодуфӣ нест, ки кодекси Алиментариус дар Созишнома оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо зикр шудааст (СУС)[758].

Дар посух ба талаботи афзоянда ба омори баландсифат ва муқоисашаванда дар сатҳи байналмилалӣ, ФАО усулҳо ва стандартҳоро таҳия, татбиқ ва тарғиб мекунад, ки ба истеҳсолкунандагони миллии маълумот дар ташаккул ва истифодаи омори боэътимод кумак мерасонанд. Аз ҷумла, Созмон мекӯшад, ки низомҳои миллии омориро бо таърифҳо, консепсияҳо ва таснифоти байналмилалӣ эътирофшуда, инчунин дастури методологӣ барои омода кардани омори баландсифати марбут ба ғизо ва кишоварзӣ таъмин намояд. Гарчанде, ки стандарткунонӣ ҳадафи мустақими ФАО нест, бисёр хидматҳои Созмон бо

[755] Приступа Д.О., Стукач В.Ф., Приступа О.А. Международные стандарты и вступление России в ВТО. [Электронный ресурс]. Режим доступа: file:///C:/Users/LLC%20PRIME%20TECHNOLOGY/Desktop/ mezhdunarodnye-standarty-i-vstuplenie-rossii-v-vto.pdf. (дата обращения: 05.02.2026).

[756] Приступа Д.О., Стукач В.Ф., Приступа О.А. Международные стандарты и вступление России в ВТО. [Электронный ресурс]. Режим доступа: file:///C:/Users/LLC%20PRIME%20TECHNOLOGY/Desktop/ mezhdunarodnye-standarty-i-vstuplenie-rossii-v-vto.pdf. (дата обращения: 05.02.2026).

[757] FAO/WHO Food Standards Programme, 2004, Codex Ali mentarius Commission — Report of the 27'« Session. [Electronic resource]. Access mode: http:// www.fao.org/docreD/007/v5549e/y5549eOQ.hlm. (date of application: 05.02.2026).

[758] Приступа Д.О., Стукач В.Ф., Приступа О.А. Международные стандарты и вступление России в ВТО. [Электронный ресурс]. Режим доступа:: file:///C:/Users/LLC%20PRIME%20TECHNOLOGY/Desktop/mezhdu narodnye-standarty-i-vstuplenie-rossii-v-vto.pdf. (дата обращения: 05.02.2026).

стандарткунонӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, дар бахши рушди замин ва об, ки бо мушкилоти обёрӣ рӯ ба рӯ аст, таъмини деҳот бо об ва ғайра машғул аст. Шуъбаи парвариш ва ҳифзи растаниҳо, шуъбаи истифодаи энергияи атомӣ дар саноати хурокворӣ ва кишоварзӣ ба стандарткунонӣ машғул мебошанд. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар ин соҳаҳо ФАО бо тақрибан 25 кумитаи техникии ISO (ISO созмони байналмилалии мустақили ғайриҳукуматӣ буда, он коршиносонро аз тамоми ҷаҳон муттаҳид мекунад, то онҳо роҳҳои беҳтарини пешбурди корҳоро аз истеҳсоли маҳсулот то идоракунии равандҳо пайдо кунанд), ҳамкорӣ мекунад.

ФАО якчанд меъёрҳоро барои муайян кардани ҳадди ақали сатҳи истеъмоли хурокворӣ таҳия кардааст, ки ба ҳисоби миёна 2700 ккал дар шабонарӯзро ташкил медиҳад, ки дар кишварҳои аврупоӣ ин сатҳ боз ҳам баландтар аст. Ин ҳадди ақали сатҳи истеъмол бояд ниёзҳои инсонро ба маводи ғизоии муҳим: равғанҳо, сафедаҳо, карбогидратҳо, витаминҳо, микроэлементҳо ва ғайра таъмин намояд[759].

Тибқи талаботи (стандартҳои) ФАО давлат дар ҳамон вақт амнияти худро таъмин карда ба ҳисоб меравад, ки он талаботи худро бо гандум дар доираи 80% таъмин намояд[760]. Кишварҳо дар он ҳолат амнияти озуқавории хешро таъмин намуда, маҳсуб меёбанд, ки ҳадди ақал 80%-и талаботи маҳсулоти асосии ғизоии аҳолии хешро, худаш дар дохили давлат, истеҳсол кунад[761].

Маҳз заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ ва сиёсати дурандешонаву хирадмандонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти озуқавории мамлакатро дар сатҳи 85% таъмин намудааст. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбати хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олӣ аз 16-уми декабри соли 2025, қайд намуда буданд[762].

Бехатарии хӯрокворӣ як чизи муқаррарӣ нест, балки натиҷаи таҳқиқоти сахтгирона ва таҳияи стандартҳо ва сиёсатҳо мебошад.

Руйдодҳои манфии замони муосир аз қабили пайдоиш ва паҳнгардидани бемориҳои инсон ва ҳайвонот, буҳронҳои иқлимӣ, норасоии об, афзоиши аҳолӣ, низоъҳо ва муҳоҷирати маҷбурӣ, ба таври возеҳ вобастагӣ ва заифии низомҳои кишоварзӣ ва озуқавориро нишон медиҳанд.

Ҳар сол тақрибан 600 миллион ҳолати бемориҳои ғизоӣ ба қайд гирифта мешавад ва хурокҳои хатарнок ба саломатии инсон ва иқтисоди ҷаҳон таҳдид мекунанд. Таъмини амнияти озуқаворӣ афзалияти тандурустии ҷамъиятӣ ва қадами муҳим дар самти ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ мебошад[763]. Таъмин нагардидани амнияти озуқаворӣ ва нокоми дар ин самт боиси пайдоиши дигар мушкилиҳо аз қабили норасоии ғизо, болоравии якбораи нархҳо ба миён омадани мавҷҳои нави гуруснагӣ, мегардад.

Азбаски тиҷорати маҳсулоти хурокворӣ ҳоло интиқоли масофаҳои дурро дар бар мегирад, ҳамоҳангсозии стандартҳо дар саросари кишварҳо муҳим аст. Зиёда аз 60 сол аст,

[759] Михайлушкин П.В. Условия и основные критерии обеспечения продовольственной безопасности // Научный журнал КубГАУ. – 2013. – № 92 (92). – С. 155.
[760] Сафарова А.Ҷ. Такмили асосҳои ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 23.
[761] Михайлушкин П.В. Условия и основные критерии обеспечения продовольственной безопасности.// Научный журнал КубГАУ. – 2013. – № 92 (92). – С. 158.
[762] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.12.2025, [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи мурочиат: 26.02.2026).
[763] Стандарты безопасности пищевой продукции спасают жизни. [Электронный ресурс].Режим доступа: https://www.fao.org/publications/news-archive/detail/food-safety-saves-lives/ru. (дата обращения: 22.02.2026).

ки ФАО ва СУТ, ки бар асоси ваколатҳои мукаммали худ амал мекунанд, якҷоя тавсияҳои илмии асоснок, объективӣ ва мустақилро таҳия кардаанд. Комиссияи кодекси Алиментариус (ҳамчун мақоми байналмилалӣ барои таъмини бехатарии маҳсулоти хурокворӣ, ки стандартҳои бехатарӣ ва сифати маҳсулоти хурокворирo муқаррар мекунад), далелҳои илмиро ҳамчун асос барои таҳияи дастурҳо, кодексҳои амалия ва стандартҳои байналмилалии бехатарии хурокворӣ истифода мебарад. Кодекси Алиментариус ё кодекси озуқаворӣ як манбаи муҳим буда, дар таъмини бехатарӣ ва сифати хурокворӣ нақши муҳим мебозад. Ин кодекси озуқаворӣ дорои стандартҳои байналмилалии мувофиқашуда мебошад, ки дар тамоми занҷираи таъминоти хурокворӣ татбиқ мешаванд. Ҳадафи он ҳифзи саломатӣ ва мусоидат ба тиҷорат аст. Барои истеъмолкунандагон, ин маънои онро дорад, ки хурокворӣ, ки мувофиқи тавсияҳои кодекс истеҳсол мешавад, бехатар ва сифати интизоршаванда дорад. Матнҳои кодекс стандарти тиллоӣ барои тиҷорати байналмилалии хурокворӣ ҳисобида мешаванд ва аз ҷониби СУС эътироф шудаанд. Онҳо мубодилаи байналмилалии молҳоро осон карда, аз баҳсҳои тиҷоратӣ пешгирӣ мекунанд ва ба ҳалли онҳо мусоидат мекунанд[764].

Ҳамин тариқ, стандартҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ФАО кафолат медиҳанд, ки маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки мо ҳамарӯза истифода мебарем, бехатар, боэътимод ва сифати баланд дошта бошанд. Стандартҳои асосии байналмилалии ФАО, ки созишномаҳои байналмилалии озуқаворӣ бар онҳо асос ёфтаанд, кодекси Алиментариус ва чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ (СФС) мебошанд. Ин стандартҳо бехатарии маҳсулоти хурокворирo танзим мекунанд. Ҳар кишваре, ки ба самти ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ ҳаракат мекунад, бояд стандартҳои худро ба кодекси Алиментариус ва чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ мутобиқ созад. Истифодаи васеи стандартҳои ФАО ва махсусан имлементатсияи онҳо дар қонунгузории миллӣ ба ҳарчӣ зиёдтар дастрасӣ пайдо намудани аҳолии кишвар ба ғизои бехатар, мусоидат менамояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А.

АДАБИЁТ:

1. Стандарт – что это такое? [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.metrob .ru/HTML/ standartiz/standart.html. (дата обращения: 26.01.2026).

2. FAO/WHO Food Standards Programme, 2004, Codex Ali mentarius Commission — Report of the 27' Session. [Electronic resource]. Access mode: http:// www.fao.org/ docreD/007/v5549e/y5549eOQ.hlm. (date of application: 05.02.2026).

3. Автономов, А.С. Международные стандарты в сфере отправления правосудия [Текст] / С.А. Автономов. – М.: Новый учебник, 2007. – 332 с.

4. Безопасные пищевые продукты для всех. [Электронный ресурс].Режим доступа: https://openknowledge.fao.org/server/api/core/bitstreams/727693c5-1c7c-47bf-ac5b-3705779b9369/content. (дата обращения: 22.02.2026).

5. Гайбуллозода, Л.И. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и ЮНЕСКО [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / Л.И. Гайбуллозода. – Москва, 2019. – 187 с.

6. Приступа, Д.О., Стукач, В.Ф., Приступа, О.А. Международные стандарты и вступление России в ВТО. [Электронный ресурс]. Режим доступа: file:///C:/Users/LLC

[764] Безопасные пищевые продукты для всех. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://openknowledge. fao.org/server/api/core/bitstreams/727693c5-1c7c-47bf-ac5b-3705779b9369/content. (дата обращения: 22.02.2026).

%20PRIME%20TECHNOLOGY/Desktop/mezhdunarodnye-standarty-i-vstuplenie-rossii-v-vto.pdf. (дата обращения: 05.02.2026).

7. Қонуни Ҷумҳурии «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» аз 29 декабри соли 210, №668. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

9. Салия, М.Р. Понятие «международный стандарт» в теории международного права [Текст] / М.Р. Салия // Актуальные проблемы российского права. – 2018. – №9 (94). – С. 187-192.

10. Международно-правовые стандарты в отправлении правосудия и их влияние на национальное судоустройство и судопроизводство: история и современность [Текст]: коллективная монография / А.А. Дорская, Н.И. Алексеева, А.В. Алешина, И.В. Ботанцов и др. – СПб.: Астерион, 2021. – 240 с.

11. Михайлушкин, П.В. Условия и основные критерии обеспечения продовольственной безопасности [Текст] / П.В. Михайлушкин // Научный журнал КубГАУ – 2013. – № 92 (92). – С. 153-175.

12. Мовчан, А.П. Новый этап в развитии морского права [Текст] / А.П. Мовчан // Сов. государство и право. – 1983. – № 2. – С. 45-54.

13. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / под ред. Н.Ю. Шведовой. – 23-е изд., испр. – М.: Рус. яз., 1991. – 1400 с.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.12.2025, [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи мурочиат: 26.02.2026).

15. Русский язык как государственный. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rus gos.spbu.ru/index.php/words/show/15634. (дата обращения: 29.01.2026).

16. Сафарова, А.Ҷ. Такмили асосҳои ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҷ. Сафарова. – Душанбе, 2023. – 340 с.

17. Склизков, А.Н. Принцип непосредственности уголовного судопроизводства [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Склизков Антон Николаевич. – Владивосток, 2007. – 22 с.

18. Стандарты безопасности пищевой продукции спасают жизни. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.fao.org/publications/news-archive/detail/food-safety-saves-lives/ru. (дата обращения: 22.02.2026).

19. Тиунов, О.И. Роль международно-правовых стандартов в регулировании взаимодействия международного и национального права / О.И. Тиунов // Журнал российского права – 2012. – №12. – С. 69-83.

20. Чуйко, Н.А. Международно-правовое регулирование безопасности пищевых продуктов в рамках Всемирной Торговой Организации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.10 / Чуйко Наталия Андреевна. – Москва, 2015. – 195 с.

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ СТАНДАРТЫ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ И СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ: ПОНЯТИЕ И ПРАВОВАЯ ПРИРОДА

Ключевые слова: продовольственная безопасность; стандарт; международный стандарт; нормативный документ; Государственный стандарт; безопасные продукты; услуги; производитель; потребитель; международное право; Алиментариус кодекс; пищевая продукция; Республика Таджикистан.

Аннотация: В данной статье анализируется понятие и правовая природа международно-правовых стандартов Продовольственной и сельскохозяйственной Организации Объединенных Наций. Международно-правовые стандарты Продовольственной и сельскохозяйственной Организации Объединенных Наций гарантируют, что продукты и услуги, которые мы используем ежедневно, безопасны, надежны и отличаются высоким качеством. Широкое использование стандартов ФАО и, в частности, их имплементация в национальное законодательство способствует расширению доступа населения страны к безопасным продуктам питания.

Курбонзода Мухаммад Саймахмуд – докторант (PhD) 3-го курса кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 986-76-98-98. E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com

INTERNATIONAL LEGAL STANDARDS OF THE FOOD AND AGRICULTURE ORGANIZATION OF THE UNITED NATIONS: CONCEPT AND LEGAL NATURE

Keywords: food safety; standard; international standard; regulatory document; state standard; safe products; services; producer; consumer; international law; Alimentarius Codex; food products; Republic of Tajikistan.

Annotation. This article analyzes the concept and legal nature of the international standards of the Food and Agriculture Organization of the United Nations. The international standards of the Food and Agriculture Organization of the United Nations ensure that the products and services we use every day are safe, reliable, and of high quality. The widespread use of FAO standards, and in particular their implementation in national legislation, contributes to increased access to safe food for the population.

Qurbonzoda Muhammad Saimahmud – 3rd year doctoral student (PhD) at the Department of International Law, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 986-76-98-98. Email: qurbonzoda1111@gmail.com.

5.5.11. ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

ҲАСАНОВ БЕҲРУЗ АБДУЛЛОХУҶАЕВИЧ,
ассистенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 987-74-74-13. E-mail: bekhruzkhasanov747413@gmail.com.

ТДУ: 342.5

ЧОРАҲОИ МАҶБУРСОЗИИ ҲУҚУҚӢ-ДАВЛАТӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ТАЪМИН ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Калидвожаҳо: Конститутсия; давлати ҳуқуқбунёд; ҳуқуқи инсон; ҳифзи ва ҳимояи ҳуқуқи инсон; ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур дидгоҳе чанд атрофи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат гирифтааст. Муаллиф бар он назаранд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шарванд имрӯз тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ мавриди эътироф қарор гирифта, бо баинобат гирифтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ риоя ва ҳифз мегарданд. Бинобар нигоҳ доштани падидаи демократия дар ҷомеа инсон ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тамоми фаъолияти мақомоти давлатӣ барои таъмини он нигароида шудааст, аз ҷумла фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як рӯйдоди муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии миллати куҳанбунёд, тамаддунофар, фарҳангсолори Тоҷик буд. Аввалин Конститутсияи демократии Тоҷикистони муосир на танҳо нуқтаи ибтидоии табдили давлатдорӣ ва низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Ватан гардид; балки ба таври васеъ эътироф шудааст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмин, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд заминаи воқеи ва ҳуқуқиро гузошт. Нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқи исбот мекунанд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як механизми муассир баҳри татбиқ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил ёфтааст. Ҳар як давлат низоми кафолатҳоеро муайян месозад, ки ба таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд[765].

Таҷрибаи рушди конститутсионӣ, ки инсоният дар асри 20 ба даст овардааст[766], имкон дод, ки «стандарти» муайяншудаи хусусиятҳои институтсионалии ҳуқуқи инсон дар давлати муосир ташаккул ёбад. Дар сатҳи Кониститутсия давлати демокративу ҳуқуқбунёд эътироф шудани Тоҷикистон, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ин ҳуқуқу озодиҳо пайгирона татбиқу таъмин карда мешаванд, ки дастоварди муҳимтарини даврони истиқлол мебошад. Тоҷикистон оид ба таъмини волоияти Конститутсияву қонунҳо, кафолати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахс ва дар асоси мустақилияту баробарӣ таъмин намудани принсипи тақзияи ҳокимият ҳамаи тадбирҳои заруриро тибқи

[765] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019 . – С. 8.
[766] Андрей А.М. Охрана и защита гарантий прав граждан в правоприменительной деятельности в Российской Федерации // Государственная служба и кадры. – 2022. – №1. – С. 84.

меъёрҳои муосир амалӣ мегардонад. Зеро меъёри мазкур мазмун ва самти ташаккули давлати демократӣ ва асоси ҳуқуқии таҳким ва пешрафти ҷомеаро муайян менамояд. Аммо бояд гуфт, ки барои таъмини ҳадафҳои волои давлати демократӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ сиёсати дохиливу хориҷии имрӯзаи кишвар тавре тарҳрезӣ шавад, ки маҳаки асосии онро эҳтирому эътирофи принсипи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ташкил дода, тартиботи ҳуқуқиву волоияти қонун таъминкунандаи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар бошанд. Дар шароити тағйир ёфтани вазъи геополитикии ҷаҳон ва афзоиши таҳдиду хатарҳои нав, ки ба рушди давлатдории миллӣ ва манфиатҳои милливу давлатии мо низ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд, аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар масъулияти дучанд тақозо мегардад.

1. Воқеа бори аввал дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ ҳамчун авлавияти олии ҳифзи давлатӣ, арзиши олӣ ва иҷтимоӣ доштани он эътироф карда шуданд, ки ҳифзи он дар меҳвари марказии низоми идоракунии давлатӣ ва тамоми низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт.

2. Барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар, дар заминаи низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода шудааст. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи ваколатҳои худ вазифадоранд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳлӣ, муҳити зист, тартиботи ҷиноятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият[767], тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун ва суд, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳифзи шаъну шараф ва номи нек ва ғайраро таъмин мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ислоҳоти ҳуқуқиро пайгирона амалӣ карда истодааст, ки он батакмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳкими адолати судӣ равона карда шудааст[768].

Дар заминаи ислоҳоти ҳуқуқи қабули барномаҳои ҳадафнок, такмил ёфтани қонунгузории амалкунанда, дар таҳрири нав қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қаблан амалкунанда, ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ намудани асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ далели гуфтаҳои боло мебошад.

Дар асоси моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд[769]. Вобаста ба ин тамоми фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳалли ин масъала равон карда шудааст. Дар баробари ин мақомотеро низ зикр кардан мумкин аст, ки иҷрои бевоси- таи ҳифзи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятқорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳз ба зиммаи онҳо вогузор шуда, ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти ҳуқуқиест, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ дар шакли таъсири маҷбурсозӣ ва қувва ба

[767] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[768] Маҳмудзода М.А., Худоёрзода Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Нашри чорум. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – С. 5.

[769] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 11.

мақсади ошкор, пешгирӣ, тафтиш кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва аз байн бурдани шароит ва сабабҳои он (ҳуқуқвайронкунӣ) зоҳир мегардад. Амалӣ гардонидани мақсадҳои олии мо бе таъмини волоияти қонун ва иҷрои бечунунчарои он, бе мавҷудияти тартиботи ҳуқуқӣ ва фазои орому босуботи ҷомеа ғайриимкон аст. Дар ин ҷода мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат корҳои муҳим ва назаррасро анҷом додаанд. Барои таҳкими минбаъдаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини суботу оромии ҷомеа бояд бар зидди ҷиноятҳои хавфноки муосир - терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ муборизаи қатъӣ бурд[770].

Фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ яке аз шаклҳои фаъолияти давлатӣ буда, ҳусусиятҳои ба ҳуд хос дорад. Дар қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»[771] муқаррар шудааст, ки милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Аз мазмуни моддаи 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 25 июли соли 2005 қабул шудааст[772], бармеояд, қи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амният, мақомоти андоз, мақомоти гумрук ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд. Тибқи банди I Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, № 143 тасдиқ карда шудааст, агентӣ ҳамчун мақоми ҳифзи ҳуқуқ эътироф гаштааст. Дар ҳамин замина аломатҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунинанд:

1) Фаъолияти ма қомоти ҳифзи ҳу қу қ ба ҳифзи тартиботи ҳу қу қӣ, ҳу қу қ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони во қеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирии ҳу қу қвайронкунӣ, ба ҷавобгарии ҳу қу қӣ ҷалбнамудани гунаҳгорон дар содир намудани онҳо нигаронида шудааст.

2) Чунин фаъолиятро аз ҷониби мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ, ки шахсони мансабдори онҳо таҳсилоти махсуси касбӣ ва чун қоида, маълумоти олии ҳуқуқӣ доранд, анҷом медиҳанд.

3) Фаъолияти магомоти ҳифзи ҳуқуқ, чун қоида, бо татбиқи ҳуқуқ хос аст. Татбиқи ҳуқуқро дар назарияи умумии ҳуқуқ ҳамчун усули амалисозии меъёрҳои ҳуқуқӣ тавассути баровардани санадҳои мурофиавии махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор — ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони алоҳида (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) муқаррар мекунанд, муайян карда мешавад.

4) Ин фаъолият, чун қоида, татби қи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ ва ҳу қу қиро нисбат ба шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳо содир кардаанд, инчунин пешгирии содир намудани онҳоро дар назар дорад. Бояд гуфт, ки дар назарияи давлат ва ҳуқуқ барои таснифи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ фикри ягона вуҷуд надорад. Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ чораҳои маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ таксим мешаванд: чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои пешгирӣ. Масалан, профессор Р.Ш. Сотиволдиев ба ин назар аст, ки ду намуди чораҳои маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд:

1) чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

---

[770] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.04.2007. [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/19 (санаи муроҷиат. 19.11.2025).

[771] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2026).

[772] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2026).

2) чораҳои дигари маҷбурсозии ҳуқуқии давлатӣ[773].

Чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад, аз қабили ҷазоҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, муҷозоти интизомӣ ва дар иртибот бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ мешаванд ва боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегарданд.

Чораҳои дигари маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ё оқибатҳои эҳтимолии он, огоҳисозии ҳуқуқвайронкунӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, тарбияи ноболиғон, нисбат ба шахсони номукаллаф, дар ҳолати фавқулода татбиқ мешаванд.

а) чораҳои огоҳсозӣ, аз қабили санҷиши ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии гумрукӣ, назорати маъмурии шахсони аз маҳбас озодшуда, маҳдуд ё маъни ҳаракати воситаҳои нақлиёт, эълони карантин ва ғайра, баҳри огоҳсозии ҳуқуқвайронкунӣ, таъмини амнияти ҷомеа ҳангоми садамаҳои истеҳсолӣ, ҳодисаҳои фавқулода истифода мешаванд;

б) чораҳои пешгирисозӣ, масалан, дасгир намудани ҳуқуқвайронкунанда ва ё ҷинояткор, ҳабс намудан ва ғайра, барои пешгирии ҳуқуқвайронкунии содиршуда ё пешгирии оқибатҳои эътимолии он татбиқ мешаванд;

в) чораҳои муҳофизавӣ ё барқароркунӣ, масалан қалбакӣ эълон намудани аҳд, ситонидани зиён, рӯёнидани алимент, дар кори пештара барқарор намудан ва ғайра;

г) чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ, аз қабили чораҳое, ки ба ноболиғони то 14 сола барои халалдор намудани маъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд;

д) чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ки нисбати ба номукаллафон истифода мешаванд;

е) реквизитсия: бо қарори мақомоти давлатӣ бо пардохти арзиши мол аз молик ба манфиати ҷомеа гирифтани амвол дар ҳолатҳои фавқулода.

Мавриди зикраст, ки чораҳои дигари маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣро чораҳои муҳофизавӣ ва ё ҳифзи ҳуқуқӣ истифода мебаранд:

Чораҳои ҷавбгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои муҳофизавӣ аз ҳам фарқ мекунанд:

а) ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда, вале чораҳои муҳофизавӣ бошад нисбат ба субъекти ваколатдор ва баҳри таъмини манфиатҳояш татбиқ мешаванд;

б) ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ мешавад, вале чораҳои муҳофизавӣ бошад дар ҳолатҳои амалҳои объективии зиддиҳуқуқӣ, ба мисли зарари ба манбаи хатари калон расонидашуда, ё дар ҳолати набудани амали зиддиҳуқуқӣ, масалан, рӯёнидани зарари дар рафти наҷоти амволи давлативу ҷамъиятӣ расонидашуда истифода мешаванд;

в) агар мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷазодиҳӣ бошад, пас ҳифзи ҳуқуқӣ баҳри таъмини иҷрои уҳдадорӣ бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд774, ки ин бевосита аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

Мавриди ба тазакур аст, ки таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими сулҳу субот, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва пешгирии ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, ки ин зуҳуроти номатлуб метавонанд пояҳои давлатро заиф гардонанд, аз фаъолияти муътадилу муназзами кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вобастагии мустақим дорад. Дар қатори дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ниҳоди муҳимме, ки ба ташаккули арзишҳои демократии ҷомеа нигаронида шуда, устувории вазъи тартиботи ҳуқуқӣ, пешгириву

[773] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2018. – С. 685.
[774] Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 686.

ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ аз фаъолияти муътадили он низ вобастагии амиқ дорад, мақомоти прокуратура мебошанд.

Мақомоти прокуратура ба гурӯҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шомил буда, яке аз сохторҳои муҳимми низоми давлатдорӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 4 Қонуни конституцсинии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура Ҷумҳурии Тоҷикистон» Вазифаи асосии мақомоти прокуратура ин таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламравии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат аст[775]. Ба вазифаи мақомоти прокуратур иҷрои вазифаҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудаанд[776], гузошта намешавад. Вазифаи асосӣ ва муҳими мақомоти прокуратура иборат аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Бо ин мақсад прокуратура назорати риоя ва иҷрои Конституцсия, қонунҳои конституцсионӣ, қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқиро дар вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо, бонкҳо сарфи назар аз шакли моликияташон, созмонҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳарбӣ ва назоратӣ, шахсони мансабдори ин мақомот ба амал мебарорад[777]. Ин мақомот тавассути ба амал баровардани назорати прокурорӣ иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар кишвар таъмин менамоянд. Мақомоти прокуратура дар баробари назорати риояи қонунҳо ва ҳифзи сулҳу субот ва амният дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ саҳми босазо доранд.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари он, ки бевосита ба мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дохил намешаванд, фаъолияти худро дар ҳамбастагии зич бо ин мақомот ба роҳ мемонанд ва аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон ба амал мебароранд[778].

Дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд риояи қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти аввалиндараҷаро пайдо намуда, тақозо менамоянд, ки низоми кафолат ва ниҳодҳои ба ин ҳадаф равонашуда фароҳам оварда шаванд.

Иҷрои бечунучарои қонунҳо вазифаи асосии давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Чуноне аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 бармеояд, «Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷиноятқорӣ ва бенизомӣ

[775] Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).
[776] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019 . – С. 8.
[777] Тафсири илмию оммавии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 484.
[778] Ҳамин ҷо.– С. 484.

мегардад»[779], бояд қайд намуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз гардида ба воситаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мегарданд.

Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Соибов З.М.

АДАБИЁТ:

1. Андрей, А.М. Охрана и защита гарантий прав граждан в правоприменительной деятельности в Российской Федерации // Государственная служба и кадры. – 2022. – №1. – С. 84-88.

2. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

6. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

8. Маҳмудзода, М.А., Худоёрзода, Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон [Матн] / М.А. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода. – Нашри чорум. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 352 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/missives (Санаи мурочиат: 11.11.2025).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2007 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/19 (Санаи мурочиат. 19.11.2025).

11. Раҳмон, Ю.А. Назорати прокурорӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019 . – 468 с.

12. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. – 784 с.

13. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2003. – 552 с.

[779] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/missives (Санаи мурочиат: 11.11.2025).

14. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 670 с.

15. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/ (Санаи мурочиат: 30.10.2025).

ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ МЕРЫ ПРИНУЖДЕНИЯ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

Ключевые слова: Конституция; демократическое и правовое государство; права человека; защита и охрана прав человека; права и свободы человека и гражданина; деятельность правоохранительных органов.

Аннотация. Эта статья посвящена признанию и реализации прав человека. По мнению авторов, права и свабоды человека и гражданина в настоящее время призананы национальными и международными правом, соблюдаются и защищаются правоохранительными органами с учетом норм международного права. В целях поддержания иниституты демократии в обществе права и свободы человека признаются высшей ценностью, а вся деятельность государственных органов направлена на обеспечение защиты и охраны прав и свабод человека и гражданина, в том числе деятельность правоохранительных органов.

Хасанов Бехруз Абдуллохуджаевич – ассистент кафедры теории государства и права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 987-74-74-13. E-mail: bekhruzkhasanov747413@gmail.com

STATE AND LEGAL COERCIVE MEASURES IN THE ACTIVITIES OF LAW ENFORCEMENT AGENCIES AND ENSURING THE RIGHTS AND FREEDOMS OF HUMANS AND CITIZENS

Keywords: Constitution; democratic and legal state; human rights; protection and safeguarding of human rights; human and civil rights and freedoms; activities of law enforcement agencies.

Annotation. This article is devoted to the recognition and implementation of human rights. According to the authors, human and civil rights and freedoms are currently recognized by national and international law and are respected and protected by law enforcement agencies, taking into account international law. To maintain democratic institutions in society, human rights and freedoms are recognized as the highest value, and all government activities, including law enforcement activities, are aimed at ensuring the protection and preservation of human and civil rights and freedoms.

Khasanov Behruz Abdullokhudzhaevich – Assistant Professor at the Department of Theory of State and Law at the Law Faculty of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 987-74-74-13. E-mail: bekhruzkhasabov747413@gmail.com

5.5.12. КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

ДАВЛАТОВ БАХТИЁР САИДАКБАРОВИЧ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 933-87-87-86. E-mail: bakhtiyor_20@mail.ru

ФАЙЗУЛЛОЗОДА АЙНУЛЛО ҚУДРАТУЛЛО,
ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 988-56-46-55. E-mail: aynullo@mail.ru

ТДУ: 343.985.7

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОЙИ ҲОДИСА ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО ВОБАСТА БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ: МАСЪАЛАҲОИ АМАЛӢ ВА НАЗАРИЯВӢ

Калидвожаҳо: Азназаргузаронӣ; ҷойи ҳодиса; далелҳо; қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо; воситаҳои нақлиёт; далелҳо; самти ҳаракат; истифодаи воситаҳои нақлиёт; гирифтани далелҳо; садамаи нақлиётӣ; пайҳои чарх; муфаттиш; роҳҳо; аломатҳои роҳ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, нақш ва аҳаммияти он дар ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, тартиби гузаронидани он, ба даст овардани далелҳо аз ҷойи ҳодиса ва дигар ҳолатҳо баррасӣ ва таҳлил шудаанд. Дар мақолла муаллиф диққати худро ба масоили вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар натиҷаи содиршавии ин ҷиноятҳо, муайян кардани самти ҳаракати воситаи нақлиёт, тарзҳои гирифтани далелҳо ба монанди шинаи чархи воситаи нақлиёт, шишапораҳо ва дигар далелҳое, ки тартиби бархурди воситаи нақлиётро ошкор мекунанд, равона кардааст. Камбудиҳои амалияи имрӯза, ки дар фаъолияти муфаттишон дида мешаванд, таҳлил, коркард ва роҳҳои ҳалли он, инчунин тавсияҳои дақиқ барои тартиби дуруст гузаронидани ин амали тафтишӣ ҳангоми содиршавии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ, инчунин ба даст овардани далелҳои шайъӣ дар мақоллаи мазкур аз ҷониби муаллиф тарҳрезӣ шудаанд.

Таъмини бехатарии нақлиёт барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳим бахисоб меравад.

Афзоиши зиёди парки автомобилӣ, зиёдшавии боркашонӣ ва мусофиркашонӣ, ҳолати роҳҳо ва хусусиятҳои истифодабарии нақлиёти куҳна, дараҷаи пасти омодагӣ, беинтизомӣ, аксаран мастии ронандагон, рафтори бепарвоёнаи роҳгузарон ва як қатор омилҳои дигар боиси ба вуҷуд омадани ҳолатҳои садамавӣ дар роҳҳо мешавад. Солҳои охир зиёдшавии ҳодисаҳои садамаи нақлиётӣ, аз ҷумла бо оқибатҳои вазнин ба қайд гирифта мешаванд. Одамон ба ҳалокат расида, маъюб мегарданд, воситаҳои нақлиёт ба корношоямӣ мерасанд, ки ба давлат зарари калон мерасонанд.

Ҳодисаи нақлиётӣ ин вайронкунии кори муътадили нақлиёт ҳангоми ҳаракати он дар роҳҳо мебошад, ки оқибатҳои гуногуни зарароваре боқӣ мегузорад. Вобаста ба дараҷаи вазнинии оқибати ин садамаҳо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ муайян карда мешаванд.

Яке аз ҳолатҳое, ки ин ду кирдори ношоямро аз ҳам ҷудо мекунад, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад. Азназаргузаронии ҷои ходиса дар марҳилаи аввалини тафтишиест, ки ҳаматарафа ва пурра тафтиши баъзе ҷиноятҳо аз ин амали тафтишӣ вобастагӣ дорад.

Тавре ки И.Н. Якимов қайд мекунад, натиҷаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аллакай муваффақияти тафтиши парвандаро пешакӣ муайян мекунад ва ҳатто далелҳои аз ҷойи ҳодиса бадастомада бо дигар амалҳои тафтишӣ танҳо пурра ва равшан карда мешаванд[780]. Ин амали тафтишӣ принсипҳои сари вақт, пурра ва ҳаматарафа, дар асоси нақша ва бегарзона гузаронданро ба худ касб кардааст[781]. Маҳз ҳамин аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани онро иҷозат додааст (қ.2 м.182 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ин гуфтаҳо ба ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо низ хос мебошад. Ҳангоми гузаронидани ин амали таъҷилии тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ чунин ҳолатҳо ба мо пурра маълум мегарданд:

- равшан кардани вазъият дар ҷойи ҳодиса;
- муайян ва муқаррар намудани ҳудуди ҷои ҳодиса, инчунин оқибатҳои дигаргуншавии он;
- ошкор кардан, муқаррар кардан ва гирифтани пайҳо ва далелҳои шайъӣ;
- муайян намудани ҳолати техникии воситаи нақлиёт бо мақсади муқаррар намудани сабабҳо ва шароитҳои техникии бавуҷудои садамаи нақлиётӣ;
- ҷустуҷӯи маълумоти нишонавӣ дар бораи тамға, навъ, хусусиятҳо ва дигар маълумотҳо дар бораи воситаҳои нақлиёт дар ҷои ҳодиса;
- муайян кардани ҳаракати онҳо пас аз садама;
- муайян кардани сабабҳои ҳодиса ва шароитҳое, ки ба рух додани он мусоидат мекунанд;
- гузоштани тахминҳои криминалистӣ ва тафтиши онҳо дар садамаи нақлиётӣ.

Дар баробари ин вазифаҳо объектҳои азназаргузаронии ҷои ҳодисаи нақлиётӣ ба чунин гуруҳҳо ҷудо карда мешаванд: як кисми куча (роҳ) ва муҳити атроф, ҷасад, нақлиёт, пайҳои амалҳое, ки ба пинҳон кардани ҳодиса равона шудаанд.

Пеш аз оғози азназаргузаронӣ ҳудуди ҷойи ҳодиса – минтақаи роҳе, ки дар он пайҳои садамаи нақлиётӣ боқӣ мемонад, муайян карда мешавад.

Камбудиҳое, ки дар азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз ҷониби муфаттишон бештар дида мешаванд, инҳоянд:

1) дар протоколҳо мавҷуд набудани маълумот дар бораи самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт то бавуҷуд омадани садама;

2) ҳангоми муайян кардани масофаи тормоздиҳӣ ченак (андоза) ба чарххои пеш ё ақиб гузаронида шудааст ё не, нишон дода намешавад;

3) микрозаррачаҳо на ҳама вақт гирифта мешаванд;

[780] Якимов И.Н. Криминалистика. Руководство по уголовной технике и тактике. – М., 2003. – С. 25.

[781] Криминалистика: китоби дарсӣ / зери таҳрири дотсент Н.А. Ғаффорова ва дотсент Ҳ.С. Салимов. – Душанбе: Зинат, 2011. – С. 276.

4) ҳангоми азназаргузаронӣ нақшаи калони ҳодисаи нохуш тартиб дода намешавад, бинобар ин зарурати дар маҳал тафтиш кардани далелҳо ё таҷрибаи тафтишотӣ ба миён меояд, ки ин норасоиро на ҳамеша бартараф мекунад;

5) ҳамеша маълумоти нопурра дар бораи ҳолати роҳ, ба монанди ҷойгиршавии воситаҳои нақлиёт дар роҳ, хусусияти роҳ (паҳно, шумораи хатҳо-паласаҳо, мавҷудияти аломатҳои роҳ, аломатҳои назорати ҳаракат, хусусияти сатҳи роҳ ва ҳолати он, роҳи асосӣ ё дуюмдараҷа, намуди чорроҳа, намуди зоҳирии роҳ аз курсии ронанда, шароити намоён, нишебии роҳ ба самти тулуи - мусбат ё манфӣ, радиуси гардиш) ҷой дорад;

6) набудани тавсифи пурраи харобшавии воситаи нақлиёт: ҳолати аввала ва баъдинаи воситаи нақлиёт, дақиқ муайян кардани ҷойгиршавии воситаҳои нақлиёт пас аз садама, оё воситаҳои нақлиёт пас аз садама ҳаракат мекард ё не (зарурати баровардани ҷасадҳо, тоза кардани роҳ барои гузаштани воситаҳои нақлиётии махсус[782].

Осори садамаи нақлиётӣ ҳар як лаҳза метавонад тағйир ёбад ва ё нест гардад. Ин ҳолат бо сабабҳои объективӣ, аз ҷумла, шакли тағйирёбӣ ва аз байн рафтани осорҳо табиӣ доранд, инчунин бо фаъолияти инсон алоқаманданд, ки метавонанд тасодуфӣ ё қасдан бошанд[783].

Хусусияти азназаргузаронии ҷои ҷиноят дар ҳолатҳои садамаи нақлиёти дар он аст, ки то омадани муфаттиш дар ҷойи ҳодиса метавонад ба таври қонунӣ тағйироти назаррас ворид карда шавад, ки ҳангоми азназаргузаронӣ ба ҳисоб гирифтан ва ворид намудани ислоҳотро талаб мекунад. Бинобар ин, пеш аз ҳама, ҷойҳоеро аз назар гузарондан лозим аст, ки дар онҳо осори камтари (пайҳои шина, пой, хун ва ғайра) мавҷуданд, баъдан, объектҳоеро, ки паяшон устувортар аст (осори зарар дар нақлиёт, объектҳои калон, объектҳои маҳаллӣ)[784].

Ғайр аз ин, ба максад мувофик аст, ки барои гузаронидани ин амали тафтишӣ тайёрии махсус дошта бошад. Вай бояд қоидаҳои ҳаракат дар роҳро донад ва дар бораи норасоиҳои техникие, ки сабаб ё натиҷаи фалокат шуда метавонад, фикрашро пешниҳод карда тавонад.

Ф. Ермаков кайд мекунад, ки ҳангоми тафтиши ҳодисаҳои фалокатҳои нақлиётӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷойи фалокат маҷмуи тамоми маълумоти заруриро гирифтан лозим аст. Дар баробари ин, хусусияти ин категорияи парвандаҳо аз шахсе, ки тафтишотро анҷом медиҳад, талаб мекунад, ки дониши хуб дошта бошад, ки кадом маълумотнбарои бомувафаққияти тафтиши ҳодиса, инчунин азхуд кардани баъзе усулҳои техникии гирифтани маълумоти зарурӣ муфид аст,

Баъдан муаллиф менависад, ки «Муваффакият ва суръати тафтиши ходисаи наклиёти аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки тафтиши ҷои ҳодиса то чи андоза пурра ва самаранок гузаронда мешавад. Зарур аст, ки ин амал дар як вақт аз ҷониби муфаттиш ва кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ анҷом дода шавад»[785].

Механизми ташаккули раҳҳо дар сатҳи сахти роҳ метавонад хеле гуногун бошад. Дар баъзе мавридҳо (ҳаракати якхелаи воситаҳои нақлиёт дар қитъаи уфуқии роҳ) аломатҳои лағжиш ба назар мерасанд (чораҳо намунаи протектор (дандонакҳои шина)-ро бе таҳриф

[782] Коленко А.Д. Проблемы расследования дорожно-транспортных преступлений: дис. … канд. юрид. наук.. – Владивосток, 2004. – С. 70

[783] Шиканов В.И. Запаховые микроследы / В.В. Шиканов, Н.Н. Тарнаев. – Иркутск, 1974. – С. 7.

[784] Исмагилов Ф.В. Особенности осмотра места дорожно-транспортного происшествия / Ф.В. Исмагилов // Актуальные вопросы правоведения в период совершенствования социалистического общества: сб. ст. / отв. ред. В.Ф. Волович. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1989. – С. 223.

[785] Ермаков Ф. Осмотр транспортного средства и места дорожно-транспортного происшествия / Ф. Ермаков // Законность. – 1997. – № 10. – С. 28-29.

инъикос мекунанд). Агар воситаҳои нақлиёт ба боло ҳаракат мекард (лаҳзаи чарҳҳо зиёд мешавад ва онҳо метавонанд каме лағжанд) ё бо истифода аз муҳаррик ва тормоз ба поён ҳаракат мекард, каме тағирёбии шакли протектор ба самти муқобил ба амал меояд.

Ин сабабҳои таҳрифи шакли протектор бояд ба муфаттиш ва коршинос маълум бошад. Бояд гуфт, ки бузургии ин таҳрифҳо метавонад хеле назаррас бошад (то 10 см дар баробари гардиши чарҳҳо) ва аз намуди воситаи нақлиёт, вазни бор дар меҳвар, фишори шина ва баъзан аз чарҳҳо вобаста аст.

Роҳҳои асфалтпуш ё бетонӣ ба кафшҳои резинии автомобилӣ чун абразив[786] амал мекунанд. Аз лаҳзаи сар шудани тормоз то лағжиш дар рӯи роҳ шакли равшани протектор бо ҳамон таҳрифҳои хурд сабт мешавад. Чунин аломатҳо дар натиҷаи қабати резинии протектор, ҳаракат ва ҳаракати зарраҳои чанг ва худи сатҳи роҳ ба вуҷуд омада, муддати тӯлонӣ боқӣ мемонанд. Усули фиксатсия аксбардории панорамии васеъмиқёси ҳар як изи алоҳида мебошад. Ба ғайр аз ин, дар маҷмуи таҷҳизоти техникӣ муфаттиш ё мутахассисе, ки ҷои ҳодисаро аз назар мегузаронад, бояд лентаи каучуки бо коғаз регдоршуда дошта бошад, ки онро ба изи печонида гирифтан мумкин аст, то ки далели хуб гирифта шавад.

Ҳангоми аксбардории роҳҳои чарҳҳо, барои нишон додани самти ҳаракат тирчаро истифода бурдан лозим меояд. Аз ҷумла, К.Д. Пул пешниҳод мекунад, ки дар акси аломатҳои пиёдагардии роҳ имкон дорад, ки самти ҳаракатро дар баробари бари шкала (ҷадвали қиёсӣ) инъикос намуда, тирчаеро гузорад, ки самти ин ҳаракатро нишон медиҳад[787].

Илова ба аломатҳои шина, ки дар боло баррасӣ шуд, аломатҳои лағжиш аксар вақт ҳангоми баста шудани чарҳҳои пеш ва пушт, ё танҳо чарҳҳои пеш ё танҳо ақиб пайдо мешаванд. Ин навъи тамға аз раҳҳои пай дар пайи рӯи роҳ бо роҳҳои тулонӣ иборат аст, ки дар натиҷаи резини пӯхташуда, лой ва ғуборе, ки аз рӯи намунаи протектор аз роҳ ҷамъ мешаванд, ба вуҷуд меоянд.

Бо азназаргузаронии чунин осорҳо дар маҳал, метавон унсурҳои зерини механизми садамаро муқаррар кард:

1. Ҷое, ки воситаи нақлиёт пас аз садама комилан қарор дошт. Он аз руи он муайян карда мешавад, ки лой, чанг ва дигар дохилшавиҳои сатҳи роҳ пора-пора шуда, ҳангоми бозистодани воситаҳои нақлиёт дар аломати лагжиш мемонад. Инро ҳатто агар нақлиёт пас аз садама ба ҷои дигар кӯчонида шуда бошад ҳам дидан мумкин аст (зарурати гузаштани воситаи нақлиёти ёрии таъҷилӣ барои аз он баровардани қурбониён).

2. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми бархӯрди байниҳамдигарӣ. Як воситаи нақлиёт дар пеш, дар дигар воситаи нақлиёт дар паҳлӯҳо дандонҳо доранд. Аломатҳои лағжиши шина пас аз бархӯрд суръати ҳаракати воситаи нақлиётро инъикос мекунанд. Ҳангоми тафтиши бархӯрди чорроҳа, муфаттиш бояд намунаҳои тормозро истифода барад, то муайян кунад, ки кадом воситаи нақлиёт аввал ба чорроҳа ворид шудааст. Дар ин ҳолат, се тариқа имконпазир аст:

- ҳарду бо суръати доимӣ (бе тормоз) ба чорроҳа даромаданд;
- яке бо суръати муътадил ба чорроҳа даромада, дигаре тормоз кард;
- ҳарду ба чорроҳа баромада, тормоз карданд[788].

[786] Моддаҳои регмонанд ё хокаҳои бисёр сахт, аз қабили хокаи ҷмлпур, алмос ё хокаи шиша, ки барои суфтагарӣ кор фармуда мешавад.

[787] Поль К.Д. Естественнонаучная криминалистика. – М.: Юрид. лит., 1985. – С. 73.

[788] Коленко А.Д. Проблемы расследования дорожно-транспортных преступлений: дис. … канд. юрид. наук. – Владивосток, 2004. – С. 74-75.

Дар сурати аввал муфаттиш бояд масофаро аз ҷои (нуқтаи) бархӯрд то хатҳои маҳдудкунандаи чорроҳа чен кунад, ки ин имкон медиҳад, ки суръати ҳаракати воситаи нақлиёт дар оянда муайян карда шавад. Аз рӯи суръат метавон вақти рафтани ҳар як воситаи нақлиёт аз сарҳади чорроҳа то ҷойи бархӯрдро муайян кард. Вақт нишон медиҳад, ки кадом воситаи нақлиёт ба чорроҳа пештар ва кадомаш дертар ворид шудааст.

Дар холати дуюм муайян кардани суръат бо роҳи тормоз ва дарозии он аз сарҳади чорроҳа то нуқтаи бархурд нишон медихад, ки ба чорроҳа кӣ аввал ворид шудааст.

Дар холати сеюм дарозии масофаи тормоз суръати ҳар кадоми онҳо ва кӣ ба чорроҳа аввал даромадаро нишон медихад.

Мувофиқи маълумотҳои статистикӣ ҳодисаҳои задухурди воситаҳои нақлиёт «одатан ҳангоми пеш гузаштан аз автомашина дар пеш (ҳар як ҳолати даҳум), ҳангоми гузаштан аз нақлиёти ҳаракаткунанда (дар ҳар дувоздаҳум), ҳангоми дар хатти чапи дур ҳаракат кардани нақлиёт (ҳар як ҳолати сеюм) ба амал меояд. Сабабҳои асосӣ ин ҳисобҳои нодуруст ҳангоми гузаштан ё пеш гузаштан, ба ҳаракати нақлиёти муқобил баромадан, инчунин [789]худбоварии ронандагон мебошад».

Фактҳои боэътимоде, ки ҷои бархӯрдиро нишон медиҳанд, порчаҳои лой, пораҳои шиша ва аломатҳои шика шидани шина, характери харошишу дандонҳо дар паҳлӯи кузов, ҳаракати қисмҳо аз як воситаи нақлиёт ба воситаи нақлиёти дигар мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, муфаттиш бояд зарари воситаи нақлиётро аз назар гузаронад. Вақте ки якчанд воситаи нақлиёт бархӯрд мекунанд, барои ҳар як ҷуфти воситаи нақлиёт хатҳои бархӯрд ба вуҷуд меоянд. Ҳар гуна зарари дертар дар наздикии зарари қаблӣ ҷойгир карда шуда, пайҳои зарари қаблиро тавассути шаклдигаркунӣ ва ҳаракати металл дар минтақаҳои дандонакдор таҳриф мекунад. Муайян кардан ва сабт кардани интиқоли ранг ба муфаттиш имкон медиҳад, ки муайян кунад, ки кадом воситаи нақлиёт дар бархӯрди мушаххас иштирок кардааст.

Бо ин максад, пеш аз ҳама, зарар ва харошидаро бодиққат санҷидан лозим аст, то муайян кунад, ки оё ранг аз машинаи дигар гузаштааст. Сониян, бо андешидани андозагирӣ, намуди дандонҳо ва харошидаҳоро бо аломати рангҳои ошкоршуда, ки аз воситаи нақлиёти дигар интиқол дода шудааст ва ҷойгиршавии бастабандӣ тартиб додан лозим меояд.

Аҳаммияти криминалистии осори садама дар он аст, ки омӯзиши онҳо имкон медиҳад, ки намуд ва навъи воситаи нақлиёт, хусусиятҳои характерноки шинаҳо ва самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт муайян карда шавад, ки барои ҷустуҷӯи фаврӣ зарур аст.

Вақте ки воситаи нақлиёт дар байни лой, чанг ё барф ҳаракат мекунад, дандонҳо дар поёни роҳ ва нуқҳои нишеб, ки ба самти ҳаракат рӯ ба рӯ мешаванд, пайдо мешаванд. Алаф дар самти ҳаракати воситаи нақлиёт пора-пора мешавад. Вакте ки пахлуи чархи воситаи нақлиёт ба санги бордюр бархурда мешавад, лахчаҳои он дар шакли тасмаҳои дарозии нобаробар, ки дар кунчи тези ба ҳамдигар ҷойгиранд, нӯги он ба поён нигаронида шудааст, аломатҳо мегузорад. Қисмати кӯтоҳтари рахи пайраҳа ба самти муқобили ҳаракати нақлиёт рӯбарӯ мешавад.

Намуди дигари изи ҳаракат ин осори тормози воситаи нақлиёт мебошад, ки аз онҳо дар баробари ҳолатҳои номбаршуда суръати ҳаракат, ҳолати техникии воситаи нақлиёт, маҳалли бархӯрд, роҳи ҳаракат (ҳаракати пиёдагардон ба ҷои бархӯрд ва дигар ҳолатҳо)-ро муайян кардан мумкин аст.

[789] Амбарцумян В. Причины дорожно-транспортных происшествий // Автомобильный транспорт. – 1996. – №1. – С. 22-25.

Ҳамин тавр, аломатхои тормозкунӣ дар самти ҳаракати нақлиёт равшантар нишон дода мешаванд ва дарозии онҳо ба суръати он вобаста аст. Аз хати рост дур шудани аломатҳои тормозӣ метавонад аз корношоямии системаи тормоз ё нодуруст танзим карда шудани тормоз нишон дихад.

Ба ғайр аз аломатҳои чарх дар роҳ аломатҳои дигар низ мавҷуданд: пораҳои шиша, хун, лой, заррaҳои ранг, осори кашолашавандаи ҷабрдида ва ғайра.

Хусусияти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ зарурати зуд барқарор намудани ҷараёни муътадили нақлиёт мебошад[790].

Ба азназаргузаронии нақлиёти ба фалокат дучоршуда диққати махсус додан лозим аст. Зарарe, ки дар натиҷаи ин ҳодиса ба амал омадааст, инчунин изи дар кисмҳои кузови воситаи нақлиёт пайдошуда (изҳои хун, пораҳои либос, осори дигар ранг ва ғайра) бояд ҳаматарафа санҷида шаванд. Дар ин лаҳза ҳолати кузовро аз назар гузарондан лозим аст. (мавҷуд будани чароғҳои тарафҳо, чароғҳои фараҳо, индикаторҳои гардиш, рахи радиатор, шишаи пеш ва ғ.). Ба тафтиши системаи тормоз, чанбарак, ҳолати чарх ва дигар қисмҳо диққат додан зарур аст. Дар кабина ё дохили воситаи нақлиёт ба мавқеи фишангӣ, тормози дастӣ ва нишондиҳандаҳои самт диққат додан амри зарурист.

Ҳамин тариқ, дар охир метавон ба чунин хулосаи заруӣ омад. Аввалан, азназаргузаронии макони садама бояд бо назардошти вазъияте, ки пеш аз ба вуқуъ омадани ҳолати фавқулодда гузаронида шавад; дуюм, барои бо сифати баланд гузарондани азназаргузаронӣ ба муфаттишон маҷмуи воситаҳои техникии азназаргузаронии ҷои ҳодисаи нақлиёти автомобилӣ, асбобҳои аниқ қайд кардани маълумотҳои барои гузарондани экспертизаи техникии нақлиёт заруриро таъмин кардан лозим аст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С.

АДАБИЁТ:

1. Амбарцумян, В. Причины дорожно-транспортных происшествий [Текст] / В. Амбарцумян // Автомобильный транспорт. – 1996. – №1. – С. 20-25.

2. Ермаков, Ф. Осмотр транспортного средства и места дорожно-транспортного происшествия [Текст] / Ф. Ермаков // Законность. – 1997. – №10. – С. 25-29.

3. Исмагилов, Ф.В. Особенности осмотра места дорожно-транспортного происшествия [Текст] / Ф.В. Исмагилов // Актуальные вопросы правоведения в период совершенствования социалистического общества: сб. ст. / отв. ред. В.Ф. Волович. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1989. – С. 220-225.

4. Коленко, А.Д. Проблемы расследования дорожно-транспортных преступлений [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Коленко Александр Дмитриевич. – Владивосток, 2004. – 174 с.

5. Осмотр места происшествия // Справочник следователя. – 2-е изд. – М.: Юрид. лит,, 1982. – 525 с.

6. Поль, К.Д. Естественнонаучная криминалистика [Текст] / К.Д. Поль. – М.: Юрид. лит., 1985. – 304 с.

7. Полянцев, А.С. Особенности осмотра трупа на месте происшествия при ДТП [Текст] / А.С. Полянцев // Проблемы научно-технического обеспечения раскрытия, расследования и предотвращения преступлений: материалы межвуз. науч.-практ. конф. – Владимир: ВЮИ ФСИН России, 2012. – С. 62-66.

[790] Полянцев А.С. Особенности осмотра трупа на месте происшествия при ДТП / А.С. Полянцев // Проблемы научно-технического обеспечения раскрытия, расследования и предотвращения преступлений: материалы межвуз. науч. практ. конф. – Владимир: ВЮИ ФСИН России, 2012. – С. 63.

8. Шиканов, В.И. Запаховые микроследы [Текст] / В.В. Шиканов, Н.Н. Тарнаев. – Иркутск, 1974. – 82 с.

9. Якубенко, Н.В. Дорожно-транспортные преступления: сущность, квалификация, расследование [Текст] / Н.В. Якубенко. – Тюмень: Изд-во Вектор Бук, 2001. – 154 с.

10. Криминалистика: китоби дарсӣ [Матн] / зери таҳрири дотсент Н.А. Ғаффорова ва дотсент Ҳ.С. Салимов. – Душанбе: Зинат, 2011 – 567 с.

11. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

ОСМОТР МЕСТА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С НАРУШЕНИЯМИ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ: ПРАКТИЧЕСКИЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

Ключевые слова: осмотр; место происшествия; доказательства; правила дорожного движения; транспортные средства; доказатедльство; направление движения; использование транспортных средств; получение доказательств; дорожно-транспортное происшествие; следы шин; следователь; дороги; дорожные знаки.

Аннотация. В данной статье рассматриваются и анализируются вопросы осмотра места преступления, его роль и значение в раскрытии и расследовании преступлений, порядок его проведения, получение следов с места преступления и другие ситуации. В статье авторы рассмотривают проблемы нарушений правил дорожного движения, осмотра места преступления в результате таких преступлений, определения направления движения транспортного средства, методов получения следов, таких как следы автомобильных шин, осколки стекла и другие доказательства, раскрывающие обстоятельства дорожно-транспортного происшествия. В статье изложены недостатки существующей практики, наблюдаемые в деятельности следователей, их анализ, разработка и устранение, а также конкретные рекомендации по правильному проведению этой следственной деятельности в случаях нарушений правил дорожного движения и использования транспортных средств, а также получения вещественных доказательств.

Давлатов Бахтиёр Саидакбарович – к. ю. н., доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятелности юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 933-87-87-86; E-mail: bakhtiyor_20@mail.ru

Файзуллозода Айнулло Кудратулло – ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятелности юридического факультета Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 988-56-46-55; E-mail: Aynullo@mail.ru

CRIME SCENE INSPECTION DURING INVESTIGATION OF CRIMES RELATED TO TRAFFIC VIOLATIONS: PRACTICAL AND THEORETICAL PROBLEMS

Keywords: inspection; scene of the incident; evidence; traffic rules; vehicles; evidence; direction of travel; use of vehicles; obtaining evidence; road traffic accident; tire tracks; investigator; roads; road signs.

Annotation. This article examines and analyzes crime scene inspection, its role and significance in solving and investigating crimes, its procedures, and obtaining evidence from crime scenes, among other situations. The article addresses the issues of traffic violations, crime scene inspections resulting from such offenses, determining the direction of vehicle travel, and methods for obtaining evidence, such as tires, glass fragments, and other evidence revealing the circumstances of a traffic accident. The article outlines the shortcomings of current practices observed by investigators, their analysis, development, and elimination, as well as specific recommendations for the proper conduct of these investigative activities in cases of traffic violations and vehicle use, as well as for obtaining physical evidence.

Davlatov Bakhtiyor Saidakbarovich – Candidate of Law, Associate Professor, Department of Criminalistics and Forensic Activity, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 933-87-87-86. E-mail: bakhtiyor_20@mail.ru

Fayzullozoda Aynullo Qudratullo – Assistant in the Department of Criminalistics and Forensic Activity, Faculty of Law, Tajik National University. Phone: (+992) 988-56-46-55. E-mail: Aynullo@mail.ru

БОБОЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДНАИМ,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: (+992) 92-799-59-29. E-mail: muhammadjon97bobozoda@mail.ru

ТДУ: 343. 985

ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ҲАНГОМИ ПУРСИШИ НОБОЛИҒОН

Калидвожаҳо: воситаҳои техникӣ; сабти овоз; сабти навори видеоӣ; пурсиши гумонбаршудаи ноболиғ; далелҳои шайъӣ; тайёрӣ ба пурсиш; муҳити оила.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ ҷорӣ намудани истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ манъ карда нашудааст, таҳқиқи намуда муҳимияти онро бо якчанд асосҳо пешниҳод кардааст.

Хусусиятҳои ташкили истифодаи сабти овоз ва навори видеоӣ ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ дар мақолаи мазкур баррасӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, зарурияти таҳлили меъёрҳои махсуси Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба миён меояд. Мақсад аз ҷорӣ намудани истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ бо он асоснок карда мешавад, ки ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ роҳи мустаҳкамнамоии амалӣ мазкур ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ мумкин аст воситаҳои техникӣ, усулҳои илман асосноки ошкоркунӣ, бақайдгирию сабт ва ёфта гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ истифода шаванд[791]. Бо назардошти маълумотҳои оморӣ, тамоюли мусбати коҳиши афзоиши ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғон, қайд кардан ба мавриди аст, ки беназоратӣ, бепарастории аз тарафҳои калонсолон шарти зарурӣ барои рафтори ҷиноятии ноболиғон маҳсуб меёбад[792].

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, пурсиш амали асосии тафтишӣ мебошад, ки бисёр олимони соҳа ба он ишора мекунанд[793]. Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои ноболиғон тактикаи

[791] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[792] Родивилина В.А., Сизова М.С. Несовершеннолетний и преступление. Влияние информационной среды // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России. – 2020. – №2 (93). – С. 190.

[793] Варданян А.В., Говоров А.А. Общие положения допроса подозреваемых, обвиняемых по делам о нецелевом расходовании бюджетных средств и средств государственных внебюджетных фондов // Вестник Восточно-Сибирского института Министерства внутренних дел России. – 2019. – №1 (88). – С. 127; Грибунов О.П., Ишигеев В.С. Актуальные вопросы теории и практики раскрытия и расследования серийных убийств // Российский следователь. – 2018. – № 9. – С. 5; Загорьян С.Г., Смолькова И.В. К вопросу соблюдения прав граждан при производстве допроса // Криминалистика: вчера, сегодня, завтра. – 2019. – № 3 (11). – С. 30; Конин В.В., Конин А.В. Значение криминалистики для успешной деятельности следователя // Вестник Восточно-Сибирского института Министерства внутренних дел России. – 2019. – № 3 (90). – С. 262, Лукошкина С.В., Буфетова М.Ш. Заключение и показания эксперта в российском уголовном судопроизводстве // Сибирские уголовно-процессуальные и криминалистические чтения. – 2019. – № 2 (24). – С. 37; Николюк В.В., Виноградова В.А., Антонов В.А. Регламентация в УПК РФ порядка производства следственных действий с участием малолетнего и несовершеннолетнего потерпевшего // Вестник Восточно-Сибирского института Министерства внутренних дел России. – 2017. – № 3 (82). – С. 41; Протасевич А.А. Основы тактики и технологии следственного

пурсиши гумонбаршудаи ноболиғро дуруст интихоб кардан зарур аст. Олим В.Л. Василев чунин ақида дорад, ки «муфаттиш бояд хусусиятҳои психологии шахсияти ноболиғонро хуб донад ва онҳоро ҳангоми интихоби усулҳои тактикии гузаронидани ин ё он амали тафтишӣ бо онҳо ба назар гирад»[794].

Бояд бо андешаи муҳаққиқ розӣ шуд, зеро ки агар муносибати равонӣ бо гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ барқарор карда нашавад ноболиғ вобаста ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ хеле кам, кутоҳ ва кӯшиш менамояд, ҳар чӣ зудтар ин амали мазкур ба итмом расад, ки дар натиҷа ҳолатҳои воқеии кирдори барои ҷамъият хафнок мумкин аст аз мадди назар дур монанд. Барои ин дар амалия муфаттишоне, ки бо гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ муошират ва ба ҳолати равонии онҳо қобилияти муносибат барқарор намудан доранд бояд парвандаҳои онҳоро тафтиш намоянд. Вале, ҳаст ҳолатҳое, ки бо якчанд омилҳо, одатан субъективӣ, масалан, нокифоя будани вақт барои омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ, таҷрибаи ками корӣ парвандаҳои ноболиғон пеш бурда мешаванд.

Дар аксари ҳолатҳо барои гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ пурсиш дар ҳолати ҳаёҷони рӯҳӣ баргузор мегардад, бинобар ин, оиди барқарор кардани робитаи психологӣ ба муфаттиш тайёрии муайян вобаста ба гузаронидани пурсиш лозим аст[795]. Бояд шахсияти ноболиғ, доираи дӯстон, муносибат бо ҳамсолон, муваффақиятҳо дар раванди таҳсил дар муассисаи таълимӣ омӯхта шаванд, бо роҳбари синф дар бораи хислатҳои ноболиғ сӯҳбат намудан ба фоидаи кор хоҳад буд. Инчунин омӯзиши оила, муҳити оила, муносибат бо бародарон, мавҷудияти эътибор ба ноболиғ зарур аст. Ҳангоми тайёрӣ ба пурсиши ноболиғон муҳим аст, ки маводи парвандаи ҷиноятии дар тафтиши пешакӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти коршиносон, нишондоди ҷабрдида, шоҳидон пурра омӯхта шаванд.

Аз ин рӯ, ба мақомоти тафтиши парвандаҳои ҷиноятии аз тарафи ноболиғон содиршаванда тавсия дода мешавад, ки рӯйхати саволҳои асосии ба ноболиғон додашавандаро дар давраи тайёрӣ ба пурсиш тартиб диҳанд.

Бисёре аз муаллифон бар ин назаранд, ки бояд ба фароҳам овардани муҳити дӯстона ҳангоми гузаронидани пурсиш диққат дод, то дар зеҳнӣ ноболиғон ба муфаттиш ҳамчун инсон наздикӣ пайдо шавад[796]. Инчунин набудани шахсони бегона, иҷозати гумонбаршудаи ноболиғ барои иштироки шахсони муайян, муҳити мувофиқ ва бароҳат ва ғайра барои пурсиш[797]. Ақидаи аввал каме яктарафа аст, зеро ноболиғон, пеш аз ҳама, муфаттишро ҳамчун шахси мансабдор, мутахассис қабул мекунанд. Андешаи дуюм комилан дуруст нест, зеро пурсиши ноболиғ дар «набудани шахсони бегона» ғайриимкон аст, зеро махсусан

допроса: монография. – Иркутск: БГУЭП, 2006. – С. 25; Смирнова И.Г. Россия – Монголия, Россия – Китай: особенности международного сотрудничества по уголовным делам // Вестник Томского государственного университета. Право. – 2017. – № 23. – С. 85, Степаненко Д.А., Егерев И.М. Тактические приемы допроса, предшествующего предъявлению для опознания, связанные с трудностями в описании признаков ранее воспринимавшихся лиц // Вестник Сибирского юридического института МВД России. – 2009. – № 3 (5). – С. 112; Фойгель Е.И. Установление психологического контакта с адвенальными лицами в процессе производства коммуникативных следственных действий // Академический юридический журнал. – 2019. – № 1 (75). – С. 30.

[794] Васильев В.Л. Юридическая психология: учеб. для вузов. – 6-е изд. – СПб.: Питер, 2009. – 413 с.

[795] Соколов А.Б., Шаевич А.А., Васильева М.А. Установление психологического контакта с несовершеннолетним при использовании видеозаписи в ходе его производства // Актуальные проблемы современного права: сб. материалов Междунар. круглого стола. – М.: РГУТиС, 2020. – С. 550.

[796] Алексеева С.О., Понамаренко Е.Р. Особенности тактики допроса несовершеннолетних // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2019. – № 4. – С. 81.

[797] Сапова А.Г. Тактические особенности допроса несовершеннолетних подозреваемых (обвиняемых) // Научные исследования. – 2018. – № 4 (23). – С. 43.

барои ноболиғон ҳимоятгар, омӯзгор ё равоншинос ва ҳатто худи муфаттиш шахсони бегона мебошанд.

Дар қисми тайёрӣ ба пурсиш, омӯзиши шахсияти ноболиғ афзалияти бештар дорад. Агар ҳангоми омӯзиши шахсияти ноболиғ маълум шавад, ки ӯ қаблан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буд ё ҳатто маҳкум шуда буд, пас ба чунин ноболиғон истифодаи гуфтаҳои боло номувофиқ мебошад, зеро рафтори онҳо аз онҳое, ки бори аввал ҷиноят содир кардаанд, фарқ мекунад.

Дар моддаи 429 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби гузаронидани пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғро танзим мекунад. Оиди истифодаи сабти овоз ва видео ҳангоми пурсиш дар моддаи 201 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Вале, оиди истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми пурсиши ноболиғон дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ тиқби талаботҳои умумии меъёрҳои қонунгузорӣ ба роҳ монда мешаванд.

Мутобиқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 201 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «бо қарори муфаттиш ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида сабти овоз ва видео истифода шуда метавонад. Сабти овоз ва видео метавонад ҳамчунин бо хоҳиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида истифода гардад. Муфаттиш дар бораи сабти овоз ва видео қарор қабул мекунад ва дар ин бобат ба пурсишшаванда то оғози пурсиш хабар медиҳад».

Аз талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бармеояд, ки истифодаи сабти овоз ва видео ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ бо қарори муфаттиш, ки дар пешбурдаш парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон қарор дорад қабул карда мешавад ва он бояд пеш аз гузаронидани амали пурсиш иштирокчиёнро оиди истифодаи сабти овоз ё навори видео огоҳ намояд.

Инчунин бояд сабти овоз ва навори видео, ки ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ истифода бурда мешавад бояд тамоми рафти пурсишро дар бар гирад на ин ки як қисми онро. Ғайр аз ин, бо мақсади сабти овоз ё новори видеои такроран гузаронидани амалҳоро қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ манъ намудааст. Аз ин лиҳоз, амали пурсиш низ бо ин мақсад мумкин нест такрор гузаронида шавад.

Вале, ҳангоми тафтиши парвандаҳо муфаттишон, ҳангоми пурсиши иштирокчиёни ноболиғи мурофиаи ҷиноятӣ онҳо сабти овоз ва навори видеоиро хеле кам истифода мебаранд. Сабаб ин аст, ки набудани малакаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ, нокифоя будани воситаҳои техникӣ, зиёд шудани эҳсосоти пурсишшаванда ҳангоми сабти овоз ё наворгирӣ, тарси хатогиҳои техникӣ ва ғайра вобаста буда метавонад. Ҳолти мазкур мумкин аст аз ҷониби худи ноболиғон ва намояндагони қонунии онҳо оиди рад кардани истифодаи сабти овоз ва навори видео пурсиш буда метавонанд. Дар ин ҳолат, масъалаи сабаби рад кардани истифодаи техникаҳои криминалистиро ҳангоми пурсиши онҳо равшан кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Ба андешаи С.Б. Россинский, «навори видео ба шумораи воситаҳои техникӣ ва усулҳои ошкор, сабт ва гирифтани изи ҷиноят ва далелҳои моддӣ мансуб аст»[798]. Истифодаи наворбардорӣ ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ кумаки назаррас мерасонад ва аҳаммияти далелӣ дорад, ки

[798] Россинский С.Б. О практике разграничения вещественных доказательств и приложений к протоколам «невербальных» следственных действий // Библиотека криминалиста. – 2015. – № 2 (19). – С. 375.

дар амалия ҳолатҳое мешаванд, ки гумонбаршудаи ноболиғ аз нишондоди худ даст мекашад. Дар чунин ҳолатҳо, агар сабти видеоии пурсиш мавҷуд бошад, он метавонад баъдтар ҳангоми пурсиши гумонбаршудаи ноболиғ дар суд пешниҳод карда шавад. Кӯшишҳои таъсири равонии намояндаи қонунӣ ба ноболиғ дар ҷараёни пурсиш сабт карда мешаванд. Баъзе аз муаллифон бар ин назаранд ҳастанд, ки наворҳои видеоии амалҳои тафтишӣ бо иштироки ноболиғон метавонанд объекти мустақили экспертизаи таъсири психологӣ бошанд[799]. Имрӯзҳо гузаронидани экспертизаҳои судӣ-психологӣ маъмул шуда истодааст, ки объекти таҳқиқи онҳо сабтҳои видеоӣ бо нишондодҳои сабтшуда мебошанд[800].

Вале, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «воситаҳои техникӣ» - ро пешниҳод накардааст, доираи онҳо муайян карда нашудааст, танҳо он чизе, ки бо ёрии онҳо аксбардорӣ, сабти овоз ва видео ё қолабгирӣ ва нақшгирӣ мумкин аст, пешбинӣ шудааст. Мантиқан ба воситаҳои техникӣ дохил кардани камераи видеоӣ, камераи рақамӣ, телефони мобилӣ, ноутбук, веб-камера ва ғайра шомил буда метавонанд). Аммо аз тарафи дигар, бо такя ба натиҷаҳои илмӣ бо истифодаи телефонҳои мобилии шахсӣ барои истифодаи онҳо дар шакли воситаи техникӣ барои сабти ҷараён ва натиҷаҳои амали тафтишӣ, аз ҷумла пурсиши ноболиғон, бо далели он, ки навори видеоиро одамони бегона тамошо карда метавонанд ё он метавонад тамоман гум шавад тавсия дода намешавад. Баъзе муаллифон чунин ақида доранд, ки дар идоракунии видеои пурсишҳои ноболиғон веб-камераро бо сабаби дастрасӣ, осонии истифода, хурд будани он истифода бурдан қобили қабул мебошад[801].

Аммо, мо бо ин ақидаи олимон розӣ нестем, зеро веб-камера ҳамчун воситаи техникӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ харидорӣ карда намешавад, ки дар натиҷа муфаттиш бояд маблағҳои худро барои хариди он сарф кунад. Арзиши веб-камера гарон мебошанд. Дигар ин аст, ки барои таъмини кардани веб-камера то ин ки аз як муфаттиш ба муфаттиши дигар, бояд ба ҳар як муфаттиш ё ҳадди аққал барои як кабинет гирифтани ин воситаи техникӣ зарур мебошад. Сеюм, вобастагии гузаронидани амали тафтишӣ бо истифодаи воситаи техникӣ аз ҷониби дигар муфаттишонро ба назар гирифтан лозим аст. Чорум, дар баъзе ҳолатҳои барои танзими веб-камера мутахассисонро ҷалб кардан лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки қариб ҳама телефони мобилӣ бо камера ва камера доранд ва истифодаи он ҳеҷ мушкиле надорад, ин як далели муҳим дар истифодаи он аст, зеро масъалаи ҷалби мутахассис аз байн меравад. Ғайр аз он, хусусиятҳои камераҳо, вобаста аз тамға ва модели телефон, хеле гуногунанд ва ба ҳама талаботҳои зарурӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Телефонҳои мобилӣ ҳамеша бо худ нигоҳ дошта мешаванд, бинобар ин аз дигар муфаттишон қарз гирифтан ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ лозим нест.

Ҳангоми наворгии видеоии пурсиши ноболиғ, ҷойи беҳтаринро барои ҷойгир кардани воситаи техникӣ интихоб кардан лозим аст, то ки ҳамаи шахсони дар пурсиш

[799] Крутова В.В., Поликарпова О.С. Судебно-психологическое исследование воздействия законного представителя на несовершеннолетнего (на примере экспертизы видеозаписей) // Комплексная психолого-психофизиологическая судебная экспертиза: современное состояние и перспективы развития: сб. ст. Междунар. науч.-практ. конф., 2016 г. – Калуга, 2016. – С. 130.

[800] Шаевич А.А., Родивилина В.А., Соколов А.Б. Тактические и организационные особенности организации применения видеозаписи при производстве допроса несовершеннолетнего // Научный дайджест Восточно-Сибирского института МВД России. – 2019. – № 2 (2). – С. 220.

[801] Карелина С.Н. Применение видеосъемки в ходе допроса несовершеннолетнего // Вопросы студенческой науки. – 2017. – № 15. – С. 101, Соколов АБ. Организация и процедура применения видеосъемки в ходе допроса несовершеннолетнего // Уголовное право. – 2016. – № 2. – С. 127.

иштироккунанда бо кадр фаро гирифта шаванд ва худи ноболиғи пурсишшаванда тавре ҷойгир карда шавад, ки сар, дастҳо, бадан ва пойҳои ӯ намоён бошанд[802]. Ҳолати мазкур барои сабти рафтори шахси пурсишшавандаи ноболиғ хеле муҳим мебошад. Мисол, имову ишора, мимика, тарзи суханронӣ, худро идора кардани ноболиғ ва ғайраҳо.

Ба назар чунин мерасад, ки сатҳи муосири рушди пешрафти техникӣ имкон медиҳад, ки воситаҳои гуногуни техникии сабт, алахусус сабти видеоӣ (то чӣ андоза истифодаи ҳамаҷонибаи он сурат мегирад) васеъ истифода шаванд. Зеро, ки сабтҳои видеоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти исботнамоӣ доранд.

Зарурати ҳатмии сабти видеоии пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ бо шарти пешниҳоди минбаъдаи он дар маҷлиси судӣ, инчунин эҳтимоли гузаронидани таҳқиқотҳои гуногун, масалан, гузаронидани экспертизаҳо[803] муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, мо қобили қабул мешуморем, ки моддаи 429 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 2 бо мазмуни зерин «Истифодаи сабти овоз ва видео ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ ҳатмист» ворид карда шавад. Маводҳои сабти овоз ва видео дар парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ пурра дошта мешаванд.

Имкониятҳои техникӣ ва мурофиавии истифодаи воситаҳои муосири техникӣ аз ҷониби муфаттишон ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла бо иштироки ноболиғон бояд пурра риоя карда шаванд. Дар маҷмуъ, қайд кардан лозим аст, ки раванди тафтиши ҷиноятҳо аз як қатор омилҳо вобаста аст, ки ба ғайр аз истифодаи босифати воситаҳои илмию техникӣ, сатҳи муайяни малака ва маҳорати онҳое, ки воситаҳои техникиро истифода мебаранд, вобастагии калон дорад. Истифодаи наворгирии видеоӣ дар раванди пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ на танҳо ҷараён ва натиҷаҳои амали тафтишро инъикос мекунад, балки рафтори пурсишшавандаро қайд мекунад, кафолати набудани таъсири психологии намояндаи қонуниро ба гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ таъмин месозад.

Муқарриз: н. и. ҳ., дотсент Қодирзода Д.С.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

2. Алексеева, С.О., Понамаренко, Е.Р. Особенности тактики допроса несовершеннолетних [Текст] / С.О. Алексеева, Е.Р. Пономаренко // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2019. – № 4. – С. 80-84.

6. Абдуллозод, М.А., Сангинзода, Д.Ш. Мушкилоти ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи энергетика дар давлатҳои хориҷӣ ва тавсияҳо барои такмили қонунгузории Тоҷикистон [Матн] / М.А. Абдуллозод, Д.Ш. Сангинзода // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон / зери назари умумии н. и. ҳ., дотсент Насуриён П.А., д. и. ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 222-226.

7. Бородина, Ж.Н. Смарт-контракт: особенности правовой конструкции [Текст] / Ж.Н. Бородина // Право и образование. – 2023. – №5. – С. 73-79.

8. Дудко, А.Е. Применение смарт-контрактов в сфере здравоохранения [Текст] / А.Е. Дудко // Наука и молодежь: материалы XXI Всероссийской научно-технической конференции студентов, аспирантов и молодых ученых. – Барнаул, 2024. – С. 205-207.

9. Емельянова, А.А. Правовая природа смарт-контракта и проблема обеспечения безопасности его данных [Текст] / А.А. Емельянова // Вестник образовательного консорциума Среднерусский университет. Серия: Юриспруденция. – 2024. – № 24. – С. 29-31.

10. Золоторёва, М.М. Смарт-контракты в российском праве: актуальные аспекты правового регулирования, проблемы реализации [Текст] / М.М. Золоторёва // Альманах молодого исследователя. – 2021. – № 11. – С. 45-48.

11. Камалян, В.М. Технологический и правовой аспекты смарт-контракта [Текст] / В.М. Камалян // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2020. – №8 (72). – С. 144-157.

12. Кацубо, П.И. Смарт-контракты в сфере интеллектуальной собственности [Текст] / П.И. Кацубо // Интеллектуальная собственность в современном мире: вызовы времени и перспективы развития: материалы III Международной научно-практической конференции: в 3 ч. – Минск, 2023. – С. 47-52.

13. Лучникова, К.А. Информация как объект смарт-контракта [Текст] / К.А. Лучникова // Бизнес, Менеджмент и Право: материалы I Международной научно-практической конференции молодых ученых и студентов. – Екатеринбург, 2022. – С. 178-182.

14. Рахметулина, Б.С. Искусственный интеллект в частном праве: анализ автоматизации заключения договоров и правовые последствия использования смарт-контрактов [Текст] / Б.С. Рахметулина // Становление и развитие профессии юриста: наследие поколений: сборник научных трудов по материалам II Всероссийской научно-практической конференции. – Тамбов, 2025. – С. 364-371.

15. Сангинзода, Д.Ш. Цифровая дипломатия: правовые аспекты // Osiyo va Avrupo. — 2025. – 11 апреля. – [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://osiyoavrupo.tj/ (дата обращения: 19.03.2026).

16. Сангинзода, Д.Ш., Рофиева, А.Ҳ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таъсири зеҳни сунъӣ ба рушди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, А.Ҳ. Рофиева // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон / зери назари умумии н. и. ҳ., дотсент Насуриён П.А., д. и. ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 66-73.

17. Сангинзода, Д.Ш., Давлатмандзода, Э.Д. Нақши иқтисоди рақамӣ, инноватсия ва зеҳни сунъӣ дар пайдоиши соҳаҳои нави соҳибкорӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, Э.Д. Давлатмандзода // Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ / зери таҳрири профессор Мирзозода П.З., дотсент Давлатманзода Э.Д. – Душанбе: Матбааи Моҳи-Мунир, 2025. – С. 63-78.

18. Сангинзода, Д.Ш., Мансури, Ш.Д. Электронное правительство: правовой аспект [Текст] / Д.Ш. Сангинзода, Ш.Д. Мансури // Государствоведение и права человека. – 2025. – № 2. – С. 180-189.

19. Сангинзода, Д.Ш., Мансурӣ, Ш.Ҷ., Маҳмашарифзода, А.М Ҳуқуқи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / Д.Ш. Сангинзода, Ш.Ҷ. Мансурӣ, А.М. Маҳмашарифзода. – Душанбе, 2025. – 344 с.

20. Сангинзода, Д.Ш. Масъулият барои амалҳои зеҳни сунъӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва технологӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. – №4 (24). – С.136-145.

НАҚШИ СМАРТ-ШАРТНОМАҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: смарт-шартнома; ҳуқуқи инноватсионӣ; ҳуқуқи иттилоотӣ; ҳуқуқи рақамӣ; смарт-контракт; иқтисоди рақамӣ; блокчейн; технологияи тақсимоти реестр; иҷрои автоматии шартнома; танзими ҳуқуқӣ.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили табиати ҳуқуқии смарт-шартнома ва муайян кардани нақши он дар рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили меъёрҳои амалкунандаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни «Дар бораи савдои электронӣ», Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ имкониятҳо ва маҳдудиятҳо барои ҷорӣ намудани смарт-контрактҳо дар гардиши граждании миллӣ баррасӣ карда мешаванд. Таносуби сохтори анъанавии шартномавӣ бо смарт-шартнома таҳлил гардида, ҷанбаҳои мушкилотӣ, аз қабили муайян кардани лаҳзаи бастани шартнома, имконияти рад кардани яктарафа ва механизми ҳифзи судии ҳуқуқҳои вайроншуда ошкор карда мешаванд. Зарурати ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла эътирофи рамзи барномавӣ ҳамчун шакли ифодаи ирода ва муайян кардани мақоми гиреҳҳои шабакаҳои блокчейн асоснок карда мешавад. Хулосаҳои мақола метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ оид ба рақамикунонии гардиши граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Сангинзода Дониёр Шомахмад – профессори кафедраи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. Тел.: (+992) 980-85-07-07. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Саидзода Давлатали Ҳокимҷон – аспиранти факултети идораи давлатӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел.: (+992) 112-66-66-58. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

THE ROLE OF SMART CONTRACTS IN THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: smart contract; innovation law; information law; digital law; smart contract; digital economy; blockchain; distributed ledger technology; automatic contract execution; legal regulation.

Annotation. The article is devoted to the analysis of the legal nature of smart contracts and determining their role in the development of the digital economy of the Republic of Tajikistan. Based on the analysis of the current norms of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the Law «On Electronic Commerce», the Concept of the Digital Economy and the Strategy for the Development of Artificial Intelligence, the possibilities and limitations for the introduction of smart contracts into national civil circulation are examined. The correlation between the traditional contractual structure and the smart contract is studied, and problematic aspects such as determining the moment of contract conclusion, the impossibility of unilateral refusal, and the mechanism of judicial protection of violated rights are identified. The necessity of amending the current legislation, including the recognition of program code as a form of expression of will and determining the status of blockchain network nodes, is substantiated. The conclusions of the article can be used in legislative activities on the digitalization of civil circulation in the Republic of Tajikistan.

Sanginzoda Doniyor Shomakhmad – professor of the Department of Entrepreneurship and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University, Doctor of Legal Sciences, Professor. Phone: (+992) 980 85-07-07. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru.

Saidzoda Davlatali Khokimjon – postgraduate student of the Faculty of Public Administration and Law, Dangara State University. Phone: (+992) 112-66-66-58. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru.

5.5.14. ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

СОИБ ЗАЙНИДДИН МАҲМАДШАРИФЗОД,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: (+992) 985116699. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

АЗИЗОВ САҶҶОД АМИРШОЕВИЧ,
докторант PhD-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907-55-55-37. E-mail: azizovsajjod@gmail.com

ТДУ: 42.924:338.439

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАҲДИДҲО БА АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ; идоракунии давлатӣ; танзими ҳуқуқӣ; самаранокӣ; таҳдид; омил; иқтисодиёт; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; бӯҳрон.

Аннотатсия. Таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ яке аз намудҳои таҳдидҳо ба ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ дорад. Масъалаи мазкур ҷанбаҳои гуногун дошта, ки миёни онҳо ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии он ниҳоят муҳим аст. Дар доираи мақолаи мазкур хусусиятҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ин намуди таҳдид баррасӣ гардида, вобаста ба он андешаҳои муаллифӣ баён гардиданд.

Таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи таҳдидҳое маҳсуб меёбад, ки дар баробари таҳаввул ва рушди ҷомеа ҷой дошт, ки дар шароити муосир низ аз ҷумлаи мушкилиҳои ҷомеаи муосири инсонӣ мебошад. Дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ дар шаклҳои мухталиф ҷой доштанд. Яъне, бо рушду пешрафти инсоният ва ҷомеа таҳдидҳои мазкур шакли дигар гирифта, намудҳои нав ба навро эҷод менамояд. Чунончи, агар дар гузашта таҳдиди асосӣ ба амнияти озуқавориро офатҳои табиӣ ва шароитҳои номусоиди иқлимӣ, ҳодисаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ташкил медоданд, дар замони муосир бошад, омилҳои асосии мушкилоти озуқаворӣ, ки ҳамчун таҳдидҳо ба амнияти он унвон мегарданд, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад[865]. Бинобар ҳамин, айни замон дар робита ба амнияти озуқаворӣ таҳдидҳои гуногун ҷой дорад, ки ба рушди соҳаи озуқа ва ҳамзамон масъала ва соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ монеагӣ менамоянд.

Барои фаҳмиши дурусти таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ, зарур аст, ки мафҳуми он муайян карда шавад. Истилоҳи «таҳдид» аз ҷумлаи мафҳумҳоест, ки дар ҳаёти рӯзмарра бо он ба таври доимӣ рӯ ба рӯ метавон шуд. Мафҳуми мазкур аз нигоҳи равишҳои мухталиф метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Қайд намудан зарур аст, ки мафҳуми «таҳдид» бо мафҳумҳои «хатар», «хавф» ва мисоли инҳо мазмуни умумӣ доранд. Дар адабиёти илмӣ низ дар баробари мафҳуми таҳдид, инчунин истилоҳоти мазкурро низ ба таври васеъ истифода гардидаанд. Аммо дар

[865] Бандарева С.А. Продовольственная безопастность: учебное пособие. – Волгоград: Изд-во Волгоградского института управления – филиала РАНХиГС, 2021. – С. 8.

доираи қонунгузорӣ ва илмҳои гуногун маъмулан истилоҳи таҳдид дар алоқамандӣ бо масъалаи амнияти ин ё он соҳа ва ё объект истифода мегардад.

Истилоҳи «таҳдид» дар асоси арзёбии илмӣ ҳолат ва зуҳуроте мебошад, ки дар сурати ҷой доштани онҳо, ба субъекти муайян ва ё ин ё он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонад зарар расонида шавад[866].

Як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ зимни таҳлили масъалаи таҳдидҳо бо амнияти соҳаҳои ҷамъиятӣ (хусусан амнияти иқтисодӣ), ба хулоса омадаанд, ки мафҳуми таҳдид ба мазмуни аслиаш таҷассумгари шароитҳо ва омилҳои муайян мебошанд[867].

Дар алоқамандӣ бо мафҳум ва моҳиятани таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ андешаҳои мухталифи илмӣ ҷой доранд, ки аз лиҳози асосҳои мухталиф муайян гардидаанд. Чунончи, дар яке аз адабиёти илмӣ иброз гардидааст, ки «таҳдидҳо амнияти озуқаворӣ – ин маҷмуи шароит ва омилҳое мебошанд, ки ба коҳиши нишондодҳои амнияти озуқавории кишвар равона мегарданд»[868].

Дар адабиёти дигар таҳти мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ «маҷмуи шароти ва омилҳое, ки ба харобшавии вазъи таъминоти маҳсулоти ғизоӣ, коҳиши дастрасии маҳсулоти ғизоӣ барои аҳолии бештари кишвар равона мегарданд» муайян шудааст[869].

Муҳаққиқон ва таҳлилгарон таҳдидҳо ба амнияти озуқавориро ҳамчун шароитҳо ва омилҳо дуруст муайян намудаанд, ки мо низ бо чунин андеша мувофиқ ҳастем. Зеро мафҳумҳои шароитҳо ва омилҳо метавонанд мафҳумҳои дигарро, аз ҷумла равандҳо, ҳолат, таъсиррасонӣ, муҳит ва ғ.-ро зимни фаҳмиши таҳдидҳо ба амнияти зикршуда фаро гиранд.

Муҳаққиқи ватанӣ А.С. Носиров дар доираи таҳлили масъалаи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, ки дар иртиботи зич бо амнияти озуқаворӣ қарор дорад, дуруст қайд намудааст, ки «дар дарки мазмуни таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ мафҳумҳои шароитҳо ва омилҳо ҷойи махсусро ишғол намуда, муҳим мебошанд. Шароитҳо дар ин маврид амалҳои ғайрифаъол ва мафҳуми омилҳо бошад, амалҳои хусусияти фаъолнокидоштаро ифода мекунанд, ки барои ба миён омадани таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд. Шароитҳо ҳамчун амалҳои ғайрифаъол ба рушду устувории иқтисодиёт маҳдудиятҳо ва монеаҳо мегузорад. Чунончи, бе асос манъ намудани фаъолияти озоди иқтисодӣ, надодани иҷозатнома бароои амалисозии фаъолият дар соҳаи иқтисодӣ ва ғ.»[870].

Ба чунин андешаи илмӣ мо низ розӣ ҳастем, ки асоси таҳдидҳо ба амнияти озуқавориро шароитҳо ва омилҳои муайян ташкил медиҳанд, ки хусусияти фаъолнокӣ ва ғайрифаъолро касб намуда, дар шаклҳои мухталиф ҷой доранд ва амнияти озуқавории кишварро халалдор намуда, таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими масъалаҳои вобаста таъмини амнияти озуқаворӣ Қонуни алоҳида, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 671 қабул гардидааст, ки дар он муқаррароти мушаххас, хусусан мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ пешбинӣ нагардидааст. Дар

---

[866] Матчанов З.Ш. Понятие «угроза» в свете аутуальных проблем права международной безопасности и отдельных положеный теории соцальной травмы // Образование и право. – 2019. – № 8. – С. 61

[867] Носиров А.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2025. – С. 41; Оганян В.А. Классификация вызовов и угроз экономической безопасности индивидуальных предпринимателей, использующих интеллектуальные активы // Фундаментальные и прикладные исследование. Научно-теоретический журнал. – 2022. – № 1. – С. 132

[868] Яшкова Н.В., Чумаков В.Н. Угрозы и риски продовольственной безопасности // Журнал правовых и экономических исследований. – 2018. – № 2. – С. 246

[869] Сергеева И.А., Сергеев А.Ю. Угрозы продовольственной безопасности России // Продовольственная политика и безопасность. – 2014. – Т. 1. – № 1. – С. 14

[870] Носиров А.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2025. – С. 41.

Қонуни мазкур мафҳуми бӯҳрони озуқаворӣ муқаррар гардидааст, ки то андозаи муайян дар алоқамандӣ бо таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ қарор дорад. Тибқи он «бӯҳрони озуқаворӣ – вазъияте, ки таъмини аҳолӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим тибқи меъёрҳои физиологии истеъмоли озуқа дар ҳудуд ё қисми зиёди ҳудуди давлат таҳти хатар қарор дошта, хатари мазкур танҳо бо истифодаи чораҳои танзими давлатӣ, дар мавриди зарурат бошад, бо иштироки ташкилотҳои байналмилалӣ бартараф карда мешавад»[871].

Чунин мафҳум барои амнияти озуқавории кишвар то андозаи муайян муҳим аст. Аммо ба назари мо бояд дар сатҳи Қонуни мазкур мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ муқаррар карда шавад. Хусусан, дар қонунгузории кишвар мафҳуми таҳдидҳо ба амният муқаррар гардидааст ва пешбинӣ намудани мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ дар санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, №671, ба такмили мазмуни Қонуни мазкур мусоидат менамояд. Бо назардошти ин, мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ ба таври зайл муайян мегардад: «таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ – маҷмуи шароитҳо ва омилҳое мебошанд, ки вазъи муътадили амнияти озуқаворӣ халалдор менамояд».

Таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ гуногун буда метавонанд ва аз лиҳози асосҳои муайян ҷудо мегарданд. Тавре аз амалияи байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунанда бармеояд, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, ки амнияти озуқаворӣ ҷузъи таркибии он маҳсуб меёбад, ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мегарданд. Дар шароити муосир таҳдидҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ ҷой доранд, ки вазъи амнияти озуқавории кишварро метавонанд халалдор намоянд. Чунончи, дар асоси андешаҳои ҷойдошта таҳдидҳои дохилӣ ба амнияти озуқавориро метавон ба таври зайл муайян намуд: сатҳи пасти даромади воқеии аҳолӣ, ихтисоргардии шумораи шаклҳои хурди хоҷагидорӣ, сатҳи пасти рақобатпазирии саноати хурокворӣ ва маҳсулоти кишварзӣ, руштнаёбанда будани инфрасохтори бозори озуқаворӣ, афзоиши бекорӣ[872], норасоии захираҳои моддӣ, баландравии нархи озуқаворӣ, маҳдуд намудани дастрасӣ ба маҳсулоти ғизоӣ, вобастагӣ аз воридоти маҳсулот[873], сатҳи пасти рушди соҳаҳое, ки соҳаи кишварзиро бо захираҳои моддӣ-техникӣ таъмин мекунанд[874] ва ғ. Ин таҳдидҳо дар дохили кишварҳо ба миён омада, бо омилҳо ва шароитҳои дохилидавлатӣ алоқаманд мебошанд.

Таҳдидҳои беруна бошанд, аз омилҳо ва шароитҳои номусоиди берунӣ, ки хатар ва зарари онҳо метавонад аз доираи амнияти озуқаворӣ берун баромада, ҳатто истиқлолият ва тамомияти арзии кишварро метавонад халалдор намоянд[875]. Дар асоси таҳлилҳои ҷойдошта, дар замони муосир, яъне асри XXI, як қатор омилҳое фазои озуқавории ҷомеи башариро ба ташвиш овардааст, ки новобаста аз ҳудуди муайяни кишварҳо, ҳамчун таҳдиди берунии хусусияти глобалидошта дар ин самт маҳсуб меёбанд. Ба монанди, зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар кураи Замин, тағйирёбии иқлим, афзоиши офатҳои табиӣ ва

[871] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, №671 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 08.09.2025).

[872] Уланова О.И. Риски и угрозы продовольственной безопасности России // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 31. – С. 134.

[873] Шибахина Е.А. Угрозы продовольственной безопасности, их влияние на систему экономической безопасности России // Естественно-гуманитарные исследования. – 2023. – № 5 (59). – С. 318.

[874] Яшкова Н.В., Чумаков В.Н. Угрозы и риски продовольственной безопасности // Журнал правовых и экономических исследований. – 2018. – № 2. – С. 249.

[875] Шибахина Е.А. Угрозы продовольственной безопасности, их влияние на систему экономической безопасности России // Естественно-гуманитарные исследования. – 2023. – № 5 (59). – С. 318.

дигар[876]. Масалан, зиёдшавии шумораи аҳолии дунё талабот ба маводди зиёди озуқа афзун мегардад, ки дар аксар кишварҳо дастрасӣ ба чунин мавод боиси мушкилӣ гардидааст. Чунин раванд метавонад ба гуруснагӣ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон боис гардад. Вусъат гардидани гуруснагӣ низ яке аз таҳдидҳое мебошад, ки кайҳо боз дар ҷомеаи инсонӣ ҷой дорад[877]. Таҳдиди мазкур дар сатҳи ҷаҳонӣ низ ба таври расмӣ эълон гардидааст. Чунончи, дар Маърӯзаи рушди инсонии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1994 таҳдиди асосӣ ба амнияти озуқаворӣ гуруснагӣ ва камғизоӣ муайян гардида буд[878].

Дигар намуди таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ, ин вобаста иродаи инсонӣ аст, ки таҳдидҳои объективӣ ва субъективӣ муайян гардидаанд. Таҳдидҳои объективӣ он таҳдидҳое маҳсуб меёбанд, ки ба иродаи инсон вобастагӣ надоранд. Чунин таҳдидҳо офатҳои табиӣ, ба монанди паҳншавии бемориҳои ҳайвонот ва ғ. мебошанд. Таҳдидҳои субъективӣ ба амнияти озуқаворӣ бошад, таҳдидҳое мебошанд, ки бо иродаи инсонӣ, хусусан бо қарорҳои номуносиби идоракунӣ алоқаманд аст[879].

Албатта, таҳдидҳои дохилӣ гуногунанд, аммо мо бештар ба он таҳдидҳое таваҷҷуҳ менамоем, ки хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд ва бо танзими ҳуқуқии масъалаҳои вобаста таъмини самараноки амнияти озуқаворӣ ва ташкили идоракунии давлатӣ дар ин соҳа алоқаманданд. Таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ метавонад, дар заминаи дар сатҳи дахлдор танзим нагардидани масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ, холигиҳо дар онҳо, ғайрисамаранокии ташкил ва амалигардонии идоракунии давлатӣ, аз қабили ташкили номуносиби фаъолият дар хизмати давлатӣ, хусусан ба талаботи дахлдор ҷавобгӯ набудани сатҳи касбият ва салоҳиятнокии шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ, ташкили нодурусти фаъолияти банақшагирӣ вобаста масъалаҳои мухталифи соҳаи озуқа дар кишвар, муқаррар гардидани расмиётҳои мураккаби маъмурӣ дар иртибот ба субъектони дахлдор, ки фаъолияти онҳо бо рушди соҳаи озуқа ва таъмини амнияти он алоқаманд аст, дар сатҳи дахлдор ҷой надоштани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар самти рушди озуқа ва таъмини амнияти он, ҷой доштани омилҳои номатлуб, аз қабили пайваста содир гардидани кирдорҳои ғайриқонунӣ (чунончи содири амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ) ва омилу шароитҳои дигар ба миён оянд, ки инҳо ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ касб намуда, бо ғайрисамаранокии танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ рабт дорад.

Таъмини ҳамаҷониба ва самараноки амнияти озуқаворӣ дар баробари анҷом додани корҳои ташкилӣ ва мақсаднок, пеш аз ҳама таҳия ва такмили қонунгузорӣ, ба таври дигари санадҳои меъёрии ҳуқуқии устувори танзимкунандаи масъалаҳои вобаста ба соҳаи озуқавории кишварро талаб мекунад. Ин моҳиятан моҳиятан фароҳам овардани заминаи ҳуқуқиро барои таъмини самараноки амнияти озуқаворӣ фароҳм меоварад. Махсусан, таъмини амнияти озуқаворӣ тақозо менамояд, ки қонунгузорӣ дар ин самт пайваста такмил

[876] Бартенев В. Влияние санкционного давоения на продовольственную безопасность: традиционные и новые измерения // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.imemo.ru/ (санаи мурочиат: 10.09.2025).

[877] Дар асоси маълумоти расмии Созмони Милали Муттаҳид, дар соли 2025 дар ҷаҳон зиёда аз 670 миллион инсон аз гуруснагӣ азият мекашанд, ки сабабҳои асосии он низоъҳои ҳарбӣ, тағйирёбии иқлим, буҳрони иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва мушкилоти мухталиф дар соҳаи савдо мебошанд // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://avesta.tj/ (санаи мурочиат: 10.09.2025).

[878] Бандарева С.А. Продовольственная безопастность: учебное пособие. – Волгоград: Изд-во Волгоградского института управления – филиала РАНХиГС, 2021. – С. 8.

[879] Яшкова Н.В., Чумаков В.Н. Угрозы и риски продовольственной безопасности // Журнал правовых и экономических исследований. – 2018. – № 2. – С. 249.

дода шавад[880]. Таҷрибаи амали қонунгузорӣ дар кишварҳои дунё нишон медиҳад, ки як қатор омилҳо ва шароитҳое, ки мазмунан таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбанд, дар асоси мушкилоти бо қонунгузорӣ алоқаманд ташкил медиҳад. Чунин мушкилотро асосан холигӣ дар қонунгузорӣ, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии номуносиб, ки ба танзими дахлдори масъалаҳои вобаста амнияти озуқаворӣ равона намегарданд, ҳамчунин меъёрҳои ҳуқуқии «шахшуда», ки амалан татбиқ намегарданд, ташкил медиҳанд. Шакли маъмули чунин мушкилот ин холигӣ дар қонунгузорӣ мебошад. Чунин ҳолат ҳамчун нуқсон дар қонунгузорӣ муайян гардидааст[881].

Бо ҳамин мазмун, метавон як қатор асосҳоро муайян намуд, ки ҳамчун таҳдид дар заминаи танзими ҳуқуқии масъалаҳои вобаста таъмини самараноки амнияти озуқаворӣ эътироф карда шаванд ва хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ касб менамоянд. Пеш аз ҳама, ҷой надоштани муқаррароти меъёрӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ имкон фароҳам меоварад, ки танзими ҳуқуқии равандҳои гуногуни марбут ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар дар ҷой надошта бошад. Чунин ҳолат тавре зикр гардид холигӣ дар қонунгузорӣ буда, ҳамчун мушкилоти танзими ҳуқуқии масалаи мазкур унвон мегирад.

Ҳолати дигари вобаста мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаҳои вобаста таъмини самараноки амнияти озуқаворӣ ҳамчун таҳдиди хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқидошта, ин мухолифати байнимеъёрӣ дар қонунгузорӣ мебошад. Мухолифати байниҳамдигарии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷумлаи мушкилот дар соҳаи қонунгузорӣ мебошад, ки оқибатҳои гуногуни номуносибу баҳснок ва татбиқи нодурусти меъёрҳои қонунгузориро ба бор меоварад. Мухолифати байниҳамдигарии меъёрҳои ҳуқуқӣ мазмуни ба ҳам зид доштани меъёрҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, ки вобаста ба масъалаи мушаххас муқаррарот ва нишондоди гуногунро пешбинӣ менамоянд.

Давра ба давра мавриди такмил қарор нагирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба танзими муносибатҳои марбут ба таъмини амнияти озуқаворӣ ҳолати дигари мушкилӣ дар ин самт маҳсуб меёбад. Такмили қонунгузорӣ яке аз воситаҳои таъмини қонуният эътироф гардидааст[882], ки барои рушду устувории танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ амри зарурӣ мебошад. Такмили қонунгузорӣ дар таносуб аз ҳолатҳои болозикр мафҳуми васеътар буда, онҳоро (бартараф намудани холигиҳо ва мухолифати байнимеъёрӣ) низ фаро мегирад. Ҳамзамон, такмили қонунгузорӣ бо масъалаҳои дигаре чун ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки зарурияти сифати меъёрӣ бахшидани онҳо меояд, танзими мукаммал ва устувори муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ба инобат гирифтани «самаранокӣ»-и танзими ҳуқуқӣ (аз ҷумла тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), ҳамчунин, ба зимма гирифтани уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки инъикоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ талаб карда мешаванд, алоқаманд аст.

Таҳдидҳои дигари ба амнияти иқтисодӣ равонагардида, ки хусусиятҳои (ҷанбаҳои) маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ касб мекунад, ки таҳдидҳои вобаста ба ташкили номуносиби идоракунии давлатӣ мебошад. Албатта, идоракунии давлатӣ ифодагари раванди мақсадноки таъсиррасонии субъектони идоракунандаи давлатӣ ба объектони

[880] Ерасова Е.А., Ващенко К.И. Правовые и организационные основы продовольственной безопасности при становлении инновационной экономики: опыт России и ЕС // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2009. – № 6. – С. 68.

[881] Брохин А.В. Пробелы в законодательстве // Образование и право. – 2018. – № 5. – С. 301.

[882] Примак Т.К. Совершенствование законодательства как средство обеспечения законности (по материалам деятельности органов внутренних дел): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 18.

идорашавандаи идоракунии давлатӣ мебошад, ки хусусияти иҷроиявӣ-амрдиҳӣ ва зериқонунӣ дорад ва амалан фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ (ҳокимияти иҷроия)-ро инъикос менамояд. Дар заминаи идоракунии давлатӣ муқаррароти қонунгузорӣ дар амал татбиқ гардида, роҳбарии самаранок ва рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Дар шароити давлати мустақил ташкили идоракунии давлатии самабахш ҳама вақт талаб карда мешавад.

Новобаста аз соҳаҳои муайян, идоракунии давлатӣ ва амалисозии он шарти асосӣ ва аввалиндараҷаи иҷро гардидани вазифа ва амалишавии ҳадафҳои давлати муосир маҳсуб меёбад. Муҳиммият ва нақши хоссаро иҷро намудани идоракунии давлатӣ кайҳо боз дар сатҳи ҳуҷҷатҳои расмии давлатии кишвар пешбинӣ гардида буданд, ки такмил ва устувор намудани масъалаҳои мухталифи он таҳти таваҷҷуҳи махсус қарор гирифта, самтҳои афзалиятноки ислоҳоти он дар кишвар муайян гардида буданд. Чунончи, дар доираи як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қароргирифта, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва ба роҳ мондани ислоҳоти он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар алоқамандӣ бо идоракунии давлатӣ буданд, ки чунин самтҳои афзалиятноки он муайян гардидаанд: баланд бардоштани самарабахшии идоракунии рушди миллӣ; такмили сохтори самарабахшии идоракунии давлатӣ мутобиқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ; баланд бардоштани самарабахшии идоракунии молияи давлатӣ; таъсиси хизмати давлатии касбии муосир; рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ[883].

Ҳамзамон, таъмини рушд ва устувории идоракунии давлатӣ дар заминаи ҳуҷҷати дигари стратегии кишвар тавассути муайян намудани вазифагузориҳо дар соҳаи маҳдудсозӣ ва мутаносибгардонии функсияҳо ва салоҳият байни сатҳҳои марказӣ ва ҳудудии идоракунии давлатӣ, инчунин худидоракунии маҳаллӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ташкил ва сохтори ҳокимияти иҷроия, дар соҳаи муайян намудани функсияҳои фароҳам овардани хизматрасонӣ ба аҳолӣ, беҳбуди сифат ва дастрас будани онҳо ва ғ. муайян гардидааст[884], ки хусусияти умумиро доро буда, соҳаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятиро фаро мегирад.

Бинобар ҳамин, сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ аз сифати ташкил ва амалисозии идоракунии давлатӣ вобастагии зич дошта, ғайрисамаранокии он моҳиятан ҳамчун омили ба вуҷуд овардани таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ боис мегардад. Новобаста аз соҳаи озуқаворӣ, ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ дар аксар маврид барои амнияти миллӣ кишвар метавонад таҳдидҳоро муайян ба бор оварад, ки ин дар адабиёти илмӣ тасдиқи худро ёфтааст[885]. Ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ хусусияти иродавӣ, яъне субъективӣ дошта, дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, хусусан шахсони мансабдори (хизматчиёни давлатӣ) онҳо таҷассум мегардад. Тавре маълум аст, таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ чун дигар таҳдидҳо ба намудҳои дигари амният бо назардошти ҳолати иродавӣ ба таҳдидҳои субъективӣ ва объективӣ ҷудо мегардад[886], ки миёни онҳо

[883] Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 19.10.2025).

[884] Консепсияи такмили сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008, №541 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 19.10.2025).

[885] Миронов С.М. Повышать эффективности государственного управления // Управленческое консультирование. – 2006. – №. 1. – С. 89

[886] Носиров А.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2025. – С. 46

ғайрисамаранокии идоракунии давлатиро ҳамчун таҳдиди субъективӣ метавон муайян намуд.

Фаъолияти мақомоти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки амалан идоракунии давлатиро ифода мекунад, пурра бо дар заминаи иродаи шахсони мансабдори онҳо ба роҳ монда мешавад, ки моҳиятан ду паҳлуро дар худ инъикос менамояд. Аввалан, ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ худ ҳамчун таҳдид ба амнияти озуқаворӣ унвон мегардад. Чунин фаҳмиш мазмуни умумии ғайрисамаранокии идоракунии давлатиро ҳамчун таҳдид ба амнияти мазкур ифода менамояд, ки аз ин нигоҳ хусусиятҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ таҷассум менамояд. Яъне, он вазифа ва ҳадафҳое, ки дар назди мақомоти дахлдори идоракунии давлатӣ ва субъектони дигари идоракунии давлатӣ вобаста таъмини амнияти озуқаворӣ гузошта шудааст, амалӣ нагардида, ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ бенатиҷа мегардад. Тавре зикр гардид, идоракунии давлатӣ хусусияти мақсаднокӣ дошта, барои расидан ба ҳадафҳои дахлдор, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ муайян мегарданд, равона мегардад. Миёни ҳадафҳои муайянгардида, дар марҳилаи муосир таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ташкили идоракунии давлатии самаранок вобаста ба он тақозо мегардад.

Дигар паҳлуи ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ ин фароҳам овардани имконият барои ба миён омадани таҳдидҳои дигар ба амнияти мазкур мебошад. Яъне, дар сатҳи дахлдор ба роҳ намондани идоракунии давлатӣ метавонад, ки сабаби ба вуҷуд омадании омилҳои дигари таъсиррасон ба амнияти озуқаворӣ гардад. Чунончи, ташкили номуносиби идоракунии давлатӣ ба афзоиш нагардидани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ, вобаста аз воридоти маҳсулоти озуқа аз хориҷи кишвар, танзим нагардидани захираҳои маводди ғизоӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба аҳолии кишвар, афзун гардидани муомилоти маҳсулоти пастсифат ва ғ. боис мегардад, ки дар шароити муосир ҳамчун таҳдидҳо ба амнияти мазкур эътироф гардидаанд.

Як қатор масъалае ҷой доранд, ки дар робита бо ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ қарор дошта, ба амнияти озуқаворӣ дар кишвар таҳдид эҷод мекунанд. Муҳаққиқ С.С. Санникова масъалаи мазкурро таҳлил намуда, таҳдидҳои марбут ба ғайрисамаранокии идоракунии давлатиро бо мушкилоти идоракунии давлатии соҳаи кишоварзӣ рабт медиҳад. Мавсуф мушкилоти идоракунии давлатии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти озуқавориро ба таври зайл муайян намудааст: ғайрисамаранокии ташкили равандҳо дар бозори озуқаворӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия; роҳ додан ба фаъолияти монополистии истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ; ғайрисамаранокии ташкили сиёсати нархгузорӣ дар бозори озуқа; ташкили норасоии захираҳои стратегӣ ва фаврии намудҳои муҳимми молҳои озуқаворӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли озуқа дар шароити фавқулодда дар соҳаи озуқаворӣ; ҷой надоштани механизмҳои амалии давлатии идоракунии дастгирии истеҳсолкунандаи ватании маҳсулоти комплекси агросаноатӣ[887].

Андешаи муаллиф қобили қабул аст ва дар умум дар доираи ғайрисамаранокии идоракунии давлатӣ қарор дорад. Аммо андешаи мазкур бо соҳаи сирф кишоварзӣ маҳдуд гардид, дигар масъалаҳои хосси идоракунии давлатиро ба инобат нагирифтааст. Таъмини амнияти озуқаворӣ ба мазмуни умумиаш бо ташкили идоракунии давлатии соҳаи кишварзӣ алоқаманд аст. Аммо чунин ҳолат идоракунии соҳаҳои дигарро истисно намекунад. Чунончи, ғайрисамаранокии идоракунии давлатии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамчунин сифати молу маҳсулот низ ҳамчун таҳдид ба амнияти озуқаворӣ

[887] Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – С. 50

метавонад баромад кунад. Масалан, ба роҳ намондани ташкили кор дар самти муайяннамоии сифати молу маҳсулот, ҳамзамон наандешидани чораҳои дахлдори судманд чиҳати пешгирии бемориҳои муайян, ки дар робита ба истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ қарор доранд, метавонанд дар заминаи ташкили ғайрисамаранокии соҳаҳои зикргардида пайдо гардад.

Айни замон метавон як қатор омилҳоеро муайян намуд, ки ба ғайрисамаранок гардидани идоракунии давлатӣ боис мегардад ва хусусиятҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ касб мекунанд. Омилҳои мазкурро метавонад ба якчанд намудҳо ҷудо намуд. Чунончи, омилҳое, ки ба сатҳи касбияти шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ вобастаанд, омилҳое, ки бо татбиқи номуносиби тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ алоқаманданд, омилҳое, ки мушкилоти ҳамкориҳои байниидоравӣ рабт доранд, омилҳое, ки бо амалисозии фаъолияти назоратии мақомоти идоракунии давлатӣ марбутанд ва омилҳое, ки содир гардидани кирдорҳои ғайриқонунӣ алоқаманданд. Ҳамзамон, дар таҷрибаи амалисозии идоракунии давлатӣ мумкин аст, ки омилҳои дигари хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқидошта ба миён ояд.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ дар баробари хусусиятҳои ва ҷанбаҳои дигар ҳамзамон хусусиятҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро доро мебошад, ки бо танзими ҳуқуқии ғайрисамараноки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста таъмини амнияти озуқаворӣ ва мушкилоти марбут ба амалисозаии босуботи идоракунии давлатӣ алоқаманд аст. Асосҳои зикршуда дар умум ҳамчун таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад, ки табиати маъмурӣ-ҳуқуқиро дар худ касб намуда, ҳамзамон барои ба миён омадани таҳдидҳои дигари ба амнияти мазкур мусоидат менамоянд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 671 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи муроҷиат: 08.12.2025).

2. Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2025).

3. Конспепсияи такмили сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008, № 541 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2025).

4. Бандарева, С.А. Продовольственная безопастность: учебное пособие [Текст] / С.А. Бандарева. – Волгоград: Изд-во Волгоградского института управления – филиала РАНХиГС, 2021. – 90 с.

5. Бартенев, В. Влияние санкционного давоения на продовольственную безопасность: традиционные и новые измерения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.imemo.ru/ (санаи муроҷиат: 10.12.2025).

6. Брохин, А.В. Пробелы в законодательстве [Текст] / А.В. Брохин // Образование и право. – 2018. – № 5. – С. 300-303.

7. Ерасова, Е.А., Ващенко, К.И. Правовые и организационные основы продовольственной безопасности при становлении инновационной экономики: опыт

России и ЕС [Текст] / Е.А. Ерасова, К.И. Ващенко // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2009. – № 6. – С. 67-72.

8. Матчанов, З.Ш. Понятие «угроза» в свете актуальных проблем права международной безопасности и отдельных положенный теории социальной травмы [Текст] / З.Ш. Матчанов // Образование и право. – 2019. – № 8. – С. 58-62.

9. Миронов, С.М. Повышать эффективности государственного управления [Текст] / С.М. Миронов // Управленческое консультирование. – 2006. – №1. – С. 89-95.

10. Носиров, А.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.14 / Носиров Алишер Саидбекович. – Душанбе, 2025. – 217 с.

11. Оганян, В.А. Классификация вызовов и угроз экономической безопасности индивидуальных предпринимателей, использующих интеллектуальные активы [Текст] / В.А. Оганян // Фундаментальные и прикладные исследование. Научно-теоретический журнал. – 2022. – № 1. – С. 129-138.

12. Примак, Т.К. Совершенствование законодательства как средство обеспечения законности (по материалам деятельности органов внутренних дел) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Т.К. Примак. – М., 1998. – 24 с.

13. Санникова, С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / С.С. Санникова. – Саратов, 2019. – 227 с.

14. Сергеева, И.А., Сергеев, А.Ю. Угрозы продовольственной безопасности России [Текст] / И.А. Сергеева, А.Ю. Сергеев // Продовольственная политика и безопасность. – 2014. – Т. 1. – № 1. – С. 13-24.

15. Уланова, О.И. Риски и угрозы продовольственной безопасности России [Текст] / О.И. Уланова // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 31. – С. 131-135.

16. Шибахина, Е.А. Угрозы продовольственной безопасности, их влияние на систему экономической безопасности России [Текст] / Е.А. Шибахина // Естественно-гуманитарные исследования. – 2023. – № 5 (59). – С. 317-323.

17. Яшкова, Н.В., Чумаков, В.Н. Угрозы и риски продовольственной безопасности [Текст] / Н.В. Яшкова, В.Н. Чумаков // Журнал правовых и экономических исследований. – 2018. – №2. – С. 245-249.

НЕКОТОРЫЕ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ УГРОЗ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Ключевые слова: продовольственная безопасность; государственное управление; правовое регулирование; эффективность; угроза; фактор; экономика; нормативные правовые акты; кризис.

Аннотация. Угрозы продовольственной безопастности являются одним из видов угроз человеческого общества, которые обуславливаются внутренними и внешними факторами. Данный вопрос имеет различные аспекты, среди которых его административно-правовой аспект, который считается очень важным. В рамках данной статьи рассматриваются административно-правовые особенности этого вида угроз и по ним изложены авторские мнения.

Соиб Зайниддин Махмадшарифзод – доктор юридических наук. Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Азизов Саджод Амиршоевич – докторант PhD Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 907-55-55-37. E-mail: azizovsajjod@gmail.com

SOME ADMINISTRATIVE AND LEGAL ISSUES OF FOOD SECURITY THREATS

Keywords: food security; public administration; legal regulation; efficiency; threat; factor; economy; regulatory legal acts; crisis.

Annotation. Threats to food security are a type of threat to human society caused by internal and external factors. This issue has various aspects, including its administrative and legal aspects, which are considered particularly important. This article examines the administrative and legal aspects of this type of threat and presents the author's opinions on them.

Soib Zainiddin Mahmadsharifzod – Doctor of Law. Phone: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Azizov Sajjod Amirshoevich – PhD student at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 907-55-55-37. E-mail: azizovsajjod@gmail.com

НАИМЗОДА МАРҲАБО НАИМ,
муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: (+992) 938-32-77-37. E-mail: naimzoda65@mail.ru

ЧОРИЕВА МУҲАББАТ РУСТАМХОНОВНА,
магистранти курси 2-юми факултети идораи давлатӣ ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 919-29-66-62. E-mail: naimzoda65@mail.ru

ТДУ: 342.9

ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ ТАЪМИНИ МЕХАНИЗМИ МЕЪЁРҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҷавобгарӣ; ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шахси воқеӣ; шахси ҳуқуқӣ; ҳабс.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷавобгарии маъмуриро ҳамчун унсури асосии таъмини механизми меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамзамон, таҷрибаи судӣ ва адабиётҳои илмӣ таҳлил гардида, таклифҳои судманд ҷиҳати рушди қонунгузорӣ ва илмӣ ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ва маъмурӣ пешниҳод намудааст.

Ҷавобгарӣ - зарурат, уҳдадории ҷавобгарӣ барои амалҳо, кирдорҳои худ, масъулият доштан барои онҳо аст[888]. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ – татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳгор барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ (дар санксияҳои меъёрҳо) пешбинӣ мешавад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст. Ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун татбиқ менамоянд[889].

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти давлатӣ-маҷбурӣ дошта, маҷбурсозии давлат барои риояи талаботи ҳуқуқӣ мебошад[890]. Ҷавобгарии маъмурӣ дар баробари ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ ва интизомӣ яке аз намуди ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ мебошад. Асоси ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ содир шудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешбиникардаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар бар гирад[891].

Ҷавобгарии маъмурӣ одатан дар сурати вайрон кардани (иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани) меъёрҳои гуногуни маъмурӣ ба миён меояд[892].

---

[888] Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: Русский язык, 1961. – С. 456.
[889] Маҳмудов М.А. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 545.
[890] Основы теории государства и права: учебник / А.Б. Венгеров и др.; под ред. А.С. Пиголкина. – Москва: Высшая школа, 1982. – С. 223.
[891] Ойев Х., Марифхонов Р.М., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳуриии Тоҷикистон. Курси лексия. – Душанбе, 2015. – С. 83.
[892] Телегин А.С. Административное право / Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Пермь, 2020. – С. 276.

Ба ақидаи олими ҳуқуқшиноси ватанӣ Б.Ҳ. Раззоқов, ҷавобгарии маъмурӣ чунин ҷавобгариҳои ҳуқуқие мебошад, ки аз татбиқи ҷазои маъмурӣ нисбати вайронкунандагони қоидаҳои умумиҳатмии дар идора ва дигар соҳаҳо амалкунанда иборат аст[893].

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 22 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) татбиқ карда мешавад[894].

Ба ақидаи олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ Х. Ойев, Р.М. Марифхонов, Ҷ.Н. Ҷамшедов, А.М. Диноршоев ҷавобгарии маъмуриро бо чунин хусусиятҳояш аз дигар намуди ҷавобгариҳо фарқ кардан мумкин аст:

1) Ҷавобгарии маъмурӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муқаррар карда мешавад, ки аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборатанд.

2) Асоси ҷавобгарии маъмуриро ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташкил медиҳад.

3) Субъекти ҷавобгарии маъмурӣ шахсони воқеӣ, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

4) Барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷазои маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

5) Ҷавобгарии маъмуриро доираи васеъи мақомотҳои ваколатдор ва шахсони мансабдори онҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва судҳо татбиқ месозанд.

6) Татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ боиси доғи судӣ ва озоднамоӣ аз кор намешавад.

7) Чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ дар асоси қонунгузорӣ дар доираи мурофиаи маъмурӣ татбиқ карда мешаванд[895].

Ҳамзамон, олими ҳуқуқшиноси рус А.С.Телегин дуруст қайд намудааст, ки хусусияти ҷавобгарии маъмурӣ ин имконияти ба миён омадани он, новобаста аз мавҷудияти оқибатҳои зарарноки кирдори содиршуда мебошад. Худи далели гунаҳкорона вайрон кардани меъёрҳо, қоидаҳои муқаррарнамудаи давлат асоси ҳуқуқии ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Бо ин ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ки бо расонидани зарари моддӣ алоқаманд аст, фарқ мекунад[896].

Олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ М.З. Раҳимзода, С.Э. Баҳриддинзода ҳамаҷониба аломатҳои ҷавобгарии маъмуриро, ки барои ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ умумианд, чунин тавсиф намудаанд:

1) вай маҷбуркунии давлатиро ифода менамояд, зеро татбиқи ваколатҳои ҳокимиятӣ ба воситаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2) маҷбуркунии ҳуқуқӣ ба принсипҳои умумии қонуният ва адолати ҳуқуқ тобеъ аст. Ҷавобгарии маъмурӣ дар асоси батартибдарории ҳуқуқии ҳаҷм ва доираи он, муқарраркунии меъёрии асосҳо, мазмун ва шаклҳои мурофиавии татбиқи ҷазоҳои мушаххаси маъмурӣ истифода бурда мешавад. Меъёрҳое, ки унсурҳои таркибии ҷавобгарии маъмуриро танзим менамоянд, дар маҷмуъ институти мустақили ҳуқуқи маъмуриро ифода менамоянд.

---

[893] Раззоқов Б.Ҳ. Ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон: маҷмааи таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2013. – С. 41.

[894] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[895] Ойев Х., Марифхонов Р.М., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳуриии Тоҷикистон. Курси лексия. – Душанбе, 2015. – С. 83.

[896] Телегин А.С. Административное право / Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Пермь, 2020. – С. 277.

3) вай боиси фаро расидани оқибатҳои номусоид барои ҳуқуқвайронкунандагон, ки бо санксияи меъёри ҳуқуқӣ пешбиниӣ шудааст, мегардад.

4) дар чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ баҳои ҳуқуқии ҷамъбасти кирдор ва вайронкунанда аз номи давлат дарҷ гардидааст.

5) ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша ба сифати натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ баррасӣ карда мешавад, яъне ин ҷавобгарии тарҷеӣ (ретроспективӣ) ё манфӣ (негативӣ) мебошад, бо фарқият аз ҷавобгарии мусбӣ (позитивӣ), ки ҳамчун ҷавобгарӣ барои кори супоридашуда, барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда фаҳмида мешавад, дар вақте ки вай бо мафҳуми ухдадорӣ ё қарзи ҳуқуқӣ мувофиқ меояд.[897]

Чӣ хеле дар боло қайд гардид, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷазои маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Дар асоси моддаи 34 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазои маъмурӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, тибқи Кодекси мазкур аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда мешавад.[898]

Дар асоси қисми 1 моддаи 17 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад[899]. Яъне, тибқи қонунгузории амалкунанда ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеӣ кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад. Яъне, шахси воқеии аз шонздаҳ то ҳаждаҳсола чун ноболиғон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Роҳбарон ва кормандони ташкилотҳо, ки дар робита ба иҷрои вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагӣ ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, ҳамчун шахсони мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, агар тибқи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад. Соҳибкорони инфиродӣ низ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, бинобар сабаби иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳое, ки қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар шаҳрвандоне, ки ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъват шудаанд, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мутобиқи оинномаҳои интизомӣ ё қоидаҳои махсус ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд[900]

Барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазоҳои маъмурии зерин муқаррар ва татбиқ карда мешаванд:

- огоҳӣ;
- ҷаримаи маъмурӣ;
- боздошти маъмурии амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият;
- маҳрум кардан аз иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият;

[897] Раҳимзода М.З., Баҳриддинзода С.Э. Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Олами китоб, 2017. – С. 38-39.

[898] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[899] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[900] Раҳимзода М.З., Баҳриддинзода С.Э. Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Олами китоб, 2017. – С. 50-51.

- маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус;
- бозdoшти маъмурии намуди муайяни фаъолият;
- бо подош ситонидани ашёе, ки олоти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад;
- мусодираи ашёе, ки олоти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад;
- бо роҳи маъмурӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд;
- ҳабси маъмурӣ.

Ҳамзамон, огоҳӣ, ҷаримаи маъмурӣ, ҳабси маъмурӣ, бозdoшти маъмурии амали иҷозатнома, маҳрум кардан аз иҷозатнома, бозdoшти маъмурии намуди муайяни фаъолият танҳо ба сифати ҷазои маъмурии асосӣ муқаррар ва татбиқ мешаванд. Маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус, бо подош ситонидан ва мусодира кардани ашёе, ки олоти содир намудан ё объекти бевоситаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад, инчунин бо роҳи маъмурӣ берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ муқаррар ва татбиқ мешаванд.

Масалан, бо қарори суди шаҳри Турсунзода аз 8 октябри соли 2024 Н.А. бо моддаи 481 қисми 3 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазои ҷарима ба андозаи дусаду бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба понздаҳ ҳазору ҳаштсаду чил сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз маводи парвандаи маъмурӣ бармеояд, ки Н.А. санаи 18 августи соли 2024 бархилофи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим» амал намуда, ҳангоми ба маросими қайди акди никоҳ бурдани фарзандаш зиёда аз даҳ адад автомашинаҳоро ҷалб намуда, дар гирду атрофи шаҳри Турсунзода сайру гашт намудааст.

Гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда Н.А. дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии мазкур, бо тавсиянома дар бораи гузаронидани тӯйи домодию арӯсӣ аз 16 августи соли 2024 №134, санад аз 18 августи соли 2024 ва дигар далелҳои дар маводи парванда ҷамъоварда,ки дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, исбот гардидааст.[901]

Ҳамин тавр, олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ М.З. Раҳимзода, С.Э. Баҳриддинзода дуруст ва ҳамаҷониба ба хулоса омадаанд, ки ҷавобгарии маъмурӣ - ин на танҳо намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки қисми маҷбуркунии маъмурӣ низ мебошад. Таҳти маҷбуркунии маъмурӣ таъсиррасонии шифоҳӣ-психологӣ ва ҷисмонии мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси ҳуқуқӣ нисбати шахсони муайяни воқеӣ ё ҳуқуқӣ бо мақсади маҷбур, водор кардани вай ба рафтори дахлдор, итоат кардан ба маҳдудиятҳои маълум ё ба зиммаи вай гузоштани яке аз ҷазоҳои маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Маҷбуркунии маъмурӣ дар амалҳои мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдори онҳо оид ба огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ифода меёбад[902].

Дар асоси моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ ба шахси воқеӣ хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи ӯ, шахсияти гунаҳгор, вазъи молумулкиаш, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта мешаванд.

[901] Парвандаи маъмурии № 2-2166/24 Бойгонии суди ш.Турсунзода.
[902] Раҳимзода М.З., Баҳриддинзода С.Э. Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Олами китоб, 2017. – С. 63.

Ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ ба шахси мансабдор хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи ӯ, шахсияти гунаҳгор, вазъи молумулкӣ ва мавқеи хизматӣ, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ ба шахси ҳуқуқӣ хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи ӯ, вазъи молумулкӣ ва молиявии шахси ҳуқуқӣ, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта мешаванд[903].

Ҳамзамон, аз таҷрибаҳои судӣ бармеояд, ки нодуруст татбиқ шудани моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор карда шудани қарори судӣ гардидааст.

Масалан, бо қарори сардори ШБДА ШВКД дар шаҳри Ҳисор аз 16 феврали соли 2024 ба С.А. барои рӯзи 15 феврали соли 2024 автомашинаи тамғаи «Мерседес Бенс», рақами қайди давлатиаш 70-77 АБ 10-ро бо шишаҳои сиёҳу хира, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунад, бидуни иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ идора намудан, бо моддаи 330 қисми 2 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷазои ҷарима ба андозаи 125 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 9000 сомонӣ таъин карда шудаст.

Бо таъиноти суди шаҳри Ҳисор аз 27 феврали соли 2024 шикояти С.А. нисбат ба қарори сардори ШБДА ШВКД дар шаҳри Ҳисор қонеъ карда шуда, ҷазои ҷарима бо татбиқи қисми 5 моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 1080 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Бо Қарори Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2024 парвандаи ҳуқуқвайронунии маъмурӣ ба тариқи назоратӣ баррасӣ гардида, таъиноти суди шаҳри Ҳисор аз 27 феврали соли 2024 бекор карда, мавод ба баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристода шудааст.

Тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои истисно, ки ба мақсад ва сабабҳои кирдор вобастаанд, бо назардошти маълумотҳо дар бораи шахси гунаҳкор, инчунин вазъи молумулкӣ ва молиявии ӯ оид ба парвандаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар суд мавриди баррасӣ қарор мегиранд, судя метавонад ҷазои маъмурии аз ҳадди ақалли пешбининамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси мазкур пасттарро таъин намояд.

Суди марҳилаи назоратӣ ба хулоса омадааст, ки аз қарори суди марҳилаи якум бармеояд, хулосаронии суд зимни паст намудани андозаи ҷарима нисбати С.А. бо он асоснок карда шудааст, ки номбурда бори аввал ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст ва аз кардааш софдилона пушаймон аст, шароити зиндагиаш вазнин мебошад. Аммо далелҳои дахлдор, ки ҳолатҳои мазкурро исбот намоянд, дар қабати мавод мавҷуд набуда, онҳо зимни баррасии шикоят таҳқиқ карда нашудаанд. Суди марҳилаи якум бе мавҷуд будани далелҳои дахлдор ҳолатҳои болозикрро ҳамчун ҳолати истисно баҳо дода, бармаҳал бо татбиқи қисми 5 моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии

[903] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

Тоҷикистон андозаи ҷазои ҷаримаро аз ҳадди поёнии раводиди қисми 2 моддаи 330 ҳамин Кодекс пасттар таъин намудааст.

Ин ҳолат мувофиқи моддаи 192 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бо тариқи назоратӣ бекор кардани таиноти суди марҳилаи якум гардидааст. Аз ин рӯ, коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии аризаи ҳуқуқвайронкунанда С.А. ба таври ҷиддӣ талаботи қонунгузории мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро вайрон кардааст, ки барои бекор кардани санади судӣ асос шуда метавонад[904].

Ҳамин тавр, ҷавобгарии маъмурӣ унсури асосӣ ва муҳими таъмини механизми меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, шакли таъсиррасонии давлатӣ аст ва барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мегардад. Аломатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ин хусусияти давлатӣ доштан, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда шуданаш, татбиқи ҷазо ва мақсади тарбиявӣ ва пешгирикунанда доштанаш ифода меёбад. Дар ҳолати вайрон намудани меъёрҳо чораҳои таъсиррасонӣ татбиқ мегарданд. Ҳадаф аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ин дар руҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар мебошад. Баҳри беҳтар намудани татбиқи ҷавобгарӣ рақамикунонии расмиёти маъмурӣ, таҳкими назорати судӣ, баррасии саривақтии парвандаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ мувофиқи мақсад мебошад

Аз ин лиҳоз, механизми танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз унсурҳои институтсионалӣ, меъёрӣ ва кафолатдиҳанда иборат буда, салоҳияти мақомоти давлатӣ, шаклу усулҳои танзим ва ҷавобгарии маъмурӣ пояи асосии онро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, самаранокии механизми мазкур аз дақиқии тақсимоти ваколатҳо, қонуният, назорат ва татбиқи одилонаи ҷавобгарӣ, иҷрои саривақтии он вобаста мебошад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Азимзода Н.

АДАБИЁТ:

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2026).

2. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2026).

3. Маҳмудов, М.А. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ [Матн] / М.А. Маҳмудов. – Душанбе. ЭР-граф, 2012. – 658 с.

4. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. – М.: Русский язык. 1961. – 1360 с.

5. Ойев, Х., Марифхонов, Р.М., Ҷамшедов, Ҷ.Н., Диноршоев, А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳуриии Тоҷикистон. Курси лексия [Матн] / Х. Ойев, Р.М. Марифхонов, Ҷ.Н. Ҷамшедов, А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2015. – 260 с.

6. Основы теории государства и права [Текст]: учебник /А.Б. Венгеров и др.; под ред. А.С. Пиголкина. – Москва: Высшая школа, 1982. – 450 с.

[904] Парвандаи маъмурии № 2-373/24 Бойгонии суди ш.Ҳисор.

7. Парвандаи маъмурии № 2-2166/24 Бойгонии суди ш.Турсунзода.
8. Парвандаи маъмурии № 2-373/24 Бойгонии суди ш. Ҳисор.
9. Раззоқов, Б.Ҳ. Ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон [Матн]: маҷмааи таълимӣ-методӣ / Б.Ҳ. Раззоқов. – Душанбе, 2013. – 350 с.
10. Раҳимзода, М.З., Баҳриддинзода, С.Э. Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.З. Раҳимзода, С.Э. Баҳриддинзода. – Душанбе: Олами китоб, 2017. – 380 с.
11. Телегин, А.С. Административное право [Текст] / А.С. Телегин / Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Пермь, 2020. – 320 с.

АДМИНИСТРАТИВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ КАК ОСНОВНОЙ ЭЛЕМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ МЕХАНИЗМА АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫХ НОРМ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: ответственность; административное правонарушение; нормативные правовые акты; физическое лицо; юридическое лицо; арест.

Аннотация. В данной статье авторы анализируют административную ответственность как основной элемент обеспечения механизма административно-правовых норм в Республике Таджикистан. Кроме того, нормативные правовые акты Республики Таджикистан изучаются с учетом ответственности физических и юридических лиц. В то же время на основе изучения и анализа судебной практики и научной литературы внесены полезные предложения по развитию уголовного и административного законодательства.

Наимзода Марҳабо Наим – старший преподаватель кафедры международных отношений и права Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Тел.: (+992) 93-832-77-37. E-mail: naimzoda65@mail.ru

Чориева Мухаббат Рустамхоновна – магистр 2-го курса факультета государственного управления и права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 919-29-66-62. E-mail: naimzoda65@mail.ru

ADMINISTRATIVE RESPONSIBILITY AS THE MAIN ELEMENT OF ENSURING THE MECHANISM OF ADMINISTRATIVE AND LEGAL NORMS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: liability; administrative offense; regulatory legal acts; natural person; legal entity; arrest.

Annotation. In this article, the author analyzed administrative responsibility as the main element of ensuring the mechanism of administrative and legal norms in the Republic of Tajikistan. In addition, the regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan are studied taking into account the responsibilities of individuals and legal entities. At the same time, judicial practice and scientific literature were analyzed and useful suggestions were made for the development of criminal and administrative legislation.

Naimzoda Marhabo Naim — senior lecturer at the Department of International Relations and Law of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugdzoda. Tel.: (+992) 93-832-77-37. E-mail: naimzoda65@mail.ru

Chorieva Mukhabbat Rustamkhonovna – 2nd-year Master's degree from the Faculty of Public Administration and Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Тел.: (+992) 919-29-66-62. E-mail: naimzoda65@mail.ru

СОИБ ЗАЙНИДДИН МАҲМАДШАРИФЗОД,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

ШАРИФЗОДА БАХТИЁР,
унвончӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 992-00-16-60.

ТДУ: 342.7

ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ: ҶАНБАҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: ҳукумати электронӣ; функсия; иттилоот; ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ; идоракунии давлатӣ; функсияи иттилоотӣ; самаранокӣ; омил.

Аннотатсия: Дар мақола масъалаи татбиқи ҳукумати электронӣ ва самаранокии он дар идоракунии давлатӣ баррасӣ гардидааст. Дар робита бо ин, ҳукумати электронӣ дорои ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорад, чунки падидаи мазкур дар шароити муосир шарти баландбардории самаранокии идоракунии давлатӣ, яъне фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад. Бояд қайд кард, ки муаллифон равиши нави илмиро нисбат ба масъалаи мазкур рӯйи кор оварда, дар маҷмуъ ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии татбиқи самараноки ҳукумати электронӣ дар идоракунии давлатиро муайян намудаанд.

Консепсияи ҳукумати электронӣ ташаккул ва рушди худро аз кишварҳои Ғарб дар охирҳои асри XX гирифта, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ (махсусан технологияҳои компютерӣ ва шабакаи глобалии Интернет) рабт дорад. Истилоҳи «ҳукумати электронӣ» дар охирҳои солҳои 1990 ба вуҷуд омадааст, ки ғояи истифодаи технологияҳои нави муосирро на танҳо дар тиҷорат, ҳамчунин дар соҳаи идоракунии давлатиро низ таҷассум менамояд[905]. Аммо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ то ба вуҷуд омадани консепсияи ҳукумати электронӣ ҷой дошт[906].

Рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди истифодаи технолгияҳои муосири иттилоотӣ вобастагии зич дорад. Қайд бояд намуд, ки дар ибтидои асри XXI дар Тоҷикистон баъди ба анҷом расидани равандҳои баэътидолоии сиёсӣ, асосҳои техникӣ ташкил гардида, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии барои рушди алоқаи мобилӣ ва рақамикунонӣ дар сатҳи кофӣ таҳия гардиданд. Дар он солҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миён 17 кишваре буд, ки аввалин маротиба дар соли 2005 ба роҳ мондани технологияи алоқаи мобилии насли 3-юм (3G), ки суҳбатҳои телефонӣ, дастрасии мобилӣ ба Интернет ва равандҳои дигарро мавриди озмоиш қарор дода буд. Дар як-ду сол шумораи муштариёни интернет дар кишвар, тибқи иттилоои расмӣ ба 3 млн нафар расид. Дар ин давра рушди рақамикунонии Тоҷикистон вобаста ба сифат ва нархи алоқа имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дигари пешрафта дар рақобат қарор

[905] Олейник С.А., Мельничук М.А. Правовые основы деятельности электронного правительства в России и за рубежом и тенденции их развития // Вестник Международного института экономики и права. – 2014. – № 2 (15). – С. 26.
[906] Оконова Л.В., Мацакова Н.П., Амаева Д.В. Административно-правовое регулирование процессов формирования и функционирования электронного правительства в России // Право и практика. – 2020. – № 4. – С. 61.

гирад[907]. Чунин раванд, ба рушди ҳукумати электронӣ заминаи мусоид фаоҳам оварда, минбаъд давра ба давра бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносиби амалисозии он такмил гардид.

Зикр намудан мавриди хос аст, ки масъалаи ҳукумати электронӣ дар шароити муосир ба сифати объекти таҳқиқи илмҳои гуногун, аз қабили илмҳои техникӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, таърих, ҳуқуқ ва ғайра маҳсуб меёбад, ки ифодагари ҷанбаҳои гуногуни илмиро доро будани он мебошад. Омӯзиш ва пажуҳиши масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки он аз нигоҳи илмҳои гуногуни ҳуқуқи мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирад. Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии зиёд андешаҳо ва консепсияи илмиро оид ба фаҳмиши ва муҳиммияти ҳукумати электронӣ дар шароити муосир аз нигоҳи ҳуқуқӣ манзур намудаанд, ки аҳаммияти илмиро касб менамоянд. Айни замон, масъалаи мазкур дар доираи илми ҳуқуқи маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта истодааст ва асосан муҳаққиқони хориҷӣ баъзе андешаҳоро вобаста ба он пешниҳод намудаанд. Яъне, ҳукумати электронӣ дорои ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ буда, барои таъмини баландбардории самаранокии идоракунии давлатӣ, махсусан амалишавии функсияи иттилоотии он нақши босазо дорад.

Тавре маълум аст, асоси ҳукумати электрониро истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ташкил медиҳад, ки онҳо ҳамзамон унсури муҳимми функсияи иттилоотии идоракунии давлатиро дар шароити муосир ташкил медиҳад. Дар доираи амалишавии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи хос ба тақвият ва самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ равона мегардад ва то андозаи муайян ҳамчун маҳаки функсияи мазкурро ташкил медиҳад. Зеро тамоми масъалаҳое, ки дар доираи функсияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ қарор доранд, дар алоқамандӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ қарор дорад. Бинобар ҳамин, истифода аз технологияҳои зикршуда, ки асоси ҳукумати электрониро ташкил медиҳад, барои амалишавии самараноки функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, иҷрои вазифа ва ҳадафҳои давлатиро дар сатҳи дахлдор таъмин менамояд.

Бояд гуфт, ки вақте сухан дар бораи ҳукумати электронӣ ва функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ меравад, зарур аст, ки алоқамандии миёни онҳо муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, асосҳое бояд муайян карда шавад, ки аҳаммияти маъмурӣ-ҳуқуқии ҳукумати электрониро дар таъмини самаранокии функсияи мазкур ошкор намояд. Бинобар ҳамин, ҳукумати электронӣ бо як қатор асосҳо, ки аҳаммияти маъмурӣ-ҳуқуқии онро таҷассум менамояд, ҳамчун тадбири самаранокии функсияи иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ баромад мекунад. Аввалан, ҷавҳари консепсияи ҳукумати электрониро масъалаҳои вобаста ба иттилоот ташкил медиҳад. Ҳама гуна масъалаҳои ба ҳукумати электронӣ рабтдошта маҳз бо коркард, пешниҳод, истифода, дастрасӣ ва ҳифзи иттилоотӣ алоқаманд аст.

Дар яке аз адабиёти иқтисодии ватанӣ дуруст иброз гардидааст, ки «самтбахшӣ тариқи иттилоот яке аз ҳадафҳои марказии ҳуҷҷатҳои стратегии марбут ба ҳукумати электронӣ буда, ба таъмини маълумоту иттилоотӣ электронию мақозӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. ... Аз ин рӯ, захираҳои иттилоотӣ, ки соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мудофиавии онро нишон медиҳанд, инчунин захираҳои дорои аҳаммияти давлатианд, ба моликияти давлат мансуб ҳисобида шудаанд. Захираҳои иттилоотии давлатӣ ба феҳристи амволи давлатӣ дохил карда мешаванд ва бояд мавриди ҳисобот ва ҳимоя қарор гиранд»[908].

[907] Исмоилов Ш.М. О развитии права в условиях цифровизации // Правовая жизнь. – 2025. – № 1 (49). – С. 7-8

[908] Каримов Б.И. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 1 (30). – С. 234.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ташаккули консепсияи ҳукумати электронӣ дар заминаи иттилоот сурат мегирад.

Пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва ҳамкории мақомоти идоракунии давлатӣ бо онҳо, автоматикунонии раванди фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, ҳамгироии дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ ва масъалаҳои дигар бевосита дар заминаи иттилоот (таҳия, коркард, пешниҳод, ҳифз ва ғ) дар шакли электронӣ (рақамӣ) сурат мегирад. Ба мазмуни умумӣ бошад, тибқи андешаҳои тасдиқшудаи илмӣ «ҳукумати электронӣ қисми таркибии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки як қатор вазифаҳоро ба монанди, рушди низоми хизматрасониҳои электронӣ, таъсиси инфрасохтори ягонаи ҳимоявии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (захираҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои интернетии мақомоти давлатӣ), таъсиси низоми харида электронӣ ва ғ.»[909].

Дуюм, ҳукумати электронӣ муносибатҳо ва равандҳои иттилоотии дохилинизомӣ ва берун аз онро дар идоракунии давлатӣ таъмин менамояд. Бояд зикр кард, ки ҳукумати иттилоотӣ воситаи муҳимтарини таъмини инфрасохтори иттилоотӣ дар доираи субъектони идоракунии давлатӣ, махсусан мақомоти ҳокимияти иҷроия маҳсуб ёфта, ҳамкории мақомоти мазкурро бо аҳли ҷомеа таҳким мебахшад. Консепсияи мазкур заминаҳои иттилоотиро барои мақомоти идоракунии давлатӣ фароҳам оварда, фаъолияти самаранок ва иҷрои босуботи ваколатҳои онҳоро таъмин менамояд. Муҳиммияти муносибатҳо ва равандҳои иттилоотии дохилинизомӣ ва берун аз онро дар идоракунии давлатӣ ба инобат гирифта, яке аз муҳаққиқони хориҷӣ меафзояд, ки «консепсияи ҳукумати электронӣ аз ду лоиҳаи бо ҳам алоқаманд иборат аст. Ин инфрасохтори дохилии иттилоотии ҳукумат ва ё шабакаҳои корпоративӣ ва инфрасохтори берунии иттилоотӣ, ки бо шаҳрвандон ва ташкилотҳо ҳамкориро ба роҳ мемонад»[910].

Тасдиқи чунин асос дар сатҳи ҳуҷҷатҳои расмии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Чунончи, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳоро ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои консепсияи мазкур пешбинӣ намудааст, ки моҳиятан ду паҳлуи муҳиммияти онро таҷассум менамояд. Дар он вазифаҳое чун, автоматикунонии ҳамкории мутақобилаи байниидоравӣ дар ҷараёни қабул кардани қарорҳои идоравӣ, таъмини фаврият ва назорати натоиҷи фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия (паҳлӯи дохилӣ), васеъ намудани имконоти дастрасӣ доштан ва иштироки бевоситаи шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷараёнҳои ташаккул ва ташхиси қарорҳое, ки дар ҳама сутӯҳи идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд, рушд ва истифодаи васеи васоити таъмини дастрасии шаҳрвандон ва муассисаҳо аз маҳаллоти дур ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (паҳлӯи беруна) ва ғ. муқаррар гардидаанд[911], ҳам равандҳои иттилоотии дохилинизомии идоракунии давлатӣ ва ҳам муносибатҳои иттилоотии берунӣ, яъне ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеаро инъикос менамояд.

Сеюм, ҳукумати электронӣ ҳамчун тадбири самаранокии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ ба таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофияти равандҳои идоракунии давлатӣ, яъне фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ равона мешавад. Зикр бояд намуд,

[909] Рубанов А.В. «Электронное правительство» как составная часть информационного общества. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://elib.bsu.by/bitstream/123456789/19888/1/p_407-408.pdf (дата обращения: 10.12.2025).

[910] Сулимин В.В. Электронное правительство: история и сущность // Московский экономический журнал. – 2020. – № 6. – С. 873.

[911] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ гардидааст. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2025)..

ки ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар идоракунии давлатӣ бо масъалаи марбут ба дастрасӣ ба иттилоот рабт дорад. Тибқи арзёбии илмӣ, дар робита ба масъалаи мазкур мафҳуми ошкор будани иттилоот дар идоракунии давлатӣ муайян гардидааст, ки дастрасии бемамонияти иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва раванди қабули қабули қарорҳои дахлдор дар тамоми марҳилаҳои таҳияи онро ифода менамояд[912]. Таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар идоракунии давлатӣ тақозо менамояд, ки ҳамкории миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда шавад. Чунин ҳамкориҳо асосан дар заминаи дастрасии иттилоот ба аҳли ҷомеа, таъминоти иттилоотии шахсони аҳолида, инъикос намудани иттилооти зарурӣ оид ба фаъолият ва масъалаҳои дигари марбут ба иттилоотро сурат мегирад.

Рушди идоракунии давлатӣ ва гузариш ба низоми нави идоракунӣ, ки асоси онро истифодаи васеъ ва самарноки технологияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад, тақозо менамояд, ки ошкорбаёнӣ ва шаффофият ҳамчун принсипи муҳимтарини идоракунии давлатӣ ва низоми ҳукумати электронӣ[913] шакли навро дар худ таҷассум намояд. Вобаста ба ин, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ моҳиятан роҳандозии низоми ҳукумати электрониро ифода карда, дар ин замина амалишавии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ таъмин мегардад.

Хусусан, бо татбиқи ҳукумати электронӣ самтҳои амалишавии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ ба монанди, дастрасии аҳли ҷомеа бо иттилоот, ки дар шакли пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ (дар асоси дархости шахсони манфиатдор), мунтазам инъикос намудани иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти мазкур (бе дархости шахсон) ва фароҳам овардани шароити дахлдор вобаста ба дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ дар доираи фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ амалӣ мегарданд, ҳамзамон таъмини дастрасии пурра ва босифати хизматрасониҳои давлатӣ, ки ҳамаи ин дар шакли электронӣ ва дар бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сурат мегирад, таъмин мегарданд. Ҳамин тариқ, татбиқи ҳукумати электронӣ, ки дар заминаи истифодаи васеъ ва самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сурат мегирад, тадбири муҳимми таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар идоракунии давлатӣ баромад намуда, пайвастгардии аҳли ҷомеаро бо фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ сурат мебахшад.

Чорум, татбиқи босамари ҳукумати электронӣ имкон медиҳад, ки қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ зимни амалисозии функсияи иттилоотии он дар сатҳи дахлдор таъмин гардад. Албатта, қонуният ва интизом тақозо менамояд, ки субъектони идоракунии давлатӣ фаъолияти худро тибқи талабот ва муқаррароти қонунгузорӣ ва меъёрҳои дигар ба роҳ монанд ва чун анъана барои таъмини он воситаҳои муайян пешбинӣ гардидааст, ки дар доираи илмӣ ҷонибдории бештар ёфтааст. Чунончи, ба сифати воситаҳои таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ новобаста аз амалишавии функсияҳои он, контрол ва назорат, ҳамзамон дигар воситаҳо (муроҷиати шахсон) муайян гардидаанд. Фикр мекунем, ки чунин воситаҳо ниҳоӣ набуда, бо рушди идоракунии давлатӣ ва тамоюлоти баландгардии самаранокии он метавонад, ки воситаҳои дигар низ ҷиҳати таъмини қонуният ва интизом дар сатҳи он рӯйи кор ояд. Дар шароити

[912] Михеев Т.А. Информационная прозрачность и открытость органов государственной власти // Государственное и муниципальное управление в XXI веке: теория, методология, практика. – 2013. – № 9. – С. 97.

[913] Ахметова Н.А. Принцип прозрачности в деятельности органов государственной власти как основной фактор предупреждения коррупция // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 9: Исследования молодых ученых. – 2006. – № 5. – С. 100; Ишнакова Н.Г. «Электронное правительство» в публичном управлении: административно-правовые проблемы организации и функционирования: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 18.

муосир бо назардошти муҳиммият ва самаранокии истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳукумати электрониро метавон ба сифати воситаи таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ, махсусан зимни амалисозии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ эътироф намуд.

Муҳаққиқ Н.Г. Ишнакова масъалаи мазкурро ба маврид асоснок намуда, татбиқи ҳукумати электрониро дар таъмини ҳукумати электронӣ муҳим қайд намуда, самаранокии онро зимни амалисозии функсияҳои идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (моҳиятан функсияи иттилоотии идоракунии давлатиро инъикос менамояд), ҳамзамон модернизатсияи низоми идоракунии оммавӣ ба таври зайл муайян намудааст, ки қобили тавақҷуҳ аст: «коҳиши доираи баррасии маъмурӣ ҳангоми амалисозии функсияҳои идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, яъне коҳиш додани нақши омилҳои субъективӣ дар раванди таҳия ва қабули санадҳои маъмурӣ; тақвияти амали принсипи фаврият зимни таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҳисоби истифодаи захираҳои иттилоотии электронӣ дар реҷаи вақти воқеӣ, ҳамчунин баланд бардоштани самаранокии меъёрэҷодкунии маъмурӣ; ташаккули сатҳи муносиби шаффофият дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тавассути ташкили низоми ягонаи мониторинг дар раванди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти идоракунии оммавӣ (шарти самаранокии танзими маъмурӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи идоракунии оммавӣ); коҳиш додани мубодилаи қоғазӣ ва гузаштан ба мубодилаи электронии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва ғ.»[914]. Чунин андешаронӣ вобаста ба он, ки ҳукумати электронӣ дар таъмини қонуният дар идоракунии давлатӣ муҳим буда, ҳамзамон зимни амалисозии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ аҳаммиятнок аст ва ба таври қонунӣ сурат гирифтани онро метавод таъмин намояд.

Панҷум, татбиқи ҳукумати электронӣ имкон фароҳам меоварад, ки дар заминаи амалишавии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ амалишавии босуботи ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ва шахсони дигар дар соҳаи идоракунии давлатӣ (маъмурӣ-ҳуқуқӣ) ба таври муносиб таъмин гарданд. Ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои шахсон дар соҳаи идоракунии давлатӣ дар бештар маврид бо амалишавии функсияи иттилоотии идоракунии давлатӣ алоқамандӣ дорад, ки сатҳу сифати амалисозии онҳо метавонад бо татбиқи бонизоми ҳукумати электронӣ баланд бардошта шавад.

Чунончи, ҳуқуқи муроҷиат намудан ба мақомоти идоракунии давлатӣ (яке аз шаклҳои муроҷиати шахсон ин муроҷиатҳои электронӣ мебошад[915], ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (шабакаи Интернет, порталҳои махсус, замимаҳои электронӣ ва ғ.) амалӣ мегардад), ҳуқуқи гирифтани иттилооти муайян аз мақомоти идоракунии давлатӣ, ҳуқуқи шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки марбут ба ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон мебошанд[916], ҳуқуқи дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, ҳамзамон амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои шахсон дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ки дар иртибот бо истифодабарии воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ қарор доранд.

Ҳамин тариқ, татбиқи ҳукумати электронӣ дар шароити муосир ба сифати омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ маҳсуб ёфта, яке аз

[914] Ишнакова Е.Г. «Электронное правительство» в публичном управлении: административно-правовые проблемы организации и функционирования: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 18.

[915] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2025).

[916] Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 34.

асосҳои ба миён омадан ва рушди муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар шароити ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таҳкими муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, татбиқи бонизом ва босамари он метавонад, ки мушкилиҳои ҷойдоштаро дар сатҳи идоракунии давлатӣ бартараф намуда, ба таъмини ҳамкории муносиби мақомоти идоракунии давлатӣ ва аҳли ҷомеа, қабули қарори дуруст аз ҷониби субъектони идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатӣ ва умуман таъмини амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои шахсон дар ҷомеа равона мегардад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н.

АДАБИЁТ:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, № 1339 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2025).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» аз 2 апрели соли 2020, № 1690 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2025).

4. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.10.2025).

5. Ахметова, Н.А. Принцип прозрачности в деятельности органов государственной власти как основной фактор предупреждения коррупция [Текст] / Н.А. Ахметова // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 9: Исследования молодых ученых. – 2006. – № 5. – С. 100-101.

6. Исмоилов, Ш.М. О развитии права в условиях цифровизации [Текст] / Ш.М. Исмоилов // Правовая жизнь. – 2025. – №1 (49). – С. 5-17.

7. Ишнакова, Е.Г. «Электронное правительство» в публичном управлении: административно-правовые проблемы организации и функционирования [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Ишнакова Екатерина Геннадьевна. – М., 2015. – 24 с.

8. Каримов, Б.И. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Б.И. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 1 (30). – С. 233-238).

9. Михеев, Т.А. Информационная прозрачность и открытость органов государственной власти [Текст] / Т.А. Михеев // Государственное и муниципальное управление в XXI веке: теория, методология, практика. – 2013. – № 9. – С. 95-98.

10. Оконова, Л.В., Мацакова, Н.П., Амаева, Д.В. Административно-правовое регулирование процессов формирования и функционирования электронного правительства в России [Текст] / Л.В. Оконова, Н.П. Мацакова, Д.В. Амаева // Право и практика. – 2020. – №4. – С. 61-67.

11. Олейник, С.А., Мельничук, М.А. Правовые основы деятельности электронного правительства в России и за рубежом и тенденции их развития [Текст] / С.А. Олейник, М.А. Мельничук // Вестник Международного института экономики и права. – 2014. – №2 (15). – С. 26-34.

12. Рубанов, А.В. «Электронное правительство» как составная часть информационного общества. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://elib.bsu.by/ bitstream/123456789/19888/1/p_407-408.pdf (дата обращения: 10.12.2025).

13. Сулимин, В.В. Электронное правительство: история и сущность [Текст] / В.В. Сулимин // Московский экономический журнал. – 2020. – №6. – С. 872-878.

ВНЕДРЕНИЕ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ: АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

Ключевые слова: электронное правительство; функция; информация; административно-правовые аспекты; государственное управление; информационная функция; эффективность; фактор.

Аннотация. В статье рассматривается вопрос внедрения электронного правительства и его эффективности в государственном управлении. В связи с этим электронное правительство имеет административно-правовые аспекты, поскольку данное явление в современных условиях является условием повышения эффективности государственного управления, то есть деятельности органов исполнительной власти. Надо отметить, что авторы трактуют новые научные подходы к этому вопросу, и в целом определили административно-правовые аспекты эффективного применения электронного правительства в государственном управлении.

Соиб Зайниддин Махмадшарифзод – доктор юридических наук. Тел.: (+992) 985-11-66-99; E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Шарифзода Бахтиёр – соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 929-00-16-60.

IMPLEMENTATION OF ELECTRONIC GOVERNMENT IN PUBLIC ADMINISTRATION: ADMINISTRATIVE AND LEGAL ASPECTS

Keywords: e-government; function; information; administrative and legal aspects; public administration; information function; efficiency; factor.

Annotation. This article examines the implementation of e-government and its effectiveness in public administration. In this regard, e-government has administrative and legal aspects, as this phenomenon, in modern conditions, is a prerequisite for improving the effectiveness of public administration, that is, the activities of executive authorities. It should be noted that the authors interpret new scientific approaches to this issue and, in general, identified the administrative and legal aspects of the effective use of e-government in public administration.

Soib Zainiddin Mahmadsharifzod – Doctor of Law. Phone: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Sharifzoda Bakhtiyor – competitor of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 929-00-16-60.

НУРОВ ФУРҚАТ БОЕВИЧ,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 93-553-53-55. E-mail: furqat.NN@mail.ru

ТДУ: 434.4

КОРРУПСИЯ – ОМИЛИ ТАҲДИДКУНАНДА БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ: ҶАНБАҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: коррупсия; таҳдид; амнияти иқтисодӣ; ҷинояткорӣ; ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ; давлат; мақомоти давлатӣ; ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; идоракунии давлатӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии коррупсия ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодии давлат таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Коррупсия дар шароити муосир мушкилоти сатҳи глобалӣ буда, ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Зеро, оқибат ва таъсирнокии он ба ҷомеа хавфнок буда, мушкилиҳои гуногунро миёни ҷомеа ба бор меорад. Яке аз самтҳои таъсиррасонии коррупсия, ки ба он таҳдиди ҷиддӣ менамояд, ин амнияти иқтисодӣ мебошад. Содири амалҳои коррупсионӣ мушкилоти гуногунро дар соҳаи иқтисодиёт ба бор оварда, ба рушди он монеъ гардида, дар маҷмуъ ба амнияти соҳаи мазкур таъсирии манфии дахлдор мерасонад.

Содири амалҳои коррупсионӣ яке аз омилҳои васеъпаҳншудаи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад. Дар воқеъ дар шароити муосир яке аз мушкилоти сатҳи глобалӣ мебошад, ки нигаронии тамоми давлатҳои давлатҳои ҷаҳонро ба бор овардааст. Коррупсия зарари худро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ расонида, нуфузи давлатро дар сатҳи байналмилалӣ паст менамояд. Ҳамзамон, хатари коррупсия то он ҳадде мерасад, ки нисбат ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он эътимоди аҳолӣ коҳиш ёфта, ҳисси нобоварӣ нисбат ба қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар унсурҳои давлатию ҳуқуқӣ дар онҳо зиёд мегардад.

Дар радифи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии дигар коррупсия ба соҳаи иқтисоди кишвар зарари худро мерасонад. Хусусан, бе ягон шакку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки зуҳуроти мазкур ҳамчун таҳдид ба амнияти иқтисодии кишвар унвон мегардад. Коррупсия ҳамчун ҷинояти паҳнгардида ба рақобат ва рушди иқтисодӣ монеъ гардида, фаъолияти дурусти иқтисоди бозориро вайрон намуда, ба принсипҳои асосии он таҷовуз мекунад[917].

Хатар ва хавфи коррупсия нисбат ба амнияти иқтисодии кишвар борҳо аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар баён гардида, оқибатҳои манфии онро муайян намуданд. Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд «вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад»[918]. Ин гуфтаҳо ифодагари он аст, ки иқтисоди бозорӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврaҳои аввали касби Истиқлоли

[917] Шарифзода Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – С. 60-78.

[918] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 25.12.2025).

давлатӣ ба он қадам ниҳодааст, дар шароити эмин будани ҷомеа аз коррупсия метавонад бо тадриҷ рушд ёбад ва амнияти он дар сатҳи дахлдор таъмин бошад.

Нисбат ба зарари коррупсия ба амнияти иқтисодӣ доираи зиёди ҳуҷҷатҳои расмии байналмилалӣ ва миллӣ муқаррарот пешбинӣ намудаанд, ки моҳиятан ҳамчун таҳдид ба ин самт унвон гардидани коррупсия мебошад. Чунончи, дар асоси Конвенсияи Созмони Милали Мутаҳид ба муқобили коррупсия коррупсияи дар шароити муосир дигар мушкилоти маҳаллӣ набуда, балки ба як падидаи фаромилие табдил ёфтааст, ки ба ҷамъият ва иқтисодиёти ҳамаи кишварҳо таъсир мерасонад[919].

Аз миёни ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян намудааст, ки коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаи ҷиддӣ маҳсуб меёбад[920].

Коррупсия ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шароити муосир тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят содир мегардад. Онҳои аз якдигар бо назардошти хавфнокиашон ба ҷамъият фарқ намуда, дар намуди кирдорҳои гуногун содир мегардад. Ба монанди, сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, гирифтани пора, гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ, дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ ва ғ. Бинобар ҳамин, дар кадом шакл ва намудҳое, ки кирдорҳои коррупсионӣ содир нагардад, ба соҳаи иқтисоди кишвар зарар ва оқибатҳои манфии худро ба бор меоварад.

Қайд намудан зарур аст, ки содири амалҳои коррупсионӣ ҳамчун омили авҷи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар оқибатҳои гуногуни манфиро дар ҷомеа ба бор меоварад. Тавре дар яке аз мақолаҳои илмии хориҷӣ баён гардидааст, «сатҳи баланди ҷиноятқорӣ ва коррупсия дар соҳаи иқтисодиёт аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддӣ дар шароити муосир мебошад, ки бо фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ алоқамандии зич дорад. Махсусан коррупсия ба амнияти миллии кишвар халал ворид намуда, чунин оқибатҳоро ба бор меорад: афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар кишвар, ғайрисамаранок тақсим намудани воситаҳои буҷети давлатӣ, тақсимоти ноодилонаи даромадҳо, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои коррупсионӣ аз ҳисоби аъзоёни дигари ҷомеа ҷамъоварӣ мегарданд, коҳиши боварии ҷомеа ба ҳокимияти давлатӣ»[921].

Дар воқеъ коррупсия ба соҳаи иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ оварда, ба амнияти соҳаи мазкур таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити муосир, ки низоми иқтисоди бозорӣ пеша гардидааст ва соҳаи иқтисодиёт маҳаки асосии рушди тамоми соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад, тадбирҳо ва талошҳои гуногуни Ҳукумати кишвар нисбат ба рушди соҳаи мазкур ва паҳлуҳои муҳифизатии он ба роҳ монда мешавад. Дар иртибот бо ин, коррупсия метавонад, ки чунин оқибатҳои манфиро ба амнияти иқтисодии кишвар ба бор меорад: мушкилоти расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат (дар бештар маврид ҳадафҳои стратегии кишвар марбут ба соҳаи иқтисодии кишвар мебошанд), афзоиши нобаробарии молу мулкӣ ва камбизоатии қисмати муайяни аҳолӣ, рушди иқтисоди

[919] Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба муқобили коррупсия. Бо қатъномаи 58/4 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳад аз 31 октябри соли 2003 қабул гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.prokuratura.tj (санаи мурочиат: 24.12.2025).

[920] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, № 222 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[921] Гаджиев Н.Г., Коноваленко С.А., Трофимов М.Н. Угрозы в сфере обеспечения экономической безопасности государства. Пути их нейтрализации // Вестник Дагестанского государственного университета. – 2022. – №1. – С. 12.

пинҳонӣ, вайрон гардидани фазои сармоягузорӣ ва механизмҳои рақобатии бозор[922], ғайриоқилона истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ, коҳиш ёфтани боварии субъектони фаъолияти иқтисодӣ[923], қатъ намудани фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти иқтисодӣ ва коҳиш гардидани шумораи онҳо фазои иқтисодии кишвар, фирори сармоягузорон ва ғ.

Бояд зикр намуд, ки содири амалҳои коррупсионӣ ҳамчун омили бамиёноии таҳдид ба амнияти иқтисодӣ дар баробари дигар ҷанбаҳо, ҳамчунин ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқиро доро мебошад. Хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқиро касб намудани содири амалҳои коррупсионӣ ҳамчун омили пайдоиши таҳдид ба амнияти иқтисодӣ бо чунин асосҳо метавонад тавсиф дода шавад:

- содири чунин амал асосан бо раванди идоракунии давлатӣ, яъне фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ алоқаманд аст. Тавре аз муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҷиноятҳои коррупсионӣ ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои давлатӣ[924] муайян гардидаанд, ки моҳиятан рабт доштани содири чунин амалҳоро бо фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ифода менамояд;

- содири амалҳои коррупсионӣ асосан дар доираи хизмати давлатӣ сурат мегирад, ки он ба сифати падидаи муҳимтарини ҳуқуқи маъмурӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад;

- гуруҳи иҷтимоии асосӣ, ки ба содири амалҳои коррупсионӣ даст мезананд, ин шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ мебошанд[925]. Амалҳои коррупсионии шахсони мазкур ба амнияти кишвар, аз ҷумлаи амнияти иқтисодӣ зарари ҷиддӣ расонида, рушди босуботи онро коҳиш медиҳад[926];

- доираи васеи кирдорҳои коррупсиониро ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташкил медиҳад, ки нисбати шахсони содиркунандагони он ҷавобгарии маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Чунин ҳолат тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ танзим мегарданд;

- барои муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти махсуси муқовиматкунанда таъсис гардидааст, ки фаъолияти он пурра ба ин самт равона гардидааст. Махсусан, яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти мазкурро муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои (махсусан ҷиноятҳо) иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки вобаста ба

---

[922] Вичужанин М.Ю. Причины возникновения коррупции и современное состояние коррупции России // Актулаьные проблемы юриспруденции современной России: сборник статей по материалам VI Всероссийской научно-практической конференции, – М., 2016. – С. 35.

[923] Максимов С.Н. Коррупция как угроза экономической безопасности России // Научный вестник оборонно-промышленного комплекса России. – 2014. – № 1. – С. 25.

[924] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соди 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[925] Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми коррупсияро дар иртибот бо фаъолияти шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ муқаррар намудааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» «коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

[926] Лазарев Е.Н., Чекмаев С.В. Коррупция как угроза экономической безопасности // Россия: тенденция и преспективы развития. – 2021. – № 16 (1). – С. 191.

масъалаи мазкур дар сохтори он воҳидҳои сохтории алоҳида таъсис гардидааст, ки дар умум ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд[927].

- соҳаи иқтисодиёт ва амнияти он ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки нисбат ба он таъсиррасонии ҳокимиятӣ, яъне таъсиррасонии субъектони идоракунии давлатӣ (мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори он) равона мегардад. Миёни мақомоти идоракунии давлатӣ ва субъектони фаъолияти иқтисодӣ хоҳу нохоҳ иртиботот ҷиҳати ташкили фаъолияти қонунии субъектони мазкур ба миён меояд. Бинобар ҳамин, дар ин ҳолат эҳтимоли содири амалҳои коррупсионӣ метавонад ҷой дошта бошад, ки дар алоқамандӣ бо иҷрои хизматрасониҳои давлатӣ, бартарӣ гузоштан ба манфиатҳои шахсони алоҳида дар соҳаи амалинамоии фаъолияти иқтисодӣ ва ғ. ба вуқуъ пайвандад.

Ҳамин тариқ, коррупсия дар шароити муосир хислати гуногунро дар худ касб намуда, ба соҳаҳо ва самтҳои нисбатан муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла амнияти иқтисодии кишвар таъсири ҷиддӣ расонида, садди роҳи рушди он, фаъолияти озоди иқтисодии субъектон ва дар умум ҳалли вазифа ва ҳадафҳои иқтисодии давлат мегардад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Соиб З.М.

АДАБИЁТ:

1. Конвенсияи Созмони Милали Мутаҳид ба муқобили коррупсия. Бо қатъномаи 58/4 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳад аз 31 октябри соли 2003 қабул гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.prokuratura.tj (санаи мурочиат: 24.12.2023).

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соди 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, № 1714.\ // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

4. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, № 222 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.03.2026).

5. Вичужанин, М.Ю. Причины возникновения коррупции и современное состояние коррупции России [Текст] / М.Ю. Вичужанин // Актулаьные проблемы юриспруденции современной России: сборник статей по материалам VI Всероссийской научно-практической конференции. – М., 2016. – С. 30-35.

6. Гаджиев, Н.Г., Коноваленко, С.А., Трофимов, М.Н. Угрозы в сфере обеспечения экономической безопасности государства. Пути их нейтрализации [Текст] / Н.Г. Гаржиев, С.А. Коноваленко, М.Н. Трофимов // Вестник Дагестанского государственного университета. – 2022. – № 1. – С. 7-19.

[927] Мақомоти бевоситаи муқовиматкунанда дар низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар сохтори Дастгоҳи марказии Агентии мазкур воҳидҳои сохтории алоҳида дар самти муқовимат ба коррупсия дар соҳаи иқтисодиёт таъсис гардидааст. Ба монанди, раёсати мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ва раёсати мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ва фаъолияти соҳибкорӣ.

7. Лазарев, Е.Н., Чекмаев, С.В. Коррупция как угроза экономической безопасности [Текст] / Е.Н. Лазарев, С.В. Чекмаев // Россия: тенденция и преспективы развития. – 2021. – № 16 (1). – С. 190-191.

8. Максимов, С.Н. Коррупция как угроза экономической безопасности России [Текст] / С.Н. Максимов // Научный вестник оборонно-промышленного комплекса России. – 2014. – № 1. – С. 18-28.

9. Шарифзода, Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ / Ш.М. Шарифзода. – Душанбе, 2022. – 227 с.

10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 25.12.2023).

КОРРУПЦИЯ – УГРОЖАЮЩИЙ ФАКТОР НА ЭКОНОМИЧЕСКУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ ГОСУДАРСТВА: АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

Ключевые слова: коррупция; угроза; экономическая безопасность; преступность; административно-правовой аспект; государства; государственные органы; административные правонарушения; государственное управление.

Аннотация. В данной статье проанализированы и рассматриваются административно-правовые аспекты коррупции, как угрожающего фактора на экономическую безопасность государства. Коррупция в современных условиях является проблемой глобального уровня, которая привлекает к себе мировое сообщество. Потому что её последствия и влияние опасны для общества и в свяхи с этим возникают различные проблемы. Одним из направлений влияния коррупции, которое представляет серьёзную угрозу, это совершение коррупционных деяний в сфере экономической безопасности. Совершение коррупционных деяний вызывает различные проблемы в сфере экономики, препятствует её развитию и в целом оказывает соответствующее негативное влияние на безопасность данной сферы.

Нуров Фуркат Боевич – старший преподаватель кафедры гражданского и экономического права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 935-53-53-55. E-mail: furqat.NN@mail.ru

CORRUPTION IS A THREATENING FACTOR ON THE ECONOMIC SECURITY OF THE STATE: ADMINISTRATIVE AND LEGAL ASPECTS

Keywords: corruption; threat; economic security; crime; administrative and legal aspect; states; government bodies; administrative offenses; public administration.

Annotation. This article analyzes and examines the administrative and legal aspects of corruption as a threatening factor on the economic security of the state. Corruption in modern conditions is a global problem that attracts the attention of the world community. One of the areas of influence of corruption that poses a serious threat to them is economic security. Committing acts of corruption causes various problems in the economic sphere, hinders its development and, in general, has a corresponding negative impact on the security of this sector.

Nurov Furkat Boevich – senior lecturer at the Department of Civil and Economic Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 935-53-53-55. E-mail: furqat.NN@mail.ru

СОИБ ЗАЙНИДДИН МАҲМАДШАРИФЗОД,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

МУЗАФАРЗОДА ПАРВИЗ,
унвончӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 906-98-71-71.

ТДУ: 342.922

КАФОЛАТҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқ; кафолат; уҳдадорӣ; кафолати ҳуқуқӣ; кафолати маъмурӣ; кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ; воситаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ; кафолатҳои умумӣ; кафолатҳои махсус; ҳуқуқу озодиҳо; уҳдадориҳо.

Аннотатсия. Кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ баҳри амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳимояву ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (идоракунии давлатӣ) равона мегардад. Кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ имкон фароҳам меоварад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон дар доираи муносибатҳои мазкур ба таври воқеӣ ва муносиб мавриди амалӣ қарор гирифта шаванд ва танҳо дар шароити ҷой доштани кафолатҳои ҳамаҷонибаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони мазкур дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ самараи дилхоҳ ба бор меоварад.

Тавре маълум аст, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба таври фаъол ширкат меварзанд ва дар таносуб аз шахсони воқеии дигар (шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд) дар чунин муносибатҳои иштирокияти фаъол ва имкониятҳои васеъро доро ҳастанд. Иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар он ҳолате метавонанд самаранок гардад, ки агар аз кафолатҳои дахлдор бархӯрдор бошанд. Яке аз унсурҳои асосии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон ин кафолатҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо мебошад. Дар робита бо ин, гуфтан ҷоиз аст, ки амалисозии пурра ва бонизоми ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва дар маҷмуъ устувории вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ин шахсон, маҳз аз сатҳи кафолати иштироки онҳо дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ҳамин, зимни муайян намудан ва ошкор кардани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон, баррасӣ намудани масъалаи кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муҳим ва аҳаммиятнок мебошад.

Бояд зикр кард, ки кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ яке аз намудҳои кафолатҳои ҳуқуқӣ буда, кафолатҳои ҳуқуқӣ бошад, аз ҷумлаи намудҳои маъмули кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки асосан бо тадбирҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ҳамзамон, кафолатҳои ҳуқуқӣ таъсиси фазои муносиби ҳуқуқии амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои

инсонро ифода мекунад, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад[928]. Албатта, фазои ҳуқуқӣ дар асоси заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад, ки ҷавҳари онро меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Албатта, меъёрҳои ҳуқуқӣ асоси рӯйи кор омадани категорияи кафолати ҳуқуқӣ аст, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илми ҳуқуқӣ эътироф гардидааст.

Ба мазмуни умумӣ заминаи кафолатҳои ҳуқуқиро «қонунгузорӣ» ташкил медиҳад, ки аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ таркиб ёфтааст. Тамоми масъалаҳое, ки ба кафолатҳои ҳуқуқӣ мансубанд, дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии дар қонунгузорӣ инъикосгардида мустаҳкам мегарданд. Хусусан, барои фаҳмиш ва дарки кафолатҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои «шароитҳои ҳуқуқӣ», «тадбирҳои ҳуқуқӣ» ва «воситаҳои ҳуқуқӣ»-и дар қонунгузорӣ муқарраргардида шарти муҳим арзёбӣ мегардад. Яъне, кафолатҳои ҳуқуқӣ фарогири маҷмуи шароитҳо, воситаҳо ва тадбирҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба амалишавии босубот ва ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, амалигардии самараноки вазифа ва ҳадафҳои объектҳои муайяни ҳуқуқӣ ва мувофиқи таъинот дар ҷомеа ҷой доштани масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мусодат менамояд.

Дар адабиёти илмӣ низ мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқӣ ба мафҳумҳои «шароитҳои ҳуқуқӣ», «тадбирҳои ҳуқуқӣ» ва «воситаҳои ҳуқуқӣ»-и дар қонунгузорӣ муқарраргардида баён гардидаанд, ки қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Чунончи, тибқи андешаи илмии ҷойдошта, «зери мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқӣ, маҷмуи шароитҳо, воситаҳо ва тадбирҳои ҳуқуқии дар қонунгузорӣ муқарраргардидае мебошанд, ки ба таъмини амалисозӣ, ҳамчунин ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс (шахсони инфиродӣ ва иттиҳодияҳои онҳо) равона мегарданд»[929].

Дар сарчашмаи илмии ватанӣ кафолатҳои ҳуқуқӣ бо сатҳ ва сифати қонунгузорӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ аломанд гардидааст[930].

Тавре муҳаққиқ А.В. Лошкарев дуруст қайд мекунад, «кафолатҳои ҳуқуқӣ – ин воситаҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ ифода гардида, амалисозии онҳо метавонанд амалисозии муқаррароти дигари меъёрии ҳуқуқиро таъмин намоянд»[931].

Дар асоси андешаи илмии дигар бошад, «кафолатҳои ҳуқуқӣ – ин тамоми воситаҳои ҳуқуқии амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуққои асосии инсон мебошад»[932].

Албатта, бе ягон баҳс дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки мазмунан кафолати онҳоро ифода менамояд, меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамоянд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд. Аммо, чунин таъминнамоӣ ва ҳифзи объектҳои мазкур дар заминаи воситаҳои муайян, ба монанди фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори онҳо сурат мегирад[933]. Масалан, тибқи қонунгузорӣ шаҳрванд дар интихобот аз синни муқарраргардида ҳуқуқи иштирок карданро дорад. Ин меъёри қонунгузорӣ ба мазмуни умумӣ худ кафолати ҳуқуқӣ аст, ки шарту шароити ҳуқуқиро вобаста ба ҳуқуқи мазкур

[928] Комкова Г.Н. Конституционные гарантии прав человека в России: понятие и классификация // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Общественные науки. Право. – 2016. – № 3 (39). – С. 33.
[929] Гумеров Л.А. Понятие и виды юридических гарантий реализации субъективных прав и свобод в научно-технической сфере // Вестник экономики, права и социологии. – 2014. – № 4. – С. 132.
[930] Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 306.
[931] Лошкарев А.В. Правовые гарантии: теоретические проблемы определения понятия и классификации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2009. – С. 9.
[932] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. – М.: Юристъ, 2003. – С. 244-245.
[933] Корепина А.В. Административно-правовой статус гражданина Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 124.

муқаррар кардааст. Яъне, барои иштирок кардан дар интихобот, шаҳрванд бояд ба синни 18 расида бошад, ки ин шарти мушаххас ҳамчун кафолати ҳуқуқӣ аст.

Кафолати ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар интихобот бо ин ба итмом нарасида, воситаҳои ҳуқуқии таъминкунанда ва ҳифзкунандаро рӯйи кор меоварад. Яъне, мақомоти давлатӣ барои амалигардии ҳуқуқи зикршудаи шаҳрвандон чорабинии сиёсӣ – интихобот ташкил менамояд, ки ба амалишавии воқеии ҳуқуқи мазкур равона мегардад. Чунин ҳолат, ҳамчун таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ифода мегардад, ки тавассути воситаҳои ҳуқуқии таъминкунанда амалӣ карда мешавад. Баъдан, дар доираи амалишавии ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар интихобот, ки агар ҳолатҳои поймолшавӣ ва ё монеагиҳо ба назар расад, воситаҳои ҳуқуқии ҳимоякунанда ба кор бурда мешавад, ки аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Ин ҳама ҳолатҳо моҳиятан кафолати ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ифода менамояд. Яъне, кафолати ҳуқуқӣ амалан дар доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор таҷассум мегардад, ки шарту шароитҳо ва тадбирҳои ҳуқуқиро (амалисозии фаъолияти санҷишӣ, назоратӣ, татбиқи чораҳои пешгирикунанда, бартарафкунанда, барқароркунанда ва ғ.) дар амал татбиқ менамоянд. Бе фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, ки моҳиятан кафолати ҳуқуқиро ифода мекунанд, имконнопазир аст.

Кафолатҳои ҳуқуқиро бо назардошти соҳаҳои ҳуқуқии дар низоми ҳуқуқии кишвар мавҷудбуда ҷудо намуданд мумкин аст. Яъне, дар доираи соҳаҳои ҳуқуқи мавҷуда ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор кафолатҳои ҳуқуқии муайян муқаррар мегарданд. Вобаста ба ин, кафолатҳои ҳуқуқие чун кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, кофолатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, кафолатҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. Дар доираи иштироки шаҳрвандон дар ин ё он муносибатҳои ҳуқуқӣ кафолатҳои зикршуда барои устувор гардидани вазъи ҳуқуқии онҳо дар нақши муҳимро иҷро мекунад. Дар миёни кафолатҳои мазкур кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти хос дошта, барои таҳким ва мустаҳкамии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ-ҳуқуқӣ мафҳуми «кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ» аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми илми мазкур маҳсуб меёбад, ки бо амалан иҷро гардидани танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки дар маҷмуъ ба амалӣ гардидани вазифаҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва фазои маъмурӣ-ҳуқуқӣ равона мегардад. Ба таври дигар, танзими мазкур дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ташкилотҳо аҳаммияти махсусро доро мебошанд. Маҳз, кафолатҳои мазкур дар бешатр маврид таъмини воқеии амалисозии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони ҳуқуқро дар соҳаи идоракунии оммавӣ таъмин менамояд.

Тибқи арзёбии илмӣ «мафҳуми «кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносии муосир мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки зимни татбиқи механизмҳои танзими ҳуқуқӣ ва реҷаҳои мухталифи маъмурӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқии масъалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ошкор намудаи мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шахс ва тадбирҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатӣ амалӣ мегарданд»[934]. Кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ як намуди кафолатҳои

[934] Соибов З.М. Кафолатҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 4/2 (54). – С. 199.

ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки дар доираи воситаҳои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар мегарданд[935].

Мафҳуми кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ дар шаклҳои дигар низ баён гардидааст. Хусусан, дар алоқамандӣ бо вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрванд ва иштироки шаҳрванд дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (идоракунии давлатӣ) мафҳумҳое чун «кафолатҳои ҳуқуқии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрванд»[936], «кафолатҳои ҳуқуқ ва озодии шаҳрванд дар соҳаи идоракунии давлатӣ»[937], «кафолатҳои амалисозии ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ»[938], «кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи шаҳрванд»[939], «кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрванд»[940] ва амсоли инҳо аз ҷониби муҳаққиқон истифода ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ мафҳуми кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидааст, ки мазмунан ба иштироки самараноки шаҳрвандонро дар муносибатҳои мазкур, амалсозии босуботи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо дар идоракунии давлатӣ ва дар маҷмуъ, устувории вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро мусоидат менамояд.

Мавриди ба зикри хос аст, ки такмил ва устуворсозии кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба сифати самти муҳимми рушди ҳуқуқи миллӣ дар марҳилаи муосири рушди низоми ҳуқуқии ватанӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 «инкишофи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» аз ҷумлаи самтҳои асосии такмили низоми конститутсионии кишвар маҳсуб меёбад[941], ки барои таҳкими кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ заминаи муносиби ҳуқуқӣ мегузоранд. Зеро тавре маълум аст, шаҳрвандон дар заминаи амалигардонии ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, ки аз асосан аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ иштирок менамоянд. Чунин муқаррароти ҳуҷҷати стратегии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон хусусияти мубрамиро дар худ таҷассум менамояд ва дар меҳвари сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор дорад.

Кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки дар асоси онҳо метавонад аз намудҳои дигари кафолатҳои ҳуқуқӣ тафовут намояд. Пеш аз ҳама, кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар мегарданд. Албатта, хусусияти дилхоҳ намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки онҳо аз меъёрҳои ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, дар доираи меъёрҳои мазкур мустаҳкам мегарданд. Кафолатҳои

---

[935] Фесько Д.С. Административно-правовые гарантии прав граждан и юридических лиц при осуществлении государственного контроля и надзора: природа, понятие, виды // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2018. – № 3. – С. 165.

[936] Семененко А.А. Понятие и содержание категории «юридических гарантий адинистративно-правового статуса граждан» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://alley-science.ru/ (дата обращения: 28.11.2025).

[937] Корепина А.В. Административно-правовой статус гражданина Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 120.

[938] Никифоров М.В. Граждане как субъекты административного права: дис. … канд. юрид. наук. – Нижный Новгород, 2000. – С. 60.

[939] Фесько Д.С. Административно-правовые гарантии прав граждан и юридических лиц при осуществлении государственного контроля и надзора: природа, понятие, виды // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2018. – № 3. – С. 165.

[940] Кулишов Д.Н. Понятие и виды гарантий административно-правового статуса граждан Российской Федерации в области обеспечения национальной безопасности // Аграрное и земельное право. – 2013. – № 10 (106). – С. 122-134.

[941] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 28.11.2025).

маъмурӣ-ҳуқуқӣ маҳз бо назардошти дар меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардиданашон ҳамчун намуди мустақил ва алоҳидаи кафолатҳои ҳуқуқӣ эътироф гардидаанд. Меъёрҳои мазкур дар сатҳи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори ваколатдор мустаҳкам гардидаанд[942]. Меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тамоми масъалаҳои вобаста кафолати маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки дар муносибатҳои зикргардидаро муқаррар менамояд ва заминаи асосӣ ва муҳимтарин барон он ба ҳисоб меравад.

Дигар ин ки кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ воситаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро ифода менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин, кафолатҳои мазкур шароитҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро ҷиҳати иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои мазкур фароҳам меоварад. Шароитҳо ва воситаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ба раванди иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои мазкур таъсиррасонии мусбӣ расонида, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шахсони мазкурро таҳким бахшад.

Хусусияти дигари кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар ифода мегардад, ки амалан дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва субъектони дигар (оммавӣ) таҷассум мегардад. Дар сатҳи илмӣ низ тасдиқ гардидааст, ки «мазмуни кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар амалисозии воқеии амалҳои муҳимми ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ (шахсони мансабдор) ифода мегардад»[943] . Фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ҳамчун асоси амалан сурат гирифтани кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ бо як қатор масъалаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Чунончи, муқаррар намудани уҳдадориҳо ба мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, муқарррар намудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, ки дар доираи он мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо уҳдадории худро дар муносибат ба шаҳрвандон иҷро мекунанд[944], пурзӯр намудани ҷавобгарии мақомоти идоракунии давлатӣ шахсони мансабдори онҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо ҳуд ҷиҳати таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ[945], назорати доимӣ ба амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, татбиқ намудани тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба вайрон гардидни ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ғайра[946].

Афзалияти ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандонро ба инобат гирифта, яке аз муҳаққиқони хориҷӣ дуруст иброз менамояд, ки «тамоми низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти ҳудидоракунии маҳаллӣ барои он таъсис гардида, фаъолият мекунанд, ки шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатии онҳо музди меҳнат мегиранд, то ба шаҳрвандон хизмат кунанд, амалисозии ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои онҳоро таъмин кунанд»[947].

---

[942] Боер В.М., Кайнов В.И. Административно-правовые гарантии прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации // Закон. Право. Государство. – 2025. – № 4 (48). – С. 99.

[943] Бунеева Ю.А. Теоретические проблемы административной правосубъективности гражданина: дис. … канд. юрид. наук. – Воронеж, 2000. – С. 112.

[944] Глазунова Н.И. Система государственного управления: учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – С. 29.

[945] Таукибаева Ш.Ж. Гарантии прав и свобод граждан в сфере государственного управления // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2011. – № 2 (22). – С. 17.

[946] Бунеева Ю.А. Теоретические проблемы административной правосубъективности гражданина: дис. … канд. юрид. наук. – Воронеж, 2000. – С. 112.

[947] Дехканова К.А. Административно-правовые гарантии прав, свобод и законных интересов граждан // Вестник Ошского государственного университета. – 2010. – № 3. – С. 99.

Ҳамин тариқ, кафолатҳои амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ имкон фароҳам меоварад, ки иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии давлатӣ таъмин гардида, ҳамчун субъекти фаъол дар ин раванд, яъне муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ширкат варзанд. Кафолатҳои мазкур дар заминаи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифта, бо ташкили фаъолияти самараноки мақомоти идоракунии давлатӣ таъмин мегарданд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н.

АДАБИЁТ:

1. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст. Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmih.tj (санаи мурочиат: 28.11.2025)..

2. Боер, В.М., Кайнов, В.И. Административно-правовые гарантии прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации [Текст] / В.М. Боер, В.И. Кайнов // Закон. Право. Государство. – 2025. – №4 (48). – С. 98-100.

3. Бунеева, Ю.А. Теоретические проблемы административной правосубъективности гражданина [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Бунеева Юлия Александровна. – Воронеж, 2000. – 231 с.

4. Дехканова, К.А. Административно-правовые гарантии прав, свобод и законных интересов граждан [Текст] / К.А. Дехканова // Вестник Ошского государственного университета. – 2010. – №3. – С. 98-101.

5. Глазунова, Н.И. Система государственного управления [Текст]: учебник для вузов / Н.И. Глазунова. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – 551 с.

6. Гумеров, Л.А. Понятие и виды юридических гарантий реализации субъективных прав и свобод в научно-технической сфере [Текст] / Л.А. Гумеров // Вестник экономики, права и социологии. – 2014. – № 4. – С. 132-135.

7. Козлова, Е.И., Кутафин, О.Е. Конституционное право России [Текст] / Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин. – М.: Юристъ, 2003. – 592 с.

8. Комкова, Г.Н. Конституционные гарантии прав человека в России: понятие и классификация [Текст] / Г.Н. Комкова // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Общественные науки. Право. – 2016. – № 3 (39). – С. 31-39.

9. Корепина, А.В. Административно-правовой статус гражданина Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Корепина Анна Викторовна. – Москва, 2001. – 174 с.

10. Кулишов, Д.Н. Понятие и виды гарантий административно-правового статуса граждан Российской Федерации в области обеспечения национальной безопасности [Текст] / Д.Н. Кулишов // Аграрное и земельное право. – 2013. – №10 (106). – С. 122-134.

11. Лошкарев, А.В. Правовые гарантии: теоретические проблемы определения понятия и классификации [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид наук: 12.00.01 / Лошкарев Андрей Викторович. – Краснодар, 2009. – 26 с.

12. Никифоров, М.В. Граждане как субъекты административного права [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Никифоров Максим Владимирович. – Нижный Новгород, 2000. – 205 с.

13. Семененко, А.А. Понятие и содержание категории «юридических гарантий адинистративно-правового статуса граждан» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://alley-science.ru/ (дата обращения: 28.11.2025).

14. Соибов, З.М. Кафолатҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [Матн] / З.М. Соибов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 4/2 (54). – С. 195-201.

15. Таукибаева, Ш.Ж. Гарантии прав и свобод граждан в сфере государственного управления [Текст] / Ш.Ж. Таукибаева // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2011. – № 2 (22). – С. 17-20.

16. Фесько, Д.С. Административно-правовые гарантии прав граждан и юиридческих лиц при осуществлении государственного контроля и надзора: природа, понятие, виды [Текст] / Д.С Фесько // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2018. – № 3. – С. 165-171.

ГАРАНТИИ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ПРАВ И ОБЯЗАННОСТЕЙ ГРАЖДАН В АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Ключевые слова: право; гарантия; обязанность; юридическая гарантия; административная гарантия; административно-правовые гарантии; административно-правовые средства; общие гарантии; специальные гарантии; права и свободы; обязательства.

Аннотация. Административно-правовые гарантии участия граждан в административно-правовых отношениях направлены на осуществление прав и обязанностей, а также на защиту прав и законных интересов граждан в административно-правовых отношениях (государственном управлении). Административно-правовые гарантии позволяют реально и надлежащим образом осуществлять права и обязанности граждан в рамках данных отношений, и только при наличии комплексных административно-правовых гарантий осуществление прав и обязанностей, а также защита прав и интересов указанных лиц в административно-правовых отношениях дают желаемый эффект.

Соиб Зайниддин Махмадшарифзод – доктор юридических наук. Тел.: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Музафарзода Парвиз – соискатель Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 906-98-71-71.

ADMINISTRATIVE AND LEGAL GUARANTEES FOR THE EXERCISE OF CITIZENS' RIGHTS AND OBLIGATIONS IN ADMINISTRATIVE AND LEGAL RELATIONS

Keywords: law; guarantee; obligation; legal guarantee; administrative guarantee; administrative and legal guarantees; administrative and legal means; general guarantees; special guarantees; rights and freedoms; obligations.

Annotation. Administrative and legal guarantees of citizens' participation in administrative and legal relations are aimed at exercising rights and obligations, as well as protecting the rights and legitimate interests of citizens in administrative and legal relations (public administration). Administrative and legal guarantees make it possible to effectively and appropriately exercise the rights and obligations of citizens within the framework of these relations, and only if there are comprehensive administrative and legal guarantees, the exercise of rights and obligations, as well as the protection of the rights and interests of these persons in administrative and legal relations, give the desired effect.

Soib Zainiddin Mahmadsharifzod - Doctor of Law. Phone: (+992) 985-11-66-99. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

Muzafarzoda Parviz – competitor of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 906-98-71-71.

АТОБУЛЛОЕВ ШАҲРОМ КОМИЛҶОНОВИЧ,
унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 110-01-26-27. E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com

ТДУ: 343.01

САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ҲАЛЛИ МАСОИЛИ МАРЗӢ

Калидвожаҳо: Маҷлиси Олӣ; Президент; тамомияти арзӣ; соҳибихтиёрӣ; сарҳади давлатӣ; ҳудуд; вилоят; мақомоти ҳокимияти давлатӣ; маҳал; ҳукумат.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки салоҳияту ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои таъсису барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани сарҳади онҳо, номгузорию номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, баҳисобгирию бақайдгирии онҳо, ҳамчунин масъалаҳои дигари вобаста ба сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо истифода аз адабиёти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор диҳад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими таркиби давлат ташкили марзии ӯ мебошад, ки он одатан, аз воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат аст. Бояд қайд кард, ки таъмини амнияти давлат аз ҷониби подшоҳон ва шахсони барӯманди ҷамъиятӣдар давраи пайдоиши аввалин давлатҳо дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аҳаммияти калон дошт. Бо ин назардошт таҳлилу омӯзиши масъала муҳим арзёбӣ мегардад.

Сохти маъмурӣ ва марзии давлат яке аз ҷанбаҳои муҳими ташкили ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки барои таъмини идоракунии самаранок, рушди устувори минтақаҳо ва ҳифзи тамомияти арзии мамлакат нақши муҳим мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба таъсис, барҳамдиҳӣ ва тағйири воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ дар заминаи қонунгузории миллӣ ва тавассути мақомоти ваколатдори давлатӣ ба роҳ монда мешаванд.

Ҳадафи асосии давлати Тоҷикистон таъмини амалишавии меъёри конститутсионӣ оид ба тағйирнопазирии шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, таҳкими пояҳои истиқлолият, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад

Танзими ҳуқуқии сохти марзиву маъмурӣ дар асоси санадҳои зерин амалӣ мегардад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994);
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02.01.2018, №1492;
- Қарорҳо ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои марбут ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

Конститутсия масъалаи таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳоро ҳамчун салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал гузоштааст. Чунин салоҳият аз табиати ҳуқуқӣ ва сохтори дохилӣ, хислати

намояндагии тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва манфиатҳои минтақаро ифода кардани Маҷлиси миллӣ бармеояд.

Мақомотҳои ваколатдор ва салоҳиятҳои онҳо:

- Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии қонунбарор салоҳият дорад, ки қарорҳо дар бораи таъсис, барҳамдиҳӣ ё тағйири номи воҳидҳои маъмурӣ қабул намояд (моддаи 55 Конститутсия);

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Президенти кишвар тибқи салоҳияти конститутсионии худ, дар асоси пешниҳодҳои расмии Ҳукумат ё дигар мақомоти марбута фармонҳо содир мекунад, ки боиси тағйироти ҷиддӣ дар сохтори маъмурӣ мегарданд;

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳукумат лоиҳаҳои тағйиротро омода намуда, онҳоро барои баррасӣ ба Президент ва Маҷлиси Олӣ пешниҳод мекунад. Ҳамчунин, он ҳамоҳангсозии мақомоти марбута ва таҳлили зарурати тағйиротро анҷом медиҳад;

- Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ;

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Мақомоти маҳаллӣ, ба мисли раисони вилоят, ноҳия ва ҷамоатҳо, метавонанд пешниҳодҳои тағйироти марзиву маъмуриро дар асоси талаботи иҷтимоиву иқтисодӣ ва географӣ ба Ҳукумат ирсол намоянд.

Дар ин росто ҷиҳати татбиқи амалишаваии тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ, салоҳият ва ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои таъсису барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани сарҳади онҳо, номгузорию номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, баҳисобгирию бақайдгирии онҳо, ҳамчунин масъалаҳои дигари вобаста ба сохти марзиву маъмуриро муаян намудан Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ» аз 02.01.2018, № 1492) ба тавсиб расидааст[948].

Чунон ки маълум аст, аз чор се ҳиссаи маъзои Маҷлиси миллӣ аз тарафи Маҷлиси вакилони халқӣ интихоб ва як ҳисааш аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Узви маҷлиси миллӣ дар як вақт вакили Маҷлиси вакилони халқи маҳаллии дахлдор нриз мебошад. Маҷлиси Олии ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор буда, аз ду палата иборат аст:

Маҷлиси миллӣ (палатаи болоӣ) ва маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ). Маҷлиси миллӣ аз ҷониби мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешавад, яъне мақоми намояндагии ғайримустақим мебошад. Маҷлиси миллӣ аз 33 аъзо иборат аст, ки 25 нафари онҳо бо овоздиҳии ғайримустақим ва пинҳонӣ дар ҷаласаҳои якҷояи вакилони мақомоти намояндагии маҳаллӣ Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо интихоб карда мешаванд.

Дар Маҷлиси миллӣ вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи баробари намояндагон доранд. Аз ин хотир, манфиати халқи воҳидҳои мазиву маъмурии дахлдор тавассути аъзои Маҷлиси миллӣ дар парламент ҳамаҷониба ҳифз карда мешавад. Ин муқаррароти конститутсионӣ

[948] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ» аз 02.01.2018 № 1492) Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.03.2026).

дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моддаи 19) пешбинӣ шуда, масъалаи тартиби ҳалли сохти марзиву маъмурӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пурра таҷассуми худро ёфтааст.

Тибқи меъёри моддаи 2 воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳаллҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳр,ноҳия, шаҳрак, деҳот, ва деҳа мебошанд. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷуиҳурии Тоҷикистон вилоятҳоро таъсис карда, барҳам медиҳад. Ҳангоми ташкили вилоят сарҳади он, тақсимоти ноҳиявӣ ва маркази маъмурии он муқаррар карда мешавад.

Тоҷикистон давлати ягона буда, ҳудуди он тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад. Шакли сохти ҳудуди давлатии Тоҷикистон унитарӣ (ягона) буда, мавҷудияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳайати он ба ин ҳеҷ гуна монеъ шуда наметавонад.

Тағйири сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, табдили марказҳои маъмурӣ аз тарафи Маҷлиси миллии Малиси Олӣ дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархости Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи дахлдор сурат мегирад. Таъсис ва тағйири ҷамоати деҳа дар асоси дархости Маҷлисҳои ноҳия ё шаҳри дахлдор, аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ҳал карда мешавад.

Унсури муҳимтарини сохтори ташкилӣ идораи давлатӣ мақоми давлатӣ мебошад.Мақоми давлатӣ ин сохтори ягонаи ҳокимият (шаҳрванд, коллектив, гурӯҳи шаҳрвандон) мебошад, ки барои амалӣ намудани мақсадҳо ва вазифаҳои ба он таъиншуда салоҳиятҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ дорад.

Нишонаи муҳими мақоми давлатӣ мавҷудияти ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ мебошад, ки дар салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ дар фаъолияти амалии онҳо тавассути қарорҳои идоракунии қабулкардаи онҳо амалӣ карда мешаванд. Сохтори марзӣ - давлатӣ вобаста ба таркиби давлат шакли ягона (унитарӣ - аз лотинӣ «unitas» гирифта шуда, маъноияш ягонагӣ), яъне содда ё шакли иттифоқӣ (федеративӣ - аз лотинӣ «foederatio» гирифта шуда, маъноияш иттиҳод) яъне мураккаб мебошад.

Сохтори марзию маъмурии Тоҷикистон - ин вобаста ба мақсаду вазифаҳои он тақсим гардидани марзи давлатӣ ба қисмҳои таркибие мебошад, ки мувофиқи онҳо низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда шудааст.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Муайян кардани сохти ҳудудию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарк кардани давлати ягона будани он мадад мерасонад.

Давлати Сомониён - нахустин давлати муттамаркази сиёсии тоҷикон (солҳои 875-999) ба шумор меравад. Саромади ин сулолаи ҳукмрон Сомонхудот буда, наберагони ӯ солҳои 819-820 Нуҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чоч ва Истаравшан ва Илёс дар Ҳирот ҳоким таъин шуда буданд. Ташаккули ин давлатдорӣ бо номи Исмоили Сомонӣ (Исмоил ибни Аҳмад 849-907) алоқаманд аст[949].

Маҳз тавассути маҳорати баланди давлатдорӣ, адолатпешагӣ ва донишу заковат ба Исмоил муяссар гашт, ки солҳои 892-907 давлати бузургеро барпо кунад, ки ба ҳайати он Мовароуннаҳру Хуросон, ҳавзаи дарёҳои Ому, Зарафшону Сир (аз Афғонистони Марказӣ

[949] Каримов С. Дар бораи дилбастагии мардум ба забони тоҷикӣ дар даврони Сомониён. Истиқлолият ва худшиносии миллӣ // Ҷумҳурият. – 2001. – 16 июн. – № 64-65 (20345).

ва Хуросони Эрон ворид гаштанд. Дар ин давра эҳёи анъанаҳо, ташаккули халқи имрӯзаи тоҷик, ки нерӯи тоза пайдо карда, чун воҳиди том муттаҳид гашта, ҷараёни нав гирифтааст.

Чуноне ки олими мунисипалисти рус Н.С. Тимофеев қайд менамояд: «ташкили худидоракунии маҳаллӣ дар тамоми ҳудуди давлат аз асосҳои пурраҳокимиятии халқ сарчашма мегирад[950].

Конститутсияи Тоҷикистон заминаҳои асосии бунёди давлати нав, сохтори нави ҷамъиятӣ, пайдоиши падидаҳои нави ҳуқуқию конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тартиби интихобии ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва шаклҳои фаъолияти онҳоро муқаррар намуд[951]. Соҳибихтиёрӣ ва пурраҳокимиятии халқи ҷумҳурӣ ҳам яке аз асоси сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Низоми мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, тарзи интихоб ва фаъолияти онҳо, инчунин мансабдорони олии давлатӣ мувофиқи ирода ва манфиати халқ муқаррар ва ба амал бароварда мешавад. Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд амалӣ мегардад. Барои донистани мавқеи ин усулҳо дар сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзи ҳуқуқии татбиқи онҳо, чукур ва ҳаматарафа омӯхтани роҳҳои мукаммал гардонидани онҳо ёрӣ мерасонад.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1991) худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти халқӣ «ҳуқуқи шаҳрвандон ва иштироки воқеии онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди ҳудуд ва масоили аҳаммияти маҳаллидошта» маънидод шуда буд.

Дар қисми 3-юми ҳамин модда бошад, муқаррар карда шуда буд, ки «Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби шаҳрвандон ё ҳуд мақомоти интихобнамудаи онҳо бо назардошти манфиатҳои аҳолӣ ва хусусиятҳои тақсимоти маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ дар асоси қонун ва сарчашмаҳои моддию молиявӣ ба амал бароварда мешавад». Инчунин олимон (Лазаревский Н.И, Кропоткин П.Н, Холиқов К.Н) як ҷузъи ҳокимияти оммавӣ будани худидоракунии маҳаллиро нишон медиҳанд, ки дар муносибат бо ҳокимияти давлатӣ худмухтор мебошад.

Масалан, В.А. Шепачев овардааст, ки «худидоракунии маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои худ мустақил буда, дар муносибат бо ҳокимияти давлатӣ худмухтор мебошад.Бешубҳа худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун асоси ҳокимияти халқӣ яке аз падидаҳо ва ҳамзамон яке аз механизмҳои ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад[952].

Сохтори ҳудудии давлат низоми муайяни воҳидҳои ҳудудӣ мебошад, ки давлат аз онҳо иборат аст. Ҳамчун ниҳоди махсуси воҳиди ҳудудӣ дар таркиби давлатӣ ягона, дорои ҳуқуқҳои дар қонун муайяншуда мебошад.

Барои дуруст дарк кардани мазмуни қисми дуюми моддаи 81 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар хотир дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ягона мебошад (моддаи 1). Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашавандава дахлнопазир мебошад (қисми якуми моддаи 7). Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст (қисми дуюми моддаи 7).

[950] Тимофеев Н.С. Местное самоуправление в России: основы и пределы (конституционно-правовые аспекты): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2008. – С. 48.

[951] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 45.

[952] Щепачев В.А. Местное самоуправление в современной России. – Оренбург: ОАО ИПК Южный Урал, 2010. – С. 159.

Яке аз усулҳои асосии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини тамомияти арзи Тоҷикистон мебошад, ки дар моддаи 100 Конститутсия ба монанди дигар шаклу моҳияти давлат тағйирнопазир эълон шудааст.

Имомов А.олими варзидаи кишвар қайд мекунад, ки яке аз хусусиятҳои давлат марзи он мебошад, ки ҳамчун асоси моддии доираи паҳншавӣ ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунад. Марзи давлатии Тоҷикистони имрӯза то соли 1924 дар ҳайати ду давлат - аморати Бухоро ва империяи Русия ҷойгир буд[953].

Ҷумҳурии Мухтории Шуравии сосиалистии Тоҷикистон соли 1924 дар ҳайати вилоятҳои Ғарм, Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва тумани Қаротегини вилояти Сариосиёи собиқ Бухоро, вилоятҳои Уротеппа ва Панҷакенти уезди Самарқанд, Помир ва Бадахшони Кӯҳии вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон ташкил ёфт[954].

Бояд қайд кард, ки дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ва солҳои барқарор кардани хоҷагии халқ вилоятҳо дар сафарбар кардани мардум барои истеҳсолоти ҷангӣ ва аз навсозии иқтисодиёт мавқеи калон доштанд.

Дар моддаи 4 қонуни мазкур дарҷ гардидааст, ки ба воҳидҳои марзиву маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот, ки дар онҳо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ташкил карда шудаанд, дохил мешаванд. Ба ҳар як воҳиди марзиву маъмурӣ бо мақсади муайян намудани доираи ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ном гузошта, сарҳад ва маркази маъмурие, ки дар он мақомоти мазкур муқаррар карда мешаванд.

Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи сохти марзиву маъмурӣ ба ҳудуди пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақсим мешавад. Дар ин ҷо салоҳияту ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дида мебароем.

Тибқи моддаи 9 Қонуни конститутсионии мазкур Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

- воҳидҳои марзиву маъмуриро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис, барҳам ва тағйир медиҳад, маркази маъмурии онҳоро муқаррар мекунад;
- сарҳади воҳидҳои марзиву маъмуриро муқаррар мекунад ва тағйир медиҳад;
- мансубияти маҳалҳои аҳолинишинро ба категорияҳои шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа муайян мекунад ва тағйир медиҳад;
- масъалаҳои номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро ҳал менамояд.

Барои амалӣ намудани идоракунии давлатӣ дар асоси омезиши оптималии манфиатҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳудуди Тоҷикистон ба қаламрави пойтахт, қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки ба:

- ҳудуди пойтахти шаҳри Душанбе ба ҳудуди ноҳияҳои тобеи шаҳр тақсим карда мешавад;
- ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ба ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят тақсим мешавад;

[953] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Нашри дуюм бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2004. – С. 200.
[954] Масов. Р.М. История топороного разделения. – Душанбе, 1991. – С. 99.

- ҳудуди шаҳр, ки дигар маҳалҳои аҳолинишинро муттаҳид мекунад, ба қаламрави шаҳр, шаҳракҳо ва деҳотҳо, ки воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ-ҳудудӣ мебошанд, тақсим карда мешавад;

- ҳудуди ноҳия ба ҳудуди шаҳракҳо ва деҳотҳо, ки воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ-ҳудудӣ мебошанд, тақсим карда мешавад;

- ҳудуди шаҳрак, ки дигар маҳалҳои аҳолинишинро муттаҳид мекунад, ба қаламрави шаҳрак ва воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ-ҳудудии маҳалҳои аҳолинишин тақсим карда мешавад.

- ҳудуди деҳотҳо ба ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, ки воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ-ҳудудӣ нестанд, тақсим карда мешавад.

Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, 18 шаҳр, 58 ноҳия (аз ҷумла 13 шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), 57 шаҳрак ва 370 ҷамоати деҳот иборат аст. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор буда, аз ду палата иборат аст: Маҷлиси миллӣ (палатаи болоӣ) ва маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ).

Маҷлиси миллӣ аз ҷониби мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешавад, яъне мақоми намояндагии ғайримустақим мебошад. Маҷлиси миллӣ аз 33 аъзо иборат аст, ки 25 нафари онҳо бо овоздиҳии ғайримустақим ва пинҳонӣ дар ҷаласаҳои якҷояи вакилони мақомоти намояндагии маҳаллӣ Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо интихоб карда мешаванд.

Ҳукумат системаи мақомоти идоракунии давлатиро роҳбарӣ мекунад, фаъолияти онҳо ва ҳамкории мувофиқашударо таъмин мекунад. Дар моддаи 1 Эъломияи мазкур мафҳуми истиқлолияти давлатӣ ҳамчун «ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» маънидод шудааст.

А.Н. Сагиндикова мақоми давлатиро ҳамчун ташкилоти махсусе муайян мекунад, ки бо воситаҳои зарурии моддӣ, ҳаҷми муайяни ваколатҳои давлатӣ ва ҳокимиятӣ таъмин карда шудааст, ки дорои сохтори возеҳе, ки аз намояндагони халқ ё хизматчиёни давлатӣ иборат аст, ки вазифаҳои ба онҳо вогузоршударо бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои дахлдор иҷро мекунанд[955].

Тибқи моддаи 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ чунин салоҳиятҳоро амалӣ мегардонад:

- ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис ва барҳамдиҳии воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани марказҳои маъмурӣ ва сарҳади онҳо, номгузориву номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин пешниҳод ирсол менамояд;

- ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин ба категорияҳои шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа, тағйир додани тобеияти онҳо пешниҳод ирсол мекунад;

- оид ба баррасии масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ комиссия таъсис медиҳад.

Тафсири васеътари мақомоти давлатиро профессор А.А. Мишин дода буд, ки ба ғайр аз мансубият ба дастгоҳи давлатӣ, муайянкунии сохторӣ-функсионалиро низ ҷудо мекунад,

[955] Сагиндыкова А.Н., Ховралев А.Л., Южаков А.Б. Деятельность участковых уполномоченных милиции в сфере охраны общественного порядка. (Конституц. и адм.-правовые аспекты): монография. – М-во анутр. дел Рос. Федерации, Урал. юрид. ин-т. – Екатеринбург: МВД России, 2004. – С. 67.

ки дараҷаи он ҳам аз мақоми расмӣ-ҳуқуқии он ва ҳам аз тақсимоти воқеии салоҳияти функсионалии предметӣ вобаста аст[956].

Давлати ягона Конститутсияи худро дорад. Дар Конститутсия шакли сохтори давлатӣ, шакли идоракунии давлат, хусусиятҳои хоси давлат, низоми мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори ҷамъиятӣ ва ғайра муқаррар ва мустаҳкам карда мешавад. Ҳалли масъалаҳои таъсису тағйири низоми воидҳои марзию маъмурӣ хеле мураккаб ва муҳиманд. Чи тавре ки дар боло қайд ёфта буд, то соли 1957 бе ихтиёри Иттифоқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ вилоятҳоро ташкил ва барҳам дода наметавонистанд. Ин амал бо қонуни Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ расмӣ гардонда мешуд ва мувофиқан ба Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ тағйирот дароварда мешуд.

Вале бо вуҷуди ин дар Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1937 вилоятҳо, ноҳия ва шаракҳои итоати ҷумҳурӣ нишон дода шуда буданд (моддаи 19). Бинобар ин, ташкил ва ё барҳам додани вилоят, ноҳия ва ё шаҳр итоати ҷумҳурӣ ба тағйир додани конститутсия асос мегардид ва дар ин хусус қонуни махсуси ҷумҳурӣ қабул карда мешуд.

Илова бар ин тибқи талаботи моддаии 11 қонуни конститутсионии мазкур ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо оид ба оид ба ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ чунин ифода ёфтааст:

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят дар бораи тағйири сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, таъсис ва барҳам додани ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, муқаррар кардану ба ҷои дигар кӯчонидани марказҳои маъмурии онҳо, мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин ба категорияи шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят оид ба муқаррар намудану тағйир додани сарҳади шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳрак ва деҳот ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- бо назардошти афкори аҳолии ҳудудҳои дахлдор ва қарори мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳия оид ба номгузорӣ ва номивазкунии маҳалҳои аҳолинишин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- оид ба баррасии пешакии масъалаҳои сохти марзиву маъмурии ҳудуди дахлдор комиссия таъсис медиҳанд[957].

Рӯй меорем ба гуфтаи профессор Г. Атаманчук, ки вобаста ба ин чунин менигорад: «Давлат ба сифати як ҷанбаи мураккаб ва гуногунпаҳлӯи падидаи иҷтимоӣ ба сифати субъети идора баромада карда, ба идораи давлатӣ хосияти низомнокӣ медиҳад»[958].

Принсипҳои асосии ҳалли масъалаҳои марзиву маъмурӣ:

- риояи манфиатҳои умумимиллӣ ва рушди мутаносиби минтақаҳо;

- тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатӣ;

[956] Мишина А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. – Москва: Юстицинформ, 2004. – С. 32.
[957] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.03.2026).
[958] Атаманчук Г. Теория государственого управления. Курс лекций. – 2-е изд., доп. – М., 2006. – С. 45.

- дастрасӣ ва самаранокии идоракунӣ;
- такя бар омилҳои демографӣ,иқтисодӣ ва таърихӣ
- ҳамоҳангии қарорҳои нав бо қонунгузории амалкунанда.

Мутобиқи моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир аст. Ташкили сохти марзиву маъмурӣ, аз ҷумла таъсис, барҳам додан, тағйир додани номи воҳидҳои маъмурӣ ва муайян намудани марказҳои маъмурӣ бо роҳи қабули санадҳои дахлдори меъёрӣ ба амал бароварда мешавад.

Масалан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022, №123 «Дар бораи тағйири таркиби маъмурию марзии ноҳияи Восеъ», ки бар асоси он якчанд деҳа ба ҷамоати дигар ворид гардиданд. Инчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2021, №196 «Дар бораи таъсиси ҷамоати нав дар ноҳияи Рашт». Метавон зикр кард, ки чунин қарорҳо пас аз мувофиқа бо вазоратҳои дахлдор (Вазорати адлия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ва дигарон) қабул мегарданд.

Механизми қабули қарорҳо оид ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ аз чунин марҳилаҳо иборат аст: иқдоми пешниҳод аз тарафи мақомоти маҳаллӣ ё вазоратҳои дахлдор; мувофиқасозии дохилиидоравӣ дар доираи Шурои кории Ҳукумат ва мақомоти масъул; баррасӣ дар Ҳукумат ва қабули қарори дахлдор; ирсол ба Маҷлиси намояндагон агар тағйирот ба қонунгузорӣ набошад; Нашри расмӣ дар ҳафтаномаи расмии «Ҷумҳурият» ё «Ахбори Маҷлиси Олӣ».

Сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи истиқлолият ва амнияти миллӣ, бояд бо риояи қонун, тартиби ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои ҷомеа танзим карда шавад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар ин раванд, масъулият ва нақши калидӣ доранд. Қарорҳои онҳо бояд бо такя ба таҳлили илмӣ, омӯзиши иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти мардум қабул карда шаванд, то рушди мутавозини минтақаҳо таъмин гардад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Мухторзода К.Т.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ» аз 2 январи соли 2018 №1492 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия».Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.03.2026).

2. Каримов, С. Дар бораи дилбастагии мардум ба забони тоҷикӣ дар даврони Сомониён. Истиқлолият ва худшиносии миллӣ [Текст] / С. Каримов // Ҷумҳурият. – 2001. – 16 июн. – № 64-65 (20345).

3. Тимофеев, Н.С. Местное самоуправление в России: основы и пределы (конституционно-правовые аспекты) [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Тимофеев Николай Семенович. – Москва, 2008. – 48 с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

5. Щепачев, В.А. Местное самоуправление в современной России [Текст] / В.А. Щепачев. – Оренбург: ОАО ИПК Южный Урал, 2010. – 280 с.

6. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. Китоби дарсӣ. нашри дуюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2004. – 400 с.

7. Масов, Р.М. История топороного разделения [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе, 1991. – 290 с.

8. Сагиндыкова, А.Н., Ховралев, А.Л., Южаков, А.Б; Деятельность участковых уполномоченных милиции в сфере охраны общественного порядка: (Конституц. и адм.-правовые аспекты) [Текст]: монография / А.Н. Сагиндыкова, А.Л. Ховралев, А.Б. Южаков; М-во внутр. дел Рос. Федерации, Урал. юрид. ин-т. – Екатеринбург: МВД России, 2004. – 178 с.

9. Мишина, А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран [Текст] / А.А. Мишина. – Москва: Юстицинформ, 2004. – 510 с.

10. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.03.2026).

11. Атаманчук, Г. Теория государственого управления. Курс лекций [Текст] / Г. Атаманчук. – 2-е изд., доп. – М., 2006. – 450 с.

ПОЛНОМОЧИЯ И ПОЛНОМОЧИЯ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ ПО РЕШЕНИЮ ПОГРАНИЧНЫХ ВОПРОСОВ

Ключевые слова: Маджлиси Оли; Президент; территориальная целостность; суверенитет; государственная граница; территория; государственный орган; область; орган государственной власти; махалля; правительство.

Аннотация. В данной статье автор на основе сравнительного анализа научных трудов отечественных и зарубежных ученых обосновывает полномочия органов государственной власти и самоуправления поселков и сел в решении вопросов создания и ликвидации административно-территориальных единиц, населенных пунктов, установления и изменения их границ, наименования и переименования административно-территориальных единиц и населенных пунктов, их учета и регистрации, а также других вопросов, связанных с административно-территориальным устройством Республики Таджикистан.

Одной из важных особенностей состава государства является его пограничная организация, которая, как правило, состоит из административно-территориальных единиц. Следует отметить, что обеспечение безопасности государства со стороны царей и государственных деятелей имело большое значение в период возникновения первых государств на территории исторического Таджикистана. С этой точки зрения анализ и изучение вопроса имеет важное значение.

Атобуллоев Шахром Комилджонович – соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 110-01-26-27. E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com

POWERS AND AUTHORITIES OF STATE AUTHORITIES TO RESOLVE BORDER ISSUES

Keywords: Majlisi Oli; President; territorial integrity; sovereignty; state border; territory; state body; region; state authority; mahalla; government.

Annotation. In this article, the author has made efforts to substantiate the powers of state authorities and self-government of towns and villages in resolving issues of creation and liquidation of administrative-territorial units, settlements, establishment and modification of their borders, naming and renaming of administrative-territorial units and settlements, their accounting

and registration, as well as other issues related to the administrative-territorial structure of the Republic of Tajikistan, using the scientific literature of domestic and foreign scientists.make an analysis.

One of the important features of the composition of the state is its border organization, which, as a rule, consists of administrative-territorial units. It should be noted that ensuring the security of the state by kings and public figures was of great importance during the period of the emergence of the first states on the territory of modern Tajikistan. From this point of view, the analysis and study of the issue is important.

Atobulloev Shahrom Komiljonovich – competitor of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 110-01-26-27. E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com

ТАЪИНОТ

оид ба шарҳи таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2025 дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ш. Душанбе 22 январи соли 2026

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда – Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., муовини Раис Абдураҳимзода Д.Р., судя-котиб Соҳибзода М.М., судяҳо: Идризода Б.А. ва Қувватзода Ф.Ҷ.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Тоҷидинов М.А.,

дар маҷлиси судӣ гузориши судяҳои Суди конститутсионӣ Идризода Б.А. ва Соҳибзода М.М., оид ба дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. оид ба шарҳи таъиноти Суди конститутсионӣ аз 19 феврали соли 2025 дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шунида,

М У А Й Я Н К А Р Д:

Суди конститутсионӣ дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С.-ро аз 22 январи соли 2025 дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, аз 19 феврали соли 2025 таъинот дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ қабул намуд.

Тибқи қисмҳои 1-4 моддаи 63 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» санадҳои Суди конститутсионӣ танҳо аз тарафи Суди конститутсионӣ ба таври расмӣ шарҳ дода мешаванд. Шарҳи расмии санадҳои судӣ бо ташаббуси Суди конститутсионӣ ё дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ ё мақомот ва шахсоне, ки санади судӣ ба онҳо равона гардидааст ё барои иҷрои санади судӣ вазифадоранд, дода мешавад.

Таъинот дар бораи шарҳи санади Суди конститутсионӣ аз тарафи судяҳо дар хонаи машваратӣ бо тартибе, ки барои қабули санадҳои Суди конститутсионӣ муқаррар гардидааст, қабул карда мешавад ва аз вақти қабул карда шуданаш эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Бо дастрасии моддаи 63 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дархосткунанда аз 19 декабри соли 2025 дар хусуси шарҳи таъиноти Суди конститутсионӣ аз 19 феврали соли 2025 муроҷиат намудааст.

Бояд иброз намуд, ки таъиноти Суди конститутсионӣ аз 19 феврали соли 2025 дар қисмате, ки Суди конститутсионӣ муайян кардааст, аз ду масъалаи асосӣ иборат мебошад:

1) он вақҳое, ки мурофиаткунанда дар дархост оид ба мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овардааст;

2) қисмати дуюми таъинот асосноккунии ҳуқуқии мухолифат надоштани сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсиониро дар бар мегирад.

Мурофиаткунанда дар дархост (аризааш) хоҳиш намудааст, ки «аз ҷониби Суди конститутсионӣ таъиноти Суди конститутсионӣ дар қисмати ҳолати афзалият додан ба талаботи шартномаи байналмилалӣ – шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилия дар бораи таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2001, №219 тасдиқ карда шудааст, нисбат ба моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шавад».

Тавре ки дар боло дарҷ гардидааст, қисмати аввали таъиноти Суди конститутсиониро аз 19 феврали соли 2025 вақҳои овардаи мурофиаткунанда ташкил менамояд. Аз ҷумла, яке аз қисматҳои ин вақҳро, ки мурофиаткунанда бевосита дар дархости худ аз 22 январи соли 2025 дарҷ кардааст, ин «афзалият додан ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, махсусан шартномаи байналмилалӣ нисбат ба талаботи моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Баъдан дар заминаи ин вақҳи овардаи мурофиаткунанда, Суди конститутсионӣ дар қисмати минбаъдаи таъинот онро мавриди баррасӣ қарор дода, масъалаи мухолифат надоштани сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, оғоз намудани мурофиаи судии конститутсиониро рад намудааст. Яъне «афзалият дода шудан ба талаботи шартномаи байналмилалӣ – шартнома байналмилалии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилия оид ба таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2001 тасдиқ карда шудааст» мавқеи Суди конститутсионӣ набуда, баръакс дар вақҳои овардашуда дар дархост аз 22 январи соли 2025 дарҷ гардидааст.

Маҳз Суди конститутсионӣ низ ҳамин вақҳро дар таъинот мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, зимни баррасии масъалаи мутобиқати қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайяние ошкор нагардид, ки он барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ асос бошад. Дар воқеъ моддаи зикршудаи Конститутсия дорои мазмун ва мавзуи танзими ҳуқуқии худ буда, онро ба таври умум нисбати тамоми масъалаҳои ҷузъии пешбининамудаи қонунгузорӣ, бахусус нисбати қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита татбиқ кардан мантиқ надорад.

Аз тарафи дигар асосҳои ҳуқуқии ҳолат пурра омӯхта шуда, таъинот мушаххас, мукаммал ва дуруст қабул карда шудааст. Чунки қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбати қонунгузории ҷумҳурӣ афзалият дода, қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон додани қитъаҳои заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол иҷозат додааст. Аз ин бармеояд, ки муносибатҳо вобаста ба бартарияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳамдигар, аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ ба

истифодаи муҳлатноки замин ва муносибатҳои заминистифодабарӣ мухолифат ва алоқамандӣ надоранд.

Бо ин назардошт Суди конститутсионӣ дар таъиноти худ дарҷ намудааст, ки меъёрҳои мазкур ба ҳамдигар алоқамандии бевоситаи мавзуӣ ва мазмунӣ надоранд ва ин ҳолат наметавонад боиси таҳлили муқоисавии конститутсионӣ-ҳуқуқии меъёри моддаи баҳсии Кодекси замин ва меъёри зикршудаи Конститутсия гардад.

Бинобар ин, Суди конститутсионӣ мутобиқи қисми дуюми моддаи 44 ва сархатҳои якум ва сеюми моддаи 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудани мурофиаи судии конститутсиониро дар асоси дархости пешниҳодшуда, бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоштани дархости мазкур рад намудааст.

Ҳамзамон, таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, ба шарҳ додани дурустии таъиноти қаблӣ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Инчунин, тибқи қисми 2 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ё қисмҳои таркибии онҳо, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Тибқи қисми 2 моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасии парвандаҳо дар хусуси муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсияро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 40 Қонуни конститутсионии мазкур Суди конститутсионӣ масъалаи дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаи 63 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 34 Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти соли 2024, Суди конститутсионӣ,

Т А Ъ И Н К А Р Д:

1. Таъиноти Суди конститутсионӣ аз 19 феврали соли 2025 дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушаххас, пурра, дуруст ва дорои асосҳои ҳуқуқии мукаммал буда, шаҳри иловагиро талаб намекунад.
2. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.
3. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионӣ нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳибзода М.М.

ИТТИЛООТ ОИД БА МАҶАЛЛА:

Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат ба инкишофи конститутсионализм, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол на кам аз чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Шакли дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Индекси обуна: 77818

Нархи солонаи обуна: 400 сомонӣ.

Реквизитҳои бонкӣ:

Ташкилоти дастраскунанда: Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бонк: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Суратҳисоб: 20204972111010100001.

С/муросилотӣ: 22402972000002.

БИК: 350101800.

РМА: 020009008.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Веб-сомона: www.constcourt.tj.

Почтаи электронӣ: info@constcourt.tj.

ИНФОРМАЦИЯ О ЖУРНАЛЕ:

Научно-информационный юридический журнал «Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан» издается не реже четырех раз в год в целях содействия развитию конституционализма, государственной системы правовой информации, разъяснения основных положений законодательства, а также предоставления правовых и информационно-аналитических материалов.

Журнал распространяется ограниченным тиражом.

Форма приобретения журнала – подписка.

Подписка на научно-информационный юридический журнал «Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан» осуществляется через подразделения Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

Подписной индекс: 77818

Стоимость годовой подписки: 400 сомони.

Банковские реквизиты:

Организация-эмитент: Конституционный суд Республики Таджикистан.

Банк: Главное казначейское управление Министерства финансов Республики Таджикистан, г. Душанбе.

Счет: 20204972111010100001.

Номер для корреспонденции: 22402972000002.

БИК: 350101800.

ИНН: 020009008.

Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Бохтар, 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Сайт: www.constcourt.tj.

Электронная почта: info@constcourt.tj.

ABOUT THE JOURNAL:

The scientific-informational and legal journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» is published at least four times a year to promote the development of constitutionalism and the state system of legal information, clarify key legislative provisions, and provide legal and informational and analytical materials.

The journal is distributed in a limited edition.

The journal can be purchased by subscription.

Subscriptions to the scientific-informational and legal journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» are available through the Communications Service under the Government of the Republic of Tajikistan.

Subscription index: 77818

Annual subscription fee: 400 somoni.

Bank details:

Issuing organization: Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

Bank: Main Treasury Department of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan, Dushanbe.

Account: 20204972111010100001.

Correspondence number: 22402972000002.

BIC: 350101800.

TIN: 020009008.

Address: 48 Bokhtar Street, Dushanbe, 734025.

Phone: (+992 37) 221-61-96.

Website: www.constcourt.tj.

E-mail: info@constcourt.tj.

Ба чоп 28.05.2026 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{8}$. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 62,0.
Теъдоди нашр 50 нусха. Супориши №101.

ҶДММ «ЭР-граф».
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com

НАУЧНАЯ ЭЛЕКТРОННАЯ БИБЛИОТЕКА

eLIBRARY.RU

РОССИЙСКИЙ ИНДЕКС НАУЧНОГО ЦИТИРОВАНИЯ


Science Index

Google Scholar

Microsoft Academic

CYBERLENINKA

www.akhborsud.tj





МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-ИТТИЛООТИИ «АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Ҷустуҷӯ...

Тоҷикӣ

Асосӣ | Маҷалла | Маълумот барои муаллифон | Тартиби тақризидиҳӣ | Бойгонӣ | Иртибот | Сармуҳаррир | Ҳайати таҳририя

ХУШ ОМАДЕД БА СОМОНАИ РАСМИИ МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-ИТТИЛООТИИ «АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Тибқи моддаи 83 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, № 1083, нашрияи расмии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Нахустин шумораи маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2009 ба нашр расидааст, ки мундариҷаи он бо иқтибос аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, мақолаҳои судяҳои Суди конститутсионӣ ва дигар мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, олимону мутахассисон ва ҳуқуқшиносон, инчунин, санадҳои Суди конститутсионӣ ва иншооти фаъолияти касбии онро дар бар мегирифт.

Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат ба инкишофи конститутсионализм, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондодании муқаррароти асосии қонунгузорӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол на кам аз чор маротиба нашр мегардад.

Муассиси маҷалла Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва ба он шаҳодатномаи бақайдгирӣ аз 31 марти соли 2023, №280/МЧ-97 дода шудааст.

Дар маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақолаҳои роҳбарият, судяҳо ва кормандони Суди конститутсионӣ, олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, инчунин, санадҳои судии Суди конститутсионӣ нашр мешаванд.

Ахбори Суди конститутсионӣ

Ахбори Суди конститутсионии ҶТ №1-2 (62) 2025

Ахбори Суди конститутсионии ҶТ №3-4 (63) 2025